Ҳасан
Муродиён

# ШАСТ МАҚОЛА

Ҳасан Муродиён

# ШАСТ МАҚОЛА



ДУШАНБЕ,
“ИРФОН”
2019



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ББК 72+83.3 (2 тоҷик)
М – 85
УДК 001÷891.550

Шӯрои илмию дастурдиҳии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав барои чоп тавсия кардааст.

**Муҳаррир**: номзади илмҳои филологӣ
Раҷабалӣ Худоёрзода

**Муқарризон:** доктори илмҳои филологӣ, профессор
Искандар Икромӣ;
номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Қудратулло Наимӣ

*Маҷмӯаи мазкур 60 мақолаи илмию методӣ ва публисистии Ҳасан Муродиёнро дар бар гирифтааст, ки онҳо фарогири масоили гуногуни адабиёти классикӣ ва муосири форсу тоҷик, кишваршиносӣ ва фолклор буда, дар тӯли 60 соли умр ва 40 соли фаъолияти илмию омӯзгории мавсуф таълиф шудаанд.*

*Маҷмӯа барои мутахассисони забону адабиёти тоҷик, донишҷӯён ва умуман доираи васеи хонандагон ва дӯстдорони адабиёт пешкаш мегардад.*

**Ҳасан Муродиён. Шаст мақола. -** Душанбе: ”Ирфон”, 2019, 434 саҳ.

ISBN 978-99975-1-054-9

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МАЪНИСАВОРИ ТАВСАНИ АНДЕША

Камина солҳои тӯлонӣ дар кафедраи адабиёти тоҷики ДДБ ба номи Носири Хусрав ва ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар вазифаи профессор кор ва фаъолият менамоям. Дар ин байн шогирдони зиёдеро ба камол расонидаам. Яке аз беҳтарин шогирдонам Ҳасани Муродиён мебошад. Ман ба ӯ ҳангоми дар факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлоб (алҳол ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ) таҳсил намуданаш аз фанҳои адабиёти қадим ва таърихи адабиёти классикии асрҳои VIII-XIV сабақ омӯхтаам, санҷиш ва имтиҳон қабул кардаам. Дар зери роҳбариям дар мавзӯи “Тарғиби ғояи ватандӯстии советӣ дар повести “Ятим”-и Садриддин Айнӣ” кори курсӣ анҷом дода буд, ки хушбахтона мусаваддаи он бо қайдҳои камина то ҳол дар китобхонаи шахсии ӯ чун ёдгории муқаддас нигоҳ дошта мешавад. Аъло мехонд, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок менамуд. То 250 килогамм пахтаи тоза ё то як тонна тагрези пахтаи мошинчидаро ҷамъоварӣ мекард. Соли 1978 дар нахустолимпиадаи “Донишҷӯ ва прогресси илмӣ-техникӣ” иштирок дошт ва сазовори ҷойи дуюм гардид. Бо пешниҳоди декани факултет, дотсент С. Чалишев ва камина, ки он вақтҳо вазифаи котиби ҳизбии факултетро иҷро мекардам, Ҳасани Муродиён барои хониши аъло ва меҳнати зарбдор бо медали “Барои меҳнати шоён” мукофотонида шуд. Соли 1979 донишгоҳи мазкурро бо дипломи аъло хатм намуда, муддате дар мактабҳои миёнаи ноҳияи Вахш дар вазифаҳои муаллими забон ва адабиёти тоҷик, ҷонишини директор ва директори мактаб фаъолият намуд. Соли 1991 ба ҳайси муаллими соатбайъ ва соли 1992 ба ДДБ ба номи Носири Хусрав ба кори доимӣ гузашта, дар вазифаҳои мудири кафедраи адабиёти тоҷик, ноиби ректор оид ба илм, декани факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва сардори раёсати маорифи вилоят адои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вазифа кардааст. Аз соли 2008 то имрӯз мушовири ректори ДДБ ба номи Носири Хусрав аст.

Дер боз орзуи олим шудан дошт. То гузаштан ба донишгоҳ як силсила мақолаҳои ӯ дар маҷаллаи “Мактаби советӣ” (ҳоло “Маърифат”) чоп гардида буданд. Як китобаш низ таҳти унвони “Забони хуни мо бояд шавад бедор” соли 1992 дар ҳаҷми 78 саҳифа ба табъ расида буд. Бинобар ин ӯ ба ҷодаи илм дилпурона гом ниҳод. Бо ин ният ба Душанбе рафт. Бо мусоидати олимони соҳибном Қ. Бобоев ва устод Х. Асозода бо академик М. Лутфуллозода ва бо доираҳои илмӣ аз наздик шинос шуд. Бо тавсияи олими забардаст М. Лутфуллозода аввал сари мавзӯи “Корҳои беруназсинфӣ аз забон ва адабиёти тоҷик” ба пажӯҳиши илмӣ пардохт. Баъдан бо мақсади мушаххас сохтани майдони сухан бо тавсияи номзади илмҳои психологӣ, дотсент А.Х. Югай мавзӯашро бо номи “Мақоми кишваршиносии адабӣ дар инкишофи нутқи хонандагони мактабҳои тоҷикӣ” иваз мекунад (7, 57-58). “Номи мавзӯъро, -мегӯяд Ҳасан Муродиён, -ба устод Лутфуллозода арза доштам. Устод аз ин бозёфти ман кӯдаквор шодӣ мекард” (7, 58). Баъди заҳматҳои тӯлонӣ рисолаи мазкур ба итмом расид. Ҳимояи рисола рӯзи 16 марти соли 1996 дар Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон бомуваффақият гузашт ва муаллифи он аз рӯйи ихтисоси 13.00.02-усули таълими забони тоҷикӣ ба дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ шарафёб гардид.

Дарвоқеъ, Ҳасан Муродиён дилбохтаи илми шавқовар, вале камомӯхтаи кишваршиносии адабӣ мебошад. Дар ин ҷода ӯ дар ҷумҳурӣ муҳаққиқи ягона ва нотакрор аст. Рисолаи номзадии Муродиён Ҳ., ки соли 1996 дар мавзӯи «Истифодаи маводи кишваршиносӣ ҳамчун воситаи инкишофи нутқи хонандагони мактабҳои тоҷикӣ» (13.00.02-усули таълими забони тоҷикӣ) дифоъ намуда, ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ мушарраф гардидааст, дар бахши илми камэътирофшудаи кишваршиносии адабии тоҷик сухани наву тоза буда, тавсияҳои методии ӯ барои тарбияи ватандӯстию



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ифтихори миллии хонандагону донишҷӯён маводи хубест. Ин аст, ки муҳтавои таҳқиқоти мазкур дар рисолаҳои «Забони хуни мо бояд шавад бедор» (Қӯрғонтеппа, 1992), «Маҳфили адабӣ-кишваршиносӣ» (Қӯрғонтеппа, 1996), «Такомули нутқи хонандагон зимни маводи кишваршиносӣ» (Душанбе, 1997), «Кишваршиносии адабии фориғ аз дарс» (Душанбе, 1997), «Кишваршиносии адабӣ ва таълими ҳамгироӣ» (Душанбе, 1998), дар китобҳои дарсии «Ифтихори ватандорӣ» (Душанбе, 2007, бо ҳаммуаллифӣ) барои синфҳои 3-4, «Ифтихори ватандорӣ» (Китоби дарсӣ барои дарсҳои тарбиявии синфи 5.– Душанбе: Маориф, 2017, бо ҳаммуаллифӣ) ва «Кишваршиносии адабии тоҷик». Омӯзнома барои донишҷӯёни ихтисосҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ. -(Душанбе: Ирфон, 2016) ва “Кишваршиносӣ ва сайёҳӣ”(Душанбе: “Ирфон”, 2018, 485 с.) ифода ёфтааст.

Камина низ дар пайравии ин шогирди барӯмандам китобҳои “Ганҷҳои нуҳуфта” (2006), “Дар ҷустуҷӯи шуарои Роғ” (2008), “Девони Мирзо Қадам” (2009), “Қасас-ул-анбиё”-и манзуми Мирзо Қадам” (2010) ва амсоли инҳоро, ки фарогири сирф масъалаи кишваршиносии адабианд, ба чоп ҳозир кардам.

Дар солҳои ба ҳайси сардори Раёсати маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон кор карданаш самти фаъолияти илмию методии Муродиён Ҳ. боз ҳам тавсеа ёфт. Ӯ акнун пажӯҳиши ба таври назариявӣ пешниҳод-намудаашро бевосита дар амал татбиқ мекард. Аз ин ҷост, ки дар давраи роҳбарии Муродиён Ҳ. ба маорифи вилояти Хатлон масъулиятшиносии устодон ба кор ва шогирдон ба таҳсил беҳтар гардид, мактабҳои нав ба нав бунёд шуданд ва барои ташаккули босуръати соҳаи маориф дар вилоят заминаҳои мусоид фароҳам омаданд.

Фаъолияти Ҳасани Муродиён бо кишваршиносии адабӣ маҳдуд нест. Ӯ дар таҳқиқи масоили мубрами адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии тоҷик низ саҳми бориз дорад. Пажӯҳишҳои пайвастаи номбурда соли 2010 бо таълифу дифои рисолаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

«Тасвири бадеии асп дар таърихи адабиёти тоҷик» ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – адабиёти мамолики хориҷӣ (адабиёти тоҷик) ҷамъбаст гардид. Мавсуф бори аввал дар таърихи адабиёти форсу тоҷик масъалаи ҳамбастагии инсонро бо олами ҳайвонот (дар мисоли асп) аз аҳди бостон то ин замон пайгирӣ намуда, нусхаҳои қаламии зиёда аз 90 «Фарасонома»-и манзуму мансурро мавриди омӯзиш қарор додааст. Пажӯҳиши дар ин самт анҷомдодаи муҳаққиқ дар рисолаҳои «Шаҳпари инсон» (Душанбе, 2003, бо ҳаммуаллифӣ), «Мазмун ва мундариҷаи маснавии Мирзо Абдулқодири Бедил «Фарасонома» (Душанбе, 2008), «Тасвири ҳамбастагии қисмати инсон ва олами ҳайвонот (дар мисоли асп) дар адабиёти форсу тоҷик» (Душанбе, 2009), «Асп дар ҳарими адабиёти форсӣ-тоҷикӣ» (Душанбе, 2013, бо забони русӣ) ифода ёфтааст.

Номбурда соли 2016 бо тавсияи шуъбаи хатлонии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои рисолаҳои «Асп дар ҳарими адабиёти форсӣ – тоҷикӣ», «Аз тамрин то тамкини сухан» (Душанбе: Ирфон, 2015), «Шуълаест, к-аз дуд фориғ» (Душанбе: Ирфон, 2016) ба дарёфти ҷоизаи ба номи Ҷалолиддини Балхӣ дар бахши адабиётшиносӣ шарафёб гардидааст.

Муродиён Ҳ. дар фароҳамсозӣ ва интишори осори адибони классикӣ ва муосири тоҷик низ саҳмгузор аст. Ӯ ду маҷмӯаи ашъори шоири муосир Ғафур Муллоро (1922-1992) бо номҳои «Соҳили дарёи дил» (Душанбе: Адиб, 2016, 193 с.) ва “Булбул, бисаро!” (Душанбе: ”Ирфон”, 2018,144 с.) омодаи чоп ва интишор намуд. Аз миёни олимони адабиётшиноси тоҷик барои амалисозии васияти соли 1926 дар «Намунаи адабиёти тоҷик» баённамудаи устод Айнӣ бо заҳмати зиёд ягона нусхаи нодири девони ашъори Мирзо Ҳайити Саҳборо (1845-1918), ки дар Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии шаҳри Тошканд таҳти рақами 622 маҳфуз аст, ба даст оварда, баргардон ва таҳти унвони «Соғари Саҳбо» (Душанбе: Адиб, 2018, 416 с.) чоп намудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Самти сеюми пажӯҳишҳои Муродиён Ҳ. ин таҳқиқи таърихи маориф ва давлатдории навини тоҷикон мебошад. Дар атрофи ин масъала рисолаҳои «Боргоҳи маърифат дар Вахшонзамин» (Душанбе, 1998), «Фурӯғи ирфони Вахшонзамин» (Душанбе, 2003), «Фархундапай» (Душанбе, 2006), «Тоҷикистон» (Шиноснома, Душанбе, 2006, бо ҳамқаламӣ), «30 соли дирӯз ва имрӯзи Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав» (Душанбе, 2008), «ДДҚ ба номи Носири Хусрав – зодаи Истиқлолият» (Душанбе, 2016), «Чиҳил соли азми синоӣ» (Душанбе, 2010), Шоистаи таҳсин» (Душанбе, 2016)-ро ба нашр расонидааст. Умуман Муродиён Ҳ. муаллифи аз 32 рисолаҳои илмӣ, дастурҳои методӣ, омӯзномаҳо ва китобҳои дарсӣ, зиёда аз 200 мақолаҳои илмӣ ва таълимию методӣ мебошад.

Ҳасан Муродиён на танҳо сиёсати имрӯзаи давлат ва Ҳукумати Тоҷикистонро хуб мефаҳмад ва пайваста дар миёни аҳолӣ онро тарғиб менамояд, балки перомуни ин масъала як қатор асарҳои мондагор ва мақолаҳои ҷолиб низ интишор намудааст. Дар рисолаҳои “Фархундапай” (2006), “Чиҳил соли азми синоӣ” (2010), “Шоистаи таҳсин”((2016) аз фидокориҳову азхудгузариҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар роҳи ободиву осудагии мулк меравад. Ҳасан Муродиён дар журналистика низ қалами бурро дошта, ба ҳамаи воситаҳои ахбори ватанӣ ҳамкорӣ дорад. Чанде сардабири маҷаллаи Мактаб” низ буд. Номбурда узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ва “Аълочии матбуоти ҷумҳурӣ” низ ҳаст.

Ҳасани Муродиён на танҳо устоду методисти шоиста, балки дар ҷодаи илм низ раҳнамои олимони ҷавон мебошад. Дар зери роҳбарии ӯ Шарофиддин Асомиддинзода рӯзи 11-уми сентябри соли 2018 дар мавзӯи “Воқифи Лоҳурӣ ва поэтикаи ғазалиёти ӯ” дар шӯрои диссертатсионии назди Институти забон ва адабиёти АИ Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ бомуваффақият рисолаи номзадӣ дифоъ кард. Қодиров К. дар арафаи дифои рисолаи докторӣ ва Алихонова Д.Ҳ. дар арафаи ҳимояи рисолаи номзадӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

буда, унвонҷӯён Ф. Тошматов, М. Раҳмонов, С.Турахонов, Ё. Шарифов  ва Х. Фақиров таҳти роҳбарии  номбурда рисолаҳои номзадӣ навишта истодаанд.

Имрӯзҳо дӯст ва шогирди барӯманди камина доктори илми филология, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон Ҳасан Муродиён ба синни мубораки 60 устуворона қадам мегузорад. Дар ин рӯзи сайид ба ӯ умри дарози саъдиёна ва дар тарбияи мутахассисони варзидаи илмию омӯзгорӣ муваффақиятҳои беназир таманно менамоям. Дар охир аз номи шоир ба соҳибҷашн гуфтанием:

*Ман чӣ гӯям васфи он олиҷаноб,*
*Нест пайғамбар, вале дорад китоб.*

**Пайнавишт:**


1.Меҳрнома (арзи эҳтироми дӯстону ҳамкорон ва шогирдон ба устод Маҳмадулло Лутфуллоев ба муносибати 80-солагии зодрӯзашон). – Қӯрғонтеппа, 2015.

2. Ҳасани Муродиён. Забони хуни мо бояд шавад бедор. - Қӯрғонтеппа, 1992.

3. Ҳасани Муродиён.  Маҳфили адабӣ-кишваршиносӣ. - Қӯрғонтеппа, 1996.

4.Ҳасани Муродиён. Таҳаввули нутқи хонандагон зимни маводи кишваршиносӣ. – Душанбе, 1997.

5. Ҳасани Муродиён. Кишваршиносии адабии фориғ аз дарс. – Душанбе, 1997.

6. Ҳасани Муродиён. Кишваршиносии адабии тоҷик ва таълими ҳамгироӣ. – Душанбе, 1998.

7. Ҳасани Муродиён. Аз тамрин то тамкини сухан. –Душанбе: Ирфон, 2015.



**Искандар  Икромӣ**, *доктори илмҳои филологӣ, профессори  Донишгоҳи давлатии Бохтар  ба номи Носири Хусрав*




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# 1.МАСОИЛИ АДАБИЁТИ КЛАССИКИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

## 1.1.МӮЛИЁН ОЁ ФАҚАТ ҶӮЙ АСТ?

Дар аксари китобҳои дарсии мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва таълимгоҳҳои олӣ аҳамияти тарбиявии қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» таъкид шуда бошад ҳам, бештари толибилмон оид ба мавзеи Ҷӯйи Мӯлиён ва маънои истилоҳии он маълумоти кофӣ надоранд. Ин аст, ки бештари алоқамандони осори Рӯдакӣ ҳангоми мутолиаи қасидаи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» аз мавзеи чуғрофӣ будани Ҷӯйи Мӯлиён сарфи назар мекунанд ва таҳти вожаи Ҷӯйи Мӯлиён танҳо ҷӯйи обро тасаввур менамоянд. Аз ин ҷост, ки калимаи «ҷӯй»-ро бо ҳарфи хурд менависанд ва ба назар намегиранд, ки дар ин калима маънои истилоҳии «рӯд» то андозае суст шуда, ба мавзеи ҷуғрофӣ - ҷое, ки об ҳасту гулу гулзор ҳасту боғу бӯстон ҳасту иморатҳои зебову боҳашамат низ қомат афрохтаанд, табдил ёфтааст.

Дар ин ҷо Ҷӯйи Мӯлиён шабеҳи қолаби вожасозии Дараи Ниҳон, Конибодом, Ҷӯйибодом, Сари Хосор, Боғизоғон, Обигарм, Шаҳринав ва ғ. аст. Мутаассифона дар аксари асарҳои илмию методии забоншиносӣ «Ҷӯйи Мӯлиён»-ро на ҳамчун исми таркибии номи хоси маҳал, балки «ҷӯй»-ро исми ҷинс ва танҳо «Мӯлиён»-ро чун исми хос (номи ҷӯй) маънидод кардаанд. Ҳатто баъзе мутахассисони соҳаи адабиёт низ фирефтаи вожаи «ҷӯй» шуда, ба мисраи «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»... эрод гирифта, иброз доштаанд, ки набояд «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» бошад, чунки гӯё шоир «ҷӯй» гуфта,  танҳо обро дар назар дорад ва вақте ки сухан оид ба тавсифи об меравад, на бӯй, балки боди (насими) рӯҳбахши онро васф мекунанд. (Дар ин хусус нигаред ба андешаҳои Салом Нуриёни Баравнӣ дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», моҳи марти соли 1977).

Саволе ба миён меояд, ки чаро устод Рӯдакӣ «Боди Ҷӯйи Мӯлиён» нею «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» гуфтааст? Чунки Рӯдакӣ Ҷӯйи Мӯлиён гуфта, танҳо номи ҷӯйи обро дар назар медошт, «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» намегуфт, зеро оби софу зулол ва пок моеи беранг ва бебӯй аст. Бинобар ин Рӯдакӣ, ки дар асараш беҳтарин калимаю ибораҳои форсии тоҷикиро гулчину сарчин намуда, корбаст кардааст, албатта бо истифодаи ҷумлаи «Бӯйи Ҷӯйи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мӯлиён ояд ҳаме...» дар навбати аввал мавзеи ҷуғрофӣ-бӯстонсароро дар назар дошт, ки иморатҳои боҳашамат, саройҳо, боғу бӯстонҳо ва ҳатман обҳои равон доштааст. Барои тасдиқи фикр ба асари машҳури муаррихи асри XII Абӯбакр Муҳаммад бинни Ҷаъфари Наршахӣ «Таърихи Бухоро» (Душанбе: Дониш, 1997) рӯ овардан ва аз он порчаҳо қироат намудан кифоя аст:

«Ва чун амири садид Мансур бинни Нуҳ (Мансури 1, солҳои 961-973 ҳукмронӣ кардааст) ба мулк биншаст, ба Ҷӯйи Мӯлиён фармуд, то он саройҳоро дигар бор иморат карданд... Ва дигар сарои подшоҳон ба Ҷӯйи Мӯлиён будааст, ки беҳтарин аз мақоми нафиси биҳиштоини Ҷӯйи Мӯлиён дар Бухоро ҷой ва манзил набудааст, чаро ки ҳама ҷойи ӯ саройҳо ва боғҳо ва чаманҳо ва бӯстонҳо дар ҳам печида, аз миёни ҳамдигар ҷӯйҳо мегузаштанд ва бо ҳазор ҷониб ба тарафи марғзорҳо ва гулзорҳо мерафтаанд. Ва ҳар кас, ки тамошои обҳои равон мекард, дар ҳайрат мешуд, ки аз куҷо меояд ва ба куҷо меравад...» (с.26).

Муҳаммад Наршахӣ дар қисмати «Зикри Ҷӯйи Мӯлиён» нақлҳо овардааст: «Дар қадим ин зиёъи Ҷӯйи Мӯлиён мулки Тағшода будааст,- таъкид мекунад муаррих,- ва вай ҳар касе аз фарзандон ва домодони худро ҳиссае додааст. Ва амир Исмоили Сомонӣ раҳматуллоҳи алайҳи ин зиёъро бихарид аз Ҳасан бинни Муҳаммад бинни Толуғ, ки сарҳанги ал-Муътасим (яке аз халифаҳои банни Аббос, ки солҳои 862-866 ҳукм рондааст) буд. Ва амир Исмоил ба Ҷӯйи Мӯлиён саройҳо ва бӯстонҳо сохт ва бештар дар маволиён (мавло, ҷамъи соҳиб, молик, баъзан ба маънии ғуломи озодшуда, навкар; ин ҷо ғуломони озодшудаеро, ки дар гирди Исмоили Сомонӣ хизмат мекарданд, дар назар дорад-Ҳ.М.) вақф кард, ки ҳанӯз вақф аст. Ва пайваста ӯро дар ҷиҳати Маволиёни хеш дил машғул будӣ, то рӯзе амир Исмоил аз ҳисори Бухоро ба Ҷӯйи Мӯлиён наззора мекард, Симоулкабир мавлои падари ӯ пеши ӯ истода буд. Ӯро бағоят дӯст доштӣ ва некӯ доштӣ. Амир Исмоил гуфт; «Ҳаргиз бувад, ки Худои таъоло сабабе созад, то бинам, ин зиёъ шуморо шудааст, аз он ки ин зиёъ аз ҳамаи зиёъҳои Бухоро боқиматтар ва хуштар ва хушҳавотар. «Худои таъоло рӯзӣ кард, то ҷумла бихарид ва ба маволиён дод, то Ҷӯйи Маволиён ном шуд ва оммаи мардум Ҷӯйи Мӯлиён гӯянд... Ва баъдтар аз Амир Исмоил аз фарзандони ӯ ҳар кӣ амир шуд, хештанро ба Ҷӯйи Мӯлиён бӯстонҳо ва кӯшкҳо сохт ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

сабаби хушӣ ва хуррамӣ ва нуҳзати ӯ. Ва Ҷӯйи Мӯлиён маъмур буд то охири аҳди Сомониён (875-999). Чун мулк аз Сомониён бирафт, он саройҳо хароб шуд» (с. 27).

Аз рӯйи маълумотҳои Муҳаммад Наршахӣ мавзеи Ҷӯйи Мӯлиён на танҳо ҷойи хушбоду ҳаво ва фароғатгоҳи асосгузори Давлати Сомониён- Исмоили Сомонӣ, балки хокҷои ӯ низ будааст, ки таъкиди ин нукта муҳаббати ҷавононро ба мавзеи мазкур афзунтар месозад:

«Ва амир Исмоил бемор шуд ва ранҷи ӯ бештар аз рутубат буд,- зикр шудааст дар «Таърихи Бухоро».- Аттибоъ гуфтанд: ҳавои Ҷӯйи Мӯлиён туrост. Ӯро ба деҳаи Зармон бурданд, ки аз хосаи мулки ӯ буд ва гуфтанд: он ҳаво ӯро мувофиқтар бошад. Ва амир он деҳаро дӯст дошт ва ба ҳар вақт он ҷо рафтӣ ба шикор. Ва он ҷо боғе сохта буд, дар муддате он ҷо бемор буд, то вафот ёфт. То ӯ ҳам дар он боғ буд ба зери равзани бузург, дар понздаҳуми моҳи сафар ба соли дувисту наваду панҷ» (25.11.907, с. 80).

Хулоса, таҳлили дурусти қасидаи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ «Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён» ва шарҳу маънидоди вожаҳои он аз нуқтаи назари таърихӣ ва забонӣ аз як тараф, муҳаббати ҷавононро нисбат ба Ватан ва кишвари аҷдодии тоҷикон афзун гардонад, аз тарафи дигар, ба шарофати таълими ҳамгирои дарси адабиёт бо забон ва таърих шогирдон бо таърихи Давлати Сомониён ва асосгузори он- Исмоили Сомонӣ ошноӣ пайдо мекунанд.

## 1.2.ТАРҒИБИ ЗОДБУМ ДАР ОСОРИ ФИРДАВСӢ

Омӯзиши таҷрибаи баъзе омӯзгорони навовари ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар иртибот бо бархе аз маҳалҳои тоҷикнишини имрӯза мавриди таҳлил қарор додани баъзе аз образҳои марказии «Шоҳнома» рағбати шогирдонро нисбат ба ин асари ҷовидонӣ бештар мегардонад, меҳру муҳаббаташонро ба донистани асрори мавзеъҳои ин сарзамини аҷдодӣ бедор месозад. Дар ин бахш баъзе омӯзгорони забон ва адабиёти ҷумҳурӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтаанд. Муаллими мактаби миёнаи рақами 14,-и ноҳияи Фархор Рустам Иззатов ҳангоми таълими «Шоҳнома», махсусан ҳини баёни саргузашти Золи Зар хонандагонро хотиррасон мекунад, ки на танҳо дар навоҳии Данғараю Қубодиён, балки дар наздикии деҳаи Шӯркул низ теппаи Золи Зар побарҷост ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

таъкид менамояд, ки фархориҳо аҷдодони ҳақиқии Золи Заранд, чунки Баҳманрӯд (Қизилсӯ) дорои се шохоб мебошад, ки ҳамчун Обимазор, Меҳроб ва Рӯдоб машҳуранд. Аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аён аст, ки Меҳроб падари Рудоба ва Рудоба волидаи Рустаму завҷаи Золи Зар аст. Ҳамчунин таъкид намуд, ки Золи Зар маҳз ба Рудобаи нозанини фархорӣ хушдор шуда, боиси тавлиди Рустам мегардад. Илова ба он, пуштаи Уртабузи имрӯзаро пирони рӯзгордида пуштаи Золи Зар ном мебаранд. Ҳикоят мекунанд, ки ҳар сол баҳорон зодаи ҳамон Симурғи Золи Зарро ба воя расонида, ба яккатути ҳамин пуштаи Золи Зар лона мегузораду тухм мемонад ва чӯҷаашро паррончак кардан замон ба Албурзкӯҳ пас мегардад. Ин мавзеъро шояд аз он сабаб пуштаи Золи Зар номидаанд, ки Соми Ял аз фарзандаш Золи Зар маҳз бо ҷурми бо мӯйҳои сафед ба дунё омаданаш рӯ гардонидааст. Дар қуллаи ин пушта ҳамчун холи сафед парчаи заминест, ки он ҷо чизе намерӯяд (Девонақулов,1989,161).

Омӯзгори мактаби миёнаи рақами 7, шаҳри Хуҷанд Мақсуд Қосимов ҳангоми баёни подшоҳии Кайхусрав, ки саввумин шоҳаншоҳи силсилаи Каёниён ҳисоб меёбад, аз фарҳанги Онандроҷ (ҷилди 2, 2) чунин иқтибос меорад: «Гӯянд Хуҷандро Кайхусрав бунёд ва бино ниҳода, баъд аз харобӣ Дороб таъмир ва тамом намуда» ва муаллим бо ин собит месозад, ки бунёди шаҳри зебои онҳо Хуҷанд ба яке аз образҳои марказии «Шоҳнома» Кайхусрав мансуб аст.

Муаллими мактаби миёнаи рақами 1, ноҳияи Рашт Хусрав Шарифзода дар фуроварди достони «Рустаму Суҳроб» ба хонандагони синфи 8 таъкид менамуд, ки мо, мардуми водии Рашт Таҳминаро ҳамдиёри худ медонем, чунки боре Рустам сафари Тӯрон мекунад ва дар роҳ аз ташнагӣ бемадор шуда меафтад. Дар ин лаҳза Таҳмина кӯза ба даст сӯйи Сурхоб мерафт, ки дар роҳ ба Рустами беҳуш дучор меояд: ба ӯ об медиҳад ва онҳо бо ҳам меомезанд. Гӯё аз ҳамин Таҳмина Суҳроб писари Рустам ба дунё меояд. Оқибат бо иғвои душманон Суҳроб бо дасти Рустам ба қатл мерасад ва оби дарё ранги сурхро мегирад. Мардуми Рашт ин рӯдро ба муносибати ҳамин фоҷиа Сурхоб номидаанд. Аз рӯйи маълумоти фарҳанги Онандроҷ баъзан Суҳроб, писари Рустамро низ Сурхоб мегӯянд. Сокинони водии Сурхоб бо боварии том нақл мекунанд, ки мурги рӯҳи Суҳроб тамоми шаб аз пайи ҷустуҷӯи мурғи рӯҳи падар Рустам ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

модараш Таҳмина буда, онҳо ҳамдигарро меҷӯянд, то ки аз дидори якдигар шод шаванду аз шарбати висол бинӯшанд. Садою нолиши мурғони рӯҳ аз сари шом оғоз мегардаду то сари субҳ идома меёбад. Ҳатто қақнус-парандае, ки дар канори Сурхоб танҳо парвоз карда мегардад, тимсоли фоҷиаи Суҳробу Рустам аст. Қақнус қатраи хуни Суҳроби хуноғӯштаро ба нӯлаш гирифта, дар рӯйи модари ӯ Таҳминаи ба хоби ширинрафта мечаконад. Аз ҳамон рӯз қақнус савти ғамангезу пурасрорро месарояд ва танҳову бе ҷуфт мегардад ва худро ба Суҳроби ноком монанд медонад.

Собиқ омӯзгори мактаби миёнаи рақами 11, ноҳияи Вахш шодравон Ғафур Мулло баъди нақли сужети достони «Рустам ва Суҳроб» ба мо-шогирдонаш ҳикоят мекард, ки баъди қатли Суҳроб касе ба Рустам мегӯяд: агар чил шабу чил рӯз ҷасади Суҳробро рӯйи даст бардошта гардӣ, зинда мешавад. Рустам писарашро сию нуҳ шабу рӯз дам нагирифта, бардошта мегардад. Ӯ як вақт мебинад, ки пиразане намади сиёҳеро бо собун мешӯяд.Рустам ба ӯ мегӯяд, ки «эй кампир, намедонӣ, ки намади сиёҳ бо шустан сафед намешавад! Кампир дар ҷавоб мегӯяд, ки «агар мурда аз бардошта гаштан зинда шавад, намади сиёҳ ҳам бо шустан сафед мешавад». Гӯё Кайковус ӯро бо мақсади дубора ноумед кардани Рустам фиристода будааст. Ин суханонро шунида, Рустам писарашро рӯйи Замин мемонад. Суҳроб ҳамин лаҳза чашмонашро кушода, «Оҳ, падарҷон, маро дубора куштӣ!» -гуфта абадӣ чашмонашро мепӯшад. Рустам гиряю фиғон карда, кампирро ба қатл мерасонад. Ҳамчунин устод Ғафур Мулло дар фуровард аз Сайидо низ байте меоварад:

*Мурдаи фарзанди қобил ҳайф бошад зери хок,*
*Умрҳо бар дӯши Рустам қолаби Суҳроб буд.*

Устод Ғафур Мулло баъди таълими достони «Рустам ва Шағод» қиссаи дигареро ба хотир меоварад. Ба қавли ӯ Абдуллохони ӯзбек Хуросонро тасарруф карда, сари қабри Рустам меояд ва ин байтро бо ифтихору ғурури ғолибият мехонад:

*Сар аз хок бардору Эрон бубин,*
*Ба коми далерони Тӯронзамин.*

Сипас, мегуяд, ки «Надонам, агар Рустам зинда мебуд, чӣ ҷавоб медод». Зарифе ҳозир буд гуфт, ки «Агар хашм надоред, арз кунем». Абдуллохон иҷозаташ дод:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Чу беша тиҳӣ монд аз нарраше р,*
*Шагол андар он беша ояд далер.*

Омӯзгори мактаби миёнаи рақами №51-и шаҳри Душанбе Авазова Бибикалон дар дарси ҷамъбастии достони «Рустам ва Суҳроб» арза дошт, ки сокинони мавзеи баландкӯҳи Лахш ривоят мекунанд, ки маскани онҳо дар асл Рахш ном дошт, чунки Рахши Рустам дар ин ҷойҳо омада мечарид. Ҳамчунин номбурда афзуд, ки рангинкамонро низ мардум бо номи «Камони Рустам» ёдовар мешаванд, чунки одамон мафтуни манзараи тирукамони рангини баҳорон шуда, онро камони оддӣ не, балки Камони Рустами Достонаш номидаанд.

Муаллими мактаби миёнаи рақами 11-и ноҳияи Қубодиён Ҳафиз Бобошеров дар фуроварди достонҳои «Шоҳнома» ва гоҳо ҳини баёни мавзӯи «Афкори ватандӯстӣ дар «Шоҳнома» барои пурқувват ва таъсирнок гардидани ҷанбаи меҳанпарастии мавзӯъ инони суханро ҷониби гузаштаи дури Қубодиён мекашад ва таъкид менамояд, ки на танҳо таҳқиқоти бостоншиносон М.М. Дяконов, Б.А. Литвинский, А.П.Колпаков, Б.Д.Чейлитко шаҳодат медиҳанд, ки ин диёр манбаи фарҳанги бостонии мост, балки танҳо ном бурдан аз Қубодиён, Тахти сангин, тахти Қубод, хазинаи афсонавии Қубод (хазинаи Амударё) ва қалъаи Золи Зар моро ба хулосае меорад, ки ин мавзеъро барҳақ зодбуми Рустам ва бунёдгузори онро Кайқубод эътироф намоем. Бешкентро бошад, бо номи Байканд ном бурдаанд ва аз рӯйи маълумоти фарҳанги Онандроҷ гӯё онро Ҷамшед ё дар асоси «Бурҳони қотеъ» Фаридун бино кардааст. Афросиёб бошад, онро пойтахти худ қарор додааст. Дар Байканд Виса ном соҳибҷамоле мезистааст ва Аквонидев ошиқаш мешавад. Боре Тӯс ва Гев низ бо супориши Қубод ба Бешкент меоянд ва Тӯс Висаро дидан замон ошиқ мешавад. Рӯзе Аквонидев Гевро дар шикоргоҳ мехоҳад, маҳв созад. Тӯс инро шунида, бо ӯ ба ҷанги тан ба тан мебарояд. Рустам низ аз ин огоҳ шуда, ба мададӣ ӯ мешитобад ва Тӯсро аз ҷанголи Аквонидев наҷот медиҳад, вале дев оби Чашмаи бувак (маънияш пинҳоншуда)-ро нобуд месозад. Дар ин асно Тӯс мувофиқи шумораи кокулони майдабофии маҳбубааш Виса, ки он аз чилу чор бофта иборат будааст, бо шамшераш чилу чор бор ба зери пуштае зада, об мебарораду ташналабонро шодоб мегардонад, ки ҳоло бо номи Чилучорчашма машҳур аст ва Шаҳритӯс маҳз аз номи ӯст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Басо рамзист, ки омӯзгорони деҳаи Сайёд (воқеъ дар ноҳияи Қубодиён) «Шоҳнома»-и Фирдавсиро бо зикри ривоятҳои маҳаллӣ ҳусни оғоз мебахшанд. Сайёдиён худро аз авлоди Ҳушанг медонанд. Нақл мекунанд, ки рӯзе падару писар ба шикор мебароянд. Шикорашон бебарор анҷом мепазирад. Аз пешашон аждаҳое мебарояд. Аввал бо ӯ писар меҷангад, вале писар аз дасти аждаҳо ба ҳалокат мерасад. Падар фақат метавонад, ки думи аждаҳоро зада ҷудо кунад. Аждаҳо рӯ ба фирор мениҳад. Ҳамин вақт Хушанг бо лашкараш аз ҳамин ҷо мегузашт. Фиғони падарро шунида, санги ҳазормании Кайкӯҳро бардошта, ба сари аждаҳо мезанад ва ӯро нобуд месозад. Аз зарбаи он санг ва бархӯрдани сангҳо оташ ба амал меояд ва хасу хошоки дашт месӯзад. Аз ин рӯ, сокинони Сайёд оташро низ кашфи аҷдодони худ медонанд. Ҳушанг ҷасади писари қурбоншударо дафн намуда, ба духтари соҳибҷамоли пирамард дил дода, як умр дар Сайёд мемонад.

Омӯзгори мактаби миёнаи №1, ноҳияи Рӯшон Давлатов Пайшанбе зимни омӯзиши «Шоҳнома» шогирдонро хушдор медиҳад, ки Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ба қаламрави Бадахшон низ ишора кардааст:

*Дигар аз дари Балх то Бадахшон,*
*Ҳамин аст аз он подшоҳ нишон.*

Дар ҷойи дигар, шоир табиати Бадахшонро чунин тавсиф менамояд:

*Бихандид Баҳрому кард офарин,*
*Рухаш гашт ҳамчун бадахшӣ нигин.*

Дар мавриди савум Фирдавсӣ аз Бадахшон ба хотири лаълаш ёдовар мешавад:

*Шаби тираву тег рахшон шуда,*
*Замин ҳамчу лаъли Бадахшон шуда.*
*Шавад рӯз, чун чашма рахшон шавад,*
*Ҷаҳон чун нигини Бадахшон шавад.*

Хулоса, меҳанпарастию ҳифозати муқаддасоти зодбум чун ҳифзи модар волотарин анъанаи деринаи ниёгон ва ҷонфишонии қаҳрамонҳои марказии «Шоҳнома» дар роҳи ҳимояи Ватан хонандагонро водор месозад, ки марзу буми кишвари соҳибистиқоламонро аз тахрибкорон чун русуми поки аҷдод ба мисли Ҳушангу Қубод, Соми Наримону Золи паҳлавон ва Рустами Достон нигаҳбон бошанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 1.3. ЧАШМАНДОЗЕ БА ЗИНДАГИНОМА ВА ОСОРИ МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ

*(Дар ҳошияи рисолаи Абдулҳай Комилӣ «Зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ» - Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2016, 62 с.).*

Табиби ҳозиқ, мутафаккири озодфикр ва олими табиатшинос Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ташаккулу такомули афкори илмию фалсафӣ ва бадеии на танҳо замони зиндагиаш – нимаи дуюми асри IX ва аввали садаи X, балки дар асрҳои минбаъда низ маҳбубият ва шуҳрат пайдо намудааст. Закариёи Розӣ на фақат дар сарзаминҳои Арабу Аҷам, балки тавассути тарҷумаи осораш дар мамолики Аврупо низ шуҳратёр гардидааст. Ба қавли Акбар Турсон, донишманди маъруфи тоҷик Закариёи Розӣ яке аз шахсиятҳои пешгоми фарзона ва озодандеши давраи «Эҳёи тоҷик» эътироф шудааст. Дар иртибот ба ин рисолаи доктори илмҳои физикаву математика, профессор А.Ш. Комилӣ «Зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ», ки ба шарафи 1150–солагии зодрӯз ва 1090–солагии фавти табиб, файласуф, кимиёшинос ва физикдони пуровозаи форсу тоҷик Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865-925) эҳдо шудааст ва фарогири мухтасари рӯзгори ин донишманд аст, дорои қимати баланди илмию амалист.

Рисолаи А.Комилӣ бо пешгуфтор таҳти унвони «Яке доно, яке коно…» оғоз меёбад ва мавсуф Закариёи Розиро дар радифи 23 нафар фарҳехтагони илми форсу тоҷик, ки исмашон «дар сафҳаҳои таърихи тамаддуни башар бо хатти тиллоӣ сабт гардидааст» (А.Комилӣ, 2016, 4)., қарор медиҳад. Баъдан номбурда аз асари машҳури тиббии Розӣ «Ҷомеъу-л-кабир» ё «ал-Ҳовӣ» ёдовар мешавад, ки дар Шарқу Ғарб маъруф аст. Мавсуф таъкид мекунад, ки агар номи Абубакри Розӣ дар ҷаҳони лотинии аврупоиён дар шаклҳои таҳрифшудаи Абубакр «Abubater» ва Разес (Pazes, Phazes), Abucbare filins Zacbarie Rafis, Abu bare Zacharias Rafi шиносо шуда бошад, дар Шарқ бо лақаби «Ҷолинуси мусалмонон» муаррифӣ мешуд. Ба қавли муаллифи китоби мазкур муҳаққиқи таърихи илм Ҷорҷ Сартон нимаи дуюми асри 3-юми ҳиҷрии қамариро «асри Муҳаммад Закариёи Розӣ (251-313 ҳ.қ./ 865-925 м.)» номидааст (Комилӣ, 2016,5) ё



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баъзеҳо он замонро давраи авҷи «васати тамаддуни ислом» (ҳамон ҷо) номидаанд.

А.Комилӣ барои зикри мавқеу мартабаи Закариёи Розӣ дар илми пизишкӣ баҳои беғаразонаи баъди марги номбурда таъйид намудаи Алиасғари Ҳалабиро ёдовар шудааст: «Пизишкӣ набуд, онро Буқрот (460-377 пеш аз мелод) ба вуҷуд овард, пизишкӣ мурда буд, онро Ҷолинус (Гален, 129-200) зинда кард, пизишкӣ пароканда буд, онро Закариёи Розӣ фароҳам овард, пизишкӣ ноқис буд, онро Бӯалӣ Сино (980-1037) комил кард» (Абу Бакр ар-Разӣ, 1990,5). Ҳамчунин бо ифтихор таъкид менамояд, ки аз миёни чор табиби овозадори олам, ду тани онҳо аз ниёгони моанд. Баъдан А.Комилӣ аз пизишкпажӯҳон – розишиносони ватанию хориҷӣ–Маҳмуди Наҷмободӣ, Юлиус Руска, Каримов У.И., Ҳикматуллоев Х. ва дигарон ёдовар шудааст.

Муҳаққиқ Закариёи Розиро дар такя ба қавли соҳибназарон «падари илми кимиё» номида, теъдоди осори кимиёвии ӯро 48 адад муқаррар карда, аз як асари физикии вай низ ёдовар шудааст. Муҳаққиқ муътақиди он аст, ки  Закариёи Розиро дар қатори Ибни Сино, Умари Хайём, Абӯрайҳони Берунӣ, Хоҷа Насриддини Тӯсӣ олими ҳамадон (ҷомеъулулум, энсиклопедист) наномидан иштибоҳи маҳз аст, зеро ӯ перомуни илмҳои пизишкӣ, кимиёвӣ, табиатшиносӣ ва фалсафӣ беш аз 300 асар дорад (Комилӣ, 2016, 7).

А.Комилӣ дар рисолааш хӯю хисоли Закариёи Розиро тавзеҳ дода, ӯро аз кӯдакию ҷавонӣ зираку тезҳуш, аз диди мизоҷ оташинмизоҷ (холерик) меномад (Комилӣ, 2016, 8). Мавсуф Розиро дар фалсафа «асҳоби ҳаюло» дониста, аз лиҳози кайҳоншиносиву ҷаҳонбинӣ деистмаоб меномад, ки танҳо ба абадият ва қадимияти панҷгона-макони мутлақ, замони мутлақ, ҳаюло, рӯҳ ва Худо эътиқод дошт, вале ба қадимият ва абадияти дигар чиз бовар надошт.

Дар идомаи мақола А.Комилӣ аз хизмати ду тан соҳибназарони розишинос – шарқшиноси олмонӣ Юлиус Фердинанд Руска (1867-1949) ва Каримов Убайдулло Исроилович (1920-1997) - олими ӯзбекистониро дар таҳқиқи соҳаи кимиёшиносии Закариёи Розӣ қайд мекунад ва аз таҳқиқоти мондагори У.И.Каримов ба номи «Асари маҷҳули Розӣ» Китоби сирру-л-асрор» (Тошканд: нашриёти  АФ ҶШС Ӯзбекистон, 1957, 264 с.)  ба некӣ ёдовар мешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бояд таъкид намуд, ки худи профессор А.Комилӣ осори физикии Закариёи Розиро бо якҷоягии физикаи Ибни Сино дар шакли китоби алоҳида бо номи «Физикаи ар-Розӣ ва Ибни Сино» соли 1999 аз тариқи интишороти Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В.Ломоносов ба чоп расонидааст. Баъдтар соли 2015 бо замимаи рисолаи «Тарозуи физикӣ»-и Абубакри Розӣ номбурда бо унвони «Физикаи Абубакр ар-Розӣ» тавассути нашриёти Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Маскав перомуни Розӣ таҳқиқоти вижа ба нашр мерасонад.

Мавсуф сарлавҳаи пешгуфтори рисолаи мавриди назари моро шарҳ дода, зикр менамояд, ки Закариёи Розӣ дар натиҷаи мутолиаи зиёд дар поёни умраш кӯр мешавад. Мухолифонаш инро чун мукофоти амал арзёбӣ мекунанд, вале шоир дар посух ба онҳо мегӯяд: «*Чашмони ман кӯр нашудаанд, балки аз дидани дидори шумо хаста шудаанд»* (Комилӣ, 2016, 10). Ҳамчунин А.Комилӣ ин суханони Розиро бо байти соиб тасдиқ намудааст:

*Яке доно, яке коно, яке Маҳмуд, яке Сино,*
*Яке кӯр асту мебинад, яке бинои нобино.*
(Комилӣ, 2016, 11).

А.Комилӣ бо зикри байте аз шоире ақидаи болоиро комилтар тавзеҳ медиҳад:

*Маро зи рӯзи қиёмат гаме, ки ҳаст ин аст,,*
*Ки рӯйи мардуми олам дубора бояд дид.*
*(Комилӣ, 2016,11).*

Дар фуроварди суханаш А.Комилӣ бузургии Закариёи Розиро дар рӯзгори пурошӯб ва зиндагии пурхамупечи ӯ мебинад ва бо байти Сулаймон Лоиқ – шоири афғон суханашро поён мебахшад:

*Дар ҷодаи ҳамвор давидан ҳунараш чист?*
*Мардона давидан ҳунараш дар хаму печ аст!*
*(Комилӣ,2016,12).*

Қисмати асосии рисола аз баёни «Мухтасари зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ» оғоз меёбад. Абдулҳай Комилӣ дар истинод ба гуфтаҳои Маҳдии Муҳаққиқ ва У.И.Каримов бар он аст, ки Закариёи Розӣ ҳини барҳаёт буданаш ҳолномаи худро навиштааст, вале он то имрӯз нарасидааст. Мавсуф дар асоси маълумоти Ибни Надим (909-999, муаллифи китоби «Феҳрасу-л-улум» ё «Китоби-л-феҳрист» ё «Ал-Феҳрист»), Абурайҳони Берунӣ 973-1048 (дар китоби «Рисолат ли-л-Берунӣ фӣ фиҳрист кутуб Муҳаммад бин Закарийа ар-Розӣ»), Абӯалӣ ибни Сино (дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Донишнома» аз Розӣ ёдоварӣ кардааст), Муҳаммад Котиби Хоразмӣ (ваф. 997, дар «Мифтоҳу-л-улум»), Носири Хусрав (1004-1088, дар «Ҷомеъу-л-ҳикматайн», «Зоду-л-мусофирин»), Алӣ ибни Абдулқосим Зайди Байҳақӣ (1105-1169) (дар «Татиммат сивон ал-ҳикма», соли таълиф 1160), Ибни Қитфӣ (1172-1248) (дар «Китоб ихбору-л-уламо би ахбори-л-ҳукамо»), Ибни Абиусайбиа (1203-1270) (дар «Уйуну-л-анбо фӣ-табақоти-л-аттибо»), Ибни Халликон (1211-1282) (дар «Китаб вафоёту-л-аъён ва анбо абноу-з-замон»), Абдурраҳмони Хозинӣ (асри XII) (дар «Мизону-л-ҳикма»), Фахруддини Розӣ (1149-1209) (дар «Ал-мабоҳису-ш-шарқия»), Юлиус Фердинанд Руска (1867-1949) (дар «Кимиёи Розӣ»), Маҳмуди Наҷмободӣ (1904м. -2001м.) (дар «Муаллафот ва мусаннафоти Муҳаммад Закариёи Розӣ», «Як нобиғаи бузурги эронӣ (Розӣ – табиби эронӣ)» ва ғ.), Каримов Убайдулло Исроилович (1920-1997) («Книги тайны тайн ар-Разӣ»-«Китоби сирру асрор»-и Розӣ», Ташканд, 1957), Маҳдии Муҳаққиқ (тав. 1930м.) дар китобҳои «Ас-сирату-л-фалсафия ар-Розӣ, 1965,1993; «Ад-даросату-л-таҳлила ли китоби-т-тибби-рӯҳонӣ ли Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ»,1378, арабӣ; «Файласуфи Рай Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ», чор нашр 1971м., 1990м., 1996м., 1998м.), Парвиз Азкоӣ (тав. 1939м.) (дар асарҳои «Ҳакими Розӣ; ҳикмати табиӣ ва низоми фалсафӣ», «Тарҷумаи «Тибби рӯҳонӣ»-и Розӣ» ва ғ.), Мусо Диноршоев (тав. 1934) дар асарҳои «Аз таърихи фалсафаи тоҷик» Душанбе,1995, бо алифбои арабиасос; «Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази» (Душанбе,2014) ва дигарон саҳифаҳои зиндагиномаи пурошӯби Муҳаммад Закариёи Розиро бармало сохтааст. А.Комилӣ дар такя бо сарчашмаҳои муътамади фавқ иддао менамояд, ки Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ 1-уми моҳи шаъбони соли 251 ҳ.қ., мутобиқ ба 10 шаҳревар (баробар ба 10 сунбула)-и соли 244 ҳ.ш. дар шаҳри Рай дида ба олам кушодааст ва таърихи таъиднамудаи зодрӯзи Закариёи Розиро аз тарафи муҳаққиқони муосир (28 августи соли 865) григорянӣ, ки дар такя ба таҳқиқи Юлиус Руска-донишманди олмонӣ нишон додаанд, нодуруст меҳисобад ва тибқи ҳисобу китоби мавсуф санаи таваллуди Розӣ мувофиқи солшумории григорянӣ 31 августи соли 865, вале тибқи солшумории юлианӣ 27-28 августи соли 865 ва санаи вафоташ 30 октябри соли 925 (григорянӣ) ё 25 октябри 925 (юлианӣ) мебошад. Ҳамин тавр, А.Комилӣ санаҳои валодати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Розиро рӯзи душанбеи 31 августи соли 865 масеҳӣ ва фавти номбурдаро рӯзи сешанбеи 30 октябри соли 925 дар синни 60-солагӣ муқаррар кардааст. Дар истинод ба сарчашмаҳо ӯ муътақиди он аст, ки «хонадони эронитабори Розӣ то замони ҷаддаш Яҳё (220 ҳ.қ. – 835м.) қабл аз пазириши ислом масеҳимазҳаб... будаанд «Комилӣ, 2016, 36). Комилӣ бар он аст, ки дар мафкураи Розӣ решаҳои ойини муғонӣ ҷой дорад ва ба хулосае меояд, ки «Муҳаммад Закариёи Розӣ донишманди мусулмон, вале андешаҳояш тавъам бо донишҳои қаблазисломии аҷдодӣ буд» (Комилӣ, 2016, 37).

Мавсуф зодгоҳи Розиро шаҳри Рай нишон дода, аз ҷавонӣ ба касби заргарӣ, уднавозӣ ва шеъру шоирӣ майл доштанашро таъкид мекунад. Илми кимиё гӯё дар рафти заргарӣ диққати ӯро ҷалб мекунад ва тадриҷан ин илм диққаташро ба худ мекашад. Наздикӣ ба оташ чашмони Розиро дарманд мекунанд. Ӯ назди чашмпизишке меравад ва табиб барои давои чашми вай 500 динор ҳаққи хидмат талаб мекунад. Розӣ ин маблағро мепардозад. Танҳо баъди ин кимиёи воқеӣ илми тиб буданашро яқин месозад ва ба омӯзиши тиб мепардозад, ки он вақт 30 сол доштааст. Баъдан ба илмҳои риёзӣ ва фалсафа низ рӯ меорад.

Ба ақидаи Комилӣ забони модарии Закариёи Розӣ забони порсии дарӣ (тоҷикӣ), забони осори илмиаш забони арабӣ буд, вале ӯ дар истинод ба нигоштаҳои Маҳмуди Наҷмободӣ муътақид аст, ки Розӣ забони юнонии қадимро низ медонист (Комилӣ, 2016, 40).

Дар қисмати «Шаммае дар бораи «Фарзандони номбардор» ё «Меросу-л-осор» А.Комилӣ оид ба фарзандони аслӣ ва маънавии Розӣ сухан меронад. Ӯ дар такя ба маълумоти Маҳдии Муҳаққиқ теъдоди фарзандони аслии Розиро 9 духтар муқаррар менамояд. Баъдан «фарзандони» маънавии Розиро, ки ҳамеша зиндакунанда ва зикркунандаи номи «падар»-и худ, яъне офарандаи худ» (Комилӣ, 2016,43) мебошанд, аз қавли Ибни Надим – 167, Берунӣ – 184, Ибни Абиусайбиа-238, Маҳмуди Наҷмабодӣ – 266 адад нишон додааст ва ба ақидаи ахирӣ танҳо 40 номгӯйи асарҳои ӯ дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳ мондаанд. Тибқи маълумоти Берунӣ Розӣ 56 асар оид ба тиб, роҷеъ ба фалсафа-16, мобаъдуттабиа (метафизика)-6, илоҳиёт-14, мантиқ-7, матема-тика ва астрономия-10, кимиё-22, физика33 таълифот (Комилӣ, 2016, 45) доштааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

А.Комилӣ қисмати фуроварди китобро ба ҷойи охирсухан «Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Леонард Эйлер: қиёси вопасин лаҳзаҳои рӯзгор» (с. 47-55) номгузорӣ намудааст ва ба ин васила охирин лаҳзаҳои ҳаёти ду абармарди дунёи мутамаддин - Муҳаммад Закариёи Розӣ ва Леонард Эйлерро қиёс намудааст. Муҳаммад Закариёи Розӣ дар охири умраш аз мутолиаи зиёд кӯр мешавад ва боқии асарҳояшро бо чашмони шогирдонаш мехондаасту бо дасти эшон китобҳои лозимаро менавиштааст (Комилӣ,2016,52). Айнан чунин ҳолат ба устоди риёзидонони нимаи дуюми асри XIX Леонард Эйлер (1707-1783) низ рух додааст. Баъди оташ гирифтани хонааш ӯ аз сӯхтор эмин мемонад, вале чашмонаш кӯр мешаванд ва фаъолияти илмиашро бо чашму гӯши шогирдону мухлисонаш, махсусан бо ёрии Николаус Фусс давом медодааст.

Ба гуфтаи А.Комилӣ Розиро ҳанӯз дар айёми барҳаёт буданаш ба «бединӣ; «мулҳидӣ; «атеистмаобӣ» ва «бидъат» гунаҳгор мекарданд, вале ба пиндори А.Комилӣ Розӣ яке аз барҷастатарин намояндаи фалсафаи «асҳоби ҳаюло» ба ҳисоб рафта, ӯ ҳеҷ гоҳ Худоро инкор накардааст, баръакс, мисли дигар динҳои тавҳидӣ абадияти Аллоҳро эътироф намудааст (Комилӣ, 2016,48).

Ба ҳамин тариқ, дар рисолаи Абдулхай Комилӣ «Зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ» мухтасаран рӯзгори пурошӯби ин донишманди бузурги арсаи ҷаҳонӣ бозгӯ шудааст, ки барои ҷавонони донишпажӯҳ «пур аз панду сабақ ва намунаҳои ибратбор аст» (Комилӣ,2016,63).

**Пайнавишт:**

*1.Абдулҳай Комилӣ. Зиндагиномаи Муҳаммад Закариёи Розӣ. – Душанбе: Муассисаи давлатии Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2016, 63с.*

*2.Абдулхай Комили. Физика ар-Рази и Ибн Сины – М.: МГУ, 1999,160с.*

*3.Абдулхай Комили. Физика Абу Бакра ар-Рази.–М.: Мысль, 2014,104 с.*

*4.Абу Бакр Ар-Рази.Духовная медицина. Перевод с арабского Т.Марданова. –Душанбе: Ирфон, 1998, 88с.*

*5.Каримов У.И. Неизвестное сочинение ар-Рази «Книга тайны тайн». - Ташкент: изд АН УЗ.ССР, 1957, 264с*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 1.4. ШИНОХТИ КИШВАРҲО ДАР «САФАРНОМА»-И НОСИРИ ХУСРАВ

Яке аз асарҳое, ки масоили рангоранги кишвар-шиносӣ дар он инъикос шудааст, «Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад. «Сафарнома» аз пурар-зиштарин асарҳои мутафаккири бузург Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва беҳтарин намунаи насри классикист.

Тибқи анъана вақте ки аксари мардум ба сайру саёҳат мебароянд, рӯзномаи сафарӣ гирифта, кулли тафсилоти мусофираташонро сабт месозанд. Носири Хусрав низ бо нияти зиёрати хонаи Каъба сафар намуда, дидаву шунидаҳояшро дар «Сафарнома» рӯйи коғаз овардааст. Ин сафари Носири Хусрав 7 сол- аз 16 октябри соли 1045 то 23 октябри соли 1052 тӯл мекашад.

«Сафарнома» дар шакли очерки сафарӣ иншо шуда, монанди рӯзнома маълумоту тафсилоти воқеаҳоро фаро гирифтааст. Дар он 66 таърихи рӯзу сол сабт шудааст. Ба шогирдон нишон додани харитаи сафарҳои адиб ва қироати порчаи зерин аз «Сафарнома» аз манфиат холӣ нест: «*...ва масофати роҳ, ки аз Балх ба Миср шудем ва аз он ҷо ба Макка ва ба роҳи Басра ба Порс расидем ва ба Балх омадем, ду ҳазору дувисту бист фарсанг (17 ҳазору 764 километр), буд ва ин саргузашт он чӣ дида будам, ба ростӣ шарҳ додам. Ва баъзе ки ба ривоятҳо шунидам, агар дар он ҷо хилофе бошад, хонандагон аз ин заиф надонанд ва муахазат ва накӯҳиш накунанд...» (Носири Хусрав.Сафарнома. -Душанбе: Ирфон, 1970,с. 195).*

Боиси тазаккур аст, ки дар «Сафарнома» оид ба тамоми масоили зиндагӣ маълумот оварда шудааст. Ҳикоятҳои мутафаккир аз рӯзгори аҳли илму адаб ва ашхоси таърихӣ хеле шавқоваранд. Дар аввали сафараш дар роҳи Нишопур-Домғон адиб аз зиёрати марқади адиби мутасаввиф шайх Боязиди Бастомӣ ёдовар мешавад (Носири Хусрав, 1970,8). Пас аз он нақли аҷиберо меорад: «...ба Симнон омадам ва он ҷо муддате мақом кардам ва талаби аҳли илм кардам. Мардеро нишон доданд, ки ӯро устод Алии Нисоӣ мегуфтанд. Наздик шудам. Марде ҷавон буд, сухан ба забони форсӣ ҳамегуфт, ба забони аҳли Дайлам ва мӯй кушода, ҷамъе пеши вай ҳозир. Гурӯҳе Иқлидус мехонданд ва гурӯҳе тиб ва гурӯҳе ҳисоб. Дар аснои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

сухан мегуфт, ки ба устод Абӯалӣ Сино раҳматуллоҳи алайҳ чунин хондам ва аз вай чунин шунидам. Ҳамоно ғарази вай он буд, ки то ман бидонам, ки ӯ шогирди Абӯалӣ Синост. Чун бо эшон дар баҳс шудам, ӯ гуфт: ман чизе сипоҳона донам ва ҳавас дорам, ки чизе аз ҳисоб бихонам. Аҷаб доштам ва берун омадам, гуфтам: чун чизе намедонад, чӣ ба дигаре омӯзад» (Носири Хусрав,1970, 9). Ва бо овардани ин ҳикоят Носири Хусрав мардумро ба донишандӯзӣ даъват карда, таъкид менамояд, ки танҳо, ки касе ҳуқуқи маънавии шогирди Сино будан ва таълим доданро дорад, ки азми синоӣ дошта бошад, на дониши рӯякӣ.

Суҳбати Носири Хусрав бо Қатрони Табрезӣ низ ҷолиби диққат аст: «Ва дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам,-қайд мекунад адиб,-шеъре нек мегуфт, аммо забони форсӣ накӯ намедонист, пеши ман омад. Девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёвард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман пурсид, ба ӯ  бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд» (Носири Хусрав,1970,11).

Маълумоте, ки Носири Хусрав оид ба адиби нобинои араб Абулаъло ал-Мааррӣ ҳангоми саёҳати шаҳри Муарратуннуъмон овардааст, аҳамияти калони илмию адабӣ дорад. Сараввал, ӯ аз саховатпешагиву раиятпарварӣ ва хоксории Абулаълои Мааррӣ ҳамчун раиси шаҳр ҳикоят мекунад. Сипас, фазилати ӯро сифат мекунад, "...ин мард дар шеър ва адаб ба дараҷаест, ки, -қайд мекунад ӯ, -афозили Шому Мағриб ва Ироқ муқирранд, ки дар ин аср касе пояи ӯ набудааст ва нест» (Носири Хусрав, 1970,16). Муаллиф аз «Ал-фусулу-в-ал-ғоёт» ном асари адиб ва аз мавҷудияти зиёда аз сад ҳазор байти ашъораш хабар медиҳад. Хонандаи азиз агар дар хусуси Абулаъло ал-Мааррӣ ва рӯзгору осори ӯ маълумоти муфассал гирифтанӣ бошанд, ба таҳқиқоти устоди гиромии мо Саида Шукроева таҳти унвони «Жизнь и творочество Абулаъла ал-Маарри» (Душанбе,1977) муроҷиат намоянд.

Хонандагон пас аз мутолиаи ашъори Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ба туфайли шеъри «Бихандад лола бар саҳро, ба сони чеҳраи Лайло» ба образи Лайло шинос шудаанд. Овардани иқтибоси зерин аз «Сафарнома» ва шарҳи батафсили образи мазкур аз аҳамият холӣ нест: «Аз Тоиф бирафтем ва кӯҳу шикастагӣ буд, ки мерафтем ва ҳар ҷо ҳисоракҳо ва деҳакҳо буд ва дар шикастаҳо ҳисораке хароб ба ман намуданд. Аъроб гуфтанд, ки хонаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лайло будааст ва қиссаи эшон аҷиб аст» (Носири Хусрав, 1970,85).Ё дар асар аз Яъқуби Лайс ёдовар шудааст, ки ӯ яке аз аввалин поягузорони забони тоҷикӣ ва давлати тоҷикон аст. «*Ва дар масҷиди одинаи ин ҷо (шаҳри Меҳрумон) ба минбар номи Яъқуби Лайс дидам навишта. Пурсидам аз яке, ки ҳол чӣ гуна будааст? Гуфт, ки Яъқуби Лайс то ин шаҳр буд, валекин дигар ҳеҷ амири Хуросонро он қувват набудааст»* (Носири Хусрав,1970,98).

Ба хонандагон таъкид бояд намуд, ки дар «Сафарнома» дар қатори уламову удабои номбаршуда аз аввал то охир симои худи Носири Хусрав низ чун хатти сурх намоён аст. Ӯ мушкилтарин лаҳзаҳои зиндагиро, ки гоҳо ҳаёташ чун ашки сари мижгон зери хатар буд, бо шарофати забондониаш, соҳиби илму маърифати амиқу ҳамаҷониба буданаш ва ҳунармандиаш паси сар менамояд. Тавре ки ёдовар мешавад,*«Ва ман бад-ин фалаҷ чаҳор моҳ бимондам, ба ҳолате ки аз он саъбтар набошад ва ҳеҷ чиз аз дунёвӣ бо ман набуд,илло ду саллаи китоб» (Носири Хусрав,1970,87*). Маҳз ҳунари наққошиаш ӯро аз марг раҳонид ва ӯ бо шарофати нақшунигори меҳроби масҷид аз вартаи ҳалокат раҳид.

Дар «Сафарнома» хусусан тасвири манзараҳои табиат, боғу бӯстонҳо, рӯду дарёҳо, кӯҳу дашт, шаҳру деҳот, тариқи шаҳрсозӣ, тарҳи биноҳо, иқлими ин ё он маҳал, машғулият ва хулқу хӯйи мардум мавқеи муҳим дорад. Махсусан тасвири Шоҳрӯд ва манзараҳои атрофи он хеле дилфиреб аст. Ё вақте ки оид ба баъзе дарахтон сухан меронад, тамоми суду зиёни онҳоро рӯйи сафҳа меорад: «*Ва дар боғ дарахти баласон буд. Мегуфтанд падарони он султон аз Мағриб он тухм биёварданд ва он ҷо бикиштанд. Ва дар ҳама офоқ ҷойи дигар нест ва ба Мағриб низ нишон намедиҳанд ва онро ҳарчанд тухм ҳаст, аммо ҳар куҷо мекоранд, намерӯяд ва агар мерӯяд, равған ҳосил намешавад. Ва дарахти он чун дарахти мурӯд аст, ки чун болиғ мешавад, шохҳои онро бо теғе хаста мекунанд ва шишае бар ҳар ҷо берун меояд, чун дуҳун тамом бурун ояд, дарахт хушк мешавад ва чӯби онро боғбонон ба шаҳр оваранд ва бифурӯшанд, пӯсте ситабр бошад, ки чун аз он ҷо боз мекунанд ва мехӯранд, таъми лавз дорад ва аз бехи он дарахт соли дигар шохҳо бармеояд ва ҳамон амал бо он мекунанд»* (Носири Хусрав,1970,55). Нависанда аз меҳнатдӯстии мардуми Миср сухан ронда, оид ба истифодаи оқилонаи Замин ва ҳатто дар болои бомҳо бунёд кардани боғу бӯстонҳо, сабзонидани дарахтони мевадиҳанда нақлҳои ҷолиб меорад. *«...Шунидам, ки*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*шахсе ба боми ҳафттабақа боғчае карда буд, - ҳикоят мекунад адиб, - ва гӯсолае он ҷо бурда ва парварда, то бузург шуда буд. Ва он ҷо дулобе сохта, ки ин гов мегардонид. Ва об аз чоҳ бармекашид. Ва бар он бом дарахтҳои норинҷ, турунҷ, муз ва ғайра кишта ва ҳама дар бор омада ва гулу сипарғамҳо ҳама навъ кишта..»* (Носири Хусрав,1970,56). Ё дар ҷойи дигар чунин омада: «*…агар касе хоҳад, ки ба Миср боғе созад, дар ҳар фасли сол, ки бошад, битавонад сохт. Чӣ ҳар дарахт, ки хоҳад, мудом ҳосил тавонад кард. Ва аҷиб ин ки эшон дарахтҳо дар тағораҳо кишта бошанд ва бар пушти бомҳо ниҳода ва бисёр бомҳои эшон аксар пурбор бошад аз норинҷ ва анор ва себ, биҳӣ ва гул ва раёҳин ва сипарғамҳо. Ва агар касе хоҳад, ҳаммолон биравaнд ва он тағораҳо бар чӯб банданд, ҳамчунон ба дарахт ва ба ҳар ҷо хоҳанд, нақл кунанд ва дар он Замин биниҳанд ва ҳар вақт, ки хоҳанд, тағораҳо биканaнд ва борҳо берун оранд ва дарахт худ хабардор набошад. Ва ин вазъ дар ҳама офоқ ҷойи дигар надидаам. Ва инсоф он ки бас латиф аст»* (Носири Хусрав,1970,67). Ба ростӣ, ин усули муфид дар соҳаи боғдории мо низ ҳанӯз хусусияти оммавӣ пайдо накардааст.

Дар «Сафарнома» на танҳо сифати шаҳрҳои Миср, Қоҳира, Макка, Басра ва ғайра баён шудааст, балки бо тамоми ҷузъиёташ намуди зоҳирию паҳно ва баландии ин ё он иморат ё шаҳр сабт шудааст. Ҷаҳонгарди донишманд ба тамоми чизи дидааш чун мутахассиси ҳамон соҳа дақиқназарона баҳо дода, аз наздик маҳалли мушоҳидаашро дидаву қадамзанон онро чен кардааст. Махсусан, ҳикоятҳои «Сифати Масҷидулҳаром ва байти Каъба». «Сифати дари Каъба», «Сифати андаруни Каъба» ва ғайра хеле шавқоваранд.

Нависанда вақте ки аз хулқу хӯи мардуми ин ё он маҳал сухан меронад, ё ҷиҳати неки феълу атвори мардумро мегӯяд, инсонҳоро дар рӯҳияи ростиву росткорӣ, саховатмандӣ ва ғарибнавозӣ тарбия менамояд ва ё ахлоқи бади одамиро мазаммат мекунад. Масалан, дар сифати ростгӯии савдогарони мисрӣ меорад: «Аҳли бозори Миср ҳарчи фурӯшанд, рост гӯянд ва агар касе ба муштарӣ дурӯғ гӯяд, ӯро бар шутуре нишонда, занге ба дасти ӯ диҳанд, то дар шаҳр мегардад, занг меҷунбонад ва мунодӣ мекунад, ки «Ман хилоф гуфтам ва маломат мебинам ва ҳар кӣ дурӯғ гӯяд, сазои ӯ маломат бошад» (Носири Хусрав,1970, 59). «Ва дар шаҳри Лаҳсо, - дар ҷойи дигар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

овардааст Носири Хусрав, - гӯшти ҳама ҳайвонот фурӯшанд, чун гурбаву сагу хару гову гусфанд ва ғайруҳу. Ва ҳар чи фурӯшанд, сару пӯсти он ҳайвон наздики гӯшташ ниҳода бошанд,то харидор донад,ки чӣ мехарад. Ва он ҷо сагро фарбеҳ кунанд ҳамчун гӯсфанди маълуф, то аз фарбеҳӣ чунон шавад, ки натавонад рафтан, баъд аз он мекушанд ва мехӯранд» (Носири Хусрав,1970, 91). Ё вақте ки сарзамини Яманро нависанда тасвир мекунад, таъкид менамояд, ки «... андар ин қиём навоҳӣ бисёр аст ва ҳар ноҳияте ва раисе дорад ва он ҷо султоне ва ҳакиме мутлақ нест, қавме мардум бошанд худсар ва бештар дузд, ҳаромӣ ва хунӣ» (Носири Хусрав, 1970,76).

Нависанда на танҳо хулқу хӯйи мардуми одиро нишон медиҳад, балки аз мардумнавозӣ, раъиятпарварӣ ва олиҳиммативу саховатмандии ҳокимони кишварҳои гуногун ёдовар мешавад ва ба ҳамин васила садрнишинонро ба адлу инсоф ва банданавозӣ даъват менамояд (Носири Хусрав, 1970, 40, 61, 71, 19, 16, 59, 64, 89, 101).

Ривоятҳои овардаи адиб оиди Айнулбақар (Носири Хусрав,1970, 21), дарёи Лут (Носири Хусрав,1970, 23), Исои Марям (Носири Хусрав, 1970,30). Оби осӣ (Носири Хусрав,1970, 99) ва ғайра боиси таваҷҷуҳ буда, дар ташреҳи асрори номҳои кишвар сухани тозаанд.

Аз «Сафарнома» ҳувайдост, ки Носири Хусрав тарафдори ҳамзистии осоиштаи ҳамаи миллатҳо ва кулли намояндагони динҳо ва нумӯи мусовии ҳамаи забонҳост. Чунончи, дар тавсифи шаҳри Ихлот чунин нигоштааст: «…ин шаҳр сарҳади мусулмонону арманиён аст ва дар ин шаҳри Ихлот ба се забон сухан гӯянд: тозӣ, порсӣ ва арманӣ ва занни ман он бувад, ки Иҳлот бад-ин сабаб номи он шаҳр ниҳодаанд» (Носири Хусрав, 1970,12). Ё дар ҷойи дигар оварда: «Тарсоёнро ба Байтулмуқаддас калисоест, ки «Байтатулку момо» гӯянд ва онро азим бузург доранд ва ҳар сол аз Рум халқи бисёр он ҷо оянд ба зиёрат (Носири Хусрав, 1970, 41).

Нависанда  сифоти сокинони шаҳри Лаҳсоро намуда, қайд мекунад, ки «Султони он марде бисёр шариф буд ва мардумро аз мусулмонӣ боздошта буд. Аҳли он шаҳр намоз намехонанд ва рӯза надоранд ва лекин ба Муҳаммади Мустафо (с) ва пайғамбарии ӯ муқирранд..., агар касе намоз кунад, ӯро бознадоранд валекин худ накунанд» (Носири Хусрав,1970, 89-90).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Поёнтар навиcанда мавзӯи ҳикояташро дигар тараф гардонида, оид ба ифлосии мардуми Лаҳсо сухан меронад ва таъкид мекунад, ки «… он ҷо кас бошад, ки ба як сол об бар даст назанад ва ба ин маънӣ, ки тақрир кардам, аз сари басират гуфтам..., ки ман нуҳ моҳ дар миёни эшон будам. Ва эшон ҳама умр ҳаргиз на гармоба дида буданд ва на оби равон» (Носири Хусрав, 1970,92). Навиcанда муътақид аст, ки маҳз тозагӣ, сару либоси мувофиқ ба одам шукӯҳу салобат мебахшад. Бо ин мақсад овардани саргузашти адиб, ки ҳангоми вориди Басра шудан зикр шудааст, барои хонандагон аз аҳамият холӣ нест. «Ва се моҳ буд, ки мӯйи сар боз накарда будем ва хостам, ки гармоба равам. Бошад, ки гарм шавам ва ҳаво сард буд ва ҷома набуд ва ман ва бародарам ҳар як лунгии кӯҳна пӯшида будем ва палоспорае дар пушт баста аз саро» (Носири Хусрав, 1970, 91). Дар чунин ҳолат гармобабон онҳоро иҷозаи ба ҳаммом даромадан намедиҳад ва кӯдакон низ онҳоро девона пиндошта, ҷонибашон санг мепартоянд. Танҳо бо мадади дӯсти фозилашон соҳиби сару либос мешаванд ва дафъаи дувум ҳангоми ба дари гармоба наздик шудан на танҳо гармобабон, балки кулли он ҷо будагон ба шарафашон ба по мехезанд ва таъзимашон мекунанд, ки ин ҳикоят мақоли халқии «Одаму либос, хонаву палос» ё «Хоҷаи Хизр-бо либос» ро ба хотири кас меорад.

Ба ҳамин тариқ, «Сафарнома» яке аз беҳтарин асарҳои Носири Хусрав буда, адиб тавассути тасвири кишварҳои гуногун нуқтаи назари худро оид ба масъалаҳои мухталифи зиндагӣ ба қалам медиҳад, ки аз аҳамияти тарбиявӣ холӣ нестанд ва ҷавононро дар рӯҳияи беҳтарин хислатҳ ои инсонӣ тарбия менамоянд.

## 1.5. НОСИРИ ХУСРАВ АЗ НИГОҲИ ЛУТФУЛЛО БУЗУРГЗОДА

*Носири Хусрав бо тамоми зиндагонии аз одат берунаш, бо халқпарвариаш, одамияти баланд ва меҳнатдӯстиаш, бо фидокории беназираш дар роҳи илм ва ҷустуҷӯи ҳақиқат, бо нафрат ва душмании пурзӯраш бо золимон ва истисмогарон, бо тамоми ақл ва заковати бузургаш аз они мост, бо мо наздик ва азиз аст.* С.Улуғзода (Намунаҳои адабиёти тоҷик.- Сталинобод, 1940).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лутфулло Бузургзода бо иборои А.Сатторзода ҳамчун марди бисёрфан дар қатори забоншиноси маъруф, шевашиноси беҳамто, фолклоршиноси номдор будан ба таҳқиқи эҷодиёти шоирони классик - Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Хусрав, Сайфи Исфарангӣ низ даст задааст. Дар байни онҳо аз мақолаҳои ӯ бахшида ба Носири Хусрав бо номҳои «Носири Хусрав» («Коммунист Таджикистана», 13 августи с. 1940), «Искатель правды и справедливости Носир Хисроу (Вступительный очерк)» (Носир Хисрау. Избранное. Сталинабад, 1949) муҳаққиқи хуби адабиёт буданаш бармалост.

Бузургзода дар оғози мақолаи «Носири Хусрав» Носири Хусрав ва Ибни Синоро бузургтарин мутафаккирони ҷаҳонӣ дар асри XI номидааст. Баъдан дар такя бар «Сафарнома» тамоми шарҳи ҳоли Носири Хусравро то ба сафари ҳафтсола баромаданаш (с. 1045) рӯи сафҳа овардааст. Ҳамчунин сабабҳои ба таълимоти исмоилия гаравидани шоир, аз дасти нобакорон-гумоштагони халифаи Бағдод, феодалон, шоирони дарбори Бадахшон фирор кардани ӯ ва умрашро дар Юмгондара охир намудани вай дар мақола сабт шудааст.

Мақолаи дуюми Л.Бузургзода «Искатель правды и справедливости Носир Хисроу» (с. 1949) як навъ давоми мантиқии мақолаи қаблии ӯст. Аз мақолаи дувум маълум аст, ки Л.Бузургзода аҳвол ва осори Носири Хусравро амиқтар ва ҷиддӣ омӯхтааст ва онро ба шарҳи ҳол ва маҳсули эҷодии Ибни Сино қиёс намудааст. Муҳаққиқ дар байни ин ду абармарди осмони илми асри XI як умумияте ҷустанӣ шудааст. Ҷиҳати муҳим ва фарқкунандаи мақолаи дувум дар он аст, ки Л.Бузургзода тавонистааст, тамоми мақсаду маром, фикр, зикр ва муҳтавои ҳақиқатпарастии Носири Хусравро аз лаҳзаи роҳи ҳаҷро пеш гирифтани адиб, ҳамнишинӣ бо донишмандони Миср ва таълимоти онҳо сар карда, то бозгашт аз мусофират ва ташвиқу тарғиби мазҳаби исмоилия, ба фоҷеа дучор шудани ин марди адолатҷӯро аз назари таҳқиқ гузаронад.

Аслан ин мақолаҳоро, махсусан аввалиро, Лутфулло Бузургзода зери таъсири таълимоти ҳизби коммунист эҷод кардааст ва ин аст, ки Носири Хусравро чун шахси бехудо, худонотарс, исёнгари зидди ислом ва рӯҳониёни ислом номидааст. Л.Бузургзода бо эҷоди ин ду мақола тавониста, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар Тоҷикистон ба таҳлили илмии ҳаёт ва эҷодиёти Носири Хусрав асос гузорад.

**Сарчашмаҳо:**


1. Б.Ниязмухаммедов, Л.Бузургзаде. Носири Хисроу.// Коммунист Таджикистана, 13 августа 1940 г.
2. Л.Бузургзаде. Искатель правды и справедливости Носир Хусроу. Избранное. - Сталинабад, 1949.
3. Абдунабӣ Сатторзода. Марди бисёрфан.// Дар китоби «Дурахши як ахтари сӯзон». - Душанбе. Матбуот, 2001, с. 25-257.
4. Таҳлили ашъори Носири Хусрав (оёти қуръонӣ, аҳодис, луғот, амсол), таълифоти дуктур Маҳдии Муҳаққиқ. - Кобул, 1365.
5. «Донои Юмгон» // Маҷмӯаи мақолоти семинари байналмилалии «Носири Хусрав - тавонмарди устураи хирад, дониш ва адаб». - Кобул, 1366.


## 1.6. ИБНИ СИНО ДАР ОИНАИ МАТБУОТИ СОЛИ 1980

Моҳи сентябри соли 1980 мувофиқи қарори махсуси сессияи 20-уми конференсияи генералии ЮНЕСКО (Париж, соли 1978) 1000-солагии донишманд ва мутафаккири бузурги тоҷик Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) ботантана ҷашн гирифта шуд, ки гувоҳи эътирофи ин алломаи Шарқ аз тарафи ҷаҳониён буд.

Ба пешовози ҷашни Ибни Сино аз солҳои 1978-1979 сар карда, дар матбуоти Тоҷикистон мақолаҳои илмию оммавӣ интишор ёфтан гирифт.

Яке аз аввалин мақолаҳое, ки баъди эълони расмии санаи ҷашни чоп шуд, ин мақолаи У.Султонов ва Ё.Одинаев бо номи «Андешаҳои иҷтимоии «Китоб-уш-шифо» (рӯзномаи «Маориф ва маданият», 25.02.1978) буд, ки дар он муаллифон ҷанбаи иҷтимоии муҳтавои мақолаи панҷуми фанни шашуми «Китоб-уш-шифо»-и Ибни Синоро мавриди муҳокима қарор додаанд.

Профессор Ю.Исҳоқӣ ҳамчун аъзои комиссияи тадорукоти ҷашни Ибни Сино аз нахустинҳо шуда, бо номи «Олим ва мутафаккири бузург» дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (14.03.1979) мақолае ба табъ расонид, ки дар он сухан дар бораи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шарҳи ҳол, мероси тиббии Ибни Сино, омодагии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба ин ҷашн мерафт.

Дар мақолаи Аскаралӣ Раҷабов «Афкори эстетикии олим» (рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», 28.01.79) бошад, оид ба саҳми Ибни Сино дар инкишофи санъати мусиқӣ маълумот дода мешавад.

Дар мақолаи Қ.Восиев «Ибни Сино аз дидгоҳи Айнӣ» (рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», 13.06.1979) дар такя ба «Намунаи адабиёти тоҷик (Москва, 1926) ва мақолаҳои «Абӯалӣ ибни Сино», «Шайхурраис Абӯалӣ Сино», «Великий таджикский учёный Абуали Сино»-и устод Садриддин Айнӣ аз диди Садриддин Айнӣ ба осори Ибни Сино баҳо дода мешавад.

Мақолаи файласуф Ф.Сироҷов бошад, унвонии «Наҷот ва ҷаҳонбинии Шайхурраис» (рӯзномаи «Маориф ва маданият», 16.01.1979) диди фалсафии Ибни Синоро зимни таҳқиқи «Наҷот» мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар соли 1979 дар рӯзномаҳои музофотӣ низ бахшида ба 1000-солагии Ибни Сино мақолаҳо ба табъ расиданд, ки намунаи олии онҳо мақолаи адабиётшинос Ш.Саидҷаъфаров бо номи «Аз қаъри гили сиёҳ» (рӯзномаи «Роҳи ленинӣ», 1.03.1979) буд. Дар он Ш.Саидҷаъфаров шаш рубоии Ибни Синоро аз назари таҳлил гузаронидааст.

Суръати чопи мақолаҳо бахшида ба Ибни Сино аз аввали соли 1980 меафзояд. Махсусан рӯзномаҳои «Маориф ва маданият», «Тоҷикистони советӣ» ва «Комсомоли Тоҷикистон» дар иҷрои ин амали хайр пешсаф буданд.

Т.Миров дар мақолаи «Зеби дунё» (рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», 9.02.1980) зан-модарро ҳамчунин ҳаётбахши бани инсонҳо аз нигоҳи Ибни Сино мавриди муҳокима қарор медиҳад, саҳми занро дар ташкили оила, дар тарбияи мард ва махсусан фарзандон таъкид менамояд.

Дар мусоҳибаи Мақсуд Ҳусейнов бо муовини сармеъмори шаҳри Душанбе Рустам Каримов бо номи «Ҳайкали Сино» (Тоҷикистони советӣ 21.02.1980) сухан аз офариниши муҷассамаи шашметраи Абӯалӣ ибни Сино дар маҳаллаи Қарияи болои шаҳри Душанбе аз тарафи О.Элдаров, А.Агаронов ва Р.Ҷ.Каримов ва анҷоми банаворгирии филми ҳуҷҷатии дусериягии «Абӯалӣ ибни Сино» аз тарафи иттиҳодияи эҷодии «Тоҷикфилм» меравад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар мақолаи Саҳобиддин Сиддиқов таҳти унвони «Сино дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» (рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», 28.02.1980) симои абадизиндаи ин алломаи машҳур аз нигоҳи Зайниддин Маҳмуди Восифӣ кушода шудааст.

Мақолаи Сулаймон Муллочаев бо номи «Омӯзиши Абӯалӣ Сино дар мактаб» (рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», 8.02.1980) баъзе роҳҳои таълими ҳаёт ва эҷодиёти Ибни Синоро дар синфи чорум ба омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик пешкаш менамояд.

Дар мақолаи котиби масъули кумитаи ҷашни ҳазорсолагии Ибни Сино М.Султонов бо номи «Муаллимони Ибни Сино» (рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон», 1.02.1980) ба бачаҳо оид ба устодони Ибни Сино-Маҳмуди Массоҳ, Исмоили Заҳид, Абӯабдуллоҳи Нотилӣ, Нӯҳи Қамарӣ ва падараш Абдуллоҳ ҳикоят менамояд.

Махсусан дар тарғиби эҷодиёти Ибни Сино хизмати рӯзномаи «Маориф ва маданият» (сардабираш Бӯринисо Бердиева) хеле калон буд. Дар мақолаи калони олимон Ш.Ҳусейнзода ва Х.Шарифов бо номи «Бартарии рӯҳ ва камоли ақл» (рӯзномаи «Маориф ва маданият», 31.01.1980) саҳифаҳои рӯзгор, оварагардиҳо, эҷодиёт, таърихи Синошиносӣ, муҳаққиқони эҷодиёти Ибни Сино ва аксари асарҳои адабии Сино мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Файласуф Мусо Диноршоев дар мақолаи «Материализми табиӣ-илмии Абӯалӣ Ибни Сино» (рӯзномаи «Маориф ва маданият», 16.02.1980) нуқтаи назари Ибни Синоро дар истинод бо асарҳояш «Шифо», «Наҷот», «Донишнома», «Ал-қонун» оид ба офариниши мавҷудоти олам ва қонунҳои диалектикии офариниши мавҷудот тавзеҳ додааст.

Рӯзномаи «Маориф ва маданият» рӯзҳои 18 ва 20 сентябри соли 1980 ду шумораи худро ба ҷашни ҳазораи Ибни Сино бахшид.

Агар дар шумораи аввал мақолаҳои «Абӯалӣ ибни Сино: рисолаҳои илмӣ ва назм», Юсуф Нуралиев «Осори тиббии Шайхурраис», Фатҳиддин Сироҷов «Ҳикмати Бӯалӣ», Н.Ёрматов ва С.Умаров «Абӯалӣ ибни Сино ва илми кимиё», Л.Исмоилова «Мероси ботаникии Ибни Сино», Акбар Турсунов «Бунёдгузори истилоҳоти илмии тоҷикӣ», Анвар Асадов «Рубоиёти Сино», Ҷ.Шамсуддинов «Мантиқи Шайхурраис ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

илми ҳозира» ва ҳамчунин шеърҳои Ҷамолиддин Каримзода «Сино», Ҳоҷӣ Мурод «Баъд аз ҳазор сол», Доро Наҷот «Фарзанди Ситора» (Илҳом аз «Гаҳвораи Сино») ва расми китобҳои оид ба Ибни Сино чопшуда ҷой дода шуда бошанд, шумораи дувум (ҷашнӣ) аз чопи расми барқади Ибни Сино (амали рассом В.Манин) ва маърӯзаи Раиси Совети Вазирони РСС Тоҷикистон, раиси кумитаи ҷумҳуриявии ташкили Абӯалӣ ибни Сино Раҳмон Набиев бо номи «Мутафаккир ва инсонпарвари бузург» оғоз ёфта, сипас, порча аз достони тозаэҷоди Муъмин Қаноат «Гаҳвораи Сино», шеъри Бозор Собир «Теғи Сино», мақолаҳои Н.Неъматов «Замони аллома», «Ҷашни илму санъат», «Машҳури ҷаҳон», «Аз гуфтори Абӯалӣ ибни Сино», «Дар ситоиши Сино», «Ёдбуди олими гуманист» ҷой дода шудаанд.

Ҳатто рӯзномаҳои музофотӣ низ бахшида ба ин санаи муборак саҳифаҳои махсус бароварданд. Масалан, рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» (сардабираш Муқим Абдураҳмонов) рӯзи 20 сентябри соли 1980 саҳифаи 3-юми рӯзномаро бо забони тоҷикӣ ва чоруми онро бо забони ӯзбекӣ ба Ибни Сино бахшидааст.

Рӯзнома дар аввал маърӯзаи Р.Набиевро бо номи «Мутафаккир ва инсонпарвари бузург» аз рӯзномаҳои марказӣ айнан рӯбардор карда овардааст. Вале мақолаҳои шоир П.Сатторӣ «Маҳбуби оламиён», табиб А.Баҳриддинов «Ҳакими донишманд» шеърҳои Зариф Ибод «Таъзим», Жола Бадеъ «Бузургворо…», хабари «Симои ҷовид» оид ба ифтитоҳи намоишгоҳи рассомон бахшида ба 1000-солагии Ибни Сино хеле хотирмонанд. Дар саҳифаи ӯзбекии ин рӯзнома низ мақолаҳои «Аллома ӯгитлари», «Қилган экан насиҳат», «Буюк инсон ҳақида» ва шеъри Неъматжон «Улуғ даҳо» хеле хонданбобанд.

Маҷаллаи «Мактаби советӣ» низ шумораи моҳи октябри соли 1980-ро ба ҳаёт ва эҷодиёти Ибни Сино бахшидааст. Дар муқова аз берун расми аллома ва аз дарун бошад, харитаи сафарҳои Ибни Сино оварда шудааст. Ҳамчунин дар ин шумора маълумотҳои «Абӯалӣ ибни Сино», «Резолютсияи сессияи XX конференсияи генералии ЮНЕСКО (Париж, соли 1978)», «Мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника» ва ҳамчунин мақолаҳои С.Амирқулов, Ю.Бозоров «Таносуби таълим ва тарбия аз назари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ибни Сино», Х.Мирзозода «Аҳамияти тарбиявии ҳаёти Ибни Сино ва гуфтори С.Айнӣ дар бораи ӯ» Н.Ёқубӣ, М.Мирраҳимов «Ибни Сино ва Умари Хайём», Ё.Одинаев «Аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии «Саломону Абсол»-и Ибни Сино», Б.Исматов «Озодии фикр дар ашъори Ибни Сино», С.Воҳидов, Н.Қулматов «Абӯалӣ ибни Сино дар назми асрҳои XII-XV», Ҷ.Абдуллоев «Абӯалӣ ибни Сино ва таълимоти ӯ дар бораи баъзе ҳодисаҳои физикӣ» ҷой дода шудаанд. Илова бар ин дар охир таҳти сарлавҳаи «Асарҳо бахшида ба 1000-солагии Ибни Сино» рисолаҳои У.Султонов «Муосирони Абӯалӣ ибни Сино», «Сурат ва сирати Ибни Сино», Валерий Воскобойников «Ҳакими бузург», Х.Х.Мансуров «Авиценна о некоторых болезнях органов пищеварения и правильном питании», «Влияние взглядов Абуали ибн-Сино на воспитании врача», С.И.Исхаков «Абуали ибн-Сино и его медицинские воззрения» мухтасар шарҳ дода шудаанд. Ниҳоят, «Феҳристи мухтасари асарҳои ба Ибни Сино бахшидашуда» ба маҷалла ҳусни анҷом бахшидааст.

Хулоса, ҷашни ҳазорсолаи зодрӯзи Ибни Сино дар Тоҷикистон бори дигар оламиёнро хушдор дод, ки маҳз халқи тоҷик ба мардуми тараққипарвари олам Абӯалӣ ибни Сино барин фарзанди фарзона ҳадя кардааст ва ин мазмун дар аксари мақолаҳои дар саҳифоти матбуоти соли 1980 дарҷшуда гаштаю баргашта таъкид гардидааст.

## 1.7. АНДЕШАҲОИ ИНСОНГАРОИИ САЪДӢ ДАР «ГУЛИСТОН»

Дар ҳамаи давру замонҳо дар таълифоти адибони асил ва воқеӣ вижагиҳои зиндагии мардум, суннатҳои ахлоқӣ ва мазҳабии одамон бо тамоми зебоиҳояш таҷаллӣ меёбанд. Кулли андеша ва тафаккури адибон ба он равона гардидааст, ки рӯҳониятро дар инсонҳо комилтар бисозанд, то инсон ба кӯи камолот қадаме пештар гузорад. Манзури адабиёт, хосатан каломи бадеъ низ тарбияти башар аст. Сухани асили бадеӣ метавонад шахсият ва рӯҳонияти инсонро такомул диҳад, ки аз ин миён таклифоти шайх Саъдӣ истисно нест.

Шайх Саъдӣ низ чун адиби баландандеша ва зиндагишинос пеш аз ҳама ба рушди рӯҳии инсонҳо ва андешаҳои инсонгароӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

майли том дорад. Махсусан дар «Гулистон» тафаккури баланд ва бадеъ дар либоси махлути назму наср аз мавзӯъ ба гунае сухан мегӯяд, ки инсонро ба ночор ба андеша водор месозад. Хусусан азамат, тафаккури балиғ ва шукуҳи андешаҳои инсонгароии Саъдӣ дар пораҳои шеъриаш  дар «Гулистон» беҳтару бештар зуҳур меёбанд.

Саъдӣ бо шеваи ширини баёни хеш азамат ва бузургии инсонро тавсиф мекунад ва дар навбати худ ба инсонҳо риҷъат ва хештанро меомӯзад. Бе муҳобот Саъдӣ ҳамосаи инсонро дар «Гулистон» офаридааст, ки он маҳсули ҳамдастии инсонҳо, офариниш, воқеият ва ҳастӣ, марг ва зиндагӣ, ҳақиқат ва тариқат аст, маҳсули даст ба дасти ҳамдигар додани инсонҳост, ки онро ба вожаи маъмул ваҳдати миллӣ меноманд. Сухани Саъдӣ дар «Гулистон» ангезандаю такондиҳандаи рӯҳ аст, иқтидо аст ба азамату бузургии Худованд ва халифаи баргузидаи Офаридагор-инсонҳо. Аз диди Саъдӣ тамоми инсонҳо фарзандони Одаму Ҳаввоянд. Мавсуф муътақиди он аст, ки «…агар дар силки суҳбати он бадон мунтазам мондӣ, табиати эшон гирифтӣ, аммо банда умедвор аст, ки ба ишрати солеҳон тарбият бипазирад ва хӯи хирадмандон гирад, ки ҳанӯз тифл аст ва сирати бағӣ ва иноди он гурӯҳ дар ниҳоди ӯ мутамаккин нашуда ва дар ҳадис аст: *«Кулу мавлудин йуладу ало-л-фитрати фааббавоҳу йуҳаввидониҳи ва йунассирониҳи ва йумаҷҷисониҳ»* (Тарҷумааш: Ҳар мавлуде бо сиришти пок зода мешавад ва падару модаранд, ки ӯро яҳудӣ кунанд, масеҳӣ гардонанд ва оташпараст созанд).

*Бо бадон ёр гашт ҳамсари Лут,*
*Хонадони нубувваташ гум шуд.*
*Саги асҳоби каҳф рӯзе чанд,*
*Пайи некон гирифту мардум шуд.*

Бо ин мазмун дар «Қуръон»-и азимушшаън низ дар сураи «Ҳуҷурот», ояи 13 таъкид шудааст: *«Ё аюҳанносу, инна халақнокум мин закарив ва унсо ва ҷаъалнокум шуъубав ва қабоила таорафу инна акрамакум, ъиндаллоҳи атқоқум»* (Тарҷумааш: Эй инсонҳо, ба таҳқиқ, халқ кардам шуморо аз марду зан ва гардонидам шуморо нажодҳо ва қабилаҳо, то ин ки бишносед якдигарро. Пас, ба таҳқиқ гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини Шумост).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бинобар ин дар назди Саъдӣ низ тамоми инсонҳо чун фарзандони Ҳазрати Одам қурби якхела доранд, чунки онҳо ба якдигар узван, ботинан алоқаманданд:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон бегамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

Маҳз ҷанбаи инсондӯстию инсонгароии ин мисраъҳост, ки абёти мазкур солҳо боз дар пештоқи даромадгоҳи Шӯрои Амнияти Ташкилоти давлатҳои Муттаҳида ба забонҳои машҳури олам ҳаккокӣ шудааст ва халқҳои Сайёраро ба иттиҳод, ҳамзистии осоишта ва Ваҳдат даъват менамояд.

Одам ва неку бади тинату сиришти он дар «Гулистон»-и Саъдӣ мавзӯи марказист. Феълу хӯи бад ва фарҷоми бади кирдори одамони алоҳидаеро, ки Саъдӣ мазаммат кардааст, дар кулли мавҷудияти бани башар бад ва зишт гуфтаанд ва дар баробари ин наҷобат ва накӯиҳои инсонҳоро, ки мавсуф ситоиш намудааст, ҳама арҷ гузоштаанд. Бинобар ин Саъдӣ дар образи қаҳрамонони ҳикоёти «Гулистон» натиҷаи мушоҳидоти худро дар бораи феълу атвор, ҷаҳони ботинӣ ва фикру зикри муосирони хеш арза доштааст ва ба ин васила сиришти бани башар-фарзандони Одамро таҳқиқ намудааст. Саъдӣ аъмоли неку бади ҳамзамононашро дида, ба назари таҳқиқ омӯхта, шинохта, образҳои ҷовидоние офаридааст, ки назиру нусхаи онҳо дар ҳар давру замон дучор меоянд. Ба ин васила Саъдӣ мехост, ки инсонҳо оқилтару комилтар шаванд, ҷомеаи инсонӣ ободтар, мардум осудаву ваҳдати ҷовид ҳукмфармо бошад.

Саъдӣ инсониятро даъват менамуд, ки накӯном бошанд, то ҳаёти ҷовидонӣ насибашон гардад:

*Давлати ҷовид ёфт, ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

Шайх Саъдӣ ба золимон панд медиҳад, ки аз ҳадди одамӣ берун наравананд ва аз мукофоти амал ғофил нашаванд, ба мискинон раҳм кунанд, чунки

*«Ба бозувони тавоною қуввати сари даст*
*Хатост, панҷаи мискини нотавон бишкаст».*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Билохира ӯ онҳоро аз хашми эзадӣ, аз рӯзи растохез хушдор медиҳад:

*Зи гӯш пунба бурун ору доди халқ бидеҳ*
*В-агар ту менадиҳӣ дод, рӯзи доде ҳаст.*

Саъдӣ шоҳони инсоннавозро *«зиллуллоҳи таъоло фил арзи, рабби арзиъанҳу ва разиҳи»* (сояи Худои бузург дар Замин ӯст. Худоё, аз ӯ розӣ бош ва хушнудаш гардон) номида, бо иноят назар кардааст ва таҳсини балиғ ва иродати содиқ намуда, таъкид кардааст, ки *«анносу ъало дини мулукиҳим»* (мардум равиши подшоҳонашон пеш гиранд):

*З-он гаҳ, ки туро бар мани мискин назар аст,*
*Осорам аз Офтоб машҳуртар аст.*
*Гар худ ҳама айбҳо бад-ин банда дар аст,*
*Ҳар айб, ки султон писандад, ҳунар аст.*

Айнан дар рӯзҳои мо ин панди Саъдӣ мавриди амал аст. Мардум аз ҳидоятҳо ва Паёмҳои ҳарсолаи Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон низоми кору рӯзгорашонро роҳандозӣ мекунанд ва ҳар як иқдоми Сарвари давлат мӯҷиби дастгирию пайравии тамоми мардуми Тоҷикистон аст.

Саъдӣ инсонҳоро ба танзими оила даъват мекунад, то зани бисёр ва фарзанди зиёд муҷиби эҷод шудани мушкилӣ дар зиндагии онҳо нагардад. «Яке аз подшоҳон обидеро, ки аёлон дошт, пурсид, ки авқоти азизат чӣ гуна мегузарад? Гуфт: -Ҳама шаб дар муноҷоту дар дуои ҳоҷот ва ҳама рӯз дар банди ихроҷот»

Шайх Саъдӣ махсусан ба шахсони дурӯяе нафрат дорад, ки

*Тарки дунё ба мардум омӯзанд,*
*Хештан симу галла андӯзанд.*

Зеро пайғамбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с) мефармояд: *«Инналлоҳа ло янзуру илло суварикум ва амволикум, валокин янзуру илло қулубикум ва аъмоликум»*, яъне «Ба таҳқиқ Худои таъоло назар намекунад ба сӯи суратҳои Шумо ва амволи Шумо, балки назар мекунад ба сӯи дилҳои Шумо ва аъмоли Шумо». Аз ин нуқтаи назар Саъдӣ инсонҳоро ба ҷавонмардӣ, шикебоӣ ва бахшишу накӯкорӣ даъват мекунад:

*Матоб, эй порсо, рӯй аз гунаҳгор,*
*Ба бахшояндагӣ дар вай назар кун,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Агар ман ноҷавонмардам ба кирдор,*
*Ту бар ман чун ҷавонмардон гузар кун.*

Саъдӣ лар «Гулистон» мардумро ба дӯст доштани якдигар ва ишқ, ки болотарин ва волотарин неъмати худовандист барои инсонҳо, даъват менамояд. Ба қавли Саъдӣ ҳар кас ба дарки он қодир нест, зеро дарди ишқ ҳар касро насиб нахоҳад гашт. «Порсоеро дидам ба муҳаббати шахсе гирифтор, на тоқати сабру на ёрои гуфтор, чандон ки маломат дидию ғаромат кашидӣ, тарки тасобӣ нагуфтию гуфтӣ:

*Кӯтаҳ накунам зи доманат даст,*
*В-ар худ бизанӣ ба теғи тезам.*
*Баъд аз ту малозу малҷае нест,*
*Ҳам дар ту гурезам, ар гурезам».*

Ҳаводорони ишқ хеле зиёданд. Ҳар кас мехоҳад аз ин неъмати лоязолӣ саҳме касб кунад, то ки лаззати ишқро чашида бошад. Ишқ аз нигоҳи ирфон муҳимтарин рукни тариқат аст. Ҳар касро ба ин мақом роҳ нест ва ҳар дил низ шоистаи ин гоҳ нест. Ба ин мақом ва ба ин ҷода танҳо инсони комил роҳ меёбад:

*Ту, ки дар банди хештан бошӣ,*
*Ишқбози дурӯғзан бошӣ.*
*Гар нашояд ба дӯст раҳ бурдан,*
*Шарти ёрист дар талаб мурдан.*

Ҳикояти болоиро идомаашро шунавед. «Боре ба насиҳаташ гуфтанд: - Аз ин хаёли муҳол таҷаннуб кун, ки халқе ҳам бад-ин ҳавас, ки ту дорӣ, асиранду пой дар занҷир. Гуфт:

*Дӯстон гӯ, насиҳатам накунед,*
*Ки маро дида бар иродати ӯст.*
*Ҷангҷӯён ба зӯри панҷаву китф*
*Душманонро кушанду хубон дӯст.*

Ишқ дар таълифоти Саъдӣ маҳсул ва дарки лаҳзаҳои мухталиф аз рӯзгори адиб аст. Дар эҷодиёти Саъдӣ ишқ, муҳаббат, меҳрубонӣ, садоқат рамзи ободии инсон аст. Инсоне, ки аз ишқ, муҳаббат, меҳрубонӣ, садоқат дурӣ меҷӯяд, ба ваҳдати комили инсонҳо нахоҳад расид, зеро инсон бидуни ишқ комил нест, бидуни ишқ таҷаллии рӯҳ дар инсон тира аст. Ба қавли шоир Муҳаммадалии Аҷамӣ «Башар вақте ишқи гумкардаи худро дубора бозмеёбад, комил мешавад ва рӯҳ дар сиришти башар нурбор ва таҷаллибор мегардад. Башар дар ин ҷустуҷӯҳо ва ин ковишҳо худро комил месозад, агар ишқ набуд, ҳеҷ набуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Инсон дар ишқ хулоса мешавад ва ишқ дар инсон. Ишқ дар инсон ошкор шуд ва инсон дар ишқ ошкор гашт. Ишқ таҷаллие аз инсон аст ва инсон таҷаллие аз ишқ аст».

Гузашта аз ин таълифоти Саъдӣ бидуни ишқи воқеӣ пуч ва ҳеҷ аст, зеро аз мутолиаи «Гулистон» бармеояд, ки фитрат, сиришт ва ҳастии Саъдӣ аз азал дар тору пуди ишқ дарҳам танида шудааст ва хонандаи закию нуктасанҷ пас аз мутолиаи «Гулистон» бешак мадюни ишқ хоҳад гашт. Ба сатрҳои зер таваҷҷуҳ кунед:

«Ёд дорам, дар айёми пешин, ки ман ва дӯсте чун ду бодоммағз суҳбат доштем. Ногоҳ иттифоқи мағиб афтод. Пас аз муддате, ки бозомад, итоб кард, ки дар ин муддат қосиде фиристодӣ! Гуфтам:-Дареғ омадам, ки дидаи қосид ба ҷамоли ту равшан гардаду ман маҳрум.

*Ёри дерина маро гӯ, ба забон тавба мадеҳ,*
*Ки маро тавба ба шамшер нахоҳад будан!*
*Рашкам ояд, ки касе сер нигаҳ дар ту кунад,*
*Боз гӯям на, ки кас сер нахоҳад будан!»*

Ба ҳамин тариқ, андешаҳои инсонгароии Шайх Саъдӣ дар «Гулистон» воситаи муҳими таҳкими ваҳдати миллӣ, инсондӯстӣ, меҳру муҳаббат ва ишқу садоқати байниякдигарии инсонҳо буда, дар шароити имрӯза низ қиммати баланди тарбиявӣ ва ҳидояткунандагӣ дорад ва инсонҳоро барои инсони комил шудан ба роҳи ростин, ки роҳи нур ва роҳ ба қалбҳои поку аз кудурат дур аст, далолат мекунанд.

## *1.8.* УФУҚҲОИ ҶУҒРОФИИ ОСОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ на танҳо аҳамияти адабию бадеӣ ва эстетикӣ, балки қимати таърихию ҷуғрофиро низ дорост. Аз ин лиҳоз, таълими ҳаёт ва эҷодиёти Камоли Хуҷандиро барномаи адабиёти тоҷик дар синфи 8 пешбинӣ кардааст ва бо ин мақсад ҳафт соат ҷудо шудааст, дарси охиринро барои омӯзиши уфуқҳои ҷуғрофии осори Камоли Хуҷандӣ бахшидан манфиатбахш аст.

Дар соати аввалини омӯзиши мероси адабии Камоли Хуҷандӣ хонандагонро таъкид намудан лозим аст, ки ҳангоми мутолиаи осори Камоли Хуҷандӣ байтҳои номҳои ҷуғрофидоштаро дар варақчаҳои махсус навишта гиранд, зеро мушоҳидаҳо нишон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

медиҳанд, ки осори Камоли Хуҷандӣ тафсилоти хеле мукаммали номҳои ҷуғрофиро фаро гирифтааст. Барои ин омӯзгор бояд хонандагонро зимни машғулиятҳои мустақилона вазифадор созад, ки ба саволҳои зерин ҷавоб гардонанд:

*1.Дар осори Камол номҳои кадом мамолик, шаҳрҳо, музофотҳо, деҳаҳо, кӯҳҳо ва дарёҳо зикр шудаанд?*

*2.Дар сурати кашидани харитаи номҳои ҷугрофии дар осори Камоли Хуҷандӣ истифодашуда чӣ гуна харитае ба вуҷуд меояд?*

*3.Аз номҳои ҷугрофии корбастгардида кадомашон фаровон ва ба чӣ муносибат тасвир шудаанд?*

Агар мо харитаи номҳои ҷуғрофии корбаст-намудаи Камолро кашиданӣ шавем, он маъмулан се қитъа -Аврупо, Африқо ва Осиёро фаро мегирад. Дар ин миён унвони мамлакатҳо, шаҳрҳо, деҳаҳо ва кӯҳҳою дарёҳои воқеъ дар Арабу Аҷам хеле фаровон зикр шудаанд. Дар байни мамлакатҳо, кишвару вилоятҳо ва деҳаҳои дар асарҳои

Камоли Хуҷандӣ зикршуда номҳои зеринро мушоҳида мекунем: Хуҷанд, Табрез, Шероз, Шом, Самарқанд, Чин, Хутан, Моварооуннаҳр, Миср, Димишқ, Бағдод, Хоразм, Адан, Туркистон, Ҳиндустон, Каъба, Кошон, Басра, Ҳиҷоз, Рум, Ироқ, Исфаҳон, Сарой ва ғайра.

Шогирдонро таъкид бояд кард, ки барои ба миён овардани харитаи ҷуғрофии осори Камоли Хуҷандӣ танҳо феҳрасти номҳоро ба эътибор гирифтан нодуруст хоҳад буд, зеро номбар шудани бисёр ҷойҳо чунин маъно надорад, ки ҳамаашон дар мазмуии ғоявӣ ва бадеии эҷодиёти Камол баробар аҳамият доранд. Бисёр мавзеъҳо бо сабабҳои гуногун фақат номбар шудаанд ва дар тасвири бадеӣ мақоми фаъол надоранд, вале Хуҷанд, Табрез, Сарой, Шероз, Самарқанд барин мавзеъҳо дар осори Камол, ба сабаби ба рӯзгори шоир алоқамаидии зич доштанашон, бештар ба чашм мерасанд.

Дар девони Камол унвонии дарёҳои Сурхоб, Фурот, Нил, Хуҷанд (Сир), Даҷла, Ҷайҳун, Уммон, Чарандоб, Гиҷил, баҳри Хазар (Каспий) ва ҳавзи Кавсар, кӯҳҳои Мевагул, Тур, Валиёнкӯҳ ёд шудааст.

Хуҷанд мавзеест, ки Камол он ҷо чашм ба олами ҳастӣ кушодааст, дар оғӯши зебоманзари он ба воя расидааст, ҷоест, ки волидон, хешу ақрабои шоир он ҷо зиндагӣ кардаанд. Аз ин ҷо ҳар резаи сангу пораи кӯҳи диёр, обҳои зулол ва боғу бӯстонҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

он барои Камол азиз аст.

*Бо лутфи табъ мардуми Шероз аст Камол,*
*Бовар намекунанд, ки гӯям: Хуҷандиям.*
*(Камоли Хуҷандӣ,ҷ.1,1985, 128).*

Камол ифтихор дорад, ки то рӯзгори ӯ чунин шоири баркамолеро дар Хуҷанд чашми касе надида ва гӯши касе нашунида. Дар ҳақиқат Камол камоли Хуҷанд ва ифтихори он аст:

*Гар биҷӯянд ба сад қарн наёбанд, Камол,*
*Булбуле чун ту ғазалҳои ба чаманҳои Хуҷанд.*
*(*Камоли Хуҷандӣ,ҷ.1,1985,518).

Воқеан, дар фарҳангҳои муътабар, аз қабили «Бурҳони қотеъ», «Ғиёсу-л-луғот» ва дигарҳо Хуҷанд ба туфайли зодгоҳи Камоли Хуҷандӣ буданаш ёд шудааст: «Хуҷандӣ- хаббозӣ, мардуми саодатманд; номи қасабаест дар Мовароуннаҳр, ки мулаллади Камол аст» (Девонақулов, 1989, 198).

Камол аз оби Хуҷанд - Сирдарё, кӯҳи муқобили он Мевагул ёдовар шуда мегӯяд:

*Аз оби Хуҷанд бигзарад кӯҳ,*
*Дар шаҳри ту ин ба ҷуз масал нест.*
*Ин дур(р) на дар ин ҳақир дарёст,*
*В-ин лаъл ба кӯҳи Мевагул нест.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,130).*

Ғазалҳои Камолро аз меваҷоти Хуҷанд лазизтар донистаанд:

*Офарин бар ибораги ту, Камол,*
*Худ туро эхтиёҷи таҳсин нест,*
*Мевае,к-аз Хуҷанд меоранд,*
*Инчунин обдору ширин нест.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,41).*

Камоли Хуҷандӣ номҳои ҷуғрофии Самарқанд, Шероз ва Румро баъзан дар радифи Хуҷанд овардааст ва зодгоҳашро ба ин мавзеъҳо, ки диёри шоирхезанд ва адибони маъруф доранд, ба хотири шуҳрати ашъори худаш ҳамқутб меҳисобад.

Камол Самарқандро ҳамчун макони себҳои ширин ба қалам додааст, вале занахдону лаби маъшуқаро аз себи самарқандӣ сафедтар ва аз анори шириндонаи хуҷандӣ лазизтар шуморидааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Гуфтам: аз себи Самарқандӣ беҳу нори Хуҷанд,*
*Бо занахдону лаби чун қанд гуфто: беҳ набуд.*
*(Камоли Хуҷандӣ,ҷ.1,1985,308).*

Шоир дар ҷойи дигар на Самарқандӣ, балки махсус Хуҷандӣ буданашро бо ифтихори бепоён зикр кардааст:

*Ба назму наср гирифтам, ки Саъдии вақтам,*
*Ки ман аз хоки Хуҷандам, ту аз Самарқандӣ.*
*(Камоли Хуҷандӣ,ҷ.2,1985, 429).*

Дар девони камол Самарқанд бо шарофати шакарангураш низ ёд шудааст:

*Аз шакарангури Самарқандиён,*
*Себи занахдони ту ширинтар аст.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,160).*

Камол номи Шерозро низ фаровон истифода кардааст ва аксаран дар муқоиса бо Хуҷанд онро овардааст:

*Хоки Хуҷандро, ки зи Шероз кам ниҳанд,*
*Омад ба рӯзгори ту обе ба рӯйи кор .*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,518).*

Камол бо ифтихор ашъори худро аз ашъори Саъдӣ, ки зодаи Шероз аст, кам намеҳисобад:

*Дар шакар рез фикри хеш, Камол,*
*Қадри ҳар як сухан муқаррар соз,*
*То биёяд ба чошнигирӣ*
*Шакар аз Мисру Саъдӣ аз Шероз*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,545*).

Дар ҷойи дигар Камол бо ифтихор мегӯяд, ки Басраву Бағдоду Табрезу Рум Ҳасани Басрӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Шамси Табрезӣ, Ҷалолиддини Румӣ барин пешвоёни тариқати сӯфияро ба дунё эҳдо карда бошад, хоки Хуҷанд аз ин кам нест, чунки ӯ барин шайхро офаридааст, ки «гард аз фалаку башар баровардааст»:

***Нахли маданӣ*[1] *самар баровард,***
*Паҳлуи рутаб шакар баровард.*

---

[1] Мураттибон ба ҷойи вожаи «нахли мадди най» ибораи «нахли маданӣ»-ро корбаст кардаанд, ки орӣ аз маъност. «Нахли мадди най самар баровард», яъне найшакар баъди аз шакар холӣ шуданаш соҳиби овоз, садо ва нола шуд, ки нисбат ба шакар самарааш хубтар аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Омад Ҳасани дигар ба Басра,*
*Нахлаш рутаби дигар баровард.*
*Дар Дачла бирафт пири Бағдод,*
*Дарё ивазаш гуҳар баровард...*
*Аз равзана офтоби Табрез,*
*Дар хона бирафту зар баровард.*
*Румӣ ба замини Рум зад нақб,*
*Аз хоки Хуҷанд сар баровард.*
*З-он хок Камол доман афшонд,*
*Гард аз малаку башар баровард.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,482)*

Шоир бо тафохури бепоён изҳор мекунад, ки табъи қаламкашони Туркистон, ки Хуҷанд низ пораи он аст, аз табъи Мавлонои Рум пасттар нест ва бо ин васила шогирд пайрави Ҷалолиддини Балхӣ будани худро эълон медорад:

*Ба Туркистон биё, он хок дарёб,*
*Агар дар Рум Мавлоно наёбӣ.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,344).*

Камол номи Мовароуннаҳрро низ дар иртибот бо Хуҷанд зикр кардааст:

*Чу бинад нори хандонат хуҷандӣ,*
*Бигӯяд бо ту, аллаҳ, хоҷа, он чист?...*
*Зи ту чашми Камол аз гиря хун аст,*
*Туро бо мовароуннаҳриён чист?*
(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,236).

Исми Табрез низ дар осори Камол фаровон мавриди истифода қарор гирифтааст, чунки шоир Табрезро ватани дуюми худ медонад ва барояш хоки Табрез, Валиёнкӯҳ, Сурхоб, Чарандоб ва оби Гиҷил чун ҳар резаи хоку санги Хуҷанд, боғоти зебову кӯҳи Мевагул, оби ҷонбахши Хуҷанд (Сайҳун, Сирдарё) азизу мукаррам аст:

*Табрез маро ба ҷойи ҷон хоҳад буд,*
*Пайваста маро вирди забон хоҳад буд,*
*То дарнакашам оби Чарандобу Гиҷил,*
*Сурхоб зи чашми ман равон хоҳад буд.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,76).*

Е ки:

*Зоҳидо, ту биҳишт ҷӯ, ки Камол,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

*Валиёнкӯҳ хоҳаду Табрез.*

*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,7*).

Дар осори Камол мавзеи ҷуғрофии Сарой ба тарҷумаи ҳолаш сахт марбут аст. Шоир дар як маврид дар Сарой асир буданашро тавассути боди баҳорӣ хабар медиҳад, вале аз мазмуни шеър маълум мешавад, ки ӯ асири одӣ нест, балки асири зебосанамони Сарой аст, чунки вай «ба шаҳри Чин асирам» мегӯяд. Гумон меравад, ки шоир номи Чинро ба маънои Хутан овардааст, чунки Хутан бо хушбӯиҳо ва зебосанамонаш машҳур буд:

*Эй боди баҳор, к-аз ту хушбӯст,*
*Маҷлис ба равоеҳи абирам,*
*Бигзар ба Хуҷанду гӯ ба ёрон*
*Аз ман, ки ба шаҳри Чин асирам.*

*(Камоли Хуҷандӣ ,1985,ҷ.2,152).*

Дар мавриди дигар Камол аз зиндагиаш дар Сарой изҳори қаноатмандӣ мекунад:

*Бӯстонест Сарой аз гули он рӯй, Камол,*
*Ба Сарой омадӣ, эй булбули хушгӯ, бисарой.*

*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,325).*

Гоҳо шоир аз Сарой ошуфтаҳол асту ёди ёру диёр ӯро сӯйи Табрез мекашад:

*Шаҳри Сарой чун дилат ошуфта шуд, Камол,*
*Вақт аст, агар азимати Табрез мекунӣ.*

*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,417).*

Номи ҷуғрофии Чин ба замми ҳолати фавқ, дар дигар мавридҳо ба туфайли мушкаш (нофаи Чин), суратгарону наққошон ва маҳвашонаш ёд шудааст:

*Мушк бар гардани он турк хато аст зи зулф,*
*Бути Чинаш магар оварда хироҷ аз Хутан аст*

*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,213).*

*Гар сурати Чин бо рухи хуби ту ба даъвост,*
*Он ҷо ҳамагӣ сурату ин ҷо ҳама маъност.*

*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,202).*

*Гуфтамаш: аз даҳонат, эй бути Чин,*
*Коми ман ғайри лаб газидан нест,*
*Чин дар абру фиканду гуфт, Камол,*
*Нақши Чин ҷуз барои дидан нест .*

*(Камоли Хуҷандӣ, 1985, ҷ.1,101).*

Ба ҳамин монанд адиб номҳои Мисрро ба муносибати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

қандаш, Шомро бо шарофати шишааш, Аданро бо дурри гаронбаҳояш корбаст кардааст:

*Он даҳони танг бингар пур зи гуфтори Камол,*
*Он ки бошад қанди Мисраш,з-ин шакар дар нанг нест.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,25)*

*Ҷойи дилҳои нозук аст он зулф,*
*Беҳтарин обгина дар Шом аст.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,189).*

*Абр дурҳои Адан пеши гулу савсан кашид,*
*Бод дарҳои чаман бар рӯйи гулрӯён кушод.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,387).*

Шоир дар мавридҳои дигар Мисрро ба туфайли Юсуф ва дарёи Нил ёдовар шудааст:

*Нили Миср аст ду чашми ману ту Юсуфи Миср,*
*Баҳри наззора, Худоро, биншин бар лаби Нил.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2, 68).*

Камоли Хуҷандӣ мавзеъҳои ҷуғрофии Исфаҳон, Кошон, Ироқ ва Хиндустонро ба шарофати шоирон Салмони Совачӣ, Ҳофиз Ироқӣ, Амир Хусрав, Камоли Исфаҳонӣ ва Камоли Кошӣ ёд кардааст ва ифтихоромез афзалияти шеъри худро ҳушдор додааст:

*Камол, аҳсант гӯ, бурдӣ ба ширингӯӣ аз Хусрав,*
*Чунин тутӣ ба Ҳиндустон агар бошад, аҷаб бошад.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,338).*

*Камол, ар як сухан з-ин шеър дар хоки Ироқ афтад,*
*Чу мӯ аз байни борикӣ бичинад чашми Салмонаш.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2, 43).*

*Бишкаст, Камол, аз суханат қадри Камолайн,*
*Чун аз гуҳари лаъли Сипоҳониву Кошӣ .*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,415).*

*Маро ҳаст аксар ғазал ҳафт байт,*
*Чу гуфтори Салмон нарафта зиёд,*
*Ки Ҳофиз ҳамехонадаш дар Ироқ,*
*Баланду равон ҳамчу Сабъи Шадод.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2, 440).*

Дар осори Камол номи дарёҳо низ хеле фаровон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар аксари ҳолатҳо шоир селоби дидагони худро ба дарёҳои Ҷайҳун, Хоразм, Уммон, Даҷла монанд кардааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1. *Зи селоби миҷгон дуруди Камол,*
*Ба Ҷайҳуну Уммону Хоразм расон.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,221)*

2. *Бо сиришкам Даҷлаву Ҷайҳун ду ёри ошност,*
*Аз ду рӯди дидаи мо бод бар ёрон дуруд.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,308)*

3. *Ашк аз Димишқ, дида зи савдои Мисри дил,*
*Монанди сели Даҷлаи Бағдод меравад.*
(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,178)

Дарёи Фурот дар ашъори Камол танҳо барои сифаташ зикр шудааст:

*Баски пеши ту рафт зикри Фурот,*
*Сифати об кард ташнатарат.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,151).*

Дар осори Камол дар як ҷо номи баҳри Хазар (Каспий) низ сабт шудааст:

*Гуфтам: ба лаби лаълу хатти сабзи равонбахш,*
*Оби Хизирӣ ё Хазарӣ? Гуфт, ки: ҳарду.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,274).*

Камол номи ҳавзи Кавсарро низ ба муносибати тасвири ҳусну латофати ёр овардааст:

*Дар Кавсар агар акс фитад з-он қаду рухсор,*
*Гӯянд, ки дар равза ду ризвону ду тӯбост.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1, 202).*

Кӯҳи Тӯр-кӯҳе, ки дар он ҷо ҳазрати Мусо бо Худо роз гуфтааст, дар осори Камол ҳамчун номи ҷуғрофӣ номбар шуда, партави рӯйи ёр бо таҷаллии анвори Илоҳӣ монанд шудааст:

*Аз партави рӯйи ту ҷаноби сари он кӯй,*
*Тӯрест, ки он ҷо ҳама анвори таҷаллост.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,202).*

Хулоса, Камоли Хуҷандӣ номҳои ҷуғрофиро дар осораш бо як дили махсуси шоирона, дар лаҳзаҳои мувофиқ мавриди истифода қарор дода, бо ҳамин васила образнокӣ, мавзунӣ ва хаёлангезии шеърашро таъмин кардааст. Бемуҳобот шеъри Камол нотакрор ва лутфи суханаш шаҳдбор аст:

*Дар сухан лутфи илоҳӣ ба ту ёр аст, Камол,*
*Варна сад сол ба фикр ин суханон натвон ёфт.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,80).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 1.8.УФУҚҲОИ ҶУҒРОФИИ ОСОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

Дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ваҳдати миллӣ ва меҳандӯстӣ даъват намудани мардум, алалхусус ҷавонону наврасон аст. Дар иртибот ба ин нахуст ба шогирдон гӯшзад бояд намуд, ки ҳанӯз сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик устод Рӯдакӣ туфайли ашъори дар васфи Бухоро гуфтааш («Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ…», «Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд…», «Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост…» ва монанди инҳо) ба ашъори ватанхоҳона ибтидо гузошта буд. «Фирдавсии бузургро меҳри Ватан водор намуд, ки ба эҳёи «Шоҳнома» пардозад, то ин ки арзишҳои аҷдодии ба фано расидаро аз нав эҳё намояд» (Эмомалӣ Раҳмон). Камоли Хуҷандӣ маҳз ин анъанаро давом додааст.

Ногуфта намонад, ки барномаи адабиёти тоҷик барои таълими Камоли Хуҷандӣ дар синфи 8 ҳафт соат бахшидааст. Муаллим имконияти васеъ дорад, ки ҳини баёни саргузашти шоир ва таҳлили осори ӯ шогирдонро дар рӯҳияи муҳаббат ба зодбум тарбия намояд. Омӯзгорро лозим аст, ки қабл аз таҳлили ашъори ватанхоҳонаи Камол барои хонандагон калимаи «ватан»-ро ташреҳ диҳад. Ба иттилои шогирдон бояд расонид, ки Ватан кишвару сарзаминест, ки бо масоҳату табиат, сарватҳои табиӣ, аҳли бош, сохти иҷтимоӣ, махсусияти забону тамаддун, тарзи тафаккуру рӯҳу равон ва авзоъ, психология, маишат ва маънавияту ахлоқаш таърихан ба ин ё он халқ мутааллик аст. Дар луғатҳо Ватанро чун «Ҷойи бош ва ҷойи истиқомат ва хӯру меҳан ва нишеман ва ҷое, ки шахс зоида шуда ва нашъунамо карда ва парвариш ёфта ва мақому маскун» дорад. (Алиакбари Нафисӣ. Фарҳанги Нафисӣ. Ҷилди 5-Теҳрон,1334 ҳ.ш.-С. 3871) эзоҳ додаанд.

Ба хонандагон таъкид бояд кард, ки соҳибназарон Ватанро хурд ва бузург номидаанд. Ватани умумӣ ва бузурги мо Тоҷикистон аст, вале ватани хурд асосан маънии зодгоҳ, маҳалли зист ва мавзеи камолоти инсонро дорад. Адибони гузашта Ватанро танҳо ба маънии зодбум (ватани хурд) истифода кардаанд.

*Мақсади шамъ сайри хештан аст,*<br>
*Ҳар куҷо чашм во шавад, ватан аст.* (*Бедил*)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Камоли Хуҷандӣ ҳатто як гӯшаи хилват, маҳалли оромию осоиш ва фароғатро низ «ватан» хондааст:

*Ҳеҷ шаб, эй маҳ, аз ватан ҷониби мо наёмадӣ,*
*Ҳамчун шаҳон ба марҳамат сӯйи гадо наёмадӣ.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,418).*

Ба диққати хонандагон расонидани суханони зерини Карамзин аз асараш «Таърихи давлатдории Рус» аз аҳамият холӣ нест: «Барои дилбастагии худро бо ватан ҳис кардан боястӣ ҳатман аз он ғариб гардӣ. (Рӯзномаи «Самар», 18.04.97). Таъкид бояд намуд,ки маҳз ҳини ғурбат Камоли Хуҷандӣ муҳаббати бештари худро ба ватанаш Хуҷанд эҳсос намуд:

*То уд ҷон насӯхт, ба чашмам ватан насохт,*
*Оре, парӣ ба хонаи мардум ба бӯ равад.*
(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,277).

Ё ки:

*Дил буд ба ҷон омада дар тан зи ғарибӣ,*
*Дар зулфи ту бозаш кашиши ҳубби ватан бурд*
(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,283).

Барои Камол ватан ифтихор, шаъну шараф, нангу номус, виҷдон ва обрӯю эътибор мебошад. Вай ватанро азизтарин ва ноёбтарин сервату неъмат медонад ва онро бо ҳеҷ чизе иваз карданӣ нест, чунки ватан сарнавишту қисматаш аст, ки аз ибтидо ба ӯ мерос мондааст. Ватан барои шоир биҳишт аст:

*Хоки дарат ба чашми ман аз сад чаман беҳ аст,*
*Боғе хуш аст оразат, аммо зақан беҳ аст.*
*Кӯйи ту хоҳад ин дили овора бе биҳишт,*
*Мурғи ғарибро зи гулистон ватан беҳ аст.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,115).*

Ҳунари шоирии Камол ва қудрати қаламу парвози хаёли ӯ дар он зоҳир мегардад, ки шоир мавзӯи маҳаллӣ ё соф миллиро ба пояи баланди башарпарварӣ мебардорад ва тавассути мавзӯи маҳал чунон хулосаҳое мебарорад,ки аҳамияти умумимиллӣ ва умумибашарӣ дошта, қобили эътирофу ниёзмандиҳои башар аст:

*Румӣ ба замини Рум зад нақб,*
*Аз хоки Хуҷанд сар баровард.*
*З-он хок Камол доман афшонд,*
*Гард аз малаку башар баровард.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,482).*

Аз қадим дар байни мардуми мусулмон чунин ҳадиси



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пайғамбари ислом машҳур аст: «Хуббул ватани минал имони» (Ватанро дӯст доштан аз имон аст). Камол низ ба он ишора кардааст:

*Хоки пояш дӯст дорад рӯйи ман,*
*Нест айб, эй дӯстон, ҳуббулватан.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,216).*

Камол мафҳуми ватанро дар зодбуми худ, дар ҳар сангу резаи кӯҳи диёр, обҳои зулол ва меваҳои шаҳдбори он мебинад. Шоир аз оби Хуҷанд (Сирдарё), кӯҳи муқобили он-Мевагул ёдовар шуда, мегӯяд:

*Аз оби Хуҷанд бигзарад кӯҳ,*
*Дар шаҳри ту ин ба ҷуз масал нест.*
*Ин дурр на дар ин ҳақирдарёст,*
*В-ин лаъл ба кӯҳи Мевагул нест.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,130).*

Ҳатто Камол дар қасидаи ягонаи мадҳиявиаш шеъри худро бо кӯҳи Хуҷанд аз ҷиҳати баландию мустаҳкамиаш баробар мебинад:

*Чун кӯҳи Хуҷанд омад ин шеър,*
*Бо обу баландному маҳкам .*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,4).*

Камол тамоми умр тамъи меваҷоти зодгоҳашро аз даҳонаш дур карда наметавонист ва сифати меваҳои ширину обдори Хуҷандро шуҳрайи офоқ мекард. Дар баробари ин лаззати суханашро аз меваҳои зодгоҳаш ҳам ширинтар медонист:

*Офарин бар ибора ти ту, Камол,*
*Худ туро эҳтиёҷи таҳсин нест.*
*Мевае, к-аз Хуҷанд меоранд,*
*Инчунин обдору ширин нест*
*(Камоли Хуҷандӣ,11,241).*

Шоир дар байте занахдони қаҳрамони лирикиро бо себи сафеди самарқандӣ ва лабашро бо анори сурху шириндонаи хуҷандӣ қиёс кардааст:

*Гуфтам: аз себи самарқандӣ беҳу нори Хуҷанд,*
*Бо занахдону лаби чун қанд гуфто: беҳ набуд.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,308).*

Камоли Хуҷандӣ тамоми умр аз хуҷандӣ буданаш ифтихор доштааст:

*Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Бовар намекунанд,ки гӯям: хуҷандиям.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,128).*

Е ки:

*Хоки Хуҷандро,ки аз Шероз кам ниҳанд,*
***Орад** (1) ба рӯзгори ту обе ба рӯйи кор.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,535).*

(1. Мантиқи шеър талаб мекунад, ки «Омад» не, «Орад» бояд бошад, вале дар девони шоир дар шакли «Орад» омадааст).

Ё ки:

*Гар биҷӯянд ба сад қарн наёбанд, Камол,*
*Булбуле чун ту ғазалхон ба чаманҳои Хуҷанд.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,518)*

Васфи зодгоҳ ҳаргиз маҳдудият ба ҷоҳу ҷалол ва манзили худ набуда, балки майлу мароқи диқиқу кунҷковона ба маҳал, ба зодбуми худ ва мақому мавқеи ин олами сағир дар олами кабир аст. Аз ин нигоҳ, ҳақ бар ҷониби Камол аст, ки бо ифтихор зодбумашро ном мебарад:

*Ба назму наср гирифтам, ки Саъдии вақтам,*
*Ки ман зи хоки Хуҷандам, ту аз Самарқандӣ.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,429).*

Камол бо тафохури бепоён хуҷандӣ будани худро эълон медорад:

*Гӯиям ҳар дам, ки берун рав, Камол, аз шаҳри мо,*
*Ин самарқандигариҳо бо хуҷандӣ то ба кай?*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,323).*

Шахсе, ки ватани худ, падару модари худро дӯст дорад, ватани дигарон, халқҳои дигарро низ дӯст дошта метавонад. Камоли Хуҷандӣ, ки як умр ҳаёти дур аз ёру диёр гузаронида:

*Дил муқими кӯйи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,*
*Чун кунад бечораи мискинтану танҳо ғариб...*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,57).*

(Гумон меравад, ки шакли саҳеҳи байт чунин бояд бошад:

«*Дил муқими кӯйи ҷонон асту тан ин ҷо ғариб,*
*Чун кунад бечораи мискин тани танҳо ғариб...*»,

вале мантиқнописандиҳои нусхабардорон раҳнае бар накди байт ворид сохтааст, зеро шоир чун «дил» гуфт, бояд ҳатман «тан» гӯяд, на «ман») гӯён нолаҳои ҷонхарош мекард ва мегуфт:

*Дилам ба зулфи ту чун аст аз ин ғариб мапурс*
*Ки шом чун гузарад бар ғариб, ман донам.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,124).*

Ҳамин ҳисси ватандӯстӣ ба Камол имконият дод, ки Табрезро низ ватани дуюми худ хонад:

*Табрез маро ба ҷойи ҷон хоҳад буд,*
*Пайваста маро вирди забон хоҳад буд,*
*То дар кашам оби Чарандобу Гиҷил,*
*Сурхоб зи чашми ман равон хоҳад буд.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.1,76).*

Камоли Хуҷандӣ дар асорату ғарибӣ бештар қадри ватанро эҳсос менамуд ва ёрони хуҷандиро тавассути боди баҳорӣ аз вазъи худ огоҳ месохт:

*Эй боди баҳор, к-аз хушбӯст,*
*Маҷлис ба равоеҳи абирам,*
*Бигзар ба Хуҷанду гӯ ба ёрон,*
*Аз ман, ки ба шаҳри Чин асирам.*
*(Камоли Хуҷандӣ,1985,ҷ.2,152).*

Нақл мекунанд, ки Камол дар шеъри лаҳзаи вопасини умр гуфтааш низ калимаи Ватанро ба забон оварда ҷон додааст:

*Бо субҳ бигӯед, ки бевақт мазан дам,*
*Имшаб шаби васл аст, нигаҳ дор қафасро.*
*Чун дид Камол он сари кӯ, тарки ватан кард,*
*Булбул ба чаман дид, раҳо кард қафасро.*
*(Аълохон Афсаҳзод. Камоли Хуҷандӣ.-Душанбе, 1967, 14).*

Ҳатто байти машҳури

*«Атри кафан зи хоки ватан кардам орзу,*
*Во ҳасрато, ки мебарам ин орзу ба хок»*-ро

низ нависанда Абдулҳамиди Самад ва фақеҳи машҳур Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода ба Камоли Хуҷандӣ нисбат медиҳанд.

Дар фуроварди сухан, ё дар сароғози он шарҳ додани истилоҳи «Хуҷанд», сайри таърихӣ ба гузаштаи дури он ва ба ҳамин васила нойил гардидан ба таълими алоқамандонаи фанҳои забон ва адабиёт аз манфиат холӣ нест.

Ба маълумоти шогирдон боист расонид, ки Хуҷанд аз рӯйи баъзе андешаҳо аз ду калимаи қадима - «хвар» ва «қанд» (Хварқанд) ба маънии «макони офтобрӯя» ба вуҷуд омадааст. Маънии луғавии ин калима дар фарҳангҳои муътабар, аз қабили «Бурҳони қотеъ», «Ғиёс-ул-луғот» ва дигарон чунин сабт



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шудааст: «Хуҷанд - **хаббозӣ** [2], мардуми саодатманд; номи қасабаест дар Мовароуннаҳр, ки муваллади Камол аст».

Дар охир таъкид бояд кард, ки маҳз тавассути мутолиаи ашъори ватанхоҳонаи Камоли Хуҷандӣ барин шоирон мо метавонем хонаи хурди падарро бо хонаи бузургу умедгоҳи халқ-Тоҷикистон, кӯчаи танги деҳаро бо кӯчаҳои азиму фарохи шаҳрҳои Ватан ва дарахти дари хонаамонро бо дарахти зиндагӣ, бо дарахти азиме, ки ба мо самар медиҳаду соябони сарамон аст, сахт пайваст намоем. Шоир Муъмин Қаноат ин маъниро дар ашъори шайх Камол хеле амиқ дарк кардааст ва онро дар шеъри «Роҳи Табрезу Хуҷанд» («Самар»//№2,18.04.97) хеле моҳирона ба риштаи тасвир кашидааст:

*Шайх, то Табрезро бар ҷойи ҷонат хондаӣ,*
*Рафтаву аз баҳри мо нақши гарибӣ мондаӣ.*
*Аз камоли ишқ меояд зулоли шеъри ту,*
*Метаровад з-он тараб ҳам гиряи шабгири ту.*
*Роҳи Табрезу Хуҷанд аз лутфи ту гулрез шуд,*
*То гизоли мо рамид, омад газаломез шуд.*
*Аз Хуҷанду аз Самарқанду зи Хоразму Сарой,*
*Дарди ҳиҷрон мебарояд аз наистону зи ной.*
*Восили ҳақ гаштаву дар роҳи ҳақ саргаштаӣ,*
*Қутби орифон бошад, ту аз он бигзаштаӣ.*
*То ба кай дар гӯшаи узлат нишинӣ, эй Камол,*
*Пир шуд меҳри арӯсат аз таманнои висол.*
*Сангҳои роҳи ту гаштанд шеъри парниён,*
*Дар тариқи шарқиёну дар масири гарбиён.*

## 1.10. САЁҲАТИ АДАБӢ-КИШВАРШИНОСӢ БА МАҚБАРАИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

*Макун бовар суханҳои шунида,*
*Шунида кай бувад монанди дида.*
*(Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ)*

Саёҳат ё экскурсияи адабӣ – кишваршиносӣ «Шакл ва усулҳои таълиму тарбияест, ки мушоҳида ва омӯхтани ашёву ҳодисаҳоро

---

[2] **Хаббозӣ** - нонпазӣ; гуле, ки малҳами дарди инсон аст; хитмий).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар ҳолати табиӣ ва муқаррариашон дар назар дорад» (1, 288), пас аз муайян намудани мавзеи таҳқиқ, сохтани харитаи он, мутолиаи сарчашмаҳои марбут ба мавзӯи адабии маҳалли мавриди таҳқиқ қароргирифта роҳандозӣ мегардад.

Яке аз беҳтарин роҳҳои тарғиби маводи адабӣ – кишваршиносӣ дар раванди таълими забон ва адабиёти тоҷик ин ташкили дарс – саёҳат аст. Дар таҷрибаи мактабҳои ҷумҳурӣ шиносонидани хонандагон ба ҷойҳои таърихӣ, намоишгоҳҳо, осорхона ва мақбараи адибон, кошонаи шоирону нависандагон кайҳо боз ба ҳукми анъана даромадааст.

Қабл аз саёҳат ба мавзеъҳои таърихӣ хонандагонро пешакӣ омода бояд кард. Муаллимаи забон ва адабиёти мактаби миёнаи №3-и шаҳри Кӯлоб Ойимгул Мирзоева қабл аз он ки хонандагонро ба саёҳат барои мушоҳидаи мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барад, ба хонандагон мефармояд, ки асарҳои ба ҳаёту эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бахшидашударо хонанд. Тавассути китоби «Насиҳатномаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» (Кӯлоб, 1993), ки ба 680-солагии он бузургвор бахшида шуда буд, ба намунаи ғазалиёт, наът, рубоӣ ва қитъаот, маснавии «Ҳафт водӣ», рисолаҳои «Минҳоҷу-л-орифин», «Захирату-л-мулук», «Сайру-л-толибин», «Футутия», «Қиёфанома», «Қудусияи амирия» ва «Мактуботи амирия» ва дигар асарҳои ин бузургвор шинос мешаванд. Шеърҳои шоирони маҳаллии Кӯлоб ва адибони ҷумҳуриро дар васфи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мехонанд, онҳоро навишта мегиранд, аз рӯйи мундариҷаи ашъори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ маърӯзаҳо тайёр менамоянд. Пас аз омодагии комил аввал хонандагонро ба таври ғоибона бо марқади ҳазрати Амирҷон шинос менамояд. Рӯзи дигар хонандагонро бевосита ба саёҳати адабӣ – кишваршиносӣ сафарбар менамояд.

Ҳангоми саёҳат ҳар як хонандаро назорат кардан даркор аст, ки мустақилона маводи дидаашро бо маълумоти хондааш муқоиса кунанд, ақидаҳои якдигарро фаҳмида гиранд. Шарҳи омӯзгор ҳангоми саёҳат ба хонандагон имконият медиҳад, ки ҷойҳои норавшани саёҳаташонро пурра намоянд. Масалан, муаллима Оимгул Мирзоева хонандагонро ба назди марқади Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оварда чунин мегӯяд:

*Эй дил, агарат матлаби файзи ду ҷаҳон аст,*
*Рӯ бар дари шоҳаншаҳи Мири Ҳамадон аст (2,75).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ин мисраъҳои овардаи муаллима дарҳол хонандагон номҳои Мир Сайид Алии Ҳамадониро, ки Мири Кабир, ҳазрати Амирҷон, Шоҳи Ҳамадон, Алии Сонӣ, Сиёпӯш низ меномидандаш, ба хотир оваранд.

Баробари дохили мақбара гардидан муаллима ин мисраъҳоро ба забон меоварад:

*Шоҳи Ҳамадон ба мулки Хатлон хоб аст,*
*Андар бараш Офтоби тобон хоб аст.*
*Сайид Муҳаммад – он гуҳари покнажод,*
*Хуҷисталиқо – Моҳи Хуросон хоб аст (3,4).*

Аз ин муқаддима хонандагон пай хоҳанд бурд, ки дар зиёратҷо марқади аз ҳама бузург аз они Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буда, дар паҳлуи ӯ занаш – Офтоби тобон, сипас, писараш – Сайид Муҳаммад ва духтараш – Моҳи Хуросон дафн шудаанд.

Ҳангоми саёҳати адабӣ – кишваршиносӣ хонандагон бояд ҳатман рӯзномаи шахсӣ дошта бошанд, то ки тамоми дидаю шунида ва таассуроташонро дар он сабт намоянд.

Хонандаи синфи 8-уми мактаби миёнаи №3, шаҳри Кӯлоб Саёҳат Музаффарова ҳангоми тамошои марқади Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чунин сатрҳоро дар рӯзномааш қайд кардааст ва баъдтар онро дар иншояш низ ба кор бурдааст:

*«Аз Ҳамадон нури вай омад падид,*
*Оқибат он нур ба Хатлон расид.*
*Маккаи сонӣ Ҳамадонро бигӯ,*
*Ясриби сонӣ шуда Хатлони ӯ.*

Мо дар назди мақбараи ҳазрати Амирҷонем. Ходимони осорхона пешвозамон гирифтанд. Аз чӣ бошад, ки дилам аз будаш зиёд мезанад. Як навъ воҳима маро зер кардааст. Нақл карданд, ки номи аслии ҳазрати Амирҷон Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ будааст. Баъди маргаш шогирдон ва писараш болои гӯри ӯ мақбараи зебое сохтаанд, ки чоркунҷа буда, болояшро гумбази боҳашамате оро медод. Шакли ҳозираи ҳуҷраро баъдтар сохтаанд. Мақбара ҳашт ҳуҷра ва чор чиллахона дорад. Мегӯянд, ки ҳаҷми умумии мақбара зиёда аз 600 метри мураббаъро ташкил медиҳад. Болои боми мақбараро ҳафт гунбази гуногунҳаҷму гуногуншакл зинат медиҳад, ки аз ҳама калонаш дар болои марқади ҳазрати Амирҷон дуқабата аст. Мақбара шаш дари даромад доштааст. Мо аз тарафи шимолу ғарбии мақбара



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вориди он шудем, вале аслан пештоқ ва даромадгоҳи асосӣ аз тарафи ҷанубу шарқӣ ҷойгир аст. Аввал мақбараи ҳазрати Амирҷонро зиёрат кардем, сипас, мақбараҳои писараш – Сайид Муҳаммад, ҳамсараш – Офтоби тобон, духтараш – Моҳи Хуросон, аввалин ходими мазор – шайх Шоҳи Толиқониро дидем. Ҳамаи ҳуҷраҳо ҷониби мақбараи ҳазрати Амирҷон даромадгоҳ доранд. Дар назари одам ин оромгоҳ силсилаи яклухти меъмориеро мемонад, ки росткунҷаи нобаробармонанд аст. Тамоми бино аз хишти пухта бунёд шудааст. Мегӯянд, ки қабрҳои дар дохили мақбарабуда рамзианд. Гӯрҳои аслӣ ё сағонаҳо дар таҳхонаи мақбара будааст. Дар паҳлуи мақбара болои суфаи аз санги сурхи мармар чидашуда гавҳорасанги аз мармари сиёҳ нақшиншударо дидем, ки дар болою ду тарафаш ояте аз сураи «Бақараи» «Қуръон» ва насабномаи Алии Ҳамадонӣ зикр гардидааст. Гӯё ин санги яктоннагиро дар болои фил аз мулки Ҳинд овардаанд. Нақл карданд, ки дар таги санг сағонае ҷой дорад, ки дар он муқаррабони ҳазрати Амирҷон дафн шудаанд».

Саёҳати адабӣ – кишваршиносӣ ба мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, сабти дурусту ҳаматарафаи рӯзномаи саёҳат, мушоҳидаи назарногиртарин гӯшаҳои мақбара, мутолиаи сарчашмаҳои илмии таърихию адабӣ роҷеъ ба Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки иншоҳои ҷолиби адабӣ-эҷодӣ нависанд. Чунончи, хонандаи синфи 10-уми мактаби миёнаи рақами 3, шаҳри Кӯлоб Шаҳлои Амирхонзода бо роҳнамоии муаллимаи фанни забон ва адабиёти тоҷик Оимгул Мирзоева иншои адабӣ – эҷодии хеле шавқовар ва баҳсбарангез навиштааст.

*«Дар ба дар мерав мегард кӯ ба кӯ,*
*Ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ кун, ҷустуҷӯ.*
*(«Минҳоҷу-л-орифин»)*

Ман ҳар тобистон ба ноҳияи Восеъ, ба хонаи холаам меравам, - навиштааст Шаҳлои Амирхонзода. –Номбурда дар деҳае зиндагӣ мекунад, ки Имомалӣ ном дорад. Ёфтани ин деҳа мушкил нест. Агар шумо бо шоҳроҳи Душанбе – Кӯлоб аз самти Душанбе ҳаракат карда, дар даромадгоҳи шаҳраки Восеъ ҷониби чап тоб хӯред, дар ҳамин асно аз тарафи чапатон деҳаи Лӯлиҳо мебароед, вале агар он сӯ тоб нахӯрда, мустақим рафтан гиред, аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пешатон деҳаи Имомалӣ мебароияд. Шахсони солманд мегӯянд, ки дар вақташ шоҳроҳи Кӯлоб ҳам аз ҳамин ҷода мегузаштааст.

Вақте ки ман дар синфи 8 мехондам, ҳамроҳи писари холаам Диловар ба самти чапи роҳи калон, ки пахтазор буд ва дар миёнҷояш 5-6 бех тути 100-200-сола ва тарҳи биноҳои қадима намуда меистод, бо мақсади тамошо рафтем. Диловар ин мавзеъро ҷойи муқаддас ва хонақоҳ муаррифӣ намуд. Аз оби ду чашмаи он ҷо нӯшидем, дасту рӯ шустем. Ман аз тамошои ин мавзеъ ҳайрон шудам. Аммо ӯ, ки аз ман калонтар ва бачаи босавод аст, чизҳои аҷоибро нақл карда, маро ҳайронтар намуд. Бинобар гуфтаи бузургсолони деҳа ин мавзеъро Дашти Дилӣ мегуфтаанд ва барои он Имомалӣ ном гирифтааст, ки марқади Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ аввал дар ҳамин мавзеъ ҷойгир будааст. Диловар ба ман тавсия намуд, ки китоби Ғолиб Ғоибов «Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI» (Душанбе, 1998)-ро аз китобхонаи падараш гирифта хонам. Ҳангоме ки ман китоби мазкурро аз падари Диловар илтимос карда, гирифта хондам, ба рӯям ҷаҳони дигаре боз гардид. Бинобар гуфтаи Ғолиб Ғоибов, ки ба тазкираи Ҳофизи Таниши Бухорой «Шарафномаи шоҳӣ» («Абдуллонома») такя намудааст, Абдуллохони Шайбонӣ бинобар таърихи овардаи Ҳофизи Таниш

*«Ба тег зад сари бохирад пойи таърих,*
*Рақам намуд, ки «фатҳи вилояти Кӯлоб»*

ва Абдурраҳмони Мушфиқӣ

*«Волии Кӯлобро дар қалъа гар обе намонд,*
*Қалъаи ӯ чашмаи чашм аст аз нишоти зарби санг…*
*«Гулшани ашъори зебо» гуфта шуд таърихи сол,*
*Меваи алфози рангин чида бар ҳам чун вашанг»*

баъди 65 рӯзи задухӯрд соли 1584 қалъаи Кӯлобро фатҳ намудааст. Вале барои ман он чиз аҷиб намуд, ки Ҳофизи Таниш мегӯяд, Абдуллохон баъди фатҳи қалъаи Кӯлоб ва истироҳат дар дашти Теҳраю Саричашма дар бозгашт мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадониро зиёрат мекунад. Охир, агар мақбараи он бузургвор дар ҷойи ҳозирааш мешуд, аз он ҷо то қалъа танҳо ним километр роҳ буд ва ин амал барои Абдуллохон мушкилӣ надошт. Аммо, ба қавли Ғ.Ғоибов марқади Мири Кабир дар мавзеи Дашти Дилӣ – 20 километр дур аз шаҳри Кӯлоб ҷойгир будааст. Ҳамчунин Ғ.Ғоибов аз асари адмирали турк «Миръоту-л-мамолик» («Оинаи кишварҳо») пораеро меорад, ки мувофиқи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

он сайёҳи турк соли 1555 аз Ҳиндустон ба самти Кобул омада, аз он ҷо бо ҷодаи Бадахшону Хатлон ба Туркия баргаштааст ва ҳини сафар сари қадам ба Дилӣ даромада, қабри Мир Сайид Алии Ҳамадониро зиёрат кардааст.

Ба ҳамин тариқ, бинобар ақидаи Ғ.Ғоибов Алии Ҳамадонӣ 31 январи соли 1384 (786 хуршедӣ) дар маҳаллаи Кабравсавади вилояти Кунари Афғонистон вафот кардааст ва баъди шаш моҳ шогирдонаш ҷасади ӯро ба Кӯлоб ҳамл дода, 14 июли соли 1387 (787 хуршедӣ) дар хонақоҳи муборак дафн мекунанд.

Азбаски аксари мардуми деҳаҳои атрофи Дашти Дилӣ он солҳо афғонҳо ва афроди бадавии туркзабонҳо будаанд, онҳо аз ин ҷойҳо кӯч бастаанд ва мардуми маҳаллӣ дар хусуси таърихи деҳаи Имомалӣ ва марқади ҳазрати Амирҷон, хонақоҳу масҷид ва чашмаҳои болои деҳа кам медонанд. Мегӯянд, лӯлиҳои дар сари роҳи калон сукунатдошта низ ба хотири марқади ҳамин бузургвор дар ин деҳаи сарироҳӣ зиндагӣ ихтиёр кардаанд, то ки аз мардуми зиёраткунанда садақа ситонанд.

Ғ.Ғоибов муътақиди он аст, ки баъд аз дусад сол дар асри XVI, тахминан солҳои 1584 – 1592 ҳокимони вақт ҷасади Мир Сайид Алии Ҳамадониро бо мақсади ба макони мирнишин наздик кардан ба гӯристони маркази кунунии шаҳри Кӯлоб, ба ҷойи ҳозирааш интиқол додаанд.

Барои ман марқади ин марди табаррук ва орифу адиби тавоно дар куҷое, ки набошад, азизу мукаррам аст. Гумон мекунам, ки ӯ дар дигар ҷо не, танҳо дар дили ман дафн шуда бошад».

Ба ҳамин тариқ, саёҳати адабӣ–кишваршиносӣ диққати шогирдонро ба дарки асрори муҳити атроф ҷалб месозад, барои ташаккули тафаккури эҷодии хонандагон, инкишофи малакаҳои амалии онҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меоварад, дар хонандагон рағбат ба донистани ҳаёт, корнамоии аҷдодон ва сабти хаттии нуқтаи назари худ бедор мегардад, ба инкишофи нутқ ва вусъати хаёлоти эҷодии шогирдон мусоидат менамояд.

Адабиёт:

1. Луғати тафсири истилоҳоти педагогика.- Душанбе: Маориф, 1988,-270с.

2. Азизӣ Музаффар. Мухтасари таърихи Хатлон.- Кӯлоб, 1992.

3. Хайрандеш. Зиёратнома. – Кӯлоб, 40с.

4. Ғолиб Ғоибов. Шаҳри Кӯлоб дар асри XVI. - Душанбе, 1988.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 1.11. ТАХАЙЮЛИ БАДЕӢ ДАР «ФАРАСНОМА»-И БЕДИЛ

Дар миёни таълифоте, ки оид ба дилбастагии инсон нисбат ба асп барин хайвони безабони дилқарини мардумон рӯйи кор омадаанд, «Фараснома»-и Мирзо Абдулқодири Бедил қимати баланди бадеиро молик аст.

Ногуфта намонад, ки Мирзо Абдулқодири Бедил дар байни ахтарони тобони адабиёти ҷаҳоншумули форсии тоҷикӣ алломаест, ки бо анвори нурполояш уфуқҳои дурдасти назму насри моро рӯшан месозад. Хонандаи тоҷик то кунун мутафаккири беназир, шоири кабири форсгӯи Ҳиндустон, алломаи ҷалолатмақом Мирзо Абдулқодири Бедилро ҳамчун муаллифи «Дебоча», «Ирфон», «Тӯри маърифат», «Нукот», «Ишорот ва ҳикоёт», «Руқаот», «Чор унсур», «Муҳити аъзам», «Тилисми ҳайрат», «Ғазалиёт», «Рубоиёт», «Қасоид», «Қитъаот», «Таркибот ва тарҷеот», «Ташбеҳот ва тамсилот» барин осори ҷаҳоншумул мешиносад. Вале дар байни осори манзуми Мирзо Абдулқодири Бедил бо номи «Фараснома» маснавие низ мавҷуд аст, ки қисми ками хонандагони тоҷик аз мавҷудияти он огоҳӣ доранд, чунки ин асар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хатти кириллӣ то ҳол рӯи чопро надидааст. «Фараснома» дар ҷилди саввуми «Куллиёт»-и Бедил, ки аз «Маснавиёт»-и Мавлоно Абдулмаонӣ Абдулқодири Деҳлавӣ фароҳам омадааст ва бо тасҳеҳи Акбари Бедорванд ва Парвиз Аббосии Доконӣ соли 1376-и хуршедӣ дар Теҳрон ба нашр расидааст, ҷой дода шудааст.

Воқеан, фарас-калимаи арабӣ буда, маънои аспро дорад. Ин калима дар назм ва насри классикӣ фаровон истифода шудааст.

Ба эҷоди «Фараснома» пардохтани Бедил тасодуфӣ набуд. Мавсуф авлодан сипоҳӣ буд ва гузаштагони ӯ ба аспсаворию шамшерзанӣ рағбати бепоён доштанд. Худи шоир низ аз рӯйи шарҳи ҳолаш чанде сипоҳӣ будааст ва ба асп дилбастагии самимӣ доштааст. Бинобар шаҳодати Бедил устодаш Шоҳкобулӣ низ бо асп мегашт ва аспсавориро дӯст медошт. Амакаш Мирзо Қаландар ҳатто дар мавриди зарурат аспро пуштора карда мебурдааст.

«Фараснома» дар баҳри «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ- мутақорибии мусаммани мақсур ва маҳзуф эҷод шудааст:

*Шабе дар / ҷунунзо / ри дашти / хаёл,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дил аз бе / худӣ дош / т ҷавло / ни ҳол.*

V - - / V - - / V - - / V -V - - / V - - / V - - / V -

фаӯлун / фаӯлун/ фаӯлун / фаӯл (фаул)

Маълум аст, ки «Шоҳнома» дорои хатти сужет буда, тавсифи асп вобаста ба ситоиши рисолати паҳлавонию далерӣ ва диловарии соҳиби он оварда шудааст, яъне асп бо савораш ситоиш шудааст. Масалан, дар «Шоҳнома» Рахшро танҳо бо шаҳсавору зимомдори он-Рустам метавон тасаввур кард, аммо Бедил аз овардани сужети дилбазан, саргузаштҳои тӯлонӣ перомуни ҷонфидоиҳои асп худдорӣ кардааст ва танҳо тавассути тахайюли бадеӣ сифатҳои зоҳирии аспро мавриди тавсиф қарор додааст. Аз ин нигоҳ асар аз муқаддимаи муфассал (201 мисраъ) оғоз ёфта, сипас, шоир дар таърифи сари асп (28 мисраъ), гардани асп (34 мисраъ), ёли асп (66 мисраъ), фарбеҳии асп (58 мисраъ), пешонии асп (48 мисраъ), даҳону дандони асп (30 мисраъ), чашми асп (36 мисраъ), гӯши асп (28 мисраъ), дами асп (36 мисраъ), мӯйи асп (36 мисраъ), думи асп (24 мисраъ), суми асп (56 мисраъ), овози асп (89 мисраъ) ва хотима (16 мисраъ) мебахшад. Ип асар ҷамъулҷамъ аз 780 мисраъ фароҳам омадааст.

Шоир дар муқаддима оид ба ҳолати эҷоди маснавии «Фараснома» изҳори ақида менамояд ва хонандаро бо зикри калимаи «шиҳа» ҳушдор менамояд, ки дар ин маснавӣ сухан аз асп ибтидо мегирад:

*Сарири қалам шиҳа бунёд кард,*
*Гаравтозии фурсат иршод кард.*
*Таки бодпое шунидам зи дур,*
*Ки меомад афшонда сомони сур*.

Аҷибаш он аст, ки асар бо шиҳаи асп оғоз ёфта, бо тавсифи овози (шиҳаи) асп анҷом меёбад.

Шоир васфи аспро аз Буроқ оғоз менамояд. Воқеан, Буроқ калимаи арабӣ буда, номи аспи афсонавиест, ки гӯё ҳазрати Муҳаммад (с) дар шаби меъроҷ ба он савор шуда, аз Макка то Байтулмуқаддас ва аз ҷо ба осмон рафтааст. Тахайюли бадеии шоир дар ин лаҳзаи нозук чунон ғалаён мекунад, ки ӯ Бурокро танҳо дар осмон ва чун бод паррон мебинад:

*Сурогаш на сар-сар, на бод оварад,*
*Магар рафтан аз худ ба ёд оварад.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Деги шавқу шӯри аспparастии шоир ба шур меояд, ки Буроқро як сӯ гузошта, зимоми андешаро сӯйи Рахш сар медиҳад ва ӯро мӯҷиби зиндагӣ ва бақои ҳастӣ алайҳи нестӣ медонад:

*Замин он қадарҳо-ш ҷуръат куҷост,*
*Таҳи по-ш то паст шуд, барнахост.*

Ногуфта намонад, ки дар луғот **рахш** ранги сиёҳу сурхи ба ҳам омехта ва баъзе гӯянд рангест миёни сиёҳу бӯр. Чун аспи Рустам Рахш гуфтандӣ ва маҷозан ҳар аспро Рахш гӯянд.

Шоир наъли аспро ба моҳи чаҳордаҳ мушобеҳ دониста, онро ҳатто манбаи илҳоми моҳи нав мепиндорад:

*Маҳи нав фалакҳо намудаст тай,*
*Ки шакли наълаш расондаст пай.*

Бедил лаҳзаи давидани аспро хеле устокорона муболиға кардааст ва муболиғаҳояш хеле гуворо ва дилкаш садо медиҳанд:

*Заминро ба сад чарх паҳлӯ расад,*
*Ки гарди сумаш то ба зону расад.*
*Зи тезии рафтори ӯ дам задан*
*Кунад қатъ то ҳашр роҳи сухан.*

Бедил вожаи «ҳино»-ро ба чандин ранг дар назари хонандаи закӣ ҷилва медоронад ва бо ҳамин минвол онро ба суми асп (ҷиҳати сурхӣ) ташбеҳ медиҳад:

*Зи бас тавсани ваҳшаташ саркаш аст,*
*Зи ранги дар ҳино наъли дар оташ аст (с.394).*

Бедил тахайюли бадеиро дар либоси муболиға чунон моҳирона истифода мекунад, ки аз мутолиаи он кас ба ваҷд меояд ва ба асп мафтун нашуда наметавонад:

*Мусаввир даме, ки ин шамоил кашад,*
*Ки ҳар узви ӯ бурдани дил кашад.*
*Чу аз пайкараш нукта ронад забон,*
*Заминро занад бар сари осмон.*

Шоир лаб бар тавсифи хами гардани асп кушода, онро аз хами шохи тӯбӣ-дарахти маскуни биҳишт ҷавонтару қашангтар мепиндорад:

*Ба ҳар ҷо ҷавонӣ-ш гардан кашид,*
*Хами шохи тӯбӣ ба пирӣ расид.*

Пасон баёзи гардани аспро ба хами абрӯи хубон қиёс намуда, дар ҳардуи онҳо низ ҷавҳари якхеларо мебинад:

*Дар абрӯи хубон ҳамин ҷавҳар аст,*
*Ки аз чашму миҷгон хамаш бартар аст.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мурғи илҳоми шоир сӯи думи асп парвоз мекунад ва ӯ ба таърифи он мепардозад, чунки ба қавли шоир:

*Думи ӯ ба ҳар ҷо алам мешавад,*
*Сари тоқи товус хам мешавад.*
*Бутонро аз ин пайкари дилшикор*
*Ҷафохӯрдаи абрӯи думболадор.*
*Чу фавввораибрат нумӯ мечакад,*
*Зи шарми баландӣ фурӯ мечакад.*

Шоир думи аспро ба чизҳое монанд кардааст, ки ақли кас ҳайрон мемонад. Агар дар абёти болоӣ думро ба алам (байрақ), тоҷи товус, абрӯи думболадори бутон, фавора ташбеҳ дода бошад, дар мисраъҳои баъдӣ думи сарозерро ба барқи ҷорӯби оташбадаст, ба гирдоби зуннорбанд ва ҳар мӯйи думро ба найзаи душоха (дурбош) монанд кардааст:

*Сар афкanданашро маяндеш паст,*
*Ки барқест ҷорӯби оташбадаст.*

Сайри хаёлот дар Бедил хеле фаъол аст. Ӯ аз ҳеҷ чиз ташбеҳ месозад. Ташбеҳҳое, ки дар тасаввури хонанда намеғунҷад. Масалан, ӯ думро ба мим ва сумро ба син монанд кардааст, ки хеле ташбеҳи аҷиб ва зебо аст:

*Макаш дил зи дунболаи мими дум,*
*Машав гофил аз согари сини сум.*

Гумони ғолиб он аст, ки хонанда баъди мутолиаи ин мисраъҳо мафтуни асп нашуда наметавонад. Тасаввур кунед, ки асп хиромон чун нозанинон бовиқор қадам мезанад:

*Ба ҳар гом, к-ин нозанин мезанад,*
*Чу мастон қадаҳ бар Замин мезанад.*

Бедил бо маҳорати баланди шоиронаи ба худ хос мамдуҳи худ-аспро нозанин меномад ва қадаммони онро ба манзараи қадаҳро бар замин задани мастон, лаҳзаи хиромида гомзании «нозанин»-ро аз рақси кабӯтар ҳам зеботару гиротар, аз ҷилваи товус хушрӯтар ва изи сумашро аз моҳи ҳилол ҳам баркамолтар шумурдааст. Шоир аз чунин тасвирҳои зебо нисбати асп хуморшикан намешавад ва ба гумони ғолиб байти поёнӣ нуқтаи баландтарини тавсифи лаҳзаи давидани «нозанин» аст:

*Битозад агар аз камини сухан,*
*Намонад Замин дар замини сухан.*

Ба ҳамин тариқ, «Фарасннома»-и Мирзо Бедил дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ягона маснавиест, ки дар он асп бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тамоми сурату сираташ бо сабку услуби ба худ хос сифот шудааст. Эҷоди «Фарасинома» барин асар аз ҷониби Мирзо Бедил ва ба риштаи назм кашидани ҳусни дилрабои асп барин чорпои саворӣ ва дастомӯзи инсон гувоҳи он аст, ки мардуми эронитабор аз аҳди қадим то кунун ба асп дилбастагии қавӣ доранд. Ҳақ бар ҷониби муаллифи «Наврӯзнома» Умари Хайём аст, ки гуфтааст: «Ба рӯзгори пешин дар асп шинохтан ва ҳунару айби эшон донистан ҳеҷ гуруҳ беҳ аз Аҷам надонистандӣ: аз баҳри он, ки мулки ҷаҳон аз они эшон буд ва ҳар куҷо дар Арабу Аҷам аспи некӯ будӣ, ба даргоҳи эшон овардандӣ».

## 1.12. ШАМСИДДИНИ ШОҲИН ВА ЗОДБУМИ АҶДОДИИ Ӯ

*Эй ҷони ман тасаддуқи ҷони ту, афв кун,*
*Ҳар кӯтаҳӣ, ки аз мани бечора сар зада.*
*(Шамсиддини Шоҳин)*

Оид ба шарҳи ҳол ва мероси адабии Шамсиддини Шоҳин баъд аз пажӯҳишҳои мондагори профессорони зиндаёд Холиқ Мирзозода (3) ва Расул Ҳодизода (4) сухани наву тозае гуфтан маҳол аст. Лозим ба ёдоварист, ки дар таълифоти номбаршудагон аз Хатлонзамин будани Шоҳин таъкид шудааст, вале на дар пажӯҳишҳои фавқ ва на дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-у «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ оид ба зодбуми аҷдодии Шоҳин дар Хатлонзамин маълумот дода нашудаанд. Танҳо профессор Расул Ҳодизода дар «Парвози Шоҳин» аз ноҳияи Муъминободи Кӯлоб будани Шоҳинро таъкид кардааст» (2,3).

Оид ба хешовандону зодбуми аҷдодии Шоҳин яке аз ҳамдиёрони падари ӯ Абдулло Бобоев дар рисолааш «Шамсиддини Шоҳин» (Душанбе: «Матбуот», 2009,79с.) маълумоти тозаеро пешкаш кардааст. Бо шарофати мутолиаи рисолаи мазкур аввал хонанда бо мавқеи ҷуғрофии деҳаи Лангари Муъминобод-зодбуми мулло Амон-падари Шамсиддини Шоҳин шинос мешавад. Ба ақидаи мавсуф Лангар ном гирифтани деҳаи мазкур ба ташрифи донишманди мумтоз ва фақеҳи парҳезкор Сайид Ҳасан Шоҳи Хомӯш (валодаташ 1067 мелодӣ) – зодаи Исфаҳони Эрон рабт дорад. Мавсуф баъди тавофи Каъба аз Исфаҳон ба Ҳиндустон, аз он ҷо ба Шуғнону



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ванҷу Дарвози Бадахшон омада, ниҳоят ба доруламон-Хатлон мерасад. Дар чорсӯи Муъминобод он ҳазратро Хӯҷа Алишоҳи Валӣ ва Мир Сайид Ҷалолиддини Гулдаста бо муридонаш истиқбол мегиранд. Вақте ки он кас мавзеи Чӯбек ва атрофи онро наззора менамояд, ба мазоқаш макони пешорӯйи деҳаи Чӯбек хуш меояд ва ба ҳамроҳонаш мефармояд, ки он ҷо лангар партоянд. Аз ҳамон вақт сар карда, деҳа номи Лангари Шоҳи Хомӯш ва ё Лангари Калонро мегирад (2, 89). Аз баракати он ҳазрат дар ин деҳа мадрасаи калон кушода мешавад, ки бо даргузашти мавсуф мадрасаи Шоҳи Хомӯш номида мешавад. Яке аз хатмкардагони ин даргоҳи маърифат Амонхӯҷаи Лангарӣ – писари эшони домулло Лутфуллохӯҷа буд. Амон баъди хатми мадрасаи зодгоҳаш бо тавсияи қиблагоҳаш барои такмили дониш камари ҳиммат мебандад. Ӯ аввал ба Самарқанд омада, толибилми мадраса мегардад (2,10). Оиди ба хондан рафтани мулло Амон шахси куҳансоли деҳаи Лангар Санг Нозимзода чунин мегӯяд:

«Падари ман аз мулло Амон дар синну сол ҷавонтар буд. Ба хондан рафтани Амонхӯҷаро ба ёд дошту ба мо баъдтар нақл мекард. Рӯзи гусели Амонхӯҷа ба охири баҳору аввали тобистон рост меомад. Мардумони бисёре се толибилмро бо якҷоягии се нафари дигар аз хешовандонашон, ки чун роҳбалад онҳоро ҳамроҳӣ мекарданд, то деҳаи Хӯҷа Алишоҳи Валӣ гусел карданд. Модари Амонхӯҷа ва ёронаш дар ҳалқаи дигар занҳои ҳамдеҳаашон дар дидаҳо нам аз паси писарони худ то лаби сангови деҳа мераванд. Онҳо поёнтар аз марқади Сайид Ҳасан Шоҳи Хомӯш истода, аз даргоҳи Худованди мутаол барои ҷигарбандонашон барору комёбӣ, амну амнияту иқболи баланд дархост намуданд. Падари Амонхӯҷа онҳоро то шаҳри Кӯлоб ҳамроҳӣ менамояд. Шабро дар масҷиди ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ гузаронида, рӯзи дагар баъди адои намози бомдод ба Амонхӯҷаву ёронаш дуои сафар доданд» (2,13).

А.Бобоев аз нақлу қиссаҳои одамони бофарҳангу соҳибмаълумоти деҳаи Лангар ба чунин хулоса меояд, ки падари Амонхӯҷа эшони домулло Лутфуллохӯҷа зодаи деҳаи Лангар аст. Мавсуф соҳибмаълумот буда, дар мадрасаи Шоҳи Хомӯш ба касби мударрисӣ машғул будааст (2,14). А.Бобоев бо ин иддаояш чун профессори шодравон Холиқ Мирзозода нуқтаи назари Шоҳабдуллохони Бадахширо, ки соли 1937 дар маҷаллаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Кобул» рақамҳои 80,81,83 таҳти унвони «Армуғони Бадахшон» бо номи «Удабои Хавоҳон» мақолае интишор намуда, Шоҳин ва падарашро шоири афғон ва зодаи Афғонистон нишон доданӣ мешавад, қатъиян рад менамояд (3, 239-240).

Бинобар гуфтаи Талабхӯҷа Исматов ва Икром Набиев падари Амонхӯҷа ҳафтае як маротиба ба шаҳри Кӯлоб омада, намози ҷумъаро имоматӣ мекардааст (2,14).

Мулло Соҳибназари Дошмандӣ қисса мекунад, ки мулло Амон баъди хатми мадрасаи Самарқанд ба Бухоро меравад ва ин ҷо низ дар мадраса таҳсилро идома медиҳад. Соли дуюми таҳсил мулло Амон бо таклифи бухороии муқимие ба ҳавлии ӯ мекӯчад. Азбаски мулло Амон ҷавони хушқаду қомат, баодоб ва хушрафтор буда, ба лаҳҷаи мардумони кӯҳистон – кӯлобӣ сухангӯии ӯ ба соҳибхона ва аҳли оилаи ӯ хуш меояд. (2,16). Гумони ғолиб он аст, ки мулло Амон ба духтари яке аз хешовандони ҳамон бухорогии муқимӣ ё ба духтараш хонадор шудааст.

Эшони Сайид Нозимхон – хатмкардаи мадрасаи Бухоро ҳикоят мекардааст, ки мулло Амон забони арабиро хуб медонистааст ва ба толибилмони навтаҳсил аз ин забон дарс мегуфтааст. Дар ҷамъомадҳо ва баҳсҳои илмӣ ӯ бо забонҳои тоҷикӣ, арабӣ ва ӯзбекӣ озодона такаллум мекардааст (2,17). Мулло Амонро ё завқи баланди илмомӯзӣ ё ишқи духтари бухорогӣ , ё ҳарду дар Бухоро муқимӣ сохтааст (2,17).

Мулло Амон солҳои аввали таҳсил дар 2 – 3 сол як бор фасли тобистон барои дидорбинии волидону пайвандонаш ба Лангар меомадааст ва то моҳҳои аввали тирамоҳ дар мадрасаи Лангар дарс мегуфтааст ва хизмати ҳамдиёронашро адо мекардааст. Рӯзҳои ҷумъа ба шаҳри Кӯлоб ӯро барои гузаронидани намози ҷамоат даъват мекардаанд.

А.Бобоев фарзияеро, ки гӯё мулло Амон то 70 – 75 – солагиаш ба сабаби тангдастиву камбағалӣ соҳиби зану фарзанд набудааст, қатъият рад месозад. Танҳо дар ҳудуди 70 – 75 – солагӣ гӯё бо модари Шоҳин издивоҷ карданашро низ носаҳеҳ меҳисобад. Ба ақидаи ӯ марди тансиҳат, соҳибмаълумот ва мударрис ҳатман имкони издивоҷро дошт. Ҳамчунин шахси муҷаррадро имоматӣ карданаш манъ буд. Ба болои ин хешовандонаш низ метавонистанд, сари мулло Амонро дар зодгоҳаш ҷуфт кунанд (2, 18-19).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Воқеан, Шамсиддини Шоҳин дар бораи хоҳар доштани худ ва то синни 29 – солагии бародараш фавтидани ӯро дар достони «Лайлӣ ва Маҷнун» дар лаҳзаи «Хабар додани Зайд Маҷнунро аз вафоти Лайлӣ ва вафоти Маҷнун» ба муносибати фавти завҷаи меҳрубонаш изҳори ғаму андӯҳ баён кардан ишорае кардааст (3,240).

Эшони Сафолхӯҷа – бошандаи деҳаи Лангар аз модараш, ки дар 107- солагиаш фавтидааст, шунида будааст, ки мулло Амон бо ҳамроҳии писараш Шамсиддини 10-12 - сола дар ҳудуди солҳои 1869-1871 ба деҳаи Лангар омада будааст ва мулло Амон шукри илоҳиро мекардааст, ки ба ӯ фарзанд ато кардааст (2, 19). Модари эшони Сафолхӯҷа, ки бесавод буда, оид ба лаҳҷаҳои мардуми тоҷик чизе намедонистааст, ба ҳайронӣ мегуфтааст, ки «Шамсиддин аташа (падарашро) «додо» мегуфт» (2, 19). Мулло Амон ҳар гоҳ ки ба зодгоҳаш омада, дар маъракаву ҷамъомадҳо маъвиза мекард, одамони таҳҷоии аз шеваи бухориён ноогоҳ мегуфтаанд, ки мулло Амон бо забони манғитӣ гап мезанад. Оид ба ҳамон сафари мулло Амон момаи Тӯрабегим, ки беш аз 90 сол умр дидааст, мегуфтааст, ки мулло Амон ба сабаби хешашон будан дар хонаи онҳо деҳаи Чӯбек ( 2 км дуртар аз деҳаи Лангар) чанд рӯзе меҳмон будааст. Мулло Амон бо шеъру шоирӣ рағбат доштани Шоҳинро низ хотиррасон карда будааст (2,20).

Сокини деҳаи Шайхкамонии ноҳияи Шӯрообод (ҳоло ба номи Шамсиддин Шоҳин) Сафар – қанӣ, ки муддати мадиде дар Бухоро зиста будааст, нақл мекардааст, ки мулло Амон дар Бухоро обрӯю эътибори баланд доштааст ва Сафар – қанӣ ҳавлии мулло Амонро бадоҳатан «меҳмонхона» мегуфтааст. Гувоҳи соҳибнуфузии мулло Амон дар он аст, ки боре Сафар – қанӣ ба дасти миршабҳо меафтад. Мулло Амон ӯро аз чанголи миршабҳо халос мекунад ва талаб менамояд, ки ҳарчи зудтар ҷонашро гирифта, ба кӯҳистон фирор кунад (2,22).

Аз рӯйи шуниди Талабхӯҷа Нозимиён мулло Амон шахси осудаҳол, соҳиби хонаву дар, зану фарзанд буда, услуби либоспӯшияш ба мардумони дорои шаҳрӣ монанд будааст: дар тан ҷома ва аз болои он ҷелаки нақшунигордор мепӯшидааст, дар пояш мӯза доштааст ва шеваи бастани саллааш ҳам аз муллоҳои маҳаллӣ тафовут доштааст. Ҳини азимат ба Хатлон дар хонаи бародараш Маъмурхӯҷа, ки шахси доро ва соҳиби



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

заминҳои меросӣ аз Мир Сайид Шоҳи Хомӯш будааст, ист мекардааст (2,25).

Ба ақидаи А.Бобоев издивоҷи мулло Амон бо модари Шоҳин дар 60 – 65-солагии мавсуф иттифоқ афтодааст ва он издивоҷи аввалини ӯ набудааст. Танҳо хушҳолии мулло Амон бо тавлиди Шоҳин дар он будааст, ки Худованд орзуи деринаашро баровconfigured сохтааст (2,26-27).

*«Агарчанд умрам ба ҳафтод рафт,*
*Кунунам гами пирӣ аз ёд рафт».*

гуфтани мулло Амон ба он маъност, ки дар 70-солагиаш Шоҳин ба дунё омадааст (2,28).

Ба гуфти амакзодаи Шоҳин-эшони Сафолхӯҷа Шамсиддин баъди сари падараш маротибаи дуюм ба зодгоҳи қиблагоҳаш дар синни 27-28-солагиаш ташриф оварда будааст. Ӯро шавқи дидорбинӣ бо пайвандон, лаззати чашмаҳои ҷонбахши кӯҳистон ва обу ҳавои форами он ба Хатлон кашидааст. Воқеан, агар Шоҳин Хатлон - зодбуми бобоияшро дӯст намедошт, аз шикасти исёни Восеъ ин қадар мутаассир намешуд:

*Ба Хатлонзамин хуни мардум бирехт,*
*К-аз он мотам аз чарх анҷум бирехт.*
*(«Туҳфаи дӯстон», 3,11).*

Аз рӯйи шуниди модари Сафолхӯҷа бо шарофати сафари дуюми Шоҳин ба деҳаи Лангар падари Сафолхӯҷа ба дунё меояд. Аз Шоҳин шоҳиш мекунанд, ки ба «меҳмони нав» ном гузорад. Шоҳин ба навзод номи амири Бухоро – Абдулаҳадро мегузорад ва ба ӯ дуои камолот медиҳад (2,50).

Хулоса, имрӯз вақти он расидааст, ки зиндагиномаю эҷодиёти Шамсиддини Шоҳин як бори дигар мавриди бозбинӣ қарор гирад, зеро ҳақ бар ҷониби А.Бобоев аст, ки мегӯяд: муҳаққиқони ҳаёту фаъолияти Шамсиддини Шоҳин иштибоҳе кардаву мулло Амони Розмозиро (ба гуфти устод С.Айнӣ дар «Ёддоштҳо» аз тумани Вобканд, аз деҳаи Розмози Бухоро) ба мулло Амони Кӯлобӣ монанд кардаанд (2, 53).

**Пайнавишт:**

1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010, 447с.

2. Бобоев Абдулло. Шамсиддини Шоҳин. – Душанбе: Матбуот, 2009, 79с.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

3. Мирзозода Холиқ. Шамсиддини Шоҳин. – Сталинобод: Комбинати полиграфии Вазорати маданияти РСС Тоҷикистон, 1956, 258 с.
4. Ҳодизода Р. Шоҳин. – Душанбе: Дониш, 1974, 141с.

## 1.13. МУНДАРИҶАИ «МАДҲИЯИ УЗРХОҲӢ БА ТАШБИБИ ТАВСИФИ АСП»-И ШАМСИДДИНИ ШОҲИН

Дар байни таълифоти Шамсиддини Шоҳин «Мадҳияи узрхоҳӣ ба ташбиби асп» қимати баланди илмию адабӣ дошта, бо номи «Қасидаи маъзарат барои аз рикоб бозмондан» (1,218) низ маъруф аст. Устод С. Айнӣ сабаби иншои қасидаи мазкурро дар он мебинад, ки Шамсиддини Шоҳин «Боре дар як сафари амир (Абдулаҳад-Ҳ.М.) иштирок накарда. Амир аз ин ҳаракати ӯ сахт коҳида, ҳатто ба нафю ҳабсаш қарор дода. Чун моҷароро ба воситаи дӯстони худ Шоҳин пай бурда, қасидаи маъзаратомезе дар тавсифи асп …иншо карда, тақдим намуда, аз ин таҳлука халосӣ ёфтааст» (2, 248-249). Бояд гуфт, ки қасидаи мазкур дар «Ашъори мунтахаб» (Сталинобод,1959)-и Шоҳин ҷой надорад. Онро нахустин бор устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (2,245-246) аз нусхаи дастнависе овардааст. Профессор Холиқ Мирзозода низ дар қисмати иловаҳои рисолаи илмиаш, ки перомуни рӯзгор ва осори Шамсиддини Шоҳин ихтисос дода шудааст, онро аз «Девони Шоҳин» (3,206-207) замима намудааст (1,218-219).

Қасида аз баёни саргузашти тотуи лоғару сусти шоир ҳусни ибтидо мегирад:

*Доштам тотуяке лоғару бадному ясав,*
*Пушт оганда чу дасти чарабу рӯйи махав (1,218).*

Шоҳин барои нах задани тотуяш беҳтарин ташбеҳҳоро ба кор бурдааст. Думашро ба ҷорӯб, ёлашро ба ҷангал, пайкарашро ба қав, шиками қоқу ковокашро ба сабад, пойи бемағзу хушкашро ба ғараб, сутунмуҳраю тумшуқашро ба пармаю оҳансав, пашмҳои дар оғил рехтаи ӯро ба дӯкони наддоф (титкунандаи пашму пахта) монанд кардааст:

*Ҳаббазо тотуи ҷорӯбдуми ҷангалёл,*
*Ки шуда пайкараш аз кӯбои меҳнат чун қав.*
*Шикам аз ғояти ковокию қоқӣ чу сабад,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Пой аз бобати бемагзию хушкӣ чу гарав.*
*Арраи пушти ваю тумшуқи қоқуртии ӯ*
*Метавон гуфт, ки ин пармаю он оҳансав.*
*Огил аз резиши пашми тани огандаи ӯ*
*Ҳамчу дӯкончаи наддоф шудӣ вақти қашав (1,218).*

Шоир сустӣ, камқувватию бенерӯӣ, суми ҳар лаҳза ларзони аспро аз умре танҳо алаф хӯрдани ӯ пиндошта, ҷисми ларзони ӯро ба хуршеди бар об партавафкананда мушобеҳ донистааст:

*Гашта аз гардиши табъ он ҳама афсурдадимог,*
*Ки шудӣ то дами мурдан ба яке бод қатав.*
*Гар вазидӣ ба масал боди латиф аз тарафе,*
*Мунтамоил шудӣ аз ҷой ба ҷо ҳамчу ялав.*
*Хӯрда будӣ ба ҳама умр зи анвои гиёҳ,*
*Соли деҳқонии Одам алафи гандадарав.*
*Сумаш аз беқувватӣ зери арақ меларзид,*
*Ҳамчу хуршед, ки бар об нишонад партав.*
*Мезад аз баҳри алаф шиҳа бад-он булаҷабӣ,*
*Ки гуломе кунад аз ёди ватан сози лалав.*
*Сад муаллақ задӣ аз заъф чу лулибачагон,*
*Тифли думоҳа гар оҳиста бидодӣ силтав (1, 218).*

Шоҳин тамасхуромез саргузашти аспашро идома медиҳад ва дар зимн хонандаро аз азми сафар доштанаш ҷониби Кармина огаҳ месозад:

*Бо чунин асб задам рахти сафар васфкунон,*
*Бо саисбача, ки ин аст фалон аспи бидав (1,219).*

Ҳамчунин саисбачаро низ таъкид менамояд, ки ин асп хеле бидав аст ва эҳтиёт бошад, то ки фалокате сар назанад:

*Бохабар шав зи лаҷомаш, ки агар суст ниҳӣ,*
*Натавон ёфт суроги ту магар аз Маскав (1,219).*

Вале саисбача баръакси ин гуфтаро мушоҳида мекунад:

*Мезад ӯ қамчию он тотуи ёбуталъат,*
*Пой мемонд чу нозуксанамон қад-қади ҷав (1,219).*

Алқисса, онҳо аз субҳи солеҳон рахти сафар баста, то дами аср ба Кармина мерасанд. Аз чунин асп саис норозӣ шуда, шоирро талқин мекунад, ки онро фурӯшад. Шоҳин аз тарси аз даст нарафтани саисаш он тотуро бо ёбуяке ҷомаи худро низ ба гарав монда, иваз мекунад. Вале

*«Сабаб ин буд, ки ман-банда ба аснои тариқ,*
*Ҳар қадар ҷаҳд намудам, нарасидам ба ҷилав» (1,219).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ин ваҷҳ шоир афсӯс хӯрда, лолу ҳайрон ба хонанда муроҷиат мекунад:

*Чӣ кунам, нест маро аспаки роишҷилаве,*

*Ки намонад ба қафо вақти раворав зи ясав (1,219).*

Аммо ин ҳолат дер давом намекунад, шоир ҳисобашро меёбад, лаб ба авсофи аспи шоҳаншоҳ – Рахш мекушояд:

*Эй шоҳаншоҳи ҷаҳонгир, ки ҳангоми шикор,*

*Оҳувонро ба як ангез кунад аспи ту ав (1,219).*

Аммо мадҳи шоир бетамаъ нест. Ӯ саргузашти аспи лавандашро низ бо ҳамин мақсад қисса кардааст, то ки шоҳи олампаноҳ нияти ӯро пай барад:

*Дорам умед, ки бо ман бидиҳӣ аз сари лутф,*

*Аспаки йурғаи хушшаклтар аз мурғи титав.*

*Ончунон тунд, ки гар сояи қамчин афтад*

*Ба суринаш, чу ғизоли хутанӣ гирад дав (1, 219).*

Шоҳин дар ду байти охири мадҳия тахаллуси худро зикр намуда, ҳамчунин бори дигар таъкид намудааст, ки ба аспи бидав басе муштоқу эҳтиёҷманд аст. Онро низ ёдовар шудааст, ки агар шаҳаншоҳ ба шоир аспи бидав диҳад, иншоолоҳ Худованд ба ӯ аз ғайб тавсани давлат хоҳад бахшид:

*Банда, Шоҳин, ба чунин асп басе муштоқам,*

*Бештар з-он ки бувад мардуми саҳро ба палав.*

*Гар ту ин асп салав бар мани бечора кунӣ,*

*Эзидат тавсани давлат кунад аз ғайб салав (1,219).*

Ба ҳамин тариқ, асари мазкур бо забони содаву равони мардумӣ таълиф шуда, шоир тавассути корбасти вожаҳои маъмули халқии *ясав* (интизоми махсусест, ки мувофиқи он аҳли рикоби амир дар сафар ҳаракат мекунанд ва ясавул нозири он аст; дар мавриди аввал *ясав* ба маънои суст ва дар мавриди дигар ба маънои аслиаш омадааст), *махав* (навъи маризии сироятӣ), *қав* (устухон), *ғарав* (ғараб, най), *оҳансав* (сӯҳон), *қашав* (шона задани бадани асп*), қатав* (дуқад шудан), *ялав* (моил шудан ба самте), *алафи гандадарав* (алафи аввали баҳор), *партав, сози лалав* (суруди ғарибӣ), *силтав (*бо шаст кашидан) , *аспи бидав* (даванд), *Маскав, ҷилав (*лаҷом*), ав кардан* (башаст газидан), *мурғи титав* (товус), *гирад дав* (давидан), *палав (ош), силав* (ҳадя, бахшиш) қофияҳои ҷолибу зебо бастааст ва тавонистааст, ки бо сеҳри сухан худро аз зери теғи хуношоми амир Абдулаҳад раҳо бахшад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Пайнавишт:**

1. Мирзозода Холиқ. Шамсиддини Шоҳин.- Сталинобод: нашр. давл. Тоҷ., 1956, с. 218-219.

2.С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик.-Душанбе: Адиб. 2010, 447 саҳ.

3.Девони Шоҳин. Нусхаи шуъбаи дастнависҳои шарқии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ ҶТ, рақами сабт 785.

4.Муродиён Ҳасан. Тасвири ҳамбастагии инсон ва олами ҳайвонот (дар мисоли асп) дар адабиёти форсу тоҷик.- Душанбе: Нодир, 2009, с. 81-83.

## 1.14. ЗИКРИ ДИЁР ДАР ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙН

Дар шароити кунунӣ, ки тарғиботи идеологӣ заиф гардидааст, воситаи аз ҳама муҳими тарбияи хонандагон истифодаи асноди маҳал дар дарс мебошад. Ташкили фаъолияти муттасил ва бомақсадонаи кишваршиносӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик усули беҳтарини тарбияи арзишҳои умумибашарӣ ва маънавӣ буда, махсусан дар тарбияи ватандӯстӣ ва байналхалқии хонандагон аҳамияти калом дорад. Шиносоӣ бо расму ойинҳои ниёгон, анъанаҳои мардумӣ, адабӣ ва меҳнатии ҳамдиёрон хонандагонро ҳушдор медиҳад, ки дар рӯҳияи хизмат ба манфиати халқу Ватан тарбия ёбанд, сарватҳои табиию маънавии миллатро ҳифз намоянд.

Хурсандиовар аст, ки бори нахуст манфиатбахш будани ин падида дар барномаи нави адабиёти тоҷик низ таъкид гардидааст. «Дар маҳалҳои гуногуни ҷумҳурӣ, - қайд шудааст дар барномаи адабиёт, - адибон ва шоирони халқӣ ҳам зиндагӣ мекунанд, ё ки гузаштаанд ва ҳаёту эҷодиёти онҳо ба барнома дохил нагаштааст. Масалан, Маъдан, Фахрии Рӯмонӣ, Туғрал, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ, Парии Ҳисорӣ, Муаллоёри Ванҷӣ аз адабиёти муосир Саидалӣ Ализода, Юсуф Вафо, Ҳикмат Ризо ва боз бисёр адибони имрӯза ҳастанд, ки омӯзиши эҷодиёти онҳо барои тарбияи шогирдон аҳамияти калон дорад. Пеш аз ҳама қимати ин кор дар он аст, ки шогирдон беҳтару хубтар ба ҳаёти фарҳангӣ ва адабии гузаштаи ноҳия ё шаҳр шинос мегарданд. Муаллим имкон дорад, чанд соат ба омӯзиши ҳаёту эҷодиёти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

онҳо аз ҳисоби соати корҳои амалӣ бахшад» (Барномаи адабиёти тоҷик барои синфҳои 4-9,10-11,1994,14-15).Аз ин нигоҳ,дар синфи IX пеш аз боби «Адабиёти садаи XX» як соат оид ба ҳаёт ва эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ ҷудо кардан хеле муфид аст.

Ба хонандагон иттилоъ бояд дод, ки Муҳаммадҳусайн мутахаллис ба Ҳоҷӣ дар соли 1880 (1300 ҳ.) дар деҳаи Қарқамиши мавзеи Кангурти вилояти Хатлон аз оилаи Зокир-девонбегӣ ба дунё омадааст. Ӯ дар мадрасаҳои Турсунҷон ва Рашиди Бухоро таҳсили илм кардааст.Аз хурдсолӣ дар фикри шеъразбаркунӣ аз осори гузаштагон ва шеъргӯӣ афтода будааст:

*Фикри шеъру навхатӣ, Ҳоҷӣ, хаёлам бурдааст,*
*3-он баландандешаам, мазмуни ашъорам мапурс.*

(Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ. Асарҳои мунтахаб.- Душанбе: Нашр. давл. Тоҷ., 1962, с. 126).

Бо мақсади баланд бардоштани фарҳанги забондонии шогирдон, дучанд гардонидани рағбати онҳо нисбат ба каломи мавзун аз эҷодиёти Ҳоҷӣ дар тавсифи калом порчаҳо қироат намудан аз аҳамият холӣ нест. Чунончи, Ҳоҷӣ дар ифтитоҳи достони «Комде ва Мадан» фармуда:

*Касе мавзун набошад, нест инсон,*
*Сухан санҷидагӯӣ нест осон.*
*Каломи нарму мавзуну муқаффо,*
*Кунад дил равшану хотир мусаффо.*
*Нафас ҳар гоҳ ки носанҷида ояд,*
*Дами сина аз ӯ ранҷида ояд.*
*Дами мавзун агар дашном бошад,*
*Хуширо марҳабо пайгом бошад.*
*Насанҷида каломи шафқатогин,*
*Нагардад ҷуз қарини таъну нафрин.*
*Ба шамшери забон марди суханвар,*
*Кунад олам мусаххар чун Сикандар.*
*Забон чун дашнаи гуфтор гирад,*
*Наём аз оби ханҷарбор гирад....*
*Фасоҳат муъҷизи пайғамбарон аст,*
*Пас он гоҳ дар лисони шоирон аст.*
*Ба меъроҷи сухан пас аз паямбар,*
*Набошад ҳамчу шоир шахси дигар.*

*(Ҳамон асар, 256).*

Бо мақсади тарғиби ҳусни хат ва хушнависӣ диққати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шогирдонро ба он ҷалб намудан лозим аст, ки «Ҳоҷӣ дар зебо навиштани хатҳои насх, настаълиқ, сулс, нурӣ, райҳонӣ,рукумо, нохунӣ, ёқутӣ, ёқутии зулфомез,хатти ғубор,тавъам ва ба дигар навъҳои хат тахассус пайдо карда, дар ин соҳа низ ба обрӯ ва эътибори калоне соҳиб гардидааст». (Ҳамон асар,6). Ҳатто дар санъати хаттотӣ асари «Ашколи хутути исломия»-ро низ таълиф кардааст.

Ба диққати хонандагон бояд расонид, ки Ҳоҷӣ баъди ҳатми мадраса бо мақсади ҳаҷ ба нимҷазираи Арабистон мусофират намуда, ҳатто ба Фаронса низ рафта будааст:

*Ҳамчу ангушти шаҳодат ба кафи аҳли фаранг,*
*Ҳоҷӣ беқадр шуд аз кинаи танҳо ин ҷо.*
*(Ҳамон асар,1962, 31).*

Баъди бозгашт аз ҳаҷ Ҳоҷӣ ба Бухоро намеравад, балки ҳисси муҳаббат ба ёру диёр ӯро ба зодгоҳаш меорад. Дар ин бора худи шоир низ дар яке аз мактубҳои ба дӯстонаш навишта таъкид мекунад, ки мақсади хизмат ба волидон ва фикри «ҳуббул ватани минал имони», яъне дӯст доштани ватан аз имон аст, ӯро ба зодгоҳаш кашид: «Бандаро орзуи зиёрати волидайн ва ризқи парешон ва қазияи ҳуббул ватани минал имони инон аз қабзаи ихтиёр рабуда, ба он касба маътуф медорад..., варна видои дӯстон ва ҳаҷри муҳибон ранг аз рӯйи муҳаббат метарошад ва нохуни ифтироқ синаву ҷигар мехарошад (Ҳамон асар,7).

Ҳоҷӣ дар яке аз ғазалҳояш низ ба ин ишорат намуда мегӯяд:

*Гӯшаи танги Ватан «**ҳасни ҳасин**[3]»-и хатар аст,*
*Шарар аз санг ҷаҳад, мурдани ӯ осон аст.*
*(Ҳамон асар,43).*

Дар ин сатрҳо шоири ватандӯст гуфтанист, ки ман дар ватан бо мушкилӣ рӯз мегузаронам. Бо вуҷуди ин бақои ман дар ватанам аст. Мисли шарорае, ки аз санг ҷаҳидаву мемирад, ман аз ватан дур мемирам.

Ба хонандагон бояд таъкид намуд,ки Ҳоҷӣ дар авҷи камолоти эҷодӣ,дар синни 41-солагӣ дар соли 1922 дар Кангурт вафот кардааст. Марқадаш низ низ дар баландии рӯ ба рӯйи деҳаи Давлатшоён зиёратгоҳи мардум аст.Катибаи санги мазораш бозгӯи шавкату эътибори шоир аст:

*Агар бар хоки Ҳоҷӣ бигзарӣ, фасле таҳаммул кун,*

---

[3] **Ҳасни ҳасин** - дорандаи ҳусни устувор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ки бе файзе набошад тӯдаи хоки мазори ӯ.*
*(Ҳамон асар,191).*

Мероси адабии Ҳоҷӣ дар «Куллиёт»-и ӯ соли 1913 (1331ҳ.) дар Тошканд ба зевари табъ расидааст, фароҳам омадааст, ки аз ғазал (254 адад), муҳаммас (19), мусаддас (1-то-28 банд), марсия (4), рубоӣ (97), таърихи манзум (13), мактубҳои мансур (9), мактубҳои манзум (1), манзумаҳои «Василату-н-наҷот», «Дабистони ибрат», «Таърихи ҷуда», рисолаи таърихии «Мунтахабу-л-ахбор фӣ тарбақоту-с-салотин» ва маснавии «Комде ва Мадам» иборат аст.

Пас аз таҳлили намунаҳо аз ғазалиёт ва рубоиёти шоир салоҳ мешуморем, ки ба суроғи маснавии «Комде ва Мадан» шуғл варзем ва махсусан сари масъалаи тасвири кишвари Хатлон дар ин асар иҷмолан таваққуф намоем.Қобили тазаккур аст, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн дар қисмати ифтитоҳии достони «Комде ва Мадан» пас аз ситоиши сухани мавзун ба тавсифи Хатлон мепардозад:

*Арши суханро бидиҳам бартарӣ,*
*Фарши хирадро бикунам зеварӣ.*
*Аз сифати хубии маъмурае,*
*В-аз гуҳари шоҳиди мастурае.*
*Рафти сухан бар сари Хатлон бувад,*
*Ҳубби ватан гӯшаи имон бувад.*
*(Ҳамон асар,258).*

Воқеан, дар ин ҷо шарҳ додани истилоҳи «Хатлон» аз манфиат холӣ нест. «Натиҷаҳои ковишу ҷустуҷӯи бостоншиносон, авроқи парокандаи осори хаттӣ гувост, ки Хатлонзамин яке аз ҷабҳаҳои қадимии кишварамон буда, ба дастдарозиҳои Хоқони Чину Қайсари Рум ва хулафои арабу султонони манғития гирифтор гардида, гарчанде борҳо хоку туроб шуда бошад ҳам, вале боз ҳамчун навбовайи кӯҳӣ аз нав рӯида, мардумаш сарбаланду заминаш пурбору иморатҳояш маъвои худиву дӯстон боқӣ мондааст» (Девонақулов, 1989, 187-188).

Дар бораи сарнавишти Хатлон аз олимону адибони Юнони қадим- Птоломею Плиния сар карда, то муаллифони осори адабию таърихӣ, ба мисли Хурдодбеҳ, Истархӣ, Табарӣ, Балъамӣ, Мақдисӣ ва дигарон қайдҳо кардаанд. «Хуталон-билодест муҷтамеи он сӯйи Ҷайҳун, наздики Самарқанд ва Хуттал кураи васеест дорои шаҳрҳои бисёр дар Мовароуннаҳр»-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

оварда шудааст дар «Маҷмаъу-л-булдон». Абӯабдуллоҳи Муҳаммад ибни Аҳмад Котибии Хоразмӣ бошад, роҷеъ ба «Ҳаётила» дар асараш «Мафотеҳу-л-улум» чунин навиштааст: «Ҳаётила номи гурӯҳе аз мардуми қудратманд будааст, ки молики сарзаминҳои Тахористон будаанд» (Ҳамон асар,188).

Аз рӯйи нишондоди Ал-Истархӣ Хатлон вилояте будааст, ки шаҳрҳои Мунк (Ховалинг), Нучара, Барсариғ, Ҳулбук, Тамлият, Фархор, Карбанҷ, Андиҷараг, Рустақбиқ, Сикандара, Ҳалевард, Леваканд (Бохтар), Меренд, Рашт (Ғарм), Бадахшон, Каррон (Дарвоз) ва ҳоказоро дар бар мегирифтааст.Дар робита ба ин, Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ оид ба пайдоиши Хатлон сухан ронда, таъкид мекунад, ки Худо биҳиште дар рӯйи олам офарид ва ба он Хатлон ном ниҳод:

*Худо чун вазъи таркиби башар кард,*
*Кароматномааш маншур сар кард,*
*Ба ҷойи истиқомат кард муҳтоҷ,*
*Биҳишташ бурду бозаш кард ихроҷ.*
*Ҷаҳонро баҳри ӯ барбаст ойин,*
*Дар он вайрона фармудаш, ки биншин.*
*Замин аз юмни пойи он муборак,*
*Ба ободӣ баромад пою торак....*
*Билоду қаряҳо гардид маъмур,*
*Чу гардун бурҷҳо манзилгаҳи нур.*
*Зи хубӣ чун биҳишт аз рӯйи эъҷоз,*
*Намудӣ ҳар яке бар дигаре ноз.*
*Аз ӯ шуд мунтахаб сабзиназоре,*
*Ҷаҳони дигаре, боғу баҳоре,*
*Замин чун бар фалак н-ояд мубоҳӣ,*
*Ки Хатлон халқ кард аз вай илоҳӣ.*
*Чу Хатлон хиттае кам офарида,*
*Ки фирдавсе ба олам офарида.*
*(Ҳоҷӣ,1962, 259).*

Хуб мебуд, ки ба хонандагон маънои калимаи «Хатлон» шарҳ дода шавад. Хатлон аз калимаи «хатл», баромадааст, ки он ба тарзи хитл, «хуттал», «хатил» низ дучор меояд, қайд мекунад муаллифи «Асрори номҳои кишвар» А. Девонақулов. Вобаста ба тағйирёбии ҳаракати фатҳа (а), касра (и) ва замма (у) то андозае маънии луғавии онҳо низ дигаргун мешавад. Масалан, «хатл» агар ба маънии «фирефтан» дар мафҳуми «зиракӣ» ,инчунин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«камингаҳ» ояд, шакли «хитл»-и он ба маънии «пӯшиш» «хона», «сӯрох» меояд, вале шакли «хатил» бо «то»-и арабӣ баробари дигар маъниҳо ба маънии «найзазан», «ҷавонмард» омадааст. Инчунин «хатл» маънои «базриқутуно»-ро дорад,ки он гиёҳе буда, дар гузашта ҳамчун масолеҳи доруворӣ истифода мешудааст. Воқеан, бо гиёҳ муносибат доштани калимаи «Хатлон» бесабаб нест, зеро ки Хатлон сарзамини кӯҳистон буда, табиати зебо, гиёҳҳои шифобахш ва меваҷоти лазиз дорад.Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ ба ишора намуда мегӯяд:

*Ба домони губораш богу бустон,*
*Ба дӯши хорзораш сунбулистон.*
*Назокат ҳар куҷо бошад дар ӯ ҷамъ,*
*Зи хошокаш намоён бурқаи шамъ,*
*Агар хоре ба пойи ӯ расида,*
*Чу шамъаш аз гиребон гул дамида.*
*Аз он беш аст дар вай богу гулшан,*
*Ба пирӣ мерасу натвон шумурдан....*
*Зи бори мева шохи паҳну борик,*
*Чу пирон хам шуда бо саҷда наздик.*
*Саховатмашрабе густурдааш хон,*
*Ба ҳам барчида неъматҳои алвон.*
*Тамаъ бар неъматаш чун осмон кард,*
*Забони косалесӣ Каҳкашон кард.*
*Кӯҳистонаш хазири ахзаринпӯш,*
*Равон аст осмоне бар сари дӯш.*
*(Ҳоҷӣ,1962,260).*

Дар «Фарҳанги Нафисӣ» маънии луғавию истилоҳии «ҳайтол» ба тариқи зайл сабт гардидааст: «Ҳайтол»-озод аз хироҷ; Ва мардуми қавиҳайкалу тавоно. Ва вилояти Хатлон ва мулки Бадахшон ва подшоҳони онро «ҳаётила» мегуфтаанд. Илова бар ин дар аксарияти фарҳангу сарчашмаҳо гуфтаанд, ки мардуми ин ҷо хушсурату бофарҳанг мебошанд. Ҳоҷӣ Ҳусайн низ дар хусуси макони аҳли фазлу дониш ва бузургони илму адаб будани Хатлонзамин мегӯяд:

*Макони фазлу арбоби ҳунар ӯст,*
*Қумоши илмро печида дар пӯст.*
*Ҳаме аҳли камолу ҳол то қол,*
*Ба хокаш медамад чун сабза ҳар сол.*
*Ба хоки он замини хулдмонанд,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

*Бузургони қадимӣ хуфтагонанд.*
(Ҳоҷӣ,1962,261).

Шоир покдоманӣ ва иффати занони Хатлонро ба тариқи зайл қаламдод намудааст:

*Ба иффат чун занони покдоман,*
*Зи хуни лола марҷон то ба доман.*
*Ба хубонаш макун нисбат, ки бинӣ*
*Хиҷолат маҳвашони Руму чинӣ.*
*Паризодони аз ноз офарида,*
*Зи шӯхиҳои зъҷоз офарида.*
*Ба тори зулфашон дандони шона*
*Расад, дил мекушояд дона-дона.*
*Ба рӯйи сабза аз нозукравонӣ,*
*Бароянд дар либоси аргувонӣ.*
*Барорад аз Замин то осмон ранг,*
***Кузаҳ***[4] *аз шаш ҷиҳат созад аён ранг.*
*(Ҳамон асар, 250-261).*

Маънии соф истилоҳии «Хатлон» дар фарҳангҳо ба тариқи зайл тафсир гардидааст: «Хатлон» …номи шаҳрест аз иқлими чаҳорум ва аз билоди Ҳайтол аст... ва ба Мовароуннаҳр наздик аст, ба Тибет ва аз он ба замини Таводиёну (Қубодиён) , Чағониён ва Тирмиз оянд. Ва дар он вилоят матоъҳое некӯ бувад, аз он ҷумла асп....Ва кулли вилоятро Хатлон гӯянд, ки Анварӣ гуфта:

*Мубашшир омаду ахбори фатҳи Хатлон дод,*
*Нишони бода кун, эй хусрави Хуросон, шод.*
(Девонақулов,1989,190-191).

Ҳоҷӣ Ҳусайн низ ҳунармандии Хатлониёнро ба тариқи зайл тавсиф менамояд:

*Бубинӣ санъати дасти худоӣ,*
*Дар ин ҷо гар тафарруҷ менамоӣ.*
*Ки карда нақшҳо дар гавҳари санг:*
*Мулавван* ***байза***[5], ***хумраъ***[6], *мухталифранг.*

---

[4] **Ҳасни ҳасин** - дорандаи ҳусни устувор.
[5] **, байза -** сафед
[6] **хумраъ –** сурх
( **кузаҳ** - *рангинкамон).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

(*Ҳоҷӣ, 1962,160*).

Дарвоқеъ, сабаби ба Хатлон лашкар кашидани чи Искандару чи Асад ибни Абдуллоҳ ва чи Алпарслони Салҷуқӣ диёри раҳзани ҳуш будани ин мавзеъ аст. Ҳатто ба ақидаи Ҳоҷӣ қолаби ҳазрати Одам Сафиаллоҳро аз гили ин диёр сохтаанд:

*Аз он шуд ин диёри раҳзани ҳуш,*
*Малоҳат дар кафи хокаш ҳамогӯш.*
*Ҳавояш чун гулоби инбисот аст,*
*Димоги дилхушӣ дар ин бисот аст.*
*Чу бахти рӯкушову фоли фирӯз,*
*Маҳаш иди сиёму рӯзи наврӯз...*
*Гулистони Ирам пинҳон ба хокаш,*
*Шадоди орзуҳо ҷонҳалокаш.*
*Биҳиште, лек одам гашта сокин,*
*Латофатманзиле рашки амокин.*
*Зи хокаш қолаби одам кашида,*
*Ки аз ҷаннат ба ин ҷо орамида.*

(*Ҳамин асар, с. 260-261*).

Мувофиқи маълумоти «Ҳудуду-л-олам» «Хатлон ноҳияест аз ҳудуди Мовароуннаҳр андар миёни кӯҳҳои бузург. Ва ободону бисёркишт ва бисёрмардум ва неъматҳо фарох... Ва мардуми ин ноҳият мардумони ҷанговаранд». (Асрори номҳои кишвар, 1989, 191). Оид ба боигарии табиии ин мавзеъ маълумот дода менависад: «Андар биёбонҳову андар кӯҳҳои вай маъдани сим асту зар. Ва аз ин ҷо асбони нек хезанд бисёр» (Ҳамон асар, 191). Ҳоҷӣ Ҳусайн низ бо назардошти тамоми боигариҳояш Хатлонро аз Хутан, Хито, Бадахшон, Фарангистон, Ҳинду Кашмир ва Исфаҳон болотар мешуморад:

*Зи дунё вусъати ӯ ҳаст берун,*
*Ба домонаш работе ҳафт гардун.*
*Хутан бар оҳувони ӯ чарогоҳ,*
*Хито бар галлабононаш ду хиргоҳ.*
*Бадахшон хун зи рашки кӯҳсораш,*
*Ба доман лаъли хунин ашквораш.*
*Ба догаш баски рафта дар табу тоб,*
*Фарангистон нишаста дар лаби об.*
*Магӯ дар пеши ӯ аз Ҳинду Кашмир,*
*Гунаҳ бошад, забонро дар адаб гир.*
*Зи гарди домани мижгонсиёҳон,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Кашида сурма дар чашми Сафоҳон.*

*(Ҳоҷӣ,1989, 261).*

Ҳоҷӣ Ҳусайн чашмасорони Хатлонзамин ва атрофи онро бо шӯру шавқ васф намудааст:

*Зулолаш софии Кавсар гирифта,*
*Чу маъшуқаш замин дар бар гирифта,*
*Канори ҳавзу тарфи чашмасораш*
*Сафохези Ҳалаб оинадораш.*
*Зи борон-ш аз латофатинтисобӣ,*
*Зи вай сад гуна табхоли ҳубобӣ.*
*Хушо сайри тамошои баҳораш*
*Канори ҳавзу дашти лолазораш.*
*Навои булбулонаш шох бар шох,*

*Асарсанҷе, ки созад кӯҳ сӯрох.*

*(Ҳамон асар,260).*

Вобаста ба ин «муаллифи асри IX дар қисмати «Мулҳақот»-и асари Ибни Хурдодбеҳ се ривоят оварда, ки аз ҷумла ривояте оид пайдоиши асбони Рахшмонанд мебошад. Гӯё Хатлон ҳазорҳо чашма доштааст, вале ду чашмаи он ниҳоят сероб буда, яке дар болотари мавзеъ ва дигаре дар поёни он ҷойгир будааст. Чашмаи болотари шахрро Навкул мегуфтаанд. Дар замони шоҳии Бик галабони ӯ Ибни Ҳарис дар қарибии ин чашма галабонӣ мекардааст. Вай рӯзе мебинад, ки аз чашмаи Навкул асбе баромада, бо гала ҳамроҳ мешавад ва баъди чанде ғайб мезанад. Боре Ибни Ҳарис мехоҳад, ки асберо рому саворӣ бикунад. Вай шоҳиди он мегардад, ки асб қариб аст, парвоз бикунад. (Девонақулов, 1989,192). Гумон меравад, ки чашмаҳо, ки ба кул табдил ёфтаанд, Ойдинкул (номаш низ ба Навкул наздик аст) ва Булёни Поёни ноҳияи Данғара мебошанд, ки ҳоло низ пойбарҷоанд ва дар байни аҳолии ин мавзеъҳо низ чунин ривоят ҷой дорад.

Роҷеъ ба макони намак будани Хатлон Ҳоҷӣ Ҳусайн чунин мегӯянд:

*Намояд росиёти ин шутуркор,*
*Қатори бахтиён, аммо намакбор.*

(Ҳоҷӣ,1989,260).

Ногуфта намонад, ки Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб- ул-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷавоҳир» ном асараш қайд намудааст, ки дар ҳудуди Хатлонзамин кӯҳе бо номи Маҳатон вуҷуд дорад. Ин кӯҳ дорои намаки кӯҳии сафед, сурх, сиёҳ, зард ва сабз будааст, ки он аз ҷиҳати тамъ беҳтарин намаки олам ба шумор мерафтааст.

Хулоса, тавассути эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ ва махсусан бо шарофати шиносоияшон бо достони «Комде ва Мадан»-и шоир хонандагон ба таърихи Хатлони бостон, маънои истилоҳии он, табиати фусункор,манзараҳои дилфиребу нотакрор ва муъҷизоти бисёри ин диёр ошно мегарданд. Ба ин васила омӯзгор робитаи забону адабиёти тоҷикро бо ҳаёти як гӯшаи кишвари тоҷикон, бо таъриху тамаддун, табиати диёри азизамон таъмин мссозад, ҳисси кунҷковӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодкории шогирдонро бедор менамояд, хаёлоташонро рангин, нутқашонро образнок мегардонад.Зимни маводи маҳал омӯзгор баробари тарғиби ватандӯстӣ, муҳофизати муҳити зист ва мероси аҷдодон дар ҳалли яке аз масъалаҳои муҳим- баланд бардоштани маҳорати забондонию луғатомӯзии хонандагон, шарҳи дурусти топонимҳои маҳал саҳм мегирад.Чунин тарзи кор рағбати шогирдонро ба осори адабию бадеии маҳаллӣ дучанд мегардонад, онҳоро ба омӯхтани қаҳрамониҳои аҷдодон шавқманд месозад, имконияташон медиҳад, ки зеҳни худро бо донишҳои назарию амалии наву тоза сайқал диҳанд.

## 1.15. ШИНОХТИ КИШВАРҲО ДАР «ТУҲАФИ АҲЛИ БУХОРО»-И МИРЗО СИРОҶИ ҲАКИМ

Дарк кардани моҳияти ҳастии инсоният, рушди худогоҳию худшиносӣ, баҳо додан ба мақоми зисти инсон, пайдо кардани таассурот доир ба макони сукунат масъалаҳоеанд, ки дар маркази таваҷҷуҳи ҳар инсони закитабъ, соҳибмаърифат ва комил қарор доранд. Доир ба шароити табиӣ, рушди ҷомеа ва соҳаҳои он, кишоварзӣ, саноат, иқтисодиёт, маориф, таъриху фарҳанг маълумот пайдо кардан муҳтавои асосии кишваршиносиро дар бар мегирад. Асарҳои «Авесто», «Таърихи Бухоро»-и Муҳаммад Наршахӣ, «Ҳудуду-л-олам» «Бадоеъу-л-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Наводиру-л-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ғайра асарҳоеанд, ки маълумоти гуногун доир ба одамон, табиати маҳал, фарҳангу таърих, тамаддун, тарзи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зисти мардумонро дар бар мегиранд. Асари «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷ яке аз асарҳои хеле мукаммалест, ки паҳлуҳои васеи адабӣ, илмӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва ғайраро фаро мегирад. Ин асар аз дидаҳо ва нақлу ривоёти аз сарчашмаҳои муътамад шунидаи Мирзо Сироҷиддини Бухороӣ оғоз ёфта, таълифи он ба соли 1910 рост меояд.

Аз синни хурдӣ Мирзо Сироҷ дар баробари аз худ кардани хатту саводи форсӣ, қисман луғоти арабӣ ба омӯзиши забони русӣ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.Худи ӯ дар ин бора чунин менависад: «...ағлаби майлу шуғлам дар хондану навиштан буда, ...пеши як нафар муаллими русидон шуруъ ба хондану навиштани забони русӣ намуда, дар муддати шаш моҳ хондану навиштани хати русиро балад шудам.... Пас аз он дар яке аз мактабҳои русӣ, ки тоза дар Бухоро мафтуҳ шуд,дар як сол таҳсили лисон, риёзӣ, ҷуғрофӣ намудам. Ағлаби шабҳо дарс мегирифтам ва бар аксари рӯзномаҳои русӣ ва туркӣ обуна гардида, туркиро ҳам хуб балад шудам. Ва ба қадри шаш моҳ дар назди як муаллими фаронсадон хатту саводи фаронсаро бо ҷузъе луғат таҳсил намудам... Ва гоҳе шеъри форсӣ ҳам машқ мекардам. Рафта-рафта бад шоире ҳам нашудам. Ҳолия ҳам гоҳе шеър мегӯям. Баъд қариб як сол пеши як нафар аз мударрисҳои Бухоро сарфу наҳву қадре фиқҳ ҳам ба забони арабӣ таламмуз (дарсхонӣ ) намудам....» (Туҳафи аҳли Бухоро,11).

Сифат ва маҳорати маърифатие, ки Мирзо Сироҷиддини Ҳаким ҳосил намуда буд, дар вақти дидан намудан аз вилоят ва кишварҳои дигар ба ӯ дар омӯхтани вазъи ҳаёти мардуми он ҷо хеле кӯмак намуданд.Хусусан қисман огоҳ будани ӯ аз забони русӣ ба вай имкон медод, ки бо дигар кишварҳо ҳам робитаи тиҷоратӣ пеша карда ва ҳам саёҳати кишварҳоро муваффақона анҷом диҳад.

Дар китоб бештар маълумоте мавҷуданд, ки онҳо аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ, саноатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ ва ғайраро доранд.Муаллиф дар бораи Хӯқанд ҳамчун пойтахти Фарғона сухан ронда, иброз медорад, ки волии охирини ондавраи Фарғона-Худоёрхон ба дасти русҳо асир меафтад.Ӯ ба Урунбурғ (Оренбург) фиристода мешавад,пас аз он ҷо ба Макка фирор мекунад.Чанде пас ба Ҳиндустон ҳиҷрат карда,ба марази молихулиё фавт шудааст. Иброз медорад, ки ҳоло Фарғона дар тасарруфи рус қарор дошта, мамлакати хушбоду ҳаво ва обод



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аст. Доир ба саноат ва тиҷорати ин мулк чунин маълумот дода мешавад: «Тиҷорати абрешиму пиллаву панба аз ҳадди васф хориҷ аст. Ҳарсола чандин сад ҳазор пут пиллаву абрешим ба амал меояд. Ва ҳамасола ҳам дар тазойид аст. Моли заръӣ (кишт, зироат) ҳам милёнҳои дар милён ҳарсола ба фурӯш мерасад. Ва он ҳама тараққиро баъд аз омадану тасарруф кардани рус намуда. Собиқ агарчи ҳамин обу хок буда, ҳеҷ як аз ҳуккоми онҳо дар фикри ободии мулк набудаанд» (Туҳафи аҳли Бухоро,12).

Дар хусуси ҳокимони он давр вусъати андеша ронда, қайд менамояд,ки ғайр аз зулму тааддӣ ба мардум дар фикри ободӣ, тиҷорат ва вусъати доираи тиҷорат ҳаргиз талоше наварзидаанд. Ин аст, ки онҳо бидуни чанд мадраса ва як арк чизе боқӣ нагузоштаанд. Хам фуқароро гадо ва фақир намуданд, ҳам худашон манфиате бурда натавонистаанд.

Аз усулу технологияи саноатии муосири он давр истифода намуданро Мирзо Сироҷ дастовард ҳисобида менависад: «Ҳолия ҳам раъоё сер ва мутаммавил шудаанд ва ҳам давлат солиёна куллӣ дахл мебарад. Ва ҳамасола чандин ҳазор пут панба ва абрешим ба Русия ва Фарангистон (Аврупо) ба фурӯш рафта, дар иваз чандин ҳазор идее ҷинсу матои Русия дар Фарғона тавассути туҷҷор ба фурӯш мерасад. Тиҷорат, хонаҳо ва бонкҳо ба асомии (номҳои) муҳталиф хеле доду ситад мекунанд. Тоҷир ва муомилагари яҳудӣ аз аҳли Русия ва аҳли худи Фарғона бисёр ҳастанд... Мошин ва ҳаллоҷии панбакашӣ (зовуд) ҳам мавҷуд аст» (Туҳафи аҳли Бухоро,13).

Муаллиф аз таъкиди чандинкаратаи ба тиҷорат ва саноат машғул шудани иттиҳодияҳои русу яҳудиён гуфтан мехоҳад, ки бояд мардуми маҳаллӣ низ фаъол ва дар коркарди маҳсулоти хоми маҳаллӣ мутаваҷҷеҳ бошанд. Бо таассуфи зиёд қайд мекунад, ки аҳолӣ аксар аз илми тиҷорат ноогоҳ ҳастанд. «Куллияи миҷози ин мардум ба танбалӣ ва булҳавасӣ хӯ карда, агарчи умуми мо мусулмонони Осиё як миҷозро дорем, вале ҳар гоҳ мардуми Фарғона як вуқуфе медоштанд, куллӣ тараққӣ мекарданд. Агар бо ҳам муттафиқ шуда,ширкатҳо ташкил дода,бонк ва тиҷорат, хонаҳои умумӣ мисли соири милал доир намоянд, сарвату тиҷорати мамлакат аз дасти онҳо хориҷ нашуда, ба дасти худашон хоҳад монд ва илло фало» (Туҳафи аҳли Бухоро,14). Мирзо Сироҷиддин ин пешниҳод ва ангораҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

худро зимни таҷрибаҳои андӯхтааш аз саёҳат ва тиҷорати дар кишварҳои гуногун бардоштааш карда, ба таҳлил ва баррасии мушкилоти умдаи давр кӯшидааст.

Асари мазкур дорои маълумоти рангини шаҳрдорӣ, коммуникатсионӣ, экологӣ, инфра-стуктураи хоҷагидорӣ низ ҳаст. Ӯ нигоштааст, ки Хӯқанд дар асл шаҳри бисёр қадимӣ нест. Иморатҳояш бо тарҳи шарқӣ сохта шуда, бозорҳояш сарпӯшидаанд. Шаҳр мисли шаҳрҳои Аврупо аз рӯйи тарҳи муайян сохта шудааст. Аксари обу ҷӯйҳое, ки аз даруни шаҳр мегузаранд, тоза набуда, онҳоро тез - тез тоза намекунанд. Аз ин рӯ, обашон ифлос аст. Дар баробари ин тарзи шаҳрсозии русӣ тавсиф шуда, тозаву озодагӣ, хуррамию сарсабзӣ, ободиву мушаҷҷарии он қайд шудааст: «Оби ҷорӣ аз ду тарафи хиёбонҳо дар гузар аст. Боғҳои хуби оличанобе дорад, ки сарватҳои кулли рус дар ин боғҳо ҳар сол махориҷ мекунад. Дар тамоми шаҳр чароғи барқ ва тилифун доир намудаанд. Шабҳо ҳам мисли шаҳрҳои Ӯрупо чун рӯз равшан аст. Хӯқанд рафта-рафта обод хоҳад шуд» (Туҳафи аҳли Бухоро,13.)

Сипас, муаллиф доир ба Самарқанд маълумот дода, боду ҳавои онро мусаффо, обашро фаровон ва тамъи меваҷот ва маҳсулоташро хушмазза арзёбӣ мекунад. Ободии он ва имороти боҳашамати дар он қоматафрохта таъкид мегарданд.

Дар бораи дар наздикии Марғелон шаҳри наву замонавие бунёд кардани русҳо сухан рафта, шаҳри босафо ва маъмурӣ будани он таъкид мегардад. Доир ба Марғелон маълумоти давлатӣ ва ҳарбӣ ҳам дода мешавад: «Имората аъёнӣ ва давлатии муътабар хеле дорад. Губернотур, яъне ҳукумати куллии Фарғона дар он ҷост. Соҳибмансабони низомӣ, аскари пиёда ва савора ҳам нисбат ба соири шаҳрҳои Фарғона дар он ҷо хеле аст. Аскархонаҳои зиёде сохтаанд. Боғи давлатӣ ва боғчаҳои қашанг бисёр дорад. Ҳама обшор ва хушбоду ҳавост, ки рӯҳи инсон тоза мешавад. Вақте ки русҳо Фарғонаро мутасарриф шуданд, ҳавои он ҷоро беҳтар писандида, аз ин ҷиҳат нишемангоҳи ҳукуматии кулл ва руасои қушунӣ ва асокири низомиро дар он ҷо қарор додаанд» (Туҳафи аҳли Бухоро,14).

Муаллиф дар хусуси шаҳри Андиҷон сухан ронда, қайд мекунад, ки заводҳои замонавӣ дар он ҷо низ сохта шудаанд, лекин пиллаи абрешими он аз дигар минтақаи Фарғона сифаташ паст аст. Қайд мегардад, ки замоне ин шаҳрро зилзила хароб



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намуда бошад ҳам, вале он аз сари нав обод гардидааст. Дар бораи содагӣ ва тангназарии бархе аз рӯҳониёни ҷоҳил сухан ронда, иброз медорад, ки замоне ду-се муридони шайхони он ҷо муқобили русҳо ҷиҳод эълон карда, алайҳи лашкари тавонои рус баромаданӣ мешаванд. Дар натиҷа аҳолии бисёре қурбон шуда, қисме асиру ҳабс мешаванд. Ин гурӯҳро маҳкум намуда, тазаккур медиҳад, ки «Аз касофати ӯ 25 соат дар Андиҷон ҳукм шуд, ки қонуни низоми ҷорӣ бошад. Чандин сол ҳам тариқи истибдод ҷорӣ шуд. Аз ин сабаб Андиҷон андаке аз тариққӣ ақиб афтода, дар тиҷорати он ҳам зарар расид. Вале ҳолия боз рӯ ба ободист» (Туҳафи аҳли Бухоро,15).

Муаллиф дар бораи саёҳат ба шаҳрҳои Туркистон-Ҷамбул ва Тошканд суханронӣ намуда, дар бораи мавқеи онҳо, роҳҳо, вокзалҳои роҳи оҳан, мёҳмонхонаҳо, иморат ва боғҳои он, хиёбону гулгаштҳои ин шаҳрҳо маълумот медиҳад. Дар асари мазкур маълумоти ҳандасавӣ, ҷуғрофӣ ҳам мавқеи махсусро ишғол мекунад, ки баъзеи онҳоро мисол овардан ҷоиз аст: «Аз Тошканд то Авлиё-ато (Ҷамбул) дусаду панҷоҳу ду вирс (вёрст) роҳ мебошад. Ҳар ҳафт вирс як фарсах аст. Аксари ин роҳ дашту биёбон аст. Дар миёнҷои он тамоми мардуми алоҷикнишин манзил ва сукно доранд. Алоҷик (хонаи сиёҳ) ҳама молдору чорводоранд» (Туҳафи аҳли Бухоро,19)

Ба ғайр аз ин дар асар маълумоти мардумшиносӣ низ хеле ба чашм мерасад, ки қимати асарро бештар мекунад.Аз ҷумла, дар бораи мардумони дар байни шаҳрҳои Тошканд ва Авлиё-ато ҷойгиршуда маълумот дода мешавад, ки дар миёни онҳо тамоми мардумони қирғиз манзил ва сукно дошта, молдору чорводоранд. Тарзи маишат ва зиндагии онҳоро дар сатҳи паст арзёбӣ намуда, хориҷ аз тамаддуни инсоният меҳисобад. Дар бораи русҳои муқими ин мавзеъҳо маълумот дода мешавад, ки онҳо дар замин бо мошину асбобҳои ихтирои ҷадид кор мекунанд. Гуфта мешавад, ки онҳо ободиҳо барпо намуда, соҳиби сарвату мол шудаанд.Доир ба муҳоҷирату ба ин сарзамин омаданашон онҳо аз қисмат муташаккиранд. Ҷаҳолати мардуми сокини ин минтақаро муаллиф дар он шарҳ медиҳад, ки онҳо барои ҳосили баланд гирифтан аз замин, аз ихтирооти ҷадид истифода намебаранд, чунки ихтироотро онҳо аз они кофирон ҳисобида, истифодаи асбобҳои ҷадидро барои коркарди замин ноҷоиз меҳисобанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Муаллиф қайд менамояд, ки мардуми рус дар ин сарзамин сарсабзию хуррамӣ карда, дарахтон ва боғистони зиёде бунёд кардаанд. Дар фасли сармо аз он оқилона истифода карда, чӯби ҳезум истифода мекунанд. Вале мардуми муқимии он ҷо-қазоқону қирғизон аз биёбонҳои дур хасу хори чӯлро оварда, дар зимистон ба ҳазор сахтӣ ва машаққат рӯз мегузаронанд. Бо чунин далелҳо муаллиф нақши мардуми тараққиҳои русро дар сарзамини Осиёи Миёна баланд арзёбӣ карда, сабаби баланд будани сатҳи зиндагии онҳоро меҳнатдӯстӣ ва аз ихтироoти тоза истифода кардани онҳо медонад: «Русони тозаомада ҷиҳатҳои иски ононро тасарруф намуда буданд. Ба банда баъзе русони он ҷо гуфтанд, ки мо дар вақти аз Русия омадан ҳама фақир буда, чизе надоштем, ҳолия ҳамаашон мутамаввил (молдор, сарватманд) шудаанд. Иморатҳои хуб сохтаанд. Анборҳошон ҳамавақт пур аз ғалла мебошад. Моли мавошӣ ҳам гала -гала, рама-рама доранд. Ҳарсола кулли ғалла фурӯхта, дахл мекунанд. Ҳар кадом фургунҳо (фургон) доранд, дар вақти бекорӣ кирокашӣ мекунанд. Асбҳои фарбеҳ ва чок доранд» (Туҳафи аҳли Бухоро, 20).

Мирзо Сироҷиддин дар асари худ ба ҳар як шаҳри саёҳаткардааш мушоҳида ва маълумоти гуногун пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, ӯ андешаҳои худро доир ба табиат ва экологияи шаҳри Чимканд (Чимкент) чунин баён месозад: «Ин маҳал бисёр ҷойи хушобу ҳаво, дар фасли тобистон хеле сард ва айлоқият дорад. Обҳои ҷории гуворо ва чашмаҳои ҷорӣ дар камоли ширинӣ ва сардӣ дар ин шаҳр бисёр мавҷуд аст. Боғу бӯстонҳои хеле қашанг, урмону бешаҳои сабзу хуррам дар шаҳр ва атрофи он бениҳоят аст. Аз ҷумла як боғи бисёр бузурги босафое дорад, ки назираш дар он сафаҳот кам дида шуда ва хеле ҳам қадимӣ аст, ободӣ ва накӯии он аз васфу таъриф хориҷ аст. Ба қадри чиҳил адад чашмаи ҷорӣ дар васати ин боғ дида шуд, ки тамоми он чашмаҳо муттасил дар чаҳор фасл ҷорӣ аст, оби ширини гуворое доранд. Атрофи ҳар якро ҳавзе аз санг бино кардаанд, ки оби он ибтидо дохили ҳавз шуда, баъд аз як тараф хориҷ мешавад. Тамоми оби ин чашмаҳо баъд аз хориҷ шудан аз боғ як наҳри бузурге шуда ҷорӣ мешаванд. Васати боғ ҳам чиҳил ҷариб (масоҳате тақрибан даҳ ҳазор метри мураббаъ) бештар аст. Дарахтҳои он тамом сарви озод ва ҳуҷум аст. Дарахти мевадор ҳам калиле дорад».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Доир ба масъалаҳои тиҷорат маълумоти муфассале дода шуда, қайд мегардад, ки дар Чимкент ҳафтае ду рӯз бозори калон мешавад, ки аз чор тараф қирғизҳо барои муомила меоянд. Қайд мегардад, ки бозори галла ва моли чорпои он бисёр васеъ аст ва бениҳоят галла ва мол савдо мешавад.Дӯкондоронаш аҳли Тошканд, мардуми маҳаллӣ ва қисман яҳудиёнанд ва тиҷорат дар он ҷо пурманфиат аст.

Ҳоло мо тавассути расонаҳои хабарӣ, шабакаи интернет ахбороти дипломатӣ ва умуман саёҳати шаҳрвандон, ки зуд -зуд метавонад ба кишварҳои дигар сурат гирад, дар ҳар маврид маълумоти тоза пайдо карда метавонем. Лекин дар замоне, ки инсоният аз истифодаи ин васоит маҳрум буд, танҳо метавонист тавассути чунин асарҳои бадеӣ ва илмии оммавӣ, ки пурра рӯҳи замонро мунъакис намудааст, огоҳӣ пайдо намояд, ин ахбор барои ривоҷу равнақи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишварҳои дигар, бахусус гирду атроф хеле муҳим буд. Онҳо тавассути он метавонистанд ба ин кишвар муносибати сиёсӣ, иқтисодӣ, кишоварзӣ, тиҷоратӣ, молӣ ва ғайра барқарор намоянд.

Муаллиф бо вуҷуди нуктасанҷ ва хеле мушоҳидакор будан таъкид менамояд, ки ҳангоми баёни аснод, дохил ва воқеот агар саҳве содир гардад, ӯро маъзарат доранд: «Чун ҳаводиси олам бисёр ҳавасамро муҳаттал намуда ва аксари матолибҳо аз хотирам маҳв шуда, фақат маоли онҳо дар ойинаи хаёл боқист, ки бинависам. Ҳар гоҳ ашхосе, ки саёҳат кардаанду қувваи таҳрир доранд, ба фикри амиқ агар бисанҷанд, он вақт мултафит хоҳанд шуд, ки бидуни сабту сиёҳа навиштани он ҳама саёҳат чӣ қадар ишғол дорад» (Туҳафи аҳли Бухоро, 24).

Ҳамин тариқ, аз мутолиаи ин асар хонанда пай мебарад, ки Мирзо Сироҷиддини Ҳаким бо вуҷуд ҳангоми саёҳат ҷавон будан аз вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии Осиёи Миёна ва қисман Аврупои онрӯза воқиф буда, ба ҳодисаву воқеот баҳои воқеӣ дода тавонистааст. Тавассути мушоҳидаҳои кишваршиносии худ ӯ на танҳо ҳамватанонашро ба он шинос мекунад, балки бо шарофати таҳлил ва муқоисаҳо аҳли кишварро ба дунёи рангину зебо ва ҷомеаи ибратангези башарӣ ошно месозад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 1.16. ПИРИ ҚУРБОНИИ РОҲИ ТАҶАДДУД, ИНҚИЛОБ ВА ҲАҚГӮӢ

Дар ибтидои садаи XX баробари маорифпарварон ба арсаи сиёсат ҷадидон низ ворид гардиданд, ки ба афкори сиёсӣ ва ҷамъиятии давр такони ҷиддӣ бахшиданд. «Агар маорифпарварони нимаи 2-юми асри XIX, - мегӯяд профессор Наҷмӣ Сайфиев,- дар асарҳои худ нуқсонҳои усули давлатдории амирони манғитияро зери танқиди сахт гирифта бошанд, ҷадидон–маорифпарварони ибтидои асри XX фаъолияти худро бевосита аз ташкили мактабҳои усули нав, нашри маҷаллаю рӯзномаҳо оғоз намуданд, яъне онҳо фаъолияти худро аз корҳои амалӣ сар карданд» (Сайфиев Н.,1988,515). Ҷадидони машҳури ибтидои садаи XX ҷавонбухориёни ислоҳотгарое буданд, ки худро ҳеҷ гоҳ ҷадидраномидаанд, балки ислоҳотхоҳ ва маорифпарвар мегуфтанд. Бо ин гурӯҳ Тошхӯҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Садриддин Айнӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим ва дигарҳоро мансуб медонанд (Сайфиев Н., 1988, 515).

Устод С.Айнӣ дар қатори инҳо аз миёни сардамдорони давр, дороён ва олимони дин шахсонеро низ ном бурдааст, ки бо ҷадидия аҳди ҳаммаслакиву ҳамрайъӣ баста буданд. Ба ин гурӯҳ Ҷаҳонгирбеки Қаровулбегӣ, Мулло Мирхон Порсозода, Мулло Низом Собитии тотор, Мирзошоҳи Фоиз (писари Мирзохон–оқсақол), Ғуломризои Қаровулбегӣ, Мулло Очилдӣ – писари Мулло Боқӣ, Муфтӣ – домулло Икром, Қозӣ Абдусамадхоҷа, Қозӣ Шарифҷон – махдуми Садри Зиё, Қозӣ Саидҷон, Мирзо Саҳбо – бӣ ва дигаронро дохил кардааст (Айнӣ С., 2010, 71).

Яке аз симоҳои фарҳехтае, ки ӯро устод С.Айнӣ «…пири равшанзамири хонақоҳи инқилобу таҷаддуд» (Айнӣ С., 2010, 269) ва Шарифҷон – маҳдуми Садри Зиё мавсуфро «Ношири эълони ҳақ» (Айнӣ С., 2009, 281) номидааст, Мирзо Ҳайити Саҳбост. Устод С.Айнӣ ба Саҳбо чун шоир ва ходими намоёни сиёсию давлатӣ, ки ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX нақши мондагор бозидааст, баҳои баланд додааст."Ҳангоме ки амир ва чанде аз косалесони дар ҷаҳлу куфр ғӯтидаи ӯ нахустин бор мактаби ҷадидияро бастанӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шуданд, миршаб Мирзо Саҳбо ба дифои ин мактаб бархест"(Раҷабӣ М.,1997, 49)

С.Айнӣ соли таваллуди Саҳборо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» (Айнӣ С,, 2010, 267-270) ва «Ёддоштҳо» (Айнӣ С., 2009, 281-282) зикр накардааст, вале дар ҳамаи асарҳояш зодбуми шоирро ноҳияи Комоти қадима, Вобканди имрӯзаи Бухоро нишон додаанд. Санаи мавлуди шоир дар «Гулшани адаб» (Гулшани адаб, 1980, 395) низ зикр нашудааст, вале профессори Донишгоҳи давлатии Бухоро Саидҷон Алиев– муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар ЭСТ (ЭСТ, 1987, 6) дар истинод ба хотироти Ойишабибӣ Мухторова– набераи Саҳбо (Саҳбо, 1991, 26) ва профессор Наҷмӣ Сайфиев (Сайфиев Н., 2012, 573) соли мавлуди шоирро 1850 (идомаи умр 68 сол), муаллифи қиссаи «Саҳбо» Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид (Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 3) 1845 (73 сол), мураттиби «Ёди ёри меҳрубон» устод Мирзо Муллоаҳмад 1262 ҳ. /1846м. – 73 сол (Ёди ёри меҳрубон, 1380ҳ., 763) муқаррар кардаанд. Аммо агар ба маълумоти устод Айнӣ эътимод намоем (…синни Саҳбо ва рафиқаш (Ҳоҷӣ Додхоҳ – Ҳ.М.), ба ҳафтод наздик буд.» - Айнӣ С.,2010, 269), соли таваллуди Саҳборо метавон 1848 тахмин зад.

Тибқи маълумоти устод С.Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» Саҳбо дар аҳди амир Абдулаҳад– вақте ки ӯ ҳокими Кармина буд, ба хидмати дарбор ҷалб гардида, баъди ба ҳайси амири Бухоро пазируфта шудани амир Абдулаҳад низ дар хидмати дарбор монд ва ба рутбаҳои «туқсабо» ва «бӣ» шарафёб шуда буд. Саҳбо дар маҷлисҳои Шарифҷон–махдуми Садри Зиё ширкат варзида, камбудиҳои амирро бепарда фош мекардааст, ҳатто дар ҳузури амир низ аз баёни сухани ҳақ ҳазар намекардааст (Айнӣ С., 2009, 281; Айнӣ С., 2010, 269; Алиев С., 1986, 88-91; Шукуров М.,1989, 103).

Устод С.Айнӣ дар истинод ба «Тазкири ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ин хислатҳои Саҳборо нишон додааст:

*Дигар шоире ҳаст донишшиор,*
*Зи тумони Комоти мулки Бухор,*
*Ки Мирзо Ҳайит ному Саҳбо–лақаб,*
*Занад ҷӯш табъаш чу май аз тараб.*
*Фазилатшиоре гаюру далер,*
*Ба гуфтору кирдор чун наррашер.*
*Ба неруи бозуи он покдин,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дар ин аср н-омад ба рӯйи замин.*
*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,*
*Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.*
*Ба ҳадде, ки дар пеши шаҳ з-ин насақ*
*Кунад доимо нашр эълони ҳақ.*
*(Айнӣ С., 2010, 270).*

Ҳамчунин устод С.Айнӣ дар идомаи суханаш аз номи Садри Зиё оид ба саховатмандӣ, вафодорӣ ва ҷоннисории Саҳбо забони тавсиф мекушояд:

*Гаҳи эҳтиёҷ аст баҳри сахо,*
*Гаҳи имтизоҷ аст кони вафо.*
*Ба пойи касе гар занад хор неш,*
*Равон оварад марҳам аз ҷони хеш.*
*(Айнӣ С., 2010, 270).*

Саҳбо илмомӯзиро дар мадрасаҳои Бухоро идома додааст, вале онро то ба охир расонида натавониста бошад ҳам, дар айни таҳсил шеъри салису равон ва ҷоншикори ӯ мухлисони худро пайдо кардааст. Ҳамагон ӯро чун шоири комил ва инсони фозил эътироф намуда, дар маҳфилҳои адабии фарҳехтагони Бухоро ба маҳсули хомааш баҳои баланд медодаанд. «Муллоилайҳ ба сифати шоире дар вақте ки амир Абдулаҳад ҳокими Кармина буд, ба хидмат ҷалб шуда, - таъкид менамояд устод Айнӣ. - Баъд аз он ки амири мазкур ба ҷойи падар ҳукмрон гардид, Саҳбо ҳам ба хидмати дарбор монда. Саҳбо бинобар собиқаи хидматаш ҳарчанд ба мансабҳои бузург расид, аммо аз он ҷо ки ҳамеша фасоди аҳли дарбор ва навоқиси ҳукумати амирро далерона танқид мекард, на аз амир, на аз вазир, на аз соири аҳли дарбору уламо рӯйи гарме надид» *(Айнӣ С., 2010,* 269).

Махсусан баъди ба сари қудрат омадани амир Олимхон, ки аз айёми наврасиаш бо Саҳбо ситораашон рост намеомад, мавқеи шоир тангтар гардид. Ин аст, ки номбурда Саҳборо аз дарбор ронда, ба мансаби миробии Шаҳррӯд таъин намуд, вале дид, ки вай дар байни кишоварзон соҳиби обрӯю эътибор гардид, ба ҳарос афтода, ӯро ба мақоми серғавғои миршаби Бухоро гузаронид. Аммо Саҳбо муздону роҳзанону қиморбозонро ба ҷояшон шинонида, тартиботи шаҳрро рӯзонаю шабона ба низом даровард. Амир аз ин пешрафти Саҳбо сахт барошуфта, ӯро бо андак дастмузди амалдорӣ бознишаста намуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Саҳбо барои сарфи рӯзгор тамоми ашёи хонааш ва анҷоми ороишоти занашро ба фурӯш гузошта, дар айёми бознишастагӣ ба мутоилаи китобу нашрияҳои ҷанбаи маорифпарварӣ ва инқилобидошта, ки аз Русия, Тотористон, Озарбойҷон ва дигар кишварҳо ба Бухоро ворид мегардиданд, машғул мешуд. Саҳбо моҳияти инқилобро баробари матбуоти даврӣ аз суҳбат бо болшевикони маҳаллӣ ва рус фаҳмида, руҳияи инқилобӣ пайдо кард. Норозиёни дарбор дар атрофаш ҷамъ шуда, аз аҳли дарбор ва амир изҳори нигаронӣ мекарданд. Амир аз ин амали Саҳбо ба ҳарос афтода, пайти мувофиқи аз байн бардоштанашро меҷуст ва ниҳоят ин фурсат низ муҳайё шуд. Амир дар соли 1915 бо супориши гумоштаи сиёсии Русияи подшоҳӣ тавассути ҷосусони худ қариб номи 40 нафарро навишта, ҳамчун ашхоси хатарнок ба қушбегӣ месупорад (Зубайдов С., 2016, 18). Ба феҳраст номҳои Садриддин Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳоҷӣ Додхоҳ, Мирзо Ҳайити Саҳбо ва дигаронро низ ворид намуда буданд. Насрулло–қушбегӣ якоякашонро ба маҳкама даъват карда, бо баҳонаи рӯзномахонӣ аз онҳо баёнот мегирад ва танбеҳашон медиҳад. Баъдан истиқомати доимии Саҳборо дар Бухоро амир ва қушбегӣ балохез муайян дониста, ба кори маъмурӣ ӯро ба Яккабоғ мефиристанд, вале вай дар ин мансаб низ дер наистода, истеъфо дода, дубора ба Бухоро бармегардад ва ба сафи мухолифони зидди аморат мепайвандад.

Баъд аз ҷадидкушии амир рӯзи 8 апрели соли 1917 Саҳбо дар қатори Ҳоҷӣ Додхоҳ ва Мирзо Абдулло дар арк ҳабс карда мешавад (Раҷабӣ М.,1997, 54), вале баъдан аз маҳбас халосӣ ёфта, бо мақсади раҳоӣ аз таъқибот барои иштирок дар намоиши ҷавонбухориён Саҳбо ба Когон фирор мекунад, аммо устод Садриддин Айнӣ, Ҳоҷӣ Мирбобо, Муҳсинзода ва Мирзо Назрулло ба муҷозоти 75 чӯб задан маҳкум мешаванд.

Баъди чанд фурсат амир Олимхон бо мақсади исёнгаронро аз марказ дуртар бадарға карда, нест намудан Саҳборо беки Қубодиён ва Ҳоҷӣ Додхоҳро беки Қӯрғонтеппа таъин мекунад (Зубайдов С., 2016,19). «Амир барои рӯйирост ба маҳбас кашидан ва куштани ӯ аз ғазаби халқ метарсид, чунки халқ бобоямро беҳад ҳурмат мекарданд, суханони ӯро хуш мепазируфтанд,– мегӯяд набераи Саҳбо Ойишабибӣ Мухторова.– Барои ҳамин ҳам амир Олимхон бо роҳи ҳиллаю найранг мегузарад. Бобоямро ба ноҳияи Қубодиён ҳоким таъин мекунад, зеро куштори Саҳбо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар ҳамон ҷо пешбинӣ шуда буд. (Дар асл барои куштани Саҳбо фармони махфӣ содир шуда буд)» (Саҳбо ,1991, 23).

Моҳи марти соли 1918 амир Олимхон ва атрофиёнаш ҳазорҳо ҳаводорони инқилоб ва иштирокчиёни намоиши ҷавонбухориёнро ба қатл маҳкум сохтанд. Амир додарарӯси худ Давронбек–писари Абдураҳмонбеки миршабро ба Бухорои Шарқӣ фиристода, бо супориши амир Ҳоҷӣ Додхоҳро дар Қӯрғонтеппа ва Мирзо Ҳайити Саҳборо дар Қубодиён кофир эълон карда, бо роҳи сангсор намудан ба қатл мерасонад.

Устод Айнӣ низ аз фоҷиаи Саҳбо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо» бо сӯзу гудоз ёдовар шудааст ва таъкид намудааст, ки «Ин абёт ҷасорати адабияи Саҳборо, ки оқибат сарашро ба боди зулм дод, ба хубӣ баён менамояд» (Айнӣ С., 2010, 270), вале оид ба тафсилоти қатли Саҳбо дар Қубодиён дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ва «Ёддоштҳо»-и устод С.Айнӣ маълумот мавҷуд нест. Набераи Саҳбо Оишабибӣ Мухторова дар хотироташ овардааст, ки «Пас аз чанд вақт хабари шуми дар Қубодиён баста, сангсор карда, кушта шудани бобоямро (бо думи асп баста кашидан) шунида, ғамгин шудем» (Саҳбо,1991, 23). Ҳамчунин мавсуф дар охири хотироташ боз ба ин фоҷиа баргашта, нақл мекунад, ки соли 1950 шоир Мирзо Турсунзода ҳангоми сафари Бухоро ба хонадони онҳо низ меҳмон шуда, дар истинод ба нақли пиронсолони душанбегӣ дар бораи кушта шудани Саҳбо ҳикоя кардааст: «…саҳарии барвақт (вақти азон) Саҳборо бо дастони баста аз арк мебароранд. Дар он ҷо якчанд аспе, ки барои қатли Саҳбо омода карда шуда буд, меистоданд. Ба думҳои ана ҳамин аспҳо шоири дасту пояш кишанзадаро мебанданд ва ба аспҳо қамчин мезананд. Аспҳо тӯрида, ба тарафи кӯҳ медаванд. Мурдаи шоир дар кӯҳ мемонад. Амир Олимхон ҳатто ҷасади ӯро барои гӯронидан монеъгӣ мекунад» (Саҳбо, 1991, 25). С.Алиев низ оид ба эъдоми Саҳбо ба ҳамин монанд маълумот додааст (Алиев С., 1986, 88-91).

Номзади илми филология Ҷумъабой Азизқулов дар мақолаи «Имону инсофи устод Айнӣ» аз Махдуми Тӯрон, хатиби масҷиди Хоҷа Зайниддини Бухорой нақл мекунад, ки бо Саҳбо дар Қубодиён зиндонӣ буда, золимона ба қатл расонида шудани Саҳборо ба чашми худ дидааст (Азизқулов Ҷ., 2016, 27).

Дар рисолаҳои ба таърихи Қубодиён бахшидашуда («Энсиклопедияи Қубодиён», 2014, 20; «Қубодиён. Таърихи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мухтасар аз аҳди қадим то ба имрӯз, 2014, 138)) тафсилоти қазияи қатли Саҳбо ба таври зайл оварда шудааст: «Соли 1918 бо дастури амири Бухоро Мирзо Ҳайити Саҳбои 70-сола бо иттиҳоми ҷадидӣ ваҳшиёна ба қатл расонида мешавад. Аввал Саҳборо дар таги девори Қалъаи мир сангсор мекунанд ва сипас, ҷасадашро ба думи асп баста, бузкашӣ намуда, ба таги кӯҳи Хоҷағозиён бурда мепартоянд. Мувофиқи гуфтаи сокини куҳансоли Гузари Боло (Қубодиён– Ҳ.М.) мулло Мухтор, чанд нафар ашхоси дилсӯзу худотарс ҷасади хуншору афгори шоири номуродро оварда, пинҳонӣ дар қабристони гузари Қиёти Қубодиён ба хок месупоранд. Турбати шоир дар сағонаи Қиётиён, ки ду километр дуртар аз деҳа ҷойгир аст, воқеъ мебошад. Мувофиқи баъзе ривоятҳо ва нақли соҳибкори қубодиёнӣ аз гузари Қиёт Нормуъмин Юлдошев гузаштагони ӯ ҷасади Мирзо Ҳайити Саҳборо дар сағонаи авлодии худ дафн намудаанд. Дар вазъияти даҳшатбори онвақта на ҳар кас ҷуръати ба хок супоридани шоирро мекард. Қиётиён бо сабаби бухориаслу соҳибмансаб будан ва ба ҳайси тӯраҳо нуфуз доштанашон шояд ҷуръат намуда, ҷасади шоири ҳамшаҳриашонро дар сағонаашон ҷой дода бошанд».

Муаллифи қиссаи «Саҳбо» Неъмат Муҳаммад Саид баҳонаи қатли Саҳборо «…ҷосуси урусҳо, душмани амир Олимхон…, шоир не, як ғайридини бехудо, аз Бухоро гурехта, ба Қубодиён омада, худро бек эълон кардааст» арзёбӣ намуда, овардааст, ки Саҳбои даступобастаро бо либоси сафед ба майдон мебароранд. Ҷаллоди қавиҳайкали зарде бо каланд ба сари ӯ мезанад. Ӯ калавида ба замин меафтад. Мардум ӯро сангсор мекунанд ва аз таги сангҳо ҷасади ӯ метапид. Саҳбо ваҳшиёна қатл шуда, ҷасадаш дар хандақи пушти қалъа партофта мешавад, то ки туъмаи сагон гардад» (Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 70, 81).

Дар иртибот ба ин лозим ба ёдоварист, ки дар матбуоти даврӣ баъд аз солҳои 2000 дар атрофи қатли Саҳбо баъзе мақолаву хотироти омӯзгорону рӯзноманигорон ба нашр расиданд. Муаллими забон ва адабиёти тоҷики ноҳияи Қубодиён Файз Зиёдалиев дар мақолаи “Фоҷиаи қатли мири Қубодиён” (“Адабиёт ва санъат”, № 21-22 аз 31.05.2002), ҳамчунин дар суҳбатҳои шахсӣ бо ин ҷониб қисса кард, ки амакҳояш усто Валии осиёбон ва қорӣ Маҳмадалӣ, ки зиёда аз 90-солӣ умр дидаанд, мунтазам аз фоҷиаи қатли Саҳбо бо таассуф ёдовар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мешудаанд, зеро дар он айём онҳо тахминан ҷавонҳои 16-18-сола будаанд ва манзараи сангсоркунии шоирро бо чашми сар дидаанд. Ба омӯзгор Зиёдалиев нақл кардаанд, ки фоҷиа рӯзи ҷумъа рух додааст. Онҳо дар ҳавлиашон машғули токбурӣ будаанд, ки ҷорчии бек садо баланд намуда, мардумро ба қалъаи беки нав даъват менамояд ва таъкид мекунад, ки беки пешина ҷадид будааст. Бинобар ин ҳозир ӯро сангсор мекунанд. Бо шунидани воҳимаи ин шумхабар Валию Маҳмадалӣ корро партофта, ҷониби қалъа роҳ пеш мегиранд. Чун ба қалъа мерасанд, мебинанд, ки мардуми зиёде иборат аз савдогарони бозору одамони гуногунсолу гуногункасб гирд омадаанд. Ҳар кас дар атрофи номи Саҳбо ҳар сухане, ки рост меомад, иброз медошт. Яке мегуфт, ки Саҳбо ҷадид асту дар Бухоро бар зидди амир сар боло кардааст. Дигаре сухани ӯро қувват дода, меафзуд, ки Саҳбо табааи Русияро қабул намуда, аз мусулмонӣ рӯй гардонидааст. Диққати бародаронро ҳолати ҳаммаҳаллаашон Абдукарими чармгар ҷалб мекунад. Ӯ мардуми ҳайратзадаи дар атрофаш ҷамъшударо бовар мекунонад, ки азбаски Мирзо Саҳбо ҷадид аст, аз таги эзораш чун расму одати ҷадидҳо боз як эзори калтача мепӯшидааст. Ҳамин вақт бо амри ҳокими нав таъиншудаи Қубодиён, додарарӯси Олимхон – Давронбек Саҳборо ду нафар кашолакунон назди издиҳом меоранд ва дар ҷойи намоёне қарор медиҳанд. Ногоҳ шахси бадафте бо таёқи дарозе бо тамоми қувва ба сари Саҳбо мезанад. Бар асари зарбаи мудҳиш сари шоир кафида, хун фаввора мезанад ва куртаи сафедашро лоларанг месозад. Шоир бо ду даст саращро дошта, пуштнокӣ ба замин меафтад. Баъдан издиҳоми башӯромада сари ӯро ҳадафи сангборон қарор медиҳанд. Дар як лаҳза тани мири “ҷадид” зери тӯдаи сангҳо монда, ба ҷуз ду пой дигар ҳамаи аъзои баданаш аз назар нопадид мешаванд. Ҳозирин аз таги сангтӯда хиррosзанон ҷон кандани Саҳборо мушоҳида мекарданд. Баъдан тани Саҳбо аз тапидан бозмемонаду ором мегирад. Давронбек, ки ин манзараро то охир бо аҳли дарбораш наззора мекард, мулозимонаш аз номи ӯ эълон мекунанд, ки ҷасади Саҳбои ҷадидро ба гӯристони мулло Амон нагӯронанд, балки ҷисми ӯро ба дашти мулло Қара бурда партоянд, то ки тӯъмаи сагу шағолҳо гардад. Ҳукми мазкурро сарбози кӯсаришу зардинамӯе ба иҷро расонида, ба пойи майит ресмонеро баста, аспро қамчин мезанад ва мурдаи ба хоку хун оғӯштаи Саҳборо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кашолакунон ҷониби дашти мулло Қара таноби роҳ мекашад. Ба қавли Ф. Зиёдалиев аз нақли Валӣ ва Маҳмадалӣ баъд аз як моҳи он воқеа дар Қубодиён овоза паҳн мегардад, ки 3-4 нафар одамон аз Бухоро омада, хокҷойи шоирро пайдо карда, марҳумро ҷаноза карда рафтаанд. Даврони Давронбек ҳам ба ҳайси ҳокими Қубодиён дер намепояд ва ба дарди бедавое гирифтор шуда, аз ҳокимияташ як сол нагузашта, вафот мекунад:

*Дидӣ, ки хуни ноҳақи парвона шамъро,*
*Чандон амон надод, ки шабро саҳар кунад.*

Рӯзноманигор Азизи Фаттоҳ дар мақолааш бо номи "Қатли Саҳбо дар Қубодиён" (сомонаи "Фараж", 2.07.2012) сараввал хотираҳои омӯзгор Ф. Зиёдалиевро меорад, ки аз он ёдовар шудем. Азизи Фаттоҳ ҳамчунин хотироти омӯзгор ва муҳаққиқи қубодиёнӣ Ҳоҷӣ Акбар Насимиро сабт менамояд, ки модаркалони он вақтҳо 13-14-солаи мавсуф Нисбатбибӣ шоҳиди бевоситаи он фоҷиаи мудҳиш будааст ва зери таъсири он манзараи даҳшатовар чанд гоҳе хобу хӯрро гум карда, чанде хаёлӣ шудааст. Ба ақидаи Азизи Фаттоҳ нақли Нисбатбибӣ бо қиссаи овардаи бародарон Валӣ ва Маҳмадалӣ пурра мувофиқат мекардааст. Мувофиқи иттилои Насимӣ дар рӯйхати "сиёҳ"-и амир Олимхон муншии ҳокими Қубодиён Мирзо Кароматулло ва як нафари дигар ҳам будаанд, ки то рӯзи эълони ҷазо ба кадом воситае халос хӯрда, ҷон ба саломат бурдаанд. Ҳамчунин дар идомаи мақола Азизи Фаттоҳ аз муаллифи қиссаи "Саҳбо" Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид ёдовар мешавад, ки дар ҷамъоварии санаду маълумот оид ба Саҳбо хизмати шоистаеро анҷом додааст. Неъмат Муҳаммад Саид баъзе қиссаҳоро аз рӯзгори Саҳбо аз падараш Муҳаммадсаидхон Наҷмуддинов, ки аз домуллоҳои босаводи Кофарниҳони поён будаанду ғайр аз забони модариаш бо забонҳои форсию тоторӣ, русию арабӣ озод ҳарф мезадаанд, шунидааст. Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид бо қорӣ Муҳаммадалӣ (амаки Ф. Зиёдалиев) ҳини барҳаёт буданашон низ борҳо ҳамсуҳбат шуда будааст, ки он низ боиси эҷоди қиссаи "Саҳбо" гардидааст.

Ҳабибулло Назаров дар қисмати дуюми асари пурсару садояш «Дар ҷустуҷӯи Карим- Девона» аз фоҷиаи Саҳбо дар иртибот бо зикри саргузашти қаҳрамони марказии асараш ва мулло Абдурасули Қубодиёнӣ ёдовар шудааст. Мавсуф низ фоҷиаи Саҳборо аз қавли Зиёдалиеви калонӣ овардааст, ки хатти воқеа ба маълумоти болоӣ монанд аст (Ҳабибулло Назаров, 2007, 242).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тибқи маълумоти  Неъмат Муҳаммад Саид Саҳбо як писару се духтар доштааст, ки бармаҳал фавтидаанд. Танҳо аз духтараш Эркаҷон набераааш  Оишабибӣ монда буд, ки сокини шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, номзади илмҳои филологӣ, шодравон Ҳалима Мухторова духтари ӯст. Ҳоҷӣ Неъмат қиссаи «Саҳбо»-ро дар асоси мактуби абераи Мирзо Ҳайити Саҳбо, сокини шаҳри Бухоро Муҳиба Ҳомидова, ки соли 1984 аз тариқи мактуб «қиссаи дардноки зиндагии нобасомони Саҳборо»-ро ҳикоят намуда будааст, эҷод кардааст. Шоирро дар оила низ ҳамеша рӯзгори нохушоянд домангир буд. Писари ягонааш Абдурашид дар 25-солагиаш оламро падруд мегӯяд. Духтаронаш Бибиробия ва Бибисофия сиёҳпичамарг шудаанд: яке сари фарзанд меравад ва дигаре аз азобу уқубати шавҳараш Раҳмоналӣ ва палонҷаш ба ҳалокат мерасад. Завҷааш Қирғизой низ ба ин мусибатҳо тоб наоварда мефавтад. Баъди дувум бор бо Гулбадан ном зан оила барпо кардан ҳамсараш аз рӯйи рашк духтари Саҳбо – Эркаҷон ва писари ӯ (набераааш)-ро заҳр дода мекушад.

**Мероси адабии Саҳбо.** Устод С.Айнӣ дар охири маълумоти оид ба Саҳбо дар «Намунаи адабиёти тоҷик» овардааш ба аҳли илму адаби тоҷик муроҷиат карда мегӯяд:

«Саҳбо соҳибдевон аст. Номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯиро ба табъу нашр кардани девонаш, бо тарҷумаи ҳолаш зинда кардан аз ҷумлаи вазифаҳои инқилобист» (Айнӣ С., 2010, 270).  Дар робита ба ин суханон дар аксари сарчашмаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва тазкираҳои Тоҷикистон таъкид шудааст, ки девони Саҳбо то ҳанӯз дастрас нест. Мураттибони «Гулшани адаб» низ ин нуктаро тахмин задаанд. «Шояд девони ашъори шоир бошад, вале мутаассифона дастраси мо нагардидааст. Ашъори парокандаи шоир дар баёзҳо сабт гардидааст» («Гулшани адаб», 1980, 395). Дар ЭСТ низ ҳамин ақида дастгирӣ шудааст: «Ашъори Саҳбо дар баёзу тазкираҳои ибтидои асри XX ва дар дасти ашхоси ҷудогона пароканда аст» (ЭСТ, 1987, 6). Танҳо соли 1975 маҷаллаи «Садои Шарқ» хонандаи тоҷикро бо намунаи ғазалиёти Саҳбо ошно намуд (СШ, 1975, №1).

Неъмат Муҳаммад Саид баъди соҳибистиқлоии кишвар дар муқаддимаи қиссаи «Саҳбо» аз мавҷудияти девони Саҳбо хабар дода, мунтахаби ашъори Саҳборо бо забонҳои ӯзбекӣ ва қисман



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тоҷикӣ (Саҳбо (Танланган шеърлар).– Ташкент:Ташкент ССР фанлар Академиясинг «Фан» нашриёти, 1991) ба ҷумҳурӣ ворид намудааст, ки онро рӯзноманигор Азизи Фаттоҳ девони Саҳбо пиндоштааст (Азизи Фаттоҳ. Қатли Саҳбо дар Қубодиён // Сомонаи «Фараж», 2.07.2012). Саидҷон Зубайдуллоев, устоди ДДОТ ба номи С.Айнӣ афсӯс мехӯрад, ки то имрӯз девони Саҳбо пайдо нашудааст. Ӯ хонандаро барғалат андохта, мероси адабии Саҳборо иборат аз 15 ғазал, 2 муҳаммас ва 1 мусаддас мепиндорад (Зубайдуллоев С., 2016, 19). Вале устод Мирзо Муллоаҳмад дар «Ёди ёри меҳрубон» дақиқан аз мавҷудияти девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар захираи Пажӯҳишгоҳи дастхатҳои АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон башорат дода, ҳамчунин аз интишори мунтахаби ашъори шоир дар соли 1991 дар шаҳри Тошканд ба забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ хабар додааст.

Воқеан, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз мавҷудияти девони Саҳбо аз мо муқаддамтар дар солҳои 90-уми садаи гузашта аввалин бор номзадҳои илм Б. Ҳасанов ва Р. Холиқов расман хабар додаанд (Саҳбо, 1991, 10). Онҳо дақиқан мужда расонидаанд, ки девони Саҳбо таҳти рақами 1982 дар захираи дастхатҳои ба номи Ҳ.С. Сулаймонови АИ Ӯзбекистон маҳфуз аст. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки девонро худи шоир бо дастонаш китобат кардааст ва дар саҳифаҳои 1-5 муҳри шахсии шоир гузошта шуда, дар муҳр «Мирзо Саҳбо, 1328» (1907 мелодӣ) навишта шудааст. Девон бо хатти нимшикастаи настаълиқ навишта шуда, аз 263 саҳифа фароҳам омадааст ва дар он зиёда аз 550 адад ғазал, ғазалқасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва фардиёти шоир ҷамъ оварда шудааст, ки 61 адади он (27 ғазалу 34 мухаммасу мусаддас) бо забони ӯзбекӣ эҷод шудааст. Ҳамагӣ девон дорои 12900 мисраъ шеър мебошад. Бояд гуфт, ки саҳифаҳои 90 то 99-уми девон, дар маҷмӯъ 10 саҳифа холист. Эҳтимол баъдан шоир онро пур карданӣ будааст. Гоҳо баъзе ғазалҳоро оғозаш ҳасту анҷомаш афтодааст. Ашъори шоир дар девон бо тартиби алифбои арабӣ ҷо ба ҷо шудааст. Аз мутолиаи девон маълум мешавад, ки шоир баъдан бо ранги фарқкунанда ба девон ислоҳу таҳрирҳо низ ворид намудааст, баъзе абёташро сайқал додааст. Ҳатто дар ҳошияи саҳифаҳо вижагиҳои баъзе авзони арӯзро низ бо ранги сиёҳи баланд нишон додааст. Аз нақли Ойишабибӣ Мухторова маълум мегардад, ки дар истинод ба гуфтаи бобои падариаш Саидбек Саҳбо девони бисёр



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

доштааст, вале бисёрии онҳо бо фармони амир Олимхон дарёфт ва сӯзонида мешаванд (Саҳбо, 1991, 24). Ба гуфти Неъмат Муҳаммад Саид дар Қубодиён одамони амир хонаи Саҳборо кофта, шеърҳои як соли ахир навиштааш ва достони нотамоми «Қубодиённома»-ашро мусодира намуда, оташ мезананд (Неъмат Муҳаммад Саид, 2014,,81). Ҳақиқатан ҳам шеърҳои дар даҳ соли охири умр (солҳои 1908-1918) таълифнамудаи шоир то ҳол нопайдост.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ЭСТ шарҳи ҳоли ду нафар Саҳбо омадааст. Аввалӣ Мирзо Ҳайити Саҳбост ва таснифи  мақола оид ба эшон ба қалами С. Алиев тааллуқ дорад, вале мақолаи Саҳбои дувумро М. Ҷалилова нигоштааст. Оид ба Саҳбои дувум омадааст, ки  «Саҳбо – шоир ва мударриси  тоҷик. Дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX умр ба сар бурдааст. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш Миёнколи Самарқанд гирифта, баъдан дар Бухоро таҳсилро идома додааст. Пас аз хатми таҳсил то охири умр дар мадрасаҳои Бухоро мударрисӣ кардааст. Аз ашъори Саҳбо чанд ғазал ва байтҳои пароканда дар тазкираҳо ва баёзҳо боқӣ мондаанд. Дар ашъораш ишқу ошиқиро суруда, бисёр масъалаҳои пандуахлоқӣ ва ирфониро тараннум кардааст. Ин байтҳо намунае аз эҷодиёти Саҳбо мебошанд:

*Чу меҳр он ҳусни якторо  ба доругир меояд,*
*Нигоҳ аз дида то мижгон ба сад шабгир меояд,*
*Тааллуқ кист, то гирад инони ваҳшати моро,*
*Садои фатҳи боб аз номаи занҷир меояд.*
*Зи гармоҳангии сози ҷунуни мо чӣ мепурсӣ?*
*Забони хомаи ушшоқ оташгир меояд»*

(ЭСТ, 1987, 6).

Мирзо Ҳайит бо тахаллуси «Саҳбо» шеър менавишт, ки маънои майи сурхро дорад (Фаҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, 2010, 231). Охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX дар Бухоро муҳити мусоиде барои аҳли илму адаб фароҳам омада, Муҷрим, Обид, Шакурӣ, Шавқӣ, Ҳамулӣ, Вола ва Ҷонӣ барин адибони тоҷикзабону ӯзбеклисон, ки чунин рӯзгори шоистаю созгор имкониятҳои эҷодиашонро дучанд гардонида буд, паҳлу ба паҳлу истода кору зҷод мекарданд. Махсусан аз анъанаи бо ду забон эҷод кардан, ки аз замони Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ оғоз ёфта буд, дар ин давра дар мисоли осори Мирзо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Азими Сомӣ, Бостонӣ, Муҳаммадшарифи Гулханӣ, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва дигарон равнақи тоза пайдо мекунад. Яке аз шахсоне, ки дар ин давра дар баробари забони модариаш-тоҷикӣ бо забони ӯзбекӣ низ шеър гуфтааст, Мирзо Ҳайити Саҳбост, зеро амирони манғитӣ, ки бо ду забон-тоҷикӣ ва ӯзбекӣ иштиёқи шеършунавӣ доштанд, шоирон низ пайи иҷрои талаботи онҳо барои бо ду забон шеър эҷод кардан кӯшиш ба харҷ медоданд. Аз ин ҷиҳат ба эҷодиёти Саҳбо Афзал Махдуми Пирмастӣ, Мирзо Азими Сомӣ, Латифҷон–Махдум, Қорӣ Фатҳуллоҳи Бухорӣ ва амир Абдулаҳадхон баҳои баланд додаанд. Афзал-махдуми Пирмастӣ дар «Тазкирату-ш–шуаро», ки дар Пажӯҳишгоҳи шарқ-шиносии шаҳри Санкт– Петербурги Русия таҳти № 1845 маҳфуз аст, зикр менамояд, амир Абдулаҳад бо Саҳбо на танҳо муносибати хуб дошт, балки ба амири шоиртабъ, ки бо тахаллуси «Оҷиз» шеър иншо менамуд, ҳаққи устодиро соҳиб шуда буд. Ҳамчунин Мавлоно Сомӣ дар «Миръот-ул-хаёл», ки дар маркази илмии номбурда таҳти рақами 1943 маҳфуз аст, аз шуҳрати шоирии Саҳбо ёдовар мешавад. Амир Абдулаҳадхон шефтаи шеъри Саҳбо гардида, аксар вақт порчае аз маснавии Мирзо Азими Сомиро дар ҳаққи Саҳбо такрор ба такрор қироат менамудааст:

*Узубатбаёну малоҳатнишон,*
*Ҳақиқатсиришту муассирбаён.*
*Зи номаш, ки иди балогат бувад,*
*Ҳайит – туқсабоиш мансаб бувад.*
*Варо ғайр аз ин ҳаст ашъори нек,*
*Накардам рақам баҳри татвил лек.*
*Зи осори фазлу ҳунар он ҷаноб*
*Нахӯрда ба Мирзои дил як дам об.*
*Гаҳе шодмон асту гоҳе ба ғам,*
*Бувад ҳоли ӯ зулфосо ба ҳам.*
*Ниҳоли фазилат надорад самар,*
*Ба ғайр аз ғаму ғуссаву дарди сар.*

(Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 10-11).

Мавсуф аз шунидани ғазали Саҳбо бо радифи «Ганда» ба ваҷд омада, ба он баҳои баланд медодааст:

*Ҳарфи мо нашуниданат* ганда,
*Доман аз мо кашиданат ганда.*
*Пой то сар тамоми ҷойи ту хуш,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Лек аз мо рамиданат ганда.*
*Ҳамдами ғайр гаштану аз мо*
*Тори зулфон буриданат ганда.*
*Бо рақибон шароб нӯшидан,*
*Майи мо начашиданат ганда.*
*Омадан, нанишастану рафтан,*
*Худ ба худ ин тапиданат ганда.*
*Ишва бар мо фурӯхтан, аз ғайр*
*Моли косид хариданат ганда.*
*Дӯш гуфтӣ ба ишва Саҳборо,*
*Лаби мо намакиданат ганда.*

(Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 12).

«Саҳбо марди оличаноб, донишманд, хушмуомила, олиҳиммат, баландмарҳамат, парҳезкор, боақл, дар шеъру байтшиносӣ беҳамто, нозуктабиат, хушзеҳн буда, - таъкид менамояд Афзал-махдуми Пирмастӣ, - шеърҳои бениҳоят зебо, суханони бофасоҳат ва девони мукаммал дорад. Ашъораш писандида. Дар эҷоди ашъор ба дараҷае расидааст, ки таълифу таҳрири шеърро хеле нозук ва рангин анҷом медиҳад. Шеърҳои тоҷикӣ ва туркии ӯ фасоҳату мазмуни баланд доранд ва дорои қофияҳои марғубанд. Ин байтро ӯ ниҳоят хуб гуфтааст:

*Гар барафтад акси рухсори нигори ман бар об,*
*Метавон кардан тамошо гулъузори ман дар об*».

(Неъмат Муҳаммад Саид, 2014, 11).

Мундариҷаи девони Саҳбо хеле рангину бой буда, дар ғазал мухаммас ва мусаддасҳои шоир риояи анъанаҳои таърихӣ баръало эҳсос мешавад. Мазмуни ашъори шоирро ишқ ва риёзатҳои ошиқ барои расидан ба соҳили висол, инчунин шикоят аз рӯзгори вожгун ва ноҷӯриҳои замона, изҳори норозигӣ аз гардун, танқиди аъмоли манфии табақаи ҳукмрон, тавсифи хислатҳои оличанобӣ инсонҳо ва монанди инҳо ташкил медиҳанд. Забони ашъори Саҳбо содаю равон, аз ҷиҳати услуб монанд ба сурудҳои мардумист. Дар шеъри Саҳбо таъсири Саъдӣ, Ҳофиз, Ҳасани Деҳлавӣ, Осафӣ, Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Абдурраҳмони Мушфиқӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ ва махсусан Мирзо Абдулқодири Бедил равшан ҳис карда мешавад. Ҳатто шоир девонашро бо абёти Абулмаъонӣ Бедил ҳусни оғоз бахшидааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Фитрати аҳли хирад гӯё баҳори раҳмат аст,*
*Маънии рангин, бубин, аз баргу бори раҳмат аст.*

Ё ки

*Мижгон ба ҳам овардаму рафтам ба хаёлат,*
*Парҳези тамошо ба чӣ найранг шикастам.*
*(Девони Саҳбо, №622, 3)*

Дар иртибот ба ин муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар ЭСТ С. Алиев ёдрас шудааст, ки «Саҳбо шоири лирик буда, ғазалҳову мухаммасҳояш бо эҳсоси баланд суруда шудаанд. Якчанд ғазали Саҳбо ба репертуари ҳофизон дохил гардидааст. Ғазали машҳури «Гуфт: ба мо чӣ…» ҳоло ҳам аз тарафи ҳофизони касбии тоҷик суруда мешавад» (ЭСТ, 1987, 6). Ҳақиқатан ҳам овозхонҳои номвари тоҷик Боймуҳаммад Ниёз, Одина Ҳошим,Ҷӯрабек Набиев, Давлат Хол ва дигарон ба ашъори Саҳбо оҳанг бастаанд, ки ҳоло низ онҳо хеле марғуб садо медиҳанд.

* * *

Имрӯз, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Истиқлолияти комили давлатӣ расидааст, иқдоми саривақтист, ки «номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯиро бо табъу нашр кардани девонаш» (С.Айнӣ) аз нав зинда гардонем, 170-солагии зодрӯзашро дар миқёси ҷумҳурӣ таҷлил намоем, оид ба рӯзгори пурмоҷаро ва ашъори дилошӯбаш пажӯҳишҳои доманадор анҷом диҳем. Вақти он расидааст, ки маркази Қубодиён – шаҳраки Саҳбо номида шавад ё дастикам Коллеҷи омӯзгории Қубодиён ба номи ин шоири инқилобӣ ва адиби оташинсухан гузошта шавад.

**Пайнавишт:**


1. Айнӣ Садриддин. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро.// Дар китоби «Энсиклопедияи назму насри тоҷику форс».- Душанбе, 2010.
2. Айнӣ Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик – Душанбе: Адиб, 2010, с. 267 – 270; 447с.
3. Айнӣ. Садриддин. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. // Дар китоби «Энсиклопедияи насри муосири тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009, 680с.– С.281.




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

4. Алиев. Саидҷон. Унитилмас саҳифалар.- Тошканд, 1986, с.88-91

5.Азизи Фаттоҳ. Қатли Саҳбо дар Қубодиён // Сомонаи http://faraj.tj/life/835-1178atli-sa1203bo-dar-1178ubodien.html, 2. 07. 2012.

6.Азизқулов Ҷумъабой Азизқулов. Имону инсофи устод Айнӣ. // Маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон», 2016, №4, с. 26-35.

7. Гулшани адаб. Намунаи назм иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 5.Тартибдиҳанда А. Афсаҳзод, Л. Сулаймонова, Ҷ.Дода-лишоев ва дигарон. – Душанбе: «Ирфон»,1980,с. 395 – 401.

8. Ёди ёри меҳрубон. Марзҳои шарқи шеъри порсӣ. Бо муқаддимаи устод Эраҷи Афшор. Бо кӯшиши доктор Мирзо Муллоаҳмад. – Теҳрон: интишорони Тӯс, 1380 ҳ., с.763-772.

9. Зубайдуллоев Саидҷон. Мирзо Ҳайити Саҳбо–адиби қубодиёнӣ\\ Маҷаллаи «Илм ва ҳаёт», 2016, №1, с. 17-19.

10. Зиёдалиев Файз. Фоҷиаи қатли мири Қубодиён.// Адабиёт ва санъат, № 21-22, 31. 05. 2002.

11.Қуввати Дод, Фозили Абдурашид, Қиёмиддин Сатторӣ. Қубодиён. Таърихи мухтасар аз аҳди қадим то имрӯз.– Душанбе: Бухоро, 2014, с. 137 – 142.

12.Маъруф Раҷабӣ. Ислом: ҷадидия ва инқилоб.-Душанбе:Дониш, 1997, 241 с.

13.Назаров Ҳабибулло. Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона.-Душанбе:Балоғат, 2007, 336 с.

13.Неъмат Муҳаммад Саид. Саҳбо (қисса).– Қӯрғонтеппа, 2014, 102с.

15. Сайфиев Н. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX).- Душанбе: Маориф, 1988, 414с.

16. Саҳбо (Танланган шеърлар). Мураттиб ва муаллифи дебоча таҳти унвони ”Сарояндаи зебоӣ ва ҳақиқат” номзади илмҳои филологӣ Ҳалима Мухторова. – Ташкент: Ташкент ССР фанлар Академиясинг «Фан» нашриёти, 1991. – С. 3-27.

17.Саҳбо. Ғазалҳо.// «Садои Шарқ», 1975, № 2.

18.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010, с. 231.

19. Энсиклопедияи Қубодиён. – Душанбе, 2014, с. 9-20.

20. ЭСТ. Ҷилди 7. – Душанбе, 1987, с. 6.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# 1.17.ҚИССАИ ҚАТЛИ САҲБО ДАР ҚУБОДИЁН

*(Андешаҳо перомуни қиссаи Неъмат Муҳаммад Саид «Саҳбо», - Қӯрғонтеппа, 2014, 102 саҳ.)*

**1**

Ҳоҷӣ Неъмат Муҳаммад Саиди Қубодиёнӣ – узви иттиҳодияи журналистон ва Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таълифи асарҳои назмиву насрӣ бо забони ӯзбекӣ табъозмоӣ мекунад. Аввалин маҷмӯаи шеърҳояш таҳти унвони «Шӯълаҳои умед» (1993) чоп шуда, баъдан «Қубодиённома», «Сояи имрӯз», «Оҳуқуз ва Шербилак» барин асарҳояш аз дасти чоп баромадаанд.

Қиссаи мавриди назари мо нахуст соли 2006 бо номи «Қатл дар Қубодиён» (Саҳбо) бо забони ӯзбекӣ ва соли 2014 бо забони тоҷикӣ дар тарҷумаи шоир Усмон Билолӣ таҳти унвони «Саҳбо» чоп шудааст, ки аз саргузашти фоҷиавии шоири охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX Мирзо Ҳайити Саҳбо ҳикоят мекунад. Қисса бо шарафи 170 – солагии Саҳбо иншо гардидааст.

Нависанда қабл аз оғози қисса аввалсуханеро бо номи «Мирзо Ҳайити Саҳбо» оварда, пешакӣ хонандаро бо Саҳбо шинос намуданӣ шудааст. Мавсуф охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX Бухороро муҳити мусоиде барои аҳли адаб маънидод намудааст ва аз Муҷрим, Обид, Шакурӣ, Шавқӣ, Ҳамулӣ, Вола ва Ҷонӣ барин адибони тоҷикзабону ӯзбеклисон ёдовар шудааст, ки чунин рӯзгори шоистаю созгор имкониятҳои эҷодиашонро дучанд гардонидааст. Махсусан аз анъанаи бо ду забон эҷод кардан, ки аз замони Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ оғоз ёфта буд, ёдовар мешавад. Ба ҳайси ривоҷдиҳандагону эҳёгарони бо ду забон офаридани асарҳо аз Мирзо Азими Сомӣ, Бостонӣ, Муҳаммадшарифи Гулханӣ, Шамсиддини Шоҳин ва Аҳмади Дониш ёдовар мешавад (2, 3). Дар асл мо ба ягон асари Шамсиддини Шоҳин ва Аҳмади Дониш дучор нашудаем, ки ба забони ӯзбекӣ эҷод шуда бошанд. Ҳақиқатан Муҳаммадшарифи Гулханӣ зуллисонайн буда, ба замми бо забони форсӣ– тоҷикӣ бештар ашъори маҳаллӣ навиштанаш бо забони туркӣ – ӯзбекӣ бо номи «Зарбулмасал» асари насрӣ низ дорад. Агар ба ҷойи ду нафари бозгӯшуда исми Ҳамза Ҳакимзода Ниёзиро зикр мекард, саҳеҳтар мебуд, зеро мавсуф бо вуҷуди бо забони ӯзбекӣ эҷод кардан ашъори тоҷикӣ низ дорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нависанда таъкид менамояд, ки «Аз байни онҳое, ки дар ин давра бо ду забон асар офаридаанд, Мирзо Ҳайити Саҳбо симои барҷастатар аст» (2, 3). Ӯ ақидаи худро ба он асоснок менамояд, ки номбурда на танҳо чун шоир, балки чун ходими намоёни сиёсӣ ва давлатӣ низ шинохта шуда, дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Бухорои охири асри XIX ва ибтидои асри XX нақши муҳим бозидааст.

Ҳақ бар ҷониби нависанда аст, ки ба эҷодиёти Саҳбо баҳои баланд додани С. Айнӣ, Афзал Махдуми Пирмастӣ, Сомӣ, Латифҷон – Махдум, Қорӣ Фатҳуллоҳи Бухорӣ ва амир Абдулаҳадхонро таъкид менамояд, вале муаллиф оид ба Шарифҷон Махдуми Садри Зиё, ки дар «Тазкираи манзума»-аш ба рӯзгори нобасомону табъи оташбори Саҳбо баҳои ҳаққонӣ додааст, чизе намегӯяд. Аз афташ Ҳоҷӣ Неъмат тазкираи Садри Зиё ва «Намунаи адабиёти тоҷик»- и С. Айнӣ барин асарҳои ба забони тоҷикӣ таълифшударо мавриди таваҷҷуҳ қарор надодааст.

Бинобар маълумоти муаллифи қиссаи «Саҳбо» шоир соли 1845 дар ноҳияи Вобканти вилояти Бухоро тавлид шудааст ва таҳсилоти ибтидоиро дар зодгоҳаш гирифтааст (2, 3). Дар «Намунаи адабиёти тоҷик»- и устод Айнӣ ва дар «Гулшани адаб» низ (5,393) соли таваллуди Саҳбо нишон дода нашудааст. Танҳо «Аз тумони – Бухоро шаҳид (1336 ҳ./ 1918 м.)» навишта шудаасту халос, вале устод Айнӣ дар охири маълумоти овардааш ҳангоми ба шаҳодат расидан ба 70-солагӣ наздик будани синни Саҳборо таъкид кардааст. «Саҳбо, - қайд мекунад устод Айнӣ, - дар соли 1915 бо супориши сафоратхонаи Николой аз қушбегӣ танбеҳ дид, 1917 моҳи апрел ба муносибати намоиши ҷавонбухориён дар арки Бухоро маҳбус ва пас аз тахфифи ноираи ихтиллол ҳамроҳи рафиқи дерина ва ҳаммаслаки пешинааш Ҳоҷидодхоҳ – ҳокими маъзули Яккабоғ ба Қубодиён нафӣ (бадрақа) гардиданд. Дар соли 1917 ба муносибати воқеаи Колисуф ба фармудаи амир Олим ба мубоширати Давронбек ном ҳокими золим ин ду пири равшанзамир ба як сурати ваҳшиёна шаҳид шуданд. Синни Саҳбо ва рафиқаш ба ҳафтод наздик буд» (1,269).

«Мирзо Ҳайити тӯпчибошӣ, - таъкид шудааст дар «Гулшани адаб», - (соли қатлаш 1336 / 1918), аз арбобони пешқадами давлатии маърифатдӯсти аввали асри XX буда, соли 1918 бо фармудаи амир Олимхон дар Қубодиён кушта шудааст» (5, 395).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Агар соли таваллуди шоир дар қиссаи «Саҳбо» 1845 нишон дода шуда бошад, дар ЭСТ 1850 зикр гардидааст. «Саҳбо Мирзоҳайит 1850, Вобканди вилояти Бухоро, 1918 Қубодиён, шоири тоҷик, - сабт шудааст дар «Гулшани адаб». – Дар давраи амир Абдулаҳад ҷалб гардида, унвони «тӯқсабо» ва «бӣ» гирифта буд» (3, 6).

Саҳбо илмомӯзиро дар мадрасаҳои Бухоро идома додааст, вале онро то ба охир расонида натавониста бошад ҳам, дар айёми таҳсил мухлисони шеъри ӯ пайдо шудаанд, ҳамагон вайро чун шоири комил ва инсони фозил эътироф намуда, дар маҳфилҳои адабии фарҳехтагони Бухоро ба маҳсули хомааш баҳои баланд медодаанд.

«Муллоилайҳ ба сифати шоире дар вақте ки амир Абдулаҳад ҳокими Кармина буд, ба хидмат ҷалб шуда. – таъкид менамояд устод Айнӣ. – Баъд аз он ки амири мазкур (Олимхон – Ҳ. М.) ба ҷойи падар ҳукмрон гардид, Саҳбо ҳам ба хидмати дарбор монда. Саҳбо бинобар собиқаи хидматаш ҳарчанд ба мансабҳои бузург расид, аммо аз он ҷо ки ҳамеша фасоди аҳли дарбор ва навоқиси ҳукумати амирро далерона танқид мекард, на аз амир, на аз вазир ва на аз соири аҳли дарбору уламо рӯйи гарме надид» (1, 269).

Соҳиби қиссаи «Саҳбо» низ ҳамин нуктаро ироа дошта, таъкид менамояд, ки Саҳбо баъди аз мадраса фориғ шудан ба даъвати ҳокими Кармина  Абдулаҳадхон, ки аз шуҳрати шоирии ӯ огоҳ буд, баробари амири Бухоро шудан ба дарбор меояд. (2, 4).

Тавре ки муаллифи қиссаи «Саҳбо» дар истинод ба тазкираи Афзал- махдуми Пирмастӣ «Тазкират–уш– шуаро», ки дар Пажуҳишгоҳи шарқшиносии ш. Санкт – Петербурги Русия таҳти № 1845 маҳфуз аст, зикр менамояд, амир Абдулаҳад бо Саҳбо на танҳо муносибати хуб дошт, балки ба амири шоиртабъ, ки бо тахаллуси «Оҷиз» шеър иншо менамуд, ҳаққи устодиро соҳиб шуда буд. Ҳамчунин нависанда аз асари Мавлоно Сомӣ «Миръот-ул-хаёл» ёдовар мешавад, ки дар маркази илмии номбурда таҳти рақами 1943 маҳфуз аст. Вале тавре ки дар боло ишорат кардем, адиб аз баҳои ба Саҳбо ва эҷодиёти ӯ ироадоштаи Садри Зиё бехабар мондааст. Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ба эҷодиёти Саҳбо маҳз аз диди Садри Зиё, ки дар «Тазкири манзума» чашмандозӣ кардааст, баҳо додааст. Садри Зиё табъи пурҷӯши оташбор, фозил, ғаюру



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

далер ва ба гуфтору кирдор чун наррашер будани Саҳборо таъкид менамояд:

*Дигар шоире ҳаст донишшиор,*
*Зи тумони Комоти[7] мулки Бухор.*
*Ки Мирзоҳайит ному Саҳбо лақаб,*
*Занад ҷӯш табъаш чу май аз тараб.*
*Фазилат исоре ғаюру далер,*
*Ба гуфтору кирдор чун наррашер* (1, 269).

Садри Зиё дар идома аз неруи бозу, покдинии Саҳбо ёдовар шуда, аҳли фазлро ҳушдор месозад, ки дар ин аср ба рӯйи замин чунин шоири ҳақназар ва қодирсухан наомадааст. Ҳатто шоир дар гуфтани каломи ростин аз хурду калон ва ҳатто аз шоҳ низ сари тарсу ҳарос надорад:

*Ба неруи бозуи он покдин,*
*Дар ин аср н-омад ба рӯйи замин.*
*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,*
*Надорад ҳазар аз киҳону миҳон.*
*Ба ҳадде ки дар пеши шаҳ з-ин насақ*
*Кунад доимо нашру эълони ҳақ* (1, 269-270).

Садри Зиё аз саховатмандӣ, дасткушодӣ, хайрхоҳӣ ва вафодорию боаҳдии Саҳбо ёдовар мешавад. Ҳатто агар дар пойи касе хоре халад, аз буридани пораи рони хеш ва шудани марҳами ҷони корафтодае даст намекашад:

*Гаҳи эҳтиёҷ аст баҳри сахо,*
*Гаҳи имтизоҷ аст кони вафо.*
*Ба пойи касе гар занад хор неш,*
*Равон оварад марҳам аз ҷони хеш* (1, 270).

Ногуфта намонад, ки Садри Зиё ҳамеша ба рӯзгор ва осори ин ё он адиб табиию воқеъбинона баҳо медиҳад, ки Саҳбо аз он миён берун нест:

*Бад-ӯ кори ман ҳеҷ н-афтодааст,*
*Ба омадшуде роҳ накшодааст.*
*Ҳар он чи шунидам ман аз дигарон,*
*Кашидам дар ин ҷо ба шарҳу баён* (1, 270).

Ҳақиқатан нависандаи қиссаи «Саҳбо» дар қатори «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ «Ёддоштҳо»-и ӯро низ хотиррасон намудааст, ки дар он оид ба Саҳбо ва фоҷиаи ӯ ба сӯзу гудоз

---

[7] Комот – номи қадимии Вобканд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ёдоварӣ намуда, «...ӯро ба қатори маорифпарварони охири асри XIX ва ибтидои асри XX дохил мекунад» (2, 5).

«Ин абёт ҷасорати адабияи Саҳборо, ки оқибат сарашро ба боди зулм дод, ба хубӣ баён менамояд» (1, 270) гуфта таъкид намудани устод Айнӣ хонандаро аз паёмади баде ҳушдор медиҳад. Соҳиби қиссаи «Саҳбо» низ дар идомаи таълифоташ хонандаро баъди ба тахти аморати Бухоро нишастани Сайид амир Олимхон аз рӯ ба инқироз овардани эътибори Саҳбо огоҳ месозад. Нависанда сабаби инро ба он асоснок менамояд, ки «Саҳбои сахтгир ва устоди меҳрубон дар ҷавониаш амир Олимхонро барои коре танбеҳ дода буд ва ин кор боиси сард гардидани Олимхон бо шоир гардида, баъдтар вақте ки Олимхон амири Бухоро шуд, ба нафрату бадбинии рӯйирост табдил ёфт» (2, 5).

Бинобар маълумоти мусаннифи қисса Олимхон дар шаш моҳи аввал Саҳборо суроғ ҳам намекунад, вале баъдтар бо мақсади дар байни хосу ом шармандаю беобрӯ сохтан ва “ноуҳдабароӣ”-и Саҳборо «фош намудан» ӯро даъват карда, ба вай серҷанҷолитарин вазифа – сармиробии Бухороро месупорад, «Вале Мирзо Ҳайити Саҳбо аз обрӯ, таҷриба ва адолате, ки дар дил мепарварид, кор гирифта, тақсимоти обро хуб ташкил кард. Ин амал мардумро қаноатманд ва Саҳборо обрӯманд гардонид. Дар ин кор ангуштнамои давр шудани Саҳбо ба амир Олимхон нафорид. Аз ин рӯ, ба ӯ вазифаи мураккабтар ва хавфноки сармиршабии Бухороро бовар кард» (2, 5).

Тавре ки дар қиссаи «Саҳбо» Неъмат Муҳаммад Саид овардааст, шоир бо дуздону раҳзанон ва қиморбозони Бухоро ба зудӣ забон ёфт, бо онҳо танҳо тибқи муносибати боадолатона кор мегирифт. Ҳамчунин авбошони бухороӣ аз рӯйи шиори «бо бадон бад бошу бо некон накӯ» амал намуда, бо шунидани овозаи инсони хуб ва марди беозор будани Саҳбо, «бе ҷурм ба касе бадиро раво намебинад» гуфтани мардум бо Саҳбо наздикӣ ҷуста, дар масоили амниятии Бухоро ба ӯ кӯмак менамуданд. Бо шарофати роҳбарии хирадмандонаи Саҳбо сатҳи ҷинояткорӣ дар Бухоро паст ва шуҳрати Саҳбо баландтар гардид. Саҳбо ҳеҷ гоҳе аз касе ришва намеситонид ва бо авбошон чун инсони комил муносибатро раво медид. Ин буд, ки қиморбозӣ, авбошӣ, дуздию раҳзанӣ ва қаллобӣ аз байн рафт ва Саҳбо гули сари сабади ҷомеа, садри маҳфилу маъракаҳои бухориён гардид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Устод Айнӣ Саҳборо «…пири равшанзамири хонақоҳи инқилобу таҷаддуд…» (1, 269) меномад, зеро Саҳбо гӯши шунидани дарди мардуми одиро дошт, нобаробариҳои замонро дар ҷомаи ҳаҷву истеҳзо ба риштаи назм мекашид, рӯзнома мехонд, бо русҳо чун табақаи пешқадами сиёсии ҷомеа робита дошт, нисбат ба ҳаракати «Ҷадидия» низ бо таваҷҷуҳ менигарист. Бинобар ин амир Олимхон пас аз намоиши ҷавонбухориён моҳи апрели соли 1917 дар қатори дигар равшанфикрон ӯро низ ба ҳабс мегирад, вале аз руҳияи инқилобии омма тарсида, шоирро озод намуда, ҳамроҳи рафиқи деринааш Ҳоҷидодхоҳ барои аз «марказиislому дин» дур кардан беки Қубодиён таъин менамояд (1, 269).

Лозим ба ёдоварист, ки дар ЭСТ оид ба Саҳбо маълумоти тоза дар хусуси ҳокими Қаробоғ таъин шуданаш низ сабт гардидааст. «Азбаски Саҳбо шоири ҳақгӯ буда, аз нуқсонҳои аморат бепарда сухан меронд, - зикр шудааст дар ЭСТ, - амир бо мақсади аз пойтахт дур кардан ӯро ҳокими Қаробоғ таъин мекунад. Вале Саҳбо аз ин вазифа истеъфо дода, ба шаҳр бармегардад ва гӯшанишинӣ ихтиёр мекунад. Соли 1915 барои газетахонӣ ва аз золимии амалдорони амир шикоят карданаш Саҳбо аз тарафи қушбегӣ истинтоқ мешавад. Баъд аз ҷадидкушӣ (апрели 1917) амир аз Саҳбо хавф бурда, бо баҳонаи ҳоким таъин кардан ӯро ба Қубодиён мефиристад ва аз паси ӯ додарарӯси худ – Давронбекро ҳокими Қубодиён таъин намуда, пинҳонӣ ба нест кардани Саҳбо фармон медиҳад. Соли 1918 бо дасти одамони амир ваҳшиёна кушта шуд» (3, 6).

Асноди охирӣ дар қиссаи «Саҳбо» низ зикр шудааст. Ба замми ин таъкид гардидааст, ки Давронбек на танҳо Саҳборо ваҳшиёна кушт, балки «ҷасадашро ба пеши сагон партофт» (2, 6). «Соли 1920 хешу табори шоир аз Бухоро ба Қубодиён омаданд. Аммо ҳатто қабри Мирзо Ҳайити Саҳборо пайдо карда натавонистанд.» – бо таассуф мегӯяд муаллифи қиссаи «Саҳбо».

Устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» таъкид менамояд, ки «Саҳбо соҳибдевон аст. Номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯиро ба табъу нашр кардани девонаш, бо тарҷумаи ҳолаш зинда кардан аз ҷумлаи вазифаҳои инқилобист» (1, 270).

Мураттибони «Гулшани адаб» низ ин нуктаро тахмин задаанд. «Шояд девони ашъори шоир бошад, вале мутаассифона



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дастраси мо нагардидааст. Ашъори парокандаи шоир дар баёзҳо сабт гардидааст» (5, 395). Дар ЭСТ низ ҳамин ақида дастгирӣ шудааст: «Ашъори Саҳбо дар баёзу тазкираҳои ибтидои асри ХХ ва дар дасти ашхоси ҷудогона пароканда аст» (3, 6). Танҳо соли 1975 маҷаллаи «Садои шарқ» хонандаи тоҷикро бо намунаи ғазалиёти Саҳбо ошно намуд (6).

Хушбахтона тибқи маълумоти муаллифи қиссаи «Саҳбо» соли 1980 номзади илми филология Б.Ҳ. Ҳасанов девони комили Саҳборо таҳти рақами 1982 дар Пажуҳишгоҳи дастхатҳои АУ Ӯзбекистон пайдо кард. Дар саҳифаҳои 1,2,3,4 ва 5-уми девон муҳри шахсии Саҳбо пахш шуда, аз аслӣ будани он гувоҳӣ медиҳад. Девон аз 263 саҳифа таркиб ёфта, шомили 550 шеър дар жанрҳои гуногун буда, аз ин 61 шеър бо забони ӯзбекӣ иншо шудааст, ки дар маҷмуъ 12 900 мисраъро ташкил медиҳанд. Саҳбо дар жанрҳои ғазал, мухаммас, мусаддас, марсия, фироқнома, ва ғайра табъозмоӣ намуда, ҳатто бо забони озарӣ низ шеър гуфта будааст (2, 6-7). Муаллифи мақолаи «Саҳбо» дар ЭСТ С. Алиев овардааст, ки «Саҳбо шоири лирик буда, ғазалҳову мухаммасҳояш бо эҳсоси баланд суруда шудаанд. Якчанд ғазали Саҳбо ба репертуари ҳофизон дохил гардидааст. Ғазали машҳури «Гуфт: ба мо чӣ...» ҳоло ҳам аз тарафи ҳофизони касбии тоҷик суруда мешавад» (3, 6).

Бинобар маълумоти Ҳоҷӣ Неъмат Муҳаммад Саид Саҳбо се писару як духтар доштааст, ки бармаҳал фавтидаанд. Танҳо аз духтараш Эркаҷон наберааш – Оишабибӣ монда буд, ки сокини шаҳри Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, номзади илмҳои филологӣ, шодравон Ҳалима Мухторова духтари ӯст. Ҳоҷӣ Неъмат қиссаи «Саҳбо»-ро дар асоси мактуби абераи Мирзо Ҳайити Саҳбо, сокини шаҳри Бухоро Муҳиба Ҳомидова, ки соли 1984 аз тариқи мактуб «қиссаи дардноки зиндагии нобасомони Саҳборо»-ро ҳикоят намуда буд, эҷод кардааст(2, 7).Тибқи маълумоти Оишабибӣ фарзандони Саҳбо инҳоянд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед




Лозим ба ёдоварист, ки дар ЭСТ шарҳи ҳоли ду нафар Саҳбо омадааст. Агар аввалӣ Мирзо Ҳайити Саҳбо бошад ва таснифи ин мақола ба қалами С. Алиев тааллуқ дошта бошад, мақолаи Саҳбои дувумро М. Ҷалилова нигоштааст. Оид ба Саҳбои дувум омадааст, ки «Саҳбо – шоир ва мударриси тоҷик. Дар нимаи дувуми асри XIX ва ибтидои асри XX умр ба сар бурдааст. Маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳаш Миёнколи Самарқанд гирифта, баъдан дар Бухоро таҳсилро идома додааст. Пас аз хатми таҳсил то охири умр дар мадрасаҳои Бухоро мударрисӣ кардааст. Аз ашъори Саҳбо чанд ғазал ва байтҳои пароканда дар тазкираҳо ва баёзҳо боқӣ мондаанд. Дар ашъораш ишқу ошиқиро суруда, бисёр масъалаҳои пандуахлоқӣ ва ирфониро тараннум кардааст. Ин байтҳо намунае аз эҷодиёти Саҳбо мебошанд:

*Чу меҳр он ҳусни якто ба доругир меояд,*
*Нигоҳ аз дида то мижгон ба сад шабгир меояд,*
*Таалluқ кист, то гирад инони ваҳшати моро,*
*Садои фатҳи боб аз номаи занҷир меояд.*
*Зи гармоҳангии сози ҷунуни мо чӣ мепурсӣ?*
*Забони хомаи ушшоқ оташгир меояд»*(3, 6).

## 2

Ҳоҷӣ Неъмат Муҳаммад Саид қиссаи «Саҳбо»-ро аз он оғоз менамояд, ки шоирро амири Бухоро Олимхон ба дарбор хондааст. Баъдан нависанда саҳифаҳои айёми ҷавонии Саҳбо, шиносоияш бо ҳокими Кармина Абдулаҳадхон ва дар дарбори ин амири бомаърифат соҳиби иззату обрӯ гардидани шоирро варақгардон менамояд. Номбурда таъкид мекунад, ки амир Абдулаҳадхон, ки худаш низ ба каломи муқаффо алоқаманд буд, шефтаи шеъри Саҳбо гардида, аксар вақт порчае аз маснавии Мирзо Азими Сомиро дар ҳаққи Саҳбо такрор ба такрор қироат менамуд:

*Узубатбаёну малоҳатнишон,*
*Ҳизоқатсиришту зуккотумон.*
*Зи номаш, ки иди балогат бувад,*
*Ҳайит – туқсабоиш мансаб бувад.*
*Варо гайр аз ин ҳаст ашъори нек,*
*Накардам рақам баҳри татвил лек.*
*Зи осори фазлу ҳунар он ҷаноб*
*Нахӯрда ба Мирзои дил як дам об.*
*Гаҳе шодмон аст, гоҳе ба гам,*
*Бувад ҳоли ӯ зулфосо ба ҳам.*
*Ниҳоли фазилат надорад самар,*
*Ба гайр аз гаму гуссаву дарди сар.*
(2, 10-11).

Баъдан муаллифи қисса баҳои арзандаи Афзал–махдуми Пирмастиро ба эҷодиёт ва шахсияти Саҳбо овардааст: «Саҳбо марди оличаноб, донишманд, хушмуомила, олиҳиммат, баландмарҳамат, парҳезкор, боақл, дар шеъру байтшиносӣ беҳамто, нозуктабиат, хушзеҳн буда, - таъкид менамояд мавсуф, - шеърҳои бениҳоят зебо, суханони бофасоҳат ва девони мукаммал дорад. Ашъораш писандида. Дар эҷоди ашъор ба дараҷае расидааст, ки таълифу таҳрири шеърро хеле нозук ва рангин анҷом медиҳад. Шеърҳои тоҷикӣ ва туркии ӯ фасоҳату мазмуни баланд доранд ва дорои қофияҳои марғубанд. Ин байтро ӯ ниҳоят хуб гуфтааст:

*Гар барафтад акси рухсори нигори ман ба об,*
*Метавон кардан тамошо гулъузори ман дар об*» (2,11).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нависанда аз он ёдовар шудааст, ки амир Абдулаҳадхон аз шунидани ғазали Саҳбо бо радифи «Ганда» ба ваҷд омада, ба ин ғазали лирикии шоир баҳои баланд додааст:

*Ҳарфи мо нашуниданат* ганда,
*Доман аз мо кашиданат ганда.*
*Пой то сар тамоми ҷойи ту хуш,*
*Лек аз мо рамиданат ганда.*
*Ҳамдами ғайр гаштану аз мо*
*Тори зулфон буриданат ганда.*
*Бо рақибон шароб нӯшидан,*
*Майи мо начашиданат ганда.*
*Омадан, нанишастану рафтан,*
*Худ ба худ ин тапиданат ганда.*
*Ишва бар мо фурӯхтан, аз ғайр*
*Моли косид хариданат ганда.*
*Дӯш гуфтӣ ба ишва Саҳборо,*
*Лаби мо намакиданат ганда* .

(2,12).

Нависанда дар ин қисмат аз мулоқоти Саҳбо бо амир Олимхон ёдовар мешавад. Амир аз тазкираи Латифҷон –махдум пораеро, ки бо байти

*«Фазилатли эрди, ғайратли эр,*
*Сузу қилмишда эди мисли шер…»* (2, 15)

бо забони ӯзбекӣ иборат аз чор байт аст, қироат намуда, аз суханони Латифҷон – махдум, ки «ҳатто аз амирон ҳам наметарсид» гуфтааст, ба шӯр меояд. Ҳамчунин дар ин бахш аз мироби Бухорои шариф, миршаби пойтахти мамлакат таъйин шудани Саҳбо ва ба ҷойи ба инқироз мувоҷеҳ гардидан шуҳратмандтар шудани шоир ҳикоят мекунад. Ниҳоят, бо нафақаи ночиз бознишаста шудани шоир ва аз ҷафову ҷабри замона, аз рӯзгори нобасомон ва варшикастҳои оилавӣ нолаву афғон намудани ӯро меорад:

*Дил аз ҷафову ҷаври ту як лаҳза шод нест,*
*Корам ба ғайри нолаву афғону дод нест.*

(2, 20).

Нависанда аз мусибатҳои оилавии Саҳбо ёдовар шуда, қисматҳои дувуму савуми қиссаро ба рӯзгори шахсии Саҳбо ихтисос додааст. Нависанда таъкид намудааст, ки шоирро дар оила низ ҳамеша рӯзгори нохушоянд домангир буд. Писари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ягонааш Абдурашид дар 25-солагиаш оламро падруд гуфт. Духтаронаш Бибиробия ва Бибисофия сиёҳпичамарг шуданд: яке сари фарзанд рафт ва дигаре аз азобу уқубати шавҳараш Раҳмоналӣ ва палонҷаш ба ҳалокат расид. Завҷааш Қирғизой низ ба ин мусибатҳо тоб наоварда фавтид. Баъди дувум бор бо Гулбадан ном зан оила барпо кардан ҳамсараш аз рӯйи рашк духтари Саҳбо – Эркаҷон ва писари ӯ (набераащ)-ро заҳр дода кушт.

Дар қисмати чоруми қисса нависанда ҳолати навмедию бо зарбаҳои сахти тақдир дучор шудани Саҳборо оварда, баҳори соли 1915-ро тасвир менамояд ва ёдовар мешавад, ки «Синнаш аз ҳафтод гузашта бошад ҳам, меҳнат мекард, эҷод менамуд» (2, 28), аммо устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» таъкид мекунад, ки вақте «... ин ду пири равшанзамир (Саҳбо ва Ҳоҷидодхоҳ, - Ҳ. М.) ба як сурати ваҳшиёна шаҳид шуданд, синни Саҳбо ва рафиқаш ба ҳафтод наздик буд» (1, 269). Аз ин маълум мегардад, ки дар қисса соли таваллуди Саҳбо се сол калон ва дар ЭСТ ду сол хурд (3, 6) нишон дода шудааст. Гумони ғолиб он аст, ки солзоди шоир на 1845 ё 1850, балки 1848 бояд бошад.

Муаллифи қисса аз мухаммаси шоир бар тарҷумаи ӯзбекии ғазали Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ «Сузфунг хаёли тушлаги» ёдовар шуда, хонандаро ҳушдор медиҳад, ки норозигии Саҳбо нисбат ба сохти феодалӣ рӯз то рӯз зиёд мегардид.

Ҳоҷӣ Неъмат дар ҳамин қисмат калимаи «Саҳбо»-ро аз номи шоир шарҳ дода, мегӯяд, ки лафзи арабӣ буда, маънояш шароб аст, шароби сурх. «Хуни сурхи ман» (2, 3) эзоҳ медиҳад шоир.

Дар қисмати 5-уми қисса нависанда оид ба ҷаззобияту маҳбубияти ғазалҳои Саҳбо сухан меронад. Матни ғазали машҳури шоир «Гуфт: ба мо чӣ?...»-ро пурра меорад ва бо ҳамин собит месозад, ки Саҳбо шоири сарояндаи ғазалу мухаммасҳои баландмазмун ва зебову хонданибоб аст ва шоир ҳатто ҳини зинда буданаш ҳаводорони шеъри худро дошт:

*Гуфтам: ҳама побанди ту шуд. Гуфт: Шумо чӣ?*
*Гуфтам: зи ғамат сӯхт дилам. Гуфт: ба мо чӣ?*
*Гуфтам:чӣ шавад ҳосили ман? Гуфт: надонам.*
*Гуфтам: ба сарам даст бинеҳ. Гуфт, ки по чӣ?*
*Гуфтам: кӣ барад ҳуш зи сарам. Гуфт, ки чашмам.*
*Гуфтам: ҳазаре нест туро. Гуфт: ибо чӣ?*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Гуфтам: диҳамат ҷавҳари ҷон. Гуфт: чӣ лозим?*
*Гуфтам, ки бале, гӯй маро. Гуфт: бало чӣ?*
*Гуфтам: чӣ кунам, шод шавӣ. Гуфт, ки фарёд,*
*Гуфтам, ки санохони туам. Гуфт: дуо чӣ?*
*Гуфтам: набувад раҳм туро. Гуфт: чӣ донӣ?*
*Гуфтам, ки ту куштӣ ҳамаро. Гуфт: туро чӣ?*
*Гуфтам, ки зи ман гашт дилат. Гуфт, ки хомӯш,*
*Гуфтам: ту маро ёр наӣ. Гуфт: Худо чӣ?*
*Гуфтам, ки маро шод бикун. Гуфт: чӣ даркор.*
*Гуфтам: набувад аҳд туро. Гуфт: вафо чӣ?*
*Гуфтам: ҳама тан об шудам. Гуфт: аҷаб шуд.*
*Гуфтам: қадар ин буд магар? Гуфт: қазо чӣ?*
*Гуфтам: чӣ диҳам, бӯса диҳӣ? Гуфт, ки ҷон деҳ.*
*Гуфтам: бикуш имрӯз маро. Гуфт: паго чӣ?*
*Гуфтам: кӣ бувад ошиқи ту? Гуфт, ки Саҳбо,*
*Гуфтам, ки чаро зулм кунӣ? Гуфт: чаро чӣ?*

Ҳамчунин дар ин бахш нависанда аз Садриддин Айнӣ вобаста ба мулки Қубодиён, аз Носири Хусрави Қубодиёнӣ ва Муҳаммадҷон Раҳимӣ – писари Раҳимбек (Раҳими қанд – иборaи С. Айнӣ) ёдовар шудааст ва дар охири ин қисмат идомаи саргузашти қаҳрамони марказии қисса – Саҳборо меорад, ки ҷониби Қубодиён «… бо сари хам, дили пурғам, дидаи пурнам, бо изтиробу ҳаяҷон ва норозигии ботинӣ» (2, 39) озими сафар шудааст, вале хилофи маълумоти устод С. Айнӣ рафиқаш Ҳоҷидодхоҳ ҳамроҳи ӯ нест.

Дар қисмати 6-ум нависанда хонандаро аз нияти палиди амир Олимхон алайҳи Саҳбо огоҳ месозад. Ӯ ба бародари завҷааш Давронбек ду фармон медиҳад: аввал, Саҳборо ба қатл расонад ва баъдан бекигарии Қубодиёнро ба уҳда гирад.

Дар қисмати 7-ум нависанда Саҳборо тасвир намудааст, ки ҷониби Қубодиён роҳ мепаймояд, худ ба худ андеша мекунад, рӯзгори гузаштаву имрӯзаашро пеши назар меорад. Нависанда аз кулбори пурбори эҷодии шоир ёдовар мешавад. Мусаддаси як ҳафта пештар эҷодкардаи шоирро аз номи худи ӯ меорад, ки ба забони ӯзбекист:

*«Менингден олам ичра зору ҳайрон булмасун ҳеҷ ним,*
*Юроки кулфат ичро та-батаҳ қон бӯлмасун ҳеҷ ним…»*

Беҳтар мебуд, ки мутарҷим бо маслиҳати муаллиф ягон шеъри дигари бо забони тоҷикӣ эҷодкардаи шоирро дар қисса меовард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Масалан, агар ғазали зеринро, ки онро устоди шодравон Одина Ҳошим ба сӯзу гудоз месуруд, ҷой медод, хуб мешуд:

*Дил шарбати васли ту чашидан натавонист,*
*Чашмам маҳи рухсори ту дидан натавонист.*
*Азбаски танам зор шуд аз ташнаи ишқат,*
*Бори гами ҳаҷри ту кашидан натавонист.*
*Аз гулшани ҳусни ту дили хастаи маҳзун*
*Бо хоҳиши худ як гуле чидан натавонист.*
*Шуд хушк саропои ман аз оташи ишқат,*
*Ашкам ба мижа тохт, чакидан натавонист.*
*Дар маҳфили васли ту ба сад ҷаҳд машомам,*
*Аз накҳати зулфи ту шамидан натавонист.*
*Умрест, ки лабташнаи савдои ту Саҳбост,*
*Аз лаъли лабат лек макидан натавонист.*

(5, 395).

Воқеан, ба ғазали мазкур шоири халқ Қудрати Шуғнонӣ (1824 – 1914) мухаммаси зебое бастааст, ки аз маҳбубияти таълифоти Саҳбо дар миёни хосу ом гувоҳӣ медиҳад:

*Чашмам гули рухсори ту дидан натавонист,*
*Дастам гуле аз боги ту чидан натавонист,*
*Гӯшам зи лабат ҳарф шунидан натавонист,*
*Дил согари васли ту чашидан натавонист,*
*Ҷонро ба лаб оварду супурдан натавонист.*

Бадоҳатан хондани байти Саҳбо аз тарафи шогирдаш Нодирхон ҳолати руҳии Саҳборо боз ҳам ҳузнангезу ғамбор месозад:

*Эй фалак, бар ман аҷаб ҷабру ҷафоҳо кардаӣ!*
*Хотири маҷрӯҳи ман аз гусса шайдо кардаӣ.*

Идомаи ғазалро аз номи Саҳбо овардани нависанда ба он мусоидат менамояд, ки ғазал ба руҳияи ҳозирин таъсири амиқ бахшидааст ва махсусан Саҳборо хеле озурдаҳол сохтааст:

*Доги гам бар синаи зорам ниҳодӣ аз ситам,*
*Ҷайбам аз ашки равон монанди дарё кардаӣ.*
*Қоматам аз меҳнати сахти ту шуд ҳамчун камон,*
*Ранҷу кулфат ҳамчу пайкон дар дилам ҷо кардаӣ.*

(2, 42).

Нависанда дар идомаи қисса Саҳборо дар роҳ бо Субҳонқул рӯ ба рӯ месозад, ки замоне шоир ӯро аз тӯҳмати танобчиҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

наҷот дода буд ва бо ин гуфтан мехоҳад, ки Саҳбо дар дарбор ҳам дастгиру наҷотбахши мардуми одӣ буд.

Дар қисмати ҳаштум нависанда шоирро ба қозии Қубодиён, шахси одилу хайрхоҳ Муҳаммад Мансур, ки ба пешвози Саҳбо омада буд, шинос менамояд. Гумон меравад, ки ба ҷойи Ҳоҷидодхоҳ, ки устод Айнӣ аз он ба некӣ ёд кардааст, нависанда дар қисса образи қозии идеалӣ Муҳаммад Мансурро офаридааст (2,45-46). Ҳамчунин дар ин қисмат оид ба Чилучорчашма (2, 47), Носири Хусрав (2, 48-49) ривоятҳо меорад. Таъкид менамояд, ки замоне ба ин ҷо сӯфӣ Оллоёр ва Девона Машраб (2,49) низ қадам ниҳода будаанд.

Нависанда лаҳзаи мулоқоти ду марди бофарҳангу адолатпешаро бо овардани як ғазали Саҳбо хеле хотирмон тасвир намуда, гуфтан мехоҳад, ки қозӣ Муҳаммад Мансур низ муштоқи дидори мубораки Саҳбо барин пири кор ва беки раиятнавоз буд:

*Дил зи ҳаҷри ту кабоб аст, ту ҳам медонӣ,*
*Тан чу зулфи ту ба тоб аст, ту ҳам медонӣ.*
*Қоматат сарви равон аст, ҳама медонад,*
*Суханат ҳамчу шароб аст, ту ҳам медонӣ,*
*Лабат олуда ба қанд аст зи ҳар лутфу шараф,*
*Чашмат олуда ба хоб аст, ту ҳам медонӣ.*
*Тири мижгони ҷигардӯзи ту ҳар шому саҳар,*
*Пайи қатлам ба шитоб аст, ту ҳам медонӣ.*
*Дар таманнои қудуми ту танам чун хок аст,*
*Лек аз ғам дилам об аст, ту ҳам медонӣ.*
*Дам ба дам ҷон ба видоъ аст зи бедоди ғамат,*
*Сар ба сар ҷисм хароб аст, ту ҳам медонӣ.*
*Шудаам дарди сар аз нашъаи Саҳбо имрӯз,*
*Дафъи ӯ бодаи ноб аст, ту ҳам медонӣ.*

Воқеан, ғазали мазкур дар пайравии ғазали Ҳасани Деҳлавӣ «Ҷигарам бе ту кабоб аст, ту ҳам медонӣ» эҷод шудааст, ки хеле гуворо ва хушоянд баромадааст.

Аз номи Саҳбо овардани ғазали ӯзбекии

*«Айру ӯлса кӯзларим бир, Саҳбо, ул гул тобидин,*
*Донаи ашкам бӯларкин қатраи қандин хабар»,*

яъне «донаи ашкам диҳад аз қисмати хунин хабар» аз тарафи нависанда хонандаро хушдор медиҳад, ки Саҳборо дар Қубодиён фарҷоми баде думболагир аст. Вале қироати ғазали Саҳбо аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тарафи қозӣ Муҳаммад Мансур на танҳо дар дили шоир, балки дар дили хонанда низ шуълаи умедро фурӯзон нигоҳ медорад:

*Аз Худо дорам умед чаҳкан шавад дар зери чаҳ,*
*Дам ба дам ҳолаш шавад аз кулфати даврон табаҳ.*
*Гардад аз теғи ҷафо ҷону дили ӯ реш-реш,*
*Синаи ӯ хун шавад аз ранҷу меҳнат таҳ ба таҳ.*
*Косаи айшу нишоташ пур шавад аз заҳри ғам,*
*Рӯзгори ӯ шавад аз зулмати ҳиҷрон сияҳ.*
*Дур гардад доимо аз бӯстону хуррамӣ,*
*Дар бисоташ шодию ҳиҷрат наёбад ҳеҷ раҳ.*
*Боғи ҳоли ӯ зи ошӯби замон гардад хазон,*
*Ҷисми ӯ дар оташи ҳасрат гудозад ҳамчун каҳ.*
*Дар гулистони ҷаҳон гардад ҳамеша хору зор,*
*Чун гадо ҳаргиз наёбад рутбае з-он рӯсияҳ.*
*Пайкари ӯ реза-реза гардад аз тири алам,*
*Нолаю фарёди ӯ сар баркашад то сақфи маҳ.*
*Соясон фарши раҳи беэътибориҳо шавад,*
*Пойкӯби аҳли олам гардад ӯ чун хоки раҳ.* (2, 54).

Дар ин қисмат нависанда барҳақ зикр намуда аст, ки «Амир Олимхон дар симои Мирзо Ҳайити Саҳбо инқилобро медид» (2, 55). Нависанда илова бар ривояти болоӣ аз номи қозӣ Муҳаммад Мансур боз ду ривояти дигарро низ оид ба рӯзгори нобасомони Носири Хусрав овардааст. Воқеан, нависанда дар ду ҷойи қисса кӯҳи Хоҷа Ғозиёнро бо талаффузи ӯзбекӣ мувофиқ сохта, Хоҷа Қозиён (2, 48, 57) ба қалам додааст.

Қисмати 9- уми қисса таърихи шаҳри қадимаи Кубодиён, унвонии ободгари он шоҳ Қубод- яке аз шоҳзодаҳои каёнӣ номгузорӣ шудани ин мулк, арзу тӯли водии Кофарниҳон, аҳолию қарияҳои он, ҳуҷуми мири Ҳисор Абдукаримхон (1866) ба ин сарзамин ва фарҷоми амали тахрибкоронаи ӯ, ба ҳайси беки ин мавзеъ таъин шудани Мирзо Маҳдӣ – тӯқсабо (то соли 1916), Абдуҳалимбек- тӯқсабо (1916-1917), Мирзо Ҳайити Саҳбо (1917-1918) ва Давронбек (1918-1919) ҳикоят мекунад, аз тараққии кишоварзӣ, бофандагӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва бозорҳои ин ҷо нақлҳои шавқовар меорад.

Дар қисмати 10-уми қисса аз овозаю воҳимаҳои инқилоби Октябр дар Русия, ҳуҷуми малах ба Қубодиён, авҷ гирифтани бемории домана, бо маслиҳати Саҳбо ва бо мадади табибони рус муолиҷа намудани аҳолӣ нақл карда мешавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар қисмати 11- ум нависанда хонандаро аз пешомади нохушоянде хабардор месозад. Ҷониби Қубодиён роҳ пеш гирифтани Давронбек бо сӣ нафар каллабуронаш аз он гувоҳӣ медод, ки амир Олимхон ба сари Саҳбо кадом фоҷиаи мудҳишеро оварданист. Нависанда дар деҳаи Заркамар онҳоро бо Абдураҳмон ном паҳлавоне рӯ ба рӯ месозад. Навкарони носипоси Давронбек дар сари дастурхони паҳлавон нишаста, бо истифода аз пайти мувофиқ Садриддин ном навкараш ба номуси духтари Абдураҳмон-Чиннихол дастдарозӣ мекунад ва аз Абдурраҳмон - паҳлавон ҷазои сазовор мегирад.

Дар фуроварди ин қисмат нависанда барои ба шунидани фоҷиаи мудҳиши Саҳбо омода намудани хонанда миш-мишу гапу калочаҳои мардумро меорад. «Саҳбо ҷосуси урусҳо, душмани амир Олимхон будааст. Ӯ шоир не, як ғайридини бехудо, аз Бухоро гурехта, ба Қубодиён омада, худро бек эълон кардааст. Беки ғайриқонунӣ аст. Ӯ, яъне Саҳбо бо қозӣ Мулло Муҳаммад Мансур забон як карда, мардумфиребӣ мекунад ва ғайра» (2, 70).

Дар қисмати 12-ум сухан оид ба равобити ҳамсоягии Саҳбо бо Абдурашид оғоз ёфта, баъзан нависанда роҷеъ ба рафтуои одамони шубҳанок дар атрофи ҳавлии Саҳбо, хоби даҳшатнок дидани шоир, ки гӯё дастҳояшро бастаанд, аз тарафи одамони Давронбек дастгир шуда, зиндонӣ гардидани Саҳбо қисса мекунад. Дар охири ин қисмат зикри ғазали пурраи Саҳбо ва аз тарафи Абдурашид қироат намудани он, ки ҳолати ҳамонвақтаи Саҳборо бозгӯ менамояд, хеле мувофиқ афтодааст:

*Чанд рӯзе шуд, ки ёди дӯстон кам мекунӣ,*
*Чашми моро аз гами ҳиҷрон ту пурнам мекунӣ.*
*Баъд аз ин ҳаргиз ту аҳволам намепусӣ магар ?*
*Синаам аз дарди танҳоӣ ту пургам мекунӣ.*
*Ин замон ранги тароват дар гули айшам намонд,*
*Гарчи оби дидаамро ҳамчу шабнам мекунӣ.*
*Бода бе аҳбоб ҳам дафъи хумори мо накард,*
*Пас, чаро ҷоми тараҳҳум сӯйи мо кам мекунӣ?*
*Бе ту асло маҳфили моро набошад равнақе,*
*Худ маро дар бекасӣ мумтози олам мекунӣ.*
*Ин қадар, эй дӯст, аз хотир фаромӯшам макун,*
*Мекунам шодмониҳо, ки ёдам мекунӣ.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Гар мани дилхаста аз хотир фаромӯшат наям,*
*Ҳамчу оҳу пас, чаро умре зи ман рам мекунӣ?*
*Рӯзу шаб моро набошад ҷуз хаёлат ҳамдаме,*
*Пас, чаро, эй дӯст, тарки ҳамдам мекунӣ?*
*Руқъае ҳаргиз ба сӯйи мо намеорӣ рақам,*
*Қоматам чун хома аз бори ҷафо хам мекунӣ.*
*Гар фиристонӣ ба сӯям қосиди фархундафол,*
*Дидаам равшантар аз хуршеди олам мекунӣ.*
*Пок созам ман кунун изҳори дарди бекасӣ,*
*Инчунин ноошноиҳо ту ҳар дам мекунӣ.*
*То ба кай ман шиква аз дасти ҷудоиҳо кунам,*
*Охир, эй аҳбоб, кай ин расм барҳам мекунӣ?*
*Дидаи оҷизнавозиҳо ту аз Саҳбо мапӯш,*
*Ёди ин афтода созӣ, лутфи аъзам мекунӣ.*
(2, 74).

Нависанда дар қисмати 13-ум ҳолати рӯҳии қозӣ Муҳаммад Мансурро баъди зиндонӣ шудани Саҳбо тасвир менамояд. Давронбек мехоҳад, ки қозӣ фатвои қатли Саҳборо диҳад, вале мавсуф намехост, ки ӯро дар гирдоби фитна печонида, умре сархаму рӯсиёҳ гардонанд. Давронбек мебинад, ки қозӣ гарданкашӣ мекунад, вайро низ ба зиндон равона месозад.

Дар қисмати 14-ум нависанда ҳоли парешони Саҳборо дар зиндон ба қалам додааст. Овардани суханони «Шоирӣ номи баланд аст. Шоир намиранда аст, ҳамроҳи шеъраш дар дилу дидаҳост, то абад зинда мемонад» (2,79) аз номи падари Саҳбо хонандаро қадам ба қадам ба шунидани тафсилоти фоҷиаи Саҳбо наздиктар месозад. Нависанда Саҳборо дар ҳолате тасвир кардааст, ки ӯ ба ногузир будани қатли худ бовар дорад, вале ифтихор мекунад ва мегӯяд: «Ман намемирам, шеърҳоям дар вақти зиндагиям даст ба даст мегарданд. Инро бо чашмони худам дидам, замоне фаро мерасад, ки дар бораи ман дигар адибону олимон асар менависанд. Онҳое, ки шоирро қатл мекунанд, номи худро то абад бад мекунанд» (2, 79-80).

Зикри ғазали падари Саҳбо аз номи шоир бозгӯйи он аст, ки Саҳбо бо вуҷуди шоири тавоно ва донишманди фарҳехтаи замон будан дар зиндагӣ шахси беиқбол ва берӯзӣ буда, ҳамеша нобасомониву шикаст дар зиндагӣ ӯро думболагир аст:

*Эй дил, иқбол зи хубон на ту дориву на ман,*
*Ахтари толеи рахшон на ту дориву на ман.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Сунбуло, ин қадар аз ноз ба худ ғарра машав,*
*Тоби он зулфи парешон на ту дориву на ман.*
*Беадаб, пой манеҳ бар сари кӯяш, эй бод,*
*Даст бар он бару домон на ту дориву на ман.*
*То ба кай муътакифи зовияи тан бошӣ,*
*Сабр дар фурқаташ, эй ҷон, на ту дориву на ман.*
*Чӣ ҳасад бар мани маҳзун кунӣ, эй шумрақиб?*
*Раҳ дар суҳбати ҷонон на ту дориву на ман.*
*Наравад талхиат, эй ном, таманно аз бас,*
*Баҳра аз он лаби хандон на ту дориву на ман.*
*Пеши шамъи рухи ӯ ҳарза марав, парвона,*
*Тоқати оташи сӯзон на ту дориву на ман.*
*Ҳамчу Саҳбо зи ғами фурқати ӯ, эй ҳамдам,*
*Лоласон чоки гиребон на ту дориву на ман* (2, 80).

Дар қисмати 15-ум нависанда қиссаро ба қуллаи авҷаш мерасонад. Саҳбо бо супориши Давронбек ва иғвои Абдуманноб, ки ӯро бек вазифаи қозигиро ваъда карда буд, ваҳшиёна ба қатл расонида шуда, ҷасадаш дар ҳандақи пушти қалъа партофта мешавад, то ки туъмаи сагон гардад. Чоплусони Давронбек хонаи ӯро кофта, шеърҳои як соли охир навиштааш ва достони нотамоми «Қубодиённома»-ашро мусодира намуда, оташ мезананд.

Дар қисмати 16-уми қисса шабона ҷасади Саҳборо пинҳонӣ Абдурашид ва чанд тани дигар аз ғори пушти қалъа гирифта бурда дафн кардан, дар қисмати 17-ум ғалабаи инқилоби Бухоро ва фирори амир Олимхон, тӯйи Оишабибӣ (набераи Саҳбо, соли 1925), дар қисмати 18-ум аз Бухоро барои гузаронидани маъракаҳои азои шоир ба Қубодиён омадани қудои Саҳбо Саидбек ва якчанд шогирдонаш (соли 1920) тасвир шудааст.

Қисса бо суханони таассуфомези Саидбек ба поён мерасад. Саидбек «Одаме, ки маблағи барои адои фаризаи ҳаҷ пасандоз кардаашро ба ятиму бевaву бечора тақсим карда медиҳад, чӣ тавр пайрави шайтон мешавад?» (2, 88) гуфта, афсӯс мехӯрад, ашк мерезад ва мухаммаси зерини Саҳборо қироат мекунад. Тасвири ин лаҳза ба он мемонад, ки офтоб оҳиста – оҳиста ғуруб намуда, паси кӯҳҳо пинҳон мешавад ва мардум аз гармию равшании нурҳои оламтобаш маҳрум мемонанд:

*Рухи худро зи ман кардӣ ниҳон оҳиста-оҳиста,*
*Рабудӣ тоқатам аз магзи ҷон оҳиста- оҳиста.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Гирифтӣ дил ту аз пиру ҷавон оҳиста-оҳиста,*
*Фикандӣ шӯру гавго дар ҷаҳон оҳиста-оҳиста,*
*Намудӣ расми бадаҳдӣ аён оҳиста-оҳиста.*

*Дили зори маро дар ҳалқаи гесӯ ту барбастӣ,*
*Зи ман бубридию бо гайр, эй маҳрӯ, бупайвастӣ,*
*Ту бо як ишва минои вафову аҳд бишкастӣ,*
*Чаро кардӣ чунин, эй бевафо, бисёр бадмастӣ,*
*Ба куштан мебарӣ моро, кашон оҳиста-оҳиста.*

*Ба ҳар сӯ меравӣ, эй дилрабо, бо ишваву бозӣ,*
*Зи ту кабки дарӣ омӯхт расму роҳи таннозӣ,*
*Набошад дар гулистон чун ту як сарви сарафрозе,*
*Ба ҳоли мо ту аз лутфу карам ҳаргиз напардозӣ,*
*Маро кардӣ ту охир нотавон оҳиста-оҳиста.*

*Шикастӣ охир аз санги ҷафо паймонаи ҳушам,*
*Ба худ аз оташи ишқи ту ман ҳар лаҳза меҷӯшам,*
*Ниҳодӣ бори дарду кулфату гамро ту бар дӯшам,*
*Ман аз ҳаҷри ту, эй шӯхи ситамгар, заҳр менӯшам,*
*Ту бар ман мекунӣ акнун гумон оҳиста – оҳиста.*

*Ҳавои зулфи мушкинат расад ҳар гоҳ бар ёдам,*
*Дамодам бигзарад аз гумбази афлок фарёдам,*
*Нашуд як бор хурсанд аз ту ҳаргиз табъи ношодам,*
*Ман, эй Саҳбо, ба роҳи ишқбозӣ ҳамчу Фарҳодам,*
*Бикун лутфе ту, эй ширинзабон, оҳиста – оҳиста.* (2, 87).

Дар иртибот ба ин лозим ба ёдоварист, ки дар матбуоти даврӣ баъд аз солҳои 2000 дар атрофи қатли Саҳбо баъзе мақолаву хотироти омӯзгорону рӯзноманигорон ба нашр расиданд. Муаллими забон ва адабиёти тоҷики ноҳияи Қубодиён Файз Зиёдалиев, ки зиёда аз 50 соли собиқаи омӯзгорӣ дорад, дар мақолаи “Фоҷиаи қатли мири Қубодиён” (“Адабиёт ва санъат”, № 21-22 аз 31. 05. 2002), ҳамчунин дар суҳбатҳои шахсӣ бо ин ҷониб қисса кард, ки амакҳояш усто Валии осиёбон ва қорӣ Маҳмадалӣ, ки зиёда аз 90-солӣ умр дидаанд, мунтазам аз фоҷиаи қатли Саҳбо бо таассуф ёдовар мешудаанд, зеро дар он айём онҳо тахминан ҷавонҳои 16-18-сола будаанд ва манзараи сангсоркунии шоирро бо чашми сар дидаанд. Ба омӯзгор Зиёдалиев нақл



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кардаанд, ки фоҷиа рӯзи ҷумъа рух додааст. Онҳо дар ҳавлиашон машғули токбурӣ будаанд, ки ҷорчии бек садо баланд намуда, мардумро ба қалъаи беки нав даъват менамояд ва таъкид мекунад, ки беки пешина ҷадид будааст. Бинобар ин ҳозир ӯро сангсор мекунанд. Бо шунидани воҳимаи ин шумхабар Валию Маҳмадалӣ корро партофта, ҷониби қалъа роҳ пеш мегиранд. Чун ба қалъа мерасанд, мебинанд, ки мардуми зиёде иборат аз савдогарони бозору одамони гуногунсолу гуногункасб гирд омадаанд. Ҳар кас дар атрофи номи Саҳбо ҳар сухане, ки рост меомад, иброз медошт. Яке мегуфт, ки Саҳбо ҷадид асту дар Бухоро бар зидди амир баромадааст. Дигаре сухани ӯро қувват дода, меафзуд, ки Саҳбо табааи Русияро қабул намуда, аз мусулмонӣ рӯй гардонидааст. Диққати бародаронро ҳолати ҳаммаҳаллаашон Абдукарими чармгар ҷалб мекунад. Ӯ мардуми ҳайратзадаи дар атрофаш ҷамъшударо бовар мекунонад, ки азбаски Мирзо Саҳбо ҷадид аст, аз таги эзораш чун расму одати ҷадидҳо боз як эзори калтача мепӯшидааст. Ҳамин вақт бо амри ҳокими нав таъиншудаи Қубодиён додарарӯси Олимхон – Давронбек Саҳборо ду нафар кашолакунон назди издиҳом меоранд ва дар ҷойи намоёне қарор медиҳанд. Дар ҳамин ҳолат шахси бадафте бо таёқи дарозе бо тамоми қувва ба сари Саҳбо мезанад. Бар асари зарбаи мудҳиш сари шоир кафида, хун фаввора мезанад ва куртаи сафедашро лоларанг месозад. Шоир бо ду даст сарашро дошта, пуштнокӣ ба замин меафтад. Баъдан издиҳоми башӯромада сари ӯро ҳадафи сангборон қарор медиҳанд. Дар як лаҳзае тани мири “ҷадид” зери тӯдаи сангҳо монда, ба ҷуз ду пой дигар ҳамаи аъзои баданаш аз назар нопадид мешаванд. Ҳозирин аз таги сангтӯда хирросзанон ҷон кандани Саҳборо мушоҳида мекарданд. Баъдан тани Саҳбо аз тапидан бозмемонаду ором мегирад. Давронбек, ки ин манзараро то охир бо аҳли дарбораш наззора мекард, мулозимонаш аз номи ӯ эълон мекунанд, ки ҷасади Саҳбои ҷадидро ба гӯристони мулло Амон нагӯронанд, балки ҷисми ӯро ба дашти мулло Қара бурда партоянд, то ки тӯъмаи сагу шағолҳо гардад. Ҳукми мазкурро сарбози кӯсаришу зардинамӯе ба иҷро расонида, ба пойи майит ресмонеро баста, аспро қамчин мезанад ва мурдаи ба хоку хун оғӯштаи Саҳборо кашолакунон ҷониби дашти мулло Қара таноби роҳ мекашад. Ба қавли Ф. Зиёдалиев аз нақли Валӣ ва Маҳмадалӣ баъд аз як моҳи он воқеа дар Қубодиён овоза паҳн



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мегардад, ки 3-4 нафар одамон аз Бухоро омада, хокҷойи шоирро пайдо карда, марҳумро ҷаноза карда рафтаанд. Даврони Давронбек ҳам ба ҳайси ҳокими Қубодиён дер намепояд ва ба дарди бедавое гирифтор шуда, аз ҳокимияташ як сол ногузашта, вафот мекунад:

*Дидӣ, ки хуни ноҳақи парвона шамъро,*
*Чандон амон надод, ки шабро саҳар кунад.*

Азизи Фаттоҳ дар мақолааш бо номи "Қатли Саҳбо дар Қубодиён" (сомонаи "Фараж", 2. 07. 2012) сароввал хотираҳои омӯзгор Ф. Зиёдалиевро меорад, ки аз он ёдовар шудем. Азизи Фаттоҳ ҳамчунин хотироти омӯзгор ва муҳаққиқи қубодиёнӣ Ҳоҷӣ Акбар Насимиро сабт менамояд, ки модаркалони он вақтҳо 13-14-солабудаи мавсуф Нисбатбибӣ шоҳиди бевоситаи он фоҷиаи мудҳиш будааст ва зери таъсири он манзараи даҳшатовар чанд гоҳе хобу хӯрро гум карда, чанд гоҳе хаёлӣ шудааст. Ба ақидаи Азизи Фаттоҳ нақли Нисбатбибӣ бо қиссаи овардаи бародарон Валӣ ва Маҳмадалӣ пурра мувофиқат мекардааст. Мувофиқи иттилои Насимӣ дар рӯйхати "сиёҳ"-и амир Олимхон муншии ҳокими Қубодиён Мирзо Кароматулло ва як нафари дигар ҳам будаанд, ки то рӯзи эълони ҷазо ба кадом воситае халос хӯрда, ҷон ба саломат бурдаанд. Ҳамчунин дар идомаи мақола Азизи Фаттоҳ аз муаллифи қиссаи "Саҳбо" Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид ёдовар мешавад, ки дар ҷамъоварии санаду маълумот оид ба Саҳбо ва дастрас намудани девони шоир хизмати шоистаеро анҷом додааст. Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид баъзе қиссаҳоро аз рӯзгори Саҳбо аз падараш Муҳаммадсаидхон Наҷмуддинов, ки аз домуллоҳои босаводи Кофарниҳони поён будаанду ғайр аз забони модариаш бо забонҳои форсию тоторӣ, русию арабӣ озод ҳарф мезадаанд, шунидааст. Ҳоҷӣ Муҳаммад Саид бо қорӣ Муҳаммадалӣ (амаки Ф. Зиёдалиев) ҳини барҳаёт буданашон низ борҳо ҳамсуҳбат шуда будааст, ки он боиси эҷоди қиссаи "Саҳбо" гардидааст.

Ба ҳамин тариқ, қиссаи Ҳоҷӣ Неъмат Муҳаммад Саид «Саҳбо» бо вуҷуди баъзе камбудиҳо рӯзгори пурошӯб ва фоҷиаомези шоири тавонои охири асри XIX ва оғози асри XX Мирзо Ҳайити Саҳборо равшан месозад. Месазад, ки қиссаи «Саҳбо» барои дарёфти ҷоизаи раиси вилояти Хатлон ба номи Носири Хусрав дар соҳаи наср пешниҳод гардад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Имрӯз, ки Тоҷикистон ба истиқлолияти комили давлатӣ расидааст, иқдоми саривақтист, ки «номи ин пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯиро бо табъу нашр кардани девонаш» (1, 270) аз нав зинда гардонем, 170-солагии зодрӯзашро дар миқёси ҷумҳурӣ таҷлил намоем, оид ба рӯзгори пурмоҷаро ва ашъори дилошӯбаш пажуҳишҳои доманадор анҷом диҳем. Вақти он расидааст, ки маркази Қубодиён – шаҳраш Саҳбо номида шавад ё ақаллан Коллеҷи омӯзгории Қубодиён номи ин шоири инқилобӣ ва адиби оташинсуханро гирад.

**Пайнавишт:**


1. Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010.
2. Неъмат Муҳаммад Саид. Саҳбо (қисса). – Қӯрғонтеппа, 2014, 102 с.
3. ЭСТ. Ҷилди 7. – Душанбе, 1987.
4. Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ. Ҷилди 2. – Душанбе, 2010, с. 231.
5. Гулшани адаб. Намунаи назми иборат аз 5 ҷилд. Ҷилди 5. Тартибдиҳандагон А. Афсаҳзод, Л. Сулаймонова, Ҷ. Додалишоев ва дигарон. – Душанбе: «Ирфон», 1980, с. 395-401.
6. Саҳбо. Ғазалҳо. // «Садои Шарқ», 1975, № 2.
7. Файз Зиёдалиев. Фоҷиаи қатли мири Қубодиён. // Адабиёт ва санъат, № 21-22, 31. 05. 2002.
8. Азизи Фаттоҳ. Қатли Саҳбо дар Қубодиён // Сомонаи http://faraj.tj/life/835-1178atli-sa1203bo-dar-1178ubodien.html, 2. 07. 2012.


## 1.18. ВИЖАГИҲОИ ШЕЪРИ ОРИФИ ЧОҲОБӢ

(Дар ҳошияи «Девони Орифи Чоҳобӣ» - Лоҳур, 1373 хуршедӣ)

*Машҳадамро баъди мурдан нест ҳоҷат бар чароғ,*
*Аз ғазал равшан кунам шамъи мазори хешро.*

*(Орифи Чоҳобӣ)*

Орифи Чоҳобӣ (1882-1944 мелодӣ), ки яке аз симоҳои машҳури адабиёти Афғонистон маҳсуб мегардад, баъд аз интишори девонаш бо кӯшиши Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ ва маблағгузории Муҳаммад Башир дар моҳи ҳамали соли 1373



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хуршедӣ (моҳи марти соли 1995) дар шаҳри Лоҳури Покистон гӯё мероси адабияш умри дубора ёфт.

Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ– мураттиби «Девони Орифи Чайобӣ» дар муқаддимаи ба китоб навиштааш бо номи «Овое аз чоҳсори узлати таърихӣ» воқеан иқрор мешавад, ки таърих гоҳо симоҳои рангпаридаю зиштро рушан нишон дода, мавриди ситоиш қарор додааст, вале гоҳо аз мавҷудияти симоҳои фарҳехтаи миллат худро надида вонамуд мекунад. Ҳамчунин мавсуф иқрор аст, ки насли имрӯз Орифро намешиносад ва насли баъдина  камтар хоҳад шинохт. «Ҷойи он аст, ки бо таъбири Ҳофиз дар дилҳо хун мавҷ занад , ки марде бо он ҳама мероси азими адабӣ як сада дар ҳабси муҷарради таърих нигоҳ дошта шавад ва муртадшоирони бонардбон сиёсатҳои рӯз бар боми шӯҳрат ва ифтихор фаро шаванд ва кӯси лиманилмулкӣ бизананд» – бо таассуф таъкид менамояд Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ (ниг. Девони Орифи Чайобӣ.-Лоҳур, 1373, с.1). Ҳамчунин дар ин росто мавсуф аз шоири дигари гумном Муҳаммад Салими Тағрои Бадахшонӣ низ ёд мекунад, аз беэҳтиромӣ нисбат ба Охунд Муҳаммад Аттори Ҳиротӣ, Нодир, Шайх Муҳамммад Тоҳири Қандаҳорӣ барин нобиғаҳои илму фарҳанг ёдовар мешавад.

Тибқи маълумоти Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ аз Абдуллоҳ Орифи Чайобӣ дар даҳсолаҳои охир дар тазкира ва таълифоти илмии Хаста, Абдулҳакими Валаволаҷӣ, Шоҳ Абдуллоҳи Бадахшӣ, Мир Абдулкарими Ҳусайнӣ дар пажуҳишҳои худ вобаста ба адабиёти муосир ёдоварӣ шудааст ва оид ба шарҳи ҳол ва мӯҳтавои ашъори Ориф Айнуддин Наср силсилаи мақолаҳо ба нашр расонидааст.

Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ дар дебочаи нигоштааш орзу мекунад, ки « …пажӯҳиш дар боби аҳволу осор ва ҳандасаи зеҳни шоиронаи ӯ ба дасти муҳаққиқони ҷавон ва пурталош, ба вижа пажӯҳишгарон бархоста, аз зодбуми фарҳангии ӯ анҷом пазирад» ( ҳамон ҷо, с.2). Муҳаммад Иброҳим моро муътақид месозад, ки «… Ашъори Ориф аз басо номҷӯён андак мояи афзунгӯист, ки дар  ин 50-60 соли охир бо номи шоир иштиҳор ёфтаанд ва ононе ҳам то ҳадди шом накди шеър доранд, дар баробари инон бо таъбири сиёсатгарон «чароғи сабз»равшан кардаанд»(ҳамон ҷо, с.2).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мавсуф баъзе нуқсонҳои ашъори Орифро дар он мебинад, ки чаро «…Шоҳини шеъри Ориф натавонистааст бо фаросуҳои сафари шуҳудӣ ва ишроқӣ кунад ва ба марзҳои фаромантиқии баёну забон бирасанд. Ориф имконияте надоштааст, ки сайру сафар намуда, хомиҳояшро пухта гардонад. Бо вуҷуди ин Ориф қасидаи « Ҷунбиши Лақай» дар пайравии «Шоҳнома»- и Фирдавсӣ, «Юсуф ва Зулайхо» ва монанди инҳоро эҷод кардааст. Дар ин ҷо муратти хитоб ва таъкид менамояд, ки Абдулҳакими Валаволаҷӣ дар «Чароғи анҷуман» интишори «Юсуф ва Зулайхо»- и Орифро дар ҷилди дувуми тазкирааш ҷой дода буд, вале азбаски ҷилди дувуми «Чароғи анҷуман» чоп нашуда монд, ин асари Ориф низ то ҳол нопайдост. Ба ҳамин монанд бинобар вазъи душвори он замон ашъори дигари Ориф низ пароканда ва дар байни мардум номаълум боқӣ мондааст. Хоса ашъори Ориф дар миёни аҳолии вилоятҳои Тахор ва Бадахшон маҳбубияти зиёде дорад. «Махсусан дар Чайоб ва Рустоқ, - таъкид намудааст Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ, - хонаеро наметавон ёфт, ки дар он дафтарчаи ҳарчанд кӯчак аз ашъори Ориф гирдоварӣ ва таҳия нашуда бошад». (Ҳамин ҷо, с.3). Номбурда аз дафтарчаҳои беш аз ду ҳазор байти Орифро гирдовардаи Саъдуллоҳи Сайидӣ, Сафармуҳаммади Ҷарид ва Абдурраззоқи Зинда ёдовар мешавад. Муҳаммад Иброҳим аз заҳматҳои зиёди Ҳоҷӣ Айниддини Айнӣ, ки гузидаи ашъори Орифро ҷамъоварӣ намуда, ба нашр супурда буд, вале ин зубдаи ашъор рӯйи чопро надид, таассуф мехӯрад.

Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ аз ҷаҳду талошҳо ва давиданҳои худ дар ҷодаи чопи девони Ориф ёдовар мешавад. Ба Кумитаи давлатии табъу нашри Афғонистон (с. 1362), Анҷумани шуаро ва нависандагон (с.1365), умури миллиятҳои Вазорати сарҳадот (с.1370) муроҷиат менамояд, вале муроде ҳосил намешавад. Ниҳоят, девони Ориф бо маблағгузории «Ҷавони боэҳсос ва дӯстдори илм ва фарҳанг ва ҳуввияти миллӣ» Муҳаммад Башири Қонит рӯйи чопро мебинад.

Оид ба зиндагиномаи Ориф ҳаминро бояд гуфт, ки исми аслии Ориф Абдулло буда, падараш Саъдуллобой ном дорад. Ориф соли 1260 хуршедӣ (1882 мелодӣ) дар деҳаи Тахнободи Чайоби вилояти Тахор зода шудааст . Падараш дар Рустоқ ба воя расида, ба савдогарӣ машғул буд. Ориф бо хоҳари яке аз паҳлавонони машҳури Чоҳобӣ Мирзо Амин хонадор шуда, дар Тахнобод зиндагӣ ихтиёр намуд. Шоир баъд аз он ки ба шеърнависӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мепардозад ва ба адабиёт алоқамандӣ пайдо менамояд, ба худ тахаллуси «Ориф»-ро мегирад.

Ориф дар хонаводаи мулло Саъдулобой, ки сармоядори бузург буд ва дар сарзаминҳои ин тарафи Амударё –Бухоро, Самарқанд, Тирмиз, Патакесар, Рашт ва Кӯлоб ба тиҷорати гӯсфанд машғул буд ва аз ин роҳ сармояи бузурге низ меандӯхт. Ӯ дар ин сафарҳо баъзан бо падараш ҳамроҳ мешуд ва тадриҷан аз олами тиҷорат низ огоҳ гардид. Абдуллоҳи Ориф ҳафт писар дошт: Абдушукур, Абдуғафур, Абдулвадуд, Абдухалил, Амонуллоҳ, Шоҳвалӣ, Абдувакил ва се духтар. Ориф баъди 25-солагиаш соҳиби хонавода мешавад ва баъди 2-3 сол аз хонаводаи падар ҷудо шуда, рӯзгори алоҳидаро ба роҳ мемонад. Вай бори аввал бо мақсади тиҷорат бо 200 сар гӯсфанд аз роҳи Кӯлоб ба Хуҷанд меравад ва аз фурӯши он манфиати зиёде мебардорад.Минбаъд тиҷораташро дар ин масир идома медиҳад. Азбаски Ориф ҷавони далеру қавипанҷа, чобук ва дорои зӯру тавоноӣ буду соле чандин бор аз дусад то панҷсад сар гӯсфанди чориро ҷамъоварӣ намуда, аз роҳи Кӯлоб ба фурӯш мерасонид ва колои он ҷоро ба Тахористони куҳан ворид намуда, ба савдо мезад. Аз ин рӯ, дар миёни сад нафар тоҷирони тавонои ватанаш эътироф гардид. (Нигаред: Ҷамшеди Шӯълафайз. Орифи Чоҳобӣ. Рисола дар бист саҳифа).

Аз ин сафарҳо Ориф на танҳо суди ҳангуфти моддӣ бардошт, балки аз наздик бо ниҳодҳои илмии Фарорӯд низ ошно гардида,аз нишастҳои Бедилхонони Бухоро ва Кӯлоб бар ашъори Бедил ва маонии онҳо ошноӣ пайдо карда, тавони онро дармеёбад, ки ба хубӣ ашъори Бедилро тавзеҳ ва тавсиф менамояд (ҳамон ҷо, саҳ.6).

Ориф ҳангоми мусофират дар Бухоро ва шаҳрҳои дигари Осиёи Миёна рӯзгори шод ва осудаеро сипарӣ мекард, зеро агар рӯзҳо машғули тиҷорат буд, шабҳоро бо бозии шатранҷ ва мутолиаи китоб сипарӣ мекард.

Хатомӯзии Ориф саравввал дар Тахнобод аз мулло Абдулҳаким ва хонумаш, ки ба таълими духтарон ва писарони кӯчаки деҳа машғул буданд, оғоз ёфт. Ӯ «Қоидаи бағдодӣ»-ро аввал ба сурати ҳиҷоӣ ва баъдан равонӣ омӯхт. Сипас, Қуръон ва чанд китоби форсиро низ аз бар намуд. Махсусан ӯ «Панҷ ганҷ»-и Низомӣ, ашъори Ҳофиз ва Бедилро маҳз дар ин «Омӯзишгоҳ» бо нимасаводӣ мутолиа намуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар даҳсолагӣ дар мадрасаи Тахнобод, ки дар шафати хонаи падариаш буд, омӯзишро идома дод. Бо қарори таҳсил дар мадрасаҳои он рӯзгор ба омӯзиши«Кудурӣ», «Мухтасар» ва мутолиаи дигар китобҳои дарсӣ оғоз кард. Аз сарфу наҳви арабӣ ва фиқҳи ҳанафӣ сабақ бигрифт, вале ба сабаби гирифториҳои зиндагӣ ва ташвишҳои рӯзгор натавонист, ки таҳсилро идома диҳад ва билохир таркаш кард.

Дар ин миён Ориф дар мадраса низ бо таъхир таҳсил мекард, зеро ҳафтае ду бор-рӯзҳои бозор, душанбе ва панҷшанбе дар дӯкони баззозии падараш саргарми савдо мешуд. Ҳамчунин як рӯзи ҳафта ба назди Мирзо Одинамуҳаммад (Оҷиз), ки яке аз хушнависони Чайоб буд, рафта машқи хат мекард. Чун Оҷиз худ шоир низ буд, аз ашъораш ба шогирдонаш сармашқ медод. Бинобар ин Ориф зимни тамрини хат ба мутолиаи шеър низ шавқ пайдо мекунад ва тадриҷан ин шавқу шӯр ба як ғалаёни азиме мубаддал мегардад. Дар Ориф завқи мутолиа рӯ мезанад ва ӯ девонҳои ашъори Ҳофиз, Бедил, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Бӯстон», «Гулистон»-и Саъдӣ ва соири шоирони форсигӯро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.Ба шарофати ин мутолиа на танҳо вай касби камолот мекунад, балки тадриҷан худаш низ ба шеъргӯӣ оғоз менамояд.

Тавре ки Ориф баъди сӣ соли аз хонаи Одинамуҳаммади Оҷиз бадар рафтанаш ҳамдарсон ва он маконро бо тафохури бепоён ёд карда,он даргоҳро чун мадрасаи ҷойгоҳи тадриси савод, риёзӣ, хушнависӣ, адаб ва накди шеър тавсиф менамояд:

*Муддати сӣ сол шуд з-он гулрухон афтода дур,*
*Бар сари Ориф ҳанӯз аст ифтихори мадраса.*

Ориф дар оғоз шеърҳои эҷодкардаашро пинҳон нигоҳ медошт, вале тавре ки мегӯянд, «Мушкро дар остин кай метавон пинҳон намуд?» (Ҳамон ҷо, с.8). Таълифоти Ориф низ тадриҷан «Бар сари забонҳо ва мавриди таваҷҷӯҳи шеърдӯстон қарор гирифт ва Орифро аз паноҳгоҳе, ки ғунуда буд, ба сарзамини шӯҳрат овард» (с.8).

Чамшеди Шӯълафайз дар рисолаи бистсаҳафагии ба рӯзгор ва осори Ориф бахшидааш, аз худи ӯ чунин нақли қавл мекунад:

«Дар 15-16 солагӣ ҳамроҳи падарам ба Рустоқ, ба ҷойи аъмомаи мулло Побандахон ва мулло Абдурасул рафта будам,чойнакро бароям доданд,ки аз самовар чой биоварам. Аз паҳлуи дӯкони ҳамсоя мегузаштам, марди мӯйсафеде чизе гуфт,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки нафаҳмидам. Вазъи ӯ бадам омад. Номашро пурсидам , гуфтанд: Мирзо Сайиди Бадахшӣ, яке аз тоҷирони муътабари Файзободи Бадахшон аст. Хомӯш шудам, чизе нагуфтам. Ба пасхонаи дӯкон даромада, шурӯъ кардам ба ҳаҷви ӯ ва қасидаи «Эй databaseбародар » (25 байт) навиштам, ки матлааш ин аст:

*Рӯйи Мирзо Сайиду санги лаҳад ҳарду якест,*
*Аз Бадахшон магар ин нест, аҷаб бенамакест.»*

Баъди ин дигар Ориф шеърашро пинҳон накард ва дар сурудани шеър чирадаст гардид. Махсусан пас аз оне, ки дар соли 1299 хуршедӣ Ориф зиндагиномаи амир Амонуллоҳро ба назм кашид, ба ҳайси як шоири миллии Афғонистон аз ҷониби умум эътироф гардид. Ин давраро Муҳаммад Иброҳим «Даврони пухтагӣ ва камоли Орифи Чоҳобӣ» ( с.9) медонад. Номбурда таъкид менамояд, ки Ориф дар наср низ беназир буд. Ӯ зиндагиномаи амир Амонуллоҳхонро дар ҳаҷми чиҳил саҳифа бо хати шево ва адабӣ нигоштааст, ки матни он дар дасти Ҷамшеди Шӯълафайз маҳфуз аст.

Давраи миёнаи эҷодиёти Орифро мавсуф солҳои 1292 -1285 хуршедӣ меҳисобад, ки дар ин давра пас аз фавти падараш агарчи зиндагии алоҳидае дошт, вале тамоми бори рӯзгори аҳли оилаи падар низ ба дӯши ӯ меафтад. Вай тиҷорат намуда, аробаи зиндагии оиларо ба пеш мебурд. Вале дар бузкашии бузурге, ки соли 1292 хуршедӣ дар Чайоб барпо шуд ва дар он тамоми човандозони саросари Тахор гирд омада буданд, Ориф низ чун чобуксавор ва бузкаши номӣ, ки бо аспони тезтаки хатлӣ ишқ мебохту беҳтарини онҳоро парвариш менамуд, дар айни бузкашӣ баногоҳ чашмаш сих мезанад ва ба дард меояд. Вай ба дарди сахт тоқат накарда, аз аспи саманди номдораш поин шуда, онро ба ихтиёри дӯсташ- човандози машҳур – Исмоил вомегузорад ва худаш майдонро тарк мекунад. Аслан дарди чашми Ориф аз зарби таёқи муллоҳо дар ҷанги зидди онҳо рӯ зада буд, ки баъди ин муддати сиву ду сол то охири умраш шоир дигар хушии рафоат ва саодати зиндагиро надид. Як чашмаш заиф шуда, кам медид ва аксаран ашъори худро бо ҳавои даст бо чашми баста менавишт. Ба ҳамин тариқ, шоири номдори Тахористон Ориф дар айни авҷи ҷавонӣ мубталои дарди чашм гашта, нерӯ ва тавони корро аз даст медиҳад ва бознишаста гардида, минбаъд бойигариҳои андӯхтаашро масрафи рӯзгораш месозад. Соли 1309 хуршедӣ вақте ки Шермуҳаммадхони ношир дар Хонаобод ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳайси ноиби ҳукумати Қатаған ва Бадахшон таъин мегардад, Орифро чун ошнои дерин (онҳо ҳангоми тиҷорати Ориф дар Фарорӯд шинос шуда буданд) ба назди худ даъват мекунад. Ӯ Шоҳабдуллоҳи Ямаки Бадахширо ба симати мудири таҳрирот, Саидмуҳаммади Деҳқони Бадахширо вакили даврии ҳафт шӯро ва мудирияти ҷаридаи «Иттиҳод», Ҷамшеди Шӯълафайзро ба сифати муовини ҷаридаи «Иттиҳод», Фитрати Дарвозиро ба ҳайси ҳамкори он ҷарида таъин мекунад. (Ниг. Савонеҳи Ориф. Навиштаи Ҷамшеди шӯълафайзи Чайобӣ). Ин ашхос дорои андешаи ватанхоҳона буданд, шабҳо ва рӯзҳоро дар анҷуманҳои адабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ охир мекарданд. Ориф пас аз ҳашт соли кунҷи узлат нишастан дар Чайоб акнун «дар ин анҷуман чун шамъ медурахшид» (Девони Орифи Чайобӣ. Муқаддима, с.11). Ориф муддати 11 сол (солҳои 1309-1319) дар ин симат адои вазифа намуд.

Вақте ки Шермуҳаммадхон соли 1317 чашм аз ҷаҳон пӯшид, Шоҳабдулло ба ҳайси мудири таҳрироти садорат ба Кобул интиқол дода шуд, Сайидмуҳаммади Деҳқон- мудири ҷаридаи «Иттиҳод» тарки вазифа кард, Ҷамшеди Шӯълафайз, Ҳабоб ва дигарон ҳар як ба ҳар сӯ пароканда шуданд. Ориф низ ночор ба Чайоб баргашт ва муддати чор соли дигар то соли 1322 хуршедӣ дар ин ҷо монд. Шоир оид ба баргаштанаш ба Чайоб ба сабаби пароканда шудани анҷумани дӯстонаш мегӯяд:

*Чу шуд Ямакӣ, Деҳқону Ҳабоб,*<br>
*Ба ночор бигрифт роҳи Ҷоҳоб.*

Ориф дар солҳои охири зиндагиаш бештар тирачашмиро эҳсос менамуд. Ба чашмонаш айнак мегузошт. Дар анҷуманҳо камтар ширкат мекард. Ҳар гоҳ ки маҳфиле барпо мешуд, шеъре месуруд ва мефиристод, то ки набуданашро ҷуброн кунад. Тангдастӣ ва фақр ӯро ҳамеша домангир буд. Махсусан чор соли охир дармондатарин даврони ҳаёташ буд. Дар охири умраш марги фарзандон ва монанди ин барин мусибатҳо дарди ӯро бештар афзоиш медоданд. Дар ин айём оқсақол Файзуллоҳхон, Мирзо Бурҳониддинхони Ҳариф, Арбоб Муҳаммадюнуси Чайобӣ, Ҷамшеди Шӯълафайз, Муставфӣ Насруллоҳхони Рустоқӣ, Муҳаммадсиддиқхон машҳур ба Ҳоҷӣ Мудир ё мудири тилло ва ноиб Муҳаммаднабихони Рустоқӣ барин ошноёни дерин чун поси бародархондагӣ аз ӯ ёрмандиҳои моддиашонро дареғ намедоштанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Давроне, ки Ориф мезист (солҳои 1882-1944 мелодӣ, 1260-1322 хуршедӣ), солҳои хеле пурошӯб маҳсуб мегардиданд. Дар Русияи подшоҳӣ ҳизби болшевикӣ (баъдан коммунистӣ) аз болои императори рус дастболо шуда, дар Осиёи Миёна- гаҳвораи бузургтарин фарҳанги исломӣ парчами давлати шӯравӣ бардошта мешавад. Ориф ба чашми сар мебинад, ки ҳукумати болшевикӣ бераҳмона ниҳодҳова шахсиятҳои диниро аз байн мебардорад. Амири Бухоро Сайид Олимхон тоҷу тахтро партофта, ба кишвари Ориф паноҳанда мегардад, алайҳи болшевикон Ҷунбиши муқовимати исломӣ ташкил меёбад ва мардумро зидди болшевикони исломситез ба қиём бармехезонад. Яке аз мухолифони давлати шӯравӣ Иброҳимбеки Лақай буд, ки қиёми ӯ бо номи «Инқилоби Лақай» машҳур аст. Ҳукумати вақти Афғонистон ҳам ба ҷойи пуштибонӣ аз шӯришгарон ба саркӯбсозии онҳо мепардозад. Дар ҷануби кишвар истилогарони британиёӣ дар Ҳиндустон ҳукмравоӣ доштанд ва давлати Афғонистонро низ гурбаосо маҳкам дар чангол гирифта, раҳо карданӣ набуданд. Безорӣ аз ҳукмронони аҷнабӣ, шавқи озодию истиқлолҷӯӣ ва ҳамбастагии исломӣ бо мусулмонон фазоест, ки бар андеша ва ҷаҳонбинии Ориф барин фарохназарон таъсире бар ҷомеа мегузошт. Дар Эрон низ ҳукумати Қочорӣ бозичаи дасти ду абарқудрати бузурги вақт – Русия ва Британияи Кабир шуда буд. Дар ҳамин даврони зиндагии Ориф ҷанги ҷаҳонӣ аввал миёни кишварҳои пешрафта аланга мегирад ва бештару пештар аз ҳама зиёни онро давлатҳои ақибмондаву қашшоқ мекашанд. Ориф ватанашро дар ин саҳнаи рақобатҳо ва мубориазаҳои ҷаҳонӣ хеле заиф дармеёбад ва орзуманд аст, ки ҳукумати нерӯманд ва соҳибқудрату ҳушёр бар пояи манфиаҳои миллӣ ва меҳани огоҳ дошта бошад, ки дар баробари ин тохтутозҳо роҳи дурустро интихоб кунад, вале мутаассифона мебинад, ки муттако ба худ, раҳоӣ аз вобастагии хориҷӣ ниёзест, ки сардамдорон ба он эътино надоранд. Бинобар ин ба ҳаммеҳанонаш ҳушдор медиҳад:

*Огоҳ шав, ки лашкариёни Фарангу Рус,*
*Имрӯз қасди хиттаи ислом мекунанд.*

Дар дохили кишвари Афғонистон раванди ҳаводис нарму ором набуд. Давраи истибдоди амир Абдураҳмонхон бо ҳама шиканҷаҳо ва кушторҳои бераҳмонаи он ба сар меояд. Мардум алайҳи Англия ба қиёми васеи миллӣ бармехезанд. Ба шарофати



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муҳовимати миллӣ, ҷанги савуми муҷоҳидони миллӣ ва мардуми Афғонистон бо ишғолгарони Британиё Афғонистон соҳиби истиқлолияти сиёсии давлатӣ мегардад. Давлати мустақил зери роҳбарии Амонуллохон, ки маҷмӯан таҳаввулот ва дигаргуниҳои даврони шоҳии ӯ ва атрофиёнашро бо номи «Наҳзати имонӣ» ёд мекунанд, бо саросемагӣ, бе шинохти дурусте аз ҷомеа ба ҳамапурсӣ ва таҳаввулот даст мезанад. Мардум мебинад, ки низоми нав аз русуми деринаи миллӣ ва меҳаниашон кам-кам майли дурӣ дорад, дар шаҳру деҳот мардум тадриҷан ба муқобили ӯ бармехезанд ва исён мебардоранд. Қиём бо роҳбарии Ҳабибуллоҳи Калаконӣ ё Гулгонӣ аз миёни мардуми одӣ бо собиқаи динӣ ба пирӯзӣ мерасад. Давлати ҷадид ҳам наметавонад орзуҳоеро, ки мардум дорад, рӯйи об барорад. Ин аст, ки Нодирхон ҳукумати Ҳабибуллоҳхон ё бачаи Саққоро барҳам зада, ба сари тахт менишинад ва «…гӯё зоҳири умури пошшударо сарусомон мебахшад. Баъди ӯ Муҳаммад Зоҳиршоҳ роҳбарии кишварро ба ӯҳда мегирад ва раванди таҳаввулот дар кишвар дар бистари фароз ва нишеб роҳ мепаймояд» (Ҳамон ҷо, с.14).

Ба шарофати чунин пешравиҳо дар таълиму тарбия диди Ориф низ рӯ ба рушд мениҳад, ба ободии шаҳрҳо, кушодани роҳҳо, эҷоди телефон ва дигар падидаҳои наву тоза таваҷҷӯҳ ба амал меоварад. Шаҳрҳои ҷадиди Қундуз ва ҳазрати Имом поягузорӣ мешаванд, Хонаобод ободтар ва пурравнақ мегардад. Фаъолияти фарҳангӣ чун зуҳури ҷарида, нашр ва чопи китоб, анҷуманҳои адабӣ аз Кобул то Қатаған бӯйи як эҳёи тозаро ба машоми Ориф ва амсолаш мерасонад, ки дар ин росто нақши Шермуҳаммадхони Ношир хеле бориз ва барҷаста буд.

Хулоса, воқеа ва рӯйдодҳои Афғонистон ва ҳамсояҳои ӯ – Ҳиндустон, Осиёи Миёна, Эрон ва дигар давлатҳо бар зеҳният ва равони Ориф асари амиқ гузоштаанд ва дар ташаккули диди ӯ нақши равшане доранд.

***Эҷодиёти Ориф.*** Ба қавли Муҳаммад Иброҳим «Ориф шоирест некӯ, ки сурудаҳояш лабрези шоистагиҳост. Накд ва арзёбии ҳама афкор ва хусусиёти хуҷастаи Ориф танҳо дар хондани девонаш муяссар аст» (Ҳамон ҷо, саҳ. 15).

Оид ба мавзӯи ашъори Ориф сухан ронда, бояд таъкид намуд, ки Ориф пеш аз ҳама марди худоҷӯ ва худопараст буд, ки имони ростин ҳамроҳи бозу ва ишқ ба маъшуқи ҳақиқӣ дар вуҷудаш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

реша давонда буд. Муноҷот, наът ва ҳамдҳои ӯ баёнгари он ҳақиқатанд. Шоир дар бисёр шеърҳояш ситоиш ба Яздони пок ва дуруд ба паёмбари ислом (с) –ро ҳусни хотима интихоб мекунад ва ҳамон гунае, ки дар ҳеҷ лаҳзаи зиндагиаш Худованд (ч) ва диншро аз ёд набурд, дар саропои девонаш низ хонанда ӯро чун як мусулмони комил ва амиқан муътамад ва ошиқи ҷонбозе дармеёбад, ки имони ошиқонаро бар имони тақлидӣ тарҷеҳ медиҳад:

*Илоҳӣ, ҷавҳари тавфиқ деҳ теги забонамро,*
*Зи осебу хазон кун дур гулҳои баёнамро.*

Ва ё дар ғазале, ки бо ин байт оғоз мешавад:

*Ҷаббори лоязол Худованди акбар аст,*
*Дорои чархи анҷуманорои кишвар аст.*

Шоир дасти ниёиш ба боргоҳи Худованд баланд мекунад ва буду набуди худро аз вай мехоҳад, ки корсози ҳама аст.

Ориф аз сукути ҳукумати Бухоро ва пирӯзии болшевикҳо норозӣ мешавад ва бо шеъри хашмолуд фарёди эътироз баланд мекунад:

*Дар зери меги куфр ниҳон офтоб шуд,*
*З-ин гуссаву алам ҷигари халқ об шуд.*
*Оташ забона зад дили мардум кабоб шуд,*
*Аз тахти адл азли ту олиҷаноб шуд.*
*Во ҳасрато, ки мулки Бухоро хароб шуд,*
*Дин шуд залилу душмани дин комёб шуд.*

Шоир ба илму фарҳанг арҷ мегузорад, ба кулли наврасон ва ҷавонон панд медиҳад, ки биёмӯзанд ва дар партави дониш ва фаҳм масдари хидмат ба Ватан ва мардум гашта, пайи ободонии меҳан бикӯшанд. Қасидаи «Мaориф»-и ӯ, ки солҳо боз онро шогирдони макотиби Чайоб ва Рустоқ чун тарона мехонанд, бо ин байтҳо сар мешавад:

*Бингар ба тааммул, писари ман, дигаронро,*
*Аз дидаи худ дур бикун хоби гаронро.*
*Барбанд чу мардони ватандӯст миёнро ,*
*Аз даст мадеҳ домани соҳибназаронро.*
*Аз нури басар, аз ҳама илму ҳунар авлост,*
*Дар давраи имрӯз ҳунар аз ҳама болост.*

Шоир бачагону наврасонро ҳушдор медиҳад, ки ҳатман аз файзи маориф баҳраманд гарданд, зеро танҳо тавассути маориф соҳиби илму ҳунар хоҳанд шуд ва ба соҳили мурод хоҳанд расид:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Эй лахти ҷигар, тифл, қадаҳнӯши маориф,*
*Ҳуш дор, наяфтӣ ба сар аз дӯши маориф,*
*Ганҷи ду ҷаҳон аст дар огӯши маориф.*
*Боби карамаш бар рухат имрӯз чу боз аст,*
*Бардор аз он тӯша, к-ин роҳ дароз аст.*

Барои Ориф истиқлолияти миллии кишвараш шарти бақои миллат ва мардум ҳисоб меёбад. Бинобар ин шоир орзуманди он аст, ки истиқлолияти давлаташ абадӣ ҳукмрон ва мардум хӯҷаини тақдири худ бошанд:

*То абад дар кишвари мо ҷашни истиқлол бод,*
*Сайди давлат дар каманди риштаи омол бод!*

Ориф дар мусаддаси дигараш солгарди рӯзи таҷлили озодиро табрик ва таҳният мегӯяд ва бо забони шеър онро пазироӣ мекунад:

*Марҳабо ин рутбаву ин кавкабу иқболро,*
*Ҳаббазо ҷӯшу хурӯшу ҷашни истиқлолро.*

Шоир ҳифозати дин, Ватан ва озодиро аз воҷиботи ҳар як навҷавон медонад:

*Гарат шӯри шуҷоат, эй писар, дар сар намебошад,*
*Зи даври чарх бар дастат майи аҳмар намебошад.*
*Ба ҷайби орзуят нақши симу зар намебошад,*
*Дилат дар хидмати дин гарм чун маҷмар намебошад.*
*Дами тегат гар аз хуни мухолиф тар намебошад,*
*Туро гоҳи дуое аз ману модар намебошад.*

Ориф ҷаридаҳову матбуоташро ба унвони армуғонҳои шоиста ва садои ҳаяҷонноки ҳаёт василаи тасвири ҳаёти воқеии мардум ситоиш менамуд, ки шеъри зерин гувоҳи ин иддаост:

*То ҳаст дар басити обу хуну бод,*
*То ҳаст субҳу шом ба ҳам ҷуфт инъиқод.*
*Рахшанда бод ахтари « Ислоҳ»-у «Иттиҳод»,*
*Хурсанду шод мардуми фирӯзбахт бод.*
*Ориф, кунам зи сидқи дилу ҷон дуои ӯ,*
*Ҳастам ба зери сояи чатри ливои ӯ.*

Ориф ҳамеша тарғибгари ободӣ ва пешрафти меҳанаш буд. Ташаккули васеи техника, саноат ва мошин дар кишварҳои ҳамсоя ӯро ба ин андеша водор мекард, ки чаро кишвараш аз корвони пешрафти ин ҳама навгониҳо ақиб мондааст ва беихтиёр нидо мекунад, ки ҷавонони меҳанаш чаро ба сӯи эҷод ва офаринишу ибтикор ва навоварӣ раҳнамоӣ карда намешаванд. Масалан:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурољиат намоед

*Ало, бархез, аз хоби ҷаҳолат зуд аз бистар,*
*Кушо чашми тахайюл, санъати ҳамсояро бингар.*
*Набошад зодаи Ҷопону Ҷарман аз ту афзунтар,*
*Ҷаҳоне комёб аз илму ту дар фикри гову хар.*
*Гарат номус аз тайёраву мутар намебошад,*
*Туро гоҳи дуое аз ману модар намебошад.*

Кишваре, ки мардуми меҳнаткаш ва сарватҳои ҳангуфти зеризаминӣ, таърихи куҳану фарҳанги пурбору ғанӣ дорад, чаро бо деви фалокати эҳтиёҷ даст ба гиребон аст? Ӯ ба мардум, хоса ба ҷавонон ва равшанфикрон хитоб мекунад:

*Мавсими шодӣ бувад, ай дӯстон, шодӣ кунед,*
*Чу ватанхоҳон хаёли фикри ободӣ кунед.*
*То ба кай шогирди мардум худ устодӣ кунед,*
*Конҳои лоҷуварду лаъл андар хоки мост.*
*Нуқра то ёқуту гавҳар дар замини поки мост.*

Ориф гоҳе, ки хоким ва волие қадами андаке дар ҷиҳати ободонӣ ва рафъи мушкилоти мардум мениҳод, ба таҳсинаш мепардозад, вале сарвареро, ки адолату раиятнавозиро фаромӯш месозад ва дасти ҷафо ба ҷону моли мардум дароз мекунад, мавриди сарзаниш қарор медиҳад. Мусаддаси маъруфи ӯ таҳти унвони «Рӯзи Чайоб сахт парешону дарҳам аст» намунаи хуби ин иддаост. Вай масъулони мардумро ба хидматгузории дилсӯзона, бедорӣ, таъмини адолату накӯкорӣ даъват менамояд ва онҳоро огоҳ месозад, ки:

*Нигаҳбонро агар дар дида хоб аст,*
*Басе гургу даранда комёб аст.*
*Агар чӯпон бароҳат хоб кардӣ,*
*Равони гургро шодоб кардӣ.*
*Ба ғафлат посбон бар хоб барбуд,*
*Шавад арвоҳи дурди мурда хушнуд.*
*Чаманро обу ранг аз боғбон аст,*
*Набошад боғбон гулшан хазон аст.*

Ориф мисли дилхоҳ ватандор ба зодгоҳаш Чайоб муҳаббат дорад. Ӯ аз хушиҳои Чайоб шодмон мегардад ва аз ғамҳои он андӯҳгин. Орзу мекунад, ки Чайобаш обод ва мардумаш осуда бошад. Дар шаҳр ва зодгоҳаш меҳру муҳаббат, адолат ва бародарӣ ҳукмфармо гардад:

*Нишон ҷӯӣ агар зоҳид зи ҷаннат,*
*Фазои ишратангези Чайоб аст.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ва ё дар ситоиши Тахнобод мегуянд :

*Най – най чаману назора бар гул бошад,*
*Маъшуқаи маст ҷаъди кокул бошад.*
*Гар кисаи шавқ пур бувад аз дари айш,*
*Тахнободам фузун зи Кобул бошад.*

Ориф Рустоқро, ки бо Чайоб шарики ғаму шодӣ ва дорои таъриху фарҳанг аст, баробари Чайоб дӯст медорад ва забони гуфтор бар васфаш мекушояд:

*Рустоқ куҷо ман аз ту дилканда шавам,*
*Кай дар Қатаған бо лаби пурханда шавам,*
*Дар хонаи гӯр агар ба ёдам оӣ,*
*Фарёд зи дил барораму зинда шавам.*

Ориф дар шеъраш аз мавзеъҳои ин сӯйи дарёи Омӯ - Кӯлобу Балҷувон ҳамеша бо меҳр ва дилсӯзӣ ёд мекунад. Шоир дар ғазали «Шӯхе, ки аз карашма дилам об мекунад, Аз ҳад зиёд карашмаву меҳроб мекунад…» зулму ситами маъшуқаро ба ҷабру ҷафои ба сари мардуми Кӯлоб овардаи болшевикон монанд кардааст:

*Зулму ҷафову ҷавру ситам кард дар ҳақам,*
*Он сон ки балшевик ба Кӯлоб мекунад.*

(Ҳамон ҷо, с.115)

Дар ғазали «Сураткашон, ки сурати рӯят кашидаанд, Чун сурати ту сурати дигар надидаанд…» аз мавзеи Балҷувон ёд мекунад:

*Аз юмни давлати ту раоёи Балҷувон,*
*Дар маҳди амну офият орамидаанд.*

(Ҳамон ҷо, с.120)

Гумон меравад, ки Ориф ин ғазалро ҳангоми истиқомат дар Балҷувон эҷод намуда, ба ҳокими он ҷо бахшидааст:

*Дар зиндагонӣ ҷомаи иқбол дар азал,*
*Бар қоматат либоси ҳукумат буридаанд.*

(Ҳамон ҷо, с.120)

Ҳамчунин дар идомаи ин ғазал Ориф аз шатранҷбози машҳури кӯлобӣ – Ҳоҷӣ Хайём ёдовар мешавад, ки гӯё мамдӯҳаш дар шатранҷбозӣ аз мавсуф бартарӣ дорад:

*Аспу руху пиёда агар ҷилвагар кунӣ,*
*Ҳоҷӣ Хайём бо руху ранги паридаанд.*

(Ҳамон ҷо, с.120)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Шоир баробари ситоиши падидаҳои неки ҳаёт аз ноҷуриҳои зишти иҷтимоӣ накӯҳиш мекунад. Махсусан ришваситонӣ ва фоидаҷӯиро сахт мазаммат намуда, онро мӯриёнае бар пайкари адлу дод ва пешрафт медонад:

*Хомӯш бош, магӯ ҳарф ба бешу ками Ориф,*
*Зи хавфи ришваситонон бикаш қалами Ориф.*
*Мабод ба ту расад аз замона ғами Ориф,*
*Надорӣ як сари мӯ тоқати ситами Ориф.*
*Ҳамеша ришваситон золиму ситамгор аст,*
*Аз ӯ Худои кариму расул безор аст.*

Ориф боварӣ дорад, ки баъди сараш танҳо маҳсули хомаи шаҳдрезаш ба мерос мемонад:

*Зи баъди Орифи маҳҷур нусхаи чанде,*
*Қасидаву суханаш ёдгор мемонад.*

Оид ба шарҳи зиндагиномаи Ориф мақолаҳои зиёд аз ҷониби адибон ва муҳаққиқони Афғонистон нигошта шудааст, ки онҳо дар маҷаллаҳо ва ҷаридаҳои ин кишвар ба чоп расидаанд. Дар миёни ин навиштаҳо таълифоти Ҷамшеди Шуълафайзи Чайобӣ шоири тавонманд, муаррих, рӯзноманигори собиқадор , ки аз дӯстони наздик ва ҷонию ҳамсуҳбати шоир дар Чайоб, Хонаобод ва Бағлон буд, қимати баланди илмӣ дорад, зеро шарҳи ҳоли Орифро касе аз Ҷамшеди Шуълафайз дида, хубтару дақиқтар намедонист.

Мақолаи Муҳаммад Иброҳими Чайобӣ низ бо номи «Овое аз чоҳсори  узлати таърихӣ», ки ба ҳайси муқаддимаи «Девони Орифи Чайобӣ» хизмат кардааст, дар истинод ба нигоштаи мавсуф рӯйи кор омадааст. Воқеан, рисолаи бистсаҳифагии Ҷамшеди Шӯълафайзи Чайобӣ бо хоҳиши Ғулом Ҳабиб Навоӣ – мудири рӯзномаи «Бадахшон» таълиф шудааст .

Аксари муҳақиқон мӯътақиди онанд, ки зиндагиномаи Орифро аз варои сурудаҳо ва чакомаҳои  ӯ бояд ҷуст, ки оид ба ин масъала пажуҳишҳои марҳум Абдулҳакими Валаволаҷӣ дар «Чароғи анҷуман», Мир Сайид Абдулкарими Ҳусайнӣ дар «Баҳори Бадахшон», Шоҳабдуллоҳи Ямаки Бадахшӣ  дар «Армуғони Бадахшон», Насруллоҳи  Рустоқӣ дар ҷаридаи «Иттиҳод» ва рӯзномаи «Бадахшон», Мавлоно Холмуҳаммади Хаста дар «Муосирини суханвар ва ёде аз рафтагон» ва мақолаи Айнуддини Наср дар маҷаллаи «Адаб» - нашрияи  Донишкадаи адабии Донишгоҳи Кобул қобили ёдоварист .



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ориф мадҳро на барои таърифу тавсифи осмонии сардамдорони замон, балки чун василае аз баҳри баёни дардҳо ва нобасомониҳои хеш сурудааст. Ориф дар мадҳияҳояш шикоятро ҳам аз ҳадди эътидол намегузаронад. Ӯ ба Қатаған хитоб намуда, аз озорҳои чун хор дар ҷигар, аз набудани сояи оромӣ дар пойдевораш, аз тангии маҷрои гулӯ, аз беморие, ки муҳтоҷи ҳаким аст, аз набудани телефон, роҳ, мошин, осори фарҳанг ва садҳо мушкилоти дигар сухан мегӯяд ва мамдӯҳашро ба харобиҳои Ватан мутаваҷҷеҳ месозад. Шоир мегӯяд:

*Лутфи султон менамояд, марҳами доғи Ватан,*
*Файзи борон аз замини хушк рӯёнад суман.*

Орифро зиндагӣ дар тӯли сӣ соли фақириву тиҳидастӣ пуртоқат ва қаноатпеша сохта буд. Ӯ аз надоштани хӯрока, аз сармои сахти зимистон ва дигар мушкилоти зиндагӣ ба хубӣ огоҳ аст, вале ба ҳеҷ ваҷҳ аз зиндагӣ дилмонда намешавад, ба ояндаи дурахшон бо чашми умед менигарад, имони росих ва устувори Парвардигорро сипос ба ҷо меорад ва аз ҳама муҳимаш хеле қаноатпеша аст:

*Пушти зонуи қаноат зиндагонӣ мекунам,*
*Мерасад бар чарх аз ҳимматбаландӣ поям.*

Ориф дар васфи баҳор ва зебогиҳои он, тасвири бӯйи мушкбези гулу майсаҳои навдамида хеле моҳирона сухан мегӯяд:

*Имрӯз ҳамрикоб, ки омад насими субҳ,*
*Саҳро шуда чун таблаи аттор мушкбор.*

Дар қасидаи зерин як гӯшаи табиатро, ки баҳор онро наққошӣ кардааст, хеле табиӣ ва бо маҳорати олии шоирона ба қалам додааст:

*Аргувон гӯӣ ба хуни духтари раз шуста рӯй,*
*Бо ниҳоли боғи хулд оварда аз ёқут бор.*
*Мавҷи шабнам нест, балки боғубор аз нозукӣ*
*Баста аз иқди сурайё гӯши гулро гӯшвор.*
*Настаран болиду гул бишкуфту булбул нағма кард,*
*Чашми наргис дар тамошо монд ҳайратинтизор.*
*Шӯълаи рухсораи гул он қадар шуд нурпош,*
*Оташи Зардушт рушан сохт аз ҳар шохсор.*

Ҳаҷвиёти Ориф низ бо маҳорату тавонмандии баланди шоирона суруда шудаанд. Вай дар айни зарофат ва ширинкорӣ одоби суханвариро ҳамеша нигоҳ медорад. Масалан, дар мухаммаси зерин мегӯяд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дорам ҳикояте ба шумо аз ҷафои ишқ,*
*Аз як-ду-се фалакзадаи бенавои ишқ.*
*Рӯзи фидоиёни тариқи вафои ишқ ,*
*Шайдои ишқу бандаи ишқу гадои ишқ,*
*Якрӯяю якҷиҳат ҳама дар кӯчарои ишқ.*

Ориф дар як байти мадҳияаш ба Неъматуллохони Сомонии Шерхони ноибулҳукума суруда:

*Бо фаршу зарфи давлат агар хоҷа маҳрам аст,*
*Филвоқиа ҳикояти хуршеду шабнам аст.*

Шоир дар баробари қасида ва мухаммасҳои ба шарафи рӯзҳои шодӣ чун арӯсиҳо, милаҳо ва идҳо сурудааш, ба муносибати фавти ашхоси фарҳехтаи меҳан ва дӯстони қаринаш марсияҳои баландмазмун низ гуфтааст. Дар марсияе, ки ба муносибати вафоти духтари ҷавонмарги ҳокими вақти Чайоб месарояд, ғаму андӯҳи азими падару модари номуроду даҳанталхро бо тавоноии беназираш инъикос месозад:

*Модар аз ҳаҷри ту дар оташи ғам месӯзад,*
*Падар аз ёди ту бо пайкари хам месӯзад.*
*Хоҳар аз доғи ту бо оҳу алам месӯзад,*
*Хешу ақвом зи фавти ту ба ҳам месӯзад.*
*То ту рафтӣ, ҳама дар нолаву дар мотам шуд,*
*Нахли шодобии аҳбоб ба ҳар ҷо хам шуд.*

Ориф сурудаҳои ошиқонаву баёни ҳунармандонаи фаровон дорад, «магар ашъори аз ин дастро ҳамвора бо матолиби сӯзманде омехтааст, ки ҳадаф аз он баёни андарзи боинтиқоди бо шарҳи достонию бо мақосиди дигаре будааст (Муқаддима ба «девони Орифи Чайобӣ» Лаҳур, 1373 хуршедӣ, с.22).

Хусусияти дигари ашъори Ориф аз он иборат аст, ки шоир бисёр адибона ва муваффақона истилоҳот ва вожаҳои мардумӣ, русуму анъанаҳои фолклори маҳаллиро дар либоси шеър ғунҷонида тавонистааст:

*Аз хунук гуфтӣ, ки мебарад, ғалат бурдӣ гумон,*
*Оташе дар пумба дорад* ***ҷелаки*** *яктораам.*

Ё ки:

*Ниҳода бар сараш заррин* ***арақчин,***
*Ки то бошад аз ӯ наззора гулчин.*

Ё ки:

*Шаҳриё, лоф мазан маскаи қишлоқ куҷост,*
*Кулчаи нозуку* ***мангилчаи*** *қаймоқ куҷост.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ашъори Ориф ҳамвора бо дарназардошти расму русуми аҷдодӣ, фарҳанг, анъанаҳо ва зиндагии мардумаш эҷод шудааст, зеро шоир ба муқаддасоти мардумӣ арҷ мегузорад, меболад ва суханашро бо он рабт медиҳад. Ашъори шоир лабрези тасвири рӯзгори мардуми одӣ ва баёни вижагиҳои анъанавӣ ва иҷтимоии онҳост. Тасвири маросими сартарошон дар арӯсиҳо, сурудани шеърҳо ба шарафи арӯсии дӯстон, шарҳи милаҳои наврӯзӣ ва баҳорӣ, шинохту парвариши асп, ёде аз бузкашиҳо ва даҳҳо намунаи дигар шеърҳо ба назари хонанда ӯро чун рассоме ҷилвагар месозанд, ки зиндагии мардум ва муҳити иҷтимоияшро ба чирадастӣ тасвир месозад.

Ориф дар қиссапардозӣ ва баёни достон низ хеле тавоно ва муваффақ аст. Маснавиҳои «Моҳи рустоқӣ», «Ошӯби даврон», «Аспи Шоҳҷон» ва ғайра гувоҳанд, ки шоир аз ӯҳдаи тасвири саҳнаҳо ва ҷузъиёти достонӣ ба хубӣ баромадааст. Ориф бар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ «Фараснома»-ҳо гуфта, ба муносибати ҷунбиши Лақай маснавӣ низ сурудааст. Ҳамчунин Ориф ғазалҳои шоирони зиёдеро мухаммас бастааст.

Ориф чун паҳлавонони қавипанҷа дар кулли майдонҳои суханварӣ зӯрозмоӣ намуда, маҳорату тавонмандии худро исбот кардааст.

Мероси адабии то кунун бадастомадаи Ориф тақрибан аз 400 ғазал, 56 қасида, маснавиҳо, мусамматҳо, рубоиҳо ва мустазодҳо иборат аст.

Хулоса, Чайоб шахсияти чун Ориф тавоно ва шоире чун ӯ соҳибэҷозро ёд надорад. Ориф инро дарк намуда, дар як мухаммаси худ мегӯяд:

*Чайоб имрӯз бар килки сухангӯи ту менозад…*

Хамчунин Ориф ҳақ дошт, ки аз истеъдоди шоирӣ ва маҳсули хомаи шаҳдрезаш ифтихор намояд. Чунончи, дар қасидае мегӯяд:

*Гар ин қасида барад бод ҷониби Ирон,*
*Зи рашки нола бароядзи гӯр Қоонӣ.*
*Ниҳад ба дидаи таслим Унсурӣ ангушт,*
*Ба тавқи бандагӣ ояд Шуҷоъи Кирмонӣ.*

Бо вуҷуди истеъдоди баланди фитрӣ матоъи шоир бехаридор аст. Ба ӯ ва ӯ барин шоирони қодирсухан касе мутаваҷҷеҳ нест, фарёдҳо ва паёмҳои арзишмандашро гӯши суханшунаве нест, ки шунавад, дидаи эътиборе нест, ки бинад. Бинобар ин шоир гоҳо аз оламу одам ноумед мешавад, вуҷудашро яъс фаро мегирад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Матои суханро харидор нест,*
*Вагарна сухандон яқин хор нест.*
*Ҷаҳон ҷумла дар шӯру гавго шуд,*
*Суханро агар қимате во шуд.*

Аммо Ориф – шоири миллии Тахористон маҳбуби дилҳои мардуми одӣ гардид ва инак, қариб 60 сол аз фавти Ориф мегузарад, вале мардуми Чайоб, Рустоқ, Тахор ва Бадахшону дигар гӯшаҳои Афғонистон аз Орифу шеъри дилнишини ӯ ёд мекунанд, навозандагону овозхонони маҳаллӣ ашъори ӯро бо оҳанги дилчаспу марғуб дар тӯю сур мехонанд.

Ориф баҳори соли 1322 хуршедӣ ( 1944 мелодӣ ) бемор мешавад ва дар рӯзи паҷшанбе 15 –уми моҳи саратон вафот мекунад. Ҷасади шоир дар саҳни боғи шахсии ӯ, ки дар сари роҳи Тахнобод ва Чайоб воқеъ аст, гӯронида шудааст. Ориф гӯё инро медонист, ки пешгӯӣ карда буд:

*Месӯзам ҳамчу лола ба атрофи доги хеш,*
*Парвонае ба зовияи бечароги хеш.*
*Гумгаштаи худам, зи кӣ пурсам суроги хеш,*
*Уфтодаам ба гӯшаяки кунҷи боги хеш.*

Дӯстону ҳаммаслаконаш дар марги шоир марсияҳои ҷонгудоз гуфтаанд, ки беҳтарини онҳо «Нолам» ном марсияи Мавлоно Сайид Хайруддин маҳсуб мегардад:

*Эй қалам, лахтӣ, биё, бо чун мане ҳамроз бош,*
*Бо навои ин дили гамдида ҳамовоз бош .*
*Ҳарчи мегӯяд дили тангам, даме дамсоз бош,*
*Мурги табъашро дар ин гамхона ҳампарвоз бош…*

(Ҳамон ҷо, с.26)

Мавлоно Сайид Хайруддин истеъдоди нотакрори Орифро чунин тавсиф кардааст:

*Дар гулистони сухан рашки каломи Анварӣ,*
*Дар балогат аз Низомӣ бурда гӯйи бартарӣ.*
*Унсуриро кай расад бо ӯ мақоми чокарӣ,*
*Табъи тезаш карда бо донои тӯсӣ ҳамсарӣ.*

( Ҳамон ҷо, с. 27)

Дар охири марсия мавсуф моддаи таърихи вафоти Орифро низ зикр кардааст:

*Соли таърихи вафоташро хирад гуфто чунин:*
*Рӯзи панҷшанбе зи саратон 15он нозанин*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Давраи шамсӣ ҳазору сесаду бисту ду ( 1322)*
*Ориф аз дунёи фонӣ сӯйи уқбо рӯ намуд.*

## 1.19. МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ МАСНАВИИ ОРИФИ ЧОҲОБӢ «АСПИ ШОҲҶОН»

Орифи Чоҳобӣ (1260 ҳ / 1882м – 1322ҳ./1944м.) яке аз шахсиятҳои машҳури адабиёти даризабонони Афғонистони охири асри XIX ва нимаи аввали асри XXбуда, бо назми дилангезаш ба қалби ҳазорон нафар муштоқони сухани ноб роҳ ёфтааст. Девони шоир, ки соли 1373ш./ 1995 мелодӣ дар шаҳри Лоҳури Покистон бо кӯшиши Муҳаммад Иброҳими Чоҳобӣ ва маблағгузории Муҳаммад Башир аз дасти чоп баромадааст, ҳовии зиёда аз 400 ғазал, 56 қасида, 21 маснавӣ, 19 мухаммас, 22 мусаддас, 2 мустазод, 5 мусаммат, 72 рубоӣ ва дар маҷмӯъ 597 адад шеър аст. Дар байни таълифоти Ориф қасидаҳои «Маориф», «Ҷунбиши Лақай» (дар пайравии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) ва маснавиҳои «Моҳи рустоқӣ», «Ошӯби даврон» ва «Аспи Шоҳҷон» хеле ҷолибанд. Махсусан маснавии «Аспи Шоҳҷон», ки аз 45 байт фароҳам омадааст, дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим суруда шудааст ва шоир қиссаи аспивазкунии худро бо сӯзу гудоз ба риштаи назм кашидааст:

Ориф бо овардани байти

*«Биё, бишнав ҳадиси аспи Шоҳҷон,*
*Даванду тездав сархун тарлон»*

(Орифи Чоҳобӣ. Девон.- Лоҳур, 1373 ш., с. 333 – 335)

диққати хонандаро ба моҷарои аспбадалсозии Шоҳҷон – яке аз сипоҳиҳои вақти ҳукумати Рустоқи Афғонистон, ки аспи тарлони (аспи сафеди холҳои хурди сиёҳ, сурху насворӣ дошта) худро бо аспи шоир иваз мекунад, ҷалб месозад. Сипас, шоир ба тавсифи сӯму миён, шикам, наъл, сурин, думу дили тарлон забони гуфтор мекушояд ва тавассути сухани мавзуни худ ба маснавӣ ҷон мебахшад. Бо шарофати каломи ҷаззоби шоир дар назари хонанда аспе намуддор мегардад, ки бо суми зебои мудаввари чун дастори зоҳид, миёни чанбари мисли меҳроби обид, шиками қоқ ва ҷаҳиши барқосо, наъли ҳини маҳмез оташафкан, сурини чун қалби ошиқони шайдо аз зарби шаллоқу қамчин пурдоғ, думи кӯтоҳу чашми мисли ситора дурахшон ва қалби аз хӯрдани



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷав пора – пораàш ба чашмҳои соҳибназарон нур ва ба дилҳо шодию суруд мебахшад:

*Сумаш зеботар аз дастори зоҳид,*
*Миён чанбартар аз меҳроби обид.*
*Шикам қоқ аз такопӯйи давидан,*
*Гарав аз барқ бурдӣ дар ҷаҳидан.*
*Аҷаб тарлон, ки дар ҳангоми маҳмез,*
*Бурун ҷастӣ зи наълаш оташи тез.*
*Суринаш чун дили ушшоқи мискин,*
*Дусад доғ аз чӯбу аз шаллоқу қамчин.*
*Думаш кӯтоҳ ва чашмаш чун ситора,*
*Дилаш аз меҳнати ҷав пора – пора.*

(Ҳамон ҷо, с. 333).

Шоир барои тавсифи тарлон ташбеҳҳои хеле дилрабо ва тозаро корбаст намудааст. Ӯ сӯми аспро дар зебогӣ ба дастори зоҳид, миёнашро аз ҷиҳати чанбар будан ба меҳроби обид, даву часпу чолокии аспро аз барқ низ тезтар, сурини шаллоқхӯрдаву қамчинхӯрдаи аспро ба қалби пурдоғи ошиқон ва чашми аспро ба ситораву дилашро аз хӯрдани ҷави бисёр ба қалби пора – пораи ошиқон ташбеҳ додааст. Баъдан шоир аз пурхӯрии тарлон забони шиква мекушояд, зеро ин ёбуи балохӯр тухми алафро, ҳатто ширахорро аз боғу роғи шоир ба нестӣ мебарад ва хоби роҳати шоирро ҳаром месозад:

*Алаф гум шуд зи як ҳафта зи богам,*
*Намонда ширахор дар богу рогам.*
*Задастак бози он ёбун чун буз,*
*Ба чашмам хоби роҳат нест то рӯз.*

Бинобар ин шоир барои аз ин вартаи ҳалокатбор халос шудан аз дигарон мадад меҷӯяд, то ки аз ин гирдоби ғам халосаш созанд:

*Биё, эй муниси гулгунсавора,*
*Зи гирдоби гамам гардон канора.*

Махсусан ба Шоҳҷони ғиромбоз – оқои гиромии Рустоқ шоир гуфтаниҳои зиёде дорад, зеро ӯ ҷайби шоирро бо чормағзи пуч пур кардааст:

*Расон арзи мани маҳҷури муштоқ,*
*Ба оқои гиромӣ, алқадри Рустоқ.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Зеро бо шоир тарлони лоғари аз по афтодаро дода, ба ҷояш аспи каҳри (аспи сурхи моил ба сиёҳӣ, қаҳваранг) ӯро гирифтааст:

*Каҳрро додаму тарлон гирифтам,*
*Ба дил гуфтам: аҷаб арзон гирифтам.*

Шоир иқрор шудааст, ки вай фирефтаи суханҳои ширини Шоҳҷон ва чарбзабонии ӯ шудааст. Махсусан дидани ашки тимсоҳии Шоҳҷон дили шоирро чун мум нарм сохтааст:

*Агар вазъи димоғи чоқ дорад,*
*Тақал бисёр дар таброқ дорад.*
*Нахустин зад зи улфат бар сарам чол,*
*Аз ин ёбуи буз овард тимсол.*
*Ки бахшидам туро ман, эй бародар,*
*Ки тарлон нест ин дар ҳафт кишвар.*
*Мабин ашкам ва баргардон қоқ,*
*Ба як ҳафта ба дастат мешавад чоқ.*
*Қасам бисёр мехӯрду ҳамегуфт,*
*Дарего рафт тарлон аз кафам муфт.*
*Ба асл аз хонадони Мир Ғозист,*
*Ба ҷастан бартар аз аспи тоҷист.*

Ба ҳамин тариқ, шоир фирефтаи лофу газофи Шоҳҷон шуда, каҳрро бо тарлон бадал месозад:

*Аз ин афсунҳои ранг дар ранг,*
*Ба ҳайрат шуд сарам чун косаи банг.*
*Чу тарлонро ба сӯйи хона бурдам,*
*Барои сис (саис) аз шафқат супурдам.*

Шоир барои тарлон омодасозии беҳтарин ва серғизотарин хӯришҳоро ба саис супориш медиҳад:

*Суфориш кардаам аз ноштояш,*
*Аз он чизе, ки бошад иштиҳояш.*
*Барои нори (наҳории) субҳ – бедаи тар,*
*Чунон беда, ки бо райҳон баробар,*
*Ба вақти шом чун тар карда медод,*
*Илоҳӣ, хонаи мирохӯр обод.*
*Намози шом як пов маска мехӯрд,*
*Ки ҳасрат косалеси даҳр мебурд.*

Бо вуҷуди гули ғизоро хӯрдан шоир тавассути саис аз асрори тозаи тарлон хабардор мегардад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Саис аз ҳоли тарлон шуд хабардор,*
*Маро огаҳ намуд аз кашфи асрор.*
*Зи ёлга(ҳ) то ба дум-ш як чаманзор,*
*Гули захмаш, ки дорад хун бисёр.*
*Магасҳо даври пушти аспи тарлон,*
*Чу булбул дар чаман бо шӯру афгон.*
*Ҳумо бар устухонаш субҳ то шом,*
*Ба гирди хонаи ман метанид дом.*
*Гумони голиб ин к- аз як роҳ бӯяш,*
*Аҷал умре намеояд ба сӯяш.*

Баъдан шоир бо дарду ҳасрат тафсилоти табобати тарлонро овардааст:

*Зи баҳри шустан хумҳои пурхун,*
*Бувад ҳар рӯз харҷи ман ду собун.*
*Зи дастам рафт харҷу дастмоя,*
*Бар ин тарлон намонда ҷуз ду хоя.*

Сипас, шоир диққати хонандаро ба синнусоли тарлон ҷалб месозад ва «сарҳисоби умри тарлонро ҷуз Афлотун дигар касе намедонад» мегӯяд. Ӯро ҳамсоли ҳазрати Одам ва зодаи кӯли Кӯҳзод, тағозодаҳои аспи Соми Наримон мешуморад:

*Биё, эй муниси гулгунсаворам,*
*Тамошо кун харобиҳои корам,*
*Ки тарлон умраш аз андоза берун*
*Ҳисобашро магар донад Фалотун.*
*Ки нуҳ аз ҳазрати Одам хамидӣ,*
*Ба истабле, ки кӯли Кӯҳзод будӣ.*
*Тагоизодаҳои аспи  Сом аст,*
*Надонам соҳиби аслиш кадом аст.*

Ва шоир боз моҷарои захми тарлонро қисса мекунад, вале бо шеваву рангу бӯйи тоза:

*Зи фарзандони Одам то ба ин дам,*
*Зи захмаш як сари мӯе  нашуд кам.*
*Ба ҷанги ёздаҳ рух Рустами зол,*
*Савориаш бувад тарлон зи иқбол.*
*Бад-ин сон рафт аз он даҳ шабу рӯз,*
*Харобу хаста мешуд ашқари буз.*

Дар охир шоир мебинад, ки такудаваш беҳуда аст, ба хулосае меояд, ки тарлонро мурдан ногузир аст:

*Ки тарлонро кафан бояд харидан,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Гираҳ зад рӯдааш ҳангоми хӯрдан.*

Шоир манзараи дар болои ҷасади тарлон талошак кардани сагони дайдуро хеле хотирмон қаламдод кардааст:

*Сагон огаҳ шуданд аз мурдани ӯ,*
*Ба исқот рӯ кардаанд зи ҳар сӯ.*
*Тавонотар гирифт ишкамбаи пир,*
*Ба мазмун гуфт, ки ин мороcт дархӯр.*
*Аз он камзарф тарпочак гузидӣ,*
*Дигар пасмондаҳо холӣ ҷафидӣ.*

Дар фуроварди маснавӣ шоир аз маҳрум шудан аз роҳилаи сафар ва дар ҳолати ногувори дастубаста мондани худ шикоят мекунад ва аз ин таассуф мехӯрад:

*Аз ин тарлон дилам бисёр хун аст,*
*Пиёда мондаам ҳолам забун аст.*

Бинобар ин шоир ба маснавиаш нуқтаи таммат гузоштанӣ мешавад, то ки ба моҷарои тарлон хотима бахшад:

*Аз ин беҳтар, к-аз ин рангинхаёлӣ*
*Забони гуфтугӯ дар сурма молӣ.*

Шоир дар байти фуровари маснавӣ тахаллуси худро низ зикр намудааст:

*Ҳамехон, Ориф, аз алфози дилчасп,*
*Ки олам мубталои гӯштанд бе асп.*

Ба ҳамин тариқ, Орифи Чоҳобӣ дар маснавии «Аспи Шоҳҷон» моҷарои табдили аспи каҳрро бо аспи тарлони Шоҳҷон бо лаҳни содаву равон ва дилчасп бо истифода аз вожаҳои ноби серистеъмоли тоҷикӣ ба қалам додааст. Баъди мутолиаи маснавӣ Шоҳҷон дар назари хонанда чун сипоҳии маккору фиребгари гузаро ва молимардумхӯр ба ҷилва меояд. Шоир бошад, дар сурати ҷабрдидае намоён мегардад, ки аз сипоҳии ҳукумати Рустоқ фиреб хӯрдааст ва болоивази аспи каҳр аспи тарлони беморро гирифта, барои табобати ӯ масрафи зиёд мекунад, вале мутаассифона ба асп офият бахшида натавониста, онро бой медиҳад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# 2.МАЪАЛАҲОИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ- ФОРСӢ

## 2.1.УСТОД АЙНӢ ВА ИЛМИ КИШВАРШИНОСИИ ТОҶИК

*Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,*
*Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.*
*Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,*
*Ин Замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.*
*(Бозор Собир)*

Устод Садриддин Айнӣ на танҳо нависанда ва шоири забардаст, омӯзгори номӣ, муаррихи мумтоз, олими нуктасанҷ, публитсисти оташинсухан, санъатшиноси беназир, балки чун асосгузори илми кишваршиносии тоҷик низ маҳсуб мешавад (Сайфуллоев А., 1978, 84).

Аён аст, ки муҳимтарин вазифаи ҳамватанони мо дар шароити феълӣ ин ҳимояи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мухолифони давлату миллат мебошад, ки ба он танҳо тавассути тарғиби идеологияи ваҳдати миллӣ ва меҳанпаратӣ метавон ноил гардид. Айнан чунин вазъият дар солҳои аввали баъд аз Инқилоби Бухоро ва баъдан пас аз таъсиси Ҷумҳурии ҷавони сотсиалистии Тоҷикистон низ ҳукмрон буд ва он устод С.Айниро водор намуд, ки аҳли қаламро ба шинохти кишвар даъват ба амал орад, то ки эшон оммаро ба таърихи гузашта, вазъи кунунӣ ва аҳволи ояндаи кишвари худ, анъаноти миллӣ ва урфу одати халқҳои кулли маҳалҳои тоҷикнишин шинос намоянд, ки дар маҷмӯъ ин масъалаҳоро имрӯзҳо кишваршиносӣ ва сайёҳии дохилӣ унвон кардаанд. Махсусан дар соли 1925 дар Тошканд таъсис ёфтани ҷамъияти илмии «Тоҷикшиносӣ» ва таҳти унвони «Тоҷикистон» дарҷ шудани як асари мукаммал диққати зиёиёни тоҷикро ба масъалаи кишваршиносӣ бештар ҷалб намуд, ки шахсияти устод Айнӣ дар сархати ин ҳайат меистод. Дар пайравӣ ба устод С.Айнӣ Баҳриддин Азизӣ, Ҳаким Карим, Қ.Баҳлулзода ва дигарон бо мақсади аз ҳар ҷиҳат шинохтани кишвари худ таъриху фарҳанги онро меомӯхтанд ва дар ин бахш як қатор мақолаҳо низ ба табъ расониданд. Мақолаҳои Садриддин Айнӣ «Кишваршиносӣ» (маҷаллаи «Дониш-биниш, баъдҳо «Роҳбари дониш», 1927, №1),



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Тоҷикони кӯҳистон» («Овози тоҷик», 21 сентябр ва 5 октябри с. 1924), «Қутби чордаҳум» (маҷаллаи «Маориф ва уқутғучи», 1924, №5-6, с.31-32), «Осори қадима» (ҳамон маҷалла, 1924, №7-8, с. 28-29) «Оби равон ё ки рӯди Ҷилвон» (ҳамон маҷалла 1927, №1-2, с. 32-33), «Шаҳри Самарқанд» (ҳамон маҷалла, 1928, №10, с. 47-50) ва дигарҳо дар ин бобат ба мардум маълумоти муфид пешкаш кардаанд. Порчаҳои адабии Баҳриддин Азизӣ «Чил ҳуҷра» («Роҳбари дониш», 1929, №10-11, с. 37), Абдусалом Деҳотӣ «Аждаҳои чӯпонато» («Куллиёт», ҷилди 3, Душанбе, 1965, с.16), Ҳаким Карим «Адабиёти халқро ҷамъ кунем» («Овози тоҷик», 21 апрели соли 1930), Қ.Баҳлулзода «Осори атиқаи Хуҷанд» («Маориф ва уқутғучи, 1924, №12, с. 36-37) ва ғайра низ дар роҳи омӯхтани кишвар, фарҳанг ва эҷодиёти шифоҳии халқ қадами аввалин буданд.

Ҳатто устод С.Айнӣ барои бедор намудани маърифати кишваршиносии мардум мақсад ва вазифаҳои ин фанро дар мақолааш «Кишваршиносӣ» ин тавр нишон дода буд:

*«Кишваршиносӣ илме, ки дунёи ҳозираи мо ба асоси он пеш меравад» (Айнӣ С., 1969, 223)* таъкид намудааст устод С.Айнӣ ва бо ин кишваршиносиро асоси пешрафти олам донистааст. Бо чунин ҷумла ҳусни оғоз бахшидани мақолаи «Кишваршиносӣ» гувоҳи он аст, ки устод ба моҳияти яке аз илмҳои муҳими замон – кишваршиносӣ, ки онро соҳибназарон меҳаншиносӣ (К.Д.Ушкинский, 1945,4) ва диёршиносӣ (Акбар Турсон, «Ҷумҳурият», 24.10.2009) низ номидаанд, хонандаро шиносонидан мехоҳад. Ин аст, ки устод Айнӣ барои кушодани моҳияти кишваршиносӣ аз амалия ба назария мегузарад ва аввалан ба мисолҳои одӣ ба хонанда рӯ меорад: *«Касе бошад, ки дар куҷо будани ҳавлии худро надонад, аз чанд хона доштани он бехабар бошад, афроди оилаи худро нашумурда бошад ва дар хонаи худ чӣ чизҳо доштанашро низ надонад, оё чӣ гуна зиндагӣ кардан метавонад?» (Айнӣ С, 1969, 223)*. Бо ин устод С.Айнӣ гуфтанист, ки кишваршиносӣ аз донистани хона ва маҳалли худ, ҳавлии падар, ҳар дастниҳол ва сангу резаи зодбум оғоз меёбад. Баъдан аллома ба таърифи пурраи илми кишваршиносӣ, ки алҳол онро кишваршиносии умумӣ меноманд, мепардозад: *«Мақсади охирини кишваршиносӣ аз ҳар ваҷҳ шинохтани кишвар аст ва ҳар коре, ки мекунад, ҳамин мақсадро дар назар гирифта мекунад. Аҳволи гузаштаи кишварро тафтиш менамояд, маданияти кӯҳнаю*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*осори атиқа, роҳҳои обӣ, ки дар замони гузашта аз онҳо истифода карда шудааст, шаҳрҳои куҳнае, ки дар як замон маркази тиҷорат, саноат ва сиёсат будаанд, конҳое, ки мардумони гузашта аз онҳо фоида бурдаанд, киштзорҳои қадимаи қабила ва мардумоне, ки пештар дар он ҷо зиндагонӣ кардаанд, урфу одати онҳо ва монанди инҳоро тафтиш намуда, ба санадҳо ва васиқаҳои таърихӣ собит мекунад»* (Айнӣ С.,1969, 223).

Боиси таъкид аст, ки на танҳо асарҳои илмию публитсистии С.Айнӣ ҳамчун манбаи боэътимоди шинохти кишвар хизмат мекунанд, балки осори бадеии мавсуф низ сарчашмаи муфиди илми кишваршиносист. Академик Раҷаб Амонов дар мақолаи «Уфуқҳои ҷуғрофии насри бадеии С.Айнӣ (Амонов Р., 1984, 114-123) барҳақ қайд менамояд, ки ба асарҳои бадеии С. Айнӣ ҳамчун манбаи таърихӣ академик Б.Ғафуров ҳини таълифи асараш «Тоҷикон» муроҷиат карда буд, зеро повесту романҳои мавсуф тафсилоти хеле мукаммали ҷуғрофӣ ва иқтисодиро дар бар кардааст (ҳамон асар, с.114).

Ашхоси огоҳ аз таълифоти бадеию публитсистии устод С.Айнӣ дарк хоҳанд кард, ки мавсуф донандаи хуби таърихи кишвар буд. Вай на танҳо он чиро ки худ медонист, дар асарҳои бадеияш тасвир кардааст, балки баъзе ҷузъиёти маҳалҳоро аз толибилмони хатлонию раштию дарвозиасли маскуни Бухоро пурсида мефаҳмидааст, ки чанде аз манзараҳои дар «Ёддоштҳо», «Ғуломон» ва «Дохунда» мавриди тасвир қароргирифта дар ҳамин асос офарида шудаанд. Устод Айнӣ шахси аз асрори кишвари худ бехабарро ба фарде монанд кардааст, ки ҳатто хонаи худро намедонад (ҳамон ҷо, с. 223).

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки устод Айнӣ аз таҳаввулоти илми кишваршиносӣ дар собиқ мамолики иттиҳод ба хубӣ огоҳ буд, зеро ӯ таъкид мекунад, ки дар тамоми ҷумҳуриҳои иттифоқ оид ба омӯзиши ин илм чораҳо андешидаанд. Дар ҳақиқат дар Русия маҷаллаҳои «Краеведение» («Кишваршиносӣ», соли 1923) ва «Известия ЦБК» (Ахбороти бюрои маркази кишваршиносӣ, соли 1925) таъсис ёфта буд. (Муродиён Ҳ.,2016,17). Ҳатто устод Айнӣ дар ин мақола масъалаи роҳандозии таълими фанни кишваршиносӣ ва дар ин росто таъсиси пажӯҳишгоҳҳо ва марказҳои илмии кишваршиносиро ба миён мегузорад, ки бешак таъсиси чунин ниҳодҳои муқтадир дар рӯзҳои мо низ ба шарофати эълон шудани соли 2018-Соли рушди сайёҳӣ ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳунарҳои мардумӣ барои омӯзиши доманадори фарҳанги ғайримоддии мардум, таҳқиқоти густурдаи илмӣ дар ин бахш ва омодасозии олимони фарҳехтаи ин соҳа чун обу ҳаво зарур аст. Ҳамчунин устод Айнӣ оид ба роҳҳои ташкили кишваршиносӣ (ҳамон ҷо, с. 225) масъалагузорӣ намуда, барои посух ба саволи худ «Ташкили кишваршиносӣ чӣ гуна бояд бошад?» таклиф менамояд, ки ин марказ дар назди Комиссариати маориф (ҳоло Вазорати маориф ва илм, - Ҳ.М.) таъсис ёбад ва ба он ашхоси донандаи хуби маҳал ҷалб карда шаванд. Зимнан рӯзноманигорон, адибон ва муаллимонро вазифадор менамояд, ки дар иҷрои чунин кори наҷиб мадад расонанд. Ин буд, ки баъдан дар маҷаллаи «Дониш-биниш» рубрикае бо номи «Кишваршиносӣ» таъсис ёфт, пасон дар назди Вазорати маориф ва раёсати маорифи вилоятҳо низ марказҳои кишваршиносӣ созмон ёфтанд ва онҳо то лаҳзаи муттаҳидсозии баъзе сохторҳои ин ниҳод (соли 1994) амал мекарданд. Устод Айнӣ дар интиҳои мақолаи «Кишваршиносӣ» ба соҳибназарон таъкид мекунад, ки онҳо «… аҳволи атрофи худ, урфу одат, забон ва лаҳҷа, суруд ва бозиҳоро нависанд, аҳволи таърихӣ ва осори атиқаро бо санадҳои илмӣ навишта, ба идораи маҷмӯа фиристодан гиранд» (ҳамон асар, с. 228), ки иҷрои чунин амалҳо ба доираи омӯзиши фанҳои кишваршиносии адабии тоҷик ва кишваршиносии таърихӣ мансубанд.

Гузашта аз ин хонанда тавассути осори устод С.Айнӣ на танҳо ба кишваршиносию сайёҳии дохилӣ унсу ошноӣ пайдо мекунад, балки осори гаронмояи мавсуф манбаи боэътимоди кишваршиносӣ ва сайёҳии ғоибонаи хориҷӣ низ ҳастанд. Агар ҳангоми омӯзиши асарҳои бадеии устод С.Айнӣ устодони забон ва адабиёти тоҷик ба шогирдон супоришҳои зеринро диҳанд:

- номи шаҳрҳо, музофотҳо, деҳаҳо, кӯҳу даштҳо ва дарёҳои дар асарҳои С.Айнӣ дучоршавандаро муайян намоед;
- сипас, харитаи номҳои ҷуғрофии дар асарҳои С.Айнӣ зикршударо кашед;
- аз ҳамаи мавзеъҳои сабтшуда кадомаш бештар ва ба кадом муносибат тасвир шуданашро аниқ намоед ва муайян кунед, ки он кадом самти осори бадеии С.Айниро таҷассум сохтааст?

Чунин тарзи масъалагузорӣ шогирдонро водор месозад, ки асарҳои С.Айниро бодиққат хонанд. Ба ин васила агар онҳо харитаи фарогирии мавзеъҳои тасвиршудаи «Ҷаллодони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бухоро», «Одина», «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби кӯҳна», «Ятим» ва «Ёддоштҳо» барин асарҳои С.Айниро аз рӯйи номҳои ҷуғрофӣ кашанд, бештари мавзеъҳои қитъаҳои Осиёю Аврупоро дар бар хоҳанд гирифт: Абевард, Амиробод, Астаробод, Андиҷон, Балх, Дарвешобод, Деҳнав, Душанбе, Карки, Кармина, Истамбул, Кӯлоб, Париж, Макка, Мадина, Москва, Машҳад, Намангон, Нурато, Оренбург, Қазон, Самара, Петербург, Самарқанд, Тошканд, Фарғона, Қавзин, Ӯротеппа ва дигар шаҳрҳою маҳалҳои аҳолинишин. Номҳои мамлакатҳо, кишвару вилоятҳои Русия, Сибир, Қашқадарё, Арабистон, Эрон, Туркистон, Доғистон, Ҳиндустон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Туркия, Афғонистон, Амрико, Фаронса, Кавказ низ ба назар мерасанд.

Албатта бо ин усул омӯзгор таълими ҳамгирои фанҳои забону адабиёт, таърих ва ҷуғрофияро таъмин менамояд ва нисбат ба дарсҳои омӯзгорони таъриху ҷуғрофия сухани ӯ бештар ва пештар ҳадафрас хоҳад буд, зеро «Номҳои ҷуғрофӣ асосҳои таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҳаётии осори бадеии С.Айнӣ далели барҷаста буданашон чун асноди мансуби манзараҳои васеи ҳаёти халқ ва ҷузъи муҳими ин манзараҳо дар ҷамъбастҳои бадеии нависанда аҳамияти махсус касб кардаанд. Майли доимии С.Айнӣ ба тасвири айнии ҳам маҳалли рӯйдод ва ҳам худи воқеаҳо аз шарҳи ҳоли персонажҳо як ҷиҳати муҳим ва хоси реализми устод аст, ки ин ҳуҷҷатӣ будани асарҳои ӯст» (Амонов Р.,1984, 122-123).

Ба ҳамин тариқ, устод С.Айнӣ дар таърихи адабиёту фарҳанги миллати тоҷик ҳамчун асосгузори илми кишваршиносии тоҷик эътироф шудааст ва устоди сухан бо асарҳои илмию бадеияш тавонистааст, ки мардумро ифтихормандона ба мардум шиносонад, ҳисси меҳанпарастӣ ва ифтихороти миллии оммаро бедор намояд. Аз ҳама муҳимаш ба қавли шоири тавоно Бозор Собир устод Айнӣ бо ин амалаш

*Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,*
*Чун китоби кӯҳна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.*
*Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,*
*Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст.*

*Гарчи табъи Рӯдакӣ шеъри закӣ эҷод кард,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Офарин бар табъи Айнӣ, Рӯдакӣ эҷод кард.*
*Гар ба дунё рафт Сино чун табиби иллате,*
*Кард ӯро ҳикмати Айнӣ табиби миллате.*

*Гар забони шоиронро қавмҳо бикшодаанд,*
*Ӯ ба шеъри худ забони қавмро бикшодааст.*
*Мардуме гар дода оламро каси фарзонае,*
*Оламеро Айнии фарзона мардум додааст.*

Устод Айнӣ дар интиҳои як мухаммасаш бар ғазали «Рӯзи васли дӯстдорон ёд бод…»-и Ҳофиз бо ҳасрат таъкид менамояд, ки «…*Мурд Айнӣ рози ӯ ногуфта монд*…» ва бо ин хонандаро ҳушдор медиҳад, ки сохти шӯравӣ на ҳамаи ормонҳои моломоли саршор аз ифтихори миллӣ ва меҳанпарастии устодро бароварда сохтааст ва бештари нахли нишондаи орзуҳои мавсуф бебору бесамар мондаанд. Ба гумони ғолиб баробари садҳо фарзандони сарсупурдаи миллат устод Айнӣ низ орзуи соҳибистиқлолии кишварро дар замири қалб мепарвариданд ва Асосгузори ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти муаззами кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо амалҳои дурандешона ва миллатсози худ на танҳо ормонҳои устод Айниро ҷомаи амал пӯшониданд,балки эҳдои унвони Нахустқаҳрамони Тоҷикистонро барои хидматҳои шоёнаш соли 1997 сараввал ба устод С.Айнӣ сазовор донистанд. Камол Айнӣ – фарзанди устод Айнӣ унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистонро аз Сарвари давлат бо дидаҳои саршор аз ашки шодӣ қабул намуда, дар пайравӣ ба ғазали маъруфи «Умрҳо дил талаби ҷоми Ҷам аз мо мекард…»-и Хоҷа Ҳофиз бадоҳатан гуфта буд:

*Он, ки умре ҳаваси сохтани мо мекард,*
*Кош, меомаду имрӯз тамошо мекард.*

**ПАЙНАВИШТ:**

1. Айнӣ С. Кишваршиносӣ // Маҷаллаи «Дониш- биниш» (баъдҳо «Роҳбари дониш»), 1927, №1.

2. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 9. - Душанбе: Ирфон, 1969.

3.Амонов Р. Уфуқҳои ҷуғрофии насри бадеии С.Айнӣ // Дар китоби «Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ». - Душанбе: Ирфон, 1984.

4.Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. -Душанбе: Ирфон, 1978.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

5. Шервони Умриддин, рӯзноманигор. Устод Айнӣ ва масъалаҳои кишваршиносӣ// «Ҳамрози халқ», №7, 11 апрели соли 2018, с. 7.
6. Турсон Акбар. Миннат то ба чанду миннатбардорӣ то ба кай?// «Ҷумҳурият», 24.10.2009, №126-127.
7. Муродиён Ҳасан. Кишваршиносии адабии тоҷик.- Душанбе: Ирфон, 2016, 313с.

## 2.2.СУДЬБА ЛОШАДИ В СТИХАХ МИРЗО ТУРСУН-ЗАДЕ

Начиная с XV–XVI веков, с открытием морских путей, открытием новых континентов и появлением межконтинентального морского транспорта, начинается развитие морской торговли, поэтому караванные пути, проходившие по степям и пустыням, отошли на второй план. Купцы теперь по той причине, что парусные корабли обходились им дешевле и делали путешествие более быстрым и безопасным, чем на лошадях и верблюдах, выбирали морские пути. Именно поэтому несколько снизился рейтинг коня, в том числе и популярность наших знаменитых хатлийских коней, а счастье улыбнулось путешественникам и торговцам, широко использующим морские пути.

А позднее, с изобретением паровых машин, двигателей внутреннего сгорания, поездов, с открытием железных дорог, созданием самолетов и вертолетов, словом, с появлением и дальнейшим развитием морского, воздушного и наземного транспорта, лошади и верблюды были вытеснены на задний план. И теперь во многих странах лошадей и верблюдов держат только для спортивных состязаний.

Так как Октябрьская революция (1917 г.) в России и Бухарская революция (1920 г.) в Средней Азии совпали с такими великими переменами, господствующая большевистская (коммунистическая) партия такой естественный процесс в жизни выдавала за свои достижения, а людям внушали, что надо обратиться к технике (техническому прогрессу) и отказаться от коня, как от ненужного элемента, унаследованного у феодального общества. Именно в таком плане построен сюжет поэмы «Хасан-арбакеш» Мирзо Турсун-заде, можно сказать на простонародной «идее».



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Поэма была посвящена 25-летию Таджикской ССР. Поэт не мог «жить в обществе и быть вне общества», как писал «вождь мирового пролетариата» В.И.Ленин в своей статье «Партийная организация и партийная литература» (1905). Поэтому в 1952–1954 годы М.Турсун-заде, как сын своего народа и времени, в соответствии с методом «социалистического реализма», отвечающим духу времени, написал поэму «Хасан-арбакеш», состоящую из 1652 строк. М.Турсун-заде пишет поэму очень простым, увлекательным языком, от лица основного героя Хасана. Он таким образом предупреждает читателя, что начинает поэму:

*Пӯшт, машкоб!*
*Бохабар, мардум!*
*Ба қафоят нигоҳ кун, нонвой!*
*Ҳой ҳезумфурӯши варзобӣ,*
*Хари худро каш аз даруни лой! (Турсунзода, 1991,196).*
*Отойди, водонос!*
*Знайте, люди!*
*Лепешечник, оглянись назад!*
*Эй, варзобский дровосек,*
*Вытащи своего осла из глины!*

Как отмечает большинство литературоведов, поэма состоит из двух сюжетных линий. Одна – это отношение Хасана к своему коню и повозке (арбе), а другая – его любовь к Садаф (Худойдодов,1983,86). Автор поэмы через любовь Хасана к коню и Хасана к Садаф показывает взаимоотношения людей друг с другом, любовь и привязанность человека к коню, как к спутнику жизни. Но эти отношения, склонность человека к человеку и человека к коню, проявляется неоднозначно. Основная задача поэмы также заключается в изображении душевного состояния, настроения людей, в особенности «новых таджиков», захваченных бурным изменением жизни в результате большевистской революции, в изображении появления новой формации, развития новых отношений между людьми и строящимся обществом.

Поэма «Хасан-арбакеш» состоит из четырех глав, и все главы тесно связаны между собой, как по содержанию, так и по построению. Первая глава начинается с изображения великолепия коня и повозки Хасана, поездки поэта на его арбе в



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Термез на учебу. Читатель узнает о цели визита Ивана Кузьмича в Таджикистан и слышит рассказ Хасана о нападении разбойников и его спасении от них.

Вторая глава рассказывает о возвращении поэта с учебы, о его радости от преображения города Душанбе, о том, что Хасан, несмотря на все разительные перемены, происходящие в столице нашей республики, не может оторваться от своего любимого коня и арбы, и о встрече Хасана с Садаф.

Третья глава охватывает картины поездки Хасана в Куляб, Вахш, перевозки грузов и людей в другие регионы, рассказывает о письме Садаф, считающей, что Хасан должен отказаться от коня и арбы, о внутренней идейной борьбе главного героя, его поездке за советом к своему другу – председателю и о его беседе с конем, - таково содержание третьей главы.

Возвращение Хасана в Душанбе, его встреча с Садаф, беседа группы девушек под виноградником, работа Садаф учительницей в сельской школе, его обучение шоферскому делу, поездка влюбленной пары в Вахшскую долину – таково содержание четвертой главы поэмы.

Мысли, характер и поведение персонажей поэмы раскрываются через такие приемы, как диалоги и монологи, противопоставления и сравнения, а также при помощи искусного использования аллегорий, иносказаний, метафор и других художественных приемов (Худойдодов, 1983, 87).

Следует отметить, что таджикские критики и литературоведы в свое время дали поэме положительную оценку, как по способу изложения, так и по содержательности образов, и даже по литературному жанру и рифме (Ҷустуҷӯҳои зҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик,1980,158), потому что «в ней способы изложения, слова и выражения – все было популярным, простым, обычным, земным и даже, в определенной степени, освобожденным от второстепенных литературных оговорок и условностей, что является показателем умения поэта использовать возможности изображения и широты изложения в стихах, приближенных к прозе (Ҷустуҷӯҳои зҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик,1980,158). Поэтому большинство исследователей этой поэме М.Турсун-заде дали высокую оценку: «…Его стихи без каких-либо возражений являются чудом, драгоценным перстнем» (Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода,1971,27). «Секрет слова Турсун-заде и активное его



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

участие в стычках мнений и жизненных противоречий как магнит притягивают читателя к себе» (Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода,1971,28)–говорит литературовед Ю.Бобоев. А академик М.Шакури, рассматривая поэму М.Турсун-заде «Хасан-арбакеш», отмечает, что в поэме показаны «характерные особенности героя, его характер и его формирование, особая его судьба», и пишет о новаторстве таджикского поэта: «…Исследование обычных условий жизни и личности одного простого извозчика привели поэта к тому, что он обратился к народному языку в злободневном разговоре. То, что в раскрытии личности героя, создании типажа великую роль сыграли элементы простого разговора (диалога), было совершенно новым событием не только в поэзии Турсун-заде, но и во всей таджикской поэзии этого периода. Глубокий реализм в «Хасан-арбакеш»-е также изменил и особенности лиризма Турсун-заде. Теперь это один простой, земной, мягкий лиризм» (Шукуров,1976,100). Известный русский писатель А.Сафронов, анализируя творчество М. Турсун-заде, дает поэме «Хасан-арбакеш» высокую оценку. Он отмечает, что М. Турсун-заде вписал новую страницу не только в поэзию Таджикистана, но и является автором новой страницы мировой поэзии. Для подтверждения этой мысли прежде всего достаточно напомнить, что героем поэмы «Хасан-арбакеш» является простой молодой таджик, выходец из обыкновенного села, подобного Каратагу (Литературная газета, 1971, 5 мая). Некоторые исследователи таджикской литературы образ Хасана не включают ни в ряд положительных, ни в ряд отрицательных. Он стоит особняком, находится на перепутье, и здесь уместно вспомнить образ чистилища (Очерки...,1964,365).Поэт М.Миршакар был того же мнения (Миршакар,ж.Ш.С.,1954,11).

Все эти замечания относительно характеристики героя возникли от того, что Хасан вначале изображен, как герой-одиночка, работающий и живущий сам по себе, гордый зазнайка; по словам людей, знающих его, Хасан – наездник, любитель лошадей, вечно спешащий куда-то, стремящийся вдаль и в одиночку колесящий по дорогам республики. По мнению поэта, которого Хасан вез на своей арбе, он балаболка, любитель приключений, любитель посещать свадьбы и пиршества, бездомный влюбленный. А по словам Садаф – упрямый бродяга.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

А по собственному признанию Хасана, он был одиноким коршуном (Ҷустуҷӯҳои зҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик,1980,159).

Но литературовед Х.Шодикулов совершенно верно отмечает, что «самодовольство и упрямство Хасана, считающего обстановку неизменяемой и не признающего новую технику, его склонность к собственничеству и его тщеславие еще не дают повода признать Хасана отрицательным героем и ставить его против общественного порядка» (Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода,1971,81). Наоборот, Хасан с самого начала является борцом. Он долгие годы батрачил на бая, переносил тяготы и лишения. Хасан очень любит своего коня. И о нем может говорить без конца, хвалить и воспевать его:

*Гуфт, ки «ин саманди зотии ман*
*Ҷонвари меҳрубон, вафодор аст.*
*Ба сарат гар мусибате ояд,*
*Беҳтарин мӯнису мададгор аст.*
*Аспи зебои ман, саманди ман*
*Дар ҷаҳон яккаву ягона бувад.*
*Аз ҳамон Рахши паҳлавон Рустам*
*Охирин нусхаву нишона бувад»*
*(Турсунзода,1991,208).*
*Сказал, что этот породистый мой конь,*
*Животное, заботливое и преданное.*
*Если приключится несчастье какое,*
*Он будет лучшим другом и помощником.*
*Мой красивый конь, мой рыжий конь,*
*В мире он единственный.*
*От того Рахша, Рустама-пахлавона коня,*
*Последний экземпляр и память о нем.*

Он даже признаётся, что похитил этого коня у бая взамен многолетних трудов, не оплаченных баем:

*Хизмати бойро, ки мекардам,*
*Аспам он вақт хурд тойча буд.*
*Парваридам ба дасти худ онро,*
*То замоне, ки аспи тозӣ шуд…*
*Музди яксола хизмати ман*
*Аз ҳамон судхӯр ҳамин асп аст.*
*Чор сол аст, ки аробакашӣ*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ба худи ман, ба аспи ман касб аст.*
*Турсунзода,1991, 208 - 209).*
*Я служил у бая,*
*Мой конь тогда был жеребенком малым.*
*Растил я его своими руками,*
*До тех пор пока он не стал большим конем…*
*За труды за целый год остался от богача этот конь.*
*Теперь вот уже четыре года, как*
*Извозчик и моя профессия, и моего коня.*

Но у Хасана для «конокрадства» были серьезные основания. Он не хочет, чтобы его скакун, выращенный его руками, стал конем басмача и воевал против мирных граждан:

*Ҳар як аз номдор човандоз*
*Ҳаваси ин самандро мекард.*
*То дарорад ба дасти худ онро*
*Чораҳо ҷуста, ҳиллаҳо мекард.*
*Бой хост, ки ба босмачӣ*
*Аспро пешкаш кунад рӯзе*
*Дар дилам аз шунидани ин гап*
*Даргирифт оташи ҷигарсӯзе.*
*Рафтам оҳиста шаб ба пеши асп,*
*Бо таваккал ба он савор шудам.*
*Задам қамчин, лаҷом сар дода,*
*То саҳар вориди Ҳисор шудам*
*(Турсунзода,1991,208 - 209).*

*Каждый известный наездник*
*Мечтал об этом коне.*
*Искал повода, хитрил,*
*Чтобы завладеть им.*
*Но бай хотел предложить басмачу*
*Коня, выращенного моими руками.*
*И вот, как услышал я об этом,*
*Сердце мое вспыхнуло пламенем.*
*Ночью, крадучись, я подошёл к любимому,*
*На удачу сел на коня и ударил камчой.*
*Отпустил поводья, и к утру я*
*Уже вошёл в Гиссар.*

Хасан смел и храбр. Чувствует себя в жизни свободным и независимым. Этому свидетельство – его рассказ поэту и Ивану



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кузьмичу по дороге из Душанбе в Термез. Он хорошо знает, что его конь и арба нужны людям. В самых трудных ситуациях он из Термеза в Душанбе возит различные грузы: чай, сахар, другие продукты. Но как-то по дороге между Дехнавом и Регаром, рассказывает Хасан, он столкнулся с разбойниками. Его конь оказывается разумнее и догадливее:

*Гӯшро ҷуфт карда аспи ман*
*Монд аз роҳравию шеҳа кашид.*
*Ба гумонам расид, ки шояд*
*Аспи зирак савораеро дид ( Турсунзода,1991, 213).*

*Навострив уши, прислушался мой конь,*
*Приостановился и заржал.*
*Подумалось мне, что*
*Догадливый конь всадника увидел.*

Далее из рассказа выясняется, что разбойники, схватив Хасана и хорошенько избив, разграбили весь товар. Несмотря на то, что он пострадал, Хасан не отказывает от служения народу. Продолжая ездить по этим опасным дорогам, он вместе со своей лошадью делает доброе дело, исполняет нужды людей. Хасан вправе любить и ценить такого коня, потому что, когда грабители крадут его коня и уводят, то он им не подчиняется и возвращается к Хасану:

*Баъд аз оне, ки аспро бурданд,*
*Дуздҳои палиди горатгар.*
*То ки онро кунанд ром ба худ,*
*Равшан ин ки шуданд хуни ҷигар.*
*Қашқаи ман пас аз ду - се рӯзе*
*Ба сарои аробаҳо омад.*
*Ғарқ гардида зери обу арақ*
*Чорхезу гурезпо омад (Турсунзода,1991, 214).*

*После того, как увели коня*
*Воры, поганые грабители,*
*Хотели усмирить, приручить его.*
*Но не удалось им это.*
*Мой «Кашка» через два-три дня*
*Вернулся в караван-сарай,*
*Убежав от грабителей,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Весь в мыльном поту.*

Для Хасана Кашка (Конь со звездой на лбу) является и паланкином, и покоем души. Он является лучшим другом, быстрым и летучим, потому что, говорит Хасан:

*Қашқа дар лаҳзаҳои сахтӣ ҳам*
*Наравад дур як қадам аз ман.*
*Гар ба болои зин савор шавам,*
*Ҳеҷ парво надорам аз мурдан*
*(Турсунзода,1991, 214).*
*Кашка в самые трудные моменты*
*Не отходит от меня, даже на два шага.*
*Если я сяду в седло,*
*Не беспокоюсь, даже о смерти.*

Некоторые привычки, присущие только Кашка, очень нравятся Хасану. Особенно его хождение в одиночку:

*Гуфт, ки: - Баччаи гаранг будӣ,*
*Ман чаро гардам аз паси дигарон?*
*Аспи ман, аспи бодпои ман*
*Нест аз зоти аспҳои касон.*
*Дорад он дӯст яккаву танҳо*
*Бол афшонда по ниҳоданро,*
*Аз сари кӯҳу синаҳои дашт*
*Паҳлавонвор раҳ кушоданро.*
*Аспи бегона гар дучорояд,*
*Мезанад ӯ ба осмонҳо хез.*
*Мана аз ин сабаб аробакашон*
*Мекунанд аз саманди ман парҳез*
*(Турсунзода,1991, 214).*
*Сказал: ты бестолковый мальчишка,*
*Почему я должен ходить за другими?*
*Мой конь, мой быстроногий конь,*
*Он не от породы коней других.*
*Он любит бродить в гордом одиночестве,*
*Взмахивать крыльями и топать ногами.*
*По-богатырски открывать дороги через*
*Вершины гор и простор полей.*
*Встретится если чужая лошадь,*
*Подпрыгивает, шарахается от него до небес.*
*Вот поэтому арбакеши (извозчики)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Остерегаются рыжего коня моего.*

Хасан по жизни очень трудолюбивый, честный, его цель – только благодаря своему труду, своему коню и арбе достичь расположения людей, снискать у них уважение:

*Асп зотӣ, ароба - қӯқандӣ,*
*Дар бадан дошт чакмани моҳут.*
*Шахси танҳову як сару ду гӯш*
*Ҳамаи давлати Ҳасан ин буд*
*(Турсунзода,1991, 203).*

*Конь – породистый, арба – кокандская,*
*Из одежды – чекмень суконный.*
*Он одинокий, голова и два уха –*
*Все, что было из богатства у Хасана.*

Хасан – человек чести, патриот своей родины. Недостойное поведение некоторых людей приводит его в ярость. От предложения торговца мукой нелегально перевезти муку через реку Пяндж на сопредельную территорию Хасан приходит в ярость; он вспоминает, как изменилась жизнь при новом порядке:

*Ғами дирӯзаро ба ёд овард,*
*Падару модари ситамкашро.*
*Ситаму ҷабри бои қишлоқу*
*Дуди оҳи дили пуроташро.*
*Давраи нав агар намеомад,*
*На ароба, на асп дошт Ҳасан.*
*Дар ғуломию бандагӣ мемурд,*
*Мурдаи камбағал надошт кафан*
*(Турсунзода,1991,232).*

*Вспомнил заботу и страдания вчерашнего дня,*
*Отца, мать – угнетенных.*
*Угнетателя – кишлачного богача,*
*Дым и вздохи горящего сердца.*
*Если бы не пришло новое время,*
*То у него, Хасана, не было бы*
*Ни арбы, ни коня.*
*Умер бы в рабстве, нищете,*
*Труп бедняка даже не имел бы савана.*

И тогда вскипела злоба Хасана и:

*Дар ароба ҷуволи орд намонд,*
*Ҳамаро ӯ ба хоки роҳ афканд.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Пуштро карда бар Сароикамар*
*Ба роҳи дигаре нигоҳ афканд*
*(Турсунзода,1991, 232).*
*Не осталось в арбе мешков с мукой,*
*Все он сбросил на дорожную пыль.*
*Повернувшись спиной к Саройкамару*
*Взор свой устремил на дорогу другую.*

Не секрет, что он начала поэмы до конца параллельно с образом Хасана присутствует и образ поэта. Но взгляд поэта в отношении коня и арбы Хасана доброжелателен. Он всегда коня противопоставляет машине. Поэтому он сопоставляет – сравнивает арбу Хасана с машинами, занимающимися грузоперевозкой на трассе Душанбе – Термез. Заставляет Хасана приходить в особое волнение, поражаться масштабам увиденного:

*Ногаҳон чанг хест аз магриб,*
*Гирдбоде ба осмон печид.*
*Аз қафо дуди гафс садо дода,*
*Гашт як хонаи раванда падид.*
*Мӯъҷизаи тезгарди ҳайратбахш*
*Чун шамол омаду қарор гирифт.*
*Баҳри хӯрдан на каҳ, на ҷав, балки*
*Бензину оби ҷӯйбор гирифт…*
*Ҳасани ақлмотгардида*
*Ҳеҷ нанишаст аз газаб ба замин.*
*Рафтуо кард мисли мокуе*
*Байни аспу аробаву мошин*
*(Турсунзода,1991, 210 - 211).*
*Вдруг с запада поднялась пыль*
*Вихрь встал столбом до небес.*
*Появилось чудо быстроходное*
*Сзади дым густой с ревом.*
*Взору предстал движущийся дом,*
*Приблизился как ветер и встал.*
*Для еды ему не потребовалось ни сена, ни овса,*
*А получил воду с арыка и бензина…*
*Хасан, потерявший разум*
*От удивления и злобы,*
*Не мог присесть на землю.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Прохаживался, как челнок, туда и сюда,*
*Между конем, арбой и машиной.*

Поэт очень хорошо ощущает душевное состояние арбакеша, потерпевшего поражение в состязании с мышиной, и это состояние описывает так:

*Кард пинҳон сутуни гафси чанг*
*Худи моро, аробаи моро,*
*Ҳасан аз шиддати алам мезад*
*Аспи бечораро накарда ибо.*
*Нангаш омад, ки аспи номии ӯ*
*Хешро аз мошин оҷиз сохт,*
*Аспро сигнали баланди мошин*
*Сахт тарсонду дар қафо андохт*
*(Турсунзода,1991, 215).*
*Скрыл нас и нашу арбу*
*Толстый столб пыли.*
*Хасан от обиды бил*
*Бедного коня без стеснения.*
*Стыдно было ему, что знатный*
*Его конь так подвел нас.*
*Показал себя слабее машины.*
*Коня напугал сигнал машины*
*И оставил его далеко позади.*

Поэт по возвращении из Термеза, проезжая мимо стоянки извозчиков, хочет увидеть знакомое лицо – Хасана-арбакеша:

*Лек дар шаҳри кӯҳнаи Тирмиз*
*На Ҳасан буду на таронаи ӯ,*
*На сарои аробакашҳо буд,*
*На самандею на нишонаи ӯ*
*(Турсунзода,1991, 218).*
*Но в старом городе Термезе*
*Не было ни Хасана, ни его песни.*
*Ни сарая для повозок,*
*Ни рыжего коня, ни его примет.*

Поэт, возвращаясь с учёбы и преодолевая этот путь на поезде, не скрывает своей радости:

*Ҳафтрӯза раҳи аробакашӣ*
*Роҳи шашсоатаи поезд шуд,*
*Дар хаёлам дигар намеомад,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ки дар ин роҳ ароба буд, набуд*
*(Турсунзода,1991, 219).*
*Семидневный путь на повозке*
*Теперь поездом проедешь за шесть часов.*
*Даже не вспомнишь,*
*Была ли на этой дороге арба или не была.*

По возвращении в Душанбе и встречи с Хасаном и Иваном Кузьмичом, поэт не только сам не садится на арбу, но и героя поэмы и Ивана Кузьмича настраивает против арбы, он замечает:

*Додарам, давраи ароба гузашт,*
*Қадами сангпушт лозим нест.*
*Ҷуз машина, азизи ман, худ гӯй,*
*Коросонкунанда дигар чист?*
*(Турсунзода,1991, 221).*
*Браток, прошло время арбы,*
*Черепашьи шаги не нужны.*
*Кроме машины, мой дорогой, сам скажи*
*Что может облегчить наш труд, скажи?*

Поэт считает коня и арбу Хасана элементами прошлого и знаком нищенской жизни, смотрит на них критическим взглядом, считая не более чем старьем:

*Монда як аспу як ароба ҳанӯз*
*Дар таги ин чанорҳо боқӣ,*
*Менамояд ба чашми мардуми шаҳр*
*Чун нишон аз ҳаёти қашшоқӣ*
*(Турсунзода,1991, 221).*
*Остался один конь и одна арба,*
*Под этими чинарами.*
*И кажутся в глазах городских жителей*
*Намеком на нищенскую жизнь.*

М.Турсун-заде смотрит на коня и арбу Хасана в столице республики как на «бельмо на глазу». Но ему не верится, что придёт день и Хасан бросит эту профессию:

*Ҳасан аз аспу ароба магар*
*Метавонад, ки дасту дил шӯяд,*
*Метавонад, ки аз аробакашӣ,*
*Дил канад, касби дигаре ҷӯяд?*
*Балки ин фикрҳо ҳанӯз ба ӯ,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Менамояд аз ҳақиқат дур,*
*Балки дорад вай аз аробакашӣ*
*Дар сари худ ҳанӯз кибру ғурур*
*(Турсунзода,1991, 222).*
*Хасан разве может отказаться*
*От коня с повозкой?*
*Может ли отказаться от работы арбакеша?*
*Или же до сих пор эти мысли звучат дико?*
*Или же далеки от правды?*
*Может, он до сих пор несет в себе*
*Чувство гордости за слово «арбакеш»?*

Поэт хорошо знает, что жители горных районов нуждаются в услугах коня и арбы Хасана, но только он признается от имени Хасана:

*Ба ароба ҳанӯз мӯҳтоҷанд*
*Мардуми вилояти Кӯлоб,*
*Мисли ман, аспи ман, аробаи ман*
*Дар чунин ҷойҳо бувад комёб*
*(Турсунзода,1991, 222).*
*Нуждаются еще в арбе*
*Жители Кулябской области.*
*Подобные мне, моему коня, моей арбе*
*В этих местах найдут успех.*

Президент страны Эмомали Рахмон справедливо отмечает, что «в условиях высокогорья Таджикистана лошадь является незаменимым другом и помощником жителей села. С ее помощью они проделывают сотню работ, она облегчает сотни трудностей» (Рахмонов,1999, 63). Но уже более 70 лет, с тех пор как в республике появились автомашины, ждём улучшения здесь дорог и мостов, хотя давно распрощались конем как с ненужным элементом.

Но вот приходит время, когда для героя поэмы вместе с его конем и арбой не находится работы ни в Кулябе, ни в Саройкамаре, ни в Вахше; нет для них работы и в ряде горных районов: Бальджуане, Сарихосоре, Даштиджуме, Горной Матче. И он говорит:

*Рафтам ба ҷойҳои дур,*
*Ман дар ин ҷо дигар намемонам,*
*Ҳасанам Ҳасани аробакашам,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҳеҷ аз ин касб рӯ нагардонам*
*(Турсунзода,1991, 224).*
*Ухожу я в дальние края,*
*Здесь я больше не могу находиться.*
*Я Хасан, Хасан-арбакеш,*
*Не могу отказаться от этой профессии.*

Чтобы свернуть Хасана с задуманного пути, поэт сталкивает его с любимой девушкой – Садаф. Хасан зовет Садаф с собой:

*Омадам, ки ту ҳам равӣ бо ман,*
*Хона бошад, ароба хонаи мост,*
*Ба куҷое, ки мисли мург парем,*
*Кӯҳ ё дашт ошёнаи мост (Турсунзода,1991, 224).*

*Пришел, чтобы позвать тебя идти со мной,*
*Дом? Телега – наш дом.*
*Куда бы, как птица, мы ни летели,*
*Горы или долины будут нашим гнездом.*

Но Садаф отказывается от этого предложения, упрекает Хасана, что он не может отказаться от этой профессии и учиться на шофера. Она говорит:

*Метавонӣ, ки дар ба дар гардӣ,*
*Боз чун лӯлиёни ҳарҷоӣ.*
*Метавонӣ, ки боз, эй дайду,*
*Сафаратро давом бинмоӣ!*
*Садқаи гап шавад каси якрав!*
*Ба ту ҳаргиз намекунам зорӣ!*
*Ба ман ин дард гарчи вазнин аст,*
*Мекунам ноилоҷ худдорӣ (Турсунзода,1991, 225).*

*Можешь и дальше бродяжничать,*
*Как кочевые цыгане.*
*Можешь вновь, эй, бродяга,*
*Продолжить свое путешествие.*
*Не стоит говорить с таким упрямцем!*
*Не буду умолять тебя никогда,*
*Как бы ни была тяжела боль моя,*
*Я вынуждена сдерживать себя.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

И вот, наконец, упреки Садаф и стремления поэта дали определенные плоды. Словом, после этого Хасан поменял коня и телегу на машину, потому что, по словам поэта:

*Хулласи гап, ки обрӯи Ҳасан*
*Шуд мубаддал ба як пули пуччак.*

*Словом, авторитет Хасана*
*Превратился в одну копеечную монету.*

И он признается, будто телега стала причиной снижения его авторитета, и он говорит:

*То кай аспу аробаро созам*
*Мани гумроҳ дар ҷаҳон дастак*
*(Турсунзода,1991, 235).*
*До каких пор буду приводить я глупый пример,*
*Будто в мире у меня одного были конь и телега?*

М.Турсун-заде к образу коня обращается не только в поэме «Хасан-арбакеш». Он вспоминает о рыжем скакуне и в своих стихотворениях («Шеъри ман» – «Мой стих», «Офарин, дил» – «Браво, сердце» и т.д.). Поэт свои стихи называет то красивым скакуном, то небом привлекательным, то стрелой и арканом, и этим гордится. В стихотворении «Шеъри ман» («Мой стих») подмечает:

*Шеъри ман! Медонамат зебосаманди ман туӣ,*
*Осмони бегубори дилписанди ман туӣ,*
*Рӯзи майдон беамон тиру каманди ман туӣ*
*(«Шеъри ман», Турсунзода,1991, 7).*
*Мой стих! Знаю тебя, ты мой красивый скакун рыжей масти,*
*Ты моё чистое безоблачное милое небо.*
*В день битвы ты беспощадная стрела и сеть моя.*

В стихотворении «Браво, сердце» (1967) вдохновленный самоотверженностью своего сердца, полного любви и искренности, волнуясь, обращается к нему и восклицает:

*…Асп рон, аз наъли аспи ту шарор ояд бурун,*
*Асп рон, чанги замин беихтиёр ояд бурун.*
*Асп рон, бо оҳувон аз чашмасорон об нӯш,*
*Чашмаро бингар, чӣ сон аз кӯҳсор ояд бурун!*
*(Турсунзода,1991, 17)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*…Гони коня, да так, чтоб из-под копыт вылетали искры,*
*Гони коня, да так, чтоб пыль поднималась с земли столбом.*
*Скачи, чтобы вместе с газелями пить родниковую воду,*
*Взгляни на родник, как выходит из-под горных скал!*

Когда читаем последний бейт поэмы «Писари Ватан» («Сын Родины») (1942) Мирзо Турсун-заде, перед нашим взором предстает былинный Рустам верхом на Рахше или Аваз – на Талоне:

*Ба болои саманди мисли кӯҳе*
*Намоён буд уқоби пуршукӯҳе*
*(Турсунзода,1991,164).*
*Верхом на гороподобном скакуне,*
*Виден был великолепный орел.*

Действительно, здесь герой поэмы Кадир напоминает сказочного богатыря, который, как орел, сидит на быстроногом скакуне. Изображение Кадира именно верхом на скакуне в поэме удваивает его великолепие, и этот бейт является завершающим поэму двустишием.

Таким образом, облик и жизнь, судьба коня в творчестве М.Турсун-заде наравне с жизнью вообще, находятся в процессе эволюционного преобразования и изменения.

## ИСПОЛЬЗОВАННЫЕ ЛИТЕРАТУРЫ

1. Бобоев Ю. Андешае чанд доир ба эстетика ва этика дар осори бадеъ (Некоторые мысли об эстетике и этике художественных произведениях). В книге «Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода» (Юбилей Мирзо Турсун-заде). - Душанбе: Дониш, 1971, 109с. (на таджикском языке).
2. Миршакар М. Оид ба қаҳрамони мусбат ва манфӣ. О положительном и отрицательном герое. // Журнал «Шарки сурх», 1954, №3, с. 11 (на таджикском языке).
3. Литературная газета, 1971, 5 мая.
4. Очерки таджикской советской литературы. - М.: Из-во АН СССР, 1964, 478 с.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

5. Рахмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих (Таджики в зеркале истории). - Лондон, 1999, 240с. (на таджикском языке).
6. Сатторов А. О формировании и развитии социалистического реализма в творчестве Мирзо Турсун-заде. // Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик (Творческие поиски в современной таджикской литературе). Том 1. - Душанбе: Дониш, 1980, 167с. (на таджикском языке).
7. Турсунзода Мирзо. Шеър ва достонҳо (Стихи и поэмы). - Душанбе: Адиб, 1991, 320с. (на таджикском языке).
8. Худойдодов Б. Се очерк дар бораи се адиб (Три очерка о трех литераторах). - Душанбе: Ирфон, 1983, 235с. (на таджикском языке).
9. Шодикулов Х. Хусусиятҳои миллӣ ва умумиинсонии назми Мирзо Турсунзода (Национальные и общечеловеческие особенности поэзии Мирзо Турсун-заде) // Ҷашнномаи Мирзо Турсун-зода (Юбилей Мирзо Турсун-заде). - Душанбе: Дониш, 1971, 109с. (на таджикском языке).
10. Шукуров Мухаммаджон. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ (Стороны художественного исследования). - Душанбе: Ирфон, 1976, 273с. (на таджикском языке).

## 2.3.СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ПОЭМА «ХАСАНА-АРБАКЕША» МИРЗО ТУРСУН-ЗАДЕ И ПОВЕСТИ ЧИНГИЗА АЙТМАТОВА «ПРОЩАЙ, ГУЛЬСАРИ»

Поэма «Хасана-арбакеша» Мирзо Турсун-заде написана в подражании поэмы «Страна муравьи» Александра Твардовского. Между поэме Мирзо Турсун-заде «Хасана-арбакеша» поэме Александра Твардовского «Страна муравьи» наблюдается общие очертания. Но, следует отметить, что некоторые литературоведы пытались (и сейчас пытаются) искать некоторые элементы сходства, или созвучия между поэмой «Хасан-арбакеш» М.Турсун-заде и романом «Прощай, Гульсары» известного кыргызского писателя Чингиза Айтматова. К примеру, литературовед Абдунаби Сатторзода ((Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик,1980,189), размышляя об образе Хасана, отмечает что «образ Хасана является результатом именно нового времени, времени прекращения старого строя и установления социалистической системы и соцотношений. Поэтому и в



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

литературе других народов закономерным было появление, раньше или позже, таких литературных типов, как Григорий Мелихов, Танабай и др.»

Литературовед Х.Шодикулов справедливо подмечает: «Сущность произведений Ч.Айтматова тоже заключается в том, что они выросли на мощной национальной основе, и в них воплощаются и воспеваются лучшие традиции кыргызского народа» (Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода,1971,76).

Сравнивая произведение «Хасан-арбакеш» с «Прощай, Гульсары», мы пришли к такому выводу, что их сближает друг с другом в первую очередь то, что в центре изображения в обоих произведениях стоит конь. А образы Хасана и Танабая приведены для более полной характеристики коня в произведениях. Как «Хасан-арбакеш», так и «Прощай, Гульсары» созданы в духе коммунистической морали. Но надо признать, что Чингиз Айтматов в своем романе национальные интересы незаметно, как бы исподволь, ставит выше партийных требований. И Хасан, и Танабай – оба любят своих коней – Кашка (Рахша) и Гульсары. Конь Хасана, хоть и краденный, но его собственный конь. А у Танабая – конь колхозный. Супруга Танабая – Джайдар проявляет к Гульсары материнские чувства. Любит его как родное дитя, ухаживает за ним, ласкает его. А когда сваливают Гульсары, чтобы кастрировать, не только Танабай, но и Джайдар переживают от этого (недостойного) поступка ответственных лиц колхоза.

Садаф же у Турсун-заде, в противовес айтматовской Джайдар, с первых дней встречи с Хасаном объявляет войну против его коня и арбы, заставляет Хасана сменить занятия арбакеша на профессию водителя автомашины.

М.Турсун-заде с самого начала поэмы восхваляет новую технику, отведя коню место на заднем плане, то есть отнеся его к категории грязного и отжившего свой век вида транспорта, критикует и отвергает его. Ч.Айтматов тоже от имени героев романа хвалит технику, но полностью не отвергает лошадь. Как в поэме М.Турсун-заде, так и в романе Ч.Айтматова чувствуется сильный национальный дух, но этот национальный дух в «Прощай, Гульсары» проявляется сильнее.

Если М.Турсун-заде хвалит коня от имени Хасана, то Ч.Айтматов это делает сам и заставляет об этом говорить и



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Танабая, и других персонажей. Он знает, что без коня жизнь населения горных селений, вообще горной страны будет трудной и тяжелой. Ни один глупый горец не поменяет даже клячу или осла на автомашину.

«Иноходец как красивая девушки имеет много поклонников, – говорит старик. – Ты знаешь судьбу девушки: попадет в хорошие руки, зацветет как бутон, прибавит в красоте, а если попадает какому-нибудь глупцу, пропадет ни за что. Нет пути исправления. Судьба коня тоже такова. Уничтожить легко. Идя по дороге, споткнется, упадет и все» (Айтматов,1978, 144).

Примечательно, что у Айтматова именно водитель предлагает Танабаю избавиться от лошади: «Эту падаль тоже считаете конем? Брось его, оставь, пусть съедят собаки. Столкни его вон в ту пропасть, и делу конец. Пусть вороны заклюют. Если хочешь, я помогу» (Айтматов,1978, 158).

В заключение герои произведений – Хасан и Танабай – прощаются с Рахшем и Гульсары. Только разница в том, что Хасан прощается с живым конем, с верным другом и помощником. Своими руками отпускает его на колхозный луг, чтобы  хорошо питался, набирал вес и чтобы затем его в итоге сдали на мясо.

С этой точки зрения сцена прощания Хасана звучит несколько неестественно, поддельно. Об этом даже сам Хасан признается в конце своей прощальной речи. Он и говорит:

*Гуфт: - Эй аспи ман, саманди ман,*
*Дӯсти бегумони ман ҳастӣ.*
*Солҳои дароз аз хурдӣ*
*Мисли ҷон дар амони ман ҳастӣ.*
*Ҳарду гаштем гар дучори хатар,*
*Пеша кардем сабру тоқатро.*
*Бесару нӯг роҳи кишвари мо,*
*Хӯрда аз рафтуои мо гардид,*
*Бағали кӯҳсори мулки Ҳисор*
*Манзили нақши пои мо гардид.*
*Монда ҳарду ба зери обу арақ,*
*Мегузаштем чӯли бирёнро.*
*То саҳаргаҳ гусел мекардем,*
*Шӯълаи моҳтоби тобонро.*
*Шаба шаб, рӯза рӯз ногуфта*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҳарду машҳур боркаш будем,*
*Дар сари корвон ба каф байрақ*
*Ҳар ду як ҷо қаторакаш будем.*
*Хишту чӯби кашондаи моро*
*Сарфи шаҳри азизи мо карданд,*
*Намаку чою нону шакарро*
*Дастгири гуруснаҳо карданд.*
*Ҳама донанд, ки дар он айём*
*Бори республика ба дӯшат буд,*
*Чунки солҳои қашшоқӣ*
*Давраи ҷӯшишу хурӯшат буд.*
*Давлати одамони имрӯза*
*Дар вагонҳо дигар намегунҷад.*
*Ту кунун дар кашонидани ин бор*
*Дасткӯтоҳию надорӣ ҳад.*
*Дар чарогоҳҳои колхозӣ*
*Дӯстам рафта сайру бозӣ кун,*
*Бо ягон кори хоксорона*
*Назди мардум забондарозӣ кун.*
*Метавонӣ, ки миёни гала*
*Пираспи баландсар бошӣ.*
*Монда ному нишонае аз худ*
*Рахши навзодро падар бошӣ.*
*Ман ҳам имшаб ҷудо шуда аз ту,*
*Меравам аз қафои кори дигар*
*(Турсунзода,1991, 239).*
*Сказал: эй, мой конь, мой рыжий,*
*Ты мой настоящий друг.*
*Долгие годы, еще с детства,*
*Как душа, под моей защитой был.*
*Если вместе подвергались опасности,*
*Терпели, преодолевали опасности.*
*Бескрайные дороги страны*
*Стерлись от наших поездок по ним.*
*Нашим жилищем были Гиссарские горы.*
*Обливаясь потом, мы вместе*
*Проезжали через знойные пустыни,*
*До утра провожали*
*Лучи яркой луны.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Не считая дни и ночи,*
*Вместе мы тянули повозки.*
*Перевезенные кирпичи, доски, древесина*
*Использовались на нужды города.*
*Чай, соль, хлеб и сахар*
*Поддерживали голодающих.*
*Все знают, что в то время*
*Весь груз республики был на твоих плечах.*
*Потому что в те трудные годы было*
*Время твоего развития, силы и мощи.*
*Однако богатство сегодняшних людей*
*Не вмещается в вагонах.*
*Теперь ты не в силах перевозить*
*Эти грузы, да и права на это не имеешь.*
*На колхозных пастбищах,*
*Друг мой, гуляй и набирайся сил.*
*Займись какой-нибудь простой работой,*
*Будь уверен перед людьми,*
*Можешь в табуне быть вожаком.*
*Оставишь после себя наследство.*
*Новорожденному рахшу отцом можешь быть.*
*Я тоже сегодня ночью, попрощавшись с тобой,*
*Пойду по другим делам.*

И в конце Хасан даже просит прощения у коня:

*Гарчи ба ту қадрношиносӣ шуд,*
*Авф кун, аз гуноҳи ман бигзар…*
*(Турсунзода,1991, 239).*

*Если было что-то не так, либо неуважение к тебе,*
*Прости мою вину, не обессудь.*

А вот момент прощания Танабая со старым Гульсары выглядит очень трогательным и искренним. Он до последнего вздоха своего друга стоит над его головой. И всю долгую ночь думает о нем. Перед его взором проходит вся жизнь старого Гульсары. И он сравнивает его жизнь со своей, отмечает, что и его жизнь тоже ушла, «как бег быстроногого иноходца» (Айтматов,1978,295). Вся эта картина проходит перед его взором. На рассвете с щемящим сердцем и слезами на глазах навечно прощается он со своим конем: «Ты был великим конем, Гульсары. Ты был верным другом, Гульсары. Ты уносишь с



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

собой лучшую память моей жизни, Гульсары. Я эти слова говорю тебе, потому что ты уходишь из жизни, мой любимый конь Гульсары. Может, когда-нибудь на том свете встретимся с тобой. Но тогда я не услышу звон твоих копыт, Гульсары. Потому что там нет ни дорог, ни земли, ни травы, ни жизни. Но пока я жив, ты тоже будешь жить, Гулсары. Звуки твоих копыт будут звучать в моих ушах, как лучшие песни» (Айтматов,1978, 295).

По поэме Мирзо Турсун-заде «Хасан-арбакеш» в 1966 году на «Таджикфильме» режиссером Борисом Кимёгаровым был снят одноименный художественный фильм (сценарий самого автора и Филимоновой), и финал картины отличается от финала поэмы. «В фильме после долгого бега погибает Рахш Хасана. Хасан, похоронив коня, «прощается с верным другом и спутником», ломает плетку и на машине приезжает в город. Внешне кажется, что здесь режиссер будто бы хочет этим символическим объяснением показать исчезновение старого транспорта (коня) и победу нового вида транспорта (машины)» (Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода,1971,105). Действительно, такой финал, с одной стороны, подчеркивает, что конь изжил свой век и уступает дорогу машине – «железному коню». Но, с другой стороны, по нашему мнению, М.Турсун-заде и Б.Кимёгаров под влиянием романа «Прощай, Гульсары» таким образом решили в фильме исправить тот недостаток, который проявляется в поэме. И это им удалось.

Таким образом, облик и жизнь, судьба коня в творчестве М.Турсун-заде и Чингиза Айтматова наравне с жизнью вообще, находятся в процессе эволюционного преобразования и изменения.

## ИСПОЛЬЗОВАННЫЕ ЛИТЕРАТУРЫ

1.Айтматов Чингиз. Повести. - Душанбе: Ирфон, 1978, 304с. (на таджикском языке).

2.Мирзо Турсун-заде). - Душанбе:Дониш,1971, 109с. (на таджикском языке).

3.Сатторов А. О формировании и развитии социалистического реализма в творчестве Мирзо Турсун-заде. // Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик (Творческие поиски в современной



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

таджикской литературе). Том 1. - Душанбе: Дониш, 1980, 167с. (на таджикском языке).

4.Турсунзода Мирзо. Шеър ва достонҳо (Стихи и поэмы). - Душанбе: Адиб, 1991, 320с. (на таджикском языке).

5.Шарофов М. Кинодраматургия М.Турсунзаде // Ҷашнномаи Мирзо Турсун-зода (Юбилей М.Турсун-заде). - Душанбе: Дониш, 1971, 109с. (на таджикском языке).

6.Шодикулов Х. Хусусиятҳои миллӣ ва умумиинсонии назми Мирзо Турсунзода (Национальные и общечеловеческие особенности поэзии Мирзо Турсун-заде) // Ҷашнномаи Мирзо Турсун-зода (Юбилей Мирзо Турсун-заде). - Душанбе: Дониш, 1971, 109с. (на таджикском языке).

## 2.4.ТАВСИФИ ОБ ҲАМЧУН МАНБАИ ҲАЁТ ДАР ЭҶОДИЁТИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА

*Ӯст, ки аз осмон бароятон борон нозил кард. Аз он менӯшед ва бад он гиёҳ мерӯяд ва чорпоёнро мечаронад. Парҳезгорон дар ҷойи амне ҳастанд, дар боғҳову чашмасорҳо.*

*(Аз «Қуръон»)*

Мирзо Турсунзода дар ашъораш обро чун мояи зиндагонии инсон ва манбаи ҳаёт дар мавридҳои гуногун тасвир намудааст. Ӯ, ки дар сохтмонҳои азими давр-канали калони Фарғона ва канали Ҳисор чун ҷамоатчии фаъол иштирок дошт (2,11), ба қадри ҳар қатра оби ошомиданӣ мерасид, бо чӣ қадар меҳнату заҳмати дандоншикан кандани ҷӯй ва баровардани обро хуб дарк мекард, азоби беобӣ кашидани баъзе мавзеъҳои тточикнишинро бо чашми сар дида буд. Дар иртибот бо ин шеъри «Омад канал» маҳсули ҳамин сафарҳои эҷодии шоир аст. Адиб аз омадани оби канали Ҳисор мехоҳад аз ҳама пеш ба мардум хушхабар расонад, онҳоро огоҳ созад, табрик намояд, ҳушдор диҳад, ки баъд аз ин онҳо лабташна нестанд:

*Эй сабо, аз мо расон бар дӯстон, омад канал,*
*Ҳам хабар кун наварӯси бӯстон, омад канал.*
*Рав, ба ҳар як дар садо кун ташнагони обро,*
*Бо таманно бӯса зан аз рӯяшон, омад канал.*
*Муждаи нав мерасад бар Ватан, бархез халқи он,*
*Бо лаби пурханда ҳар пиру ҷавон: омад канал!* (3,24)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои шоир об, ки манбаи он кух аст, хеле муътабар мебошад. М.Турсунзода дар шеъри «Силсилаи кухи Ҳисор» дилбастагии худро ба кухсори зодгохаш басо хуб ифода кардааст (1,44) ва манбаи об будани ин силсилакуххои Ҳисорро таъкид ба таъкид ба мардум гӯшзад менамояд:

*Багали кухи Ҳисор аст тамошогохи мо,*
*Манзилу махфили мо, бистари мо, ҷогахи мо.*
*Чашмахояш дами ҷӯшидану фаввора задан,*
*Гашта монанд ба оханги дили огохи мо…*
*Симу зар, сурмаву симоб дихад кухи Ҳисор,*
*Ташнагонро шабу рӯз об дихад кухи Ҳисор.*
*Чорзону зада дар майкада чун пири мугон,*
*Ҷоми саршори майи ноб дихад кухи Ҳисор.* (4, 125)

Дар манзумаи «Водии Ҳисор» (1940) тибқи тасвири М.Турсунзода баробари ташаккули камолоти шоир хамчун як нафар фарзанди арҷманди ин диёр оби ҷӯйбори Ҳисор низ чун як хаманафас, хамнишин ва хамрадифи шоираш садояшро ба овои дили ӯ ҷӯр месозад:

*Ҳосилоташ чун фаровон аст,*
*Ки аз он оби бахр хайрон аст.*
*Шар-шари ҷӯйбори Ҳисор,*
*Вазишу гардиши насими бахор.*
*Ба ситамдидагони Шарқи асир,*
*Мекунад ин хаётро тасвир.* (4,31)

Шоир ғарқи зебоию нафосат ва табиати дилангезу рухнавози кухистон гардида, хисси тафохури бепоёни ӯ боло мегирад. Махсусан «Рӯди кухӣ» (1959) дар тасвироти Турсунзода басе зебою зинда ва чу ашъори ӯ рухнавоз аст:

*Нишастам дар лаби дарёи кухӣ,*
*Ба худ ман ёфтам маъвои кухӣ.*
*Сараш бар санг мезад рӯди кухӣ,*
*Ба доман чанг мезад рӯди кухӣ.*
*Ба мисли шири навҷӯшидае буд,*
*Палангу бабри хуннӯшидае буд.*
*Дара аз гуриши обаш садо дод,*
*Насимаш рухро, ҷонро ғизо дод…*
*Чароғи хонаи моро фурӯзӣ,*
*Лаби чоки биёбонро ту дӯзӣ…* (4,80)



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

М.Турсунзода чун мӯниси дерин бо рӯди кӯҳӣ гуфтугӯ менамояд. Дар «Таронаи рӯд» (1968) чун як фарди ватандор садои қалбашро бо рӯдҳои диёраш ҷӯр месозад, рӯдро наззора менамояд, аз садои форами он нашъаю нишот мебардорад:

*Рӯди кӯҳӣ, ту саройӣ ба ҳавои дили ман,*
*Ҷӯр созӣ нафасатро ба садои дили ман.*
*Шӯр дар сина ниҳон рақскунон мегузарӣ,*
*Огаҳ астӣ магар аз дарду давои дили ман?*
*Ту ҳамон чашма, ки ҷӯшидаву фаввора шудӣ,*
*Ашки шаффофтарини ҷигари хора шудӣ,*
*Чашма дар кӯҳ будӣ, ҷӯй шудӣ, рӯд шудӣ,*
*Нури чашмони ману дидаи наззора шудӣ.* (4,22)

Барои шоир рӯди нуқрагини зодгоҳаш чун хотираи дурахшони модари бузургвораш азиз аст:

*Дӯст дорам, модарам, бо ёди ту қишлоқро,*
*Рӯдҳои нуқрагину нилгун офоқро…*
(Шеъри «Модарам», 4, 107)

Меҳри чашмасорони диёр баробари меҳри Ватан дар дили шоир маъво гирифтааст. Дар шеъри «Бозгашт» ӯ чун як ватандор на танҳо муштоқи диёр, балки ҳумории оби зулоли чашмаҳои Ватан гардидани худро низ таъкид кардааст:

*Чун ниҳодам пойи худ бар сари хоки Ватан,*
*Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан,*
*Муддате будам агарчи дур, аммо ёди он,*
*Мевазонидам ба сар боди фараҳноки Ватан.*
*Хешро мебинам акнун боз дар оғӯши ӯ,*
*Боз мехонам суруди тозае дар гӯши ӯ.*
*Боз мегирам нафас ман аз ҳавои бегубор,*
*Боз менӯшам ман об аз чашмаи пурҷӯши ӯ.*

Ҳатто овои рӯдҳои Ватан аз он сӯи уқёнус ҳам пайваста дар гӯшҳои шоир садо медиҳад, руҳу ҷони ӯро навозиш мекунад:

*Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,*
*Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.*
*Агарчи дар миёни тӯфону мавҷи баҳрҳо будам,*
*Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту.*
(Шеъри «Ватан»; 4,105)

Ин маънӣ дар шеър шеъри «Ситора наздик» (1965) низ хеле ҷаззоб ба гӯш мерасад. Шоир садои рӯди кӯҳиро ба фарёди кабки дарӣ ташбеҳ дода, аз овои руҳбахши он қалбаш ба хурӯш меояд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Фарёди рӯди куҳӣ ҳар дам ба гӯш омад,*
*Чун кабки куҳсорон дил дар хурӯш омад.*
*Гуфтам, ки бода нӯшам, пӯшида бода нӯшам,*
*Дар пайравиам аз куҳ овози «нӯш» омад.* (4,104)

Дар шеъри «Инсон ва куҳ» (1967) шоир тоҷики куҳистониро, ки ҳамнишину дилҷарини куҳ аст, ба рӯд монанд кардааст, чунки ӯ низ дарёдил аст:

*Зистӣ чун рӯди ноором дар огӯши куҳ,*
*Омад овозат ба гӯщ аз синаи хомӯши куҳ…*
*Рашк мебурдӣ, ки аз як ҷӯй ҳосил мешавад,*
*Ҷӯй ба дарёҳои шӯрангез дохил мешавад.* (4,109)

Шеъри «Рӯди ман» (1971) маҳсули эҷоди солҳои охири ҳаёти М.Турсунзода аст. Шоир боз ба рӯди айёми ҷавониаш рӯ оварда, ба ӯ роз мегӯяд. Бо гузашти солҳо дӯсти рӯд-шоир М.Турсунзода аз як ҷавони навхат ба мӯйсафеди нуроние бадал гардид, вале рӯди шоир ҳамон аст, ки ҳамон, бо як маром ҷорист:

*Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон,*
*Сарзаминат пурсамар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон.*
*Даври ман даври ҳунар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон,*
*Дидаю дил пуршарар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон.*

Аз ҳама муҳимтараш рӯд симои худро дигар накардааст: Хамон хел соф, дилкаш ва шаффоф боқӣ мондааст:

*Осмон дар синаи ту аксандозӣ кунад,*
*Бо ҷамоли ту ситора шӯхию бозӣ кунад.*
*Оламеро ҳусни ту аз хештан розӣ кунад,*
*Моҳи гардун дар дили шаб гарданафрозӣ кунад.* 4,126)

Ҳатто шухию бозӣ, даву часапаш низ ҳамон хел боқӣ мондааст: метапад, медавад, меҷаҳад, сар ба санг мезанад, фарёд мекашад:

*Медавӣ дар куҳсору сар ба сангон мезанӣ,*
*Уштури мастӣ магар, ҳар сӯй ҷавлон мезанӣ?*
*Даст ба сар мӯхарошон, рӯхарошон мезанӣ,*
*Қатраҳои сардро бар кӯҳсорон мезанӣ.* (4,126)

Ниҳоят, шоир обро чун эъҷози эзидӣ аз дами шамшер бурротар, аз ашки чашми тифл софтар, аз хуршед рӯшантар, аз бод тундтар ва аз нахчир ҳам чаққонтар донистааст:

*Дидаам аз сабзаҳо хуррам бувад огӯши ту,*
*Кабкҳо хонанд форам рӯзу шаб дар гӯши ту.*
*Кас намедонад, ки чандин аср ҷорӣ гаштаанд,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Обҳо аз чашмасори синаи хомӯши ту.* (4,48)

Шоир аз тамошои кӯҳсорон ба ваҷд омада, шаршараро, ки аз шӯхаҳои кӯҳҳо рӯ ба поён меҷаҳад, тори гесӯи муннақаши кӯҳсорон ва ҳусни зебои табиат номидааст:

*Ҳусни зебои табиат зиннати рӯи ту шуд,*
*Шаршара дар шӯхаҳоят тори гесӯи ту шуд.* (4,48)

Дар шеъри «Обхез» (1951) М.Турсунзода ба тариқи умумӣ оид ба манбаи оби ошомиданӣ будани Тоҷикистон хонандаро ҳушдор медиҳад:

*Кишвари тоҷик дорад кӯҳҳои сарбаланд,*
*Обҳои шӯх дорад, чашмаҳои дилписанд.* (4,66)

Сипас, инони суханро ҷониби пиряххо, ки манбаи обанд, мегардонад. Таъкид менамояд, ки манбаи оби дарёҳои Вахшу Панҷ, Кофарниҳону Ому маҳз ҳамин пиряххо буда, боиси зиндагонӣ ва муҷиби ифтихори моанд:

*Рӯдҳои ҷорӣ аз ҳар як дара кафк бар даҳон,*
*Меҷаҳад аз санг бар санге хурӯшон, сарфишон.*
*Аз сари Помир то кӯҳи Харангони Ҳисор,*
*Сӯи водӣ мефиристонанд дарё бешумор.*
*Вахш сӯи Панҷи шуҳратнок ояд лаб зада,*
*Аз бараш Кофарниҳон, дарёи Ому гап зада.*
*Тоҷикон нозанд аз ин гуна дарёҳои худ,*
*Аз мусаффо обҳои кишвари зебои худ.* (4.66)

М.Турсунзода дар аксарияти шеърҳояш ба васфи обҳои равону ҷонбахш ақаллан байте гуфтааст:

*Асрҳо софии оби ҷӯйи мо,*
*Мекунад ҳайрон рухи оинаро.*

(«Ёдгори беназир», 4,25)

***

*Даруни синаат чун Панҷи пурҷӯш,*
*Танатро лолаҳо бинмуда гулпӯш.*

(«Ба кӯҳсори тоҷик», 4,26)

***

*Бадахшон, сарзамини кӯҳсорӣ,*
*Чӣ хушбӯду ҳавову обшорӣ.*

(«Бадахшон», 4,54)

Чӣ тавре, ки М.Турсунзода аз як деҳотибачаи қаратоғӣ то ба дараҷаи ходими намоёни давлатӣ сабзид, чашма ва рӯди шоир низ тадриҷан ба дарёи пуртуғён мубаддал гардидаанд, ба дарё, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз дили пойтахти Тоҷикистон равон аст. Дар шеъри «Дарёи Душанбе» дилбастагии шоир нисбат ба ин дарё хеле самимӣ қаламдод шудааст:

*Дар соҳили он манзили ман ҷой гирифтаст,*
*Як богу чаманзор саропой гирифтаст.*
*То оби Душанбе шуда ҳамсояи наздик,*
*Ҷо аз ҷигари мамлакати бой гирифтаст…*
*Монанди мани шоири дилдодаи ин об,*
*Дар рӯйи ҷаҳон боз дигар кист муқимӣ?*

М.Турсунзода дар шеъри «Мурочиат» (1952) таъкид менамояд, ки маҳз оби чашмасорони тоҷик, ки ба дарёҳои пурталотуми Панҷу Ому табдил меёбанд, на танҳо сарзамини Тоҷикистонро, балки дашти Қароқуми Ӯзбекистонро низ ба гулбоғи зебое бадал сохтаанд:

*Ту медонӣ, ки оби чашмасорон,*
*Равад аз қуллаҳои куҳсорон.*
*Гаҳе рақсидаву гоҳе суруда,*
*Ба сӯи Панҷу Омуи хурӯшон.*
*Равон Омуст аз сарҳадди тоҷик,*
*Ба боғи кишвари зебои ӯзбек.*
*Барои фатҳи фардои Қароқум,*
*Барад ҳар мавҷи Ому муждаи нек.* (4,75)

М.Турсунзода на танҳо рӯду дарёҳои Тоҷикистон, балки обҳои дигар кишварҳоро низ тараннум менамояд. Ӯ анъанаи адибони класикии форсу тоҷик-Абӯабдуллои Рӯдакӣ, Аттор, Мавлавии Румӣ, Ҳофизу Камол ва дигаронро оид ба васфи Ҷӯйи Мӯлиён, Даҷлаву Ҷайҳун, Рукнобод ва ғайра идома дода, махсусан ба тавсифи рӯдҳои Нилу Ганг чун обҳои диёраш боҳарорат сухан мегӯяд, ки каломаш дилпазир ва нигоштаҳояш шоёни тақдир аст:

*Гуш кардам Шарқро, ҳам Нилро, ҳам Гангро*
*Нармдил хоку замину пурталотум сангро.* (4,274)

Махсусан дар силсилаи ашъори ҳиндустонии М.Турсунзода васфи об фаровон дучор меояд. Барои шоир дар кишвари Бангола хусусан обҳои равону софаш беҳтарин боигарист:

*Ҳеҷ шунидӣ ту, ки дар офтоб,*
*Об чу симоб хӯрад печутоб?...*
*Об равад таг-таги яххҳои пир,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

*Мисли ҷавоҳир зи дили ҳар адир.*

(«Меҳмони мағрибӣ», 4,173)

М.Турсунзода дар шеъри «Рӯди Ганг» бо ин рӯди муқаддас чун чашмасорону рӯдхонаҳои диёраш суҳбат мероояд, сабаби қашоқии мардуми Ҳиндустон ва истилои аҷнабиёнро аз ӯ пурсон мешавад. Ниҳоят, ба рӯд чун дӯсти холис маслиҳати бародарона медиҳад:

*Ҳарчи бошад, бузург рӯд астӣ,*
*Ҳиссаи баҳри беҳудуд астӣ,*
*Рӯдворона зиндагонӣ кун,*
*Ҷӯш зан, ҷӯш зан, ҷавонӣ кун!* (4, 173)

Дар достони «Духтари муқаддас» (1955) ба овардани мисраи:

*«…Рӯди Ганга ошиқи хокистарам»*

Аз муқаддас будани ин об ҳушдор медиҳад, вале ин қазия дар достони «Аз Ганг то Кремл» (1969-1970) тавсеа меёбад.

*«Рӯди Ганг-оҳуи рамидаи куҳ,*
*Деҳрадун-синаи даридаи куҳ»* (4,297)

-гӯён бори дигар пардаи розро аз рӯи ин рӯд мебардорад:

*Ганги пурмавҷ устухон шӯяд,*
*Моҳии гурусна ғизо ҷӯяд.* (4,296)

Дар достони «Аз Ганг то Кремл» низ шоир ҳини тасвири манзараҳои Ҳиндустон пеш аз ҳама обҳои онро ёдоварӣ кардааст:

*Гарчи ҳастанд бешаҳо хомӯш,*
*Лек дарёву чашмаҳо пурҷӯш.*
*Шаршари рӯдхонаи куҳсор,*
*Мерасад чун садои мусиқор.* (4,300)

М.Турсунзода дар достони «Садои Осиё» (1956) аз рӯди Нил ва муқаддасоти он хабар медиҳад. Агар Абдулқосим Фирдавсӣ:

*«Куҷо рӯз дорад ба ҳаштод пил,*
*Бибандад, чу хоҳад, раҳи рӯди Нил».* (5,854)

гӯён аз рӯди Нил ёдовар шуда бошад, М.Турсунзода Нилро чун рӯди бузурги Миср, чун оби ҷонбахши мардуми ин диёр мадҳу ситоиш мекунад,сабабҳои дилбастагии мардумро ба ин рӯд мекушояд:

*Осиё гӯяд сухан аз печутоби рӯди Нил,*
*Аз булӯрин қатраҳои сард-оби рӯди Нил.*
*Рӯди Нил ояд ба хоки Миср аз роҳи дароз,*
*Реги саҳро рӯ ниҳад бар Нил бо аҷзу ниёз.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Бо хати хоно навиштанд аз замонҳои қадим,*
*Ташнагон дар санги хоро мадҳи дарёи азим:*
*«Нил агар саршор бошад, лаб занад, ҷӯшад, дамад,*
*Ризқи фаллоҳон фаровон, баҳрашон ояд мадад.*
*Нил агар хоҳад, ба ҳар кас медиҳад ҷоҳу ҷалол»,*
*Мисриёнро зистан бе Нил ин амри маҳол!*
*Мардуми ин сарзамин дар рӯзи мотам, рӯзи тӯй,*
*Мекунад бо меҳрубон рӯди бузургаш гуфтугӯй.*
*Модарон оранд тифлонро ба назди оби рӯд,*
*Бо таваллову тазарруъ, бо салому бо суҷуд.*
*Орзу доранд, ки фарзандашон монанди Нил,*
*То абад пурҷӯш бошад, арҷманду софдил.* (4,274).

Шоир ба садои рӯдҳои Гангу Нил гӯш дода, рӯди хурди даҳааш аз лавҳи хотираш мегузарад, ба ёди даҳааш, ки як пораи Тоҷикистон азиз аст, дилаш гум мезанад:

*Гӯш кардам…Вазиши рӯди равон омад ба ёд,*
*Деҳи ман дар Ҳисори шодмон омад ба ёд.*
*Қуллаҳои барфпӯши куҳсоронаш ба ёд,*
*Чашмаҳои нуқрамонанди куҳсоронаш ба ёд.*
*Рӯди қишлоқи ман аз оҳу сабуктар меравад,*
*Дар шаби маҳтоб сина пур зи ахтар меравад…*
*Рӯди хурди деҳаи ман ҷастухезе мекунад,*
*Осмони Тоҷикистон рангрезӣ мекунад…,*
*Рӯди хурди деҳаи ман рӯди пуршӯр аст, шӯр,*
*Бо садои рӯдҳои Осиё ҷӯр аст, ҷӯр…* (4, 275).

Хулоса, об ҳамчун яке аз гуворотарин муқаддасоти заминӣ барои М.Турсунзода манбаи илҳоми бепоён ва василаи шукргузории шоир ба обу хоки Тоҷикистон аст.

**Пайнавишт:**


1. Акбаров Ю. Ашъори ватанхоҳии М.Турсунзода. Дар маҷмӯаи «Ҷашнномаи Мирзо Турсунзода». –Душанбе, 1971.
2. Маъсумӣ Н.Ҷавонӣ ва камолоти мусаввири ҳусну дил. Дар ҳамон маҷмӯа.
3. Худойдодов Б. Се очерк дар бораи се адиб. –Душанбе: Ирфон, 1983.
4. Мирзо Турсунзода. Шеър ва достонҳо. –Душанбе: Адиб, 1991.
5. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.-М, 1969.




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 2.5.ТАСВИРИ БАДЕИИ ФОҶИАҲОИ ТАЪРИХИИ МИЛЛАТ (СОЛҲОИ 1920-1992) ДАР «ГАРДИШИ ДЕВБОД»

Дар романи Абдулҳамид Самад «Гардиши девбод» воқеият ва ҳолати рӯҳии халқи азияткашидаи тоҷик бар асари се фоҷиаи таърихии миллат – табаддулоти болшевекӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанги ҳамватании оғози даҳаи 90-уми садаи ХХ ба риштаи тасвир кашида шудааст.

Аз диди Абдулҳамид Самад инсон ҳамеша дар рӯ ба рӯйи девбоди мудҳиши замон, ки низоми зиндагиро бераҳмона дарҳам барҳам мешиканад, тухми одамро ба чор тараф пош медиҳад, қарор дорад. Дар гирудор ва набарди девбод танҳо касони боирода ва асолату имони худро набохта чун сутуни дили ҳамзамонон маҳкаму пойбарҷо меистанд ва бо кирдорҳои наҷиб ҳусни диёр мешаванд. Хонандаи закӣ дар талошу андешаҳои қаҳрамонҳои ормонии асари Абдулҳамид Самад «Гардиши девбод» алайҳи зиштӣ ҳамин фалсафаро хоҳад дарёфт.

Воқеан, шурӯъ аз нахустҳикояи «Субҳ медамид» ва ҳикояҳои «Зодрӯз», «Сафеду сиёҳ», «Шоҳрух», «Пиёлаи шикаста», «Ҳазл», «Асп мерафт» ва қиссаҳои «Аспи бобом», «Паррончакҳо», «Маҳбус», «Баъд аз сари падар» ҳунари нависандагии Абдулҳамид Самад зина ба зина тавсеа меёфт, пеш мерафт. «*Гумон мекунам, ки ҳамаи асарҳои кунуниатон муқаддима бар асари ниҳоят бузургиояндаатон дар бораи деҳқон ва ё зиёии кӯҳистонӣ хоҳад шуд, ки дар он кӣ будан ва чӣ шудани он қаҳрамонро хоҳад кушод»,* - таъкид намуда буданд ноқиди шодравон Соҳиб Табаров дар мактубашон ба нависанда аз 14 октябри соли 1990. Бо иншои романи «Косаи давр» Абдулҳамид Самад исбот намуд, ки дар романнависӣ низ беҳамтост. Махсусан романи «Гардиши девбод», тавре ки адабиётшиноси номӣ Абдураҳмон Абдуманнон таъкид менамояд, дар роҳи таҳқиқу тасвири як давраи томи таърихӣ қадами аввалин буда, нависанда ба ҳадафи худ расидааст. Ба гумони ғолиб асари мазкур яке аз арзишмандтарин дастоварди солҳои охири насри бадеии тоҷик маҳсуб мегардад.

Китоби якуми романро (Гардиши девбод. Роман. – Китоби 1. – Душанбе: Адиб, 2007, 568с.) нависанда «*Ба ёди алами сӯзон ва азияти бепоёни ҳамдиёрон дар солҳои таъқибот ва ҷанги Олмон*» (1,20) иншо намудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳақ бар ҷониби нависандаи забардаст Саттор Турсун аст, ки романро таърихи 80 соли халқамон номида таъкид кардааст, ки он хеле ҳунармандона тасвир шудааст ва мавсуф асарро ба бинои мустаҳкаме монанд кардааст, ки дар он халқ зиндагӣ мекунад.

Ана ҳамин таърихи миллат бо тамоми фоҷиаҳояш дар симои Дилёб – ҷавони бекасукӯе, ки хонаводаашро селоб шуста ғарқ мекунад, вале ӯ дар гаҳвора зинда монда, бо як лаб нони ҳамсояҳо ба воя мерасад. Некноми хазинаи панду хирад, Мираки талхзабони ҳақталош, Гулсифати меҳрубону ятимпарвар, Гавҳари меҳнатрӯзии саховатманди бефарзанд, Саидаҳмади маъракаоро, Маҳтоби (Марияи) духтури давобахши дармони бечорагон, Сафои Афлотун, Гадо-болшевойи бачаи Санами рундук, Азизи Майлис ва дигарон таҷассум ёфтааст.

Нависанда дастури ленинии таснифоти синфҳоро ба истисмор-кунанда ва мазлум сарфи назар намуда, ашхоси соҳибилм ва соҳибмаърифату хондагӣ – домулло Сиддиқ, ки дар маҳбас ҷон медиҳад, охунди Муллосафар, Муллонур, эшони Сарвар, ки китобхонаашро оташ мезананд, таҳсилкардаҳои Бухоро – Латиф ва додараш Қувват, эшони Санги Кулула ва дигаронро арҷ мегузорад. Аз номи бобои Некном *«Сад ҳайфи муллоҳои хуб. Паҳ, баъзеашон зеби як водӣ буданд» (1, 212)* мегӯяд. Тибқи мақоли *«Пушти боя бину рӯйи камбагала не»* (1, 39) амал намуда, ба Муминбой, Салимбой ва Комилбой барин чорводорони сарватманди саховатпеша ҳусни таваҷҷуҳ дорад, зеро онҳо ҷорчӣ фиристода, дармондагонро даъват мекардаанд, ки омада, насибаи худро аз ҳисоби закоти моли онҳо гиранд: *«-Мардум, боз нагӯед, ки бехабар мондем. Моли Муъминбою Салимбой ба сангов расид! Таъин карданд, ки омада насиба гиред. Рама аз дараи Аспон гузарад, аз худатон гиламанд шавед»* (1, 121). Вале нависанда нисбат ба бойҳои хасису зихна дил намесӯзонад. *«Лекин ҷазои бойҳои мумсину ҳариси аблаҳа Худо ба воситаи Ленин дод» (1,* 212),-. нависанда бо қаноатмандӣ нидо мекунад аз номи Некном.

Нуқтаи назари нависанда нисбат ба босмачиён–Ботурбек, Иброҳимбек, кӯри Ортиқ, Туқайсарӣ, Фузайл, Давлатманд монанд ба ақидаҳои адибони даврони шӯравӣ аст. Воқеан, дар адабиёти даҳонӣ ва хаттии мо образҳои мусбати мусбат ва ё манфии манфӣ амал мекарданд, ки ҳамин анъана дар тӯли ҳазорсолаҳо идома дорад. Охир, бузургон таъкид намудаанд, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Инсон, ки худ чорагари ҳар кор аст, Дар тақдири ӯ неку бади бисёр аст». Одам дар тӯли зиндагии худ ҳамеша чун оина поку беолоиш буда наметавонад. Гоҳо кӯтоҳие, хомкорие аз ӯ сар хоҳад зад. Вагарна Ҳаким Умари Хайём «Пок аз адам омадему нопок шудем…» намегуфт. Аз ин нигоҳ, босмачӣ низ дар қатори аъмоли бад, ҷиҳатҳои хуб низ дошт. Вай низ ватанашро дӯст медошт ва намехост, ки меҳанаш поймолу худаш ғуломи аҷнабиён шавад. Ҳамин эҳсосот буд, ки аввали солҳои 20-уми садаи XX Давлатманд Банҷувонро ва Норбута Мастчоҳро ҷумҳурии халқӣ (на исломӣ!) эълон карданд ва ҳатто Давлати Русияи шӯравӣ онҳоро ба расмият шинохт. Бинобар ин ҳақ бар ҷониби устод Саттор Турсун аст, ки дар «Се рӯзи як баҳор» босмачӣ Усмон Азизро тавре тасвир кардааст, ки ӯ низ дил дорад, ватандӯст аст, мехоҳад, ба манфиати халқаш амали некеро анҷом диҳад. Бинобар ин агар Абдулҳамид Самад ба вижагиҳои неку бади босмачиён чун бойҳо ва муллоҳо баҳои воқеӣ медод, қимати асар як бар чанд меафзуд.

Нависанда солҳои таъқиботи сталиниро, ки аз боло ба ҳар як ҷумҳурӣ нақшаи душмансозӣ пешниҳод мекарданд, бо тамоми ҷузъиёташ ба қалам додааст ва таъкид намудааст, ки аз ин балои азим на мулло ҷон ба саломат бурда метавонисту на ашхоси «чашми ҳукумат». Як калима туҳмати нохалафе, бебасаре ё худобехабаре кифоя буд, ки сари кас ба бод равад». *«- Ҳм, Саидалии бачаи мулло Валӣ ҳам назди худиҳо як ҳазл кард, фақат як шӯхӣ! Лекин ба чӣ балое гирифтор шуд. Аҳли хонаашро аз пири 80-сола то кӯдаки ширхора дунг – дунг бурданд… на ба худӣ бовар бикун, не ба бегона..» (1,61)* мусибати ба сари шоири халқ Саидалӣ Вализода омадаро аз номи Некном ба хотир меорад шоир (3,4). Нависанда ба ҳамин васила хабаркашӣ, беандешагӣ ва бегонапарастии баъзе ҳамдиёронамонро нишон додааст, ки маҳз бо касофати амалҳои зишти онҳо беҳтарин фарзандони миллат талаф ёфтанд. Вобаста ба ин қазия ҳақ бар ҷониби Некном аст, ки мегӯяд: «*Саркардаи салоти русҳо авлиё набуд, ки қадамаш ба ин ҷо расам – нарасам эълон бикунад: Эҳсони Толиб–ҷувоз, Нураки Ато дар шаршараи Девдор – осиёб, кампири Нурбахш – чор – панҷ гови ҷӯшоӣ ва чанд хурма равгани зард, ё Раҳмати Борон чоҳҳои пургалла дорад…*» (1, 114).

Нависанда дар асараш баъзе мавзеъҳоро нишон додааст, ки дар он ҷойҳо ҳазорҳо фроди бегуноҳро қатл ва хокпӯш кардаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*«…дар Пашшадараи Кӯлоб, он ҷое, ки сага бандӣ ҳам, намеистад, мусулмоно маҷбуран барои худ гӯр кандаанд» (1, 60).*

Абдулҳамид Самад дар роман махсусан содагӣ, софдилӣ, баномӯсӣ, футувват, ҷавонмардӣ ва савобҷӯии мардуми кӯҳистонро хеле олӣ ба риштаи тасвир кашидааст. Масалан, Шодии баландкаш, ки ҷавонмарди сарватманд аст, тобистон барои мусофирони раҳдур ва дармонда дар гулӯи Хирсдара на барои сарватғундорӣ, балки холисаллилоҳ шабхона месозад, ки роҳгузарон бо меҳр онро сарои Шодӣ меноманд. Дар шабхона тамоми шароитро барои сафаракиҳо муҳайё месозад.

Нависанда оид ба шарму ҳаё, иффат ва хулқу хӯйи бонувони кӯҳистонӣ мулоҳизаронӣ намуда, таъкид менамояд, ки зани кӯҳистонӣ ахлоқи ба худ хос дошт. *«-Ҳо, пеш магар касе медид, ки ҷинси зан, боз зани шавҳару бачадор дар кӯча ё майдони кор, пеши назари мардон якдигарро теладиҳон ё пӯчидаву ба ҷойҳои нозуки бадан панҷа зада, ин сӯву он сӯ бидаваду биҷаҳад; ҷумбиши дунбаву ларзиши пистонҳояшро намоиш диҳад; беибо абрӯ бипаронад ва ё чашмак бизанад ё гӯшакикунон бо қоҳ – қоҳи мисли кабки маст ба атроф гулгула афканад,* - ба ёд меорад адиб. *– Дур не, чанд сол пеш агар ҳазлу шӯхие дар дилаки зану духтаре меҷӯшид, пеш аз он ки ҳарф бигӯяд, аз шарму ҳаё ба гардан ва сару рухсораҳояш лоласон сурхӣ медамид ва дар ин ҳолат чеҳраи ӯ чун сабади гул мешуду ҳусну малоҳаташ афзун» (1, 146).*

Абдулҳамид Самад разилӣ, мардумозорӣ, ҳаромхиштакии Гадои Санами рундукро хеле батафсил ба қалам дода, махсусан хонапарии ӯро ки мухолифи одати кӯҳистонист, сахт маҳкум мекунад, зеро номбурда ба Маликаи Ҷонаки дар Хами олуча машғули саракчинӣ дармеафтад ва ӯро «шабеҳи лоша», чун сайди нимкушта «дар хоку хун» оғӯшта сохта, ба номусаш таҷовуз мекунад (1, 159). Ҳатто аз сари девори Сурхи Кабир даромада, ба Дастор зани олуси ӯ дармеафтад, вале дар ҳамин вақт Сурхи Кабир пайдо шуда, дар байни онҳо занозанӣ рух медиҳад. Нависанда дар симои Сурхи Кабир марди beномӯс ва воқеиро нишон додааст. Лаҳзае ки Гадои хонапарро аз даруни девораш мебинад, «*хонама ҳаром кард»* (1, 171) гуфта, мардумро ҳушдор медиҳад, вале вақте ки Ҳилол ба ӯ зиштӣ ва хунукрӯйии зани олусашро ёдрас мекунад, вай бо зарбулмасали «*Саги ганда аз гандумбирён ҳам умед дорад»* (1, 172) ҷавоби мувофиқ мегардонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар масъалаи исботи бегуноҳии занони ҷабрдида низ нависанда аз озмоиши (эксперименти) мардумӣ кор мегирад. Ҳилоли озмоишгар ба номуси Маликаи Ҷонак расидани дасти ифлоси Гадоро аз он мефаҳмад, ки *«...шарми рӯи мардум, поҷомааш тар аст» (1, 155), вале Ҳилол барои исботи бегуноҳии дувумӣ «...куртаи Дасторро бардошта, даст ба шармгоҳи ӯ бурд: - Хушк аст, тароша барин» (1, 103) – иброз дошт ӯ ва «Ҳилол софиятӣ дод» (1, 174).*

Нависанда бо офаридани образи Некном хонандаро ҳушдор медиҳад, ки чӣ хеле ки ҷангал бе хирсу хук намешавад, кӯҳистон низ аз одамони бад холӣ нест, вале зеби кӯҳистон Некном барин инсонҳои шарифанд, зеро Дилёб барин ҷавононро панд медиҳанд, насиҳат мекунанд, ки *«... калиди иқболи мард ният, дасту дили пок, хоксорист (1, 177), Ғурур чоҳ аст, чоҳи бе таг... Боз як чиз: ба молу зан ва духтари кас ба чашми каҷу ғажд нанигар (1,177). Дастовез хоҳ хурд бошад, хоҳ бузург, хоҳ қимат бошад, хоҳ арзон нишонаи меҳри одам аст» (1,175-76).*

Нависанда муътақиди он аст, ки кӯҳистонӣ дар масъалаи ҷанг низ диди худро дорад. Вақте ки Меҳрон ба мардум мегӯяд, «... *Як сарбози тоҷик Сафар Амиршо аз деҳаи Заргар чунон қаҳрамонӣ нишон додааст, ки бо фармони Сталин ба ӯ қаҳрамонӣ додаанд»* (1, 233), Мирак бо таассуф иброз медорад: « - Э*, роҳ наздик мебуд, ба Заъфарон мегуфтам, ки барояшон фатирҳои серравған пазад, як – ду табақ чанголӣ ё фатирмаска тайёр кунад» (1,234).*

Адиб чунин ақида дорад, ки мардуми деҳотӣ техника ва технологияи навро ба осонӣ қабул надоштанд ва аз анъанаҳои бобоӣ ба зудӣ дил канда наметавонистанд. Ин аст, ки мардум хабари муаллими советӣ Меҳронро оид ба *патифон* – ҷодугариву васвасаи шайтон, *аэропланро* – чашмбандиву афсона*, трактору мошинро* – нишони охирзамон, *чароғи барқро* – сеҳру дурӯғи маҳз, чашмбандӣ мепиндоранд. Ҳеҷ ба ақлашон рост намеояд, ки ду тор сими хушк гап занад (1,214). Махсусан *зуҳури кино* мардумро муттаҳайир месозад. Ҳатто соли 1946 вақте ки Бобоҷон Ғафуров, котиби аввали Ҳизби коммунисти Тоҷикистон дар охири маҷлис ба раисони колхозҳои вилояти Кӯлоб кино намоиш медиҳад, бобои инҷониб–раиси колхози ба номи Ф.Энгелси собиқ ноҳияи Сари Хосор аз ҳуш меравад.

Китоби дуюми асар (Абдулҳамид Самад. Гардиши девбод.–Китоби 2.–Роман ва қисса.–Душанбе:«Адиб», 2016, 400 с.) «*Ба ёди*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*шоҳидони озурдарӯҳи ҷанги разилонаи шаҳрвандӣ» ба «… родмардоне, ки ҷон дар кафи даст, бо талош ва иродаи бешикаст пояи устувори озодӣ ва сулҳу ҳамдилиро дар Тоҷикистони азиз гузоштанд», эҳдо шудааст* (2,5).

Бо даргузашти бобои Некном, Мирак, Сифат, Саидаҳмаду Маҳтоб, акнун ба ҷойи онҳо симоҳои нав – Насим, Раҳматшоҳи дарвозӣ, Гулноз, бобои Раҳмат, Салим, Имом, Мирзоназари муаллим, Султони зард ва ғайраҳо ба майдон мебароянд. Ҳатто ҷойи Сафои Афлотунро Ҳакими Афлотун иваз намуда, мардумро ҳушдор медиҳад, ки «Дунё аз теғи забону дасисаи шайтон борҳо вайрону хокистар шудааст» (2,5). Бинобар ин «*Аз бод борону аз шӯхӣ – ҷанг» (2,5) хестааст.*

Дар китоби 2-юми асар танҳо Дилёб аст, ки чун кӯҳ устувор ва ба ҳама пасту баландиҳои рӯзгор тобовар аст.Нависанда дар китоби дуюм бо овардани баҳсу муколамаи миёни Хусрави Ҳайдар, муаллими таърих Нуралӣ, Салими магазинчӣ, Ҳакими Афлотун перомуни Иттиҳоди Шӯравӣ ва пош хӯрдани он хонандаро таъкид месозад, ки «… Наёбад саранҷом касе баъд аз ин». Акнун «Гапу ҳукм ба даҳони авбошу мушт – зӯру роҳзан афтод» (2,7). Онҳое, ки гӯши суханшунав надоштанд ва айёми мактабхонӣ шиорашон «*аз ин гӯшам ба он гӯшам ба бобои чапаргӯшам»* (2,8) буд, акнун соҳиби ҳукм шудаанд, ки якеашон Салим аст. Нуралӣ барин муаллимон аз фано шудани Ҳукумати Шӯравӣ даст бар зону зада афсӯс мехӯранд: «*Сад дареги орзуҳои Ленину ҷони сиёҳ кандани Сталин» (2*, 11), - мегӯяд номбурда. Вале Насим боварӣ дорад, ки «Ин давлати нозанину сағераву мардумпарвара дар ҳамон ҷое, ки ба дунё омада буд, соҳибонаш буғӣ карда куштанд. (2, 12) Хулосаи Нуралӣ бошад, аз пешгӯии Ленин иборат аст*: «Шовинизми великорусӣ душмани ашадии давлати советист» (2,12)*.

Нависанда дар китоби 2-юм шоири бадахшонӣ Давлатшоҳи Помириро баръакси Сайдалӣ Вализода тавре нишон додааст, ки номбурда мухлису сарсупурдаи ҷонсахти идеяҳои «абадзиндаи» Сталин буда, ёрои онро надорад, ки касе, номи он «бузургвор»-ро ба шикаст гирад, аз ин лиҳоз ӯ ба ҳафт пушти сиёҳкунандаи Сталин- Хрушёв лаънат мефиристад. Дар симои Давлатшоҳи Помири нависанда баъзе ҳаводорони Сталинро тасвир кардааст, ки чун доҳияшон шими галифе, кител, мӯзаи хром, кепка ба бар карда, кулли пешрафти ҷомеаи сотсиалистиро дар симои ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

медиданд ва марги Сталинро чун рӯзи ба охир расидани дунё пиндошта буданд. Рӯзи фавти «доҳӣ» баъзе занон навҳаву афғон бардошта, соҳиби подош низ шудаанд. Нависанда аз садоқату дилбастагии мардум нисбат ба Сталин ёд карда, нафрати одамонро алайҳи Хрушев бо он асоснок намудааст, ки ба мардум орди ҷуворимакка медод. Махсусан ба тухми асп қирон овардани Хрушевро ёдовар шудааст ва зикри суханони Ҳасан як навъ ҷамъбасти бадеии фикри болоист: « - *Эй бародар, аз азал роҳбар чӯпон асту халқ рама. Ба ғазаба Худо, ки гирифтор шудӣ, чӯпонат гург мешавад» (2, 18).*

Нависанда бо нақли мушкилоти рӯзгори мардум дар аввали солҳои 90-уми асри XX авҷи олии он- бо як халта орд ё гандум духтари ноболиғро ба савдо мондани мардеро (2, 22) зикр намуда, оммаро ҳушдор медиҳад, ки аз ночорӣ номусу виҷдони худро нафурӯшанд, зеро мушкилоти давр тадриҷан рафъ хоҳад шуд. Баъдан моҷарои майдондорӣ, мазҳаббозии муллоҳои навбаромад, тадриҷан ба ҷанги рӯё- рӯй табдил ёфтани зиддиятҳои гурӯҳиро ба риштаи тасвир кашида, бо зикри баҳои Одам аз диди Сифат мардумро огоҳ месозад, ки ҷангу кушокушии азим дар пеш аст*: «Оҳ, Одам, ҳеҷ ҷонзодеву ҷинсе мисли ту ваҳшӣ нест. Худо шоҳид миллион сол рафтору кирдори туро мушоҳида карда, ба ин хулоса омадем. Магар гурге дар дарё, наҳанге дар кӯҳ, уқобе дар зери замин ҷондорҳои дигарро куштааст? Инро касе ёд надорад. Аммо ту бандаи нафс шавӣ ё аз худ биравӣ, аз ҳамаи ваҳшиён мегузаронӣ… Ҳатто гӯшт, дилу ҷигари ҳамҷинсони худатро кабоб карда мехӯрӣ…Аз дасти ту ҳама ҷо ифлос, харобу валангор мешавад. Қасрҳоро месӯзиву ба хоку хокистар табдил медиҳӣ. Худо аз хашму кина, адовату ҷаҳли мураккаби ту нигоҳ дорад. Замина ба ахлот, чирку фасод, ҳавора ба дуду заҳр пур мекунӣ. Дод аз дасти ту!» (2,27).*

Махсусан овардани хархашаю ихтилофи назари муллоҳои кӯҳнапараст ва муллои ислоҳотталаби навриш, писари Эшони домулло, ки ин тоифаро бобои Раҳмат *«Ҷадидакҳои навбаромад»* меномад, аз тарафи навриш *«-Нони маълиму коммунисту комсомол ҳаром аст. Онҳо бояд аз рӯйи шариат бо занҳояшон аз нав ақди никоҳ бананд. Вагарна онҳоро ҷаноза хондан норавост»* (2, 39), эълон шудан аз пайомади ногуворе башарат медиҳад. Хонандаи закӣ ба осонӣ пай хоҳад бурд, ки нависанда бо овардани суханони имом Ғазолӣ аз «Кимиёи саодат» «*Ҳеҷ офат*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*бештар аз он набувад, ки дар шаҳре таассуби мазҳаб бувад ва гурӯҳе, ки талаби ҷоҳ… кунанд, фаро намоянд, ки ҷадал гуфтан аз дин аст»* (2,41) ва бо зикри нуқтаи назари Носири Хусрав муллоҳои навбаромадро хоини миллат мешуморад. Адиб агар дар китоби 1-ум домуллоҳоро зеби як водӣ номида, аз талаф ёфтани онҳо афсӯс хӯрда бошад, дар қисмати 2-юм муҷиби ҳамаи бадбахтиҳои мардум муллоҳоро медонад, зеро ки халқро ба хоку хун оғӯшта, зӯран сохти конститутсиониро сарнагун ва давлати исломӣ барпо карданӣ буданд. Нависанда алайҳи онҳое овоз баланд мекунад, ки ҷонибдори исломи ибтидои(салафи)янд ва мазҳаби суннат ва ҷамоати Имоми Аъзамро, ки ба ислом ҷомаи миллии тоҷикӣ пӯшонид, бо шубҳа менигаранд. Махсусан нависанда шиори фиребои «*Муъмин- бародари муъмин*»-ро, ки ғурури миллии моро ба шикаст мувоҷеҳ сохт, зери тозиёнаи танқид қарор медиҳад. «*Чӣ чора, ки таассуби динӣ, - мегӯяд нависанда, - балки такаббуру ҷоҳталабӣ бо як шиори «Муъмин – бародари муъмин» дар марҳилаҳои гуногуни дарозои таърих сарзамини паҳновари Хуросонро аз сад лашкари сафшикану хуношом бештар фатҳу мутеъ гардонд ва мардумроончунон сеҳру ҷоду, мафтуну саргаранг сохт, ки империяву пойтахт, шаҳру водӣ–водӣ заминҳои паҳновару ҳосилхезро бо ду дасти адаб ба госибон бахшиду худ ба дараҳои тангу кӯҳсорони пурсанг кӯч баст. Ва боз ончунон мадҳиясарову мӯягари дарду алам шуд, ки «…шунид аз замин осмон нолааш». Ана, ҳамин тавр маддоҳӣ ба ҳукми ҳунар даромаду ҳақгӯиву ватанхоҳӣ ёгигӣ ном гирифт. Ва ёгӣ сари дор рафту дар зиндон нишаст ё аз дами шамшери ҷаллодон ҷон бохт, маддоҳ чун магас аз гирди хони неъмат ва косаи «шаҳду ангубин дур намешуд»* (2,48).

Нависанда баръакси навмуллоҳо ба касби омӯзгорӣ арҷ мегузорад. *«Бартарии касби омӯзгорӣ ҳамеша дар лаҳзаҳои сангин ба чашм мерасаду ҳаваси дигаронро меорад. Хоҳ дар лаҳзаи шодӣ бошад, хоҳ ғам баногоҳ дасти ёрии шогирде бо омӯзгор мерасаду дар таҳи дил аз пешаву шогирд ифтихор мекунад»* (2, 65).

Тавре ки профессор Иброҳим Усмон низ таъкид кардааст, *«Унсурҳои воқеӣ дар роман хеле зиёданд. Роман насли навро ба ҳақиқати солҳои 90-ум шинос мекунад. Пайванди гузаштаву имрӯза дар он хеле қавист. Фалсафаи маргу зиндагӣ низ дар роман барҷаста нишон дода шудааст. Номҳои одамони зинда (раисони ноҳияҳои Вахшу Бохтару Дангара Файзулло Қувват, Абдулмаҷид*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Достиев, Абдуқодиров, фақеҳи номӣ Ҳоҷӣ Исмоил, олими забоншинос Мадохир Қурбонов – Ҳ.М.) дар роман зиёданд, ки ин далели робитаи мустаҳкам доштани роман бо воқеият мебошад. Таълифи ин роман дар рохи баҳогузории дурусту воқеӣ ба таърих қадами хеле ҷиддист*».

Ногуфта намонад, ки нависанда ба сабаби сарфи назар кардан аз унсурҳои воқеӣ тавонистааст, ки бе ранҷиши дӯстон, бе таҳқири гурӯҳҳои дар собиқ мухолиф асари мондагоре таълиф намояд. Вале хуб мебуд, ки нависанда ба ҷои номи ашхоси воқеӣ исмҳои бофтаву сохтаро ба кор мебурд, чунки гоҳо номи шахсони воқеӣ ва дурустии асноди ба онҳо марбут гоҳо хонандаро ба шубҳа меандозад. Масалан, нависанда ба шарофати зикри ҳоҷатбарорӣ ва дидадароии фақеҳи номӣ Ҳоҷӣ Исмоил Пирмуҳаммадзода аз даргузашти номзади илмҳои педагогӣ, муаллифи китобҳои дарсии мактабӣ, сарходими илмии Пажӯҳишгоҳи илмҳои педагогии Тоҷикистон Мадохир Қурбонов, ки тарбиятдидаи хонаи бачагон буда, бо зани рус оила барпо карда буд, хабар медиҳад. Ба гуфти нависанда гӯё номбурда аз сактаи қалб фавтида бошад ва мурдаи ӯ дар вақти даргириҳои сиёсӣ бесоҳиб мондааст. Дар асл кор ин тавр сурат нагирифтааст. Устод М.Қурбонов то аввали моҳи марти соли 1996 барҳаёт буд. Азбаски номбурда ҳангоми дифои рисолаи номзадӣ муқарризи расмии банда буд, камина наздаш рафта, тақризро дар шакли дастнавис аз вай гирифтам ва ӯ маро фармуд, ки онро мошинанавис карда гирифта биёрам. Боз афзуд, ки ӯро чураи хичак азоб дода истодааст ва ҷарроҳӣ хоҳад кард. Се рӯз пас ба Пажӯҳишгоҳ тақризи мошинанависшударо бурдам, вале Матлуба Мирзоева, ки он вақт ӯ низ унвонҷӯ буд (алъон завҷаи профессор Камолиддинов Б.) хабар дод, ки устод дар бемористони Қарияи Боло ҷарроҳӣ шудаанд ва ба хун эҳтиёҷ доранд. Ману Матлуба таъҷилан бо мошини камина ба беморхона расидем ва дари шуъбаи ҷарроҳиро кӯфтем. Духтури муолиҷавиаш Достиев гуфт, ки занаш даҳ метр дока оварда доду халос. Мо рафта ҳардуямон хун супоридем. Баъдан гуфтанд, ки таъҷилан зардоби хун лозим аст. Бинобар ин пули онро низ додем. Ҳамчунин омада, ба директори Пажӯҳишгоҳ устод Лутфуллоев М. оид ба вазъи М.Қурбонов хабар додем. Ӯ ваъда дод, ки тамоми доруворияшро таъмин мекунад. Баъд аз се рӯз вақте ки ман ба Душанбе рафтам, устод М.Қурбонов кайҳо ба рӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ниқоби хок кашида буд. Ҳақиқатан мурдаро дар масҷиди Сариосиё шуставу такфину ҷаноза карда буданд, ки ин барои мардуми шаҳрнишин ва махсусан барои шахси зани ғайримусулмондошта як ҳодисаи табиист.

Хулоса, дар романи «Гардиши девбод» воқеоти айёми ҷанги шаҳрвандӣ бо ҳама ҷиҳатҳояш бозтоби бадеӣ ёфтааст. Нависанда бо таълифи чунин асари пурвусъат гуфтанист, ки дар ин ҷанг ғолиби асосӣ халқи бошарафи тоҷик буда, бо шарофати барқарорсозии ваҳдати миллӣ ва пойдории худогоҳии миллӣ алайҳи девбоди замона пирӯзӣ ба ҳамагон насиб гардид. *«Адабиёти тоҷик дар тасвири ҳаёти халқ дар назди халқи худаш қарздори азим аст….Рустам ва Герокл, Роланд ва Нибелунгҳои адабӣ то пайдо нагарданд, образи одамони солҳои 1920-1990 аз адабиётамон дур мемонад»,* - таъкид карда буд мунаққиди шодравон С.Ш.Табаров дар мактубашон аз 14 октябри соли 1990 ба нависанда Абдулҳамид Самад. Итминони комил дорем, ки Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самад бо эҷоди романи мондагори «Гардиши девбод» орзуи деринаи олими варзидаи адабиёт Соҳиб Табаровро баровarда сохт.

**Пайнавишт:**


1. Абдулҳамид Самад. Гардиши девбод. – Китоби 1. – Душанбе: «Адиб», 2007.
2. Абдулҳамид Самад. Гардиши девбод. – Китоби 2. – Душанбе: «Адиб», 2016.
3. Хосият Вализода. Ҳуҷҷатҳо арзи ҳол доранд //«Адабиёт ва санъат», 1989, №34, 24 август.
4. Ҳабиб Вализода. Достони ногуфта. – Хуҷанд, 1997.


## 2.6.КОРБАСТИ ФОЛКЛОР ДАР РОМАНИ АБДУЛҲАМИД САМАД «ГАРДИШИ ДЕВБОД»

Романи Абдулҳамид Самад «Гардиши девбод» бешак яке аз арзишмандтарин дастоварди солҳои охири насри бадеии тоҷик маҳсуб мегардад. Дар асар рӯзгори пуршебу фароз ва ғаму шодии халқамон дар тӯли 80 сол – аз таҷовузи лашкари сурх сар карда, то ҷанги шаҳрвандии таҳмилии соли 1992 хеле ҳунармандона тасвир шудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Истифодаи фолклор – рубоию дубайтиҳои мардумӣ, ривоят, устураҳо, афсонаҳо ва зарбулмасалу мақолҳо ва ғайраҳо фардияти забони образҳои асосии асарро таъмин намудаанд ва романро шавқовару хонданбоб гардонидаанд.

Қаҳрамонҳои ормонии асари Абдулҳамид Самад «Гардиши девбод» Дилёб, бобои Некном, кампири Гулсифат, Мирак, Сафои Афлотун ва дигарон дар муқобили девбоди мудҳиши замон чун кӯҳ устувору пойбарҷо мемонанд ва бо кору амали наҷибашон ангуштнамои хосу ом мегарданд.

Нависанда аз забони Сафои Афлотун ривояти Намрудро оварда, бо ин роҳ мардумро тарбия мекунад, панд медиҳад, ки «ҳар кӣ ба мо бад кунад, бад ба бадо мерасад». Чуноне ки Намруд (Суриюс) ҳазрати Иброҳимро ба оташ мепартояд, вале оташ ба гулистон мубаддал мегардад. Намруд даъвои худоӣ карда, алайҳи Худо ба ҷанг мепардозад, сӯйи Парвардигор-ҷониби осмон тир партоб менамояд, вале саранҷом аз дасти як пашша мемирад (1, 42):

*Чӣ нохуб аст дидори бузургон,*
*Шудан чун Юсуф андар чанги гургон.*
*Ҳама худ бадтар аз Фиръавни мағрур,*
*Чу Намруд аз пари як пашша ранҷур.*

*(Носири Хусрав)*

Тибқи тасвири нависанда Намруд аз дасти писараш ба мукофоти амали худ сазовор мегардад. Писараш ӯро ахта мекунад, то ки дигар аз камари ӯ даъвогари тоҷу тахти подшоҳӣ ва меросхӯр нарӯяд (1, 43).

Нависанда гоҳо аз номи образҳои манфӣ ривоятҳои мардумиро бо табдили номи қаҳрамонҳояш барои пурра кардани хати сужети асар истифода кардааст. Масалан, ба Дулдули ҳазрати Алӣ Ленинро савор мекунад. Чунончи, Гадо – писари Санами рундук мегӯяд, ки «*Дина рафиқ Ленин омад савори Дулдул (Ленине, ки кайҳо мурда буд. – Ҳ.М.). Дулдули рафиқ Ленин аз пистонҳои муборакӣ Крупская – ҳамсари вафодораш шир макидагӣ…» (1, 55).*

Дар ҷойи дигар нависанда аз номи охунди Муллосафар оид ба мазори Султон Увайси Қаранӣ (воқеъ дар ноҳияи Ховалинг) ҳикоят мекунад ва таъкид менамояд, ки ҷанозаи Султон Увайси Қаранӣ аз Арабистон парвозкунон омадааст. Сипас, оид ба чашмаҳои он – Шифо, Меҳр, Бахт ва Мурод бо муҳаббат ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

самимият ҳикоят мекунад ва ёдрас менамояд, ки ҳазрати Султон аз иззати модари бузургвораш ба чунин мартабаи авлиёӣ расидааст (1, 56).

Нависанда дар симои Гулсифат (Сифат) тимсоли занони меҳнатрӯзӣ, матинирода ва заҳматкаши тоҷикро таҷассум намудааст, ки дар мушкилтарин ҳолат низ назди фалаки каҷрафтор бечораналӣ намекунад ва аспи зиндагиро зӯран зин задаву савор мешавад. Вақте ки писари ягонаи Сифат – Зарифро ба ҷанг сафарбар мекунанд ва хати сиёҳаш меояд, ӯ дилашро бо рубоию дубайтихонӣ таскин медиҳад, бо забони шеър бо Зарифаш гуфтугӯ мекунад:

*Дур афтодиву аз ту хабаре нест маро, ҷони ширини очае,*
*Сӯхтай ҷигарам чорагаре нест маро, қуввати дили оча.*
*Дил мехоҳад, сӯйи ту парвоз кунам, ай лахти ҷигар,*
*Сад ҳайфу дарег болу паре нест маро, зиндаҷудои оча*
*(1, 75).*

Ҳатто лаҳзаи ба ҷанг гусел кардани Зариф низ Сифат дар миёни дӯсту душман зӯраш танҳо ба дубайтихонӣ мерасад ва оташи ниҳони дилашро бо шеър паст мекунад:

*Дилам гам дораду гам дорад имрӯз,*
*Миёни лола шабнам дорад имрӯз.*
*Намедонам бигирям ё бихандам,*
*Ки ҷонам қасди рафтан дорад имрӯз (1, 75).*

Нависанда ҳолати рӯҳии Сифати бемутаккову танҳоро хеле табиӣ ва воқеӣ тасвир намудааст, ки дар дил ҳавасҳо дорад, мехоҳад арӯси Зарифро фурорад, тӯю сур барпо кунад, овозхон сурудҳои «Шаҳ муборак шавад», «Устои ланги сартарош», «Ёр – ёр», «Шаҳи мо омад», «Барор – барор хушрӯта», «Гула овардеме» - ро хонаду ӯ рақсида, армон шиканад, Мирак (Хурӯс) рақси «Уштур ба чаман каркаландӣ»-ро иҷро кунаду ҳамаро хандонад, вале чӣ илоҷ, дасти норасо дорад. Ин аст, ки ӯ алами дилашро танҳо бо бунгакхонии шеърҳо мебарорад:

*Вой аз ману вой аз ману вой аз ҷонам,*
*Бачам нестай, ҷигараки бирёнам.*
*Мардумо меган: «Бачаҳакут меоя»,*
*Кай меоя? Дар тан намондай ҷонам (1, 82).*

Адиб бо тасвири образи Гавҳари умре бефарзанд ва шебу фарози рӯзгори нобасомони ӯ мардумро ба муҳофизати муҳити зист ва ниҳолшинонӣ даъват менамояд. Пирамарди Некном



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дилёбро ба боғи Гавҳар меорад, то ки аз тутҳои шинонидаи Гавҳар, ки пухтаанд, хӯрад ва сабад бофта, барои мардум тути мастак мебарад. Бо ин амалаш Некном ба Дилёб ва ҳамсолони ӯ гуфтанист, ки солмандон дарахт шинониданд, аз ҳосилаш шумо хӯрдед, шумо низ ниҳол шинонед ,то ки маҳсули меҳнататонро пасовандон истифода баранд.

Нависанда ҳолати равонии Гавҳарро тавре тасвир кардааст, ки ба ҳар як хонанда мавриди таваҷҷуҳи хос қарор мегирад. Ӯ дар дили кӯҳҳо синаи заминро шудгор намуда, боғ бунёд намудааст, гову мол парвариш кардааст ва ҳар як раҳгузарро ҳатман даъват намуда, сер мекунад,бо дасти худ хайру саховат менамояд. Гавҳар календ зада, мисли Гулсифат бо сурудхонӣ дилашро холӣ мекунад :

*Сари кӯҳи баланд рафтам ба вақте,*
*Ба оби дида биншондам дарахте.*

*Шамол омад, дарахтам решакан шуд,*
*Мани мискин надорам ҳеҷ бахте (1, 104).*

Бобои Некном ба Дилёб аз маҳорати пайвандкунии ниҳолҳо, ки Гавҳар анҷом медод, ҳикоят мекунад ва мехоҳад, ки Дилёб низ аз чунин ҳунари деҳқонӣ баҳраманд бошад.

Гавҳар аз он афсӯс мехӯрад, ки дар дил армонҳои зиёдеро мепарварид, вале имрӯз дасташ ба гиребони орзу намерасад:

*Ин моҳа бинен мерава лав – лави тег,*
*Дастум нараса моҳа гирум ай лави тег.*
*Ё домани моҳ гираму ё домани тег, дӯстони ширин,*
*Умри мани носуда гузашт, вой дарег (1, 89).*

Гавҳар гӯё тамоми ғаму дарди дунёро дар худ таҷассум намуда буд:

*Ғами олам ҳама реги биёбон,*
*Фалак барчиду бар домани мо рехт (1, 90).*

Нависанда образи Гавҳарро тавре офаридааст, ки дар симои ӯ меҳнатдӯстӣ, мушкилнописандӣ ва деҳқонзода будани бонувони тоҷикро таҷассум кардааст. Ин аст, ки Гавҳар танҳо бо кор худро хушбахту хушрӯз меҳисобад:

*Умрам рафтай, дилам хароб аст имрӯз,*
*Ду чашми сарам чун ҳавзи об аст имрӯз.*
*Мардумо меган: «Хоб бикун, ҷон накан»,*
*Эй бехабарон, чӣ ҷойи хоб аст имрӯз ? (1, 91).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гавҳар ба сабаби бефарзандӣ ҳамеша худро нокомилу нопурра тасаввур мекард:

*Чанги аҷало, маро ту дилхун кардӣ,*
*Дар рӯи замин зору ҳайрун кардӣ.*
*Зеби сари дасти модаро ширбӯяке,*
*Бераҳм, ту бубин, охирам чун кардӣ ? (1,* 98).

Нависанда дар байни образҳои Гавҳар ва Сифат як навъ ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангиро эҷод кардааст. Агар Гавҳар аз бефарзандӣ навҳа кунад, Сифат тобу тоқати дурии ҷигарбанди ягонааш Зарифро надорад ва бо овози баланд нола мекунад, писари аз чашм дуру ба дил қаринашро даъват менамояд, зеро барои гандумбодкунӣ агар кишоварз ба шамол эҳтиёҷ дошта бошад, ӯ пазмони Зариф аст:

*Шамол, биваз, ки хирмано бод шава,*
*Бачам, ту биё, ки дилакум шод шава.*

*Ман тӯй кунум, арӯс фурорум бари ту,*
*Армон шикана, хона обод шава (1, 105).*

Абдулҳамид Самад ҳолати рӯҳии Сифатро бо овардани дубайти зерин тавре тасвир кардааст, ки ӯ пазмони дидори фарзандаш аст, тобу тоқати дурии ӯро надорад, аз наомадани хату хабари Зариф сахт дар ташвиш ва таги дилаш сиёҳ аст, ҳатто аз боди сабо мадад меҷӯяд, ки аз писараш хабари хуш расонад:

*Бачам мегум дилам кабобай, дӯсто,*
*Дар ҳар мижаам қатраи обай ,дӯсто.*
*Бачам, мегум, дилам намегира қарор,*
*Эй боди сабо, хабари бачама биёр (1, 106).*

Нависанда баъдан Сифати ғамзада, мотамзада ва пару болшикастаро тасвир мекунад, ки Зарифи ӯ дар қатори ҳазорҳо тоҷикбачагони шохи ҷавонишикаста дар ҷанг ҳалок мегардад ва Сифат кулли бадбахтиҳои худро аз фалаки бебок, ситамгару ҷомакабуд мебинад:

*Фарёд зи дасти фалаки бебокам,*
*Афгор ту кардӣ синаи гамконам.*
*Заҳробаи сад дарду алам мехӯрдам,*
*Неше, ки задӣ, ба бод додӣ хокам (1,107).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нависанда манзараи гандумдаравии мардумро тасвир карда, ба ин васила барои рафъи хастагӣ ҳолати мандоғхонӣ кардани мардумро ба додааст:

*Сӯхтай ҷигарам, косаи об мебояде,*
*Э, ман догам ё дӯст…,*
*Дилхаста манам, кори савоб мебояде,*
*Э, ман догам ё дӯст (1,151).*

Дилёб – ҳисобчии бобои Некном чун Салими садкора ба даравгарон кӯтали Дамгиракро паймуда, аз чашмаҳои Курушак, Заранг ва Замбӯрак об меоварад, гаҳвора меҷунбонад… Ҳамон кӯтали Дамгираке, ки халқ маҳз ӯро васф карда:

*Эй кӯтали Дамгирак, дамакма бигир,*
*Эй духтари ҳамсоя, дастакма бигир.*

Тибқи тасвири А.Самад Дилёб низ қалби орзупарваре дорад. Ба дили ӯ гаҳо ба ҷойи ҳузну алам ишқу муҳаббат низ роҳ меёбад:

*Ҳо-о-й духтар, духтаре сагераи бодӣ манам,*
*Ҳо-о-й, болои синат хурӯси фарёдӣ манам* (1,160)-

мегӯяд ӯ. Ҳатто нависанда аз номи Мираки талхзабону ҳақталош баъзе шеъру алфози фаҳши халқиро низ овардааст (1,170,179).

А. Самад писаракеро ба қалам додааст, ки ӯро мор газидааст. Мирак ҷойи моргазидаро болотар мебандад, то ки заҳр ба тамоми ҷисми кӯдак кора накунад. Баъдан ҷойи моргазидаро бо корд чок карда, хунашро макида, туф мекунад (1,198). Сӯфӣ Абдураҳим афсун мехонад ва писаракро аз марг мераҳонад. Нависанда ба ҳамин муносибат мақоли «Илми банда хару гова мебанда»-ро низ зикр кардааст.

Нависанда дарду доғи мардуми ҷангзадаро ба қалам дода, онҳоро дар ҳолате тасвир кардааст, ки аз як тараф, фарзандонашонро талаф додаанд, аз тарафи дигар, тамоми дору надорашонро ба ҷанг фиристода, худ бе ризқу рӯзӣ мондаанд. Нависанда мардумро мотамзада ва деҳаҳоро аз наҳси ҷанг чун мотамсаро ба қалам додааст. Ба қавли кампири Сифат ба Дилёб « - Медонӣ ? Ҳатто саг аз ғаму дарди мо ба танг омад, аз ҳавлӣ, аз деҳа гурехт» (1,219):

*Хокистари кӯйи ҷанг шамол бод кунад,*
*Ман – кампири бечорара кӣ ёд кунад ?*
*Кампиройи бачадор дар тахти зарин*
*Ман – кампири бебача сарам ба замин (1, 218)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мӯйсафеди Некном ҷанг, гуруснагӣ ва мушкилоти рӯзгори мардумро аз бархостани девбоди наҳси замон медонад. « - Девбоди замон бархост! Дар гардиш аст девбод, - мегӯяд ӯ – ҳамон девбоди наҳс чанд аср дар куҷое хуфтаву гӯру гум буд. Зормонда баъди шӯру шарри охирон бо касофати ношукрии мардум боз ҷунбишу гардиш сар кард. Дигар одаму олам дар чанги девбод мисли хасу хошок аст... Ҳамин девбод қавми мӯру малаха, фавҷ – фавҷ бераҳму бедиёната дар олам паҳн, соҳиби ҳукм кард. Дорову нодора хизматгори паси дар, бозичаву дастнигар кард (1, 207).

Нависанда дар симои Сифат занони берӯзиву бахтбаргаштаи замони ҷанги ҷаҳониро тасвир кардааст, ки баъди гирифтани хати сиёҳи ҷигарбанди яккаву ягонааш Зариф аз ягона муттакову дастёру қуввати дилаш, сағераи бекасукӯйи Дилёб низ ба сабаби ба ҷанг сафарбар шуданаш ҷудо мешавад. Оҳу нолаи Сифат ҳини гусели Дилёб ба ҷанг то ба фалак дакка мехӯрад:

*Фалак доду фалак доду фалак дод,*
*Фалак аз дасти ту сад доду бедод.*
*Аз он рӯзе, ки тақдир менавиштанд,*
*Қалам бар бахти ман ёрӣ намедод (1, 250).*

Дар китоби дуюми романи «Гардиши девбод» низ нависанда аз қадамҷои бузургони илму адаби тоҷик бо шарофати зиёрати Насиму Имом (2, 70) аз мақбараи Шақиқи Балхӣ дар Себистон ва Мавлоно Тоҷиддин дар Корези Данғара дар истиснод бо «Тазкират-ул-авлиё» ва асари Ғолиб Ғоибов «Мазорҳои Мавлоно Тоҷиддини Дашти Клуанӣ ва шайх Шақиқи Балхӣ дар ноҳияи Данғара» ёд мекунад, ҳудуди Корез ва мазори Ғарибакҳоро шаҳри қадимаи Тамлиёт медонад (1, 79), ки дар натиҷаи ҳуҷуми Бӯритегини турк дар нимаи 2-юми асри XI хоку тӯроб мешавад ва нависанда таъкид мекунад, ки «Лолаҳои даштҳояш гӯё аз хуни шаҳидон медаманд» (2, 78).

Нависанда аз забони Дилёб ва аз қавли Сифат афсонаи «Дод аз дасти одам»-ро ҳикоят мекунад. Марди гандумгуне бо зани сафедпӯсте ҳамхона мешаванд, вале хушбахтии онҳо дер напоид, зеро азоби беғаслӣ мекашиданд. Мард дар баробари хасисӣ, боз санд (беғасл) низ буд, вале доим айши завҷаашро барои бефарзандӣ талх мекард. Зан ба Худо оҳу нолаву зорӣ кард ва обистан шуд. Тифоқо аз батнаш тифли балохӯре афтод, ки хонумони марди хасисро хӯрд ва аз дасти он дар боло осмон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

монду дар поин замин. «Моли хасис- фоидаи бебок» гуфтагӣ барин марду зан аз ин ҳолат талхакаф шуда мурданд. Бинобар Сифат муътақиди он аст, ки «Фарзанди нохалаф, сиёҳкору бадрафтор ҳамон меваи талх, захми носур, доғи рӯзгори падару модар, балки пайвандону як диёр мешавад» (2,23).

Абдулҳамид Самад бо овардани ривояти Ҳазрати Мӯсо мардумро панд медиҳад, ки аз азияти якдигар паҳрез кунанд, ҳатто мӯреро озор надиҳанд. «Ҳазрати Мӯсо дар биёбон дар сояи буттае мехобид, - мегӯяд адиб. – Баногоҳ аз сӯзиши ҷонгоҳ панҷа ба банди дасту по зада, молид. Сипас, бархеста, чашм кушода дид, ки аз зарба ва молиши кафи дасташ мӯрчаи зиёде мурдааст. Ҳазрати Мӯсо аз ин ғамгин ва хиҷил шуд ва ашкрезон ба даргоҳи Худо нолид: «Эй Худованди ҳамабину ҳамадон, як мӯрча ба поям неш зад, лекин мӯрчаи зиёд бо дасти ман беҷон шуд. Фардо рӯзи қиёмат ман ба ин гуноҳи азим чӣ хел ҷавоб мегӯям?» Аз арш посух омад: Як кас гуноҳ мекунад, сад кас озор мебинад. Ана, ҳамин хел ҷафои гуноҳи як бар сад, сад бар ҳазор мерасад» (2,89).

Ногуфта намонад, ки Абдулҳамид Самад дар романи «Гардиши девбод» барои фардӣ кунонидани забони образҳои асараш аз зарбулмасалу мақолҳо ва калимаву иборaҳои мансуб ба гӯйишҳои мардуми минтақаҳои Ховалингу Сари Хосор ва Балҷувони Кӯлоб фаровон истифода кардааст. Корбасти зарбулмасал ва мақолҳои «Одам аз бекорӣ хору латта, аз хизмат сабзу катта мешавад» (1, 24), «Нон дорӣ, ном дорӣ, фатир дорӣ, хотир дорӣ» (1, 30), «Саг бошад ҳам, аз они худамон аст» (1,30), «Ҳазор навозиш кунед ҳам, саги ганда аз феълаш намемонад» (1, 31), «Пӯсташа ман дар гузари Чармгари Кӯлоб мешиносам» (1, 35), «Пушти боя бину рӯйи камбағала не» (1, 39), «Саги ганда аввал пойи соҳибаша мегирад» (1, 59), «Битарс аз касе, ки натарсад аз Худо» (1, 59), «Чашми зангиру аспгир кӯр аст» (1,65), «Каҷукилебии шутуру паҳнии сангпушт барояшон ҳусн аст» (1, 66), «Хас каму ҷаҳон пок» (1, 70), «Ҳар кор тов дораду осиё нов» (1, 161), «Шутура ба кафлес об намедиҳанд» (1, 163), «Саги ганда аз гандумбирён ҳам умед дорад» (1, 172), «Аз оғили холӣ гови шохзан беҳ» (1, 191), «Ба ҳар ош нахӯд нашав» (1, 191), «Дар олам мард намонд, ба буз Абдукарим ном монданд» (1, 191), «Сад сар ҳам сару як сар ҳам дарди сар» (1, 198), «Илми банда хару гова мебанда» (1, 199), «Шайтон ноумед, банда баумед» (1, 206), «Дунё аз они зӯр шуду тамошо аз они кӯр» (1, 262), «Нимтаи нон –



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

роҳати ҷон» (1, 263), «Аз бод борону аз шӯхӣ ҷанг» (2, 5), «Аз ин гӯшам ба он гӯшам, ба бобои чапаргӯшам» (2, 8), «Девор муш дораду муш гӯш» (2,13), «Аз Ҳиндустон хабар меояду аз гӯристон не» (2,51), «А-б-т-маориф пула те» (2, 30), «Ба умеди Худо ҳам шаву буттаро маҳкам бидор» (2, 32), «Аз ту ҳаракат, аз ман баракат»» (2, 32), «Доси нава дамаш тез» (2, 39), «Аз пашша фил насозед», «Об тарафи реша мекашад» (2, 70), «Дили ғариб арши Худост» (2, 76), «Эҳтиёт – нисфи ҳаёт» (2, 98) ва монанди инҳо ҷаззобияти асарро таъмин намудаанд.

Нависанда калимаву ибораҳои рехтаву суфтаи дар шеваҳои ҷануби Тоҷикистон мустаъмалро дар «Гардиши айём» хеле моҳиронаву баҷо корбаст кардааст. Истифодаи вожаҳои *нуқ назад* (1,59, хомӯш истод), *агане* (1,75, вагарна), тути *мастак* (1,104, пухтарасида), *ширбӯяк* (1,98, тифл), *гадоишхӯр* (1,118, зани акнун бордоршуда, ки ба ягон хӯрданӣ майли том дорад), *рагд* (1,119, андова, ловидан), *таргаф*а (1,119, як навъ хӯроки таъҷилии саританӯрии иборат аз об, намак, гиёҳҳои кӯфта ва нони дастсӯз), *барзолаънат* (1,124, лаънатӣ), *ҷаҳманд* (1,124, ошиқи зан, ҷӯра), *наргул* (1,127, киноя аз марди ҳузарб), *пуп* карда нишастан (1,131, хомӯш нишастан), *нигас* (1,135, пориса), *калапо* рафтан (1,159, сарнишеб рафтан), *қанҷиқ* (1,172, саги модина), *софиятӣ* додан (1,174, бегуноҳиро тасдиқ кардан), *гажд* (1, 177, ифлос*), теф* (китф, 1,191), *патуник* (1,195, гулпарак), *бонгак* (1, 218, гиряи пасти садодор), *чапкандӣ* (1,232, истгоҳи саҳроӣ), *чиба* (1,220, чаро), Некном *воре* (1,222, мисли (монанди) Некном), *фус* нагуфтан (2,7, овоз рушан накардан, хап нишастан), *ганак* (1, 171, болоиҳам чидани дарзаҳои гандум), *чолов* (2,76, дӯғоб), чашми мардум ба якдигар *эл* нест (2,5, дӯст нестанд), *ливик* (2,58, чӯби нимсӯхта) ва монанди инҳо як навъ фардияту ҷаззобияти забону услуби қаҳрамонҳои асарро таъмин кардаанд.

Чизи дигаре, ки халқияти асарро пурзӯр кардааст, ин истифодаи лақабҳои одамон аст. Нависанда зиёда аз 42 нафар персонажҳои асарашро бо лақабҳояшон номбар кардааст. Гадо – болшевой, Санами рундук, Сафои Афлотун, Азизи майлис, Шодии баландкаш, Сурхи Кабир, Сӯфӣ Абдураҳим, Рашид – бизнесмен, Султони зард, Ризвони шикам, писари фисини Ғул, Ҳакими Афлотун, Мирзоназари муаллим, Темури ланг, шайхи Муллонур, Алӣ – бозаргон, Махдуми Санги кулула, Бӯритегини



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

турк ва дигарон маҳз бо лақабҳояшон барои хонанда шавқангезу дилнишин ва хотирмонанд.

Ба ҳамин тариқ, хулосаи нависанда аз романи «Гардиши девбод» аз он иборат аст, ки дар ҳамаи давру замонҳо халқ ҳамчун қаҳрамони асосӣ ва неруи шикастнопазир боқӣ мемонад ва дар мавриди пойдории ваҳдати миллӣ ва қавӣ будани ҳисси Худогоҳии миллии ватандорон ҳеҷ девбоди замон рӯҳи халқро шикаста наметавонад.Истифодаи адабиёти бойи мардумӣ, корбасти вожаҳо ва гӯйишҳои халқӣ чун хазинаи моломоли дурдонаҳои пурқимат барои рангорангии фардияти забони қаҳрамонҳои романи «Гардиши айём» хидмат кардаанд.

**Адабиёт:**


1. Абдулҳамиди Самад. Гардиши девбод .Китоби 1. – Душанбе: «Адиб», 2007, 568 с.
2. Абдулҳамиди Самад. Гардиши девбод . Китоби 2 (Роман ва қисса). -Душанбе: Адиб, 2016, 400 саҳ.


## 2.7.АРҶНОМАИ СИТОИШИ АСП ВА ШАҲСАВОРИ ОН

*Битозад агар аз камини сухан,*
*Намонад замин дар замини сухан.*
*(Мирзо Абдулқодири Бедил)*

Асп аз рӯзи бино шудани дунё ва пойбарҷо гардидани ҷомеаи башарӣ ба бани одамӣ, махсусан барои мардон баробари ҳамсари ҳаётиашон чун шаҳпар хизмат карда меояд. Ҳамин ҳамбастагӣ ва рисолати тавъам миёни инсон ва асп боис гардид, ки асп аз рӯйи фаросат ва табиати офариниш то ба мартабаи «солори чаҳорпоён» (Умари Хайём), болу пари родмардон ва сутуни бақои давлат эътироф шавад. Ҳатто ба қавли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «… ин аспҳо гаҳвораи нахустини давлату давлатдории тоҷиконро ба ҷунбиш оварда, дар ташаккули тамаддун ва давлати тавонои Бохтару Суғд хизмати арзандае кардаанд» (1,65). Бинобар ин аз китоби муқаддаси «Авесто» ва «Қуръон» сар карда, то ба сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва ривоятию шифоҳӣ, хоса осори адибони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

классикӣ ва муосири тоҷик мавриди тасвир ва тавсифи афроди дилгоҳу фарҳехтаи миллат гардидааст.

Дар иртибот ба ин Давлат Сафар дар «Достони асп» (2) ҳамчун идомадиҳандаи кори бузургони илму адаби пешин кулли вижагиҳои аспро бисёр зебо ва хотирмон ба риштаи тасвир кашидааст. Асар дар шакли манзума иншо шуда, бо хати кириллӣ ва расмулхати бобоӣ чоп шудааст.

Аз мутолиаи манзума бармеояд, ки Давлат Сафар барои эҷоди «Достони асп» аз осори илмию адабии перомуни ин солори чаҳорпоён иншошуда хуб огоҳ аст. Боби шашуми осори Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих»-ро унвонии «Қаноти мард ва сутуни пойдори давлат» (1), пажӯҳишҳои муаллифони ин сатрҳоро бо номҳои «Шаҳпари инсон» (3), «Тасвири ҳамбастагии қисмати инсон ва олами ҳайвонот (дар мисоли асп) дар адабиёти форсу тоҷик» (4), «Конь в пространстве персидско – таджикской литературы» (5), «Мазмун ва мундариҷаи маснавии Мирзо Абдулқодири Бедил «Фараснома» (6) ва дигаронро дақиқ мутолиа кардааст, аз васфи ин ҳайвони дилқарини мардум дар китобҳои «Авасто» ва «Қуръон», аз симои асп дар нақлу ривоятҳои мардумӣ, суруду афсонаҳо, зарбулмасалу мақолаҳо, чистон, дубайтиву рубоиҳои халқӣ, аз сувари аспони размӣ дар ҳамосаи қаҳрамонии «Гӯрғулӣ» ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ҷойгоҳи асп дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус ва «Наврӯзнома»-и Умари Хайём, аз тавсифи таковар дар қасоиди Манучеҳрии Домғонӣ ва Анварии Абевардӣ, достонҳои Низомии Ганҷавӣ, аз бозтоби асп дар осори Ибни Сино, ҳикоятҳои «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, оиди «Қасидаи доғгоҳ»-и Фаррухӣ, ҳикоятҳои «Тоҷир ва кушта шудани аспи модаи шахсе аз аспии тоҷир» аз достони шаби нуздаҳуми «Тӯтинома», ҳикояти «Ёддошт дар бораи рассом Беҳзод ва сурати Навоӣ» аз «Бадеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Восифӣ, ашъори ба ин масъала ихтисосдодаи Саъдии Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, ҳаҷвиёти Абдураҳмони Мушфиқӣ, Сайидои Насафӣ, «Мадҳияи узрхоҳӣ ба ташбиби асп»-и Шамсиддини Шоҳин, шеъри «Сифати асп» аз «Фарҳангнома»-и Ҳазини Лоҳиҷӣ, ғазали устод С.Айнӣ «Ин абраши зебо ҷӣ бало тезхиром аст…» ва дигарон ба хубӣ хабардор аст. Махсусан аз мавҷудияти зиёда аз 90 фарасномаи манзуму мансур огоҳӣ дорад. Аз ин шумул маснавии «Аспнома»-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Фарснома»-и манзуми Фахриддин Алии Сафӣ ва махсусан «Фарснома»-и Мирзо Абдулқодири Бедилро дақиқ мутолиа кардааст. Давлат Сафар оид ба осори манзуму мансури ба мавзӯи асп бахшидаи адибони муосири тоҷик низ маълумот дорад. Аз манзума бармеояд, ки достони «Ҳасани аробакаш»-и Мирзо Турсунзода ва романи нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов «Алвидоъ, Гулсарӣ», шеърҳои Муъмин Қаноат «Гули бодом», «Шеъри қазоқ», Бозор Собир «Асп», Лоиқ «Рӯҳи Рахш» ва «Охирин ҷанги Рустам», Гулрухсор «Нома» ва «Як асп, як саманд», Гулназар «Чу Фирдавсӣ ҳанӯз аз кини Маҳмуд» Ҳақназар Ғоиб достони «Сурӯши Хатлон» ва шеъри «Мероси аспи хатлонӣ», Сафар Маҳмуд шеърҳои «Таманно», «Пайкараи Исмоили Сомонӣ», «Аспи хатлонӣ» ва «Қиссаи кӯҳи Фурӯш ва ангораи шоҳи Куруш», Салимшо Ҳалимшо манзумаи «Аспи сафед», Раҳмат Назрӣ шеърҳои «Аспи ҷувоз», Сайдалӣ Маъмур «Чавандоз», Салими Зарафшонфар «Аспи вораста» ва Гулчеҳра Сулаймонӣ шеъри бачагонаи «Аспак» ва дигаронро бодиққат мавриди омӯзиш қарор додааст. Таълифоти мансури перомуни ин мавзӯъ иншокардаи нависандагони тоҷикро аз ҳикояи «Аспи ҷанговари ман»-и Ҳазратқул Файзиев сар карда, то қиссаи Абдурафеъ Рабиев «Аспи охирин» ва ҳикояи «Байтал», қиссаи Абдулҳамид Самад «Аспи бобом, ҳикояҳои Баҳманёр «Аспи обӣ» ва «Аспи зарринёл», Фазлиддин Муҳаммадиев «Аспи суғурта», Сипеҳри Ҳасанзод «Бозгашти аспи даҳмарда», Равшани Ёр «Аспи ҷувоз», повести хурди Салими Зарафшонфар «Шоҳасп», ҳикояи Маҷид Салим «Шиҳаи асп», очеркҳои Раҷаб Мардон «Аспа озор надеҳ» ва «Достони асп» ва дигаронро чуқур мутолиа кардааст.

Ба манзума Шермуҳаммад Шоҳиён, раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз фарзонамардони ҳаводору дӯстдори асп пешгуфтори муфассал навишта, дар он тасвири ин ҷонвари зебову дилкарини мардумро дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ, аз аҳди қадим то имрӯз мавриди таҳлил қарор додааст. «Гузаштагонамон дар доду ситоди ҳамарӯза зиндагии хешро бе асп тасаввур карда наметавонистанд. Аспдориву аспсаворӣ мояи ифтихору ҷавонмардӣ ба ҳисоб мерафт – таъкид менамояд Шермуҳаммад Шоҳиён» (2,5). Мавсуф дар фуроварди пешгуфтораш ба манзумаи мазкур» баҳои баланд дода, таъкид менамояд, ки Давлат Сафар «… тавонистааст бо маҳорати хеле



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

баланд ва гуфтори гуҳарбори худ авсофи ин ҷонвари зеборо моҳирона, нозукбинона рӯи коғаз биоварад» (2,9).

Аз мутолиаи муқаддимаи достон бармеояд, ки шоир «Достони асп»-ро таҳти таъсири маснавии «Фарснома»-и Мирзо Абдулқодири Бедил иншо кардааст:

*Чу хондам зи Бедил Фарасномаро,*
*Ба ҳар ранг маънӣ диҳад хомаро(2,12).*

Давлат Сафар бо истифода аз вожаҳои дар «Фараснома» корбастнамудаи Бедил «бонги ҳайрат», «замин», «гардун», «нафас», «фарас» ва ғайраҳо ба тавсифи асари Бедил мепардозад:

*Назар бонги ҳайрат заду сеҳр гашт,*
*Ҳама дида шуд меҳру бар дил гузашт.*
*Чӣ тасвирҳо ба ҳам оварид,*
*Зи шамъи фурӯзанда моҳ офарид.*
*Заминро ба гардун бичаспондааст,*
*Фарасро ба паҳули моҳ мондааст.*
*Ба ҳар тори ёли фарас маънӣ аст,*
*Ба оҳанги ҳар як нафас маънӣ аст.*
*Кушодаст Бедил гиреҳ аз сухан,*
*Фарасро бо мазмун ба ҳар узви тан (*2,12).

Шоир манзумаашро бо бахши «Шаҳсавор», ки сипосномаи асп ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ҳусни оғоз мебахшад. Давлат Сафар бо истифода аз санъати ташхис аспро ба сухан медарорад. Ин қаноати мард ба тавсифи шаҳсавору зимомдори нотакрораш забони васф мекушояд ва беҳтарин суханҳоро дар ҳаққи эшон арзонӣ медорад. Воқеан, пеш аз Давлат Сафар беҳтарин абётро, ки аспи хуталӣ ва шаҳсавори он- Пешвои миллатро дар ҳамбастагӣ васф кардааст, шоири шодравон Сафар Маҳмуд дар шеъри «Пайкараи Исмоили Сомонӣ» арза доштааст:

*Аспи хуталӣ ҷунбид, гардаш зи Бухоро хест,*
*Аз шиҳаи барқи ӯ рангинкамон рахшон.*
*Чун рег ҳама туркон бастанд дари сомон,*
*Бикшод дари дигар Эмомалии Раҳмон (6,101).*

Дар тасвири шоир аспи Ҷаноби Олӣ аспи оддӣ нест (агарчи шоир номи онро ёд накардааст), аспест, ки ба қавли имом Ғаззолӣ гӯем,дар натиҷаи тарбият хулқу хӯйи одамӣ гирифтааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бинобар ин асп аз он шукргузор аст, ки фалак ба болои вай чунин шаҳсавореро нишондааст:

*Фалакро чӣ гӯям, ки дар ин саро*
*Чу ӯ шаҳсаворе набошад маро (2,13).*

Ҷонвар ба ҳамтоёнаш муроҷиат карда, таковари Пешвои миллат барин шахс шуданро шараф медонад:

*Ба ҳамто намоям ҳамин роз фош,*
*Агар асп бошӣ, ба ӯ асп бош (2,13).*

Баъдан асп шарафёби савории чунин шахс шуданро дар он мебинад, ки аз нигоҳи меҳрбору бунёдкори Пешвои миллат хазон баҳор мешавад ва ба фарас шаҳомат мебахшад. Бинобар ин агар Пешво ба болои зинаш нишинад, таҷаллии яздонии нури рӯяш солори чаҳорпоёнро зебу фар мебахшад:

*Ба болои зинам нишинад агар,*
*Шавад нури рӯяш маро зебу фар (2,13).*

Давлат Сафар дар истинод бо қаринаҳои мардумӣ, ки гӯё асп аз Худо пагоҳӣ то нимрӯзӣ ризқи худро ва баъдан то саҳар рӯзии соҳибашро талаб мекунад, савории Ҷаноби Олӣ низ ба даргоҳи Худованд илтиҷо мекунад:

*Макун кам зи лутфат даме сояаш,*
*Биафзой меҳри гаронмояаш.*
*Чу ӯ тахтзебе набошад дигар,*
*Набошад ба дарде чу ӯ чорагар (2,13).*

Безабон барои он ба Ҷаноби Олӣ арҷ мегузорад, ки ӯ ватандӯсти асил аст ва ҳамватанонро даъват мекунад, ки аз эшон дарси ватандорӣ омӯзанд:

*Ватандорӣ аз ӯ биёомӯхтан*
*Бувад дар баҳои ҳама илму фан (2,15),*

зеро азхудгузарӣ ва диловариҳои мавсуф сазовори садҳо достон аст:

*Чӣ дидаст ба сар чун як достон?*
*Ки ҳар тори мӯяш бувад қаҳрамон (2,15).*

Чунки Пешвои миллат дар мушкилтарин ҳолатҳо бо дасти тавонои худ халқи дар гирдоби бало афтодаро берун кашид, ватанро аз гирдоби бало раҳо кард, сӯйи ятимону дармондагон ва пирони барҷомонда дасти меҳру муҳаббат дароз кард, мисли офтоб дилҳои тангу торики азиятдидагони миллатро нуру зиё бахшид. Бо мухолифини давлат сари мизи гуфтугӯ нишаст ва бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

каломи меҳрбору боварибахши худ душманонро дӯст гардонид. Ҳатто ёғиёни миллат, ободкорӣ, меҳру шафқат, ятимнавозӣ ва ҷаҳди давлатсозии эшонро дида,  пешаш сари таъзим фуруд оварданд:

*Бифаҳмид золим аз ин фол раҳм,*
*Канор омад охир зи паҳнои ваҳм (2,15).*

Солори чаҳорпоён ифтихор дорад, ки ӯ зери рони шаҳсавори сазовор қарор дорад:

*На ҳар кас чу ӯ шуд маро шаҳсавор,*
*Аз ин бахт дорам ба ҷон ифтихор (2,16).*

Аспи Пешво мефахрад, ки мисли Шабдизу Дулдулу Рахш, ки таковарони писандидаву эътирофшудаи Хусрави Парвиз, Ҳазрати Алӣ (р) ва Рустами Достонанд, ӯ савории писандидаи Пешвои миллат гардидааст. Итминони комил дорад, ки Гулгуни Ширин низ назди ӯ сари таъзим фуруд хоҳад овард, зеро зинсавори ӯ Пешвои муаззами давлати Тоҷикистон аст:

*Чу Шабдизу Дилдул гузорам қадам,*
*Ку он Рахш, бинад сазовориам?!*
*Куҷояст Гулгун, ки бинад маро,*
*Бубинад марову бихонад сано (2,17).*

Ҷонвари безабон шукргузор аст, ки бо шарофати шаҳсавораш соҳиби шуҳрату шон гардидааст:

*Раҳи шуҳрат аз қудраташ ёфтам,*
*Зафармандӣ аз нусраташ ёфтам (2,16).*

Давлат Сафар шоҳбайти Шамсиддини Шоҳинро, ки фармуда:

*«Онҳо, ки зи бахт подшоянд,*
*Ақли кулу сояи Худоянд»*

ба таври худ хеле ихчаму зебо такрор кардааст:

*Касеро, ки гардад буҷул аспхез,*
*Ба сӯяш набояд нигоҳи ситез (2,16).*

Махсусан Давлат Сафар шаҳсаворро аз номи солори чаҳорпоён хеле олӣ мадҳ кардааст, ки аз ҷиҳати зебоии тасвир, ҳунари шоирӣ ва воситаҳои баён қобили таҳсин аст:

*Дили шаҳсаворон чу оина аст,*
*Ки саршори меҳреву бекина аст.*
*Ҳузураш бигардад агар бори зин,*
*Шавад шеди олам аз ин шармгин.*
*Фаромӯш созад тулуъу гуруб,*
*Наёбад раҳашро чу ҳаррӯза хуб.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Фари манзалатро ба болои зин,*
*Надидаст ҳаргиз касе инчунин (2,18)*

Шоир бо тафохур аз номи асп иброз медорад, ки агар ҳаким Фирдавсӣ ин замон зинда мебуд, баробари Рустам васфи шаҳсавору зимомдори бовиқору солори ӯро мекард:

*Гаҳе шаҳсаворам кушояд ҷабин,*
*Чу Рустам нишинад ба болои зин…*
*Буд он пири тӯсӣ агар ин замон,*
*Суханро ба васфаш ҳамедод ҷон (2,18).*

Шоир дар фуроварди бахши мазкур аз номи василаи сафари шаҳсавор ба даргоҳи Худованд шукргузор аст, ки ӯ тани чунин фарзонамардро мекашад:

*Сарафрозам аз ту, аё Кирдигор,*
*Бикард насибам чунин шаҳсавор! (2,18*).

Бояд гуфт, ки бо истисноии бахши аввал «Достони асп» ба маснавии «Фараснома»-и Бедил то андозае ҳамоҳангӣ дошта, мисли асари мазкур дар баҳри мутақорибои мусаммани мақсур ва маҳзуф (фаӯлун, фаӯлун, фаӯлун, фаӯл (фаул) эҷод шудааст. Агар «Фараснома» аз 780 мисраъ иборат бошад, «Достони асп» шомили 594 байт аст. Агар Бедил сар, гардан, ёл, фарбеҳӣ, пешонӣ, даҳону дандон, чашм, гӯш, дам, мӯй, дум, сум ва овози аспро мавриди тавсиф қарор дода бошад, Давлат Сафар аз васфи фарбеҳӣ, гӯш, дам ва мӯйи асп сарфи назар намуда, ба ҷойи онҳо ба тавсифи ракс, қафаси сина ва сағрин, тан, шири асп, ҳадиси асп, соли асп ва сипоси асп ба Худованд забони таҳсин кушодааст.

Шоир тасвири андоми аспро аз лаҳзаи рақсидани он ҳусни оғоз мебахшад. Лаҳзаҳои ҷавлони асп, гарданзаниҳо ва хирому чархидани аспро мувофиқ ба савти мақом медонад. Барқи чашмон, ҷилваи ҷудогонаи пову сар, махсусан лаҳзаи пойкӯбию таҷалии зебои амвоҷи ёли аспро мисоли зулфони сиёҳи хубрӯён ва ба нозу ишва қадаммонии аспро хеле ҷолибу хотирмон ба қалам додааст. Лаҳзаи хиромидани асп дар тасвири Давлат Сафар то андозае шеъри Бедилро ба ёд меорад:

*Нигаҳ реб – ребу қадам реб – реб,*
*Ку аргуштсозе чу ӯ саҳназеб? (2,28).*

Ба ин монанд Абдулмаонӣ лаҳзаи қадаммонии аспро хеле дилрабо ба риштаи тасвир кашидааст:

*Ба ҳар гом, к-ин нозанин мезанад,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Чу мастон қадаҳ бар замин мезанад.*

*Чу бар рақси он сум нигоҳ афканад,*
*Кабутар муаллақ ба чоҳ афканад (7,803).*

Ё Бедил думи аспро ба парчам монанд намуда, нисбат ба ҷилваи думи товус афзалият додааст:

*Думи ӯ ба ҳар ҷо алам мешавад,*
*Сари тоқи товус хам мешавад (7,803).*

Давлат Сафар низ дар чунин лаҳза аз Бедил гӯйи сабқат рабудани мешавад:

*Думаш ҳалқа – ҳалқа ба боло шавад,*
*Ҷилои бирешим аз он во шавад (2,28).*

Давлат Сафар ҳар мӯйи аспро ба ёла (теппа) ва ду гӯши тобони онро ба лола монанд кардааст, ки ба гумони ғолиб дар қиёс бо Бедил то андозае ташбеҳи ноқис аст:

*Ки ҳар мӯи ёлаш бувад ёлае,*
*Ду гӯш аст тобон чун ду лолае (2,28).*

Вале бубинед, Бедил ду гӯши аспро гаравтозикунанда бо боди сарсар (сахт), ду мактуби печидаи аз имтиҳонгузашта ва бо ду теғи бурро монанд кардааст, ки хеле ташбеҳҳои равшану зебоанд:

*Гузаштаст аз арсаи имтиҳон,*
*Ду тег аз сари кӯҳи нӯки синон (7,801).*

Дар қисмати дигар, агар Бедил ёли аспро бо мор, каманди дил, зулфи Лайлӣ ва турра нисбат диҳад,

*Чи ёлу чи кокул каманди дил аст,*
*Раҳоӣ аз ин домҳо мушкил аст.*
*Замоне, ки доманкашон меравад,*
*Ба по зулфи Лайлӣ кашон меравад (*7,797),

Давлат Сафар низ дар ин маврид ташбеҳҳои тоза меҷӯяд, тасвирҳои обнарасидаро корбаст месозад:

*Ба болои гардан чу бар теғи кӯҳ,*
*Занад панҷа гӯё ки шеди шукӯҳ…*
*Ту гӯӣ, ки ин дам ба чач моҳӣ аст,*
*Зиёфат ба хоне, ки он шоҳӣ аст (2,30).*

Дар тасвири думи асп ҳунари шоирии Давлат Сафар дар он зоҳир гардидааст, ки ӯ баъди чунин тавсифҳои зебои Бедил сухани нав дар васфи думи асп ёфтааст. Бинед, онро ба чолбанди бонувони раққос монанд кардааст:

*Гаҳе чолбанде ба рақсидан аст,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дар ӯ чархзанро гаҳе дидан аст (2,34).*

Агар Бедил думро ба ҳарфи мим ва сумро ба сину соғар ташбеҳ дода бошад (*Макаш дил зи думболаи мими дум, Машав ғофил аз соғари сими сум* – 7,803), Давлат Сафар лаҳзаи хиромидану чарс – чарс помонии аспро ба сози дилнавози мусиқӣ нисбат додааст:

*Бувад чарс – чарси садояш чу соз,*
*Чу созе, ки бошад аҷаб дилнавоз.*
*Муғаннӣ чунин соз бояд навохт,*
*Ки дар савти зарбаш бувад бурду бохт (2,41).*

Бедил ва Давлат Сафар ҳини наззораи хами гардани асп хами абру ва баноғӯши хубонро ба ёд меоранд:

Бедил:

*Хиромад ба он гардани ноз маст,*
*Насими баҳорӣ суроҳӣ ба даст (7,796).*

Давлат Сафар:

*Баландии гардан танумандӣ аст,*
*Ки он такягоҳи фараҳмандӣ аст (2,42).*

Давлат Сафар ба аспи тануманд ва гарданбаланд арҷ гузоштааст, вале Бедил хеле оличаноб лаҳзаи гарданзанон ва нозкунон чун кабк хиромидани аспро ба ринди масти дар баҳор суроҳибадаст монанд кардааст, ки ин байт бо маънои томаш шеъри олӣ аст.

Давлат Сафар забон бар васфи қафаси сина ва сағрии асп кушода, сағрини аспро воситаи оромиши савора ҳангоми мисоси даст донистa, онро яке аз муҳимтарин узвҳои асп мешуморад:

*Аз он қавси сағрин бихон розҳо,*
*Қанат баркушояд ба парвозҳо (2,47).*

Давлат Сафар сар ва тани аспро тараннум намуда, онро минбари сухангӯ номидааст:

*Сару гардани ӯ ба болои тан,*
*Бувад минбаре, ки бигӯяд сухан (2,51).*

Бедил бошад, лаҳзаи болою поин сар афкандани аспро барқи ҷорӯби оташбадаст меномад:

*Сар афканданаашро маяндеш паст,*
*Ки барқест ҷорӯби оташбадаст (7,803).*

Ин лаҳзаро Давлат Сафар низ аҷиб бозгӯ кардааст:

*Ба поин чу сарро биёрад фуруд,*
*Бигӯяд садояш санову дуруд (2,59).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мутаассифона Давлат Сафар аз васфи пешонии асп, ки ба он Бедил арҷ гузоштааст, худдорӣ кардааст, ҳол он ки паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад (с) мефармояд: «Ал- хайру маъқудун фӣ нувоси ил-хайли» (Некӯӣ дар паҳлуи пешонии асп баста шудааст то рӯзи қиёмат). Ҳамчунин лабу дандони аспро, ки Бедил онҳоро «*Чӣ дандон – сафобахши сад обрӯ*» донистааст, Давлат Сафар тавсифашро раво надидааст.

Давлат Сафар дар бахши «Шири асп» аз хосиятҳои қимиз ҳикоят мекунад. Онро барои бемориҳои сил, бодхӯр, тирачашмӣ ва кундзеҳнӣ муфид медонад. Гӯё агар онро саҳаргоҳ хӯрӣ, фараҳ мебахшад, ба шахс зӯрмандӣ ва нерӯ ато менамояд. Шоир ба хонанда тавсия медиҳад, ки махсусан қабл аз набард нӯшидани он ба кас зӯру тавон мебахшад:

*Сипар сина созӣ гар дар набард,*
*Аз ин шир бояд ба ҷон нӯш кард (2,55).*

Мирзо Абдулқодири Бедил «Фараснома»-ро бо шиҳаи асп оғоз кардааст:

*Сарири қалам шиҳа бунёд кард,*
*Гаравтозии фурсат иршод кард.*
*Таки бодбое шунидам зи дур,*
*Ки меомад афшонда сомони сур (7,792).*

Давлат Сафар бошад, бахши тараннуми шиҳаи аспро дар мобайни манзумааш ҷо додааст ва ҳикмати шиҳаи аспро ҳангоми субҳ, дами сар болову поин карда шиҳа кашиданаш ва ҳангоми ҳарб хеле хотирмон ба қалам додааст:

*Ба ҳарбаш садоро кушояд агар,*
*Ту гӯӣ ба санг аст зарби табар.*
*Дами хез кардан занад шиҳа маст,*
*Зи шерон ту гӯӣ гирифтаст даст (2,61).*

Давлат Сафар дар бахши «Ҳадиси асп» аз мақому манзалат, қадру қиммат ва вафодории асп забони роз мекушояд, таъкид менамояд, ки бо вуҷуди зуҳури нақлиёти заминию обию ҳавоӣ қадру манзалати ин «қаноати мард ва сутуни пойдори давлат» (Эмомалӣ Раҳмон) заррае кам нашудааст, зеро

«*Сифоташ дар ин раҳ бувад бебаҳо,*
*Сириштанд ӯро зи хоки вафо*» *(2,63).*

Сареҳан мардум аспро барои он дӯст медоранд, ки:

*Зи сидқу вафояш ба як поси шаб,*
*Зи Парвардигораш намояд талаб;*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ки рӯзӣ расонад ба он хонадон,*
*Ба он хонадоне, ки бошад чу ҷон…*
*Ба ҳар хонадоне бувад файзбор,*
*Хазон аз қудумаш шавад навбаҳор (2,66).*

Давлат Сафар дар манзумаи «Достони асп» бахшеро бо номи «Соли асп» ҷо додааст, ки идомаи мантиқии тасвири ин сутури бовафост. Маълум аст, ки дар садаи 20 солҳои 1906, 1918, 1930, 1942, 1954, 1966, 1978, 1990 ва дар садаи 21 солҳои 2002, 2014 ба соли асп рост омадаанд. Соли 2002, ки ба соли асп мувофиқ омада буд, унвонии «Соли асп» ду шеъри ҳамноми Хайрандеш (Хайрандеш. Соли асп //Бозаргон, 2001, №6-7, 28 декабр) ва Раҳмат Назрӣ (Раҳмат Назрӣ, Соли асп// Адабиёт ва санъат, 2001, №51-52 (1086), 28 декабр. Раҳмат Назрӣ шеъри мазкурро соли 2014 (Адабиёт ва санъат, 2014, №1, 1 январ) бори дигар ба чоп расонид. Кайҳони Сӯфӣ бо номи «Соли асп» (Минбари халқ, 2013, 26 декабр, №52 (927), с.2) ва Зулфия Атоӣ таҳти унвони «Имсол соли асп» (маҷаллаи «Фирӯза», 2013, №12, с. 26) низ дар фуроварди соли 2013 ва оғози соли 2014 ба ин мавзӯъ рӯ овардаанд. Ғолибан Давлат Сафар баръакси ҳамтоёнаш Хайрандеш, Раҳмат Назрӣ, Зулфия Атоӣ ва Кайҳони Сӯфӣ дар такя ба толеъномаҳои халқӣ қаринаҳои мардумиро омӯхта, ба риштаи назм кашидааст. Мувофиқи он марде, ки солаш асп бошад, меҳнатдӯст, пурбардошт шикебо ва боваринок аст. Зан – асп кушодадил, гули сари сабади маҳфилҳо, кадбонуи хуб ва панҷ панҷааш ҳунар мебошад. Аз диди шоир шахси дар соли асп таваллудшуда

*Дилаш соф бошад ба рағми губор,*
*Надорад адоват, бувад меҳрбор.*
*Ба як бор диданаш шавад чашмсер,*
*Бувад бовиқор ӯ ба монанди шер.*
*Садоқат ба хунаш бувад боварӣ,*
*Ба ақлаш нагунҷад хиёнатгарӣ* (7,68).

Дар қисмати «Сипоси асп бар Худованд» шоир аз номи асп бар даргоҳи Парвардигор арзи сипосу миннатдорӣ мекунад, ки ба ӯ барин ҳайвони безабон арҷ гузоштааст. Аз он шукрона менамояд, ки:

*Зи амраш расидам ба лутфу карам,*
*Ба шоҳу гадоям аз ӯ муҳтарам (2,71).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз ҳама беш асп аз он шукргузор аст, ки Худованд

*«Ба унвони номам ҳадис офарид,*

*Фуруд омад оят, ба шукрам расид» (2,73).*

Шоир ин ҷо ба оятҳои 1,2,3-юми сураи «Одиёт» (Таковар-Скачущие) ишорат менамояд, ки Худованд ба аспони тезтак савганд хӯрдааст ва каломи басо шӯрангез аст: «Валодиёти забҳан, фалмуриёти қадҳан, фалмуғироти субҳан, фаасар набиҳи нақъан, фавасат набиҳи ҷамъан» (Савганд ба аспҳое, ки дар тохтан нафасашон ба шуморе меафтад ва савганд ба аспҳое, ки ба ҳангоми шитоб аз бархӯрди сумҳояшон ба сангҳо оташ бармеафрӯзанд, субҳгоҳон (душманони Ҳақ)-ро ба ғорат мегиранд ва гарду ғубор барангехта, атрофи сипоҳи душман ҳалқа мезананд ва ононро муҳосира мекунанд). Бинобар ин дар анҷоми ин бахш шоир аз номи асп изҳор медорад, ки:

*Сарафроз бошам зи лутфат Худо,*

*Аз ӯ то қиёмат масозам ҷудо! (2,73).*

Дар «Охирсухан»-и манзума Давлат Сафар дар истинод ба ривоятҳои мардумӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ, ки аз онҳо дар асари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикон дар оинаи таърих» низ ёд шудааст, ривояти қадимаи мардумиро оид ба аспи бодпои хатлӣ ба риштаи назм кашидааст, ки гӯё сарнасли он аз об (Нозкӯл) баромадааст. Моҷарои аспи обӣ дар ҳикояи нависанда Баҳманёр (8, 2-30) низ хеле ҷолиб тасвир шудааст.

Аспи хатлӣ аспест, ки писанди амирону вазирон ва сарлашкарону сипоҳиён буд. Ба ин ишора намуда, Хоқонии Шарвонӣ мефармояд:

*Чу бар хинги хатлӣ хиромад ба майдон,*

*Амирохураш шоҳи Хатлон намояд(4,111).*

Низомӣ дар «Искандарнома» қаҳрамони армониаш Искандарро на савори аспи дӯстдоштааш Бутсефал, балки ӯро болойи аспи хатлӣ сӯйи корзор мекашад:

*Сикандар ба он хинги хатлӣ нишаст,*

*Ки чу бод бархост, чун барқ ҷаст(4,111).*

Аспи хатлӣ аспест, ки аллома Иқбол «*На ман бар маркаби хатлӣ саворам»* гуфта, аз набудани он таассуф мехӯрад. Дар тасвири Давлат Сафар аспи хатлӣ, ки ӯ ва рӯҳи музаффари ӯ аз аҳди бостон то ин замон шоҳиди ғаму шодии тоҷикон, тохтутози аҷнабиён, шикасти давлати муқтадири Сомониён, эъмори



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

давлати феълии Тоҷикистон аст, ҳеҷ гоҳ маҳв нашудааст, чун савораи ғаюраш ба ҳамгуншавии шадиди бегонагон дучор шудааст, вале монанди соҳиби аслиаш асолати яздонӣ, номуси хатлонӣ ва даву часпи осомонии худро бо шарофати зуҳураш дар сурати аспи тоҷикӣ ҳифз намудааст. Тавре ки шоир таъкид кардааст:

*Ба аспони хатлӣ бигӯ хезро,*
*Макаш баъди гуфтан ту маҳмезро.*
*Ки бар ҳуштаки кас чу тири камон,*
*Ҳаво тай намояд ба дав то нишон (2,74).*

Дар охири манзума Давлат Сафар иқрор мешавад, ки дар авсофи асп аз Бедил гӯйи сабқат рабуда наметавонад:

*Наёбам чу Бедил раҳи тоби он,*
*Ки бедории шаб бувад хоби он (2,74).*

Давлат Сафар баъди хотимаи манзума бо номи «Хати сарнавишт» 14 байт шеъреро низ ба китоб замима намудааст, ки ба шарафи ғолибият ва соҳиби Шоҳҷоиза гардидани Рахши Анӯшервони Рустам дар мусобиқаи ҷумҳуриявии Наврӯз – 2017 иншо шуда, шоир ба ин муносибат ба Рахши бодпо ва соҳиби он ҳамду сано мегӯяд:

*Ба Рустам, ба Рахшу Анушервон*
*Дуруду саноро бигӯям зи ҷон (2,75).*

Ба ҳамин тариқ, Давлат Сафар бо эҷоди «Достони асп» ва сифоти сурату сирати таковар бо сабку услуби ба худ хос гуфтанист, ки мардуми тоҷик аз аҳди қадим то имрӯз ба асп барин чорпои саворӣ ва дастомӯзи инсон дилабастагии қавӣ доранд. Шоир эътимод дорад, ки аспи тоҷикӣ ин аз аслу зурриёти таковари хатлист, минбаъд низ зини мурассаи шоҳаншоҳӣ ба пушт саманди ҷаҳонгири Пешвои муаззами миллат, Эмомалӣ Раҳмон барин марди Худо хоҳад буд.

Ба вуҷуди ин дар манзумаи Давлат Сафар, аз диди мо, баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба чашм мерасанд. Китоб ранга ва хеле дилкаш иншо шуда, вобаста ба ҳар як мавзӯъ расмҳои зебои аспон ва шаҳсавори он- Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷо дода шудааст. Вале агар дар муқоваи китоб дар болои кӯҳ расми галлаи аспон бо курраҳояшон тасвир мешуд, шукӯҳу назаррабоии китоб меафзуд. Баъдан, шоир бо анҷоми бахши «Сипосномаи асп» бо номи «Шаҳсавор» якбора ба қисми «Тавсифи чашми асп» гузаштааст, ки мисли тарошаи аз бом



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

афтода робитааш аз бахши баъдина гусастааст. Ҳамчунин муроди Мирзо Абдулқодири Бедил аз эҷоди «Фарасднома» ва ба тасвир кашидани ҷавлони асп ин ҳушдор аз дави умри одамист дар масири ҳаёт:

*Ки ин парфишон фурсати рахшном,*
*Мисолест аз умру ҷасти хиром (7,805*).

Мутаассифона зикри ин нукта дар манзумаи Давлат Сафар фурӯгузор шудааст.

**Пайнавишт:**


1. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Лондон, 1999.
2. Давлат Сафар. Достони асп (эҳдо ба аспҳои зоти хатлонӣ). – Душанбе: Адиб, 2017, 144 саҳ.
3. Ҳасани Муродиён, Хоналӣ Қурбонзода. Шаҳпари инсон. – Душанбе: Деваштич, 2003, 326 саҳ.
4. Ҳасани Муродиён. Тасвири ҳамбастагии қисмати инсон ва олами ҳайвонот (дар мисоли асп) дар адабиёти форсу тоҷик .– Душанбе: Нодир, 2009, 333 саҳ.
5. Ҳасани Муродиён.Мазмун ва мундариҷаи маснавии Мирзо Абдулқодири Бедил «Фараснома».- Душанбе:Деваштич,2008,57 с.
6. Сафар Маҳмуд. Ангораҳои Ориён. – Душанбе: Пайванд, 2003, 176 саҳ.
7. Куллиёти Бедил Мавлоно Абулмаонӣ Абдулқодири Деҳлавӣ. Ҷилди севум (Маснавиёт). – Теҳрон, 1376. Бо тасҳеҳи Акбар Бедорванд, Парвиз Аббоси Доконӣ.- С.292 – 806.
8. Баҳманёр. Аспи обӣ. – Душанбе: Адиб,1988.- С. 2-30.


## 2.8.ВАТАНСАРО

(*Ба шарафи 80-солагии Пиримқул Сатторӣ)*

Номи Пиримқул Сатторӣ ҳамчун шоири шаҳир ва устоди навшоирон дар солҳои 70-90-уми садаи 20 дар водии Вахш вирди забонҳо буд. Рисолатеро, ки дар тарбияи шоиршавандаҳо устод Боқӣ Раҳимзода дар пойтахт ба ҷо меовард, дар Вахшонзамин ӯ ба сомон мерасонид.

Тавре ки дар «Адибони Тоҷикистон» (Душанбе: «Адиб», 2016, с. 216) зикр шудааст, Пиримқул Сатторӣ 1 августи соли 1938 дар деҳаи Ҳавзи ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ӯзбекистон ба ҷаҳон омадааст. Соли 1962 факултаи таъриху филологияи ДДОД ба номи Т.Г.Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ)-ро хатм кардааст. Баъдан ба шаҳри Қӯрғонтеппа омада, ходими адабии рӯзномаҳои «Вахш»-у «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» буд ва дар як вақт дар мактаби миёнаи рақами 45-и ноҳияи Бохтар (ҳоло Кӯшониён) муаллимӣ мекард. Дар шаҳри Қӯрғонтеппа маҳфили адабии «Гулбарг»-ро таъсис дода, муддати мадиде дар тарбияи адибони ҷавони вилоят то таъсисёбии шуъбаи ИН Тоҷикистон дар минтақа ҳисси арзанда гузоштааст.

Пиримқул Сатторӣ ҳанӯз дар солҳои донишҷӯӣ машқи қалам мекард. Чакидаҳои хомааш дар матбуоти даврӣ, маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва мустақим «Пайғом» (1979), «Боли парвоз» (1986), «Хӯшаи парвин» (1989), «Дуди ҳасрат» (1993, дар ҳамкорӣ бо А.Муродӣ) ба чоп расидаанд. П.Сатторӣ аз соли 1989 ба аъзогии иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шудааст. Шоир соли 1993 бар асари фоҷиаи миллӣ-ҷанги шаҳрвандӣ ба ҳалокат расид.

Пиримқул Сатторӣ бо интишори маҷмӯаи «Пайғом» (1979) ба хонанда аз омадани қаламкаши тавоное ба адабиёт мисоли «пораи хуршеди субҳона» «аз роҳи дарозу дур» ба истиқболи ҳаводорони шеър «чун дастаҳои нур» башорат медиҳад:

*Манам он пораи хуршеди субҳона,*
*Ки аз роҳи дарозу дур меоям,*
*Ба истиқболи ту чун дастаҳои нур меоям,*
*Дари дилро ба рӯям боз кун, эй дӯст.* (2, 5)

Тавре ки шоири шодравон Қутбӣ Киром низ дар пешсухани ба нахустмаҷмӯаи шоир «Пайғом» навиштааш иброз доштааст, Пиримқул Сатторӣ дар шеъри «Пайғом» бо паёми тозааш хонаи дили хонандагонро равшан кардан мехоҳад:

*Ба ту аз даштҳои офтобӣ,*
*Ба ту аз домани шабҳои моҳтобӣ,*
*Ба ту аз хандаи гулҳо,*
*Ба ту аз шӯри дарёҳо*
*Ба ту аз нагмаи борон,*
*Ба ту аз хониши мургон,*
*Ба ту аз гулхани чӯпон,*
*Ба ту аз хирмани деҳқон,*
*Ба ту аз шеъри гулчинам,*
*Паёми тоза овардам,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дари дилро ба рӯям боз кун, эй дӯст! (2,5)*

Шеъри Сатторӣ зиндагии инсонҳоро бо ҳама каму костиҳояш дар худ таҷассум кардааст. Ӯ «ҳамчун фарди дилогоҳу зиндагидӯсти Ватану ҷамъияти худ ба мавзӯъҳои гуногуни ҳаёт даст мезанад, ҳамчун адиби ҳақиқӣ аз комёбиҳои мардум меболад, аз камбудиҳо ғамгин мешавад. Пиримқул Сатторӣ диди шоирона ва эҳсоси борикбин дорад, ба ҳар мавзӯе даст занад, ҷавҳари онро ёфта метавонад,» - таъкид намудааст устод Қутбӣ Киром (2,3). Кас аз мутолиаи шеърҳои ӯ манзараҳои Тоҷикистони азиз, диловариҳои мардуми Тоҷикистонро дар арсаи меҳнат пеши назар меоварад. Махсусан тору пуди шеъри Сатториро муҳаббат ба Ватани азизи мо - Тоҷикистон ташкил кардааст. Кас баъди мутолиаи ашъори шоир итминони комил ҳосил менамояд, ки Сатторӣ ватансарои воқеист. Ӯ Ватанро бо ҳама мушкилоташ дӯст медорад. Шоир муҳаббат ба Ватанро «аз нафаси боди саҳар», «аз гулу сабзаи тар», «аз ширу сухани модар» ва «аз камону табару доси падар» дарёфтааст:

*Ман туро аз нафаси боди саҳар ёфтаам,*
*Ман туро аз гулу аз сабзаи тар ёфтаам.*
*Ва зи ширу сухани модари ғампарвари хеш,*
*Аз камону табару доси падар ёфтам.*
*(«Ватан», 2,6).*

Шоир ба ашхоси беватан, ки умре бо ҳасрат ва надомат ба сар мебаранд ва булбули бечаманро ба ёд меоранд, бо назари танқидӣ нигоҳ мекунад. Онҳоро бо гунҷишке қиёс менамояд, ки лона дорад, вале беватан, ломакон аст:

*Ба ёд овард оё бори аввал,*
*Ки дорад лона гунҷишк, ӯ надорад.*
*Агарчи дур аз ин кунҷи ғарибӣ,*
*Ба мулке модару кошона дорад.*
*(«Беватан», 2,18).*

Шоир худро ҳамеша пештози зиндагӣ мегумошт ва ифтихор мекард, ки ӯ мисли Рустами замон сарбози Ватан аст:

*Модар-Ватан он гунаам додаст қудрате,*
*Марде чу Рустами замон, сарбози зиндагӣ.*
*(2, 39)*

Махсусан васфи водии Вахш дар эҷодиёти П.Сатторӣ мавқеи барҷаста дорад. Шоир дар шеъри «Вахш» аввал манзараи гузаштаи онро ба риштаи тасвир кашидааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҷуз биёбон,*
*Дашти урён,*
*Сайри боди гармселу чангборон,*
*Офтоби аз саҳар то шом тафсон,*
*Саҳнаи дигар набуд,*
*Манзари дилбар набуд.*
*Ҷуз қамишу лухзорон,*
*Пашшаи занбӯрнешу мӯру морон,*
*Қур-қури гукҳои обӣ,*
*галлаи хукҳои ваҳшӣ,*
*Чир-чири паррандагони ботлоқӣ,*
*Мастии даррандаю чаррандагон,*
*Саҳнаи дигар набуд,*
*Манзари дилбар набуд (2,6).*

Шоир барҳақ қайд кардааст, ки муҳоҷирон дар ин ҷо «аз ишқу боварӣ», «ихлосу дилбарӣ», «хонаи умед» ва «хонаи хуршед» (2,6) бунёд намудаанд. Барои ин гармию сардӣ нагуфтаанд, серию пурӣ нагуфтаанд ва аз таҳти дил обу арақ рехтаанд. Дар натиҷа

*Ғайрати мардона кардем,*
*Ҳиммати шоҳона кардем,*
*Нобудеро буд кардем,*
*Хоки Вахш аз худ кардем (2,7).*

Имрӯз Вахш ба водии заррин табдил ёфтааст, Вахш ба таври шинохтанашаванда симои худро бадал кардааст. Акнун дигар дар ин водии тиллоӣ

*Ҷуз гулистон,*
*Богу бӯстон,*
*Наҳрҳои ҷониби сахро шитобон,*
*Сайри боди мушкбезу офтоби марҳами ҷон,*
*Одамони рӯйсурху бахтхандон,*
*Саҳнаи дигар набинӣ,*
*Оламе чун Вахш ман дилбар набинӣ (2,7).*

Шеъри «Вахши ман» низ давоми мантиқии шеъри болоист. Шоир бо як ҷаҳон тафохури бепоён сайёҳонро ҷониби Вахш мехонад:

*Биё, ба Вахши ман биё,*
*Ба Вахши файзбахши ман биё.*
*Ба сарзамини шуҳраи замон*
*Ба сарзамини ишқу бахти деҳқон (2,11).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шоир сайёҳонро барои он ба Вахш даъват мекунад, ки ин диёр на танҳо худаш, балки сокинонаш низ дигар шудаанд:

*Диёри Вахши ман дигар шудаст,*
*Баҳори Вахши ман дигар шудааст,*
*Нигори Вахши ман дигар шудаст.*
*Макони одамони бозафар шудааст.*

Пиримқул Сатторӣ ба дарёи Вахш, ки ин водӣ аз баракати он шодоб шудааст, низ эҳтиром қоил аст. Ӯ ин дарёи пуртуғёну хурӯшонро чун рафиқи дерин ва ҳамраҳи бекин дӯст медорад ва бо амвоҷаш даровехтан мехоҳад. Орзу дорад, ки чун амвоҷи Вахш мавҷзан, зиндагибахши ҳар боғу чаман ва ҳамеша хизматгори халқу меҳан бошад:

*Ва ман бисёр мехоҳам, чу мавҷат мавҷзан бошам,*
*Чу оби зиндагибахшат ба ҳар боғу чаман бошам.*
*Ба ҳар ҷое равӣ, ман ҳам равам бо шӯру шавқ он ҷо,*
*Ҳамеша дар адои хизмати халқу Ватан бошам (2,9).*

Махсусан силсилашеърҳои ба шарафи бунёди роҳи оҳани Тирмиз-Ёвон бахшидаи шоир ба як ҷаҳон шавқу шӯру таассурот аз ин сохтмони азими асри XX иншо шудаанд:

*Каҳкашони ман миёни Тирмизу Ёвон бувад,*
*Роҳи оҳан сархати дастони мардистон бувад.*
*(Шеъри «Тирмиз-Ёвон», 2,51)*

Сатторӣ махсусан ба муҳандисони ин сохтмон эҳтиром қоил аст, зеро онҳо ҳунарманди замон ва нахустроҳкушоёнанд:

*Муҳандисон аҷоиб одамонанд,*
*Муҳандисон ҳунарманди замонанд.*
*Замин аз дасташон ёбад ҷавонӣ,*
*Замон аз дасташон ёбад амонӣ (2,53).*

П.Сатторӣ агар дар шеъри «Таркиш» (2,34) манзараи таркиши кӯҳро бо дасти инсон нишон дода бошад, дар шеъри «Бахти Фарҳод» Фарҳодеро тасвир кардааст, ки бо теша не, бо мошин роҳи оҳан месозад:

*Рӯзе, ки роҳи оҳан анҷом мепазирад,*
*Поезд аз шаҳри Ёвон қадам чу мегузарад.*
*Он рӯз тӯйи Ширин, он ҷост бахти Фарҳод,*
*Мардум садои дафро то бар фалак барорад (2,65).*

Шеъри «Нома»-ро шоир бо мисраи Фаридаддини Аттор «Эй нома, ки меравӣ ба кӯяш…» (2,56) оғоз намудааст. Қаҳрамони лирикии шоир ба маъшуқааш пайғом мефиристад. Дар он аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

диловарихӯои ҷавонони роҳсоз дар роҳи оҳани миёни Вахшу Ёвон забони васф мекушояд ва рӯзи васлро низ бармало месозад:

*Чун фасли баҳору гул биёяд,*
*Себаргаю сабзаҳо дамиданд,*
*Дар пуштаю теппаҳои зебо*
*Гандуму ҷуворӣ сар кашиданд,*
*Поезд ба роҳи нав даромад*
*Бо дастагули замини Ёвон,*
*Монандаи аскари Музаффар*
*Як субҳ равам ба наздат, эй ҷон! (2,56-57)*

Дар шеъри «Шаҳпул» (58) сухан аз пуле меравад, ки ду соҳили рӯди Вахшро ба ҳам пайванд сохтааст:

*Шаҳпул ду соҳили рӯд,*
*Пайванд менамояд,*
*Аз рӯйи Вахши саркаш*
*Шаҳроҳ мекушояд (2,58).*

Дар шеъри охирини ин силсила бо номи «Роҳи оҳан» шоир азамати роҳи оҳан ва бартарии онро аз дигар анвои ҷодаҳо нишон додааст:

*Роҳи оҳан - роҳи дилҳо,*
*Роҳи дилҳо то ба шаҳру манзили мо.*
*Роҳи ёрию рафоқат, дӯстӣ,*
*Роҳи паймон, роҳи дармон,*
*Роҳи осонсози ҳар як мушкили мо (2,62).*

Хулоса, дар ҳар мисраи ашъори П.Сатторӣ дунёи рангоранги шахсияти худи ӯ нуҳуфтааст. Сатторӣ мисли уқоб ғаюру озоду сарбаланд зист ва уқобвор бо ҳамон виқори азалияш сарбаландона дунёро падруд гуфт. Тавре ки эшон дар шеъри машҳури «Манам он уқоби кӯҳӣ…» (3,46) гуфта:

*Манам он уқоби кӯҳӣ ба фазои кӯҳсорон,*
*Бениҳода синаамро ба ҳавои боду борон.*
*Ҳама дам муҳити худро ба Худо, ки дӯст дорам,*
*Ки рабуда чашми ошиқ гулу боғу лолазорон.*
*Зи садои раъди гуррон дили дашту кӯҳ ларзад,*
*На маро ҳарос бошад зи садои раъди гуррон.*
*Ту чӣ донӣ, эй кабутар, раҳу рӯҳи зиндагиям?*
*Дили бегаме, ки дорӣ ба паноҳи шохсорон.*
*Тану ҷони ман зи сангу пару боли ман зи барқ аст,*
*Манам он уқоби кӯҳӣ ба фазои кӯҳсорон.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Пайнавишт:**

1. Адибони Тоҷикистон. - Душанбе: Адиб, 2016, с. 216-217.
2. П.Сатторӣ. Пайғом.- Душанбе: Ирфон, 1979, 63с.
3. П.Сатторӣ. Боли парвоз. - Душанбе: Ирфон, 1986, 92 с.

## 2.9.ДУ АБРУИ САФЕДИ ТУ - ДУ БАЙТИ САБКИ ХАТЛОНӢ…

*Он ҷо ки гул аст, неши хор аст он ҷо,*
*Дар беша, ки сайд аст, шикор аст он ҷо.*
*Ҳар гаҳ ки ба боғ сангборон бинӣ*
*Медон, ки нахли мевадор аст он ҷо.*

*Ғафур Мулло*

Чанд сол қабл ҳангоме ки асари муҳаққиқи эронӣ Алиризои Қазва «Хуршедҳои гумшуда»-ро мутолиа менамудам, дар қатори дигар шоирони машҳури дар замони «даступобаста» ному насаби ошно-устоди зиндаёд Ғафур Муллоро низ хондам. Муҳаққиқи эронӣ дар мундариҷа ҷойи таваллуд ва вафоти шоирро овардааст, ки саҳҳеҳ нест. Шоир на дар Муминободи Кӯлоб, балки дар деҳаи Амринги ноҳияи Шӯрообод ба дунё омадааст. Вафоташ низ на дар шаҳри Қӯрғонтеппа, балки дар деҳаи Виёни ноҳияи Бохтар иттифоқ афтодааст. (Ниг. «Мундариҷа 12. Ғафур Мулло (1922, Муминободи Кӯлоб-1992, Қӯрғонтеппа»). Дар аввал муаллифи китоб Алиризои Қазва аз рӯзгори рукуд ва бозмондагӣ ёд мекунад, ки адибони бедордилро даступобаста намуда буданд: «Рӯзгори дароз, ки шахсияти Ленин ва Истолин бар сарзамини шӯравиҳо соя афканда буд ва дидем, ки дар шикасти ин бутҳои сангӣ, Хрушев ва Горбачёв- роҳбарони ҳизби каммунист ва давлати Иттиҳоди Шӯравӣ низ бетаъсир набуданд.Воқеан, соли 1991 зилзилае буда,ки охирин бутҳои таралеъхӯрдаи сиёсиро бар замин андохт. Он бутҳои сиёсӣ шикаста шуданд, аммо дар фазои адаби он замон ҳанӯз башиддат кеши шахсият вуҷуд дорад, ҳанӯз хатти як накди ҷиддӣ ва бепарво бар осори Турсунзода, Миршакар ва…, ки ҷудо аз тавоноиҳои адабиашон, костиҳое низ доранд, дар ҳукми як гуноҳи кабира маҳсуб мешавад!» (с. 21).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сипас, муҳаққиқ инони суханро ҷониби Ғафур Мулло мегардонад ва аз шоири дардкашидаву гумном, аз табъид ва танҳоию ғаму ғурбатҳои мавсуф ёдовар мешавад:

«Ҳанӯз дар канори номи Ҳабиб Юсуфӣ ва Аминҷон Шукӯҳӣ ва Мирсаид Миршакар наметавон шеъри шоири дардкашида ва гумном чун Ғафур Муллоро овард, ҳатто агар рубоии бо ин зебоӣ дошта бошад:

*Эй бехирадон, чаро маро санг занед,*
*Бар домани поке, туҳмату чанг занед.*
*Фардо чу садаф маро зи дарё ҷӯянд,*
*Чун доси шикастае шумо занг занед.*

Оё як умр табъид ва танҳоию ғурбат барои одаме чун Ғафур Мулло бас набуд? Ин шуҳратзадагиҳо фазои шеъри тоҷикро сиёҳ кардааст! Магар бояд ҳамеша соҳиби китоб ва ҷоизаи давлатӣ фалон ва беҳмадон буд»? (Ниг. Алиризои Қазва. Хуршедҳои гумшуда. Осори сад шоири тоҷик аз сад соли ахир.- Теҳрон, 1376.-С. 21).

Ростӣ, аз мутолиаи мисраъҳои шоир сахт мутаассир гардидам, зеро ин сатрҳоро чил сол пеш аз забони худи устод шунида будам. Охир, соли 1972 вақте ки дар синфи ҳафт мехондам, устод ба ман аз забон ва адабиёти тоҷик дарс медод ва ҳамчунин мо дар ҳамсоядеҳа мезистем. Борҳо бо устод пойи пиёда шаш километр роҳи байни деҳаҳои Яккатуту Мискинободро паймуда, аз мактаб то ба хона мерасидем.Устод гоҳо ба ҳаяҷон омада, «Ғамдидае, ки хонад шарҳи ғами Ҳилолӣ, Аз хуни дидаи худ рангин кунад рисола» гӯён саҳифаҳои ғамбори рӯзгори нобасомони хешро варақгардон менамуд ва ҷо-ҷо бо тақозои фикр байте ё рубоие аз таълифоти худ низ қироат мекард, вале мисраъҳои болоиро пайваста замзама менамуд.Ин аст,ки то ҳол ашъори устод Ғафур Мулло вирди забони садҳо хатмкардагони мактаби миёнаи №11, ноҳияи Вахш аст.

Соли 1992, моҳи июн мебоист 70- солагии устод Ғафур Мулло дар миқёси вилояти собиқи Қӯрғонтеппа таҷлил мегардид. Бо мақсади сабти рӯзгори нобасомони устод ману котиби ҳамонвақтаи иттифоқи нависандагони вилояти собиқи Қӯрғонтеппа Муҳаммадалии Аҷамӣ маслиҳат намуда, рӯзи 6-уми июни соли 1992 ҷониби хонаи устод Ғафур Мулло таноби роҳ кашидем. Воқеан, мавқеи сукунати ман- деҳаи Мискинободи ноҳияи Вахш, аз Муҳаммадалии Аҷамӣ канори шоҳроҳи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Қӯрғонтеппа - Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Балхӣ), аз Ғафур Мулло сари баландии Ӯртабуз (деҳаи Виёни ноҳияи Бохтар) буда, онҳо дар масофаи ду километр дур аз якдигар воқеъ шуда буданд. Макони сукунати М. Аҷамӣ дар мобайн ҷойгир шуда буд. Мо аксар дар ҳавлии ӯ дар таги тути калон ҷамъ мешудем. Ба маҳфили мо гоҳо устодон Пиримқул Сатторӣ, Саидҷамол Зиёӣ ва Амиршоҳи Хатлонӣ низ ташриф меоварданд. Онҳо ба ин васила ҳам ҳаво мехӯрданд ва ҳам аз ашъори тозаашон моро воқиф месохтанд.

Қабл аз мулоқот пешакӣ хостам, ки аз шеърҳои дар васфи устод Ғафур Мулло навиштаи дигарон огаҳӣ ёбам. Бо ин мақсад баъзе китобу рӯзномаҳоро варақ задам, маҷмӯаҳои ашъори шоир «Ҳарфи дил» ва «Шадда»- ро мутолиа намудам. Ба ман махсусан мисраи дар васфи устод гуфтаи Исо Раҳим- мухбири махсуси рӯзномаи «Ҷумҳурият» («Тоҷикистони советӣ») дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа хуш омад:

… *«Ду абруи сафеди ту ду байти сабки хатлонӣ»*

Шоир Муҳаммадалии Аҷамӣ низ баъди шиносоӣ ба рӯзгори нобасомони Ғафур Мулло сахт ба риққат омада гуфтааст:

*Ба ту зиндагӣ кард моиндарӣ,*
*Ба худ гаштӣ ҳам модару ҳам падар.*
*Бидонад дар ин ҷангали зиндагӣ,*
*Дарахти табархӯрда захми табар.*
*Ғаму дарди худро нагӯӣ ба кас,*
*Ту монӣ бузурги ҷавонмурдаро.*
*Дарахти ҳаёти ту ояд ба ёд,*
*Чу бинам дарахти табархӯрдаро.*

Вақте ки маҷмӯаи ашъори Ғафур Муллоро мутолиа намудам, чашмам ба шеъри «Камонҳоро кунем испори деҳқон» афтод. Дарк кардам, ки шоир барвақт барои пешгирии ҷанги хонумонсӯз бонги изтироб зада будааст.

Бо ин андешаҳо ба хонаи устод Ғафур Мулло дар рӯзи ваъдагӣ расидем.Манзили шоир дар ҷойи хушбоду ҳаво ва шамолрас ҷойгир шудааст, ки бо номи тали Ӯртабуз машҳур аст. Моро устод дар рӯйи кати таги зардолу шинонид. Азбаски ҳини зардолупаз буд, дар ҷоямон нишаста, сӯйи дарахти зардолу роҳат даст дароз карда, канда мехӯрдем. Ман густохӣ карда луқма партофтам, ки «Устод, шумо маҳз ҳамин хонаатонро васф карда гуфтаед:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Дар гӯшаи як водист ин хонаи мо,*
*Обод зи шодиҳост кошонаи мо.*

*Аз бому дари зарпарастон болост,*
*Ин бому дари пастаки вайронаи мо.*

Устод дар ҷавоб сар ҷунбониданд ва иброз доштанд, ки шукр дар таги ҳафтодсолагӣ бо шарофати фарзандон соҳиби ҳавлии барҳаво шудем, вале «... Нон вақте диҳанд, ки дандон нест.» Ҳамчунин илова намуданд, соли гузашта Бозор Собир бо як гурӯҳ шоирон ба ҳавлии мо қадам ранҷа намуда буданд. Ман шеъри хондаатро барои вай қироат кардам.Ҳам шеър ва ҳам ҳавлиро таъриф намуд.Баъдан устод ба баёни шарҳи ҳолаш шуруъ кард. Ду- се дақиқа аз ину он суҳбат намуду баногоҳ гуфт: «Ман шарҳи ҳоламро нақл карда наметавонам, аламҳоям тоза мешаванд.Беҳтараш Илҳомҷон, писарам, аз мағоза ягон шиша май биёрад, то ки қулфи забони маро кушояд». Устод майро дар пиёлаҳо мерехту ба сар мекашид. Дасташро дароз карда, як дона зардолу канда, аз болояш ба даҳонаш партофта, газак мекард ва ману Аҷамӣ низ ба ӯ пайравӣ мекардем. Тадриҷан устод ба гап даромад. Аҷамӣ савол медоду ман навишта мегирифтам. Ҳаминаш бароям аҷиб намуд, ки устод ба синни 70 қадам монда буд, вале чун рамзи эътироз «Нафақаи давлати шӯравӣ ба ман лозим нест» гӯён аз гирифтани нафақа саркашӣ мекард.Он рӯз то ноҳақ аз вазифаи директори мактаби ноҳияи Маскав (ҳозира Ҳамадонӣ) озодшавиашро нақл кард.Ҳини нақл борҳо оби дидааш рӯяшро мешӯст. Ниҳоят, устод «Дигар наметавонам, боз ҳафтаи дигар» гӯён ба нақлаш нуқтаи таммат гузошт. Якшанбеи рӯзи 13-уми июн боз ба ҳавлии устод омадем. Дар ҷойи муқарраршуда ҷой гирифтем. Устод шарҳи ғамашро идома дод. То соати дувоздаҳи шаб дам гирифтаву масту ҳушёр аз зиндагии вожгунаш қиссаҳо намуд. Дар охир таъкид ҳам кард, ки дар бораи банда дар ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» мақола чоп кунед. Боз «Имшаб ба қиссаи дили ман гӯш мекунӣ, фардо маро чу қисса фаромӯш мекунӣ» нашавад, ки агар бимирам, арвоҳам, аз шумо домангир хоҳад шуд.

Устод гӯё ин суханонро дониста гуфта будааст. Бар асари нобасомониҳои солҳои 1991 -1992 ҷашни 70- солагии устод қайд нокарда монд. Навиштаҳои ман низ ҳини гурезогурезу кӯчокӯч гум шуд. Устодро бори охирин моҳҳои ноябри соли 1992 ҳине ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар мағозаи шафати боғи марказии шаҳри Қӯрғонтеппа дар навбати нон будам, дидам. Давида наздаш рафтам. Устод хеле озурдахотир буд. Гуфт, ки як ҳафта боз дар хонаи нависанда Рашид Юсуфӣ панаҳ бурдааст. Аз пеши ман дар навбати нон истод. Як нон гирифт. Онро нигоҳ карду сӯйи ман дароз кард. «Гир, гуфт вай, ту кӯдакдорӣ. Дар шаҳр орд нест, вале мо орд дорем.» Ман «ташаккур» гуфта нонро гирифтам. Вай гуфт, ки ман ба хона, ба Ӯртабуз меравам. Ҳамин вақт як мошини боркаш аз кучое омада истод ва гуфт, ки ба Колхозобод меравад. Азбаски дар болояш одамон савор буданд, устод ба ман даст дода, хайрухуш кард ва ба мошин савор шуд.Баъдтар ҷанг шиддатноктар шуд ва мо дигар аз аҳволи устод воқиф шуда натавонистем. Чанде пас писараш Икром нақл кард, ки дар болои мошин устод баъзе шиносҳои ҳамдеҳаро мебинад ва аз хонаводааш пурсон мешавад. Як баддаҳон бардурӯғ мегӯяд, ки писарат Иқболро камондорон куштаанд.Устод «оҳ» мегӯяду аз ҳуш меравад.Ӯро базӯр ба ҳуш меоранд ва аз китфҳояш бардошта, то хонааш мерасонанд. Баъди ду рӯзи беморӣ вафот мекунад.

Ба қарибӣ як шогирдам ҳамон дастнависи бист сол пеш сабткардаамро аз кучое ёфта овард. Шарҳи ҳоли устодро бори дигар мутолиа кардам.Чашмам ба сарлавҳаи мондаам афтод, ки як мисраи шеъри худи устод буд:

*«То мижа задам, ки як баҳорам бигузашт»…*

Ин дафъа қавл додам, ки дар хусуси устод Ғафур Мулло хоҳам навишт, набошад рӯҳи пурфутӯҳи устод аз мо то қиёмат домангир хоҳад шуд. Ба устод Аҷамӣ занг зада, барояш аз ёфт шудани сабтҳои гумшуда хушхабар расонидам ва ӯро аз мақсадам воқиф кардам. Хеле хушнуд гардид. Инак, ба варақҳои зардшудаи бистсола гаштаву баргашта зеҳн мемонам, то ки ягон лаҳзаи ҳаёти устод фурӯгузор нагардад.

Устод Ғафур Мулло (Муллоев Ғафур) соли 1922 дар мавзеи зебоманзари Дашти Ҷами собиқ вилояти Кӯлоб таваллуд шудааст. Соли 1940 омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлобро хатм мекунад ва барои кор ба Даштиҷум фиристода мешавад. Мудири шуъбаи тарғиботу ташвиқоти кумитаи ҳизбии собиқ ноҳияи Даштиҷум шуда, адои вазифа менамояд. Солҳои 1945-1947 дар Донишкадаи дусолаи муаллимтайёркунии шаҳри Кӯлоб таҳсил менамояд. Ҳангоми таҳсил Ғафур Мулло худро чун дониҷӯи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

донишманд, фаъол ва ҳаматарафа огоҳ нишон медиҳад. Дар донишкада ба ҳайси котиби кумитаи комсамолии донишҷӯён адои вазифа менамуд. Ин буд,ки вақти тантанаи дипломгирӣ вазири маорифи вақти ҶШС Тоҷикистон Неъматуллоев заҳмати ӯро бо нишони Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон қадршиносӣ менамоя д.

Ғафур Мулло баъд аз хатми донишкада фаъолияти кориашро аз вазифаи муаллими забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи ба номи Молотови шаҳри Кӯлоб оғоз намуд. Охири соли 1948 ӯро ба кумитаи ҳизбии Кӯлоб ба кор даъват намуданд. Баъд аз як сол ариза дода, аз ин вазифа даст мекашад ва дар ягона мактаби миёнаи тоҷикии шаҳри Кӯлоб муовини директор шуда кор мекунад.Оид ба фаъолияти омӯзгории шоир собиқ шогирдаш, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Қаюм Сангов мегӯяд, ки устод муаллими ҷавон, вале қобилиятнок буд, ба мо хеле башавқ дарс медод. Гоҳо аз ашъори худаш низ қироат мекард.

Аввалин шеъри Ғафур Мулло соли 1946 ба муносибати иди Ғалаба дар рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб»-нашрияи кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Кӯлоб таҳти унвони «Солонаи иди зафар» чоп мешавад.

-Ҳангоми донишҷӯӣ,- ба ёд меорад шоир,-дар дарси устод Муҳаммадҷон Шакурӣ шеър менавиштам, ки устод маро дида, дафтарамро гирифта хонд ва маро ба хонааш даъват намуд. Ба ман оиди рисолати шеъру шоирӣ маслиҳатҳои судбахш дод. Шеърамро, ки ҳаҷвӣ буд, таҳрир намуда,ба рӯзномаи вилоятӣ барои чоп дод. Баъди чопи ин шеър маро устодону ҳамкурсон ва кулли донишҷӯён эҳтирому эътироф мекардагӣ шуданд.

Ғафур Мулло то соли 1955 муовини директори мактаб буд. Ҳамон сол бо мудири шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб Иззатов гапаш мегурезад. Охири сол мудири маорифи вилоят вайро даъват карда мегӯяд, ки ҷойро ихтиёрӣ холӣ кунад, зеро занҳои калонҳои вилоят бекор мондаанд. Онҳоро дар мактаби шаҳр вазифа бояд дод. Таҳти фишор ӯро дар яке аз мактабҳои деҳаи Сариосиё директор таъин мекунанд. Аксари муаллимони мактаб саводи кофӣ надоштанд. Ин буд, ки сахтгирии директори ҷавони мактаб ба табъи онҳо намефорид. Бо маслиҳати шали Сайид-мудири шуъбаи тарғиботу ташвиқоти кумитаи ҳизбии шаҳр, оне, ки Ғафур Мулло боре дар маҷлиси ҳизбӣ ӯро танқид карда буд, се



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нафар муаллими иғвогар аз болои директор ариза менависанд.Тафтишгарон аз Раёсати маорифи вилоят ва Вазорати маориф омада месанҷанд. Ғафур Мулло ҳақ мебарояд ва се нафар омӯзгорони аризабоз аз кор озод карда мешаванд. Вале шали Сайид аз асп фуромада бошад ҳам, аз узангу намефуромад. Пайки мувофиқ меҷуст ,ки аз Ғафур Мулло қасд гирад. Ин дафъа барои ӯ баҳонае ёфт мешавад.Ба сабаби дар ҷаласаи ҳизбӣ иштирок накардан шоир аз вазифаи ишғолкардааш бо пешниҳоди шали Сайид озод карда мешавад. Баъди ин ҳамроҳи Рабиев ном шахс Ғафур Мулло ба Данғара меоянд.Як сол дар мактабҳои ин ҷо муаллимӣ мекунанд.Соли 1957 бо даъвати ҳамкурсаш Аюб Файзиев, ки директори мактаб буд, ҳамроҳи Рабиев ба ноҳияи Маскав меояд ва дар мактаби миёнаи ба номи Ленини хоҷагии ба номи Ленин ӯ муовини директор таъин мегардад. Рабиев бо Файзиев гапашон мегурезад ва ҳамроҳи якчанд ҳаммаслаконаш директорро менависанд, вале дар ниҳоят ноҳақ мебароянд ва аз билетҳои ҳизбиашон маҳрум мегарданд. Маҳз бо дастгирии Ғафур Мулло, ки дар назди котиби кумитаи ҳизбӣ Нағзибеков директори мактабро дастгирӣ кард, Файзиев бегуноҳ дониста мешавад. Ду моҳ пеш аз хотимаи таҳсил Ғафур Муллоро ба кумитаи ҳизбӣ даъват намуда, барои шоир ва эъҷодкори хуб буданаш ба вазифаи муовини сармуҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Зафар» таъин мекунанд. Ҳамон душмани пешинааш шали Сайид барои тафтиши кори иттифоқи касаба ба ноҳияи Маскав меояд. Дар идораи рӯзнома бо Ғафур Мулло дучор омада, аз соҳибвазифа гардидани шоир сахт ба хашм меояд. Гапаш бо шоир боз мегурезад.Баъди ин сармуҳаррир Гулов Ғафур Муллоро бо ҳар баҳона озор медодагӣ мешавад ва шоир ночор ариза навишта, ихтиёрӣ аз кор даст мекашад. Ба кор ба ҳайси муаллими мактаб мегузарад.

-Дар мактаб муовин як тоторзан буд, - ба ёд меорад шоир.- Дар давоми ҳафта дарсҳои маро қариб_ҳар рӯз миёнахолӣ мемонд. Ман нафаҳмида ба ӯ «ты» гуфтам. Ӯ аз болои ман дар ин хусус ба кумитаи ҳизбӣ арз кард. Мудири шуъбаи тарғиботию ташвиқотии ҳизбии ноҳия маро даъват намуда бурд ва муҳокимаам карданд. Ба ман савол дода гуфтанд, ки чаро ӯро «ты» гуфта таҳқир кардӣ? Ман барои аз вазъияти ногувор баромадан аз бузургони гузашта ва шоирони ҳозира ба ҳайси мисол шеърҳо овардам, ашъореро арза доштам, ки дар васфи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳизб ва Ленин эҷод шуда буданд ва «ту» дошт. Бо ҳамин ҷонам раҳид.

Соли таҳсили оянда дар мактаби нави хоҷагии боғу токпарварии ноҳия Ғафур Мулло директор таъин карда мешавад. Мудири шуъбаи маорифи ҳамонвақтаи ноҳия Мирзоев Ҳиммат ҳамагӣ маълумоти синфи 7 доштааст. Соли 1959 ҳини навиштани маошномаи омӯзгорон директор аз муаллими варзиш Шодӣ Саидов хоҳиш мекунад, ки дипломашро биёрад. Ӯ баҳона пеш меорад, ки дипломаш дар байни ҳухҷатҳояш дар шуъбаи маорифи ноҳия аст. Маълум мегардад, ки дар байни ҳуҷҷатҳояш низ набудааст. Инро директор ба Саидов мерасонад.Вай рӯирост ба ӯ туҳмат мезанад, ки ту онро гум кардаӣ.Ин рафтори Саидовро шоир ба мудири  шуъбаи маориф арз мекунад. Директори сода аз куҷо медонад, ки мудир бо Саидов холабача аст. Бинобар ин мудир ба Ғафур Мулло мегӯяд, ки Саидов даҳ сол боз ҳамин хел музд мегирад ва маҳмадоногӣ накарда, маълумоташро олӣ навиштан гир. Бо ҳамин гапи директор бо мудир мегурезад ва пас аз ин маъракаи нави сиёҳкуниву туҳмат ба муқобили шоир оғоз меёбад.Ҳамааш аз он сар мешавад, ки мудир бо холабачааш Шодӣ Саидов директорро дар назди раиси хоҷагӣ низ сиёҳ мекунанд, наҳ мезананд. Раиси хоҷагӣ низ бо ҳар баҳона ба шоир таънаву маломат мезанад, ҳавобаландӣ мекунад.

Вақте ки дар хоҷагӣ маҷлиси ҳизбӣ мешавад, як саркор бархоста, арз мекунад, ки дар фалон бригада 10-12 «ҷонҳои мурда» амал мекунанд, яъне маош мегиранду дар асл ин хел шахсон мавҷуд нестанд. Ғафур Муллои зудбовар ин маълумот ва маошномаи омӯзгорони мактабро дар иртибот бо Шодӣ Саидов ба кумитаи ҳизбӣ ба таври хаттӣ хабар медиҳад. Аз кумитаи ҳизбӣ, кумитаи иҷроия, суд, прократура омада, мактабу маориф ва бригадаи хоҷагиро месанҷанд, вале ягон далели овардаи директори мактаб тасдиқ намешавад, чунки об аз сар лой буд ва мудири шуъбаи  маорифу раиси хоҷагӣ барвақт пеши обро чим зада буданд. Ин аст, ки ба ҷойи фиребгаронро ҷазо додан тамоми муаллимони мактабро аз кор сабукдуш намуда, дар бюрои райком муаллимонро бо директорашон Ғафур Мулло муҳокима мекунанд ва хулосаҳои даркорӣ мебароранд. Аъзои бюрои райком дар маҷлис ҳар кас таклифи худро пешниҳод мекард:

*Таклифи 1:*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Ҳамчун тухматчӣ аз вазифаи директори мактаб озод карда шавад.

*Таклифи 2:*

-Як шабонарӯз мухлат диҳед, то ки аз ноҳия баромада, дафъ шавад.

*Таклифи 3:*

- Не, ин кам аст, ҳатман ӯ ҳабс карда шавад.

*Таклифи 4:*

- Не, ман мегӯям, ки ӯ парронда шавад, то барои дигарон дарс шавад.

Баъди таклифи чорум шоир, ки рост истода буд, механдад. Шахси панҷум таклифкунанда аз ҷояш хеста, «Бинед, ӯ шарм намедорад, боз механдад, гап ба ӯ таъсир надорад» мегӯяд. Шоир дар ҷавоб мегӯяд,ки «Ман ба аблаҳии шумо механдам!»

Ниҳоят, котиби райком хулосаи ниҳоӣ мебарорад:

-Ҳоло аз вазифаи директори мактаб озодаш мекунем, дар варақаи шахсӣ танбеҳи ҳизбиаш медиҳем ва агар боз ин кирдорашро идома диҳад, ҳатман судаш мекунем.

Барои аз маркази диққат дур кардани шоир ӯро хостанд,ки дар мактаби ибтидоии дурдасти деҳаи Сарикокул (ҳудуди ҳозираи ноҳияи Шамсиддини Шоҳин) муаллим таъин кунанд. Вале бо исрори доимии шоир ва аз тарси бемаълумот буданаш мудири шуъбаи маориф ночор моҳи январи соли 1960 ӯро дар мактаби назди марказ муаллим таъин мекунад. Директори он мактаб шогирди шоир Назр Назаров будааст ва ӯ устодро хуш пазируфта мегӯяд, ки «Мактаби мо ба ҳодисаю воқеаҳои марбут ба шумо баҳои ҳақиқӣ медод». Воқеан, вақти дар бюрои райком муҳокима кардану ҷазо додани Ғафур Мулло шахсе бо номи Бобохон шоирро дастгирӣ карда буд. Душманони шоир ӯро ҳини ҳаракати мошини боркаш аз мошин мепартоянд, вале хушбахтона намемирад.

Рӯзе як шогирди устод Сайфиддин Зиёев, ки раиси ҷамоат буд, ба хотири эҳтироми нисбат ба устод доштааш ӯро ба хонааш даъват намуда, меҳмондорӣ мекунад. Инро душманон ба райком мерасонанд ва рӯзи дигар С.Зиёевро ба бюрои райком даъват намуда, барои пазироӣ кардани душмани халқ муҳокима мекунанд. С. Зиёев вақте ки аз назди устод мегузарад, аз тарс ҳатто бо даст бо ӯ салом намекунад. Сабабашро устод аз ӯ пурсон мешавад ва вай ҳодисаро арза медорад. Шоир ин суханонро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шунида, рост ба назди котиби райком меравад ва мегӯяд, ки «шумо маро аз халқ дур карда наметавонед ва чаро одамони бегуноҳро маҳз барои ҳурмат кардани ман муҳокима мекунед?» Котиби райком аз кори кардаи худ мункир мешавад. Ночор шоир С.Зиёевро даъват мекунад. Зиёев аз ҳақиқат рӯ нагардонида, рости гапро мегӯяд. Ғафур Мулло «Ҳайфи ту!» гуфта, ба рӯи котиби райком тӯф карда, аз назди ӯ дарро ба лагад зада мебарояд. Котиб рӯяшро бо рӯмолча пок мекунад. Ду рӯз пас котиби райком Ғафур Муллоро ба назди худ даъват намуда, вайро ба созиш мехонад ва ба шоир мегӯяд, ки «Ту аз ман чӣ мехоҳӣ?» шоир дар ҷавоб мегӯяд, ки «Ман танҳо як чиз мехоҳам: «Дурӯғгӯ нашав!» ва аз дар ба берун мебарояд.

Моҳи апрели соли 1960 қарори КМ ҲК Тоҷикистон оиди кор бо мактубҳои меҳнаткашон мебарояд. Шоир шердил шуда, роҷеъ ба ноҳақ аз вазифаи директори мактаб сабукдӯш шуданаш ба КМ ҲК Тоҷикистон, Вазорати маорифи ҷумҳурӣ ва ба « Газетаи муаллимон» ариза менависад. Як вақт аз Вазорати маориф як марди рус омада, як рӯз месанҷад ва ба шоир мегӯяд, ки «Ту ҳақ астӣ». Пас аз он аз идораи «Газетаи муаллимон» Мӯсо Мавлавӣ омада, як ҳафта месанҷад. Рӯзи охирин ба Ғафур Мулло вохӯрда, таъкид мекунад, ки « Ҳақ бар ҷониби туст». Шоир қаноатманд шуда, ӯро ба як пиёла чой даъват мекунад. Мӯсо Мавлавӣ мегӯяд, ки «Мо як ҳафта боз аз ҳисоби ту нӯшонӯшӣ дорем ва ба рақибонат низ гуфтам, ки ба ҳурмати нонатон рости гапро менависам». Он вақт дар «Газетаи муаллимон» бо номи «Офтобро бо доман пӯшида намешавад» Мӯсо Мавлавӣ фелетон чоп кард. Бо ҳамин мазмун дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» низ фелетон интишор мешавад. Баъди ин як навъ ҳақ ба ҳақдор мерасад. Шоирро ба ҳамон мактаби хоҷагии боғу токпарварии ноҳия аз нав директор таъин мекунанд ва ҳайъати пешинаи омӯзгорони маъзулшударо низ даъват мекунанд, ки ба мактабашон баргарданд.

Пасон шоирро ба вазифаи директори мактаби шабонаи ноҳия мегузаронанд. Рӯзе ӯро ҳамроҳи гурӯҳи кории Вазорати маориф барои тафтиши мактабе мефиристанд. Гурӯҳи корӣ ба дарси муаллими забони тоҷикӣ ворид мегарданд, ки ба ҷойи «феъл» аз бесаводӣ калимаи «фил»- ро шарҳ медиҳад, вале ҳини таҳлили дарс ба гуноҳаш иқрор намешавад. Шоир ба ӯ савол медиҳад, ки «Феъл чист?», вале муаллим ҷавоб дода наметавонад. Ҷумлае



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

навишта, феълашро хоҳиш мекунад, ки ёбад, вале ӯ аз уҳдаи ин низ намебароядва мустар мемонад. Муаллимро дар шӯро муҳокима мекунанд. Ғафур Мулло, ки аламзада буд, рӯирост мегӯяд, ки на танҳо дар мактабҳо муаллимони бесавод бисёранд, ҳатто дар маориф низ аз мудир сар карда, ашхоси бесаводу бесалоҳият ҷамъ шудаанд. Ба сӯйи мудири шуъбаи тарғиботу ташвиқоти кумитаи ҳизбии ноҳия Назрӣ Иноят ишора намуда, мегӯяд, ки «Ана, ин кас на танҳо бесавод, балки туҳматчӣ низ ҳаст». Баъди ин Назрӣ Иноят шармсор оҳиста толорро тарк мекунад ва рост ба райком рафта, аз болои шоир шикоят мебарад. Баъди ин боз котиби дуюми райком Илин дар шӯрои маориф масъалаи шоирро пешниҳод намуда, таклифи аз кор озод намудани ӯро ба овоз мемонад, вале ба муқобили шоир ягон кас райъ намедиҳад. Илин ночор «Совет не имеет зуба» гуфта, баромада меравад. Дафъаи дуюм дилкашҳояшро гулчин намуда, боз масъалаи аз вазифа сабукдуш кардани шоирро мегузорад ва ин дафъа ба муродаш низ мерасад: шоирро аз вазифа озод менамоянд. Ҳатто як шарикдарси омӯзишгоҳиаш таклиф мекунад, ки барои танқид карданаш судаш кунед. Таклифкунанда Сафар Маҳмуд ҳамкурси омӯзишгоҳии шоир буд, ки дар айёми донишҷӯиаш арақ нӯшида, маст шуда меояд ва аз омӯзишгоҳ хориҷ мегардад. Ӯ назди шоир омада, талху зор мегиряд ва маҳз тавассути Ғафур Мулло дубора барқарор мешавад. Ғафур Мулло ба Сафар Маҳмуд мегӯяд:

-Маҳмуд, то судад накунам, намемонам. Азбаски анбори маориф дар мактаби Сафар Маҳмуд будааст, барои duздидани чӯбу тахта ва спирт ӯро Ғафур Мулло ба прократура менависад ва ӯ се сол суд мешавад. Баъди аз маҳбас баромадан Сафар Маҳмуд тӯй карда, шоирро ба он ҷо даъват мекунад ва аз ӯ узр мепурсад.

Ғафур Мулло боз ба навиштани аризаҳои шикоятӣ дар хусуси ноҳақ аз вазифа озод шуданаш оғоз мекунад. Ин дафъа дар асоси шикояти ӯ аз «Газетаи муаллимон» Инъом Мӯсоев ба ноҳия ташриф меорад. Дар барномаи радиоии «Суҳбати дӯстон» бо номи «Афандии асри 20» оид ба табаҳкории сардамдорони ноҳия мавод пахш мешавад. Ин барномаро барандагон аз латифаи «Қозӣ ва кӯзаи равған» оғоз мекунанд.

Ғафур Мулло ба куҷоҳое, ки муроҷиат намекунад. Ба журналисти рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» Мустафо Шарқӣ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки як вақтҳо ҳангоми дар рӯзномаи вилоятӣ кор кардан бо ӯ ҳамкор буд, муроҷиат мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ба назди прокурори ноҳияатон Тошпӯлодов рав ва оид ба ҳақ ё ноҳақ будани корат ягон ҳуҷҷат талаб кун. Шоир назди номбурда меравад ва мегӯяд, ки «Ҳамчун раиси комиссия ба ин савол танҳо ту бояд ҷавоб диҳӣ!» Ӯ то пагоҳ ваъдаи маълумотнома доданро мавқуф мегузорад, то ки ба котиби райком маслиҳат кунад. Рӯзи дигар ба ӯ маълумотнома медиҳанд ва вай онро бурда, ба Мустафо Шарқӣ мерасонад. Дар маълумотномаи ба шоир додагӣ «Танқидҳои кардаи шоир тасдиқ шудаанд ва ин камбудиҳо ҷой доштанд» гуфта навишта шудааст, вале вақте ки Мустафо Шарқӣ ба Вазорати маориф меравад, дар он ҷо бо имзои прокурори ноҳия мактубе мехобид, ки дар он устод туҳматчӣ номида шуда буд. Баъди ин Мустафо Шарқӣ дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» бо номи «Афандии асри 20» фелетон чоп мекунад. Вале пас аз ин низ устодро ба ҷойи кораш барқарор намекунанд. Ночор ба назди вазири вақти маорифи Тоҷикистон Муҳаммад Осимӣ меравад. Худро мешиносонад. «Чашме, ки надорад назаре, ҳалқаи дом аст, Ҳар лаб, ки сухансанҷ набошад, лаби бом аст» мегӯяд. Иброз медорад, ки бегуноҳии ӯ исбот шуд, чаро вайро дар ҷойи пешинааш барқарор намекунанд? М.Осимӣ мегӯяд, ки «Ман шуморо мефаҳмам, вале инро КМ намехоҳад». Барои он ки шоир бовар кунад, ба боло телефон мекунад ва дар ҷояш барқарор кардани устодро хоҳиш мекунад. Аз телефон ба гӯши шоир чунин садо мерасад: «Ин масъаларо баъд мебинем». Пас аз ин шеърҳои шоир низ дигар дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ рӯйи чопро намебинанд.

Баъдан устод ба охирин хонаи умед ба рӯзномаи «Правда» мактуби шикоятӣ навишта, ба дасти як аскар ба шаҳри Маскав равон мекунад. Чанде пас аз «Правда» Ғоиб Қаландаров-мухбири махсуси он дар ҶШС Тоҷикистон ба ноҳия қадам ранҷа менамояд. Вай муаллифи мактубро надида, санҷида гуфтааст, ки Ғафур Мулло ҳақ аст. Кадом кореро мехоҳад, ба ӯ диҳед ва бо ҳам созиш кунед. Баъди ин шоирро ба кумитаи ҳизбии ноҳия даъват мекунанд, вале устод намеравад. Рӯирост мегӯяд, ки «Шумо босмачиед!» Илин омада, аз устод илтимос мекунад, ки ҳамроҳаш ба райком равад. Шоир ба Илин мегӯяд, ки ман туро хабардор карда будам. Агар дар наздам дузону назанӣ, ман



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намеравам. Илин барои дар наздаш дузону задан розӣ мешавад. Илинро шоир ба кошонаи кориаш бурда, фармон медиҳад:

-Стан, стой накалени! Илин хеста, дузону назди устод меистад ва аз устод узр пурсида, мегӯяд, ки ман боварӣ надоштам, ки дар ҷомеа чунин одамон низ бошанд. Ӯ аз шоир мепурсад: «Чӣ мехоҳӣ?» Мегӯяд, ки маро дар ҷойи кори пештараам – мактаби хоҷагии боғу токпарварӣ барқарор кунед. Шоирро дар ҷойи кори пештарааш барқарор мекунанд, вале ба қавли устод Ғафур Мулло Ғоиб Каландаров хизмати хирсона карда будааст, чунки ягон нафар гунаҳкорон ҷазо нагирифтанд.

Устод як сол тинҷ дар ҷойи кори пештарааш фаъолият менамояд, вале мебинад, ки муқобилонаш барои ниқоргирӣ пайти мувофиқ меҷӯянд, ихтиёрӣ аз вазифа истеъфо медиҳад ва ба назди сармуҳаррири рӯзномаи байниноҳиявии « Ҳаёти қишлоқ» Сафо Ашӯр, ки аз кулли моҷароҳои ба сари шоир омада огоҳ буд, меравад ва мавсуф ӯро мухбири махсуси рӯзномаи байниноҳиявии «Ҳаёти қишлоқ» дар навоҳии Фархору Маскав таъин мекунад ва ҳуҷҷатҳои ӯро дар ҳайати ҳизбии шаҳри Кӯлоб бо иҷозати Абдулҳақов мегузоранд. Солҳои мухбирии устод (1963-1965) тинҷу осуда мегузаранд. Дар ин миён прокурори ноҳияи Маскав ва мудири шуъбаи тарғиботу ташвиқоти райкоми ноҳия аз вазифа сабукдӯш гардида, муаллим мешаванд. Танҳо котиби райком мемонад.

Ҳамон сол котиби райком ба сарвари «болоӣ» ба истироҳатгоҳ рафта, маслиҳати ба боло рафтанаш ҳамон ҷо ҳал мегардад. Азбаски устод аз болои котиби райком ба «боло» мактуби шикоятӣ навишта буд, ҳамдеҳаи котиби райком–назоратчии ҳизбии КМ Тоҷиддин Исоев омада, се рӯз аз шоир илтиҷо мекунад, то баёнот диҳад, ки ба котиб даъво надорад. Устод ноилоҷ баёнот менависад. Исоев мегӯяд, ки баёноташ кӯтоҳ аст. Шоир дар ҷавоб мегӯяд, ки «Барои ӯ бас аст. Охир, ман вайро дар ҳуҷраи кориаш ба рӯяш тӯф карда будам. Бовар накунед, гӯед, дар ҳуҷраи кориаш аст, бори дигар хотиррасон кунамаш».

То соли 1965 Ғафур Мулло дар рӯзномаи байниноҳиявии «Ҳаёти қишлоқ» адои вазифа менамояд. Баъди соли 1965 ин нашрия барҳам хӯрда, дар асоси он рӯзномаҳои ноҳиявӣ таъсис ёфтанд. Дар айни барҳамхӯрии рӯзномаи «Ҳаёти қишлоқ» як рӯз ҳамроҳи мухбири махсуси радиои Тоҷикистон дар гурӯҳи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

навоҳии Кӯлоб Ашӯр Сафар ба назди котиби райкоми ноҳияи Фархор Некӯшоев медароянд. Вай аз Ғафур Мулло хоҳиш мекунад, ки сармуҳарририи рӯзномаи ноҳияи онҳоро ба уҳда гираду ба ноҳияи Маскав наравад, ки боз душманонаш ӯро азоб медиҳанд. Ба шоир мактуб дода, назди Шодӣ Саид –мудири шуъбаи КМ ПК Тоҷикистон мефиристад. Шодӣ Саид розӣ намешавад ва ӯро ба ҳайси сармуҳаррир ба ноҳияи Маскав мефиристад. Дар бюрои кумитаи ҳизбии ноҳия ӯро сармуҳаррири аввалини рӯзномаи ноҳия «Зафар» интихоб мекунанд. Ҳатто котиби нави райком ба шоир қавл медиҳад, ки ба мӯяш хор намечаспад. Шоир то моҳи майи соли 1965 дар ин рӯзнома ба ҳайси сармуҳаррир фаолият менамояд, вале ба ӯ имкони озодона кор кардан намедоданд. Мудири шуъбаи тарғиботи райком Алӣ Воҳидро ҷосус монда буданд ва ӯ ба рӯзнома имконият намедод, ки ягон маводи танқидӣ интишор ёбад. Дар бюрои райком котиб ба сармуҳаррир таҳдид мекард, ки хислаташро тағйир диҳад. Як вақт аз болои Хушниёзов – мудири хоҷагии ҷангали ноҳия аризаи шикоятӣ ба рӯзнома ворид мегардад. Худи Ғафур Мулло барои санҷиши ариза меравад. «Се шаб бурда, зиёфатам дод,- мегӯяд шоир,- ба ҳурмати намакат гуфтам, ба мудири хоҷагии ҷангал чизеро, ки дидам, онро менависам. Худову ростӣ, ман фелетонаш карданӣ будам».

Хушниёзов аз нияти тафтишгар пай бурда, барои пешакӣ ба шоир «фукбинӣ андохтан» ба котиби райком хабар медиҳад, зеро котиб бо мудири ҷангал ҷӯраҳои ҷонӣ будаанд. Котиби райком ба сармуҳаррир неву ба муовини ӯ-Раҷабалӣ Назар занг зада, таъкид мекунад, ки «ба сармуҳаррират гӯй, ки дар бораи Хушниёзов ягон фелетон нанависад, ки ҳо, сад балоро дар саратон гардон мекунам!» Вале баръакси таъкиди котиби райком фелетони олиҷанобе дар рӯзномаи ноҳиявӣ чоп мешавад. Котиби райком дар суханаш меистад: сармуҳаррирро аз узвияти пленуми райком озод менамояд. Гунаҳгори асосӣ-мудири хоҷагии ҷангал Хушниёзов низ «ҷазо» мегирад: ӯ аз вазифаи мудири хоҷагии ҷангал озод карда шуда, роҳбари хоҷагии моҳипарварӣ таъин карда мешавад. Баъди ин ҳодиса муносибати кормандони кумитаи ҳизбии ноҳия ба сармуҳаррир тамоман бад мешавад. Беҳудаву баҳуда ҳар моҳ як –ду бор дар бюрои райком ба рӯзнома хӯрдагирӣ мекарданд. Сармуҳаррир маҷбур мешавад, ки боз аз болои онҳо то ба кумитаи марказии ҲК ИҶШС икояти



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хаттӣ ирсол намояд. Аз он ҷо боз Ғоиб Қаландаров меояд. Вай фаъолияти молиявии рӯзномаро тафтиш менамояд, ягон камбудии иқтисодӣ намеёбад. Ғафур Муллоро ба наздаш даъват намуда, ба ӯ маслиҳат медиҳад, ки «Аз афташ ту бо инҳо соз намегирӣ ва аз ин сабаб аз шеърнависӣ низ мемонӣ. Биё, ба ту як маслиҳат медиҳам: ариза навишта, худат ихтиёрӣ истеъфо деҳ. Туро раиси кумитаи иҷроияи ноҳия таъин мекунем». Шоири содалавҳ ба ин таклиф розӣ мешавад. Дар бюрои райком «Бо хоҳиши худаш аз кор озод карда шавад» гуфта, қарор қабул мекунанд, вале дар дафтарчаи меҳнатиаш «Ба сабаби аз уҳдаи кор набаромадан аз кор озод карда шуд», гуфта менависанд. Ба ӯ на танҳо вазифа намедиҳанд, балки падари шаш фарзанд панҷ моҳ бекор мемонад. Маҷбур мешавад, ки боз назди котиби райком барои кор равад. Ниҳоят, баъди давуғеҷи зиёд ӯро директори хонаи пешоҳангон таъин мекунанд. Баъди чанде омада, шоир хоҳиш мекунад, ки зиндагиаш бад аст, бо шаст сӯми маоши директории хонаи пешоҳангон рӯзгори як оилаи калонро ба пеш бурда наметавонад ва илтиҷо менамояд, ки ӯро дар ягон мактаби калон директор таъин намоянд. Хоҳишашро ба инобат гирифта, ӯро директори мактаби ба номи Фирдавсии хоҷагии ба номи Киров таъин мекунанд. Ин ҷо низ душманонаш аз пайи озораш мешаванд. Парторги мактаб бо маслиҳати Назрӣ Иноят– мудири шуъбаи тарғиботу ташвиқоти райком ба КМ ҲК Тоҷикистон аризаи даъвогӣ навиштанд, ки гӯё директор аз мактаб як печкаи шикастагӣ, дувоздаҳ дарза коҳро бурдааст, шиғи мактабро канда, аз ҷойи дигар роҳ кушодааст. Ғафур Мулло ҳамагӣ дар ин мактаб як сол ба ҳайси директор кор мекунад ва мебинад, ки рӯзи некаш намедиҳанд, ихтиёрӣ ариза навишта аз кор меравад. Охир, барои як санади дурӯғ шуда, муовини кумитаи иҷроияи ноҳия, аз райком, аз шуъбаи маорифи ноҳия омада, гаштаву баргашта санҷиданд, камбудии молиявӣ наёфтанд. Директор гуфт, ки «Дар мактаб камбудиҳо дар соҳаи таълиму тарбия каманд, ки шумо аз таги нохун чирк мекобед?»

Баъд аз ин Ғафур Мулло дар мактаби русии маркази ноҳия муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ таъин мегардад. Дар ин ҷо низ ба ӯ бо ҳар роҳ тазъиқ меоваранд. Бинобар ин моҳи октябри соли 1968 ба Кумитаи Марказии ҲК ИҶШС мактуби шикоятӣ менависад. Дар он таъкид менамояд, ки «Ҳашт сол боз (1960-1968) се аризаи ман дар КМ ҲК Тоҷикистон бетафтиш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хобидааст. Ночор ба Шумо мурочиат кардам». Мактубро бо дасти як аскарбача рӯзи 12 октябр ба Маскав мефиристад. Рӯзи 24 октябр аз Маскав ҷавоб медиҳанд, ки гирифтанд. Вале яке якбора рӯзи 7 ноябр ташкил карда, ӯро ба ҳабс мегиранд. Аз афташ аризаи ӯ барои чораҷӯӣ ба КМ ҲК Тоҷикистон омадааст ва дар «боло» илоҷи ягонаи халосӣ аз шоири «аризабоз»-ро дар ҳабсшавии ӯ мебинанд ва супориш медиҳанд, ки барои ҳабси ӯ ягон «баҳона» ёбанд.

-Рӯзи 7 ноябр пагоҳӣ дар хона нон набуд, бинобар ин барои овардани нон аз хона ба дар шудам,-ба ёд меорад шоир.- Раиси ҷамъяти матлуботи ноҳияву чанд каси дигар маро дидан замон базӯр кашолакунон ба тарабхона бурданд. Наздамон як милиса низ чарх мезад. Нӯшидем. Пас аз он ба варзишгоҳ рафтам. Он ҷо гӯштингирӣ буд. Ман назди аъзои ҳакамон рафтам. Онҳо хеста, дар барашон маро ҷо доданд. Ҳамин вақт котиби райком ҳамроҳи аъзоҳои бюроаш ба варзишгоҳ омад ва дар болои сари мо рост истод. Кӯдаконам низ маро, ки диданд, ба ман наздик шуданд. Исломи дусола «Ата, нон!» гуфт. Райком дар болои сарам рост меистод ва маро хориам омада, беихтиёр ба Ислом гуфтам, ки «Бачам, аз ҳамин амакит нон пурс!» Пас аз он онҳо баромада рафтанд ва дар назди ошхонаи шафати варзишгоҳ рост истоданд. Ман низ Исломро ба бағал кашида, аз майдон баромадам. Аз пешам сардори раёсати кишоварзии ноҳия, хеш ва шогирдам Нуриддин Маҳмудов баромад. Ба ман бе салому алек часпид, ки чаро котиби райкомро ранҷондӣ? Ман гуфтам, ки «Ту тамаллуқкорӣ накун, ман ӯро наранҷонидаам. Агар сухани ман ба ӯ сахт расида бошад, узр низ мепурсам, лекин ман котибро ягон ҳақорат накардаам». Ҳамин вақт муовини милисаи ноҳия Саидов омада гуфт, ки «Котиби райком аз хонааш ва котиби дуюм аз ҳуҷраи кориаш фармон доданд, ки туро ҳабс кунем». Ман гуфтам, ки шумо иҷозатномаи прокурорро надоред. Саидов гуфт, ки ҳоло прокурор нест, ояд, иҷозат мегирем. Гуфтам, ки «Дар кадом асос маро ба ҳабс мегиред? Гуфт, ки: намедонам. Хулоса, масъалаи ҳабси ман дар «боло» ҳаллу фасл шуда буд».

Ниҳоят, шоир бо исрори Саидов писараш Ислом дар бағалаш ба ШКД- и ноҳия меравад. Он ҷо шоир дар болои харак менишинад, вале ба ӯ фармон медиҳанд, ки аз ҷояш хезад. Чор милисаву ду дружинник Исломро аз дасташ кашида мегиранд. Мебинад, ки намешавад ва «ҳомиёни тартибот» дасту пояшро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

зада мешикананд, ночор кӯдакро раҳо мекунад. Сипас, шоирро ҳамакаса шаттакорӣ мекунанд. Кастюмаш медарад. Ниҳоят, ба он муваффақ мегарданд, ки ба дастонаш завлона зананд. Дар хоначаи як ба як гилеми тарро ба таги пояш гузошта, соати 12-и рӯз ӯро он ҷо қулф мекунанд. Шоир вақти завлона задан дод задаву гириста мегӯяд, ки «Мардум, кучоед, фашистҳо маро ҳабс карданд!» Шоир ба ёд оварда мегӯяд, ки «Дар киноҳо дида будам, ки фашистҳо кӯдаконро аз дасти волидайнашон рабурда, ҳамин хел мекарданд ва ин манзара ҳамон киноҳоро ба ёди ман овард.

Шоир шабро рост истода, рӯз мекунад, зеро шинад, тар мешавад. То рӯз дод гуфта, гиря мекунад, навҳа мекашад, вале ку додрасе? Пагоҳӣ хӯрокҳоеро, ки аз хона барои ӯ оварда буданд, қабул намекунанд. Ночор бандӣ хоҳиш мекунад, ки ӯро ба боздоштгоҳи муваққатии шаҳри Кӯлоб гузаронанд, зеро агар дар ШКД - и ноҳияи Маскав меистод, яқин ӯро мекуштанд.

-Вақте ки маро ба ҳабсхонаи Кӯлоб гузарониданд,- ба ёд меорад шоир,- аз миёни бандиён овоз омад:- Ин ҳамон шоири бандӣ аст!

Шоир ду моҳ дар маҳбаси муваққатӣ мехобад. Муовини прокурори ноҳия Салимов ба назди ӯ даромада, маслиҳаташ медиҳад, ки ҳини мурофиаи судӣ гап назанад, ки аз 5 то 7 сол судаш хоҳанд кард. Бо гузашти ду моҳ-моҳи январ мурофиаи судӣ оғоз меёбад. Мурофиаи кушод доир карданд ва дар он кулли зиёиёни ноҳияи Маскавро ҷамъ намуданд, то ки чашми баъзе «нухтаканҳо»-ро тарсонанд. «Вақти мурофиа,-ба хотир меорад шоир,-як бачаи касали саръ доштам. Чанд бор дар ин муддат касалаш гирифт. Касе, ки инро дид, гирист».

Шоир вазъи ҳамонвақтаи мурофиаро бо дарду андӯҳ ба хотир оварда, мегӯяд, ки «Раиси суд як лақай буд- Шона Ашӯров. Мисли дев буд. Ҳамин ки аз ҷояш мехест, замину замон меларзид. Ӯ маро аз номи суди халқӣ говсуд мекард. Вай гап мезаду халқ ӯро бо овози баланд дашном медод, вале ӯ гӯё ки кару гунг буд».

Гуноҳи Ғафур Муллоро дар он донистаанд, ки сардори раёати кишоварзии ноҳия Нуриддин Маҳмудовро ҳақорат карда будааст: «Ту тамаллуққор астӣ», гуфтааст. Мувофиқи қонуни мавҷуда барои ин шоир ё ҷарима месупорид ё билети ҳизбиашро мегирифтанд, вале дастандаркорон ва хоҷагони боло қартаи шоирро дигар хел чархониданд: «ҷабрдида» Н.Маҳмудовро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фиреб доданд, ки ариза навис, мо шоирро як метарсонем. Бо ин аризааш Н.Маҳмудов низ дар бало мондааст. Агар гӯяд, ки маро фиреб кардед, ҷавобгараш мекунанд. Дар мурофиа низ ҷабрдида Н.Маҳмудов аз ҷояш хеста, мегӯяд, ки «Ғафур Мулло, якум-муаллимам, дуюм-хешам, сеюм-ҳамдеҳаам, чорум-аз ман калонсол аст ва агар ҳақорат карда бошад ҳам, ба ин ҳақ дорад» ва аз гуноҳаш мегузарад.

Шоҳиди дуюм- котиби сеюми райком Кудратов будааст. Баёноти ӯро дар мурофиа мехонанд, вале худи ӯ намеояд. Шоҳиди сеюм- котиби аввали камсомол Салимов будааст ва ӯ низ дар мурофиа аз иштирок кардан шарм мекунад.

Шоир оҳи сарде кашида:

*«Дидӣ, ки хуни ноҳақи парвона шамъро,*
*Чандон амон надод, ки шабро саҳар кунад*»-мегӯяд.

Пас аз анҷоми ноодилонаи мурофиаи ман мурдаи Салимовро аз Маскав оварданд. Машваратчии суд як зан буд. Аз афташ барои ноҳақиаш нисбат ба ман бошад, ки бачаашро дар сари симчӯб барқ зада мекушад. Раиси суд Шона Ашӯр девона шуда, дар касалхона заминҳоро мегазад. Охир

*Ба шоир ҳар касе, ки мушти кин дорад,*
*Бигардад хушк мушти кинахоҳаш.*
*Ба шоир ҳар касе, ки кина дорад,*
*Бисӯзад ҳафт пушти кинахоҳаш.*

(Шеър моли М. Аҷамист)

Шояд Н.Маҳмудов бо шоҳидии додааш қаҳрамоние кард, ки ӯро котиби райкоми ноҳияи Данғара таъин кардаанд. Шоир бо Маҳмудов дар назди ошхона гап зада буд, вале аз рӯйи баёноти шоҳидон гӯё онҳо- кормадони райком дар ошхона машғули маишат будаанд, ки шоир ба ошхона зада даромада, чойнику пиёлаи онҳоро шикастааст, ба онҳо дарафтода, айшашонро талх кардааст. Ошпазҳо дар баёноти аввалаашон навишта буданд, ки шоир бо онҳо дар таги дарахтҳои назди ошхона гап мезад. Мо дигар чизе надидем. Баъди ин маротибаи дуюм муовини ШКД-и ноҳия назди онҳо омада мегӯяд, ки мо баёноти шуморо гум кардем ва аз нав баёнот навиштем, имзо кунед. Онҳо баёнотро нахонда, ба ин одам бовар карда, имзо мекунанд. Дар мурофиа ба ошпазҳо таҳдид мекунанд, ки шуморо барои баёноти бардурӯғ ба ҷавобгарӣ мекашанд. Аммо ошпазҳо мегӯянд, ки мо шахси бегуноҳро бардурӯғ туҳмат карда наметавонем. Чӣ коре, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мехоҳед, кунед, вале мо дурӯғ намегӯем. Онҳо дар мурофиаи кушод на танҳо шоирро сиёҳ карда натавонистанд, балки дар назди халқ сафед карданд. Як бори дигар бесалоҳиятӣ ва нотавонии кормандони ҳифзи ҳуқуқро намоиш доданд. Ду милиса шоҳидӣ медиҳанд, ки ҳангоми дастгиркунӣ маҳкумшаванда чунон муқобилият нишон дод, ки ночор дар як мошини боркаш дасту пояшро баста, бор карда овардем. Вале баръакси милисаҳои дурӯғгӯй муовини ШКД-и ноҳия Саидов рости гапро мегӯяд.

Дар охир прокурор панҷ сол мепурсад. Раиси суд баъди машварат ҳукмномаашро ба муддати як сол дар ҳабси низомаш умумӣ эълон мекунад. Баъдан шоирро ба ҳабсхонаи Кӯлоб бармегардонанд, пас аз ду рӯз муовини ҳабсхонаи Кӯлоб ба шоир мегӯяд, ки «Муддати ҳабсат ҳамагӣ нӯҳ моҳ мондааст. Ман барои ту шароит муҳайё мекунам, шеър навис, вале ба дигар ҳабсхона нагузар». Шоир аз тарси он ки ба ӯ дар ин ҷо рақибонаш заҳр дода накушанд, талаб мекунад, ки ӯро ба дигар ҳабсхона гузаронанд. Талаботашро қонеъ гардонида, ӯро ба маҳбаси Роҳатӣ мегузаронанд. Дар ҳабсхона ҳама ӯро чун шоир пешвоз мегиранд, ҳурмату эҳтиром мекарданд, дар нишастҳо, базмҳояшон ӯро даъват мекарданд, маслиҳат мепурсиданд. Дар ҳабсхона дар заводи хишт кор мекард. Бо дасташ хишти гарми акнун аз кураи оташ баромадаро мечид. Баъди ин дигар истеъдоди шоир мемирад, дилаш аз Ҳукумати Шӯравӣ, ки як умр вассофи он буд ва ба ҳақиқатпарастии он умед мебаст, мемонад.

Дере нагузашта фармон дар бораи озодона адо намудани муҳлати боқимондаи ҳабс содир гардид. Ин қазияро суди ноҳияи Орҷенкинзеобод (Ваҳдати ҳозира) дида баромад. Раиси суди ин ноҳия, собиқ раиси суди ноҳияи Маскав дар вақти сармуҳаррир кор кардани шоир буд. Ӯ аз вазъи шоир хеле ба риққат омада, афсӯс меҳӯрад ва қазияро мусбат ҳал менамояд. Вақте ки шоир барои ҳуҷҷатҳояшро гирифтан ба ҳуҷраи кории раиси суд ворид мешавад, дар болои сараш чунин сатрҳоро мехонад: *«Қонундон ҳам чун аскар аст, ба хато кардан ҳақ надорад. Агар аскар хато кунад, марги ҷисмонӣ меорад, хатои ҳакам бошад, марги рӯҳист» (Михаил Левин)* .

Баъди ин ӯро ба хоҷагии Вахши ноҳияи Вахш, ки ҷойи сукунати маҳбасиёни озодона мезистагӣ буд, меоранд. Барои рӯзгузаронӣ мехоҳад, ки аз рӯйи ихтисос ба кор дарояд. Ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

директори мактаби миёнаи рақами 17 Нарзуллоев муроҷиат мекунад, вале номбурда аз ӯ ҳазар намуда, ба ҳар баҳона аз иҷрои хоҳиши ӯ саркашӣ мекунад.

Пас аз анҷоми муддати ҳабс дар хоҷагии Вахш (дашти Қароланг) зиндагӣ ихтиёр мекунад. Як мошин гирифта, барои кӯчашро овардан ба ноҳияи Маскав раҳсипор мегардад. Вақте ки дар сарҳади ноҳия (развилка) мерасад, ба вай шиносҳояш мегӯянд, ки ба ноҳия наравад, зеро ду сол пеш муаллиме бо туҳмат суд шуда буд. Он кас баъди адои муҳлати ҳабс мехоҳад ба хонааш баргардад, вале ӯро «Афғонистон мегузарад» гуфта, бо буҳтон боз ду соли дигар шинониданд. Бинобар ин ӯ ба Кӯлоб меравад ва шофири рус кӯчи ӯро аввал ба Кӯлоб мебарад, шабро он ҷо рӯз мекунанд ва рӯзи дигар ба Вахш, ба дашти Қароланг бармегарданд.

Баъдан барои кор ба назди мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Вахш Маҳмудов медарояд. Худро шинос менамояд. Шарҳи ҳолашро баён месозад. Маҳмудов ба ҷойи ба ӯ ёрӣ расонидан саргузашти Мавлонов ном муаллимро, ки ӯ низ чун шоир маҳбасӣ шуда будааст, нақл мекунад. Шоир ба ҷон расида, «Мавлонов ба ман чӣ дахл дорад? Шаф-шаф накарда, шафтолуи гапро гӯед: маро ба кор мегиред ё не?» Мудир ӯро ба кор гирифтан намехоҳад. Шоир сарсону саргардон кор мекофт. Ногоҳ шоҳиди шикояти директори мактаби шуъбаи сеюми хоҷагии Москваи ноҳияи Вахш гардид, ки дар мактабашон ду синфашон муаллими ибтидоӣ надорад. Шоир радду бадали шударо бо мудири маориф ба директор гуфта дод ва таъкид кард, ки кӯдаконаш дар Қароланг гушнаву лучанд. Рӯзи дигар директори мактаб ба ӯ фармони шуъбаи маорифро оварда медиҳад ва ба вай месупорад: як синфи яку як синфи чор. Ба шоир мошин медиҳад, ки кӯчро ба ин деҳа орад. Се рӯз дарс медиҳад. Рӯзи чорум мудири маориф Маҳмудов омада, ба вай мегӯяд, китобу дафтарҳоро мон, ба ту ҷавоб. Ба ту муаллимӣ мумкин нест. Шоир бо чашмони пуроб ба мудир мегӯяд, ки «биё, як бор хонаи маро бин, 5-6 кӯдак дорам, лучу гушнаанд». Мудир рафта, ба вазъи зиндагии шоир шинос мешавад, вале ин низ ба дили санги сардор асар намекунад. Фақат «Аз дасти ман коре намеояд, аз боло фармон шуд. Аз ман домангир нашав!» мегӯяд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шоир бо ин гӯё аз борон гурехта, дар новадон меафтад. Дар дашти Қароланг метавонист ба кишоварзӣ машғул шавад, вале ин ҷо замини корам низ камчин буд.

Шоир «Аз бекорӣ-кадукорӣ» гуфта, дар китобхонаи назди хонааш китоб мехонд ва ба ин васила рӯз кӯр мекард, то ки дар чашми бонуи хона камтар намоён шавад. Як бегоҳ шахсе омада, ба шоир мегӯяд, ки ӯро аҳли масҷид даъват мекунанд. Ӯ ба масҷид меравад. Намозгузорон хуш қабулаш мекунанд. Домуллои масҷид ба ӯ мегӯяд, ки «Мо шунидем, ки шумо шоир будаеду акнун аз ҳабсхона баромадаед. Зиндагиатонро хеле сангин гуфтанд». Сипас, онҳо ба шоир як миқдор пули ҷамъкардаашонро месупоранд ва мегӯянд, ки инро гирифта, барои бачаҳоят сарутан харид кунед. Ҳамчунин бо маслиҳати пешакӣ ҳар рӯз як хонавода хӯрок пухта, бурда ба хонаи шоир медод. Шоир вақте ки воқеияти ин суханҳоро нақл мекард, таъкид кард, ки аз бошандагони шуъбаи сеюми хоҷагии «Москва» як умр қарздор аст ва агар ҳини сакарот ҷони ӯ ба зудӣ рамақашро тарк накард, донед, ки онҳо ӯро биҳил накардаанд.

Чанде нагузашта, Ташрифов-директори мактаби деҳаи Сари насос назди шоир омада мегӯяд, ки муаллими забони русиамон ба рухсатии таваллуд баромадааст, русиро медонӣ? Шоир мегӯяд, ки «Ман русӣ-ку русӣ, ҳатто юнониро медонам, вале маро доғи судӣ дорӣ, гуфта, мудир фармон намедиҳад». Вай рафта бо имзои ҳамон Маҳмудов фармони муаллими муваққатии забони русиро меорад. Онҳо боз кӯчида ба Сари насос меравад. Он ҷо то охири сол ба ҳайси муаллими забони русӣ кор мекунад. Соли таҳсили нав назди мудир рафта, мехоҳад фармони муваққатиро ба доимӣ иваз кунад. Мудир Маҳмудов баҳона пеш меорад, ки агар то аз Вазорати маориф роҳхат наорад, ин корро карда наметавонад. Ночор ба Вазорати маориф, назди муовини вазир Ниёз Сафаров меравад. Вай низ аз додани роҳхат ба ӯ худдорӣ мекунад. Гӯё вазир розӣ нашудааст. Ҳини аз Вазорати маориф баромада рафтан нозири Вазорати маориф Мишел Бобоеви яҳудӣ, ки ҳини дар шаҳри Кӯлоб ба ҳайси муовини директор кор кардан муаллими ӯ буд, вайро дида, сабаби сарсониашро пурсон мешавад. Баъди шунидани тафсилоти воқеаҳои ба сараш омада фавран рафта роҳхати Вазорати маорифро ба шоир оварда медиҳад. Маҳмудов баъди ин ӯро дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мактаби ибтидоии рақами 33-и деҳаи Мискинобод муаллим таъин мекунад.

Баъди сипарӣ шудани як сол шодравон Амирбек Каримов-директори мактаби миёнаи рақами 11 овозаи шоирии Ғафур Муллоро шунида, ӯро ба кор даъват мекунад, ки инҷониб низ шогирди мавсуф ва хатмкардаи ин дабистонам.

Устод кӯчида, ба Мискинобод омаданд, соҳиби хонаву дар ва зиндагии осуда гардиданд. Мурғи илҳоми шоирии устод Ғафур Мулло аз нав ба парвоз омад. Шеърҳояш пайваста саҳифаҳои рӯзномаи ноҳиявии «Вахш»-ро зеб медод. Вале ин нишоти шоир дер давом накард. Дар бюрои ноҳиявии райкоми Вахш Пиримқул Сатторӣ-ходими адабӣ ва Неъматов- сардабири рӯзномаи ноҳиявии «Вахш»-ро барои шеърҳои Ғафур Муллоро чоп карданашон муҳокима мекунанд ва танбеҳ медиҳанд. Сатторӣ ба Ғафур Мулло мактуб навишта, ӯро Ҳофизу Иқбол меномад ва илтиҷо мекунад, ки зинҳор аз шеърнависӣ даст накашад ва тасалло медиҳад, ки рӯзе хоҳад расид, ки шеърҳояш сархати ҷаридаҳои форсизабононро зеб хоҳад дод. Аз «боло» ба Муқим Абдураҳмонов-сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Навиди Вахш» низ занг зада, таъкид мекунанд, ки «аз чопи шеърҳои Ғафур Мулло эҳтиёт бошед!» Бесабаб нест, ки маҷмӯаи ашъори Ғафур Мулло бо дуои Мирзо Турсунзода бояд соли 1963 чоп мешуд, вале чун шоир китобаш низ то соли 1987 дар зиндон буд. Дар ҳоле ки устоди зиндаёд Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ Одина Ҳошим ҳанӯз солҳои 50-60- ум ба даҳҳо шеърҳои Ғафур Мулло («Гул мезанӣ», «Эй дил», «Норак чароғон мешавад», … ва монанди инҳо) оҳанг баставу месуруд, акнун душманонаш барои интишори ашъори ӯ сад мегузоштанд, вале шоир аз ин озурда намешуд. Гоҳо байти Сайидоро зери лаб месуруд:

*Маро кай метавон аз забонҳо ҷамъ кард акнун,*
*Ман он рози ниҳон будам, ки берун аз даҳан рафтам.*

Танҳо пас аз инқилоби бозсозии бузург (ибораи дӯстдоштаи шоир) соли 1987 баъди 24 соли дар маҳбас хобидан маҷмӯаи нахустини ашъори шоир бо номи «Шадда» ва баъдан «Ҳарфи дил»-и шоир бо тамғаи нашриёти «Адиб» рӯи чопро дид. Марги беамон, бо дасти ҷанги хонумонӯз соли 1992 устодро аз байни мо рабуд ва маҷмӯаи сеюм ва бузургҳаҷми устод, ки шеърҳои наву ногуфтаи шоирро дар бар дошт, чоп нашуда монд. Фарзандони устод ба шоир Хайрандеш умед баста, маҷмӯаро дар ихтиёри ӯ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гузоштанд, вале аз дасти Хайрандеш маҷмӯа нопадид гардид. Банда бо мураттиби маҷмӯаи мазкур Маҳмурод Раҳмонов ба назди ҳамсари шоир рафта, бо зорию тавалло аз сандуқаш кулли мусаввадаҳои шоирро ба даст овардем. Як рӯз муҳлат гирифта, тамоми ашъори номатбӯъ ва дар рӯзномаҳою маҷмӯаҳои дастҷамъӣ интишоршудаи шоирро нусхабардорӣ кардем, ба мавзӯъҳо ҷудо намуда, омодаи чоп кардем. Ниҳоят, бародари гиромӣ, директори нашриёти «Адиб» Гурез Сафаров аз ин иқдоми мо огаҳӣ ёфта, интишори ашъори барои бузургсолон таълифнамудаи устодро ба зимма гирифтанд ва маҷмӯаи ашъори шоир соли 2016 дар ҳаҷми 191 саҳифа бо номи «Соҳили дарёи дил» ба дасти ихлосмандони шеъри Ғафур Мулло расид, вале ашъори ҳаҷвӣ ва бачагонаи шоир ҳанӯз дар шакли номатбӯъ боқӣ монда буданд. Бинобар ин мо вазифаи шогирдии худ донистем, ки барои интишори ашъори ҳаҷвию бачагонаи устод иқдом намоем.

Пешгӯии устод Сатторӣ дуруст баромад. Акнун ашъори устод Ғафур Мулло сархати кулли нашрияҳои ҷумҳурӣ ва берун аз онро зеб медиҳанд. Шеърҳояшро ҳаводоронаш мехонанд. Мирзо Ҳасанов, Пирмаҳмад Ёқубов, Малик Болтаев барин садҳо мардуми одӣ тамоми шеърҳои Ғафур Муллоро азёд медонанд ва дар маҳфилу маъракаҳо қироат мекунанд.

Ҷаҳони шеъри Ғафур Мулло имрӯз хазинаи дарбастаеро мемонад. Ҷилд-ҷилд мусаввадаҳои шоир ҳанӯз интизори чопанд. Айни ҳол девону дафтари Ғафур Мулло ба кашшофе ниёзманданд, ки дари розҳои нуҳуфтаи шоирро боз намояд ва вориди ин хазина гардад:

*Ёрон, назаре ба чашми полудаи ман,*
*Ҷӯед асаре аз дили н-осудаи ман.*
*Хоҳед, ки Шумо дидаи дил бикшоед,*
*Бар сафҳаи ин дафтари накшудаи ман.*
*(Хуршедҳои гумшуда, с. 76).*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 2.10.ЭЙ СОЛИ АСП, СОЛИ САМАНДИ ДАВАНДИ МАН…

*(Муҳтавои ашъори ба Соли асп бахшидашуда)*

Ба касе пӯшида нест, ки дар садаи 20 солҳои 1906, 1918, 1930, 1942, 1954, 1966, 1978, 1990 ва дар асри 21 солҳои 2002, 2014 ба соли асп рост омадаанд.

Аз тамоми ҷонварони толеъномаҳои халқӣ аз ҳама зиёд Соли Асп тараннум шудааст, зеро марде, ки солаш асп бошад, меҳнатдӯст, пурбардошт, шикебо ва боваринок аст. Зан-асп бошад, ниҳоят эҳсосӣ буда, аксар вақт мавқеи худро тағйир медиҳад. Як ноҷурии хурде метавонад рӯзгори осудаи ӯро барбод диҳад ва баръакс, бо як қадами донистa гузоштааш нобасомониҳои рӯзгорро низом мебахшад. Зан-асп кушодадил, гули сари сабади маҳфилҳо, кадбонуи хуб ва панҷ ангушташ ҳунар аст. Мард-асп дар лаҳзаҳои душвор худро идора карда метавонад. Хунаш дар ҷӯш аст, бадрашк мебошад, мунoқишаро дӯст медорад.

Тибқи қаринаҳои мардумӣ соли асп соли эҳтиёткорист. Ғарра набояд шуд, ки дар соли худ шодмониҳои зиндагӣ ба коми Шумост. Соли асп соли серташвишу серкорӣ ва пур аз мушкилот аст.

Соли 2002, ки ба соли асп рост омада буд, унвонии «Соли асп» ду шеъри ҳамноми Хайрандеш ва Раҳмат Назрӣ рӯйи кор омаданд (1;2;). Раҳмат Назрӣ шеъри мазкурро соли ҷорӣ бори дигар аз тариқи ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» ба чоп расонид (3;).

Дар фуроварди соли 2001 ва даромади соли нави 2002 шеъри Хайрандеш (Хайриддин Қурбонов) бо номи «Соли асп» бо нақароти

*«Эй соли асп, соли саманди даванди ман,*
*Эй соли орзуи баланди баланди ман»*

(1, 91) оғоз меёбад, интишор шуд.

Мавсуф итминони комил дорад, ки дар соли асп мардуми Тоҷикистон ба баландтарин қуллаҳои орзуи худ хоҳанд расид. Онҳо руҳи пурфутуҳи Фирдавсӣ, Рахшу Рустаму Баҳрому Суҳробу Гӯрғуливу Нураливу Авазу Восеу Темурмаликро зиндаву поянда хоҳанд кард, чунки дар Шарқ обрӯи асп баланд буда, руҳи асп онҳоро нигаҳбону зи нав эҳё менамояд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Эй соли «Шоҳнома»-ву Фирдавсии ҷасур,*
*Эй соли Рахши Рустаму Баҳроми Гӯр.*
*Бӯйи фарас ҷароҳати гурдон даво кунад,*
*Суҳроб дар канори падар чашм во кунад.*
*Гӯргулӣ як бисулфаду хезад зи гӯр боз,*
*Оянд Нураливу Аваз тунду сарфароз.*
*Восеъ зи дори арки Бухоро раҳад яке,*
*Темурмалик аз раги дарё ҷаҳад яке.*
*Дар Шарқ буд баланд мудом обрӯи асп,*
*Хиҷлат ба нӯшдору биояд зи бӯйи асп.* (1, 91).

Дар банди дуюм шоир аз Хинги Аҳмаду ҳикояти «Ҷӯйи Мӯлиён», аз Рӯдакӣ, Фаррухӣ, Саноӣ, Анварӣ, аз қиссаи дар болои асп сари Аторро аз тан ҷудо кардани чингизиён, аз васфи асп дар эҷодиёти Бедил, аз аспи лоғари Мушфиқӣ ёдовар мешавад ва тавсани (аспи саркаши) илҳоми болдори худро аз ҳамаи сутурони онҳо пурэъҷозтар мешуморад:

*Эй соли Насри Аҳмаду ҳам Ҷӯйи Мӯлиён,*
*Эй соли реги Омӯву ҳам хинги то миён,*
*Эй соли Рӯдакиву забони тари дарӣ,*
*Эй соли Фаррухиву Саноиву Анварӣ,*
*Ширину талх қиссаи бисёр ёд ҳаст,*
*Аттори дасти баставу Чингизу аспи маст.*
*Бедил, ки сабки умри дарози сухан аз ӯст,*
*Қадри фарози аспу фарози сухан аз ӯст.*
*Моро ба аспи лоғари Мушфиқӣ чӣ кор?*
*Асп-аспи мост: тавсани илҳоми болдор.* (1, 91).

Шоир ба шаҳсаманди хонадони Сомониён, ки шаҳсавору зимомдори он Шоҳ Исмоили Сомонӣ аст ва ин пайкараи аспсавори мавсуф дар маркази Хатлон қомат афрохтааст, муроҷиат намуда, таманно менамояд, ки он шиҳа занад, чунон шиҳае занад, ки он ба гӯши Зардуштпайғамбар расад, то ки миллати тоҷик суханони қудсии Зардушт-пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори некро ҳамагон дар амал татбиқ намоянд, дар соли асп мардум олитарин орзуҳои худро дар амал пиёда созанд:

*Эй шаҳсаманди дудаи Сомон, ту шиҳа зан,*
*Аз пойтахти хиттаи Хатлон ту шиҳа зан.*
*То самъи аҳли фитнаро ин шиҳа кар кунад,*
*То шиҳаат ба мағзи асорат асар кунад.*
*Он корагар шавад чу ба ҳафтод пушти мо,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Шояд барад ба марҳамати Зардуҳушти мо.*
*Миллат расад ба ҳикмати пиндори нек боз,*
*Гуфтори нек ояду рафтори нек боз.*
*Эй соли асп, ваҳдати Тоҷ устувор бод!*
*Мардони зинбапӯшт ҳама зинсавор бод!* (1, 91)

Дар банди охирини шеър бошад, муроди шоир тинҷиву осудагии кишвар, ваҳдату ягонагӣ ва дӯстии қарини мардуми Тоҷикистон аст. Шоир дуогӯи он аст, ки агар майдони асптозие бошад, бигузор он майдони бузкашии саворон бошад ва мардум дар атрофи Президенти худ Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардида, шукри рӯзгори тинҷу осуда, шукри хонаи обод ва шукри давлати пойдору устувори ӯро намоянд:

*Об аз фасод пок шавад, хок аз адӯ,*
*Не номи ҷанг монаду не номи ҷангҷӯ.*
*Гурдон зи қаъри карнҳо оянд фавҷ-фавҷ,*
*Огӯш сӯи ҳам бикшоянд фавҷ-фавҷ.*
*Ҳуббулватан ҷинон шавад аз шаҳриёрҳо,*
*Фориғ зи гурзу ҳамҳамаву корзорҳо.*
*Гурдони корзор биоянд бузкашӣ,*
*Бар гирди хони кишвари Ваҳдат намакчашӣ.*
*Сарҷамъ шукри давлати Эмомалӣ кунем,*
*Ӯро дар ин Ваҳдатватан Ваҳдатвалӣ кунем.*
*Эй соли асп, соли саманди даванди ман,*
*Эй соли орзуи баланди баланди ман.* (1,91)

Раҳмат Назрӣ ҳам дар соли асп боз ба образи асп рӯ меорад. Ӯ бо номи «Соли асп» (2, 23) шеъре навишта, соли аспро соли нек, соли анҷоми кулли бадбахтиҳо ва соли оғозҳо, соли пардозҳо, соли сӯзу созҳо ва соли ташаккули тамоми Дардбандҳову Дарвозҳо мепиндорад:

*Соли асп, эй соли човандозҳо,*
*Овар аз анҷомҳо, оғозҳо!*
*Шиҳаи аспи ту аз раҳ мерасад,*
*Шодбошаш мекунанд овозҳо.*
*Пешвози аспи ёлафшони ту*
*Ёлаҳо густурда пойандозҳо.*
*Медиҳанд об аспи Табрези туро*
*Куҳҳо, Дарбандҳо, Дарвозҳо…*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шоир хостгори он аст, ки ҳамзамононаш аспи зиндагиро пардоз дода, зин зананд ва аз зимомаш маҳкам дошта сӯи рӯшанӣ устуворона гом ниҳанд :

*Зиндагӣ зин мезанад аспи туро,*
*Бандад озинаш, диҳад пардозҳо.*
*Ҳамчу бод аз обу оташ бигзарад*
*Аспи аргуштии ту бо нозҳо…*
*Соли нек, эй сумби аспат фоли нек*
*Дар замини поки сӯзу созҳо!*
*Кош, эй кош, аспи майдонии ту*
*Сӯйи гардун оварад парвозҳо.* (2, 23).

Дар охир шоир итминони комил дорад, ки соли асп соли нек аст ва пайомадҳои хуб дар пеш аст.

Ба шарафи соли 2014, ки соли асп аст, шеърҳои Зулфия Атоӣ «Имсол соли асп» (4;) ва Кайҳонӣ Сӯфӣ «Соли асп» (5;) дар матбуот чоп шуданд.

Зулфия аз соли асп таманнои онро дорад, ки аспи «тезрав» ва «хушҷилав» пайғоми нек эҳдо намояд ва вуруди соли аспро фоли нек ва соли нек медонад:

*Эй аспи тундрав,*
*Эй аспи хушҷилав,*
*Аз авҷи осмон пайгоми хуш биёр.*
*Дар соли некпай,*
*Чун фоли некпай*
*Аз мулки ахтарон илҳоми хуш биёр.* (4,26).

Шоира бо дили пур иброз медорад, ки дар соли асп бояд маҷрои зиндагии мардумаш дигар шавад, рӯзгори сокинони Тоҷикистон обод ва қалбашон хурраму шод гардад:

*Маҷрои рӯди ман бояд дигар шавад,*
*Хокистарам кунун бояд шарар шавад,*
*Шоми дарози ман бояд саҳар шавад,*
*Ҷодугари хаёл аз тан бадар шавад…*

Дар охир шоира аспи сафедро, ки ихлосманди он аст, орзую умеди худ мешуморад ва аспро ҳушдор медиҳад, ки имсол соли ӯст:

*Аспи сафеди ман,*
*Аспи умеди ман,*
*Имсол соли туст,*
*Имсол соли туст…* (4,26).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Кайҳонӣ Суфӣ дар шеъри «Соли асп» (5,2) аз он изҳори хушнудӣ мекунад, ки бо вуруди соли асп соли мор аз миён рафт ва як-як аз сели балоҳои дар соли мор ба сари мардуми олам рехта ёдовар мешавад. Ба қавли шоир дар ҷаҳони араб дар ин сол худсӯзӣ, фарёду ғаму оҳ ҷараён дошт, дар Бағдод куштору террори одамон дар авҷ буд, ки аз ба дор овехтани Саддам Ҳусейн оғоз ёфта буд. Аз ҳама муҳимаш соли гузашта «Соли зӯрмандии Путини бузург, Суриё то нашавад луқмаи гург» (5,2) буд. Вале аз диди Кайҳони Сӯфӣ дар ин сол дар мулки рус низ оромии комил набуд, зеро соли 2013 «Соли тӯфон задани уқёнус, Соли зероб шудани мулки урус» низ маҳсуб мегардад.

Аммо шоир аз он изҳори хушнудӣ мекунад, ки дар соли 2013 дар миёни давлати ҳамзабони мо-Эрон ва ИМА бар рағми қавми яҳуд то андозае ҳусни тафоҳум пойдор гардид:

*Соли оромии Эрони кабир,*

*Аз балои сионизм қавми сағир.* (5,2).

Сипас, шоир боз бармегардад ба офатҳои дар соли мор ба сари мардум омада ва аз вафоти Уго Чавес-собиқ Президенти Венесуэла, аз гирдиҳамоию майдондории мардуми давлати Украин ва кӯшишҳои Баррозӣ дар ин роҳ, аз хонадоршавии мард ба мард ва зан ба зан ёдовар мешавад.

Баъдан суханро ҷониби мардуми тоҷик гардонида, ба даргоҳи Худованд сад бор шукр мегӯяд, ки соли мор барои миллати мо «Соли иқбол буду ҳамовозӣ, Соли ваҳдат буду боҳамсозӣ!» (5).

Ниҳоят, дар охир шоир таманниёти худро дар соли асп арза медорад. Дасти дуо бардошта, аз Худованд дархост менамояд, ки дар «Соли асп, кулли ҷаҳон пок шавад, Душ-мани халқи Худо хок шавад»(5).Шоир хостгори он аст, ки

*«Соли асп соли барору баракат,*

*Соли асп соли талошу ҳаракат»* (5) гардад.

Аз ҳама муҳимаш хоҳиши шоир он аст, ки:

*«Соли асп торикӣ афсона шавад,*

*Рӯшанӣ лоиқи ҳар хона шавад»*(5).

Дар соли асп аз байн рафтани ришвахӯриро низ шоир орзу мекунад ва бисёр мехоҳад, ки ҷомеа орӣ аз фасод бошад:

*Соли асп, ришвахӯрӣ кори ҳаром,*

*Соли асп, ришва хӯрӣ, кор тамом.* (5).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар охир шоир мардумро ба шарафи Соли асп муборакбод намуда, орзу мекунад, ки пули сомонӣ зеби кисаи ҳар як тоҷикистонӣ бошад:

*Соли асп боз муборак бошад,*
*Пули сомонӣ қаторак бошад!* (5).

Мо низ ба шоир ҳамовоз шуда, хостгори онем, ки хонандаи гиромиқадри мо тамоми солҳо чун соли асп дар ҳалқаи дӯстону пайвандони хеш чун асп бовафою содиқу бобаракат бошад.

**Пайнавиштаҳо:**


1. Хайрандеш. Соли асп//Бозаргон,2001,№6-7, 28 декабр.
2. Раҳмат Назрӣ. Соли асп // Адабиёт ва санъат, 2001, № 51-52 (1086), 28 декабр.
3. Раҳмат Назрӣ. Соли асп // Адабиёт ва санъат, 2014, №1, 1 январ.
4. Зулфия Атоӣ. Имсол соли асп //Фирӯза,2013,№12,с. 26.
5. Кайҳони Сӯфӣ. Соли асп. // Минбари халқ, 2013, 26 декабр, № 52 (927), с.2.


## 2.11.ТАСВИРИ СОЯҲОИ МАРГ АЗ ДИДИ ЗАРИФ ИБОД

Зариф Ибод на танҳо шоири хуб, драматурги намоён, балки дар нависандагӣ низ маҳорати олӣ дорад. Хонандаи тоҷик мавсуфро асосан ҳамчун шоир мешиносад, вале Зариф Ибод бо эҷоди асари ёддоштии «Бо умеди фардо» (2008), романи «Сояҳои марг» (2011), қиссаҳои «Эҳёи хазонбурда» ва «Асрор ва шабаҳ» исбот намуд, ки дар нависандагӣ низ маҳорати баланд дорад. Ҳамчунин дар маҷмӯаи «Эҳёи хазонбурда» 15 ҳикояи адиб ҷо дода шудааст, ки хеле ҷолибанд ва бо номҳои зерин зикр шудаанд: «Ёдҳои ширин» (2009), «Офтоб барои чӣ сӯзон?» (2009), «Сабр, писарам, сабр» (2009), «Вафодории саг» (2010), «Дили пурҳасрат» (2010), «Ариза ба Оллоҳ» (2009), «Кампир ва мушкинмӯяки ӯ» (2010), «Модари зори модабабр гардида» (2009), «Сарзаниш» (2009), «Расули кайҳоннаворд ва Кафтари ӯ» (2009), «Баҳси ду духтар» (2009), «Гулчеҳра ва кафтарон» (2009), «Салими серсавол» (2009), «Вандам ва оина» (2009).

Романи «Сояҳои марг» аз шебу фарозҳои ҳаёти имрӯза, бадкориҳои баъзе одамон нисбат ба ҳамдиёрони худ, ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муқобилати сахти ашхоси накӯкор дучор шудани онҳо ва фош гардидани рафтори ношоистаи бадкирдорон нақл мекунад.

Нависанда ҳаёти рӯзноманигориро дар маркази диққати хонанда қарор додааст ва ба ҳамин васила ҷомеаро аз рӯзгори пур аз ташвиш ва серғавғои журналистон-намояндагони ҳокимияти чорум огоҳ месозад. Услуби тасвири нависанда психологист. Номбурда асарро аз он оғоз менамояд, ки қаҳрамони марказиаш Ардашер баъди нависонависи тӯлонӣ ва такудави зиёди рӯзона бо дӯсташ Далер дар тарабхонаи сари роҳ каме менӯшанд ва ҳангоми ворид шудан ба даромадгоҳи роҳрави ҳуҷрааш дар торикӣ касе ӯро аз пушти сар зарбаи ҷонноҳ мезанад. Ҳамсараш Гулбаҳор ӯро маст пиндошта, аз роҳрав бо мадади ҳамсояҳо ба хона дароварда, болои кат мехобонад. Танҳо Ардашер пагоҳӣ ба худ омада, ҳис мекунад, ки касе ӯро аз қафо бехабар задааст. Нависанда хатти сужети асарро низ аз ҳамин ҳадиса оғоз менамояд. Дар сари Ардашер ҳазорон фикру хаёлот ғутта мезанад. Тамоми саҳифаҳои рӯзҳои гузашта ва имрӯзаро варақгардон мекунад, занги телефонро, ки ҳангоми аз зинапояҳои хонааш боло шудан садо дода буд ва ба саволи «Ту кистӣ?» гуфтани ӯ дар ҷавоб «Сояҳои марг!» гуфта буд, ба ёд меорад. Ҳис мекунад, ки «Сояи марг» ба мактуби шикоятии ҳайати кормандони фабрикаи ресандагӣ ба унвонии рӯзнома, ки тафтиши онро сармуҳаррир ба уҳдаи ӯ вогузор намуда буд, рабте дорад. Ардашерро нависанда чун рӯзноманигори ҳақиқатнигор, ки чакидаҳои хомаи ӯ садои ҳаяҷонноки ҳаёт аст, қаламдод намудааст. Ӯ нисбат ба тақдири коргарони як фабрикаи калони ресандагӣ бетараф нест, зеро эшон маҳз ба рӯзнома ва ба ӯ умед бастаанд, ки яке аз онҳо раиси иттифоқи касабаи фабрика Шоҳмирзо Намозов аст. Ардашер баъди ду бори ба фабрика ташриф оварданаш бовар ҳосил менамояд, ки ҳақ бар ҷониби коргарон аст: директори ин корхона Абдулбек Бобохонов шахси ҳавобаланд ва нисбат ба кори муассиса бепарво мебошад. Танҳо ҳафтае як бор рӯзҳои душанбе баъди ҷамъомади пагоҳирӯзии раиси шаҳр ба ҷойи кор ҳозир шуда, дар тӯли 10-20 дақиқа бо муовину мудири хоҷагӣ чизеро раду бадал намуда ва дигар касеро қабул намекунаду бо ҳамин баромада меравад.

Нависанда Ардашери Баҳманёрро чун рӯзноманигороне, ки дар роҳи комёб шудан ба мақсад устуворанд ва агар муштарӣ аз дар занад, аз мӯрӣ медароянд, тасвир намудааст. Ҳангоми рӯ ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯ сохтани Ардашеру даъвогарон бо директори корхона Бобохонов нависанда мушкилоти аксарияти корхонаҳои имрӯза-таъминоти кормандон бо музди маош, истеҳсоли ашёи хом, бастани шартномаи додугирифт бо харидор, фурӯхта пул намудани ашёи хом ва иҷрои андози давлат ва монанди инҳоро тасвир менамояд. Ҳамчунин ҷавобан ба пурсиши роҳбари корхона Бобохонов аз номи Намозов хонандаро таъкид месозад, ки вазифаи «кумитаи иттифоқи касаба ҳимояти манфиатҳои коргарон - истеҳсолкунандагон. Агар корфармо манфиатҳои коргаронро зери по кунад, кумитаи иттифоқи касаба аз коргарон талаб мекунад, ки дар муносибаташ бо коргарони худ боадолат бошад, манфиати коркунандаро таги по накунад. Вагарна кумитаи иттифоқи касаба воситаи қонун корфарморо гунаҳгор ҳисобида, баҳри барқарор намудани адолат мубориза оғоз намояд» (с.13).

Бобохонов на танҳо нисбат ба тобеонаш дағалмуомила ва бераҳм аст, зеро дидаю дониста корхонаро баста, коргаронро ба рухсатии дарозмуддати бемузд фиристодааст, балки нисбат ба намояндагони ВАО низ хеле сардмуомила мебошад. Вале Ардашер тибқи фармудаҳои сардабир амал намуда, (мухбир, ходими рӯзнома бояд хира шавад. Агар ӯро аз дар берун кунанд, гурба барин аз равзан, аз тиреза дарояд), (с. 15) ниҳоят, Бобохоноврo ба сухан медарорад, вале Бобохоновро нависанда чун дигар ҳамтабақонаш тавре тасвир кардааст, ки ба осонӣ «ҷон намедиҳанд». Ин аст, ки Бобохонов аввал ба мухбир таклифи нӯшидан менамояд, баъдан ӯро харидани шуда, корро дар ҳамин ҷо хобонданӣ мешавад, вале дар ниҳояти кор ӯро таҳдид мекунад, аз пуштибонаш метарсонад. Ардашер низ шахси аноӣ нест. Ба осонӣ таслим намешавад. Ӯ на танҳо гуноҳҳои Бобохоновро дар гарданаш дайн мекунад, балки тамоми рафти гуфтугузори барномашударо дар телефони сайёраш сабт менамояд.

Дар тасвири нависанда Бобохонов барои он ки деги айшаш ҷӯшад ва аз аспи мансаб сарозер наафтад, аз ягон разолат рӯ наметобад, фармоиш медиҳад, ки Шаҳмирзоро латукӯб намоянд. Бо рӯ ба рӯ сохтани Ардашер бо Меҳмон-саркор, ки писарамаки Шоҳмирзо мебошад ва аз мавриди ҳамлаи авбошон қарор гирифтани Шоҳмирзо хабар медиҳад, нависанда хонандаро бо як мушкилоти дигари деҳқонон рӯ ба рӯ месозад. Деҳқон вақте ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

борашро ба бозор даровардани̅ мешавад, баъзе муштзӯрҳо колои деҳқонро маҷбуран ба нархи арзон харида, ба савдогарони бозорнишин қимат ба савдо мезананд. Бозорнишинон бошанд, ба болояш нархи худро гузошта, ба муштариён ба нархи қиммат мефурӯшанд. Меҳмон-саркор аз ҳамин гуна шахсон на танҳо дурӣ меҷӯяд ва аз додани колояш гардантобӣ мекунад, балки онҳоро дар миёни мардум шармсору хандахариш месозад. Меҳмон-саркор нисбат ба рӯзноманигорон назари худро дорад. «Мухбирӣ як давак-давак будааст,-мегӯяд ӯ.-Ин мардум чилмангӯштак барин нафасе оромӣ надоранд» (с.22).

Нависанда хатти сужети романро тавре сохтааст, ки аз пайиҳам овардани ҳодисаҳо хонандаро ба завқ меорад, хонанда мехоҳад фаҳмад, ки зиддиятҳои асар бо чӣ меанҷоманд. Ардашер аз Шоҳмирзои бисторӣ на танҳо тафсилоти ҳамлаи авбошонро мефаҳмад, балки аз он огоҳ мегардад, ки Бобохонов ҳатто аз ҳисоби диндорон низ зархаридони худро дорад, ки яке аз онҳо имоми масҷид Абдусолеҳ мебошад. Номбурда ба хотири пули ҳароме, ки аз Бобохонов гирифтааст, дар масҷид ба Шоҳмирзо шунавонида, «Дар байнамон одамони навис-навис мекардагӣ пайдо шуда будааст. Одами навис-навис мекардагӣ хизматгори шайтони лаънаткарда аст. Дар он дунё ҳезуми оташи дӯзах барин сӯхта хокистар мешавад. Мусулмон аз болои мусулмон набояд навис-навис кунад. Мусулмон бародари мусулмон аст» (с. 25) мегӯяд.

Имом Абдусолеҳ аз зумраи он муллотарошоне аст, ки ҳанӯз дар асри X ҳаким Фирдавсӣ дар ҳаққи онҳо ҳукми худро баровaрда буд:

*Зиёни касон аз пойи суди хеш*
*Биандешанду дин андар оранд пеш.*

Номбурда худро шахси солеҳ (чун номаш), худотарсу боимон вонамуд мекунад, вале барои суди хеш ба пасттарин кор даст мезанад: Шоҳмирзо барин инсонро, ки ҳатто мӯрчаро озор намедиҳад, «кофир» ҳукм намуда, ба муридонаш Шодӣ, Нуриддин, Чақал ва Қутбиддин мефармояд, ки ӯро ҷазо диҳанд.

Бобохонов аз ягон амали паст рӯ намегардонад. Барои ҷомаи амал пӯшидани мақсадҳои ифлосаш ба ҳама кор даст мезанад. Барои ба доми худ афтонидани кафтараки зебо-Садбарг, ки бо Фаррух аҳди дӯстӣ дорад ва чор сол боз интизори бозгашти ӯ аз Русия аст, ба амали разилонае даст мезанад. Пешакӣ дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

борхалтаи Садбарг бо ёрии дарбон калобаеро гузошта, дар фуроварди рӯз ҳангоми аз дарвоза баромадани коргарон халтаи ӯро мекобад ва мехоҳад, ки ба ҳамин васила Садбаргро ҳамчун дузд муттаҳам намояд ва ӯро мутеи иродаи худ гардонад. Вале Садбарг аз Бобохонов дида ҳушёртару зиракӣтар мебарояд: ҳангоми аз халтааш гирифтани рӯймолча калобаро мебинад ва дар шоҳидии коргарон онро дар ҷояш мегузорад. Ҳатто ба Бобохонов таҳдид мекунад, ки ба кумитаи занони шаҳр рафта, аз болояш шикоят мекунад.

Нависанда дар симои Шодӣ, Қутбиддин, Чақал ва Нуриддин ҷавонони раҳгумкардаро тасвир намудааст, ки бо нишондоди баъзе ашхоси пулпараст ва барои ҷомеа хатарнок ба тамоми ҷиноятҳо худро мезананд, то ки дар назди мулло Абдулсолеҳ «соҳибобрӯ» ва бологузар шаванд. Вале Шодии писари Саъба пеш аз ҳама аз кардаи худ пушаймон мешавад. Мефаҳмад, ки Шоҳмирзо барин як инсони заминиро латукӯб намудааст, сахт ошуфта мегардад ва ҳатто розӣ аст, ки ӯро барои ин гуноҳаш ҷазо диҳанд. Ба беморхона омада, аз Шоҳмирзо узр мепурсад.

Нависанда дар симои Шоҳмирзо Намозов-раиси кумитаи иттифоқи касабаи кормандони фабрикаи ресандагӣ ҳомии коргарон, шахси меҳнатӣ, ҳалолкор ва дасту дилаш покро тасвир намудааст. Агарчи барои танқиди корхона ӯро зада маъюб мекунанд, вале аз роҳи рост барнамегардад. Намозов ҳомии Садбарг барин коргарони муштипар мебошад, ки сардор нисбат ба онҳо нияти бад дорад, онҳоро думболагирӣ мекунад, таклифи то хона бо мошин бурдан менамояд, дар атрофи номашон иғво меангезад, то ин ки аз Садбарг ком гирад, ӯро бадном сохта, аз Фаррух ҷудо гардонад.

Образи дигари асар Гардигул аст, ки нависанда ӯро «радиои маҳаллӣ» меномад. Дар атрофаш занони бекорро ҷамъ намуда, дар сари кӯча хабарҳои охиринро ба самъи ҳозирин мерасонад. Ӯ аз навтарин хабарҳои маҳал аз ҳама пеш огаҳӣ меёбад ва онро пардоз дода, боз ба мардум мерасонад. Гап дар дили Гардигул намепояд. Ӯ шартакигӯй буда, аз касе сари тарс надорад. Ба ҳодисаву воқеаҳо аз диди худ ва беғаразона баҳо медиҳад. «Духтар бошад, ана ҳамин хел бошад. Ба ҳар кас тан надиҳад,- мегӯяд Гардигул Садбаргро таъриф намуда.-Ана, ҳамин хел нотарс бошад. Садбарг ба модараш Гулистон рафтагӣ не. Ба ман рафтагӣ, ба ман. Дар духтарим ана ҳамин Садбарг ворӣ будам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Якрав, нотарс, дар рӯи одам гапамро мегуфтагӣ. Ана ҳамон кали Мирзо ҳаст-ку, кали Мирзо. Ҳамсолем. Дар ҷавониаш маро гирум шуда буд, дар рӯяш гуфта будам: Ту ба ман маъқул не». «Барои чӣ ман ба ту маъқул не?»-гуфта буд Мирзо. Гуфта будам: «Барои он ки биниат пачақ, гӯшот лапар, лабонат чаппа шудагӣ». Қаҳраш омаду аз мӯям гирифт. Ман чанг зада аз ҳарду гӯшаш гирифтам. Хайрият давида халосамон карданд. Агар халосамон намекарданд, вай муйи маро меканд, ман гӯшҳои ӯро. Агар Садбарг аз гӯшҳои лаққаи Абдулбек мегирифт, айнан ба мани холааш монанди монанд мешуд» (с. 46-47).

Нависанда фарҷоми аъмоли Бобохоновро ба он оварда мерасонад, ки ӯ ночор аз сармуҳаррири рӯзномаи «Саноат ва иқтисодиёт» Фаридуни Манучеҳр имдод мепурсад, вале сардабир на танҳо ба ӯ мадад намерасонад, балки вайро аз кошонаи кориаш берун мекунад, дар ин хусус илтимоси вазоратро низ рад менамояд. Пушту паноҳаш Самӣ Салимович низ аз вай рӯ метобад ва арзи ӯро шунидан намехоҳад.

Ардашери Баҳманёр ҳамеша чун рӯзноманигор дар хизмати мардум аст. Пӯлод Алиев ном шахс овозаи ӯро шунида, ба наздаш барои додхоҳӣ меояд, зеро духтур Мавлони Искандар медонистааст, ки зани Пӯлод Зебо Саидова мубталои саратони меъда аст, вале дидаю дониста, дорую дармон ва хӯрокаи зиёдеро аз номи ӯ талаб карда, ба коми хеш масраф намудааст.

Нависанда завҷаи Ардашер Гулбаҳорро чун зани идеалӣ нишон додааст. Вай ба шавҳараш эътимод дорад. Ба гапу калочаи мардум эътибор намедиҳад. Ҳатто ба занги телефонии Зайнаб барин занҳои иғвогар, ки худашонро зани Ардашер муаррифӣ мекунанд ва гӯё ӯро ҳушдор медиҳанд, бовар надорад. То охирин лаҳза дар мавқеи шавҳараш меистад. Вале гоҳо аз чунин вазифаи масъулиятнок доштани шавҳараш ба таҳлука меафтад. Мехоҳад, ки шавҳараш аз ташвишҳо фориғ бошад.

Зариф Ибод дар фуроварди роман ҳақро ба ҳақдор мерасонад. Аз Абдулбек Бобохонов ҳама рӯй мегардонанд. Ҳамаи занҳояш аз ӯ дурӣ меҷӯянд. Ҳатто зани калониаш ӯро таъна зада мегӯяд:

«-Рост мегӯям, охир. Пули бисёрро дар ҳарду аҷина-башара сарф кардӣ, ана бин чӣ хел шудӣ, ба ин аҳвол афтодагит аз пушти онҳо. Занакбозӣ, ҳарромӣ кардӣ. Худо аз ту норозӣ шуда, ҷазот дода истодааст. Фабрикат кор намекунад. Коргарот бекор.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамааш душмани ту. Дар рӯзнома баров, шармандат карданд. Бе тағоӣ шудӣ» (с. 128).

Писараш Султонбек маҳз бо «шарофати» пулҳои бедардимиёни ҳадякардаи ӯ то ба ҳадди нашъамандӣ мерасад ва мошини хориҷии тӯҳфашударо зада маҷақ мекунад. Корхонаро муфаттишон ҳисобу китоб намуда, Абдулбекро ба курсии ҷавобгарӣ менишонанд.

Думравонаш имоми масҷид Абдусолеҳ аз карда пушаймон ва аз ҳама гурезон шуда, аз шаҳр фирор мекунад. Прократура дафтари аъмоли рекетҳои навбаромад - Қутбиддин, Чақал, Нуриддин ва Шодиро ба варақгардон кардан оғоз менамояд. Шоҳмирзо ва Садбарг барин коргарони ҳалолкори фабрика дар набарди зиндагӣ бо мадади рӯзноманигор Ардашери Баҳманёр шаҳди ғолибиятро мечашанд.

Ногуфта намонад, ки услуби баёни нависанда хеле содаву равон ва дилкаш аст. Зариф Ибод калимаву ибораҳои содаи халқиро фаровон корбаст намудааст. Вале гоҳо дар истифодаи вожаҳои мардумӣ, тартиби овардани аъзои ҷумла аз қолаби маъмулӣ аз меъёр зиёд мебарояд. Ӯ калимаҳои маъиб (ба ҷои маъюб, с. 189), маҷмаа-ро (Худро шарманда шуда ва маҷмаа ҳис мекарду медид, с. 182, ба ҷои муҷрим), ки хоси шеваанд, аз номи худ овардааст. Ҳамчунин нависанда хабарсозиро бо анҷомаи – гӣ (гуфтагӣ, рафтагӣ ва ғ.), иваз намудани ҷойҳои маъмулии аъзои ҷумларо аз будаш хеле зиёд корбаст намуда, ҳатто ба ҳадди ифрот мерасонад: «Медонед, баъди дар рӯзнома баромадани калони фабрикаи риштаи занакҳо дар маҳаллаамон ҳама рӯзномахон шудагӣ» (с. 115) «Бе ҳамсар зиндагӣ кардан лаззате надорад ҳаёт» (с. 186). «Як шиша вино ҳам гирифта буданд пинҳонӣ. Одати нӯшидан доштанд. Ҳанӯз дар синфҳои 10-11 ба нӯшидан одат карда буданд пинҳонӣ» (с.166).

Ба ҳамин тариқ, Зариф Ибод бо эҷоди романи «Сояҳои марг» рӯзгори мушкил, вале пурифтихори рӯзноманигоронро нишон дода, намояндагони ВАО-ро ҳушдор медиҳад, ки сиёҳро сиёҳ ва сафедро сафед гӯянд, то ин ки ҳақ ба ҳақдор расад ва садои ростини ҳаяҷонноки ҳаёт ба атрофу акноф паҳн гардад.

**Пайнавишт:**

1. Зариф Ибод. Сояҳои марг. Роман.- Қӯрғонтеппа: нашриёти «Бохтар», 2013, с. 3-209.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 2.12.ШАБАҲИ ДУМБОЛАГИР

*(Андешаҳо перомуни қиссаи Зариф Ибод «Асрор ва Шабаҳ»)*

Дар қиссаи психологии Зариф Ибод «Асрор ва шабаҳ» сухан аз марги муфоҷои Далер-ҷияни Асрор Замонов, дафни ӯ дар хонаи амакаш ва шабаҳе, ки ҳар лаҳза Асрор Замоновро думболагир аст, оғоз меёбад.

Нависанда номи қаҳрамони асосии асарашро Асрор ниҳодааст, ки бесабаб нест, зеро дар кору амали Асрор сире ниҳон аст. Суробе (шабаҳе) пайваста ӯро таъқиб мекунад. Аз чӣ бошад, ки як гӯшаи дили Асрор хиҷил аст, аз ҳар як ҳаракати худ ва ашёҳои гирду атроф меҳаросад, ба таври худ андеша меронад ва хулоса мебарорад. Мехоҳад, тамоми фикрҳои дарҳамбарҳами шабонаро аз сари худ дур кунад, аммо бенатиҷа. Ба кӯфусӯфи домулло нигоҳ накарда, шабаҳ боз ӯро думболагир аст. Чашмонашро бо рӯмол мебандад, то ки хобаш барад. Ҳатто рӯзона ҳам аз қафояш гумон мекунад, ки касе таъқибаш мекунад, шарфаи поеро баръало мешунавад. Сараш дард мекунад, гӯшҳояш ҳуштак мекашад, дар пеши назараш суробе намоён мешавад. Ба писараш Баҳром дар рӯзи рӯшан сояи таги зардолуро нишон дода, мепурсад, ки дар он ҷо суроберо мебинад ё не, аммо ба чашми писараш чизе наменамояд. Нависанда Асрорро ба фикр кардан водор мекунад.

Асрор тамоми кори баду неки қаблан кардаашро аз пеши назар гузаронида, ба хулосае меояд, ки «Ин суроб, ба фикрам рӯҳ аст, рӯҳи Далер. Рӯҳи Далер худро ба чашми ман намоён кардан дорад. Норозӣ аст. Норозӣ аз мани амак. Кори хуб накардам. Рӯҳ маро таъқиб дорад. Чӣ коре бикунам, ки аз таъқиби ӯ халосӣ ёбам? Чӣ коре кунам? Оҳ, чӣ аҳмақие накардам-а. Агар имшаб ҳам маро хобидан намонад, аз бехобӣ девона мешавам, девона…» (Зариф Ибод Сояҳои марг.- Қӯрғонтеппа, 2013, с. 221).

Асрор барои аз сараш дур кардани фикрҳои даҳшатовар доруи хоб истеъмол мекунад, то ки шабона хобаш барад. Вале дар хоб низ ӯро даҳшат тарк намекунад. Хобҳои ваҳим мебинад. Ҷавони ба садама дучоршудаи рӯяш хунолуд ва пешониаш маҷақшудаи парухобидаро, ки мурдагӣ буд, рӯй мегардонад. Мурда якбора ба ҷунбиш даромада, аз ҷояш хеста, бо панҷаҳои хунолудаш ӯро буғӣ карданӣ мешавад. Ӯ қафонокӣ додувойгӯён



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мегурезад ва дар ҳамин ҳол нафасгирону аракшор аз хоб бедор мешавад.

Нависанда Асрорро дар ҳамин лаҳзаҳои хотирпарешонӣ ва пакарӣ низ аз фикр кардан боз намедорад. Асрор фикр мекунад, ки маитро дар куҷое дидааст. Ба хотираш меояд, ки мурда ба Далери ҷиянаш монандӣ дорад.

Зариф Ибод дар қиссаи «Асрор ва шабаҳ» бо мақсади тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва расму ойинҳо дар Ҷумҳурии Точикистон» баъзе лаҳзаҳои ҷолиброро овардааст. Вақте ки рӯзи дуюми баъди вафоти Далер домуллои деҳа бо ду каси дигар барои дуову фотеҳа субҳдам ба хонаи Асрор меоянд, нависанда аз номи домулло таъкид мекунад, ки «серӯзагӣ, яъне дастурхонкушоиро агар гузарониданӣ бошед, пагоҳ бегоҳӣ баъди соати шаш гузаронед бо аҳли оилаву апаҳои раҳмативу се-чор ҳамсояи наздик. Ман ҳам меоям. Дар бораи чилро гузаронидан баъд маслиҳат мекунем» (с. 212). Вале баъди хондани пешин ҳисси манфиатҷӯии домулло боло гирифта, аз Асрор исрор мекунад, ки пагоҳ хатми «Қуръон» гузаронад, Асрор ғайричашмдошти ӯ «не» мегӯяд. Домулло «Савоб чӣ мешавад?» гуфта бо савол ба ӯ менигарад, аммо Асрор «Савоб дар вақти гузаронидани чил» (с. 218) мегӯяд.

Асрор вақте муҳтавои гуфтугӯяшро ба занаш Барно арза медорад, завҷааш низ аз ҷавоби шавҳараш қаноатманд шуда, «-Хуб кардед, чӣ мехоҳад, ки мо ҳам Қодир барин ҷарима дода, шарманда шавем?!» (с. 218) мегӯяд. Ҳатто ҳини гузаронидани бегоҳи се «Асрор аз шогирд овардани мулло норозӣ буд. Охир, таъкид карда буд, ки худатон биёед, на ду-се кас» (с. 226).

Ба ҳамин тариқ, нависанда бо овардани ин лаҳзаҳо хонандаро ҳушдор медиҳад, ки ҳангоми гузаронидани маросими дафн ва расму ойинҳои баъди он Қонун «Дар бораи танзими анъана ва расму ойинҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бояд қатъиян риоя карда шавад ва асарҳои бадеӣ низ бо дарназардошти талаботи ин қонун таълиф гарданд.

Асрор баъди оши се шабҳо телевизор мемонд, вале хобаш намебурд. Шунида буд, ки ҷину аҷина ва шабаҳ аз бӯйи шаробу одами маст дур меравад, вале баъди нӯшидан низ шабаҳ ӯро тарк накард. Танҳо аз истеъмоли ҳаби хобовар ӯро хоб бурд, вале хоби даҳшатнок. Боз ҳамон шахси сару рӯяш хунолуд ӯро пеш карда то лаби ҷар бурд, ки бедор шуд. Асрор ҳама чизро шабаҳ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мепиндошт. Суроб ӯро лаҳзае тарк намекард. Ҳатто дар гӯшаш овози шиносе садо медод: «Ту маро дидан намехостӣ. Наход суробамро ҳам дидан нахоҳӣ? Магар ман ба зиндагии ту халал мерасонидам? Магар суроби ман ҳам ба зиндагии ту халал мерасонад?» (с. 232).

Асрорро даҳшат фаро мегирифт. Ҳатто ба мабраз низ танҳо намерафт, писараш ё завҷааш ӯро ҳамроҳӣ мекарданд. Асрор барои лаҳзае халосӣ аз суроб китоб хонданӣ мешавад, вале бефоида. Қайчиро гирифта, дарахтони боғчаро ба тартиб овмарданӣ мешавад, аммо «нохост дид, ки ғубори одамсурате аз таги дарахти себи пушти тирезаи хонаи хоб як тараф гузашт. Вай тахмин кард, ки суроби дар пеши чашмаш се рӯз боз пайдо шуда истодагӣ шабаҳи ҷиянаш Далер аст. Охир, вай бегуноҳ мурдагӣ. Не, не мурдагӣ не, бегуноҳ кушта шудагӣ, кушта. Шаҳид шудагӣ, шаҳид» (с. 235). Ҳамчунин Асрор андешид, ки «Шояд суроби ҷиянаш аз ҳавлӣ берун набошад. Ҷиянаш баъди дар садамаи автомобилӣ ҳалок шудани падару модару додараш дар ин ҳавлӣ хуфтухобу зиндагӣ дошт» (с. 236).

Ин дафъа нависанда Асрорро барои тӯморхоҳӣ ба охирин дари умед, ба хонаи домулло мебарад. Домулло низ аз оне, ки Асрори ба ӯ эътиқод надошта наздаш омадааст, ваҷҳ мепурсад. Асрор аз суроби ӯро таъқибкунанда ёдовар мешавад. Домулло аз гуноҳе содир кардани ӯ пурсон мешавад, вале Асрор сир бой намедиҳад. Домулло ночор ба ӯ тӯмори «ҷину аҷинаву ҷондорро мегурезондагӣ» навишта медиҳад, вале ҳайҳот. Боз ҳамон шарфаи по, ҳамон суроб дар таъқиби ӯст. Дигар дар хобу дар бедорӣ ӯро домангир. Ин дафъа мулло Ҳомидро даъват мекунад, ки омада ӯро чилёсин хонад, аммо чилёсин ба ӯ танҳо як рӯз асар мекунад. Рӯзи дигар ҳис мекунад, ки суроб аз сари девори тарафи хонаи додари раҳматиаш оҳиста ҷониби хонаи онҳо мегузарад.

Ниҳоят, нависанда қиссаро бо он ҳусни анҷом мебахшад, ки Асрор ба дил икрор мешавад, ки Далерро ба мошини тормозаш кор намекардагӣ ӯ шинонида, барои овардани мӯйсафеди Давлат равон карда буд. Асрор писарашро барои овардани амакдухтарҳояш Муҳаббату Сабоҳат ва шавҳарҳояшон мефиристад, то ки хонаи бародарашро ба онҳо бахшад ва аз азоби рӯҳӣ раҳоӣ ёбад.

Зариф Ибод бо баёни ин қисса хонандаро ҳушдор доданӣ аст, ки аз амалҳои шар ва номардона даст кашанд, инсонҳоро барои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кори ночизе аз ҳаёте, ки Худованд ба онҳо ато намудааст, маҳрум насозанд, зеро гоҳо мурдаҳо аз зиндаҳо зиндатар ва пурдилтаранд ва рӯҳи онҳо он қасдро аз қотил хоҳад ситонид. Ҳамчунин ҳар амалеро ҷавобест.

## 2.13.ҚАДАМИ УСТУВОР

*(Андешаҳо перомуни қиссаи Саидаҳмади Зардон «Плефта»)*

Хонанда то ҳол Саидаҳмади Зардонро ҳамчун нависандаи ҳикоёти ҳаҷвӣ мешинохт. Ҳикоятҳои ӯ дорои фикрҳои тоза, ишораҳои нозук ва киноядҳои обдоранд. Бо нашри қиссаи «Плефта» С.Зардон исбот намуд, ки аз уҳдаи иншои асари калонтари насрӣ мебарояд.

Мавзӯи асосии қисса тақдири инсонест, ки сарманшаи тамоми мавҷудоти ҷомеа аст. Албатта, тақдири инсон бар асароти тафаккури нав дар қиссаҳои Ӯрун Кӯҳзод «Тақвими раҳгум» ва Сайф Раҳим «Решаҳо» дар симои Расули якзарб ва Мӯсо хеле моҳирона тасвир шудааст. Вале диди мустақил, тахайюли воқеӣ, дарки ҳодисаҳо ба Саидаҳмади Зардон имконият додааст, ки гӯшаҳои торики зиндагониро бо назари амиқ бубинад. Ин аст, ки образи марказии повест – Сафоли Аброр, мулаққаб ба Булбули Водӣ, ниҳоят табиӣ ва заминӣ, орӣ аз ҳама гуна бофтанҳои дур аз воқеият баромадааст.

Дар қиссаи «Плефта» перомуни сарнавишти инсон нависанда ба масъалаҳои ахлоқи одамон, муҳофизати табиат ва муҳити зист, хиёнату ҷиноят ва бадахлоқии зумраи корчаллонҳо, мукофоти бедардимиён, изофанависӣ, порахӯрӣ, туфайлихурӣ ва гурӯҳбозӣ дахолат менамояд, симои ҳақиқии баъзе кормандони ҳизбӣ ва омӯзгорони бефарҳангро фош мекунад.

Нависанда дар симои қаҳрамони асосӣ ва ҳамкоронаш тимсоли зиёиёни «ҳаматарафа инкишофёфта»-и замони шӯравиро ба қалам додааст, ки аксаран аз илму фарҳанг фарсаххо дуранд, вале худро донои доноён ва яктои даврон мепиндоранд.

Тамоми хатти сужети асар бо номи Сафоли Аброр марбут аст. Ӯ касест, ки ба зиндагӣ ва касбу кор назари сатҳӣ дорад. Вай бо як пешниҳод домони омӯзгориро сар дода, бо ҳирси шуҳрат ба пешаи рӯзноманигорӣ мечаспад. Ҳамчун рӯзноманигор низ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нонашро ҳалол накарда мехӯрад. Аз кунҷи дафтар ба хоҷагиҳо занг зада, далел мегирад ва чӣ хел ки рост ояд, муҳобот мекунаду аз пашша фил месозад. Воқеаи обмони беришу мӯйлабро ришу мӯйлабдор тасвир карда, байни ҳамкорон хандахариш шуданаш гувоҳи ҳоли ӯст. Сафоли Аброр ҳамчун падару шавҳар низ шахси сангдилу берӯҳ ва бепарвост. Завҷааш Хосият аз ӯ ба дод омадааст. Ҳамеша ба Ҳавасгул Сабуровна бо ҳавас менигарад ва ҳар лаҳза ҳавасак будани ӯ дар асар намудор мегардад. Бо вуҷуди ҳамаи ин, дар тинати Сафол гоҳо як ҳисси ҳақиқатгӯӣ ҷӯш мезанад. Ӯ оид ба говдӯши вакил, рамзӣ бошад ҳам, фелетон менависад.

Сафоли Аброрро Саодат Қобиловна – котиби кумитаи ҳизбии ноҳия «плефта» меномад: «Ҷойи плефтагӯйҳо мактаб!» Сафол бошад, дар оғози сафар Латифро чунин мепиндорад. Вале пас аз суҳбати гуворо, суханрониву шеъргӯиҳояш дар симои Латиф як ронандаи одиву хоксор, худшинос, шахси бо илму фарҳанг, инсондӯст ва ғамхору мададгори мардумро мебинад, аз рӯзноманигор будан шармаш меояд ва худро омӯзгор муаррифӣ менамояд. Бори аввал аз таҳти дил ва бе тамаллуқ бо инсони одиву хоксор таъзим мекунад, инсони заминиро мепарастад. Дар оила низ муносибаташ бо зану фарзандонаш тағйир меёбад. Ин тағйирот баъди ба деги шавқу ҳавасаш оби хунук рехтани Ҳавасгул зоҳир мегардад. Вале муҳити носозгор, ҳирси мансабпарастӣ ба ӯ имконият намедиҳад, ки тарки касб намояд ва мувофиқи истеъдодаш кор ёбад. Нависанда қиссаро бо гирифтани мактуби муҳаррир аз ҷониби Сафол ва филфавр сӯйи идораи рӯзнома роҳ пеш гирифтани ӯ хотима медиҳад. Ба фикри мо, бо чунин тарзи анҷом гуфтанист, ки дар замони бозсозиҳои инқилобӣ ҳанӯз Сафоли Аброрҳо ба зудӣ аз роҳгумӣ ба худ омада наметавонанд. Ҳанӯз онҳо ба истеъдодҳои ҷавон роҳи васеъ кушодан немехоҳанд, чунки то ҳол ришвахӯрӣ, шиносбозӣ, хешутаборчигӣ, маҳалгароӣ вуҷуд дораду зиндагӣ тақозои «оламе аз нав бибояд сохт в-аз нав одаме».

Дар қисса махсусан симои кормандони ҳизбиву комсомол, ахлоқи фасоди онҳо хеле ҷолиб тасвир шудааст. Котиби райком Даврон Замонович фармонфармоӣ, дағалӣ, яккатозӣ ва мағрурии роҳбарони ҳизби коммунистро таҷассум кардааст. Барои намоиш ба меҳмонони хориҷӣ бӯстонсарои хоҷагиро ба хонаи Ҳамроқули чӯпон табдил додан, саҳни онро ҷилвагоҳи товусу лаклак ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳавзашро пури моҳӣ кардан, арӯсу домоди сохта овардану аз болои дарахт барои намоишкорӣ себ партофтан ва ҳамин барин амалҳои дурӯғин як кори одии чунин роҳбарон буд.

Маҳорати хуби ҳаҷвнигории С.Зардон қиссаро намакину хонданбоб кардааст. Чунин ба назар мерасад, ки аксари лаҳзаҳои ҳаҷвии қисса ба сари худ ҳикояи алоҳидаанд. Бесабаб нест, ки бештарашон бо номҳои «Иша мудир медуна», «Кӣ медонад?», «Ғаввосӣ мекунум, додар», «Булбули водӣ» дар саҳифаҳои нашрияҳо чоп шудаанд.

С. Зардон на танҳо мавзӯъ ва образҳои бадеии асарҳояшро аз байни мардум, хусусан аҳли деҳот гирифтааст, ҳамчунин забони навиштаҳояш низ бисёр халқист. Вай аз ибораву таъбирҳои шеваи ҷануб, хоса аз воҳидҳои камистеъмолаш бамаврид ва фаровон истифода кардааст, ки плефта (ёвагӯ), ғулба (акка), поҳанг (ғафс), ҷигот (қавоқ), бича (бузғола), ҳалона (саросема), секин (оҳиста), чиғир (дод задан), шорағза кардан (куртаро даруни шим андохтан) аз он ҷумла аст.

Саидаҳмади Зардон дар ҷодаи мушкили адабиёт акнун қадамҳои аввалин мегузорад. Умед дорем, ки ин роҳ ӯро ба дуриҳои дур – ба фатҳи дили ҳамзамонон бубарад *(“Адабиёт ва санъат”, №9 (742) аз 27.02.1992).*

## 2.14.ФАРҶОМИ ИШҚИ ХОМПАЗИ ПУХТАПИНДОР

*Саҳар мегуфт булбул боғбонро,*
*Дар ин боғ ҷуз ниҳоли ғам нагирад,*
*Ба пирӣ мерасад хори биёбон ,*
*Вале гул чун ҷавон гардад , бимирад.*
*(Муҳаммад Иқбол)*

Аброр Зоҳир яке аз сермаҳсултарин нависандагони нававари замони соҳибистиқлоли кишвар аст, ки дар умри кӯтоҳи худ тавонистааст, хазинаи насри тоҷикро бо эҷоди роману қисса ва ҳикояҳои ҷолиби иҷтимоию таърихӣ ғанӣ гардонад. Ба қалами нависанда зиёда аз 30 роман, 20 повест ва пиесаю драма ва филмномаҳои ҷолибу хонданӣ мансуб буда, онҳо бо сабку услуби нававарона таълиф гардидаанд. Яке аз асарҳои барои хонанда маълуму машҳури Аброр Зоҳир ин романи “Муҷассамаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ишқ"(Душанбе:"Озар", 2010, 326 саҳ., с. 3-186) мебошад, ки он тӯли солҳои 1996-2010 эҷод шудааст.

Хонанда бо оғози мутолиаи роман ҳатман андеша мекунад: муҷассамаи ишқ кист? Бобои Ғаффор ё Неъмати наврас? Нависанда барои кушодани сари нахи ин муаммо хонандаро ба мутолиаи амиқи асар савқ медиҳад.

Аброр Зоҳир романро бо тасвири сарсабзии баҳори гулбасар ҳусни оғоз мебахшад ва бо ин гуфтанист, ки табдили фаслҳои сол низ чун умри одамианд: аввал баҳору баъдан хазон. Фақат тафовут ин ҷост, ки одамӣ ҳарчанд  ки хокист,  мисли гулу гиёҳ ҳар баҳор аз нав нумӯъ нахоҳад кард. Тасвири рӯди пуршӯри ёнаи теппа бозгӯи умри бебозгашти одамист, ки мераваду меравад.

Мувофиқи тасвири нависанда дар болои теппа ду ошиқи шайдо банди наззораанд: бобои Ғаффори 65-сола, ки аз расвоӣ овардани ишқи  овони пирӣ сари тарс надорад ва бо дурбинаш аз ҳар як ҳаракати аммаи Неъмат- Санами 35-солаи нозанини дилрабо курта-курта гӯшт мегирад, рӯҳбаланд ва нисбат ба зиндагӣ дилгарм мегардад. Ӯ барои ба мақсад расидан аз разилтарин корҳо даст намекашад. Монанди хори биёбонест, ки нахли умраш то ба пирӣ мерасад. Дар вуҷуди ӯ аъмоли неку бад мусовӣ нумӯъ кардаанд.

Нависанда бо инъикоси ҳолати рӯҳии талабаи мактаб- Неъмати 14-сола, навраси хомпази пухтапиндор, ки баробари гӯсфандбонӣ ҳавлии Зебои 22-сола духтари калонии Муродро таҳти наззора гирифтааст.

Нависанда дар симои бобои Ғаффор пири дилҷавони корозмуда, гармиву сардии зиндагиро чашида ва гурги борондида, вале дар рӯзгори оилавӣ нокомро тасвир менамояд, ки се маротиба оила барпо кардааст, аммо се завҷааш  низ ӯро тарк кардаанд. Ӯ баъди дар шир сӯхтан дӯғро низ пуф карда, менӯшад, вале ба Санам сахт дил бастааст. Аз бемории зардпарвин шудани Санам ошуфтахотир мегардад. Барои Ӯ меваю сабзавот меорад. Ғаффор тимсоли ошиқонест, ки онҳоро маъшуқа аз дар ронад, аз бом хоҳанд даромад.  Шиорашон "Ғубори роҳ гаштам, сурма гаштам, тутиё гаштам, ба чандин ранг гаштам, то ба чашмат ошно гаштам" мебошад. Ин аст, ки барои ба соҳили мурод расидан тамоми чораҳоро меандешад. Ба ивази ҳадяи дурбин ба Неъмат расми аммааш  Санамро ба даст



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

медарорад. Ғаффор барои ба дили санги Санам асар намудан ва роҳ ёфтан тамоми роҳҳоро таҷриба мекунад. Аз ишқи Неъмат бо Зебо суд ҷуста, гӯсфандони ӯро ба боғи худ меронад ва аз ин Санамро огоҳ месозад. Дафъаи охир ба он мушарраф мегардад, ки барои раҳоии чорпоён худи Санам аз ӯ илтиҷо мекунад. Ғаффор дар ин маврид низ бо як тир ду нишон мерасонад: ҳам гӯсфандонро раҳо мекунад ва ҳам ба ин васила ба Санам рози дил менамояд. "- Рости гап қасам хӯрда будам, лекин абрувони зебо, рухсори анор, чашмони шаҳло, ғаб-ғаби чун тухми нимдунбул нарм, қомати расоят ба забони безабонӣ мегуфт, ки ин боғу роғро фидо кун!" (1, 179)- мегӯяд ӯ.

Нависанда бо зикри масъалаҳои рӯзмарраи деҳот-хоҳиш кардани Гулбарг аз Ғаффор то ин ки қучқорашро дар оғили гӯсфандони қучқорхоҳи ӯ сар диҳад, хонандаро ҳушдор медиҳад, ки хамсояи Санам –Гулбарги ҳамғули Ғаффор ҷазбманди ӯст, вале дили Ғаффор мавиз (Гулбарг) не, ангури тару тоза (Санам) мехоҳад (1,19). Ҳатто дар роҳи расидан ба муроди хеш бо Ҳошим – хушдори ҷазбманди Санам панҷа нарм мекунад ва Ҳошим ба қавли Санам, дорои ҳусни фиреби назар, ба зӯри панҷаи як пир тоб намеорад (1,61).

Тибқи тасвири нависанда Ғаффор ҷонибдори ишқи пок аст. Дар деҳа ҳадду андозаро ҳамеша нигоҳ медорад. Бинобар ин вақте ки дар он тарафи дарё Зебову Фарҳодро мебинад, ки бо ҳам бӯсобӯсӣ доранд, сахт дар ғазаб мешавад ва худро ба об меандозад, то ки ба Фарҳод ҷазо диҳад, вале ӯ мегурезад, аммо Ғаффор худро тасаллӣ дода мегӯяд: " Айби гурбаи худамон, ки давраш мияв-миявкунон мегардад (1,150).

Аброр Зоҳир бо овардани ҷоннисориҳои Ғаффор дар роҳи расидан ба кӯйи мурод хулоса менамояд, ки "... яке зангир, яке аспгир ҳарду девона аст", зеро Ғаффор барои мақбул афтодан ба Санамҷонаш "Чайка"-и Язов –охирин вазири мудофиаи собиқ Иттиҳоди Шӯравиро харида, ба деҳа меорад.

Дар романи "Муҷассамаи ишқ" ҳам Неъмат ва ҳам бобои Ғаффор панди арзишманди Убайди Зоконӣ "Ал-аблаҳ - ҷавоне, ки зани пир дорад" ва "Ал-даюс- пире, ки зани ҷавон дорад"-ро пушти по задаанд. Неъмат худро ба он тасаллӣ медодагист, ки завҷаҳои ашхоси асаргузори олам- ҳазрати Муҳаммад(с), Карл Маркс, Фридрих Энгелс ва Ленин низ аз шавҳаронашон бузург буданд. Бинобар ин Неъмат низ Зебои аз худаш 8 сол калонро бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тамоми вуҷуд дӯст медорад, ба ӯ изҳори ишқ мекунад. Беҳтарин шеърҳои ошиқонаро дар болу пари тайёраи қоғазӣ навишта, ҷониби ҳавлии зебо ҳаво медиҳад:

*Зебо,ту маро моҳӣ,*
*Аз ишқи ман огоҳӣ,*
*Дар хоб биё сӯям,*
*Дар пироҳани шоҳӣ (1,75).*

Зебо низ қоил аст, ки Неъмат моҳияти ишқро мефаҳмад, шеърҳояшро низ меписандад, ҳуснашро эътироф мекунад, вале ӯро кӯдак мегуморад. Маҳз ҳамин чиз меҳри Зеборо ба Неъмат аз сатҳи туфулият боло намебарад (1,79).

Нависанда дар симои Неъмат наврасонеро тасвир кардааст, ки чун себи пешпазак нисбат ба ҳамсолони худ барвақтар ба балоғат мерасанд. Неъмат барои ислоҳи эродҳои Зебо-риш набаровардан ва нерӯи заиф доштан аз амааш риштарошаки падари шодравонашро пурсида мегирад ва ба ришгирӣ оғоз менамояд. Аз бобои Ғаффор гурзҳояшро ба орият мегирад, то ин ки бозувонаш боқувват шавад. Неъмат дар роман алайҳи рақибаш Фарҳод аз муборизаҳои ғайримашрӯъ низ кор мегирад. Вақте ки муаллими забон ва адабиёт, хушдори Зебо- Фарҳод ӯро аз дарсаш зада пеш мекунад, ӯ барқасд ҳавои чархҳои мошинашро мебарорад. Ҳамчунин бо Фарҳод гӯштин гирифта, бо ҳаводории Ғаффор ҳарбро говғел анҷом медиҳад.

Неъмат дар ишқу муҳаббат нисбат ба Зебо собитқадам аст. Бо вуҷуди он ки духтари шаҳрӣ, ҷияни Гулбарг- Шаҳло ӯро дӯст медорад, вале ба қалби кӯчаки ӯ танҳо муҳаббати Зебо ҳоким аст. Аммааш Санам низ бо тамоми вуҷуд мехоҳад Неъматро аз ин роҳ гардонад. Бинобар ин бо шунидани тӯйи арӯсии Зебо Неъматро тасаллӣ медиҳад: “Духтар устухони даҳони саг аст, куҷое, ки афтад, саге мебардорад”-мегӯяд ӯ (1,48).

Неъмат дурӯғгӯиро намеписандад. Ҳангоми авҷи тӯй ду нафар рақибони Фарҳод чархҳои мошини арӯсу домодро сӯрох мекунанд, Зебо, падараш-Мурод ва модараш Хосият аз Неъмат бадгумон мешаванд, ӯро озор медиҳанд, аламу таҳқир мекунанд, ки ҳамаи инро қалби кӯчак, вале дардошнои Неъмат бардошта наметавонад.

Басо рамзист, ки нависанда тасвири саргузашти образҳои асосии романро аз зуҳури фасли баҳорон оғоз карда буд ва анҷоми ишқи нокоми Неъмати хомпази пухтапиндорро аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вазиши боди самуми номуродӣ дар фасли дай ба поён расонидааст. "Шом зуд торик шуд, ҳарчанд барф заминро сафед карда буд,- овардааст нависанда. - Санам ҳамроҳи Ғаффор тамоми деҳаро то субҳ бо чароғ кофтанд. Тамоми аҳли деҳа аз ин воқеа дар изтироб буданд... Барфи аввал обро ях кунонд . Дар сари дунгии теппа, дар он ҷое, ки Неъмат нишаста, хонаи Зебошонро мавриди мушоҳида қарор медод, ӯро пайдо карданд. Яхбаставу мунҷамид. Муҷассамаи сангинро мемонд, ки на ҷон дошту на забон" (1,186). Ба ҳамин тариқ, аз диди Аброр Зоҳир Неъмат тимсоли гулест, ки дар айни шукуфтан ва нумӯъ хазон мегардад.

Аброр Зоҳир дар мисоли табобати бемории зардпарвини Санам бо истифода аз таҷрибаи Гулбарг қудрати тибби халқиро ба хонанда нишон доданӣ мешавад. Масалан, моҳии зиндаи дохили обро ,ки онро бо хоҳиши Гулбарг Ашӯр дошта буд, Санам наззора мекунад . Ба пиндори Гулбарг, агар моҳӣ мурад, Санам зардпарвин аст, яъне бо ин роҳ бемории (диагнози) Санамро мушаххас мекунад. Ҳамчунин номбурда Санамро аз истеъмоли ғизои равғанӣ парҳез месозад. Гулбарг бо ёрии Неъмат парастучаҳоро аз шифти хона фуроварда, бо пилтачӯб пару болашонро зард мекунад, то ки парастуҳо дида, гумон кунанд, ки бачаҳояш зардпарвин шудааст ва ба соҳили дарё рафта, аз реги он санги шифо оваранд. Он сангҳоро Гулбарг об карда, ба Санам медиҳад, то ки бемориаш шифо ёбад. Бо Ҷаъфарӣ овардани Ғаффор ва себу анор пешкаш кардани Гулбарги завҷаи раҳматии Бӯрӣ барои Санам нависанда гуфтанист, ки дар деҳот меҳру муҳабат то ҳоло низ коста нашудааст ва одам бо одам зинда аст ва заҳри одамро одам мегирад .

Аброр Зоҳир бо овардани як идда зарбулмасалу мақол ва афффоризмҳои мардумӣ забони образҳои асарро фардӣ кунонидааст. Ин аст, ки корбасти зарбулмасалу мақолҳо ва афффоризмҳои "Ҳар кор тоб дораду харбандӣ –китоб"(1, 4), "Аз хук мӯе"(1,12) , "Думи хукро меканӣ"(1,15), "Сага хотири худаш не, хотири соҳибаш" (1,17) "Сану ман накардан (1,19), "Дунё ба охир расид, зан ба кӯдак мерасад" (26), "Аз даҳонаш бӯйи шир меояд" (1,27) , "Даври сагболиғӣ" (1,29), "Моли муъмин- хуни муъмин"(1,31), Мушханд кардан (1, 32), "Дузди зӯр соҳиби говро бастааст" (1,33), Фили нарро аз рӯи олоташ баҳо медиҳед (1, 69),



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

“Дар пешобаш хаф дидааст (1,81), Сояро ғафс дидан (1, 81), Алови чашмро гирифтан (1, 81), Говғел (1,82), Хара дар пали аспист ин қадар намезананд(1,108), Дар ин деҳа аз пашша фил месозанд (1,109), Ҳар киро аз линги худаш меовезанд (1, 111), Ба ҳар ош ҷурғот нашав (1,112), Дар фурти чой (1,113), Карт андохтан (1, 123), Нигоҳаш хӯрам мегуфту дилаш мурам (1,123), Коре ту кардӣ, гург дар ҳаққи гӯсфанд накардааст (1, 127), “Дил сӯзад, аз чашми кӯр об меравад” (1,129), Духтар бе ноз намеша, ош бе пиёз (1,179), Яке зангир, яке аспгир ҳарду девона аст (1,184) ва монанди инҳо образнокии забони қаҳрамонҳои асосӣ ва бадеияти асарро таъмин намудааст.

Аз рӯи романи “Муҷассамаи ишқ”-и Аброр Зоҳир филми бадеии ҳамноми он офарида шудааст, ки муаллифи филмнома Аброр Зоҳир, коргардон Умедшо Мирзоширинов, филм-бардор Алишер Нигматов, оҳангсозон Далер Назаров ва Иқбол Завқибеков рассом Далер Меҳтоҷов буда, иҷрокунан-дагони нақшҳои асосӣ Ғаффор (Убайдулло Раҷабов), Неъмат (Некрӯзшоҳ Маҳмадшоев), Санам (Савригул Қурбонова), Зебӣ (Майсара Мамаҷонова), Гулчеҳра (Инобат Муҳаммадиева) мебошанд. Дар нақшҳо Қ. Чақалов, Т. Саидова, М.Асоев, У.Мирзоширинов, Т. Аҳмадхонов, А. Ҷамолов, С.Муқимов , Х. Ҳалимов, Ҳ. Сангинов ва дигарон баромад намудаанд. “Тоҷикфилм” соли 2003 филмро рӯйи навор оварда, муҳаррири он Ҷамшед Раҳматов , роҳбари гурӯҳ Раҷабалӣ Пиров ва директори гурӯҳ Асадулло Камолов аст.

Ногуфта намонад, ки роман ва филмномаи “Муҷассамаи ишқ” аз якдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Аброр Зоҳир тавонистааст, ки бо мушорикати ҳунарпешаи ҳирфаӣ Убайдулло Раҷабов романи фоҷиавиро дар филмнома ба мазҳака табдил диҳад. Махсусан ҳузури бобои Ғаффор (Убайдулло Раҷабов) ва танзу шӯхиҳои намакини ӯ филмномаро диданӣ ва ҷолиб сохтааст.

Дар филмнома образҳои Гулбарг- завҷаи раҳматии Бӯрӣ, зани Ҳошим, Ашӯри моҳигир, Асад-соҳиби бузу бузғола, Нуъмон –нозири минтақавии милиса ва Қурбони Собир-ёвараш фурӯгузор шудаанд. Шаҳло бо номи Гулчеҳра омадааст, образи Тағоймурод (Ҳ. Сангинов) илова шудааст. Ҳамчунин лаҳзаҳои бемории зардпарвин шудани Санам, кӯчқорпурсии Гулбарг, набарди Ғаффор бо Ҳошим, ба боғи Ғаффор даромадани бӯзу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бӯзғолаи  Асад, дарёро  убур карда, барои ҷазо додани Фарҳод гузаштани Ғаффор, гӯштини Неъмат бо Фарҳод, амалиёти нозири минтақавии  милиса Нӯъмон ва  ёвараш Қурбони Собир, фарҷоми фоҷиавии муошиқати Неъмат низ ихтисор шудаанд. Ба ҷойи онҳо дар филмнома мо Зебиро корманди почта, Неъматро велосипедсавор мебинем, Фарҳоде, ки ӯро Неъмати наврас дар гӯштин мағлуб месозад, дар филнома аз пашша фил сохтаанд, зеро ӯ ду ҳамдеҳаи Неъматро , ки дар пеши  мошинаш  харсанг гузошта буданд, латукӯб мекунад. Ҳамчунин Фарҳод Зебиро ба кино мебарад, дар соҳили дарё, агар дар роман Зебиву Фарҳодро Ғаффор дида бошад ва кӯшиши муҷозоти онҳоро карда бошад, дар филмнома ин корро Неъмат анҷом доданӣ мешавад. Ҳатто бар асари ин бархӯрд Неъмат шамол хӯрда, бемор мегардад. Анҷоми филмнома   некбинона аст. Агар Зебӣ ба Неъмат нею ба Фарҳод расида бошад ҳам, Неъмат (Некрӯзшо Мамадшоев) дар ниҳояти кор моҳияти панди “...Кабутар бо кабутар, боз бо боз”-ро мефаҳмад ва ишқи Гулчеҳраро (Инобат Муҳаммадиева) ба ҷон мепазирад ва ҳавову ҳавас, содалавҳию хушбоварӣ ва ниҳоят, ғӯраи сармозада будани ишқи аввалинашро дарк мекунад. Муаллифи филнома дар охир Ғаффорро низ тарбия кардан мехоҳад. Ин аст, ки Ғаффор ришашро метарошад, сару либоси аврупоӣ ба бар мекунад ва “Чайка” – савор ба назди Санам меояд, вале тамошобин фаҳмида наметавонад, ки Ғаффор зоҳирашро- ку тағйир дод, оё  ботинашро таҳорат дода бошад? Мумкин дар филм аз дили Санам низ ҳамин фикр мегузарад.

Филмнома бо шеъру сурудҳои наву тоза ҷолибтар шудааст. Масалан, дар ҳавлӣ Зебо бо модараш суруд мехонанд:

*Ҳай-ҳай, гулакам, ҷон, булбулакам, ҷонона шумо,ёр-ёре,*  
*Ало-ало, аргамчинае, остонаи ёр, аз симу зар, ёр-ёре..*

Дар  филмнома шеърҳои дар тайёраи коғазин навиштаи Неъмат низ дигаргуна аст. Вақте ки саҳар Муроди падари Зебӣ шеърҳои дар болҳои тайёраи  коғазин сабтшударо мехонад, ба нависандаи он- Неъмат таҳсин мекунад:

*Ман бандаи он касам,ки шавқе дорад,*  
*Дар гардани худ зи ишқ тавқе дорад,*  
*Ту лаззати ишқу ошиқӣ  кай донӣ.*  
*Ин бода касе хӯрад, ки завқе дорад.*

Ё ки

*Хуршеди сипеҳри безаволӣ  ишқ аст,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

*Мурғи чамани хуҷистафолӣ ишқ аст,*
*Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,*
*Ҳар гаҳ ки бимириву наколӣ ишқ аст.*

Вале, ба фикри мо, таронаи дар роман аз номи Неъмат дар тайёраи коғазин навишташуда сода бошад ҳам, чун моли Неъмат садо додааст ва хеле мувофиқ оварда шудааст:

*Зебо, ту маро моҳӣ,*
*Аз ишқи ман огоҳӣ,*
*Дар хоб биё сӯям,*
*Дар пираҳани шоҳӣ(1,75).*

Хулоса, роман ва филмномаи Аброр Зоҳир "Муҷассамаи ишқ" ниҳоят сабақомӯз буда, ғояи олии тарбиявию маънавӣ доранд. Нависанда бо овардани симоҳои ҷолиб дар асар хулқу атвор ва анъанаю расму ойини мардуми деҳотро хеле ҷолиб тасвир намудааст. "Камтар касе чунон менависад, ки меъморе биное месозад,- мегӯяд Артур Шопенгауэр, файласуфи олмонӣ дар мақолааш "Китоб ва нависандагӣ." – Меъмор нақшаи корро мекашад ва кӯчактарин ҷузъиётро бодиққат дар мадди назар мегирад. Аґлаби нависандагон ончунон менависанд, ки гӯӣ доминобозӣ мекунанд. Ҷумалоти онҳо чун қитъаоти домино ба ҳам васл мешаванд: так-так, бархе тасодуфӣ ва бархе иродӣ (2,15). Бе муҳобот услуби нигориши нависандаи хушсалиқа Аброр Зоҳир аз ин миён истисно нест.

**Пайнавишт:**


1.Аброр Зоҳир. Муҷассамаи ишқ.- Душанбе: Озар, 2010, с.3-186.

2. Артур Шопенгауэр. Китоб ва нависандагӣ.// "Адабиёт ва санъат", 7 декабри соли 2017, №49, с.15.


## 2.15.ВАССОФИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Номи Амиршоҳи Хатлонӣ аз оғози солҳои 90-уми садаи 20 чун шоир расонаӣ гардид. Номбурда пайваста дар саҳифаҳои матбуоти вилоятиву ҷумҳуриявӣ бо ашъори ватандӯстонааш қалби ҳазорҳо ҳаводорони каломи мавзунро ба сӯйи ифтихори ватандорию меҳанпарастӣ ва ҳимояи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон моил месозад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Махсусан маҳорати шоирии Амиршоҳ дар достонҳои “Ҷаласаи қисмат” ва “Ҳафт савганд” бармало намоён аст.

Шоир дар “Ҷаласаи қисмат” аз он шукргузорӣ менамояд, ки ниҳоят ақли солим ғолиб омад. Тақдири халқу миллат вакилони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарҷамъу бо ҳам намуд ва онҳо зимоми давлати рӯ ба завол ниҳодаи тоҷиконро ба дасти фарзанди фарҳехтаи миллат Эмомалӣ Раҳмон супурданд. Хулосаи шоир низ аз он иборат аст, ки ба маснади раҳбарӣ нишондани Эмомалӣ Раҳмон ин ба рӯйи Ватани дар ҳалқаи оташу дуд сӯхтаистода, модари ҷигарреши тоҷик хандидани бахтро дошт, эҳсону мукофоти Худовандиро ифода менамуд:

*Вакилон даъваташ бар тахт карданд,*
*Ватанро рӯ ба рӯ бо бахт карданд.*

*Барои халқу меҳан раҳнамо шуд,*
*Мукофоти Худо аз баҳри мо шуд.*

Амиршоҳи Хатлонӣ дар офаридани шахсияти сиёсии Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назир надорад. Тибқи тасвири шоир Эмомалӣ Раҳмон симои сиёсиест, ки ба ҳайси Президенти мардумӣ дар пеши чашми инсонҳои одӣ ҳамчун ғамшарику ғамбарору темордори ҳалқи меҳнатӣ ташаккул ёфтааст ва ҷойгоҳи олии худро ба таври воқеӣ соҳиб шудааст.

Бузургии Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки чеҳрааш табиӣ, шахсияташ воқеӣ ва хизматҳояш дар назди халқаш бунёдианд. Ин аст, ки мардум соли 2006 маросими савгандёдкунии Президентро то ҳол ба ёд доранд ва қасами мавсуфро савганди худ меҳисобанд.

Амиршоҳи Хатлонӣ ба ҳайси шоире, ки кулли ҷузъиёти зиндагӣ аз нигоҳи мушоҳидакору тезбини ӯ пинҳон намемонад, матни савганди Президентро аз 18 ноябри соли 2006 хеле хуб ба риштаи назм кашидааст:

“*Савганд* ба *номи поки Худованд,*
*Савганд ба шири сафеди модарам.*
*Савганд ба нону намаки дастурхони пиру ҷавон,*
*Савганд ба обу хоки муқаддаси Ватан, ки масъулияти тақдири имрӯзуояндаи давлату миллати тоҷикро ба дӯш мегирам.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Савганд ба ҷони ҳафт миллион фарзанди Тоҷикистони азиз, ки тамоми ҳастӣ, нерӯву ғайрат ва таҷрибаву иродаамро барои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебахшам”.*

Шоир ҳар як қисмати савганди Президентро ба ҳайси як фасли достонаш интихоб намудааст. Эмомалӣ Раҳмон бори аввал қолаби қасамёдкунии сарварони даврони шӯравӣ ва баъдинаро шикаста, чун мусалмонзодаи асил аввал бо номи Офаридгор қасам хӯрд:

*Ба номи поки Яздон хӯрд савганд,*
*Ҳама ҳарфаш накӯву чун давопанд.*

Дувум, бо шири сафеди модар, ки мо ҳама парвардаи домони ӯем. “Ду чашмамонро ба олам во” ва “Ба қалбамон ишқи меҳанро ҷо” намудааст, қасам хӯрд:

*Ба шири поки модар хӯрд савганд,*
*Ба панди он азизони барӯманд.*

Савум, шоир ба дуои неки падару модарон савганд ёд мекунад, зеро одам аз дуо баҳра мегирад ва дарахт аз об. Ҳамчунин ба қавли шоир

*“Дуои пирмардони барӯманд,*
*Кушояд банди роҳи некфарзанд”*

Амиршоҳи Хатлонӣ, ки аз расму ойини тоҷикон хуб огаҳӣ дорад, “Савганд ба нону намаки дастархони пиру ҷавон” гуфтани Президентро (савганди 4-ум) хеле хуб ташреҳ додааст ва ашхоси носипосу намакҳаромро мазаммат намудааст:

*Касе қадри намакро гар надонад,*
*Яқин дон дар ҷаҳон ҷоҳил бимонад.*

Шоир бо зикри мисраъҳои

*“Ба обу хоки поки Тоҷикистон,*
*Бароям гарди роҳаш беҳтар аз ҷон,*
*Муқаддас аз бароям сангу хокаш,*
*Ҷаҳон огаҳ зи файзи оби покаш.”*

Дар қисмати 5-ум савганди ватандӯстонаи Президентро, ки бо ёдоварии обу хоки муқаддаси Ватан масъулияти тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллати тоҷикро ба дӯш мегирад, ҳусни оғоз бахшидааст.

Нуқтаи баландтарини достон ин қисмати шашуми он ҳисоб меёбад, зеро Ҷаноби Олӣ ба ҷони ҳафт миллион фарзанди Тоҷикистони азиз савганд ёд мекунад, ки:

*Тамоми ҳастиву нерӯву ғайрат,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Бубахшам баҳри ин халқи баҳиммат.*
*Натарсам мушкилоте оядам пеш,*
*Фузун ман огаҳам аз ҳастии хеш.*
*Ба истиқлолу осоиши Меҳан,*
*Ба сарсабзиву ороиши Меҳан.*

Шоир аз номи Президент ба савгандаш вафодору устувор буданашро дар як байти зебо хулоса намудааст:

*Ба савгандам басо ман устуворам,*
*Ҳамеша зери бори нангу орам.*

Амиршоҳи Хатлонӣ ба савганди Президент, ки аз 6 қисмат таркиб ёфтааст, қисмати 7-ум -“Ва савганди садоқати фарзандони Ватан ба Президент”-ро афзудааст. Дар ин ҷо шоир аз хизматҳои Сарвари давлат ёдовар шудааст. Ба гуфти шоир замоне, ки

*“Ватан озурда аз тиру камон буд,*
*Камонвар ҳомии давру замон буд.”*

маҳз хиради азалӣ ва ҷасорату ғайрати ин марди худодод имконият дод, ки номбурда “Оташро дар найистон хомӯш кунад” (ифодаи нависанда Темур Зулфиқоров):

*Ҷасорат бо хирад пайванд кардӣ,*
*Забони кинаварзон банд кардӣ.*

Шоир дар фароварди достон аз номи фарзандони босадоқати Ватан ба Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хитоб мекунад:

*Ҳумоюнбахт, эй фарзанди меҳан,*
*Ба ҳар иқдоми ту сад бор аҳсан.*

Расул Ғамзатов мегӯяд, ки шоир 100 сол пеш аз дигарон таваллуд мешавад ва Амиршоҳи Хатлонӣ низ аз ин миён истисно нест, зеро Амиршоҳи Хатлонӣ рисолати пешвои миллӣ будани Эмомалӣ Раҳмонро аз дигар равшанфикрони миллат пештар эҳсос намуд ва ба васфаш забон кушод. Махсусан афкори сиёсии шоир дар достонҳои “Ҷаласаи қисмат” ва “Ҳафт савганд” возеҳ бозгӯ шудааст. Бинобар ин месозад, ки номзадии шоир барои дарёфти ҷоизаи ба номи Шамсиддин Шоҳин пениҳод гардад.

**_Адабиёт:_**

1. Амиршоҳи Хатлонӣ. Ҷаласаи қисмат. – Душанбе: Матбуот, 2002.
2. Паёми Истиқлол. - Душанбе: Истеъдод, 2011, саҳ. 39-56.

*( Аз рӯзномаи “Фурӯғ”, 22.12.2015)*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 2.16.ВОРИСИ ШЕЪРИ РӮДАКӢ

*(Дар ҳошияи маҷмӯаи ашъори Усмон Билолӣ «Сад шукри Рӯдакӣ» - Душанбе «Пажӯҳиш», 2008).*

Маҷмӯаи ашъори Усмон Билолӣ, ки ба шарафи 1150 – солагии асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ ба нашр расидааст, аз қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа, байтҳо ва шеърҳои алоҳидаи мавсуф фароҳам омадааст.

Аз саҳифаҳои аввали маҷмӯа хонандаи закӣ пай хоҳад бурд, ки аз шеъри Усмон Билолӣ бӯйи ашъори Рӯдакӣ меояд: забонаш чун забони шеъри Рӯдакӣ равону ҷаззобу дилкаш, услубаш зайли сабки шеъри Рӯдакӣ саҳли мумтанеъ, яъне осони дастнорас (недоступная простота) аст. Шоир дар пайравии ғазали Рӯдакӣ «Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд…» бо радифи «ояд» бори дигар ихлосу дилбастагии мардуми тоҷикро нисбат ба Одамушшуаро, ки меҳраш аз дӯстдории Ватан камтар нест, таъкид намудааст:

*Накҳат зи чаманзори баҳори Ватан ояд,*
*Гирди сухани ноби ту халқ анҷуман ояд.*
*Ашъори ту чун сураи ихлосу муҳаббат,*
*Андар лаби ин миллати соҳибсухан ояд.*

Худи Усмон низ умедвор аст, ки рӯзе табъи рӯдакивор насиби ӯ хоҳад гашт ва тӯмори шеъри шоир дар баёзи гарданаш ҳамоил хоҳад шуд:

*Рӯдакӣ, эй кош, овезон кунад,*
*Дар баёзи гарданам тӯмори шеър.*
*Гар бимирам, дар сари гӯрам навис:*
*Буд ӯ ёри Худову ёри шеър.*

Усмон боварӣ дорад, ки дуои Мавлавии Балхӣ низ чун зиёи Ҳақ ӯро аз субҳи козиб ба берун мекашад ва рӯзе вай дар канори рӯди Вахш монанди найи нолида, бо дуои Мавлавӣ ба мартабаи шоирии Толиби Омӯлӣ шарафёб мегардад:

*Ман ба аҷзи хеш андар шеър голиб мешавам,*
*Чун зиёи ҳақ бурун аз субҳи козиб мешавам.*
*Бо дуои Мавлавӣ чун най канори рӯди Вахш,*
*Ман ба тарзи хештан нолида Толиб мешавам.*

Усмон ашъори фахрияи худро низ ба сабки Мавлавӣ эҷод кардааст: сабки баён, қофияпардозӣ, тафаккур, тарзи вожасозӣ – ҳама услуби Ҷалолиддини Балхиро ба ёд меоранд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Бурдӣ ту аз ёд маро, кардӣ пасафтод маро,*
*Лек Худо дод маро, шоири барҷаста манам.*
*Ёфт даво дарди сухан, сурх рухи зарди сухан,*
*Шаҳраги вожаҳо ба каф мушти ҳинобаста манам.*

Аз шеъри «Ҳабси ҳавасҳо» бармеояд, ки Усмон аз заҳмати шоир, бедорхобиҳо, сари ҳар вожаи наву тоза соатҳо сар бар ҷайби тафаккур барниҳодан, ҳар як калимаю ибораи обнорасида ва афкори бикрро бо сӯҳони андеша суфта карда, бо чилбури маънӣ ҷило додан ба хубӣ огаҳӣ дорад ва худ низ ин саҳрои нопайдоканори суханро бо заҳмат паймудааст:

*Хуни дили ҳар вожа чун хуни дили шоир,*
*Бояд ки ба ҳар ҷӯяи ин сафҳа равон кард.*

Усмон ба ашхоси бегонапараст нафрати бепоён дорад ва мӯътақиди он аст, ки марги миллат аз марги забон оғоз меёбад ва марги забон аз бегонапарастии соҳибзабонон:

*Фаро меояд охир марги он миллат, ки андар ком,*
*Варо аз лаззати бегонагӯиҳо сухан мирад.*

Дар шеъри Усмон Билолӣ тозагӯиҳову суханпардозиҳо бо нанги ватандорӣ печидаву ту ба ту бозгӯ шудааст:

*Дари бози диламро панҷаи рози сухан пӯшад,*
*Ҳаёи гуфтугӯ дар анҷуман моро даҳан пӯшад.*
*Ҳуруф аз батни зеҳнам норасида мешавад тавлид,*
*Зи урёнии худ шармида аз когаз кафан пӯшад.*
*Билолӣ, мепарастам он гариберо, ки дар гурбат,*
*Ба рагми тангдастӣ ҷомаи нанги Ватан пӯшад.*

Маҳз ғояи баланди ватанпарастӣ, маъниҳои наву тоза, ҳисси ифтихори миллӣ ва забони равону дилкаши ашъори Усмон Билолӣ боис гардид, ки ӯ дар ҷамъбасти соли 2009 ба дарёфти ҷоизаи раиси вилояти Хатлон дар бахши назм, ки бо номи Шамсиддини Шоҳин гузошта шудааст, мушарраф гардид.

Ба Усмон Билолӣ дар роҳи душвору пурпечутоб, вале пурифтихори шоирӣ барори кор таманно дорем.

## 2.17. “ЧАНОРИ САБЗ”-И АЗИМ САИДӢ

*(Ба шарафи 80-солагии адиб)*

Ҳақ бар ҷониби Собир Султон, Арбоби ҳунари Тоҷикистон аст, ки дар муқаддимаи ба маҷмӯаи «Чанори сабз»-и Азим



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Саидӣ навиштааш мегӯяд: «Ин омӯзгори асил ҳазорҳо шогирдонро дар рӯҳияи халқу ватандӯстӣ, илму донишомӯзӣ, дӯстиву рафоқат, меҳру садоқат ва шеъру шоирпарастӣ тарбия намуда, онҳоро ба шоҳроҳи зиндагии хушу хуррамона ҳидоят намудааст».

Зиндагӣ гоҳе одамонро аз санҷишҳои сангинаш гузаронида, дар баҳри пурталотуму пур аз шебу фарозу пурпечутоб ва дар курраи гарми худ обутоб дода, то ба зинаи инсони комил мерасонад. Аз зумраи чунин инсонҳои нодиракор, омӯзгори нотакрор ва нависандаву шоири пухтакор Азим Саидӣ маҳсуб меёбад, ки тамоми ҳаёти худро ба хизмати мардум бахшида буд. Ӯ дар мактаби миёнаи рақами 6- и ноҳияи Вахш беш аз 53 сол ба ҳайси муаллими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст.

Муаллимро аз соли 1979 инҷониб мешиносам. Вай дар тамоми ҷамъомаду нишастҳои адабӣ, конфронсҳои ноҳиявию вилоятӣ гули сари сабади ҷомеа буд. Сухани бурро, нутқи фасеҳу равон ва каломи нишонрас ба ӯ шукӯҳу шаҳомат эҳдо мекард. Азим Саидӣ шеърро хеле бурроию шево мехонд, лаҳни хуш ва овози ҷаззоб дошт. Аксари маводҳои публитсистӣ ва шеърҳояш дар рӯзномаҳои ноҳиявии «Вахш» ва вилоятии «Хатлон» («Ҳақиқати Қӯрғонтеппа») ба нашр мерасиданд, ки муҳтавояшон аз тарғиби ғояҳои наҷиби инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ ва ифтихори баланди ватандорию ваҳдат иборат буд.

Азим Саидӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ касб кардани Тоҷикистон, махсусан баъд аз оне, ки Сарвари давлатамон тавонист, ки «оташро дар наистон хомӯш намояд» (ифодаи адиб Темур Зулфиқоров), Эмомалӣ Раҳмонро дар шеърҳояш бо номҳои «Сулҳпарвар», «Офтоби сулҳ» васф намуда, ӯро нури чашми Тоҷикистон», «сарвари сулҳу адолат», «партави хуршеди тобон» номидааст:

*Ҳар кӣ пурсад аз Азимӣ хислатат,*
*Беҳтарин фарзанди инсон гӯямад.*

Дар шеъри «Офтоби сулҳ» Азим Саидӣ Президенти мамлакатро «ситораи дурахшон» ва аз он ҳам бузургтар-«офтоби сулҳ» меномад ва орзу мекунад, ки ҳамеша сиҳату баофият бошад.

Дар дигар ашъори Азим Саидӣ васфи ашхоси фарҳехтаи миллат-Бобоҷон Ғафуров, Саидқул Турдиев, Бобо Сангинов,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Робияи Балхӣ, ҷарроҳ Мансури Достӣ хеле зиёд мушоҳида мегардад.

Шоир ба Бобоҷон Ғафуров ҳамчун эҳёгари таърихи миллати тоҷик ва муаллифи китоби «Тоҷикон» арҷ мегузорад:

*Тоҷиконро болу пар бикшодаӣ,*
*Таърихашро «Тоҷикон» бинҳодаӣ.*

Азбаски Азим Саидӣ худ зодаи деҳаи Хуҷачилони ноҳияи Балҷувон ва ҳамдиёри се қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ- Саидқул Турдиев, Сафар Амиршоев ва Исмат Шарифов аст, аз корнамоиҳои Саидқул Турдиев, тирандозии ӯ дар майдони ҷанг мафтун аст ва ифтихор менамояд, ки ин мергани моҳир ва диловари шаҳир дар роҳи ҳифзи Ватан қурбон шудааст:

*Зи меҳри ин Ватан пурзӯр,*
*Шудӣ чун қаҳрамон машҳур,*
*Нагардад меҳрат аз дил дур,*
*Аё эй паҳлавон мерган!*

Азим Саидӣ дар шеъри «Ёднома аз дӯст», ки ба хотири ҷарроҳи моҳир  Мансури Достӣ эҷод шудааст, мисраи марсияи устод С.Айнӣ «Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!»-ро ба ҳайси сатри гардон интихоб намуда, дар панҷ банди мураббаъ тамоми дарду алам ва сӯзу гудози худро нисбат ба марги ин табиби номӣ баён намудааст:

*Табари деви аҷал зад ба сарат,*
*Теги ноҳақ бизад он бар ҷигарат.*
*Бар замин зад ҳама тегу сипарат,*
*«Ҷигарам, во ҷигарам, во ҷигарам!»*

Азим Саидӣ зиндагиро дӯст медошт, ба чор бурҷи сол ба нигоҳи бефарқ не, балки бо назари таҳқиқ, бо диди шоирона ториктарин ва назарногиртарин гӯшаҳои онро наззора мекард. Шеърҳои «Чор бурҷи сол», «Бурҷи аввал» (Баҳор); «Бурҷи дувум» (Тобистон); «Бурҷи савум» (Тирамоҳ); «Бурҷи чорум» (Зимистон) гувоҳи ин гуфтаҳост. Махсусан шоир баҳорро хеле дӯст медорад ва дар васфи арӯси сол шеърҳои самимӣ мегӯяд. Шеърҳои «Сабзаи баҳор», «Гулҳои баҳорӣ» ва «Дар ҷашни Наврӯз» тароватy тозакориҳо ва зебоиҳои баҳору Наврӯзро васф месозанд:

*Сабзу хуррам кун ту боғи хешро,*
*Шуълаафшон кун чароғи хешро.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Азим Саидӣ на танҳо барои калонсолон эҷод мекард, балки ӯро, пеш аз ҳама, чун шоири бачагон мешинохтанд. Ашъори бачагонааш равону сода ва дарбаргирандаи хулқу хӯйи бачагон, мазамматкунандаи нуқсонҳои онон аст:

*Нохуни Ҷӯра баланд,*
*Чу бел асту чун каланд.*

Шоир ашъори ҳаҷвӣ низ менавишт. Дар онҳо нуқсонҳои ҳамзамононашро рӯйи коғаз меовард, мазаммат мекард. Ӯ дар шеъри «Майзада» шахсеро танқид кардааст, ки дар ҳама тӯйҳо меҳмони нохонда аст ва ҳамеша айши соҳибони сурро талх месозад:

*Як тӯйе шуд дар қишлоқ,*
*Майзада омад лоқ-лоқ…*

Азбаски Азим Саидӣ аз хурдӣ ятим монда, азоби сахти рӯзгори нобасомонро кашидааст, ин мавзӯъ ба шеъраш ҳам кӯчидааст. Ӯ дар шеъри «Тифл мондам» рӯзҳои гузашта, азоби бемодарӣ ва дасти пурмеҳру навозиши апаашро ба риштаи назм кашидааст:

*Солҳои рафтаам омад ба ёд,*
*Тифл мондам, апаам ширам бидод…*

Азим Саидӣ азбаски баъзе мазмунҳоро дар либоси шеър ғунҷонида наметавонад, ба наср рӯ меорад. Дар маҷмӯаи «Чинори сабз» ҳикояҳои «Доғи ҷанг», «Ранҷиши модар», «Олим ва тилло» ва ҳикояҳои ҳаҷвии «Занги дил», «Рӯбоҳ ва Санҷоб» оварда шудаанд.

Дар ҳикояи «Доғи ҷанг» Азим Саидӣ иддаои онро дорад, ки дар таъмини ғалаба ба фашизм на танҳо сарбозон, балки холаи Шарифа ва писари ӯ Фозилҷон барин одамони ақибгоҳ низ саҳм доранд. Фозилҷони 12-солаи гурусна мехост, ки пастгардҳои осиёро дар рӯймолчае ҷамъ карда, ба хона биёрад, вале дасташ ба зери санги осиё монду устухонаш аз оринҷ чун орд майда шуд. Бобои Собир аз ҷанг сиҳат баргашт, вале дасти рости Фозилҷонаш аз оринҷ поён дар ақибгоҳ бурида шуда буд.

Дар ҳикояи «Ранҷиши модар» бошад, Шарофатхолаи дар ҷавонӣ бевамонда писаронаш Аббосу Шарифро дар солҳои ҷанги хонумонсӯзи Гирмон бо азоби алим гурбавор газида ба воя мерасонад, вале онҳо дар солҳои тинҷию серию пурӣ носипосӣ намуда, модарро аз дар меронанд ва Шарофатхола дар даргоҳи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мардум вафот мекунад ва бародарон мӯҷиби нафрати мардум мегарданд.

Ҳикояи тамсилии «Рӯбоҳ ва Санҷоб» ба мо панд медиҳад, ки баъди дар шири гарм сӯхтан дӯғро низ пуф карда нӯшем, то ки дар шоҳроҳи ҳаёт боэҳтиёт қадам монем ва чун Санҷоби гӯлу гумроҳ ба найранги Рӯбоҳхонумҳои манфиатҷӯю маккора гирифтор нагардем.

Ба ҳамин тариқ, ашъори Азим Саидӣ агарчи аз диди шеърият орӣ аз нуқсонҳои шеърӣ нестанд, вале ҷанбаи баланди тарбиявӣ доранд ва инсонҳоро дар руҳияи бузургдошти арзишҳои волои инсонӣ тарбия мекунанд, онҳоро ба зиндагӣ дилгармтар месозанд. Ҳикояҳояш ҳидоятгари мардум ба роҳи ростанд.

## 2.18.ҲАРФИ НУҲУФТАИ ШОДМОН

*Ишқе, ки дар замири дили ман нуҳуфта монд,*
*Ҳарфе, ки дар лабони хамӯшам нагуфта монд.*
*Асрори қалбу хомпазии хаёл буд,*
*Онро ба рӯйи сафҳа кашидан маҳол буд.*

Ин сатрҳои пурэҳсос маҳсули чакидаҳои хомаи Шодмон аст. Шодмони Шерзод ҳанӯз аз даврони наврасии худ шеъргунаҳое мегуфт, ки ҳоло ҳам бо он содагиву воқеъбаёнии худ дар ёди ҳамдеҳагону ҳамсабақонаш мондааст:

*Бобойи Кучар пир шуд,*
*Чорта бачаш шофир шуд.*
*Дар лойи пушти хонаш,*
*Патинкаҳо-м ҷазир шуд.*

*Кори Бойхон омад кард,*
*Дар тӯяш қиёмат кард*[8]*,*
*Азбаски одам кам буд,*
*Аз гӯшташ даромад кард.*

*Файзака меган содай,*
*Одами бало будай,*
*Ҳамайи мардум дар кор*
*Ӯ маъракаша додай.*

---

[8] Барф боридааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодмон донандаи хуби ҳамосаи мардумии «Гӯрғулӣ» буда, худаш низ дар пайравии Ҳикмат Ризо, Ҳақназар Кабуд ва Қурбоналӣ Раҷаб гӯрғулӣ месарояд. Худованд барояш овози фораму марғуладоре дода. Шерзод фолклори мардуми тоҷикро ба дараҷаи баланд медонад. Дар пайравии шоири мардумии ғозималикӣ Карим  Девона шеърҳои равону дилкаш мегӯяд. Шодмони Шерзод шахси хеле донишманд, ҳозирҷавоб буда, аксар вақт бадоҳатан тахти таъсири ягон ангезиш илҳомаш ба ҷӯш меояд. Ҳангоме ки дар Федератсияи Русия хизмати сарбозӣ мекард,  мактубҳояш аз даст ба дасти ҳамхизматонаш  гашта, онҳо гаштаю баргашта шеърҳояшро мехонданд. Дар байни ҳамдеҳагонаш низ ҳар як номаи манзуми ӯ шӯру валвалае бармехезонд:

*Ба хизмат аз раҳи дур омадам ман,*
*Ба амри дил, на маҷбур омадам ман.*
*Агар буд зодгоҳам соҳили Вахш,*
*Канори баҳри пуршӯр омадам ман.*

*Дувоздаҳ кулчаам дар халта будаст,*
*Насиби хизматам дар Ялта будаст.*
*Намедонам чӣ сон шаб мешавад рӯз,*
*Шабаш нисбат ба рӯзаш калта будаст.*

*Ду сол дар мӯза бошад пойи Шодмон,*
*Ду сол дар кӯза бошад чойи Шодмон.*
*Падарҷонам, чӣ сон ойӣ ба дидан,*
*Раҳи садрӯза бошад ҷойи Шодмон.*

Ба ҳама маълум аст, ки хизмати аскарӣ кори саҳлу сода нест. Ин аст, ки ин тоифаро сарбоз гуфтаанд. Бинобар ин Шодмон дар ғарибиҳо хоки аҷдодиро ёд мекард, ёронашро пазмон мешуд ва бо дафтару қалам алами дилашро тоза мекард ва худро сабук месохт:

*Гули зарди каду омад ба ёдам,*
*Замини бисту ду омад ба ёдам.*
*Ба духтарҳо зи боби ишқварзӣ,*
*Аҷоиб гуфтугӯ омад ба ёдам.*
*Чанору сояи салқин куҷо шуд ?*
*Нишастанҳои то пешин куҷо шуд?*
*Агар сад ёри нав ёбӣ, вале боз*
*Бигӯӣ: «Ҷӯраи дерин куҷо шуд?»*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Каломи Шодмон сирф мардумист ва ҳамеша вирди забони хосу ом аст. Муколамаи зерин гувоҳи гуфтаҳои мост. Вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ, профессор Нуриддин Саид дар нишасти илмии «Равобити фарҳангии Эрон бо Тоҷикистон» дар Теҳрон байти зерини Шодмон Шерзодро бадоҳатан мехонад:

*Чашма рӯзе ҳамрадифи оби дарё мешавад,*

*Ақли одам дар муҳити ақл пайдо мешавад.*

Донишманди эронӣ доктор Ансорӣ бо шунидани ин байт ба завқ омада, ба тавсифаш лаб мекушояд:

- Баҳ–баҳ, байти олӣ, он маҳсули эҷоди кудом нобиғаи адабиёт буда бошад? Ё моли Хоқонии Шарвонист? – мепурсад аз вазир.

- На, на, оқо, ин шоҳбайт моли шоири гумном Шери По аст, Шери По, - бадоҳатан посух мегардонад Нуриддин Саид.

Доктор Ансорӣ, ки дар рӯзҳои наздик азми сафари Тоҷикистон доштааст, муколамаашро идома медиҳад:

- Дар мусофирати Тоҷикистон мо ба дидори он ҳазрат мушарраф мешуда бошем?

- Албатта, дидору мулоқоти ҷанобашон бо Шодмон мушкил нест. Эшонро ҳатман аз таги чинорҳои шафати Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дарёфт хоҳед кард.

Ин гуфтаҳо гувоҳи он аст, ки лутфи сухани Шодмон хеле нишонрас ва дар шеъраш таносуби сухан бисёр қавист.

Шодмони Шерзод – оне, ки ин қадар таърифу тавсифаш дорем, кист? Шодмон Шерзод 10 июли соли 1963 дар деҳаи Туятоши (ҳозира Истиқлоли)-и шаҳри Сарбанд (алҳол Левакант) дар оилаи кишоварз ба дунё омадааст. Хонаводаи Шодмон соли 1969 ба минтақаи Сангтӯда кӯч баста, дар деҳаи Қазонгузар (ҳозира Нурофар) сукунат варзиданд. Шодмон соли 1979 мактаби 8–солаи №21-и ноҳияи Данғараро хатм намуда, барои идомаи таҳсил ба ҳунаристони №19 ноҳияи Колхозобод (ҳоло ба номи Ҷалолиддини Балхӣ) меояд. Омӯзишгоҳи мазкурро дар соли 1983 хатм намуда, ҳамон сол ба сафи қувваҳои мусаллаҳи ИҶШС даъват мешавад. Хизмати ҳарбиро дар шаҳрҳои Ялтаи Украина ва Москваи Русия ба итмом расонида, соли 1985 ба Ватан бармегардад. Соли 1993 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси таърих хатм намуда, ба ДДҚ (ҳоло Донишгоҳи давлатии Бохтар) ба номи Носири Хусрав ба кор меояд. Дар донишгоҳ дар вазифаҳои ҷонишини декан оид ба таълим,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷонишини декан оид ба тарбия, дастурдеҳи шуъбаи ғоибона, нозири сатҳи сифати таълим шуда кор кардааст. Айни ҳол дар кафедраи таърихи умумӣ ба ҳайси омӯзгор фаъолият карда, дар мавзӯи «Инкишофи иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва фарҳангии Хатлон дар даврони Истиқлолият (солҳои 1990-2012) таҳқиқоти илмӣ бурда истодааст.

Шодмон устоди муваффақи фанни худ низ мебошад. Мактуби зерини шогирдаш муштест намунаи хирвор: "Салом устоди гиромӣ! Худо Шуморо ҳамеша ҳифз намояд ва некиҳои дорайнро бароятон ато бифармояд (омин). Маъзарат мехоҳам, ки инро аз рӯйи заъфи илмам дар чунин шакл эҷод намудам, вале мехоҳам, барои Шумо инро баён намоям, ки китобҳои Абдулҳасани Надавӣ ва аллома Иқболро, ки ҳарду нобиғаҳои сарзамини Ҳинд ҳастанд, вақте мехонам, дарду аламҳоеро китобат кардаанд, ки дар вуҷуди инсон тухми беқарорирo мекоранд ва нисбат ба ҷавонон ончунон дил сӯзондаанд, ки такондиҳандаи қалби мубсирот аст ва чизест ногуфтанӣ:

*Навҷавонеро, ки бинам беадаб,*
*Рӯзи ман торик мегардад чу шаб. (Иқбол)*

Шояд Худо заррае дар вуҷуди банда ҳам аз дардҳои ин ду нобиға гузошта бошад, ки ҳолатамро Худо медонаду худам ва ин қаламу коғаз аз дарку баёнаш оҷизанд. Шумо медонед, ки банда аз тамаллуқу чоплусӣ дур буда, нисбат ба маддоҳӣ нафрат дорам, вале ин шеърро аз рӯйи ихлосу муҳаббат доштанам ба Шумо навиштаам, аз ҷиҳати танг будани вақт онро таҳлил ва ислоҳ накардаам. Ҳама «Иди муаллимон» гуфта, як рӯз ҷашн бигиранд, банда «Сӯзи муаллимон» гуфта, ҳар рӯзро мехоҳам, ҷашн бигирам ва инро ҳам баён месозам, ки «Ҳамаи муаллимон муаллим нестанд» (чуноне ки "На ҳар зан зан бувад, ҳар зода фарзанд") ва Шуморо аз байни муаллимон баргузида, ин шеърро бароятон навиштаам:

*Манам розӣ, агар созам иваз дарсҳо ба дарсҳояш,*
*Барои худ гирам устод, диҳам дастҳо ба дастҳояш.*
*Ки ӯ мардест, месӯзад дили худро барои мо,*
*Ки номардӣ бувад, гар гӯш нанмоям ба дарсҳояш.*

*Набошад ҳамчу ӯ ҳар устоде дар фанни таърих,*
*Равам аз хона, то созам таваҷҷуҳ ман ба дарсҳояш.*
*Зи ӯ омӯхтам асрори илму фан дар ин олам,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

*Шавам розӣ, агар бошам ғубори хоки поҳояш.*

*Биҷустам мардҳоро ман зи таърих аз варақҳое,*
*Ба мисли Румиву Иқбол дидам дарди аҷзояш.*
*Ҳама мардонагӣ бошад, биё, дарсаш, таваҷҷуҳ кун,*
*Намесозам баробар ҳеҷ дарсеро ба дарсҳояш.*

*Ба як дам кай шавад пайдо ҳама дурҳо зи он дарё,*
*Агар дурре ба каф орам, кунам тарки садафҳояш.*
*Биё, хомӯш шав, эй дил, ки натвонӣ, ба ҷо орӣ*
*Ҳама сӯзи даруниву хазоине зи дардҳояш.*

*Набошам шоире номӣ, набошам ворисӣ Ҷомӣ,*
*Вале макшуф сохтам, хондамаш аз родмардҳояш.*
*Бибандам назм ин дам ман, ки натавонам ба ҷо орам,*
*Вале устод медонад, задам нохун ба дардҳояш.*

Мехостам инро ҳам баён созам, ки ҳамин варақе, ки ба дасти Шумо расидааст, онро бо ёддоштҳои худ якҷо гузоред, то мо ҳам ақаллан дар қисмати “ва ғайраҳо”-и ёддоштҳоятон бошему пас аз хатми донишгоҳ аз чашми меҳрубони Шумо дур намонем ва мутмаин бошед, ки то дами марг аз ёди мо нахоҳӣ рафт. Холиқов М. 02.10.2018”.

Шеъри Шодмон суфтаву равон ва ҳамсони назми халқист. Шодмон мазмунҳои навро дар қолаби шеър моҳирона ҷо дода метавонад. Шеъргунаҳояш дилкашу ҷолибанд. Умед дорем, ки Шодмон бо чакидаҳои тару тозаву хондании хомаи гуҳаррези худ табъи ҳаводорони шеърашро болида хоҳад кард.

«Шамими субҳ» маҷмӯаи нахустини ашъори шоири хушбаён Шодмон Шерзод мебошад, ки маҳсули қалби сӯзон ва ашки чашмони маҳзуни ӯст. Шодмон лаҳзаҳои нишоту ғами зиндагиро тараннум менамояд, сӯзи дили модари қалбаш садпора ва ошиқи аз дарди ҳаҷр овораро месарояд. Шеъри Шодмон ҳамдиёронро ба фардои дурахшон ва ояндаи гул-гулшукуфон дилпур месозад ва қалби ҳамзамононро моломоли ифтихор аз Ватан ва саршори ишқи Меҳан мегардонад. Агар дар қалб сӯзу созе дошта бошед, ба навои ҳазини сӯзи дили шоир ҷӯр хоҳед шуд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# 3.ФОЛКЛОР ВА ШОИРОНИ ХАЛҚӢ

## 3.1.АФСОНА – НАВИДИ ФАРҲАНГИ ТЕХНИКӢ

*Қиссаи ҳиҷрони ман афсона шуд, ин хуш аст,*
*Пеши ӯ шояд рафиқе гӯяд ин афсонаро.*
*(Ҳилолӣ)*

Ҳанӯз аз аз аҳди бостон то ин замон ашхоси бедордил бо мақсади осон кардани кори худ ва сабукӣ ба рӯзгори нобасомонашон оид ба техника ва технологияи нав афсонаю ривоятҳо бофтаанд ва зуҳури фарҳанги техникиро аввалин шуда пешгӯӣ кардаанд. Махсусан дар афсонаҳои сеҳрнок агарчи техника ва технологияи навтаринро маҳсули сеҳру ҷоду пиндоранд ҳам, вале халқ онҳоро чун зуҳуроти нав ва пайки фарҳанги техникӣ эътироф кардааст.

Дар афсонаҳои «Гилеми кабуд», «Оинаи ҷаҳоннамо», «Чароғи сеҳрноки Аловуддин», «Лаклаки заррин», «Аспи қанотдор», «Ҳикояҳои аспи аҷоиб» ва ғайра мардум аз мавҷудияти техникаи заминию осмонӣ пешгӯӣ кардаанд, вале онҳо тасаввур карда натавонистаанд, ки техника на бо мӯъҷизаи нерӯи фавқултабиӣ, бо роҳи сеҳру ҷоду, балки бо дасти эъҷозофарини инсон офарида шудааст.

Махсусан мардуми бедордил оид ба мӯъҷизаи василаи саворӣ – асп ривояту афсонаҳо бофтаанд. Ривояти аспи болдор (пегас) дар байни мардуми Осиёи Марказӣ хеле маъруф аст. Дар ривоят зикр шудааст, ки ҷавоне аспи қанотдори маҳбубе дошт ва бо он хеле қарин буд. Вақте ки ҷавон савора ба мулоқоти маъшуқааш раҳсипор мегардид, аз ёли ҷингилаю думи маҳини аспаш мусиқии фораме ба атрофу акноф танинандоз мегардид. Дар ин асно кулли мавҷудоти ғайризинда ба як хомӯшии ҳайратовар гӯш ба савти дилпазир меандохт. Вале дар як рӯзи наҳс рақиби бадкирдору сиёҳкор қанотҳои аспро мебурад ва саманд қурбони ин бераҳмӣ мегардад. Ҷавон аз бой додани мӯниси деринааш сахт ба андӯҳ афтода, ба хотири ҳамсафари вафодораш аз чӯб асп метарошад, онро бо ресмон мебандад ва аз пуш ёл сохта, сари аспро оро медиҳад. Аз ёли асп - тор, аз думаш камонча месозад ва боз дар дашт навои дӯстӣ ва вафодории савора танинандоз мегардад, дар роҳҳои офтобӣ гӯё пару бол мебарорад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Шояд, ки гумшудаҳоро ёбӣ ба сурате,*
*Одам, ки рафт, меравад, дигар наёбияш.*
*(Ҳақназар Ғоиб)*

Дар афсонаҳои марғубу машҳури «Ҳазору як шаб» бо номи «Ҳикояти аспи аҷоиб» афсонае зикр шудааст, ки аспи қанотдорро ба хотир меорад. Аспи аҷоиб бо тоб додани мурваташ парвоз мекунад ва бо чархзании мурваташ мефурояд. Аспи худсохт ба ихтироъкораш хурсандӣ намеорад, чунки подшоҳ ба олимони ихтироъкори товуси заррин ва карнайчаи нуқрагини овоздиҳанда ба ивази хизматашон духтарони худро мебахшад, вале ба олим чунин илтифотро раво намебинад. Аз ин олим хеле хашмгин мешавад, чунки ӯқаноатпеша ва ба дода шукргузор нест. Аммо аспи парвозкунанда ба шоҳзода хушбахтӣ эҳдо менамояд: ҳини парвоз ба мулки Санъои Яман мефурояд ва ба духтари зӯҳраҷабини подшоҳ дил мебандад. Дафъаи дуюми парвозаш шоҳдухтарро ба диёри худ меорад, вале олим тасодуфан бо фиреб шоҳдухтарро дуздида, бо аспи парвозкунанда ба кишвари дигаре мебарад. Лекин шаҳзодаи ботадбир шоҳдухтарро аз дасти шоҳи бегона бо аспи парвозкунандааш мерабояд ва дари васл бар рӯйиӯ мекушояд, аммо олими ҳасуд қурбони санъати худ мегардад. Дар охир падари шоҳзода аспи парвозиро зада мешиканад, то ки писараш моҷарои наверо оғоз нанамояд. Анҷоми афсона моро ҳушдор медиҳад, ки илмро бомақсадона таҳқиқ намоем ва техникае офарем, ки барои ҳамагон нофеъ бошад ва маҳсули меҳнати олимеро қадр намоем, ки кашфиёти ӯ барои пешрафти ҷомеа созгор бошад, зеро илм дар дасти бесавод монанди шамшерест дар дасти девона.

Ба ҳамин тариқ, мазмуни афсонаю ривоятҳои халқӣ гувоҳи онанд, ки мардум тавассути чунин жанрҳои эҷоди бадеӣ мавҷудияти садову симову тайёра барин воситаҳои техникиро пешгӯӣ намуда, барои рушди фарҳанги техникӣ заминаи мусоид фароҳам овардаанд.

**Адабиёт:**

1. Искусство стран Востока. – Учебное пособие для учащихся старших классов . – Москва 1993.- С.84
2. Синбоди дарёгард. Афсонаҳо аз «Ҳазору як шаб». - Душанбе: Маориф, 1976. - С. 3-26.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 3.2.МАРОСИМИБАЧАГОНАИ ГУЛГАРДОНӢ: БОЙЧЕЧАК ВА СИЯҲГӮШ

«Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва хуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд,- таъкид шудааст дар гузориши Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди Наврӯз. - Наврӯз ҳамчун ҷавҳари тобнок ва нишонаи ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигаҳдорандаи мардум, забон расму ойин, фарҳангу таърих ва ниҳоят Ватан будааст» .

Маҳз ҳамин вижагиҳои Наврӯз мӯҷиби он гардид, ки бо дастури Созмони Милали Муттаҳид дар нишасти 64-уми он аз 18 феврали соли 2010 бо дарназардошти таклифҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Туркия, Қирғизистон, Туркманистон, Озорбойҷон ва дигар давлатҳои Осиёи Марказӣ ҷашни Наврӯз ҳамчун иди байналмилалии ҷаҳонӣ пазируфта шуд:

*Гулафшон гашт аз нав зиндагонӣ,*
*Бишуд Наврӯзи фаррухпай ҷаҳонӣ.*

Дар ҳақиқат Наврӯз бо махсусиятҳои худ аз дигар ҷашнҳо тафовут дорад. «Агар дигар ҷашнҳо мардумро зери сақфҳо, пушти дарҳои баста ҷамъ кунанд, - изҳор менамояд академик Маҳмадулло Лутфуллоев, - Наврӯз дасти одамонро гирифта, ҷониби табиат мекашонад».

Лозим ба ёдоварист, ки аксари донишмандон вуруди ё зуҳури Наврӯзро бо дарназардошти се ҷанба ё дидгоҳ шарҳ додаанд.

***Аввал, ҷанбаиасотирӣ***, ки тибқи он Наврӯз таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Мувофиқи ривояте дар Занд-Авесто Аҳуро Маздо – нерӯи некӣ баъди се ҳазор соли подшоҳӣ аз тарафи мабдаи бадӣ – Аҳриман тааррӯз мегардад. Барои мағлубияти ӯ Аҳуро Маздо рушноиро пайдо намуда, ба ҷонибаш равона месозад ва рӯзи ғолибият бар нерӯи бадиро Наврӯз меноманд. Ҳамчунин бино бар ривояти дигаре Иблис файзу баракатро аз мардум мерабояд ва рӯзи бозгардонидани онро мардум Наврӯз номидаанд.

***Дувум, ҷанбаи нуҷумӣ***, ки ба воқеият наздик аст. Мувофиқи он офтоб баъди паймудани дувоздаҳ бурҷ ба хати экватор баробар мешавад. Баъди ин шабу рӯз мусовӣ мешавад, ки онро офтобтарозӯ мегӯянд. Аз рӯи ҳисоби деҳқонӣ офтоб ба бурҷи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳамал рост меояд, тибқи ҳисоби мусулмонӣ Наврӯз ба оғози фарвардинмоҳ ва мувофиқи солшумории мелодӣ вуруди Наврӯз ба 21-22 март мувофиқ меояд. Дар робита ба ҷанбаи нуҷумии Наврӯз ҳақ бар ҷониби Умари Хайём- муаллифи «Наврӯзнома» аст, ки таъкид намудааст: «Ҷамшед чун бидонист, ки офтобро ду давр аст ва ин ду давр, ки ба охир расид, сол поён ёфта, фасли баҳор оғоз меёбад».

***Савум, ҷанбаи моддии Наврӯз***, ки аз ҳама муҳим ва асос ҳамин аст, зеро ба қавли олими эронӣ доктор Алии Шариатӣ «Наврӯз достони зебоест, ки дар он табиат, инсон ва ҷомеа – ҳар се дастандаркоранд». Маҳз бо зуҳури Наврӯз хоки сияҳ аз нав гарм шудан мегирад ва як навъ гӯё ҷон мегирад, табиат зинда мешавад, аввалин гулҳои пайки наврӯзӣ – бойчечак ва сияҳгӯш мерӯянд, ҷонварон тадриҷан аз хоби зимистона бедор мешаванд.

Муроди мо ҳам аз ин навиштаҳо шарҳи маросими бачагонаи гулгардонӣ, ки бойчечак ва сияҳгӯш гули сари сабади ин маросими хеле зебост, маҳсуб мегардад. Ба касе пӯшида нест, ки гулҳои баҳории бойчечак ва сияҳгӯш, ки ба мардум аз зуҳури Наврӯз муждагонӣ медиҳанд, тавассути маросими бачагонаи гулгардонӣ дастраси ҳамагон мегарданд. Гулгардонӣ «Маросими анъанавии мавсимиест, ки дар оғози баҳор, ҳангоми шукуфтани гули сияҳгӯш (гули наврӯзӣ, гули ҳасрат) ва ғ. вобаста ба шароит ва обу ҳавои маҳал дар мавридҳои гуногун ба вуқӯъ меояд» (1, 364).

Дар вилояти Хатлон маросими гулгардонӣ дар минтақаи Кӯлоб хеле бо шукӯҳу шаҳомати аҷиб мегузарад. Бачаҳо бо машаққати зиёд ба кӯҳ мебароянд, ҷойҳои алопесаи кӯҳсорро бодиққат аз назар гузаронида, гули сияҳгӯш мечинанд ва гулдаста ороста, ҳавлӣ ба ҳавлӣ мегарданд, сурудҳои наврӯзӣ мехонанд ва мардумро аз омад-омади баҳор ва фаро расидани киштукор ҳушдор медиҳанд:

*Баҳор омад, баҳор омад,*
*Гули савсан қатор омад,*

*Ба деҳқон вақти кор омад,*
*Баҳори нав муборак бод!*

*Баҳор омад ба нимрӯзӣ,*
*Бичин гулҳои наврӯзӣ,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Бимон тоқии гулдӯзӣ,*
*Баҳори нав муборак бод!*

*Гули сиёҳгӯш ҳафтранг аст,*
*Миёни хоку ҳам санг аст,*
*Ҳамеша дар сараш ҷанг аст,*
*Баҳори нав муборак бод!*

Одамон гулҳои наврӯзиро ба чашму абрувон молида, «Оҳе, барои одами зинда баҳор шуд!» гуфта, шукр мекунанд, ки то баҳори нав Худованд онҳоро расонид ва ба бачаҳо вобаста ба ҳимматашон пул, ширинӣ, чормағз, гандум, нахӯд ва ғ. ҳадя мекунанд.

Гули сияҳгӯшро дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон бо номҳои гули ҳасрат, гули наврӯзӣ низ ёд мекунанд. Барои он гули ҳасрат мегӯянд, ки он гӯё бори аввал баҳорон дар рӯйи гӯри паҳлавони асотирии ориёӣ - Сиёвуш рӯидааст.

Маросими гулгардонӣ дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон қариб аз байн рафтааст. Иқтисоди бозорӣ бозори савдои гулҳои наврӯзиро низ тафсонидааст: бачаҳо дар оғози баҳор дар шоҳроҳи Душанбе-Қӯрғонтеппа, дар сари роҳи минтақаи Хуросон гулҳои наврӯзӣ чида мефурӯшанд ва мардумро аз вуруди Наврӯз хабар медиҳанд.

Маросими бачагонаи гулгардонӣ дар қисмати шимоли Тоҷикистон бо номи «**бойчечак**», ки онро гоҳо «**бойкандак**» низ мегӯянд, машҳур аст. Бачаҳо бо оҳанги дилнишину форам ба ҳавлӣ наздик мешаванд. Сарбайтхон пешсафи гулгардонҳо дар даст гулдаста ба сурудхонӣ ҳусни оғоз мебахшад:

*Бойчечаку бойчечак,*
*Гули хушрӯйи химчак.*

Дигар гулгардонҳо мисраи гардонро такрор мекунанд.

Сарбайтхон идома медиҳад:

*Бӯйи баҳор бойчечак,*
*Муждаи кор бойчечак*!

Ҳама:

*Бойчечак, бойчечак*!(1, 315).

Лозим ба ёдоварист, ки бойчечак дар русӣ бо номи «**подснежник**» ёд мешавад. Мардуми Эрон онро «**гули сурӣ»** мегӯянд. Маликушшуаро Баҳор дар ғазали машҳури «Ман нагӯям, ки маро аз қафас озод кунед» мефармояд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Андалебон гули сурӣ ба чаман карда вуруд,*
*Баҳри шодбоши қудумаш ҳама фарёд кунед.*

Решаи вожаи «сурӣ» «сур»-тӯй аст, яъне бошандагони Эрон бо дидани гули сурӣ шодиву хурсандӣ мекунанд, ин гулро, ки муждаи наврӯзист, шодбош мегӯянд ва вуруди муборакашро арҷ мегузоранд, баробари андалебон мардум низ аз дидори ин гули зебо хушнуд мегарданд.

Вожаи «**бойчечак**» дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (3, 230) чунин шарҳ дода шудааст: «гиёҳи гули зарду сафедчадор, ки дар кӯҳу саҳро баъди тамом шудани барфҳо мерӯяд ва муждарасони баҳор шумурда мешавад, гули баҳман, наргис». Ба назари мо бойчечак баъди тамом шудани барфҳо не, балки дар таги барф мерӯяд, нашъунамо мекунад ва мешукуфад. Маҳз барои ҳамин русҳо онро «подснежник» мегӯянд.

Маънии калимаи «бойчечак» дар ягон фарҳанги тафсирӣ шарҳ дода нашудааст. Гумони ғолиб он аст, ки ин вожа аз ду қисм (бой+чечак) таркиб ёфтааст. **Бой** – шахси тавонгар, соҳиби молу ҷоҳ ва **чечак** – вожаи туркӣ ба маънии гул баровардан, обила, як навъи беморист. Бой нисбат ба гули сурӣ («подснежник») ҳисси баланди бадбинӣ дорад ва бо дидани ин гул дар тани бойи чорводор чечак (гул) медамад. Зеро рамаи бузу гӯсфандони ӯ бо рӯидани бойчечак дигар алафи хушк намехӯранд ва ҷониби бойчечак рука(ҳуҷум) мекунанд. Онҳо гулҳои наврӯзиро барфомехта ҳарисона мехӯранд ва табиист, ки ҷигару шушашон варам карда, паиҳам аз по афтода, мурдан мегиранд ва ҳатто то ба сари корд намерасанд. Гоҳо иттифоқ афтодааст, ки як рама гӯсфандону бузҳо яксара мемиранд ва даҳмарда таёқаш сари китф холӣ ба деҳа ба назди бой бармегардад.

«**Бойкандак**» номидани бойчечак низ ба гуфтаҳои болоӣ наздик аст, яъне бой бо дидани гули бойчечак канда (беҳуш) мешавад ё ки бой гули бойчечакро дидан замон онро канда мепартояд, зеро ҳаёту мамоти рамаи ӯ ба ин гул марбут аст.

Бойчечакро дар қисмати ҷануби Тоҷикистон, махсусан дар навоҳии вилояти Хатлон гули **тағорашиканак**, гоҳо гули **қошуқтарошак** мегӯянд. Гули тағорашиканак низ монанди гули сияҳгӯш аст, чашми барраро ба ёд меорад. Барои он «тағорашиканак» мегӯянд, ки мардум бо дидани ин гул аз оғози Наврӯз огоҳӣ меёбанд. Ба ин муносибат тамоми сару либосҳо ва рахти хоби чиркини зимистон ҷамъшударо покшӯӣ мекунанд ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз ҷомашӯйи зиёд ҳатто тағораҳо мешикананд. Қошуқтарошак номидани ин гул низ ба шарҳи болоӣ рабт дорад. Одамон дегу табақу косаву қошуқи дар зимистон сиёҳу чарббастаро метарошиданд ва тоза мекарданд, то ки Наврӯзро бо сарулибоси тоза, хонаю рахти хоби озода, дегу табақи тамизшуда ва қалби пок истиқбол гиранд.

Тавре ки дар боло дар истинод ба «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ёдовар шудем, гули бойчечакро гули **баҳман** низ меноманд. Баҳман моҳи ёздаҳуми соли шамсиро мегӯянд, ки ба фасли зимистон рост меояд. «Чун лашкари баҳман рахти сафар барбаст, фасли баҳор расид» таъкид шудааст дар «Таърихи фаришта». Ҳамчунин номи гулест, ки дар моҳи баҳман мешукуфад:

*Нигар бар рӯйи чаман аз сари ҳаводорӣ,*
*Шукуфта бар камари кӯҳ лолаву баҳман.*
(*Ҳоҷӣ Ҳусайн*) (2, 164).

Ё ки Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ мефармояд:

*Гули баҳорӣ, бути таторӣ,*
*Набид дорӣ, чаро наёрӣ.*
*Набиди равшан чу абри баҳман,*
*Ба сӯи гулшан чаро наборӣ?*

Гули бойчечак дар забони адабиёти классикӣ бештар бо номи «**наргис**» низ ёд мешавад. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (2, 833) оварда шудааст: «Наргис – номи гиёҳи пиёзбехи хурду нозук, ки гулҳои хушбӯйи сафед ё зард дорад:

*Бар фарқи сари наргис – бар зард кулоҳ,*
*Бар фарқи сари чакова як мушт гиёҳ.*
*(Манучеҳрӣ)*

Манучеҳрӣ дар ин байт наргисро тавре тасвир кардааст, ки аз бойчечак фарқе надорад: бар фарқи сараш кулоҳи зард ниҳодааст. Баръакси он чакова (паррандаи хушовози сӯфитурғай, ҳудҳуд) бар фарқи сараш гӯё як мушт гиёҳ гузоштааст. Адиби эронӣ Абдулалии Дастғайб мефармояд:

*«Ҳоло фасли наргис аст, ки гулест зардчеҳра, аммо гарму бӯё.*

*Зимистон аст ва сӯзи сармо бар гунаҳо шаллоқ мезанад.*

*Вале гули наргис маҷмаре сӯзон, дар ҷоме сафедгуна месӯзад ва атри пинҳонмондаашро парвоз медиҳад».*(4, 12).

Амир Хусрави Деҳлавӣ низ дар абёти зер наргисро муждаи Наврӯз, зиннатбахши боғ ва оғози баҳор номидааст:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Боғ дар айёми баҳорон хуш аст,*
*Мавсими гул бар рухи ёрон хуш аст.*
*Чун дами Наврӯз кунад нофа боз,*
*Наргиси сармаст барояд ба ноз.*
*Сабза барорад хати ошиқфиреб,*
*Аз дили бинанда рабояд шикеб.*
*Барг шавад бар гулу насрин фарох,*
*Об чакад аз бару андоми шох.*
*Сарви тарандом зи лутфи сабо,*
*Аз хази бетор бипӯшад қабо.*
*Аҳди баҳор аз гули шабгир пурс,*
*Шавқи ҷавонӣ зи дили пир пурс.*
*Пир шиносад, ки ҷавонӣ чӣ буд,*
*То наравад аз ту, надонӣ чӣ буд.*

Ба ҳамин тариқ, маросими гулгардонӣ, ки гули сари сабади бачаҳо гулҳои бойчечак (бойкандак, тағорашиканак, наргис, баҳман) ва сияҳгӯш (армон) мебошанд, ба мардум бори дигар барои хуррамона зиндагӣ кардан, донаи умед зери хок намудан, дӯст доштан, зебо пӯшидан, тоза нигоҳ доштани муҳити зист ва хонаву дар гӯё ҳушдор медиҳанд. Мардумро огоҳ месозанд, ки Наврӯзро хушу хуррамона истиқбол гиранд, то ки тамоми сол дастархонашон пурнозу неъмат ва рӯзгорашон саршор аз нишот бошад.

**Пайнавишт:**


1. ЭСТ, ҷ.1, Душанбе, 1988.
2. Фарҳанги забони тоҷикӣ, ҷилди 1, Душанбе, 1969.
3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1, Душанбе, 2010.
4. Ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат», 23.02.2012, №8, (1615).




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# «ГӮРҒУЛӢ» - ҲАМОСАИ МАРДУМИИ ТОҶИКӢ

*«... Ҳӣ-ҳӣҳӣ-ҳӣ-и Ҳикмат Ризоӣ»*
(Бозор Собир)

## 3.3. «ГӮРҒУЛӢ» МОЛИ КИСТ?

«Гӯрғулӣ» аз бузургтарин ҳамосаи кулли давру замонҳо, манзумаи беназир ва аз гаронбаҳотарин меросу маҷмӯаи орзуву омол, ормонҳои қавми тоҷик буда, вобаста ба шеваву сабки иҷро беш аз як миллиону сад ҳазор мисраъ фароҳам омадааст ва маҳз ба миллати тоҷик мансуб аст.

Барои ифодаи номи ин ҳамосаи мардумӣ дар шарқшиносии шӯравӣ ду вожа – Гӯрӯғлӣ ва Гӯрғулӣ истифода шудааст, ки доираи корбасти Гӯрӯғлӣ нисбат ба Гӯрғулӣ бештар аст. Дар даҳсолаҳои охири садаи бист истилоҳи «Гӯрғулӣ» бар «Гӯрӯғлӣ» забардаст гардидааст. Дар оммавӣ гардидани истилоҳи «Гӯрӯғлӣ» яке аз поягузорони мактаби фолклоршиносии тоҷик, академики марҳум Раҷаб Амонов ҳиссагузор аст. Ӯ дар ҳамаи асарҳояш ҳамин истилоҳро корбаст намудааст ва ба шогирдонаш низ қабули ин вожаро талқин кардааст. Ин аст, ки дар таҳқиқоти аксари фолклоршиносони даврони шӯравӣ вожаи «Гӯрӯғлӣ» васеъ истифода шудааст. Ин вожа аз ду калима – гӯр (тоҷикӣ) ва ӯғлӣ (туркӣ) таркиб ёфта, маънои гӯрзодаро дорад. (Ниг. Р. Амонов. Зодаи гӯр. Такмил ва таҳрири Р. Амонов. Афсонаҳои халқи тоҷик. Тартибдиҳанда Р. Амонов. – Душанбе, 1963, с. 33-37, 43 – 46). М. Миршакар ва Лутфулло Бузургзода низ истилоҳи «Гӯрӯғлӣ» - ро истифода бурдаанд. Академик Абдулғанӣ Мирзоев бошад, дар мақолаи «Дар бораи достони «Гӯрғулӣ» (маҷаллаи «Шарқи сурх», 1940, №1, с. 35 – 36) истилоҳи «Гӯрӯғлӣ»-ро сарфи назар намуда, вожаи «Гӯрғулӣ»-ро қобили қабул донистааст. Аввалин муҳаққиқи эпоси халқӣ А. Н. Болдирев низ дар мақолаи «Эпоси даҳанакии Тоҷикистон» (маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ», 1934, № 11 – 12, с. 37 – 39) истилоҳи «Гӯрғулӣ»-ро мавриди истифода қарор додааст. Шарқшиноси маъруф И.С. Брагинский бошад, дар таълифоти солҳои 50 – 70 – умаш вожаи «Гӯрғулӣ»-ро ба кор бурдааст, вале дар сармақолаи ба китоби «Гуругли» (М., 1987, с. 7 – 44) таҳти унвони «Таджикский народный эпос Гуругли» навиштааш аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вожаи «Гӯрғулӣ» даст кашидааст, аммо иқрор аст, ки ғайр аз «Гӯрӯғлӣ», баъзан «Гӯрғулӣ» низ мегӯянд (с. 15). И. С. Брагинский дар ин мақола дар миёни эпоси қаҳрамонии халқи тоҷик ва дигар халқҳои Осиёи Миёна ва Қафқоз умумият ҷуста, бо дарназардошти дар ин минтақаҳо аксариятро ташкил додани халқҳои туркзабон муътақиди оммавӣ шудани вожаи «Гӯрӯғлӣ» шудааст. «Само названые таджикского народного эпоса – «Гуругли» - свидетельствует о его связи с бытующими у разных народов эпическими сказаниями об одновременном богатыре (при различных вариантах его имени: Кёр – оглы, Гуроглы, Гороглы, Гуругули и др.) таъкид мекунад И. С. Брагинский, - Ареал этого эпического цикла огромен: Средняя Азия (у туркменов, узбеков, казахов, каракалпаков, таджиков и арабов), Кавказ (у азарбайджанцев, кумыков, армян, грузин, абхазцев), Сибирь (у тобольских татар), Балканы (у гагаузов), Ближний и средний Восток (у курдов, турок, таджиков Афганистана). Соответственно этот эпос исполняется не менее чем на пятнадцати языках» (Гуругли. – М,–1987, с. 21).

Хушбахтона баъди солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе олимони фолклоршинос ва фарҳангшинос боз сари истилоҳи «Гӯрғулӣ» баҳс оростанд. Махсусан, фолклоршиносон Файзалӣ Муродов, Салоҳиддин Фатҳуллоев ва фарҳангшинос Ҷонибеки Асрориён ҷонибдори вожаи «Гӯрғулӣ»-янд. Ҳақ бар ҷониби Ҷ. Асрориён аст, зеро созе, ки бо он «Гӯрғулӣ» иҷро мешавад, дутор ё думбра аст ва аз сабку шеваи иҷро ва мазмуну муҳтаво бо сурудаҳои фалакӣ қаробат дошта, дар манотиқи ҷануби Тоҷикистон, ки сурудаҳои фалакӣ низ ин ҷо тавлид шудаанд, густариш дорад.

«Гӯрғулӣ» аз ду калима – гӯр ва ғул таркиб ёфтааст. Ба ақидаи Ҷ. Асрориён «ғул» ба устураҳои ориёӣ марбут буда, решааш ба аҳди Пешдодиён мерасад, ки маънои «наҷотгар» -ро дорост. Дар устураҳои бобулӣ бошад, ғул ба ҳайси модар шинохта шуда, қабл аз он дар асотири сомарӣ ғул, ғула – олиҳаи сиҳатӣ, шифокор ва ҳаким вомехӯрад. Пайдоиши ин ҳамосаро иштибоҳан ба асрҳои XVII – XVIII нисбат медиҳанд, зеро кифоя аст ин намуна, ки дар замони Ҷалолиддини Балхӣ вирди забонҳо будааст:

*Бонги гардишҳои чарх аст ин ки халқ,*
*Месарояндаш ба танбӯру ба ҳалқ.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ин байт гувоҳи он аст, ки «Гӯрғулӣ» дар асрҳои XII арзи ҳастӣ кардааст.

Қаҳрамони аршад – Аваз, ки тамоми эпоси қаҳрамонӣ ба исми мавсуф, фарзандонаш (Нуралӣ ва Шералӣ) ва наберааш (Шерафкан) марбут аст, дар осори даврони пешин бо номи ӯ дучор меоем, чунки дар адабиёти форсии Ҳиндустон паҳлавоне бо номи Аҳваз зикр шудааст, ки шояд пасон овози «ҳ» афтода, ба «Аваз» табдил ёфта бошад. И. С. Брагинский низ Авазро бо номи «Айваз» (Гуругли.- М., 1987, с. 24) номбар кардааст. Дар «Бурҳони қотеъ» дар хусуси тирандозе сухан меравад, ки басе қодирандоз буда, дар аҳди Анӯшервон шуҳрат доштааст. Тибқи ривоят ӯ гӯё ҳамроҳи паҳлавони дигар - Сайфи Зулязан подшоҳи Ҳабашро бо як тир ба рӯйи тахт мекушад ва мулкашро соҳиб мешавад. Аз назари забонӣ қисмати аввал – aḫu (asu) маънои оҳу, бодпо, тезрафторро медиҳад, ки то андозае ба вожаи «Аҳваз» қаробат дорад. Номи Аҳваз то миёнаҳои асри XVII ҳамчун паҳлавон дар Осиёи Марказӣ ва Ҳиндустон шӯҳратёр буд ва мардум ба кадом сабабе ба ӯ дилбастагӣ доштаанд ва тадриҷан ин диловариҳо боиси эҷоди достонҳои мардумии манзум ва мансур гардид. Бинобар ин, имрӯз саривақт аст, ки «Гӯрғулӣ» -ро аз омезиши сунъӣ ба эпоси туркӣ вораҳонем ва соф тоҷикӣ будани онро ҳимоя ва эътироф намоем.

## 3.4. АСП ДАР «ГӮРҒУЛӢ»

Лозим ба ёдоварист, ки дар эпоси қаҳрамонии «Гӯрғулӣ» асп чун қаҳрамонҳои маркази асар-Гӯрғулӣ, Аваз, Нуралию Шералӣ, Ҳасану Шодмон, Соқии хушхон ва дигарон ботадбир, боақлу фаросат нишон дода шудааст ва ҳамчун яке аз симоҳои равшани эпоси қаҳрамонӣ намоён шуда меистад. Аспҳо, ки дар «Гӯрғулӣ» бо номҳои Талон, Қир, Зайналқир, Ашқар, Қизил ва бо эпитетҳои «Безабон», «Паррон», «Ҷонвар», «Ҳайвон» ва дигарон номбар мешаванд, қаноти баҳодурон, махсусан дастгири Аваз ва сутуни пойдори Чамбули Мастонанд. «Бе чорпо Чамбул мешава вайрон»- мегӯяд Аваз.

Махсусан аспҳои размии баҳодурон, ки бо номҳои Рахш, Булқир, Гулибодом ёд мешаванд, барои ватандӯстон баробари бародарашон қадру манзалат доранд. Ҳатто дар шакл гирифтани



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хатти сужети «Гӯрғулӣ» нақши аспҳо аз дигар образҳои ҳамоса болотар меистанд. Ба таври дигар гӯем, хатти сужети «Гӯрғулӣ» маҳз тавассути асп шакл мегирад. Сужаи достон аз он оғоз меёбад, ки хоҳари бародарон Алпомиш ва Аҳмадхон-Ҳилол ранҷида, хонаашонро тарк намуда, ба деҳи дигар ба хонаи Алӣ ном шахс меравад. Соҳибхона аз пушт ӯро зани худ пиндошта, бо себе мезанад. Ҳилол аз ин обистан шуда, маргро аз зиндагӣ авлотар медонад. Дар гӯр писаре аз ӯ таваллуд меёбад. Маҳз байтали тағояш Аҳмад буд, ки дар гӯр образи асосии асар Гӯрғулӣ бо хӯрдани шири ин ҳайвон зинда монд. Агар байтал сари гӯр рафта, кӯдаки кӯчаку гуруснаро намемаконд, ҳамосаи қаҳрамонии «Гӯрғулӣ» шӯҳраи офоқ намешуд:

*Байтал дид гилмонак сагир-аҷаб ҷавон,*
*Меҳри байтал афтид ҳамчунон.*

Ё дар ҷои дигар:

*Сагира гушна мондааст дар гӯристон,*
*Сагираро байтал макондааст дар гӯристон.*

Аҳмадхон аз воқеа огоҳ шуда, ба сари қабр бучулу мухра мегузорад. Кӯдак, ки ба бучул майл мекунад, мефаҳмад, ки писар аст. Аҳмад ӯро ба хонааш гирифта меорад ва Гӯрғулӣ номаш мениҳад. Хато намекунем гӯем, ки модари ширхораи Гӯрғулӣ ин байтал аст. Аз ин ҷост, ки меҳру муҳаббати Гӯрғулӣ ба асп ва асппарварӣ хеле зиёд аст. Ҳафт корномаи қаҳрамон, ки дар эпос оварда мешавад, дуи он вобаста ба ин ҷонвар аст. Якумин корномааш ба хости тағояш дар овони кӯдакӣ галабонӣ кардани ӯ, бо шавқи зиёд нигоҳубин ва парвариш кардани аспони тағояш ва мӯҷиби таърифу таҳсини ӯ гардидани Гӯрғулӣ мебошад:

*Дар ҳамон тавр ҷойи обу алафи арзон,*
*Гала начарондан, пӯст шуданду устухон.*
*Япогу шудааст аз той калон,*
*Як байтал ду байтал шудаст дар қумистон.*

Дуюмин корномаи Гӯрғулӣ ин гирифтани насл аз зоти арабии хоназоти худашон ва парваришу ғамхорӣ нисбати ин ҳайвон буд. Воқеа аз он оғоз меёбад, ки Райҳоншоҳ-ҳокими мамлакати ҳамсоя ба зани тағои Гӯрғулӣ -Аҳмадхон ошиқ шуда, азми дуздида бурдани ӯ мекунад. Гӯрғулӣ фурсатро ғанимат дониста, аз аспи номию паррони ӯ насл мегирад ва ба парвариши тойчаи навзод бо тамоми вуҷуд машғул мешавад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Шируш дод аввал шири одам,*
*Баъд аз он бикун, эй ҷӯра, гӯш,*
*Додуш шири нахчиру харгӯш,*
*Бо ҳазор ҳилла мепарварид.*

Ин буд, ки аспи Гӯрғулӣ мисли одам боақлу заковат, қоматбаланд, пуртоқат, мисли оҳу чолоку ҳушёр ва чун харгӯш зирак мешавад.

Вақте ки Гӯрғулӣ барои рабудани духтари Райҳонараб ба мулки ӯ рафт, баъди шоҳдухтарро ба асп шинонидан ҷониби шоҳ чунин мегӯяд:

*Духтарта бурдум бахши Аҳмадхон,*
*Номам Гӯрғулӣ, савориам хоназоти худатон.*

«Савориам хоназоти худатон» - гуфта ишора кардани Гӯрғулӣ ба он маъно буд, ки маҳз ҳамон аспест аз зоти аспони бодпо, даванд ва чолоки хоназоти арабиасл. Гӯрғулӣ боварӣ дошт, ки аспи калонкардааш ӯро асири душман намегардонад.

Дар эпоси «Гӯрғулӣ» вақте ки ин ё он паҳлавон ба набарди навбатӣ мебарояд, аввал зину афзоли аспи ӯ бо шукуҳу шаҳомати хоса тасвир карда мешавад:

*Зини туркманӣ мондан,*
*Се айил шуд сар ба сар.*
*Пуштанги тило дора,*
*Тугайи тило сар ба сар.*
*Лаҷоми ҳаждаҳзулфониша,*
*Задан дар сари бодпо.*
*Талкуви ҷанга бубин,*
*Худашай қуббатило.*

Тибқи тасвири «Гӯрғулӣ» аспонро дар Чамбули Мастон дар ҷойи махсус нигаҳбонӣ мекарданд, ба онҳо мавизу об медоданд. Аспон аз тарафи занҳои хонавода ба ғамхорӣ фаро гирифта мешуданд. Вақте ки асп аз ҷойе бармегашт, ҷилави онро занҳо дошта, ба аспхона бурда мебастанд.

Аваз, ки қаҳрамони марказии эпоси «Гӯрғулӣ» аст, дар қатори дӯстони бовафояш Гӯрғулию Ширмо, занаш Гулоим ва фарзандонаш-Нуралию Шералӣ ва Гуланор аз ҳама пештар аспашро ном мебарад, чунки тамоми муваффақиятҳои Аваз ва дигар образҳои марказӣ бо шарофати аспони размии онҳо буд. Вақте ки Аваз нахустин бор ба ҷанги Суғдунча рахти сафар мебандад, Гӯрғулӣ фармон медиҳад, ки аспро бо беҳтарин зину



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

афзор оро диҳанд. Сипас, ӯ ба асп чун ба одами рамузфаҳму дилогоҳ муроҷиаткунон мегӯяд:

*Дар сумбот ҷонум садқа,*
*Ҷонвар,-гуфт моли таҳдон.*
*Хоназоти Райҳонӣ,*
*Меҳнат кардагӣ Султон.*
*Имрӯз, гуфт Авази Тугиён*
*Аз Чамбул мешавад равон,*
*Дар ҷойи зӯромад гуфт,*
*Ёрдамуш бите, ҳайвон.*

Дар достони «Гӯрғулӣ» ҳолатҳои ногуворе тасвир шудааст, ки Аваз охирин умеди худро танҳо ба аспаш баста, аз ӯ бародарвор хоҳиш мекард:

*Ма умрма сарф кардум*
*Дар болои зини ту, «бодпо».*
*Дар ман на ака ҳастай,*
*На додарай дар ин ҷо.*
*Номуси маро бигирӣ,*
*Зарина шуд дар куҷо?*

Ё дар ҷойи дигар чунин муроҷиати Аваз ба аспаш омадааст:

*Ту хӯрдаӣ ай одам шир,*
*Ҳушта ту дар сарут бигир.*
*Ғофиле набошӣ асир!*

Аваз дар симои аспаш на танҳо воситаи саворӣ, балки дӯсти наздик, нигаҳбон ва ҳомии худро мебинад. Ӯ қабл аз хоб ба аспаш хитоб мекунад:

*Э ҷанвар,*
*Ҳушта бигӣ ин ҷо ба сар,*
*Дӯсткуш набошӣ, душманпарвар.*
*Ҳамин ҷа хов мекунум камтар,*
*Агар дидӣ касе раҳгузар,*
*Вафодор, ай хов бикун хавар!*

(Гӯрғулӣ, с. 85)

Ҳамин тавр, тамоми муваффақиятҳои қаҳрамонони марказии асар- Гӯрғулӣ, Аваз ва писарони ӯ-Нуралию Шералӣ, ки бо ду мақсад - мудофиаи Чамбули Мастон ва интиқоли духтарони зебо ба ин кишвар бо нияти ташкили оила нигаронида шудааст, тавассути саманди бодпо даст медиҳад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 3.5. ОБРАЗИ ҲАСАН ДАР «ГӮРҒУЛӢ»

Дар байни образҳои мусбати ҳамосаи «Гӯрғулӣ» шахсияти Ҳасан, ки дар асар зӯровару номдор тасвир шудааст, мавқеи махсус дорад. Гӯрғулигӯ дар мавридҳое, ки Авазу Нуралию Шералӣ асиру музтар мемонанд, якбора бо ҳамҳамаю дамдама барои хушҳол гардонидани шунаванда ва як навъ муттаваҷҷеҳ сохтани одамон Ҳасанро бо хари девсурату балогардонаш ба майдон медарорад. Аз ҳама муҳимаш аз рӯ задани Ҳасан, ҳаракатҳои хандаовари ӯ шунаванда рӯҳ мегирад, хотираш болида ва шердилу қавирӯҳ мешавад, вале гоҳо дар достон симои Ҳасан дар байни образҳои мусбату манфӣ меистад. Ҷанбаи манфӣ касб кардани образи Ҳасан низ аз маҳбубияти вай дар миёни омма бармеояд, чунки «Ҳасани бангӣ», «Ҳасани девона» гуфтани омма аз амалҳои лоқайдона, беихтиёр ва бепарвоёнаи Ҳасан бармеояд, ки рафтори девонаю бангиҳоро ба ёди шунавандагон меорад, вале ҳамаи ин амалҳои номатлуб заррае эътибору эҳсони мардумро нисбат ба Ҳасан коҳиш намедиҳанд. Аз ҳама муҳимаш маҳз образи Ҳасан воқеият ва тоҷикияти достонро таъмин кардааст. Бинобар гуфтаи фарҳангшинос Ҷонибеки Асрориён солҳои 80-уми асри 20 вақте аз гӯрғулисарои номӣ Ҳикмат Ризо пурсида буданд, ки Гӯрғулӣ ва Чамбули Мастон то куҷо воқеият доранд, эшон дар ҷавоб ҳамин нишонаҳои Ҳасанро гуфта буданд. (Ниг. Ҷонибеки Асрориён. Гӯрғулӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010, с.65).

Ҳақиқатан мардуми Сангтӯда ва сокинони соҳили дарёи Вахш аз НБО-и Сангтуда-1 сар карда то шаҳри Сарбанд худро ворисони Ҳасан меҳисобанд ва ҳатто номи аслии деҳаи Қазонгузарро «Ҳасангузар» медонанд. Кӯҳи Хоҷа Мастон ва атрофи онро сангтӯдагиҳо сарҳади Чамбули Мастон мехонанд. Назар ба гуфтаи онҳо дар самти чапи дарёи Вахш дар оғӯши кӯҳи Бурсух воқеаҳои зиёди таърихии марбут ба Ҳасан иттифоқ афтода. Маҳбубият то ҷоест, ки унвони аслии кӯҳи Бурсухро мардум Тарноз меҳисобанд. Дар миёни онҳо ривояте низ маълум аст, ки гӯё Тарноз духтари зебову матини подшоҳи ин макон будааст ва кӯчиёни роҳзан пайваста ба ин ҷо ҳамла мекардаанд (Бинобар нақли куҳансолон деҳае, ки дар гардиши шоҳроҳи Қӯрғонтеппа – Данғара ба ҷониби Сангтӯда аст, то ҳамин наздикиҳо Эргаш ном дошт. Эргаш колои тамоми роҳгузарони



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тоҷикро ба яғмо бурда, худашонро кушта, ба ҷарӣ ҳаво медод. Шиораш ин буд: «Худо тияд, метияд, натияд, тоҷик метияд»). Барои ҳамин шоҳ Ҳасани ғаюру ҷасурро аз Балхувон ба ёрӣ даъват мекунад. Ҳасан бо хари бузургтар аз асп ва бо силоҳи ҷангии чинор бо кӯчиён меҷангад, зеро Ҳасан паҳлавони ҳақталош буда, ноадолатиро чашми дидан надошт, кӯшиш менамуд, ки ҳамеша ҳақ ба ҳақдор расад, вале Ҳасан ба Тарноз – духтари шоҳи мулк ошиқ мешаваду як умр ба ин мавзеъ дил мебандад. Ҳар шаб ба соҳили муқобили рӯди Вахш гузашта, бо маъшуқааш мулоқот меорояд. Дар болотари миёни обанбори НБО-и Сарбанд як теппаи хок чун ҷазирае побарҷост, ки мардуми Сангтӯда онро «Побели Ҳасан» мегӯяд. Гуё Ҳасан аз ин соҳил як бел хок канда, ба миёнаҷойи рӯд мепартояд ва пояшро он ҷо монда, озод ба он соҳили рӯд меҷаҳад, то ки ба дидори Тарнноз мушарраф гардад:

*Тӯша (бӯса) бигирум аз рухсор,*
*Сафар мекунум болои кӯҳсор.*

Агар Шумо бо дидаи таҳқиқ ба кӯҳи Бурсух (Тарноз) нигаред, хоҳед дид, ки дар баландӣ ду барҷастагии мусовӣ ва яктои дигар аз қафои онҳо дида мешавад ва мардум он ҷоро «Почаки Ҳасан» меноманд. Гӯё Ҳасан он ҷо дег монда, хӯрок мепухтааст. Ҳамчунин ин ҷо ҷойҳои оббуридаи хат-хат аён аст, ки он гӯё бар асари ашки Тарноз аз ҳаҷри Ҳасан пайдо шудааст. Ба замми ин дар ин мавзеъ «Зиндони Ҳасан», «Охури хари Ҳасан» барин ҷойҳоро мардум вобаста ба Ҳасан ёдоварӣ мекунанд.

Ҳатто номи маркаби Ҳасан ба чистонҳои халқӣ низ ворид шудааст. Дар чистони зерин гулдуроси раъду баркро ба овози хари Ҳасан монанд кардаанд:

*Хари Ҳасан ҳанг зад,*
*Замину замон ранг зад.*

Дар достони «Гӯрғулӣ» номи Ҳасан хеле зиёд такрор шудааст. Дар достони «Ҷанги Аваз бо Ҳасан ва хоҳари ӯ Қароқӯз-духтари Сарандев подшоҳ» вохурии Аваз ва Ҳасан хеле аҷиб нишон дода шудааст. Ҳасан ҳам мисли Аваз нотарсу далер ва чусту чолок аст. Ӯ Ҳамеша мулкашро аз душман муҳофизат мекунад. Ин дафъа низ вақте ки Авазро дар сарзаминаш мебинад, бо ӯ дар набард мешавад, вале Ҳасан мағлуб ва бо дасти Аваз занҷирбанд мегардад, хараш мегурезад. Хоҳари Ҳасан – Қаракуз вақте ки хари бесоҳиби Ҳасанро мебинад, либоси ҷангӣ ба бар карда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷониби набардгоҳ таноби роҳ мекашад. Ҳине ки бародари занҷирбандашро мебинад, ҷигархун мешавад, ба муқобили Аваз ба ҷанг медарояд. Ҳангоми набард кулоҳи Қарокуз аз сараш меафтад ва Аваз мефаҳмад, ки бо зане ҷангидааст, шармаш меояд. Авазу Қарокуз ба ҳам моил мешаванд ва Қарокузу Ҳасан – хоҳару ако розигӣ медиҳанд, ки ба Чамбули Мастон раванд, вале падари онҳо Сарандев – подшоҳ розӣ намешавад, ки духтараш ҳамсари Аваз бошад. Бинобар ин Сарандев ба Чамбули Мастон лашкар мекашад. Ҳасану Қарокуз ба пешвози падараш баромада, исрор мекунанд, ки агар ҷанг кунад, худро мекушанд. Ниҳоят, Авазу Қаркуз ҳамхона мешаванд. Тӯяшон се шабонарӯз идома меёбад ва Ҳасан низ дар қарибии Чамбули Мастон дар доманаи кӯҳи Зард дар ҷойи ёдгории ҳозираи «Охури хари Ҳасан» зиндагӣ ихтиёр менамояд.

Дар «Гӯрғулӣ» диловариҳои Ҳасан бо хоҳараш дар «Достони ба шикор рафтани Нуралӣ ва дар хоб гирфтани Бойманшоҳ, писари Мазангподшоҳ Нуралиро», «Достони Успиёншоҳ-паҳлавон» хеле ҷолиб нақл шудааст. Махсусан дар достони «Размиа Ҳасан бо Қарахон» баъди ярадор шудани Аваз Ҳасан бо хараш чинорҳоро гирди сар тоб дода, пеши аспи Қарахонро мегирад ва дар шиками аспи ӯ чунон бо лагад мезанад, ки ду пора мешавад. Азбаски ба ҷанги ин ду нафар Нуралӣ ҳамроҳ шуданашро дур аз ойини ҷавонмардӣ меҳисобад, Ҳасан ночор халаи харро ба гардани Қарахон халонида, ӯро ба ҳалокат мерасонад.

Дар «Гӯрғулӣ» аксар маврид вақте ки ин ё он базмро тасвир месозанд, барои хушҳол гардонидани шунаванда ҳатман аз Ҳасан ёд мекунанд. Ин дафъа низ Ҳасан ҳамроҳи гуруҳи меҳмонон ба ватани падари Аваз – Карим – қассоб меравад, вале барои Ҳасани тануманд курсии мувофиқ намеёбанд, ягон курсӣ тоби вазни ӯро надошт ва мешикаст. Дар гӯштингирӣ низ Ҳасан чирадаст аст. Дар гӯштин бо Габри Ширмон – паҳлавони мулки Қайсар маҳз тавассути тадбири дуруст ва андохтани ҳалуки мувофиқ рақибашро шикаст медиҳад.

Вақте ки Ҳақназар – паҳлавон либоси қаландарӣ ба бар карда, Нуралиро фиреб медиҳад ва Гулширмоҳ – зани Гӯрғулиро дуздида, ба мулки Қайсар бурданӣ мешавад, то ки ба ивази он духтари подшоҳ Зарнигорро соҳиб шавад, Гӯрғулисултон аз ин огоҳ шуда, барои беэътиноӣ ҳукми қатли Нуралиро эълон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекунад. Ҳасан аз воқеа бохабар ва савори хар пайдо шуда, хоҳарзодааш Нуралиро на танҳо наҷот медиҳад, балки Ҳақназар – паҳлавонро дастгир намуда, сарашро дар назди Гӯрғулисултон аз танаш ҷудо мекунад.

Дар «Достони Сарандев-паҳлавон ва кушта шудани ӯ» сухан аз боби вафодории Ҳасан ба Чамбули Мастон меравад. Вақте ки падари Ҳасан – Сарандев бо иғвои амакаш – Нарандев аҳли оилаи Авазро ба меҳмонӣ хонда ва хостагори куштани онҳо мешавад, Сарандев пинҳонӣ шамшерашро ба Ҳасан дода, хоҳиш мекунад, ки бо ҳилла Авазро кушад, вале Ҳасан бо шамшер сари падари худро аз тан ҷудо намуда, амакаш Нарандевро низ ба қатл мерасонад ва бошандагони Чамбули Мастонро сиҳату саломат ба манзилашон бармегардонад.

Ҳасан дар сабқати рӯёрӯй низ зӯрманду тавоност. Вақте ки Амонқул – паҳлавони туркистонӣ мусобиқа меорояд, паҳлавонони Чамбули Мастон низ ширкат меварзанд. Дар ин сабқат агар касе аз се шарт пирӯз мегардид, ба ҷуз аз тухфаҳо Тарнози паричеҳраро низ соҳиб мешуд. Дар бузкашӣ (чапандозӣ), тирандозӣ диловарони Чамбули Мастон ғолиб меоянд. Ҳасан дар гӯштин бо паҳлавони Қайсар – Темурхон зафарёб гардида, Тарнози зебову дилороро соҳиб мешавад ва ӯро ба диёри худ - соҳили рӯди Вахш меорад.

Ҳамин тавр, образи Ҳасан дар «Гӯрғулӣ» яке аз симоҳои ҷолиб, хотирмон ва хеле шавқовар буда, образҳои Аваз, Нуралӣ ва Шералиро як навъ пурра мекунад ва шунаванда ҳар лаҳза аз вуруди Ҳасан ба достон хастагиро аз худ рафъ месозад.

**Адабиёт:**


1. Асрориён Ҷонибек. Гӯрғулӣ (гузориш ва нигориш). – Душанбе: Шуҷоиён, 2010, 178 с.
2. Амонов Р. Лирикаи халқи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1968.
3. Амонов Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб. – Душанбе: АФ РСС Тоҷикистон, 1963.
4. Аминова С. Бозёфт// Садои Шарқ, 1968, №3.
5. Куллиёти фолклори тоҷик (Ҳамосаи «Гӯрғулӣ»). Ҷ.7. Тартибдиҳандагон Ф. Муродов, С. Фатҳуллоев. – Душанбе: Дониш, 2007, 265 с.
6. Муродов Ф. Воситаҳои тасвири бадеӣ дар ҳамосаи «Гӯрғулӣ». – Душанбе: «Деваштич», 2006. – 300 с.




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 3.6. ИНЪИКОСИ ФОҶИАИ САҲБОЮ МУЛЛО АБДУРАСУЛ ДАР ҚИСМАТИ ДУЮМИ ҚИССАИ «ДАР ҶУСТУҶӮИ КАРИМ ДЕВОНА»

*Ҳабибулло Назаров коҳу хоки таърихро бехта ва нақлу хотираҳои сершуморро софӣ карда, Карим–Девона ва ҳақиқати ҳаёти ӯрёфта гирифт ва аз он баҳри пурасрор дур-донаҳои парешони ниҳони шоири халқро берун оварда, ин симои номашҳури адабиёти халқро кашф кард.*

*(Носирҷон Маъсумӣ)*

Ҳабибулло Назаров ҳангоми барҳаёт буданаш танҳо қисмати якуми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим–Девона»-ро ба чоп мерасонад, ки нашри нахустини он соли 1961 иттифоқ афтодааст. Нависанда баъди анҷоми баҳс перомуни буду набуди Карим-Девона, ки бо ташаббуси ҳафтаномаи «Маориф ва маданият» соли 1964 оғоз гардид ва моҳи майи соли 1965 онро ҳайати таҳририяи нашрияи мазкур, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ба фоидаи нависанда ҷамъбаст намуданд, бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳои муқарризон ва барои пурра намудани баъзе образҳои асар қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»-ро навишт. Баъди сари нависанда, ба шарофати 100-солагии зодрӯзаш, бори нахуст бо саъю талоши Гулназар ва Кароматулло Мирзо соли 2007 қиссаи мазкур дар ду қисмат ба чоп расид, ки қисмати дуюми асар як навъ фарогири маводи пурракунандаи қисмати аввал аст.

Бо анҷом ёфтани қисми аввал ва дар айни камолоти эҷодӣ ҳаётро падруд гуфтани Карим–Девона нахуст табъи хонандаро озурда месозад ва барои мутолиаи идомаи қисса кас ҳавсала намекунад, вале бо мутолиаи боби 1-уми қисмати дувум, ки «Идомаи роҳ» ном дорад, хонанда қадам ба қадам барои мутолиаи қисса шавқманд мегардад ва дар қатори нависанда роҳро идома медиҳад: рӯзгори нобасомон, вале иборатомӯзи Карим–Девона ва ҳамсафонашро бо ҷону дил пайгирӣ менамояд.

Дар қисмати дуюм низ шоир аз ҷустуҷӯҳояш, аз мулоқотҳояш бо пирони 80-90-сола ёдовар шудааст. Дар баробари пурсуҷӯи рӯзгору осори Карим–Девона зиндагии хуррамонаи ҳамдиёрони шоирро тасвир кардааст. Нависанда хулосаи ҳамсуҳбатонашро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зикр намуда, таъкид менамояд, ки онҳо шоирро ба некӣ ёд мекунанд, ӯро «шоири калон», камбағалу бечора, вале ҷасур мегуфтанд. «Дар шеърҳояш бечорагонро таъриф мекард, ғосибону ғоратгарон, кулакону мансабдоронро ба масхара мекашид, - мегӯяд шоир. – Шеърҳояш чунин буданд, гоҳ ғамангез, гоҳ ҳаҷви тезутунд, ки дар онҳо дастнишинони амир ё қозию раисҳо зери тозиёнаи танқид гирифта мешуданд. Вай ба он рӯзҳои сиёҳ нафрин мехонд, онҳоро ба дуди ғализе монанд мекард, ки болои сари деҳқонони бенаво хайма задаанд, он рӯзҳои ношоду пурандуҳро ба зиндагии мурғаконе ҳамранг медонист, ки лона надоранд ва дар суроғи дона овораанд» [1, с.231]

Ҳ. Назаров таъкид мекунад, ки ашъори ба мерос мондаи Карим– Девона гувоҳи он аст, ки ӯ шоири далеру нотарс ва ҳамдаму ҳамнафаси деҳқонони бенаво, дар ҳолатҳои маҳзунӣ ғамбарору темордори камбағалон ва дилбардори беваю бечорагон будааст. Мардум аз он изҳори миннатдорӣ мекардаанд, ки шахси хайрхоҳе пайдо шудааст, ки ашъори Карим–Девонаро ҷамъоварӣ ва чоп мекунад.

Баъдан шоир аз корҳои наҷиби Ҳукумати Шӯравӣ, аз бунёди ҷодаҳои ҳамвори мошингард, сохтмони пули мошингузар дар болои дарёи Вахш, ба макони пахтаи маҳиннах табдил ёфтани ин водии тиллоӣ, аз зуҳури радиову телевизион дар хонаҳои деҳқонон ёдовар мешавад. Бо ифтихор иброз медорад, ки акнун ашъори Карим– Девонаро на танҳо дар водии Ғозималик, Ҳисор, дар шаҳракҳои Қаратоғу Дашнобод ва баъзе мавзеъҳои Ӯзбекистон мехонанд, балки акнун маҳсули эҷоди ӯро дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ ва берун аз он низ мутолиа мекунанд. Нависанда аз донандагони Карим–Девона – Файзалӣ Гулови 54-сола, зодаи деҳаи Қаратоғи ноҳияи Даҳанакиик ва Тоҷиддин Қурбонови 57-сола, сокини деҳаи Боғаки деҳшӯрои Косабулоқ суроғ меҷӯяд, вале бо онҳо дар водӣ, дар мавзеи Садвинтрести ноҳияи Шаҳринав рӯзи 13 июни соли 1957 дидор мебинад ва аз зиндагии орому осуда ва бофароғати онҳо ҳикоят мекунад. Сипас, бо хондани шеъри дар мазаммати Муҳаммадалии Ашқар навиштаи Карим–Девона диққати мусоҳибонашро ҷониби шоир ҷалб мекунад:

*Эй пирбузи ҳилоли ман,*
*Набудӣ дар хаёли ман…* [1, с. 236].



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба гуфти нависанда ҳамсуҳбатонаш бо шунидани номи шоир ӯро тавсиф мекунанд, қиёфаашро мекашанд. Баъд аз он ёдоварӣ менамояд, ки Карим–Девона муддати мадиде аз Ҷӯрак нопадид мегардад. Бисёриҳо ба ташвиш меафтанд, ки душманонаш мумкин ӯро кушта партофта бошанд, вале онҳо баъдтар огоҳ мешаванд, ки ӯ дар Дашнободи Ӯзбекистон бофандагӣ мекардааст. Баъди дар деҳа пайдо шуданаш деҳқонон аз дидорбинӣ бо ӯ шодӣ мекардаанд.

Тоҷиддин Қурбонов низ ба Ҳ. Назаров нақл мекунад, ки ӯ дар деҳаи Боғак–ҳамсоядеҳаи Ҷӯрак, батраки халифа Зокир будааст. Бо пайдо шудани Карим–Девона халифа Зокир ва Тоҳир ба ҳарос меафтодаанд, ки онҳоро ҳаҷв накунад. Дар атрофи шоир панҷяккорону муздурони деҳа ҷамъ мешаванд. Шоир ба онҳо дар бораи Ҳисор, қалъаи мирнишини он ва бозори серғавғи ин мавзеъ, дар бораи Қаратоғ ва гулмоҳиҳои дарёҳои пуршӯраш, оид ба ҳаёти шаҳриҳо ва мансабдорҳо қисса мекардааст. Ҳамчунин Қурбонов аз он ёдовар мешавад, ки шоир дӯсташ-мулло Абдурасули қубодиёниро бисёр таъриф мекунад, аз он ёдовар мешавад, ки аз зиндони маргбори беки Ҳисор Шоҳимардонқул ва муллоҳои найрангбоз маҳз бо дастгирии бевоситаи мулло Абдурасул раҳоӣ мeёбад. Баъдан шоир аз шеърҳои худ барои онҳо қироат мекунад. Қурбонов шеърҳои «Ба ҳасрат меравам, ёрон, аз ин шаҳри Ҳисор имрӯз», «Муллосафар ҷодугар…», «Шӯриён бозор шуд», «Тӯй дар Ҷӯрак» ва «Абдулмаҷидҷонам, балам»-ро замзама мекунад.

Боби дуюми асар «*Мулло Абдурасули Қубодиёнӣ*» номида шудааст. Нависанда дар дафтарчаи ёддоштҳояш аз мулло Абдурасул ёд мекунад. Ин аз он сабаб аст, ки нависанда ба ашъори ба мулло Абдурасул бахшидашудаи Карим–Девона дучор меояд, ҳамчунин мӯйсафедони бешумор дар баробари Карим–Девона аз дӯсти донишманди ӯ – мулло Абдурасул низ ёд мекардаанд ва олими соҳаи дин ва инсони равшанфикр буданашро таъкид менамудаанд. Мулло Абдурасул дар ҷамъияти деҳқонон соҳибобрӯ буда, ҳатто онҳо ӯро авлиё медонистаанд, зеро ӯ деҳқононро аксар вақт аз андози бераҳмонаи беки Ҳисору Қубодиён ҳимоя мекардааст. Ба сари кадом беваю бечорае, ки бадбахтие меомадааст, ҳатман ба мулло Абдурасул мурoҷиат мекардааст. Аз ҳамин рӯ, мансабдорон Абдурасулро хуш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

надоштаанд, аммо намедонис-таанд, ки чӣ гуна ӯро нест кунанд. Нависанда номи писари мавсуф Муҳаммадалӣ Расулов ва онҳое, ки ӯро мешинохтанд, Муҳаммадсаид Юнусов, Бобоҷон Соҳибназаровро навишта мегирад ва рӯзи 5 июли соли 1957 озими ноҳияи Қубодиён мегардад. Як сари қадам ба кулбаи ошноҳои деринааш–пайвандони Карим–Девона – бобои Шукур ва Ғуломқодир медарояд, вале охириро ёфта натавониста, роҳашро идома медиҳад.

Дар Қубодиён баъди ҷой гирифтан дар хонаи раиси комиҷроияи ноҳия Зиёдалиев мизбон аз гузаштаи ноҳия ва мулло Абдурасул ёдовар мешавад. Таъкид менамояд, ки ӯ хеле ҷавон бошад ҳам, ин шахсро ёд дорад. Ӯ бачагонро таълим медодааст ва ҳамеша пуштибони мардуми камбағал будааст. Ҳамчунин ӯ аз дӯстии байни Саҳбо, ба гуфти нависанда беки охирини Қубодиён, ёдовар мешавад. «Бо амри амир одамони амир ӯро куштанд, балки зинда ба зинда бузкашӣ карданд, - таъкид мекунад Зиёдалиев. – Ёд дорам, Саҳбо марди солхӯрда буд, қомати начандон баланд дошт, аммо шонаҳои васеъ ва риши сафеди паҳновараш ӯро ангуштнамо мекарданд» [1, с.242]

Баъдан Ҳабибулло Назаров аз қавли Зиёдалиев тафсилоти қатли Саҳборо овардааст. «Ду нафар амалдори амир ӯро аз ин ҷо баровarданд, - ишора кард ҳамсуҳбаташ ба арки нимвайрон (зеро хонаи Зиёдалиев аз қалъа дур набудааст – Х.Ф., Ҳ.М.). – Шоир дар тан курта ва шалвори сафед дошт. Ба сари китфонаш ҷома партофта буд. Чизе аз ӯ напурсиданд, якбора бо калтаку санг заданаш гирифтанд, ба заминаш яксон карданд, баъд ба бузкашӣ сар карданд, пора–порааш сохтанд. Ҷаллодон ҳамвора фарёд мезаданд: «Занед ин кофири бехудоро!». Баъди ин ҳама маросими мудҳиш муллое ба сухан баромаду гуфт: «Саҳбо кофир ва бехудост ва мехост ҳокимияти амириро вожгун созад, вай зидди амир, яъне зидди Худо буд. Аз ин рӯ, тибқи фармудаи Қуръони маҷид ӯро чун кофир куштаанд» [1, с. 242]

Нависанда фоҷиаи Саҳборо аз номи Зиёдалиев шарҳ дода, таъкид менамояд, ки Саҳбо бек бошад ҳам, шахси бетараҳҳуму беадолат набуд. Вай ба сари мардум андозу боҷу хироҷи ноҳақ бор намекард. Қатли Саҳборо ба қавли Зиёдалиев, қубодиёниҳо ҳар яке ба тарзи худ шарҳ медодааст: Як гурӯҳ ӯро бегуноҳ ва инсони хуб мешумурд, гурӯҳи дигар бошад, номбурдаро одами бад ва худоношинос меҳисобид. Ҳ. Назаров нақл мекунад, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шаб дар хонаи Зиёдалиев бо Маҳмадалӣ Расулов мулоқот меорояд, вале вақте ки ӯ ҷавобан ба саволи нависанда мегӯяд, ки Карим–Девонаро боре дар хонаашон надидааст, адиб мефаҳмад, ки вай писари Абдурасули мавриди назар нест. Ҳамсуҳбаташ низ инро пай бурда, иброз медорад, ки дар деҳаи Чорбоғ (хоҷагии «Пахтакор») ҳамном ва ҳамнасаби ӯ мезияд, ки шахси мавриди таваҷҷуҳи нависанда ҳатман бояд ӯ бошад. Ҳамчунин нақл мекунад, ки падари ӯ ва мулло Абдурасул дӯст будаанд ва ҳангоми мулоқот аз дӯсти шоири авлиёнамои худ ёд мекардаанд. Исми ҳақиқии ӯро мулло Халифа Абдурасул меномад. Инро низ таъкид мекунад, ки Абдурасул инсони босаводу соҳибэҳтиром буд, вале эшонзода ё амалдор набуд, деҳқонзода ва таҳсилкардаи мадрасаи Бухоро буд. Дар водиҳои Ғозималику Ҳисор низ соҳибэътибор буд. Мардум ҳар рӯз аз ақсои кишвар саворабу пиёда ба зиёрати ӯ меомаданд ва аз ӯ додхоҳӣ мекарданд, номбурда низ ҳамеша ба доди онҳо мерасид ва ҳаққи заҳматкашонро аз хоҷагонашон ё раис меситонид. Бинобар ин, амалдорони амир ҳамеша аз ӯ мекебиданд ва чашмашон метурид. Ин аст, ки Абдусаттори Баҳрин, мири Қубодиён бо ҳамдастии амалдоронаш аз тарси он ки мабодо мулло Абдурасул аз нуфузаш истифода карда, бо ҳамдастии деҳқонон балво сар кунад, ба амири Бухоро алайҳи мулло Абдурасул номаи шикоятӣ ирсол менамоянд. Гӯё деҳқонон аз пуштибонии мулло Халифа Абдурасул бархурдор шуда, андоз намесупоранд, молиёт ҷамъ оварда намешавад ва ҳар лаҳза мумкин аст, ки дар Қубодиён вазъият муташанниҷ гардида, исён бархезад. Амири Бухоро Абдулаҳад бо номаи мири Қубодиён шинос шуда, ба беки Ҳисор Остонақул-қушбегӣ фармон медиҳад, ки мулло Абдурасулро ба қатл расонанд. Қушбегӣ хуб медонист, ки эъдоми рӯирости Абдурасул барин шахсони соҳибнуфуз имкон надорад, зеро халқ барои пуштибонии ӯ бармехезад. Бинобар ин, ба амир навишт, ки ин фармон ғайриимкон аст ва бо иҷозаи аълоҳазрат онро тадриҷан бо дастони худ анҷом хоҳад дод. Бо ин мақсад Остонақулбек ду нафарро ба Қубодиён фиристода, мулло Абдурасулро ба Ҳисор ба меҳмонӣ мехоҳад ва ба шарафи ташрифи эшон зиёфат меорояд. Зимнан он ҳазратро бо мақсади таҳти назорати худ гирифтан, барои имоматӣ ба масҷиди бузурги Сангини Ҳисор даъват менамояд, то ки ба оламу одам наздик бошад. Мулло Абдурасул низ таклифи беки рӯбаҳмизоҷро қабул



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мекунад. Аммо аз куҷо медонист, ки дар ин масҷиди бузурги Ҳисор ибодати тӯлонӣ ба ӯ насиб намешавад, зеро ба вай заҳр дода, ҳалокаш месозанд. Дӯстонаш ҷасадашро ба деҳаи Чорбоғи Қубодиён оварда, дафн мекунанд. Карим–Девона бо шунидани марги дӯсташ ба Ҳисор мешитобад, ва то Қубодиён турбати ӯро ҳамроҳӣ мекунад, дар сӯгвориаш шеърҳо менависад, ки яке аз онҳо бо байти зерин оғоз меёбад:

*З-ин ҷаҳон бигзашт пири мо, раҳи уқбо гирифт,*
*Рӯҳи покаш аз бадан дар садри ҷаннат ҷо гирифт…*

[2, с. 109]

Нависанда баҳои мулло Абдурасулро аз номи иштирокчиёни ҷанозаи ӯ, дар иртибот ба шахсияти Карим–Девона, мавридеро нақл мекунад, ки мулло қавмро лаҳзае аз оғози намоз маътал мекунад ва мегӯяд, ки «Каме сабр мекунем, ҳоло як инсони бузург меояд». «Ва воқеан баъди чанде ба масҷид як шахси ҷандапӯши миёнақади зардинаи пойлуч даромада омад. Мулло Халифа Абдурасул дарҳол аз ҷо бархост, омадаро ба оғӯш гирифт ва дар пешгоҳи масҷид нишонд» [1, с. 246]. Ҳамин тавр, ба гуфти Ҳ. Назаров мулло Халифа Абдурасул каме пештар аз Карим–Девона аз олам реҳлат менамояд.

Дар боби 4-ум нависанда баъд аз пурсуҷӯҳои зиёд паҳлавони номӣ Муҳаммадсаид Юнусови 63-соларо, ки сокини деҳаи Чорбоғи ноҳияи Қубодиён, вале зодаи деҳаи Косабулоқи ноҳияи Даҳанакиик аст, тавассути Бобоҷон Соҳибназарови 45-сола меёбад ва бо ӯ суҳбат мекунад.

Ба гуфтаи Саид–паҳлавон, азбаски онҳо дар ҳамсоядеҳаи Карим– Девона зиндагӣ мекардаанд, бинобар ин, шоирро хуб медонистааст. Ба гуфти Саид Карим зардина бошад ҳам, одами бадқаҳр набудааст. Нисбат ба аҳли заҳмат меҳрубон, вале алайҳи муфтхӯрон дар ҳолати ҷанг қарор доштааст. «Вай бойҳоро чашми дидан надошт, - мегӯяд паҳлавон, - ба муқобилашон шеърҳо эҷод мекард. Вай мегуфт, ки бойҳо мардуми бад ва беинсоф ҳастанд, зеро худ заҳмат намекашанд ва аз ҳисоби дигарон зиндагӣ мекунанд, либосҳои хуби шоҳӣ доранд, савори аспҳои хуб ҳастанд, мардумро ғорат мекунанд, азоб медиҳанд, ба зиндонҳо мепартоянд. Одамони одӣ ҳамеша заҳмат мекашанд, ҳамеша дар кор ғарқанд, аммо зиндагиашон бад аст, чаро ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бойҳо ҳама чизе, ки онҳо бо дастони худ меофаранд, кашида мегиранд» [1, с. 249].

Бо ин паҳлавон аз номи Карим–Девона зиндагии вожгуни камбағалон ва рӯзгори шоҳонаи бойҳоро оварда, гуфтанист, ки акнун дар ҷаҳонбинии шоир як нав инқилоби фикрӣ, нафрат нисбат ба золимон ва мубориза алайҳи онҳо пайдо шуда буд.

Баъдан паҳлавон Муҳаммадсаид Юнусов нақл мекунад, ки ӯ батраки Муллоалибой будааст ва аз субҳ то шом дар сари замин кор мекардааст. Карим–Девона аз роҳ гузашта, бо ӯ суҳбат мекардааст ва дар бедории шуури синфии ӯ нақши муҳим доштааст. Саид суханҳои шоирро, ки «Саид, ту ин ҷо шабу рӯз меҳнат мекунӣ, хӯҷаин туро чӣ тавр меҳӯронад? Шояд ту чӣ будани оши палавро надонӣ?» [1, с. 249] бо ҷону дил гӯш карда, мепазируфтааст, зеро дар киштзорҳо нимгурусна кор карда, ҳатто аз нони сиёҳи хушк сер набудааст.

Нависанда дар идомаи суҳбат ёдрас менамояд, ки паҳлавон думбурараро ҷӯр намуда, шеърҳои Карим–Девона «Дар вафоти Абдулмаҷид», «Шӯриён бозор шуд», «Лаънат ба Ҷӯрак» ва дигарҳоро бо оҳанги форам ва лаҳни марғуб мехондааст. Дар охир нависанда аз номи Саид–паҳлавон аз чӣ гуна мағлуб кардани кулли паҳлавонҳои ӯзбек ва соҳибовоза шудани худ қисса мекунад.

Дар боби 5-ум хотироти Бобоҷон Соҳибназаров зикр шудааст ва нависанда онро айнан аз номи худаш овардааст. Бинобар гуфтаи Бобоҷон Соҳибназаров ӯ зодаи Косабулоқ – ҳамсоядеҳаи Карим–Девона будааст. Ӯ дар бораи Карим–Девона аз дӯст ва ҳамсафару паҳнкунандаи ашъори шоир Қосим–қаландар, ки ҳамроҳаш деҳа ба деҳа мегаштааст ва ҳашт сол пеш ба рӯ ниқоби хок кашидааст, ҳар гуна нақлҳои аҷибу ғариб мешунидааст. Қосим–қаландар нақл кардааст, ки як рӯзи бозор дар Ҳисор ӯ шеъри Карим–Девона «Шӯриши Ҳисор» - «Тарки фармони Худо кард Олиму мири Ҳисор»-ро мехондааст ва шоир низ ҳамроҳи ӯ будааст, ҳамин вақт мансабдори амир Давлат-додхо пайдо мешавад ва нидо мекунад: «Ана, ба даст афтодед! Кариме, ки ба муқобили амиру беку ислом шеърҳо мегӯяд, ҳамин аст? Акнун барои бехудоии худ ҷавоб хоҳед гирифт!» [1, с. 251]. Давлатдодхо онҳоро ба маҳкама кашидан мехост, вале дар ҳамин лаҳза Карим–Девона як лаҳза аз шеърхонӣ бозмеистад. Сомеон ҳама озод намудани онҳоро аз додхо талаб мекунанд ва ӯ ночор аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бандӣ намудани эшон даст мекашад. Баъдан онҳо ба масҷиди Сангин назди мулло Халифа Абдурасул мераванд ва номбурда хӯрду ҷойхобашонро таъмин менамояд ва рӯзи дигар Ҳисорро тарк мекунанд.

Ба ҳамин тариқ, нависанда бо ин ҳикояташ таъкид менамояд, ки Карим–Девона ҷорчии инқилоб буд. Вай бо шеърҳояш мардумро қадам ба қадам ба инқилоб наздик мекард, онҳоро ҳушдор медод, ки вақти озодии онҳо низ наздик аст.

**Адабиёт:**


1. Ҳабибулло Назаров. Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона. Душанбе: Балоғат, 2007. – 336с.

2. Карим-Девона. Сатрҳои оташин. Ҷамъоваранда ва тартибдиҳанда Ҳабибулло Назаров. Нашри 2-юм бо иловаҳо. – Душанбе: нашр. дав. Тоҷ., 1961.


## 3.7.ТАСВИРИ РӮЗГОРИ ҲУНАРМАНДОН ВА РОҲАНДОЗИИ ТЕАТРҲОИ ХАЛҚӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ МУБОРИЗА АЛАЙҲИ НОБАРОБАРИИ ИҶТИМОӢ ДАР ҚИСМАТИ ДУЮМИ ҚИССАИ «ДАР ҶУСТУҶӮИ КАРИМ ДЕВОНА»

*(Бо ҳамқаламии Х. Фақиров)*

Ҳабибулло Назаров аз қисмати 6-уми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим – Девона» сар карда, рӯзгори бофандагии шоири мардумӣ Карим – Девонаро дар Қаратоғ ҳикоят мекунад.

Номбурда аввал бо Яъқуб Юнусови 73 – сола, сокини мавзеи Қаратоғи ноҳияи Шаҳринав сӯҳбат мерояд. Яқуб –бобо Карим – Девона – марди зардинаи миёнақади газгӯшти ришаш қайчизадаро хуб мешинохтааст, зеро онҳо як сол бофандаи батраки Ҳоҷӣ Муллоюсуф будаанд. Баъдан Карим – Девона дар корхонаи Ортуқбой батраки Устобеки Ниёз мешавад. Сипас, оид ба маҳорати шеъргӯии Карим – Девона сухан меронад ва мегӯяд, ки агар Карим – Девона се шабонарӯз шеър хонад ҳам, шеърҳои ӯ тамом намешудаанд. Бофандагони Қаратоғ як ҷамъияте доштаанд ва зуд – зуд як ҷо шабҳо ҷамъ мешудаанд. Юнусов аз Ашӯр – биқ-биқ, Сайиди рангрез, Ҳоҷӣ Рабеи рангрез, Ҳофизи телба, Раҳмони ҷӯшонӣ, мулло Фозили бошабоз, Шарифи Сироҷ, Абдуқодир, Мурод– ҳофизи Ғариб, Яъқуби масхарабоз барин ҳамнишину улфатҳояшон ёд мекунад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба гуфтаи Яъқуб Юнусов Яъқуби масхарабоз дар тӯйҳо нақши раисро мебозидааст. «Гӯё дар бозор мансабдорону бойҳоро дастгир мекард, ҷарима меситонд, мегуфт, ки шумо рафтори нохуб доред, расму русуми исломро вайрон кардаед». (Ҳ.Назаров, 2007, с. 253). Яъқуб Юнусов аз дастаи ҳунарии Яъқуб низ ёдовар шудааст: Ҳоҷӣ Булҳасан, Ҳоҷӣ Насим, Очилдии Чархак, ки ҳангоми роҳравӣ гоҳ – гоҳ чарх мезад, Ниёз Андрей, ки сурудҳои урусӣ мехондааст, Набии дойразану Билоли Нойӣ ва дигарон.

Яъқуб гурӯҳашонро дастаи ҳунарии оворагард меномад. Пасон аз саҳнаи ҳаҷвии «*Ҳиндубозӣ*» ёдовар мешавад, ки онро дар тӯйи амалдори амир Ҳамидбеки Ясавулбошӣ иҷро кардаанд. Барои ҳангоми намоиш амаки Ҳамидбекро дасту пояшро баста, дар атрофаш пахта монда, пахтаро оташ дар додан онҳоро ҳафтдаррагӣ мезананд ва аз тӯйхона пеш мекунанд.

Яъқуб аз Ҳоҷӣ Булҳасан, ки роҳбари намоишҳои онҳо буд, ёдовар шуда, мегӯяд, ки замоне ӯ масхарабози амири Бухоро Абдулаҳад будааст, аз дастаи амир фирорӣ шуда, ба Қаратоғ паноҳ бурдааст. Бисёр камбағалона мезистааст, зеро ягон касб надоштааст, ҳатто рӯзҳои бозор гадоӣ мекардааст. Булҳасан дар намоишҳо нақши судхӯр, дигаре – нақши дӯсти судхӯр ва сеюмӣ – нақши писари бебоки судхӯрро мебозидаанд. «Ҳамон рӯзе, ки судхӯр фоизи даромадашро намегирад, бемор мешавад, вазнин-вазнин нафас мегирад, дар дами марг аст, нафасаш аллакай намебарояд. Дар ҳамин лаҳза дӯсти ӯ фиғон мекунад: «Ба ту чӣ шуд, дӯстам, бархез!» Аммо судхӯр хомӯш аст, ҳарчанд дӯсташ фиғон мекунад, аз ӯ садое нест. Ногоҳ мегӯяд: «Фоизи даромад расид!» Судхӯр ҳамин ки калимаи «фоиз»-ро мешунавад, сиҳат мешавад, даррав аз ҷо бармехезад, ҳатто табассум мекунад. Аммо ӯ ҳанӯз ба худ наомада, писари бебокаш аз расидани фоизи даромад хабар ёфта, бо шодӣ фарёд мезанад: «Пул пайдо шуд, кайф мекунем, ҷӯраҳо, кабоб мехӯрем, шароб мехӯрем, аз нашъаи зиндагӣ баҳра мебардорем!» Аз суханони писараш дили судхӯр мекафад ва ҷон медиҳад. Писари судхӯр мебинад, ки падараш мурдааст, мегӯяд: «Не, не, мо ба қимати як тин канаб мехарем, як ҳафта пӯсташро мехӯрем, ҳафтаи дигар мағзашро мехӯрем, ҳафтаи савум аз ҳисоби донааш зиндагӣ мекунем. Фоизҳоро ҷамъ мекунем, кӯзаи калонеро аз тилло пур мекунем. Дар ҳамин лаҳза судхӯри мурда атса мезанаду аз ҷо бармехезад» (Ҳабибулло



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Назаров. Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона. -Душанбе: Балоғат, 2007, с. 254).

Нависанда дар ин лаҳза аз Яъқуб Юнусов мепурсад, ки Карим – Девона дар чунин намоишҳо чӣ нақше дошт, - Нақши Карим – Девона зиёд буд, - посух медиҳад мусоҳибаш. – Ҳоҷӣ Булҳасан ҳама масъалаҳоро бо Карим – Девона маслиҳат мекард. Мо ӯро роҳбари асосии даста ҳисоб мекардем» (Ҳамон ҷо, с. 254).

Яъқуб ба пурсиши нависанда дар хусуси он, ки ӯ шеърҳои Карим – Девонаро азёд медонад, ҷавоби мусбат медиҳад, сабаби фаромӯш кардани шеърҳои шоирро аз пирӣ ва заиф шудани хотирааш медонад ва ба хондани сатрҳои «Як муноҷот бишнав аз девонаи пири Ҳисор» оғоз мекунад (ҳамон ҷо, с. 255). Дар посухи саволи нависанда аз дӯсташ Ниёз Андрей, ки дар замонҳои пеш дар заводҳои Фарғонаву Тошканд кор карда, бо забони русӣ гап задан ва ҳатто суруд хонданро аз бар карда буд, ёдовар мешавад, зеро пеш аз инқилоб чунин суруд хондан навгонӣ буд:

*Искай ёрдим (ман кофтам)*
*Подавай, бердим (подавай – бидеҳ (русӣ), бердим – бидеҳ (ӯзбекӣ),*
*Кавказский канторга (идораи қафқозӣ),*
*Персиной залатой (ангуштари тиллоӣ),*
*Наконес Майнахон (ниҳоят Майнахон),*
*Суда будет, дарагой (Ба ин ҷо меояд азизонам).*
*(Ҳамон асар, с. 355-356).*

Яъқуб нақл мекунад, ки аъзои дастаи ҳунарии онҳо – Билол Меҳтар ва Ҳоҷӣ Булҳасан баъд аз шикояти амалдорон, ки гӯё номбурдагон ашхоси баобурӯйи Ҳисорро масхара мекардаанд, бо фармони амири фирорӣ – Олимхон парронда мешаванд, ҳол он ки ба қавли ноқил «Онҳо ҳамеша ба умеди зиндагии хуш ва рӯзҳои равшан буданд» (Ҳ.Назаров, 2007, 257).

Яъқуб Юнусов аз нақши судхӯрии Булҳасан дар оила ёд намуда, мегӯяд, ки дар кисаи судхӯр чиҳил калид буд, зеро ҳар дари хонааш 6-7 намуди қулф дошт ва ягон аъзои оилааш дари анбори хӯрокаи ӯро кушода наметавонист, зани бечорааш аз гуруснагӣ ҳаракат надошт ва аз бӯйи равғани хонаи ҳамсоя дилаш гум мезад, зеро «… барои ӯ як нон ғизои серӯза муқаррар шуда буд» (ҳамон асар, с. 258).

Аз Ҳоҷӣ Булҳасан барои нақшҳои масхараомезаш борҳо амалдорони Қаратоғ ба бек шикоят бурда буданд, вале азбаски



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳазорон косиб пушту паноҳаш буданд, бинобар ин беки Қаратоғ аз ҷазо додани ӯ ҳазар мекард, агарчи ӯро «нафратзадаи Худованд» гуфта, куштанашро раво мешумурд.

Ба гуфтаи Яъқуб қариб ҳамаи бофандагон муҷаррад будаанд. Ҳар бегоҳ баъди кор ё дар чойхона, ё соҳили дарёча ва ё дар ягон хона ҷамъ меомадаанд ва дар атрофи намоиш дар рӯзҳои бозор баҳс мекардаанд. Карим – Девона аз кори онҳо қаноатманд шуда, ба амали онҳо баҳои баланд медодааст. «Офарин, бачаҳо, ба муқобили бойҳо бояд ҳамеша ҳамин хел рафтор кард. Онҳо бояд пасту разил будани худро донанд…», - мегуфтааст ӯ (Ҳ.Назаров, 2007, с. 258).

Яъқуб Юнусов оид ба Ҳоҷӣ Насим сухан ронда истода, мегӯяд, ки ӯ масхарабози олиҷаноб, миёнақад, сиёҳҷурда, шонапаҳн буда, теззабону гапдон буд, риши дарози найзамонанд дошт ва ҳамеша нақши зани аз дасти шавҳараш ҷабру зулми бисёр дидаро мебозид. Ниёз Андрей бошад, нақши шавҳари ӯро мебозид, ки хеле сахтгиру беадолат буда, ҳатто ба занаш иҷозат намедод, ки барои об ба лаби дарё равад. Агар медид, ки занаш аз роҳи дар ба берун менигарад, ӯро ба зери мушту лагад мекашид. Нақлкунанда – Яъқуб бошад, нақши қозиро мебозидааст. Зан (Ҳоҷӣ Насим) ба назди қозӣ (Яъқуб) аз болои шавҳараш (Андрей) ба қозӣ шикоят мебарад: «Ҷаноби қозӣ, ман медонам, ки шавҳар Худост, аз ӯ шикоят кардан маъно надорад, қозию амир ҳам мард ҳастанд ва албатта ҳаққу ҳуқуқи шавҳари маро ҳимоят хоҳед кард. Ба ҳар ҳол ман ба шумо муроҷиат мекунам» (ҳамон асар, с. 259).

Ғайричашмдошти гуфтаҳои зан қозӣ шикояти ӯро шунида қарор мекунад: «Аз ҳамин рӯз сар карда, ба занҳо ҳаққу ҳуқуқи ба бозор баромадан, харид кардан, хулоса, ҳама коре, ки мардон мекунанд, вогузор карда шавад. Мардон кори занҳоро ба ҷо оранд» (ҳамон асар, с. 259).

Аз қозӣ мепурсанд: «Таваллуд кардани фарзанд чӣ?», аммо ӯ ҷавоби ин саволро ба фардо вогузор мекард, вале иддао менамуданд, ки фавран ҷавоб гӯяд. «Бигузор мардон ҳам инро санҷида бинанд, донанд, ки занҳо чӣ гуна қаҳрамон ҳастанд, зоидан, тарбия кардан, калон кардан кори осон нест» (ҳамон ҷо, с. 259).

Албатта ҷавоби қозӣ байти Ҳаким Фирдавсиро ба ёд меоварад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Занонро ҳамон бас бувад як ҳунар,*
*Ки шинанду зоянд шерони нар.*

Қозӣ ба занҳо рӯ оварда, мегуфтааст: «Бачаҳо зоеду калон кунед, аммо чунон тарбия кунед, ки ҳаргиз марди беинсофу нобакор ба камол нарасанд» (ҳамон ҷо, с. 259).

Нависанда бо овардани ин ҳикоят таъкид карданӣ аст, ки масъалаи баробарҳуқуқии мардону занон кайҳо диққати Карим – Девона ва ёронашро ҷалб карда будааст ва онҳо бо намоиши саҳнаҳо мардонро ба адлу инсоф нисбати занҳо даъват мекардаанд.

Оид ба Ҳоҷӣ Насим ва сабаби чунин унвон гирифтани ӯ нақл мекунад. Гӯё Ҳоҷӣ Насим дар хобаш пайғамбарро дидааст, ки ӯро ба ҳаҷ даъват кардааст ва озими хонаи Худо мегардад. Мардум ба ӯ бовар карда, ба андозаи тавон маблағ медиҳандаш. Ӯ то деҳаи ҳамсоя рафта, бегоҳ бармегардад. Баъди ин ҳама ӯро Ҳоҷӣ меномидагӣ мешаванд.

Яъқуб ба нависанда ҳикоят мекунад, ки боре Юсуфбой ба ивази меҳнаташ ба Ҳоҷӣ Насим баррачаи касали аз дилберунашро медиҳад. Дере нагузашта баррача мемирад. Ҳоҷӣ Насим дар болои ҷасади баррача нола мекунад ва ҳамин вақт Юсуфбой пайдо шуда, сабаби навҳакашиашро мепурсад. Ҳоҷӣ Насим дар ҷавоб мегӯяд: «Агар ба ҷойи баррача ту мемурдӣ, ман ҳеҷ гоҳ чунин ғам намехӯрдам» (ҳамон ҷо, с.260).

Ба гуфти Яъқуб Карим – Девона на танҳо бо косибон, балки бо одамони баобрӯи Қаратоғ, бо олимону шоирон робита дошт. Баъдан аз нишастухези Карим – Девона бо шоири ишқсаро Тағоймуроди Танбӯр, бо мӯйсафеди олитабор Устоболтуи ҷӯбтарош ёдовар мешавад.

Яъқуб аз Қаратоғ, ободӣ ва обу ҳавои мусоиди он забон ба тавсиф кушода, шаҳри сарнуфус буданашро таъкид мекунад. То заминҷунбии соли 1907 ҷойи фароғати беки Ҳисор будани Қаратоғро махсус қайд мекунад ва мегӯяд, ки беки Ҳисор баъди заминҷунбӣ аз тарси мардум Душанберо ҷойи истироҳати худ қарор медиҳад, зеро дар натиҷаи ин офат 1500 хоҷагӣ, 8500 нафар зери хок рафтанд. Дар ин ҷо номбурда аз шеъри ба ин муносибат навиштаи шоир Карим – Девона «Шаҳаншоҳе, ки лоиқ нест, мурданаш матлаб» низ ёдовар шудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар фуроварди ин боб нависанда аз мусоҳибаш Яъқуб Юнусов дар бораи он мепурсад, ки оё дар Қаратоғ ягон Карим – Девонаи дигаре буд ё не? Яъқуб дар ҷавоб мегӯяд, ки мулло Карим ном шахсе гоҳ – гоҳ шеър мегуфтааст, вале вай ба Карим – Девона ягон умумияте надоштааст, зеро вақте ки Карим – Девона соҳибном буд, мулло Карим бача буд ва баъдан гоҳ – гоҳ дар васфи паёмбари ислом шеър мегуфт, ки ҳамаи инҳо баъди сари Карим – Девона иттифоқ афтодаанд. Мулло Карим дар синни 50-солагӣ андаке пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ вафот мекунад.

Нависанда то ин вақт ҳодисаву воқеаҳоро аз номи Яъқуб Юнусов нақл мекард, вале боби 8-умро аз нақли саргузашти Яъқуби бофанда, яъне шахси мавриди назари мо оғоз мекунад. Ин мӯсафедро дар Қаратоғ Арбоб Яъқуб меномидаанд. Ӯ дар бораи зиндагии фақиронаи Карим – Девона, барои шоир пул партофта, кафш фармоиш додани бофандаҳо, пас аз заминҷунбии Қаратоғ соли 1911 ё 1912 ба корпартоӣ даст задани тамоми бофандаҳо ба шумули косибони дарбори мир ва баъди муҳосираи қалъа ба ҳарос афтодани мир, ба каме зиёд гардидани музди меҳнат ноил шудани бофандаҳо, ки пешсафи онҳо Карим – Девона буд, нақл мекунад. Мӯйсафед таъкиди Карим – Девонаро баъди корпартоӣ ёдрас менамояд: «Дидед, бародарҳо, кам ҳам бошад, чизе ба даст овардем. Шумо бошед, бовар надоштед» (Ҳабибулло Назаров, 2007, 267). Мӯйсафеди Яъқуб бо ин гуфтанист, ки дар хаёли шоир ҳамеша фикри беҳбудӣ бахшидан ба рӯзгори камбағалон чарх мезад ва ӯ барои анҷоми ин кори хайр ҳатто ҷонашро низ нисор намудан мехост.

Нависанда дар боби 9-ум муҳтавои суҳбаташро бо Абдусаттор Ғуломови 62-сола овардааст ва дар боби 10-ум боз ба суҳбати бо Яъқуб Юнусов доштааш баргаштааст. Нависанда аз сафараш ба ноҳияи Шаҳринав ёдовар шуда, тафсилоти мулоқоташро бо мӯйсафеди Яъқуби 73-сола тасвир менамояд, аз мавзеи зебои Қаратоғ, макони шоирони хушбаён Тағоймуроди Танбӯр (Хиҷил), Мирзо Мукман, Қорӣ Болту, Ғуломӣ ва дигарон будани Қаратоғ хонандаро огоҳ месозад, аз шеъри оламгири М.Турсунзода, ки аз ҷӯйи чунин фарзонагон об хӯрдааст, ҳушдор медиҳад. Нависанда аз номи Яъқуби бофанда рӯзгори Карим – Девонаро дар Дашнободи Ӯзбекистон, мулоқоту ҳамнишинии бофандаҳои Қаратоғу Дашнобод, рӯзгори Карим – кӯҳнадӯзро, ки шеърҳои Карим – Девонаро мехондааст, шарҳ медиҳад, аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

номи Карим – кӯҳнадӯз шеърҳои ба забони ӯзбекӣ навиштаи Карим – Девонаро зикр менамояд. Баъдан аз саҳнаҳои мардумӣ, ки як навъ василаи мубориза алайҳи сардамдорони давр буданд, дар мисоли тӯйи Ҳамидбек – девонбегӣ ёдовар шудааст.

Тавре ки ба нависанда Яъқуб Юнусов нақл мекунад, саҳнаи онҳо «Ҳиндубозӣ» ном доштааст. Онҳо барои амалдоронро масхараву шармсор кардан ба тӯйи Ҳамидбек – девонбегӣ – амалдори Авлиё – Қулбек – мири Ҳисор рафта, барои хандондани тӯякиҳо иҷозати соҳибтӯйиро мегиранд. Пеш аз ҳама ҳадафи онҳо аз ин саҳна ба масхара кашидани амаки тӯйдор – марди қадбаланд, шикамкалон, паҳнриши бадқаҳр буд. «Масхарабозон» иброз медоранд, ки барои иҷрои саҳна ба кӯмаки шахси беруна эҳтиёҷ доранд. Ҳамин вақт шахси мавриди назар, ки аз банг сархуш буд, табассумкунон дандонҳои ашки гургмонандашро намоиш дода, худаш ба наздашон меояд. Вайро ба занбар мешинонанд, дасту пояшро бо ҳалқаҳои занбар мебанданд, болояшро бо пахта мепӯшонанд ва оташ мезананд. Пахта дармегирад, риши амалдор месӯзад, дар рӯяш низ обилачаҳо пайдо мешаванд. Ҳарчанд фарёд мезанад, касе ба имдодаш намерасад, зеро ҳозирин чунон банди ханда буданд, ки ба ёдашон амалдор намерасид. Тамошобинон барои чунин саҳна таҳсин мекарданд ва ба амалдор нафрин.

Ҳамин вақт аз дур миршаб – сардори политсияи бекигарии Ҳисор намоён мешавад. Ҳамин вақт саҳнаи дигарро оғоз мекунанд. Раис фармон медиҳад: «Сардори политсия кӯри Ёрматро дастгир кунед!» Дар як дам ӯро дастгир карда, назди раис меоранд. Раис ҳамон лаҳза гуноҳҳояшро ба гардашан бор мекунад:

«- Миршаб тартибу низомро риоя намекунад, шаҳр аз ҳанноту савдогар пур шудааст, онҳо мардумро фиреб медиҳанд, даллолу миёнараву туздон ғоратгарӣ мекунанд, дар бозор нонҳои нимхомро мефурӯшанд, кабоби хом, ҳалво ва нишоллои бадсифат ба дил задааст. Одамон касал мешаванд, дарунрав мешаванд» (Ҳабибулло Назаров, 2007, 273).

Миршаб ҳафт дарра ҷазо мебинад (Дарра аз шуши ҳайвон сохта шуда буд). Раис мебинад, ки саҳнаро худи мир Аблиёқул ва қозию раис тамошо мекунанд, фармон медиҳад, ки ҷаноби беку қозию раисро ба пеши ӯ оранд ва ӯ аз онҳо хоҳад пурсид, ки «… чаро деҳқононро таҳқир мекунанд, андоз ва молиёти аз ҳад зиёд



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

меситонанд, чаро фармудаи «Қуръони» муқаддасро вайрон мекунанд, чаро гуфтаҳои муқаддаси Муҳаммад (с) – пайғамбарро ба ҷо намеоранд, чаро амалдорони онҳо ҳамеша масти бангу шаробанд? Бигузор дар назди халқ ҷавоб гӯянд» (ҳамон ҷо, 273).

Вақте ки ёрдамчии раис барои иҷрои фармон меравад, онҳоро аз тӯй пеш мекунанд, зеро эшон обрӯи одамони калон – мир, қозӣ ва раисро мерезондаанд.

Дар охири суҳбаташ мӯйсафед хулосаи суханро иброз дошта, таъкид мекунад, ки яроқи муборизаи онҳо лашкару қудрату силоҳи онҳо сухан буд. Бинобар ин роҳҳои гуногуни муборизаро фикр мекарданд, гоҳ худро ба аблаҳон монанд карда, ба ҳоли онҳо механдиданд, гоҳ сурудҳои ҳаҷвӣ эҷод карда, дар мазамматӣ онҳо месурудаанд ва корпартоӣ созмон дода, зиёд кардани дастмуздашонро талаб мекардаанд.

Бо омодани муаллим Абдухалил Имомов суҳбати нависанда сари падари ӯ – бофанда, машшоқ ва овозхон Имом – ҷӯраи Яъқуб Юнусов мечархад. Азбаски ӯ шахси ғаюр ва мағрур буд, назди касе сар хам намекард, барои «шикастанаш» амалдорон ба ӯ гуноҳе бофта баровардаанд, ки гӯё вай дар замони батраки амалдори амир Исмоилбек буданаш сандуқи тиллои ӯро duздидааст ва зиндониаш сохтанд. Ӯро 75 чӯб заданд, чор маротиба муҷозот карданд. Баъдан миш – миш паҳн мешавад, ки гӯё зани ҳамон амалдор гуфтааст, ки сандуқи тиллоро худи шавҳараш пинҳон кардааст ва ӯ ҷойи онро медонад. Бо супориши амалдор занаш аз миён бардошта мешавад, вале мардум аз асли гап бохабар мешаванд.

Амалдор ночор эълон мекунад, ки сандуқро дӯстони Имом Назар бо тиллояш аз болои девор ба ҳавлии ӯ партофтаанд. Имом Назари беҳушро бо занбар ба хона меоранд, бо шикам як соли дароз то барқарор гардидани Ҳукумати шӯравӣ мехобад ва вуруди аскарони сурхро бо такяи асо пешвоз мегирад. Мудири анбор таъин мегардад. Сохти навро бо хушнудӣ мепазирад.

Писари Имом Назар – Абдухалил Имомов рӯзи дувуми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ихтиёрӣ ба ҷанг меравад. Дар муҳорибаҳои Сталинград, дар ҷабҳаи Калининград хизмат намуда, ба сари баланд ва пеши бари пур аз ордену медал бармегардад ва касби муаллимиро идома медиҳад.

Боби 11-уми китоби 2-юм «Карим – Девона ё мулло Карим?» номида шудааст. Нависанда дар ин бахш гумону тахминҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҳамсӯҳбатонашро оид ба шахсияти Карим – Девона ва муваллиди кадом макон будани ӯ зикр кардааст. Ба қавли адиб гурӯҳе ӯро қубодиёнӣ, бархе қаратоғӣ ва гурӯҳе ёвонӣ меномиданд. Баъзеҳо ҳатто мавҷудияти ӯро рад карда, Қаландар Бодомак меномидандаш. Адиб ҳамаи ин гумону шубҳаҳоро дар тарозуи ақл бармекашид ва бо сӯҳони фикр сайқал медод, то ки хармуҳраро тасодуфан бо дур ҳамсон напиндорад. Вале далели шайъӣ ашъори худи шоир буд, ки ӯро ба тафаккури солим ва роҳи рост ҳидоят намуд, чунки «Шеърҳои Карим – Девона… шамшери бурроe буданд ба муқобили амалдорони хунхори амир, бою муллою думбардорони онҳо. Сухани шоир мардуми бенаворо ҳимоят мекард, ҳаёти хуши ояндаи онҳоро тараннум менамуд, ба сохти пӯсидаи ҳукумати амирӣ лаънату нафрин мефиристод» (Ҳабибулло Назаров, 2007, 278).

Ҳамчунин нависанда мулло Карими Ҳисорӣ ва ашъори ӯро бо Карим – Девона муқоиса намуда, ба хулосае омадааст, ки ин ду нафар як кас нестанд, балки ба сари худ ашхоси мустақиланд. Аз қавли Абдусаттор Ғуломови 62-сола ба хулосае меояд, ки Мулло Карим табибию муллогӣ мекардааст, тӯмор медодааст, вале шоири машҳур набудааст. Ҳақиқатан ҳам дар тақлид ба шеъри Карим – Девона «Шӯриён бозор шуд» ба бозори Тӯда шеъре бахшида будааст:

*Шукр гӯям, ки дар ин дам Тӯда ҳам бозор шуд,*
*Аминона бист ҳазор – Санги Сафо тайёр шуд.*
*(Ҳабибулло Назаров, 2007, 279).*

Шеърҳои номбаршудаи Карим – Девона ва мулло Каримро, агар қиёсан дида бароем, маълум мегардад, ки шеъри аввалӣ дар даврони амирӣ, вале шеъри дуюмӣ дар солҳои 1926-27-ум суруда шудааст. Баъдан Карим – Девона соли 1918 даргузашт, вале мулло Карим пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ дунёи фониро падруд гуфтааст. Касби Карим – Девона баръакси мулло Карим бофандагӣ ва шоирӣ будааст.

Боби 12-ум таҳти унвони «Номаи Абдусаттор Ғуломов» садо медиҳад. Нависанда хотироти Абдусаттор Ғуломовро оид ба рӯзгори бофандаҳои Қаратоғ аз номи падари ноқил овардааст. Дар Қаратоғ кулли бофандаҳо саркор доштанд ва аз хатти маши ӯ касе берун по намениҳод. Дар ин ҷо ваъдахилофии Солеҳбой ном заминдори калони хасисро зикр мекунад. Ӯ ба шаҳри Китоб рафта, аз он ҷо абрешиму пиллаи зиёде харида меорад. Вай



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дӯкони бофандагӣ кушода, истеҳсоли шоҳии абрро роҳандозӣ менамояд. Саркори бофандаҳо Қорӣ Бобо барои ӯ беҳтарин бофандаҳо – Абдуқодир, Зариф ва Абдукаримро бо меъёри барои истеҳсоли ҳашт оршин додани ду танга таъин менамояд. Аммо бо гузашти муддате бой ваъдахилофӣ намуда, дастмузди онҳоро ба ним танга поён мефурорад. Онҳо ба сардори худ шикоят мебаранд. Бо супориши Қорӣ Бобо тамоми бофандагони Қаратоғ коршиканӣ мекунанд. Солеҳбой ба ҷойи бо косибон гуфтушунид кардан аз мулоқот бо онҳо гурехта, ба Остонақул-беки Ҳисор шикоят мебарад, то ки коргарон таҳти зарби мусиқии ӯ рақс кунанд. Вақте ки бо талаби бек Қорӣ Бобо – саркорро ба назди ӯ бурданӣ шуданд, тамоми беш аз ҳазор нафар бофандагон ба қалъаи Ҳисор ҳамроҳи саркорашон ҳозир мешаванд. Бек, ки чунин вазъиятро чашмдор набуд, бо гумоштагонаш ба истиқболи издиҳом мебарояд. Мир аз тарс на танҳо Солеҳбойро мефармояд, ки музди кори бофандаҳоро тибқи қарордоди аввалааш пардохт кунад, балки ба саркор Қорӣ Бобо аз номи худ хилъат низ мепӯшонад. Тибқи гуфтаи нависанда дар миёни бофандаҳо тавре ки ёдрас кардем, Карим – Девона (Абдукарим) низ буд ва ин воқеа қабл аз зилзилаи Қаратоғ рух додааст.

Дар боби 13 («Қарорӣ (коргарони мавсимӣ)» с. 282) сухан аз коргарони қарории мавсимӣ меравад, ки онҳо низ саркор доштанд ва танҳо бо иҷозати саркор аз кор рафта ё муҳлати корро дароз карда метавонистанд. Оҳангарону кулолҳо низ бо ҳамин дастур кор мекарданд. Баъдан нависанда аз корпартоиҳо сухан карда, таъкид месозад, ки аввалин коршиканиҳо таҳти роҳбарии Қорӣ Бобо, Зариф, Абдуқодир ва Абдукарим ба амал меомаданд.

Дар боби 14 «Суҳбат бо Бобораҳим Саидови 75-сола» (с. 282) зикр шудааст. Бобораҳим мегӯяд, ки Карим – Девонаро аслан аз Ғозималик Набӣ ном марде ба Қаратоғ оварда буд. Онҳо дар тӯе шинос мешаванд. Шоир чанде дар хонаи Набӣ зиндагӣ мекунад. Баъдан дар хонаи Юсуфбой бофандагӣ мекардааст. Овози форам дошта, сурудҳои дилнишин мехондааст. Баъдан Карим – Девона ҳамроҳи Юсуфбой ва Ҳоҷӣ Мирзомурод ба Самарқанд меравад. Карим – Девона дар наздикии деҳаи Киштути ноҳияи Панҷакент бо Бобораҳим, ки ӯ низ озими он шаҳр буд, дучор мешавад. Ба гуфти Бобораҳим он вақт Карим – Девона 25 – сола буд. Дар Самарқанд дар меҳмонхона 10 – 15 нафар дохундаҳо ҷамъ шуда,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бонавбат хӯрок мепухтанд ва ҳар кас ба кори дилхоҳаш машғул мешудааст, вале Карим – Девона дар ин гуна маҳфилҳо кам иштирок мекардааст, зеро ӯ улфатҳои худро доштааст. Дар охир Бобо-раҳим Саидов қиёфаи Карим – Девонаро мекашад: «Нағз дар ёд дорам, вай гӯё дар пеши дидагонам намоён мешавад: миёнақад, чашмони кабуд, риши начандон калони зард. Шеърҳои хандаовар месуруд» (Ҳабибулло Назаров, 2007, 283).

Дар боби 15 «Суҳбат бо мӯйсафед Дурман Насриддинови 68-сола» (с.283) зикр шудааст. Аз рӯйи навиштаи адиб мӯйсафеди Дурман орзу мекардааст, ки Карим – Девонаро бубинад. Барои ин ба деҳаи Ҷӯрак меравад ва дар хонаи дӯсти оҳангараш меҳмон мешавад. Бегоҳӣ шоирро низ даъват мекунанд. Баъдан ноқил портрети марди аз дар даромадаро мекашад: Миёнақад, газгӯшт бо риши зард (с. 284). Нақлкунанда Каримро шинохтааст. Аз рӯйи гуфтаи ӯ шоир ба даст тақсимча гирифта, суруд хондааст. Овозаш қавӣ ва форам будааст. Вай аз дидаву шунидаҳояш дар Қаратоғ, Деҳнав, Шаҳрисабз қиссаҳои шавқовар мекардааст. «Шеърҳое, ки месуруд, - мегӯяд Дурман-бобо, - ба муқобили амалдорон, муллоҳо, бойҳо буданд ва онҳо ба мо маъқул буданд ва мо бо завқ механдидем. Камбағал бошад ҳам, ҷасур буд, аз чизею касе наметарсид. Ба ҷуз як хар дигар чизе надошт. Ҳа, вай шоири калон буд» (Ҳабибулло Назаров, 2007, 284).

Боби 16-умро нависанда «Илова. Карим – Девона дар Қаратоғ» (с.284) ном гузоштааст. Дар ин қисмат адиб мақсад мегузорад, ки муҳити кору эҷод, муқаррабони ҳамондавраи Карим – Девона ва таъсиргузорони ӯро дар Қаратоғ таъину таҳқиқ намояд. Бинобар ин муҳаққиқ аз Тағоймуроди Тамбӯр (тахаллусаш Хиҷил), Мирзо Нуъмон мутахаллис ба Мафтун, Болтуи Мирзо Ғулом (тахаллусаш Ғуломӣ), Қаҳрӣ Иброҳими рассом, оҳангар барин шоирони ҳамнишини Карим – Девона ёд мекунад. Онҳо мунтазам баъди кор ҷамъ меомадаанд, суруд мехондаанд, шеърҳои ишқию ҳаҷвӣ қироат мекардаанд. Баъдан, шеъри бо забони ӯзбекӣ эҷодкардаи шоири оҳангар Иброҳимро дар тарҷумаи таҳтуллафз аз ӯзбекӣ меорад, ки ӯ аз сохти амирӣ нафрат дорад ва хоҳони марги амиру бек аст (с. 285). Дар идома нависанда номи онҳоеро, ки Қаҳрӣ барояшон лаънату нафрин мефиристад, як – як шарҳ медиҳад: Давлат – мирохӯр, Юсуфбой, Иброҳимбой, Арбоб – Раҳим (с. 286). Сипас, аз номи Давлат Назаров қисса мекунад, ки аз падараш Давлат – мирохӯр 30



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

килограмм гандум барои амир гуфта, талаб мекунад. Ба ӯ Зокирбойи заргар ба ивази пӯшонидани хонааш 20 кило гандум медиҳад, вале вақте ки ӯ онро ба назди Давлат мебарад, «10 кило кам аст» гуфта, ба пушти падараш 25 дарра зада, сад танга ҷаримааш мебанданд.

Адиб боби 17-умро барои он «Вохурии ғайричашмдошт» номидааст, ки нависанда ба хотири дарёфти маълумот оид ба Карим – Девона озими Дашнободи Ӯзбекистон буд, вале тасодуфан дар шахси Урок – акои дашнободӣ- сокини Душанбе роҳбаладе хуберо пайдо намуд. Аз ҳама муҳимаш ӯ низ Карим – Девонаро медонистааст.

Бинобар ин нависанда дар боби 18-ум «Суҳбати якум» (с.290)-и худро бо Урок Ҳамидов доир намудааст, ки 30 июни соли 1957 сурат мегирад. Урок Карим – Девонаро бо чашми худ дида будааст. Тоҷик буданашро тасдиқ мекунад. Дар тасаввури Урок Карим – Девона дорои «… риши зардинаи дароз, рӯяш сафед, чашмонаш кабуд буда, харобак» (ҲабибуллоНазаров, 2007, 291) аст. Ба гуфтаи Урок Карим – Девона баъди як ё ним соли заминҷунбии Қаратоғ ба Дашнобод омада будааст. Карим – Девона дар хонаи Раҳмон-оқсақол бофандагӣ мекардааст ва он овон 25-30 сол доштааст. Урок бачаи 14-15 сола буда, дар ҳамсоягии онҳо мезистааст. Баъдан аз Абдусолеҳов, Юлдош – бедонабоз, Аҳмад Муродов, Аҳмад – полвон Олимов ва Раҳмат Олимов баринҳо ном мебарад, ки онҳо ё бо Карим бофандагӣ кардаанд, ё бо ӯ қаробат доштаанд ва шеърҳояшро азёд медонистаанд. Карим – Девона бо падари Урок, ки бофанда буд,шиносоӣ доштааст.

Ба ҳамин тариқ, Ҳабибулло Назаров дар қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона»  бо зикри рӯзгори аҳли ҳунар саҳифаҳои хираи зиндагиномаи Карим –Девонаро равшан сохта, бо тасвири намоишномаҳои мардумӣ аз тарафи шоир ва ёронаш, ки воситаи хеле ҷолиби даъват намудани омма ба мубориза алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ буданд,дар шуури шоир падид омадани бедории синфиро таъкид намудааст.

**Адабиёт:**

1.Ҳабибулло Назаров. Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона.- Душанбе: Балоғат, 2007, 336 саҳ.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 3.8.КАРИМ -ДЕВОНА БОЗ ДАР САҲНА

*(Бо ҳамқаламии Х. Фақиров)*

Пас аз интишори қиссаи Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим- Девона" (1961) ва баъди соли 1965 бо паст шудани шиддати баҳс перомуни буду набуди шоири мардумӣ бо номи Абдукарими Қурбон номбурда ба саҳнаи театрҳо низ роҳ ёфт. Соли 1969 ҳунарпеша ва драманависи соҳибном Тӯрахон Аҳмадхонов намоишномаи "Карим-Девона"-ро дар асоси асари Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим -Девона" иборат аз се парда ва шаш намоиш эҷод намуд.

Драмаи мусиқии мазкурро нахуст ҳунарпеша ва коргардони бомаҳорат, Артисти хизматнишондодаи ҷумҳурӣ устод Ҳабибулло Абдураззоқов дар театри ба номи А.С. Пушкини шаҳри Ленинобод (ҳоло театри ба номи Камоли Хуҷандии шаҳри Хуҷанд) соли 1970 иборат аз ду пардаю шаш намоиш ба саҳна гузошт, ки нақши Карим-Девонаро ҳунарпешагон Н. Дӯстматов ва М. Мадаминов бозидаанд. Ба драмаи мазкур танқид ва театршиносии тоҷик дар вақташ баҳои воқеӣ дода буд (Раҳим Тошматов. Карим – Девона дар саҳна (("Маориф ва маданият" аз 4 июни соли 1970).

Баъдан ба намоишномаи мазкур Ходими хизматнишондодаи санъати Тоҷикистон, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Рӯдакӣ Мирзоватан Миров рӯ оварда, соли 1978 песаи мазкурро дар театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи С.Ализодаи шаҳри Кӯлоб ба саҳна гузошт, ки нақши Карим-Девонаро ҳунарпешагон Салим Муқимов ва Бобоҷон Ҳасанов хеле олӣ бозиданд. Намоишномаи мазкур ба шарафи 100-солагии шоири мардумӣ Абдукарими Қурбон ихтисос дода шуда буд.

Мирзоватан Миров баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар шароити нави таърихӣ бо мақсади дар рӯҳияи қаҳрамонии гузаштагон тарбия намудани ҷавонон соли 2005 маротибаи дуюм ба намоишномаи "Карим – Девона" рӯ оварда, онро дар театри ҷавонон ба номи Маҳмудҷон Воҳидов рӯйи саҳна баровард. Бозии ҳунарпешагони соҳибномии кишвар дар ин намоишнома Н. Нуриддинов, (Карим-Девона), Н. Меликов (Соҳибназар), С. Муқаддамов (Холиқназар), С.Каримов (Абдулмаҷид), Р. Қосимова (модари Абдулмаҷид), Б.Ятимов (мулло Абдурасул),



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Т. Розиқов (мулло Сафар), Ш. Солеҳов (Абдумуминбой), Б.Мингбоев (кӯри Барот) ва дигарон аз тарафи театршиносон баҳои баланд гирифт. (Н. Табарӣ. Всё же, Миров тяготеет к фольклору// Журнал "Памир", 2014, №4 // дар китоби Мирзоватан Миров. Равшагари дилҳо.-Душанбе: Адиб, 2017, с.436-439).

"Спектакль "Карим- Девона" привлекал зрителей не только своими массовыми народным сценами, завораживающей музыкой и хорошими актёрскими работами, но и социальной значимостью. В нём открытым текстом говорилось о том, что в народе не иссякли сны, которые всегда будут противостоять его угнетателям, что народ помнит и чтит своих славных преданных сынов"- мегӯяд театршинос Маҳмадулло Табарӣ (ҳамон ҷо, с. 438-439).

Инак, ба шарафи 140-солагии шоири мардумӣ Карим – Девона ва 110-солагии муаллифи қиссаи марғуби "Дар ҷустуҷӯи Карим –Девона" нависанда ва шоир Ҳабибуллоҳ Назаров театри вилоятии мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар низ намоишномаи "Карим- Девона"-ро аз рӯйи асари Тӯрахон Аҳмадхонов бо эҳтимоми коргардон–таҳиягар Қурбонмуҳаммад Шукуров бо диди тоза рӯйи саҳна овард. Кӯшишҳои Қ. Шукуров имконият додааст, ки як намоишномаи мутафовитро ба маърази тамошо гузорад. Мутолиаи ҷиддии қисмати якум ва дуюми қиссаи Ҳ. Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим- Девона" (Душанбе: Балоғат, 2007, 336 с.), мақолаҳои пурсарусадои перомуни рӯзгор ва осори Карим – Девона дар соли 1964 ва солҳои баъдӣ дар саҳифаҳои рӯзномаи "Маориф ва маданият" интишоршудаи донишмандон Воҳид Асрорӣ, Раҷаб Амонов, Аҳрор Мухторов, Бозор Тилавов, С. Шоҷамолов, З. Ш. Раҷабов, Ҳикмат Раҳмат, К.Мирзоев, И. Ҳусейнов, Д. Саидов, М. Турсунзода ва И.С. Брагинский, Ҳикмат Раҳмат, Ҳасан Юсуфи Файзбахш, махсусан рисолаи илмии Ҳасани Муродиён "Шуълаест к-аз дуд фориғ" (Душанбе: Ирфон, 2016, 225 с.), ки таълифоти илмию бадеии дар 55 соли охир перомуни рӯзгор ва ашъори шоири мардумӣ Карим- Девона интишор- шуда ҷамъбаст гардидааст ва муҳаққиқ ашъори шоирро "Шуълаест, к-аз дуд фориғ"(Бедил) номидааст, ба коргардон Қ. Шукуров имконият додааст, ки ба зиндагиномаи Карим-Девона аз диди нав назар андозад. Махсусан бо таклифи мушовири коргардон ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намоишнома илова шудани пролог– пешгуфтори ифодакунандаи мазмуни умумӣ ва воқеаҳои асосии намоишнома (ЭСТ,ҷ.6,- Душанбе, 1986, с.101) ва эпилог – охирсухан, мурочиати хотимавии хор ё ҳунарпеша ба тамошобинон, ки тавассути он мақсади муаллиф ва моҳияти воқеоти песа шарҳ дода мешавад (ЭСТ, ҷ 8.- Душанбе, 1988, с.198), таъсирнокии намошномаро афзоиш додааст. Агар намоишномаи Т. Аҳмадхонов аз тасвири деҳаи Ҷӯрак ва суҳбати улфатҳои дерина-"Абдумуминбой, Муллосафар ва дигарон дар ҳавлии Муҳаммадалии Ашқари "шоир" оғоз ёфта бошад, асари мазкур бо прологи сурудхонии мӯйсафеди Ғуломқодир (суруди "Ғозиён кӯҳи баланду босафову дилбар аст") ва муколамаи ӯ бо набераааш ифтитоҳ меёбад, вале афсус, ки ҳангоми намоиши премераи асар аз тариқи телевизиони "Сафина" қисмати прологи он ихтисор шудааст. Бо ин суруд таъкид шудааст, ки "аморати Бухоро ва амири мустабид Олимхон бо ҳама шукӯҳу шаҳоматаш сарнагун шуд, беки Ҳисор, ки душмани ҷони Карим-Девона буд, фано шуд. Ҳатто Ҳукумати Шӯравӣ, ки ҷойгузини онҳо буд, сукут кард, вале кӯҳи Ғозиён ҳанӯз ҳам бо ҳамон виқори азалиаш пойбарҷост ва шеъри Карим-Девона дар фазои он танинандоз" (Ҳасани Муродиён, ҳамон асар, с. 4).

Баъдан Карим–Девона (ҳунарманд Қурбонмуҳаммад Шукуров) суруди "Тақдир ба ман бинмуд карам..." замзамакунон ба майдон мебарояд. Дар қисмати Карим-Девона дар миёни даравгарон низ коргардон навигарӣ ворид намудааст. Ин бахш бо "Мандоғ"-гӯии даравгарон (занону мардон) оғоз меёбад ва ин ҷо Карим - Девона (Қ. Шукуров) шеъри ба тозагӣ ёфтшудаи Карим - Девона "Ман ба дил иқрор кардам, Розия дар хона буд"-ро мехонад. Инчунин дар ин намоиш коргардон ба ҷойи ғазали "Ду абрӯи хамида чун ҳилолат" ғазали "Аз Ҳузури ишқи ту олам мунаввар гаштааст"- ро қироат мекунад. Дар намоишнома ҷо-ҷо калимаю вожаҳои ба гӯйишҳои мардуми Ғозималик хосро истифода кардаанд, ки мисли холеан ба рӯйи маҳбуба, зеро агар хол бар рӯйи маҳбуба кам бошад, ба ҳуснаш ҳусн мефизояд, вале агар зиёд бошад, ҳусни ӯро мекоҳонад.

Дар қисмати намоиши бозори Шӯриён низ навгонӣ аз он иборат аст, ки Карим-Девона дар бозори Шӯриён дӯсти тахнободиашро мебинад ва муколамаи онҳо бо ӯзбекӣ (меҳмон) ва тоҷикӣ (шоир) сурат мегирад. Дар фуроварди намоишнома



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пайкараи Карим-Девона ба маърази тамошо гузошта шудааст ва дар атрофаш ҳунарпешагон ҷамъ омадаанд. Дар ҳамин асно шеъри Ҳабибулло Нозирӣ “Дар ин дунё Карим-Девонае буд” дар иҷрои овозхон Саидназар Ғафуров хеле таъсирбахшу саривақтӣ садо медиҳад ва тамошобинро мутмаин месозад, ки кору амали муборизони роҳи адолату озодӣ ва истиқлолият аз тарафи пасовандон беподош намемонад.

Дар намоишномаи мазкур шоири мардумӣ намояндаи оммаи меҳнаткаш Карим-Девона тасвир ёфтааст, ки алайҳи золимон бо ашъори нешдору ҷоншикораш мубориза мебарад. Агар прологу эпилоги асарро сарфи назар намоем, он аз 8 намоиш иборат аст. Тамошобин Карим – Девонаро дар намоишнома чун шоири фошгӯ, ҳақназар ва далеру нотарс, пуштибони мардуми камбағал ва душмани аҳли ҷоҳ дармеёбад. Ӯ нисбат ба Муҳаммадалии Ашқар (Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов), Абдумуминбой (ҳунарпеша Убайдулло Саидов), мулло Сафар (ҳунарпеша Ҷӯрахон Расулов), кӯри Барот (Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов), Расул-чағир (ҳунарпеша Диловар Ашӯрзода), Ғайрулло (ҳунарпеша Суҳроб Шарифов) нафрати бепоён дошта, ҳар лаҳза омода аст, ки онҳоро шармандаю шармсор созад, ба рӯйи Абдулғанӣ (ҳунарпеша Файзалӣ Ҳасанов) барин камбағалҳои тамаллуққор пайваста бо қаҳру ғазаб менигарад, то ки ҳамеша алайҳи мунъимон назарбаланду арҷманд бошанд, вале Карим-Девона доимо нисбат ба Соҳибназар (ҳунарпеша Хоҷамқул Сатторов), Холиқназар (ҳунарпеша Баҳодур Шарифов), Абдулмаҷид (ҳунарпеша Аюб Фақиров), Шарифа (ҳунарпеша Момагул Раҳимова), Маҳтовбӣ (ҳунарпеша Ганҷина Саидова), Аҳмад (ҳунарпеша Фирдавси Турдиалӣ), Юдлош (ҳунарпеша Муҳаммадзоир Толибов), Мулло Абдурасул (ҳунарпеша Отахон Саидов) барин мардуми заҳматпеша ҳусни туваҷҷуҳ дорад.

Коргардон сабаби тахаллуси худро “Девона” интихоб намудани шоирро дар он мебинад, ки номбурда худро девона вонамуд карда, дар такя ба мақоли “Девона дӯсти Худост” ашъори ҳаҷвии зидди амалдорон гуфтаашро рӯирост мехонад, онҳоро дар байни мардум шармсору мулзам месозад, вале золимон низ алайҳи ӯ нақшаҳои густурда мекашанд, ӯро харидани ва даҳонашро бастанӣ, ҳатто бадарға карданӣ мешаванд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Дар намоишнома Карим-Девона, агар дар аввал танҳо бо сухан алайҳи золимон мубориза барад, баъдан аз мушоҳида ба амал мегузарад. Ӯ дар хуруҷу шӯришҳои мардумӣ бевосита иштирок мекунад, зеро зулми чандинтарафаи феодалон, андозситониҳои бераҳмона мардуми бенаворо хонахароб карда буд. Меҳнаткашон аз инқилоби Русия илҳом гирифта, муқобили давлатмардони Ҳисору Бухоро исён мебардоштанд. Карим-Девона бошад, ҳам бо ашъори нишонрасу инқилобияш ва ҳам бо сухани буррояш мардумро рӯҳбаланд мекард.

Дар асар образҳои гуногунхислат амал мекунанд ва амалиёти онҳо образи Карим-Девонаро барҷастатар ва комилтар месозад. Яке аз онҳо толибилми мадраса ва ҷамъоварандаи ашъори шоир Карим-Девона Абдулмаҷид (ҳунарпеша Аюб Фақиров) мебошад. Коргардон дар намоишнома аввал муошиқати ӯро бо Маҳтовбӣ (ҳунарпеша Ганҷина Саидова) нишон медиҳад. Онҳо ғазали Карим-Девонаро дар шакли бадеҳа хеле таъсирбахш мехонанд.

Дар намоишнома фарҷоми тақдири Абдулмаҷид бо он меанҷомад, ки "забони сурхаш" "сари сабзаш"ро ба бод медиҳад. Ба сабаби аз воқеаҳои олам бохабар ва ҳушёру бедор будан ба қатл расонида мешавад. Ҳақиқатан иҷрокунандаи нақши Абдулмаҷид (Аюб Фақиров) мақоми худро хеле хуб адо намуда, мавриди таҳсини тамошобинон қарор гирифт.

Образи Аҳмад (ҳунарпеша Фирдавси Турдиалӣ) низ дар намоишнома хуб баромадааст, зеро ӯ бо вуҷуди борҳо мавриди таъқиб қарор гирифтан барои озодии халқаш мубориза мебарад, вале ба сабаби ба ҳунарпешагони соҳибтаҷриба додани образҳои манфӣ дар асар нисбат ба қаҳрамонҳои мусбат образҳои манфӣ нақши худро хеле хуб ва табиӣ мебозанд, бинобар ин Аҳмад барин образи мусбат нонамоён шуда мондааст. Махсусан нақшҳои Муҳаммадалии Ашқар ва кӯри Барот дар иҷрои Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов ва мулло Сафар дар иҷрои Ҷӯрахон Расулов хеле хотирмон баромадаанд. Қурбонмуҳаммад Шукуров нақши Карим-Девонаро хеле хуб бозидааст. Қаду баст, қиёфа, чашмон (кабуд) ва ҳаракатҳояш Карим-Девонаи воқеиро мемонад.

Рассом-таҳиягари намоишнома Убайдулло Давлатов кӯшиш намудааст, ки саҳнаро хуб ороиш диҳад, вале кӯҳи Ғозиёнро ба ҷойи дар қуллааш абрҳои сафедро тасвир кардан барфи сафед кашидааст, ки воқеияти манзара зери суол мондааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба намоишнома Корманди шоистаи Тоҷикистон Шералӣ Қосимов мусиқӣ офарида, ба сурудҳои Карим-Девона оҳангҳои марғуб бастааст. Хушбахтона сурудҳо бехато ва бо овози буррою расо иҷро шуда, табъи шунавандагонро болида сохтанд.

Роҷеъ ба намоишномаи мазкур андешаҳои Саидҷаъфар Баёзӣ таҳти унвони “Бурду бохти Каримдевона” (“Адабиёт ва санъат”, 4 октябри соли 2018, №40 (1959) нашр гардид, ки дар он муаллиф ба ҷойи ҳусну қубҳи намоишномаи мазкурро нишон додан, баъди баъди 50 соли интишори намоишномаи устод Тӯрахон Аҳмадхонов “Карим-Девона”(1969) ва баҳои воқеӣ гирифтан аз ҷониби театршиносон имрӯз кадом як “донишу фаҳмиши театрӣ” доштае аз таги нохун чирк меҷӯяд. Бинед, тавсияҳои “театршинос”-ро:”Масалан, ҷавони балҷувоние (дар Т.Аҳмадхонов - кангуртӣ -Ҳ.М.), ки ба бозор наскфурӯшӣ (нодуруст: арзан фурӯшӣ-Ҳ.М.) омадааст, Каримдевонаро ба меҳмонӣ даъват менамояд. Чун рафтану нарафтани Каримдевона ба Балҷувон номаълум мемонад, барои қонеъ кардани тамошобин бояд Каримдевона ҷавоб медод, ки:”роҳи дур-азоби гӯр”, писарам. Ман пойи пиёдаю бо хари лангам рафта наметавонам...”. С. Баёзии ғайбдон ҳатто фикр накардааст, ки синни шахсе, ки ҳоло ба 40 нарасидааст ва Карим-Девонае, ки тамоми ҳудуди Ӯзбекистони имрӯза, аз он ҷумла Самарқанду Бухорову қисмати шимоли Тоҷикистони имрӯзаро пойи пиёдаю харакӣ тай кардааст, ҷаро то ба Балҷувон рафта наметавонистааст? Бинобар ин сукути Карим аломати ризост. Баъдан, шеъри Карим на тавассути коғаз, балки аз даҳон ба даҳон кайҳо ба Балҷувон расида буд. Агар ҳамин тавр намебуд, Аҳмад аз куҷо ӯро мешинохт? Бесавод будани шоир низ то ҳол исботи худро наёфтааст. С. Баёзӣ, ки дар бораи Карим-Девона ба ҷуз ЭСТ дигар таълифотеро рӯйи даст надорад, беҳуда ба ҳован об мекӯбад. Оид ба образи мулло Абдурасул низ муллифи намоишнома дар саҳнаҳои пешина заминаи мусоид муҳайё кардааст ва тамошобини закӣ ба осонӣ аз донишманди закию муътабар будани ӯ огоҳӣ дорад. Агар Баёзӣ оинаи каҷнамои Баёзӣ Абдурасулро каҷ дида бошад, пас, Баёзӣ айбро дар дигарон наҷӯяд, балки дилу нияти худро рост кунад. Ҳатто Баёзӣ ба оғози намоишнома низ эрод мегирад, зеро ӯ ба шунидани афсонаҳои модаркалон, ки бо “Буд- набуд” оғоз ёфта, бо “онҳо он ҷо буданд, мо омадем” одат кардааст. Фаҳмидан намехоҳад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ки адиб асарро аз кадом лаҳзае, ки хоҳад, ҳусни оғоз мебахшад. Мо дар тӯли тамошои чандинкаратаи намоиш боре нашунидем, ки касе аз нафаҳмидани мазмуни он забони шиква кушода бошад. Бо ин тавсияаш Баёзӣ тамошобинро муфтхӯр, бетафаккур ва бе тахайюлоти бадеӣ карданист. Ба тааҷҷуб афтодани Баёзӣ аз оғози намоишнома низ боиси нигаронӣ аст. Охир, асари Т. Аҳмадхонов дар асоси хатти сужети қиссаи Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона" навишта шудааст ва сужети мазкур аз соли 1961 то ҳозир барои ягон мутахассиси адабиёту фарҳанг тааҷҷуббарангез набуду имрӯз барои Баёзӣ тааҷҷуббарангез шуд? Мегӯянд, душман, ки айб наёфт, "Думи сагат - каҷ" мегуфтааст. Баёзӣ дигар камбудӣ ёфта натавониста, баҳонаи хандаовари кам будани зарбулмасалу мақолҳоро дастак кардааст ва оид ба аҳамияти корбасти зарбулмасалу мақолҳо хонандаро панд додан хостааст, ҳол он ки сар то сари ин асарро панду андарзҳои мардумӣ, ибораю вожаҳои рехтаи халқӣ ташкил медиҳад. Агар ҳамин тавр намебуд, ин асар солҳои тӯлонӣ мондагору пойдор намемонд ва Ҳабибулло Абдураззоқов ва Мирзоватан Миров барин коргардонҳои соҳибтаҷриба ба он рӯй намеоварданд. Нотавонбинии Баёзӣ ба ҳадде расидааст, ки ба анҷоми намоишнома низ нуктагирӣ кардааст, ҳол он ки ба қозихона кашида шудани шоир ва мусодира гардидани хараш маънои онро дорад, ки шоирро беки Ҳисор ба балои азиме гирифтор карданист. Давоми воқеаро ҳам драматург ва ҳам коргардон ба дарки тамошобин ҳавола кардаанд. Эродҳои Баёзӣ ба эпилоги намоишнома низ бепояанд, зеро тамошобин бо наззораи охирсухани намоишнома мақсади коргардонро ба хубӣ дарк месозад ва ба хулосае меояд, ки баъзеҳо тамоми умр ҳайкали зиндаанд, вале ба бархе баргузидагони миллат танҳо пас аз фавт ҳайкал мегузоранд, то ки хотираашон абадӣ дар дилу дидаи мардум боқӣ монанд. Дар охири мақолааш Баёзӣ аз таърихи ба саҳна гузоштани намоишномаи мазкур аз тарафи М. Миров ва Ҳ.Абдураззоқов ёдовар шудааст ва таъкид кардааст, ки тамошобинон онро хуб пазирой кардаанд, вале ба сабаби он ки коргардон дар таҳияи намоишномаи мазкур аз ӯ ва ҳамтабақонаш машварат нагирифтааст, ҳатто истиқболи самимию кафкӯбиҳои бардавоми тамошобинони театри мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар аз ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намоишнома ва иҷрокунандагони он ба дидагони танҳо айбҷӯйи ӯ барнахӯрдааст:

*Табъат даме ки моили айби касон шавад,*
*Ойина гир, к-аз сари инсоф нагзарӣ.*

(Бедил)

Агар ба ҷойи Баёзӣ устодон Кароматулло Мирзоеву Ато Ҳамдам, Ҳасан Юсуфи Файзбахш, Искандар Бобоев ва Ҳикмат Раҳмат даъвои мушовирии ин намоишномаро мекарданд, нуран алонур буд, вале Баёзӣ ва маслиҳатчиёнаш, ки то имрӯз перомуни Карим-Девона барин шоири мардумии ашъораш гӯё аз сатҳи шеърфаҳмии онҳо паст сатраке навиштанро барои худ ор медонистанд, имрӯз даъвои маслиҳатчигии намоишнома дар бораи Карим-Девонаро доранд. Ба ҷойи ин ҳама жожхойиҳо ва андешаҳои муғризона, агар ҷаноби Баёзӣ маҳорати актёрии ҳар як ҳунармандро мавриди таҳлили амиқ қарор медод, мо пеши ӯ ва ҳунари театршиносиаш сари таъзим фуруд меовардем. Ҳақ бар ҷониби Расул Ҳамзатов аст, ки гуфтааст:" Баъзеҳо на барои он сухан мегӯянд, ки сарашон пур аз фикрҳои бикр аст, балки забонашон мехорад." Ба ҳар ҳол ба қавли шоир "Ҳар кас, ки сараш дард кунад, ҳақ дорад".

Дар охир ҳаминро таъкид карданием, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳо рӯйи саҳнаи театри мусиқӣ- мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар омадани намоишномаи "Карим-Девона" муваффақияти бузурги ҳайати эҷодии театри мазкур буда, онҳо тавонистанд, ки ба тамошобини тоҷик як асари марғубу ҷолибу диданиро эҳдо намоянд.

## *3.9.ХАЁЛБОФИИ ХИЛОФИ ВОҚЕИЯТИ ТАЪРИХӢ*

*(Андешаҳо перомуни "Қиссаи Карим-Девона"–и Муҳаммадии Салим. - Душанбе: Сифат, 2015, 166 саҳ.)*

*(Бо ҳамқаламии Х. Фақиров)*

Мегӯянд, ки пайравӣ хуб аст, агар эҷодкорона бошад. Бо номи "Идомаи ҷустуҷӯи Карим-Девона" хабаре дар ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" (№ 38 аз 17. 09. 2015) чоп шуд, ки дар он аз интишори китоби Муҳаммадии Салим "Қиссаи Карим-Девона" (Душанбе:нашриёти "Сифат", 2015, 166 с.) сухан меравад. Муаллиф бо овардани мисолҳои аниқу мушаххаси таърихӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тавонистааст, рӯзгори шоири халқ - Абдукарим Қурбон маъруф ба Карим - Девонаро, ки барои беҳбудии рӯзгори мардум бо шеър мубориза бурдааст, тасвир намояд, - таъкид шудааст дар хабар. – Дар ашъори шӯрангези шоири халқ, ки баҳри тантанаи ҳақиқату адолат, бародарию баробарӣ ва дӯстию рафоқат дар талош буд, зиндагии фоҷиабори сокинони водии Ҳисор дар охири асри XIX ва аввали асри XX образноку хотирамон инъикос ёфтааст. Ҳикояҳои ҷолиб, шеърҳои худи Карим-Девона китобро хонданбоб намудаанд (ҳамон ҷо, 2).

Тавре ки Муҳаммадраҳим Юсуфӣ, ба гумони ғолиб, раиси ноҳияи Рӯдакӣ дар тақризи худ ба ин китоб ишора намудааст, “Қиссаи Карим - Девона” бар асоси таҳқиқотҳою тахайюлотҳои муаллиф ва асари Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим – Девона” таълиф гардида, дар он воқеаҳои таърихӣ бо тобиши бадеӣ пешниҳод карда шудаанд” (Муҳаммадии Салим, 2015, 2). Ба қиссаи мазкур Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзо сарсухан навишта, дар пайравии устод Ҳабибулло Назаров эҷод шудани “Қиссаи Карим - Девона” - и Муҳаммадии Салимро ёдрас намудаанд. Тавре ки устод Кароматуллоҳи Мирзо таъкид кардаанд, Муҳаммадии Салим қиссаи мазкурро дар асоси таассуроташ аз таълифоти Ҳабибулло Назаров, инчунин ҳамчун ҳамдиёри Карим-Девона (зеро деҳаи онҳо даҳамсоягии Ҷӯрак воқеъ будааст), аз шуниданиҳояш аз даҳони наздикон, хешовандони Карим - Девона, махсусан писарамакҳои шоир - бобои Холмаҳмад ва бобои Абдухолиқ - сокинони деҳаи Ҷӯрак навиштааст.

Қиссаи Муҳаммадии Салим ягон хел сарлавҳа ё дебочаи муаллиф надорад. Нависанда баъд аз сарсухани Муҳаммадраҳим Юсуфӣ ва устод Кароматуллоҳи Мирзо ба қисса ҳусни оғоз мебахшад. Ҳар як фикри нав бо ситорача ҷудо шудааст. Воқеан, дар муқова ва саҳифаи баъди он (саҳ. 1) Муҳаммадии Салим. “Қиссаи Карим - Девона” навишта шудааст. Ҳамчунин дар саҳифаи аввали китоб “Ба ифтихори 3000 - солагии Ҳисор” низ сабт шудааст, вале дар ин саҳифа хонанда оид ба соли нашри китоб ва номи нашриёт маълумот ёфта наметавонад. Инчунин дар саҳифаи баъдинаи китоб, ки аз тақризи кӯтоҳ, номи китоб, унвонии нашриёт, ҷамъи саҳифаҳои китоб ва дигар маълумоти библиографӣ бояд иборат бошад, маълумот ҷой надорад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Таълифоти нависанда аз саҳифаи 7 то 40 аз бадеият орист, шабеҳи асари публитсистӣ ё ҳисобот аст, ки онро як навъ аввалсухани муаллифи китоб низ метавон номид.

Баъд аз 50 соли эҷоди повести Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона" маротибаи дуюм барои эҷоди қиссаи бадеии фарогири рӯзгору осори Карим-Девотна камари ҳиммат бастани Муҳаммадии Салим аз ҷавони боғайрату боҷуръат будани ӯ дарак медиҳад. Эҷоди "Қиссаи Карим - Девона" ба қавли муаллифи асар кӯшиши бузургест, "...ҷиҳати ба самъи ҳамагон расонидани қисмати шоири шӯридабахти мардумӣ Абдукарими Қурбон, то ба ин васила дар гиромидошти хотираи кулли адибон, нигоҳ доштану инкишофи арзишҳои адабӣ ва рушди фарҳанги миллӣ" (Муҳаммадии Салим, 2015, 6). Муҳаммадии Салим зодгоҳи Абдукарими Қурбонро чун устод Ҳабибулло Назаров деҳаи Ҷӯрак таъин кардааст, ки ҳоло шомили ҷамоати деҳоти Эсанбойи ноҳияи Рӯдакӣ аст. Муҳаммадӣ баъдан аз корҳое ёдовар шудааст, ки ба ифтихори бузургдошти шоир ба анҷом расонидаанд. Соли 1988 ба шарафи 110-солагии шоир бо кӯшиши ҷавонони ноҳияи Хуросон осорхонаи ҳуҷрагии Карим-Девона кушода шуда, дар деҳаи Шӯриёни ноҳияи Рӯдакӣ пайкараи шоир гузошта мешавад. Соли 1991 "Сатрҳои оташин" бознашр мегардад. Ба ифтихори 120 - солгаии шоир бошад, пайкарааш ба шаҳраки Сомониён – маркази ноҳияи Рӯдакӣ интиқол дода шуда, дар ин ҷо осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ шоир низ ифтитоҳ меёбад, кӯчаи Гогол низ номи Абдукарими Қурбонро мегирад. Воқеан, яке аз маҳаллаҳои мавзеи Шарораи ноҳияи Ҳисор низ номи Карим-Девонаро гирифтааст. Тавре ки худи нависанда низ иқрор шудааст, "...қиссаи Карим-Девона гуфта, оғоз кардему дар байн қиссаҳои худро низ илова намудем (ҳамон асар, 39), дар оғози қисса баёни саргузашти Муҳаммадии Салим аз рӯзгори нобасомони Карим-Девона зиёдтар ҳикоят шудааст, яъне обмӯрӣ аз боғ калон буда, хонанда гумон мекунад, ки қаҳрамони марказии асар Карим-Девона нею худи нависанда аст.

М. Салим қисса мекунад, ки саргузашти Карим-Девонаро аз китоби Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона" хондааст, аз нақлҳои волидонаш Бибимастураю Маҳмадсалим ва ҳамдеҳагону ҳамдиёронаш ба рӯзгори шоир мароқ зоҳир намудааст. Бо мақсади таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ ва



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ашъори шоир Абдукарими Қурбон дар асоси повести Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона”, нақлу ривоят ва қиссаҳои фаровони мардуми мавзеи Эсанбой ва тахайюлоти шахсияш филмномаи филми ҳунарии “Карим - Девона”- ро иборат аз ду қисму 77 саҳна ва 153 саҳифа менависад. Ба он Қодир Раҳимов ва Ҳотам Нуров – ҳунармандони варзидаи соҳаҳои кино ва театр тақриз навишта, баҳои баланд додаанд. Мавсуф соҳиби шаҳодатномаи ҳуқуқи муаллифии филмномаи “Карим - Девона” низ шудааст. Ҳамчунин дар ин ҷо аз ташаббуси сарвари мактаби таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Рӯдакӣ Қиёмиддин ёдоварӣ намудааст, ки хешовандони ҳамсари шоир Боғигулро ёфтааст. Ҳатто аз мавҷудияти дарахте ёдовар шудааст, ки дар деҳаи Хуҷазикриё то ҳол пойбарҷо буда, шоир дар сояи  он нишаста, бо дугонаҳои ҳамсараш шеърхонӣ мекардааст.

М. Салим байти ба Карим - Девона мансуби аз модараш шунидаи Қиёмиддинро меорад, ки хеле ҷолиб аст:

*Ҷӯш меорад шароби ишқ дили Девонаро,*
*Ҳуш дорӣ, нӯш кун, фурсат ғанимат, даргузашт.*

(Ҳамон асар, 21).

Нависанда аз шиносоияш бо бобои Абдухолиқ - писарамаки Карим-Девона нақл намуда, аз забони мавсуф ду шеъри нави шоирро пешкаш мекунад, ки ман як байти шеъри якумро қаблан аз забони муаллим Шодмон Шеров оварда будам:

*Сирри дили ошиқон  изҳор накардам бар касу нокас,*
*Тану ҷони сиҳат беҳ аз ҳазорон парчаву атлас.*
*Суханро бо кӣ мегӯям, канӣ як одами гапрас?*
*Канӣ дӯсти ширин гирад сарамро дар канор имрӯз,*
*Ба ҳар ҷое, ки мехонад, Карим аз баҳри ёр имрӯз.*
*Ҳар саҳаргоҳ ин нидо аз назди ҳазрат мерасад,*
*Хонаи тилло иморат кун, ки раҳмат мерасад.*
*Давлати ҷовид биёбӣ, ҳар саҳар бедор бош,*
*Лоҷарам бедавлатӣ аз хоби ғафлат мерасад.*
*Аз хаёли охират ҷое расидан мушкил аст,*
*Кас ба ҳар ҷо мерасад, аз роҳи ҳурмат мерасад.*
*Эй Карим, чизе надорӣ, донае, парво накун,*
*Бар сари ҳар гул машин, аз хор заҳмат мерасад.*

(Муҳаммадии Салим, 2015, 33).



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Баъдан нависанда иброз медорад, ки нисфи умри беҳтарини Карим-Девона (15 соли ҳаёташ) дар сафар гузаштааст. Аз номи Раҳмони Раҳим, корманди бахши фаранги ноҳияи Рудакӣ накл мекунад, ки аз рӯйи шуниди ӯ шоире бо номи Карим - Девона солҳои 20 - уми асри гузашта гӯё дар кадом деҳаи Панҷакент мезистаасту сурудҳои "Дар вафоти Абдулмаҷид", "Марги ногаҳонӣ", "Нолаи модар" ва "Ранги заъфарон", ки онҳоро сароядагони панҷакентӣ иҷро мекунанд, моли ӯянд. Аммо нигоранда аз номи Анвар таъкид мекунад, ки Карим-Девона ҳисорӣ асту танҳо ба Панҷакент рафтуомад доштааст (ҳамон асар, 36-57).

Муҳаммадии Салим теъдоди абёти сурудаи Карим-Девонаро 1001 мисраъ муайян намудааст, ки 987 мисраи он бо кӯшишу ҷамъоварии Ҳабибулло Назаров манзури ақли назар гардида, аз ғазал, мухаммас, тарҷеъбанд, мувашшаҳ ва ашъори гуногун фароҳам омадааст.

Ногуфта намонад, ки ашъори Карим-Девона дар кулли бознашри "Сатрҳои оташин" аз рӯйи жанрҳо силсилабандӣ ва ҷудо нашудааст. Ҳамчунин тибқи мавзӯъҳо бонизом мавриди таҳқиқ қарор додани рӯзгори оне, ки аз таваллуд то марг, гарчанде ки тамоми умр танҳо ва фақат баҳри ҳақиқат, адолат, зиндагии шоистаи мардумони диёраш зиста, эҷод кардаасту худ рӯзи беҳ надидааст (Муҳаммадии Салим, 2015, 28) вазифаи мо - соҳибназарон аст.

Албатта мурод аз "Ҳоло низ паҳлуҳои мухталифи зиндагӣ ва ашъори шоир Абдукарими Қурбон ниёз ба таҳқиқ доранд" (ҳамон асар, 15) гуфтани Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматуллоҳи Мирзо низ ишора ба гуфтаҳои болоии мост.

Устод Кароматуллоҳи Мирзо дар фуроварди сарсухани ба китоби Муҳаммадии Салим "Қиссаи Карим - Девона" навиштааш чунин таъкид менамояд:

"Умед аст, ки баъди нашри "Қиссаи Карим-Девона" агар аз камию костиҳои он аз ҷониби хонанда маслиҳатҳои дилсофона пайдо шавад, муаллиф ба инобат мегирад, ислоҳ менамояд" (ҳамон асар, 5).

Бо дар назардошти ин гуфтаҳо мо хостем,ки оид ба баъзе паҳлуҳои ин асар дар муқоиса бо повести Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона" (Душанбе: Ирфон, 1978, 7-205) ибрози ақида намоем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Аслан қисмати асосии қисса аз саҳифаи 40 оғоз меёбад. Тамоми воқеоти асар дар атрофи шахсияти Карим - Девона сурат мегирад. Образҳои тавсеаёфтаи мулло Абдурасул ва шоир Саҳбо низ барои такомули симои бадеии Карим - Девона офарида шудаанд. Бофтаи бадеии нависанда образҳои Пир ва Розия мебошанд, ки онҳо дар қиёс ба асари Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона" симоҳои наванд. Ишораи М. Салим, ки қисса "...бар асоси тахайюлоти муаллиф таълиф гардида..." (хамон асар, 39) ба образҳои Пир ва Розия нигаронида шудааст. Нависанда саҳифаҳои 40 то 106 - и асарашро бо вуҷуди баъзе камбудиҳояш эҷодкорона, тавре ки худаш мегӯяд, бо истифода аз тахайюлоти бадеӣ навиштааст. Бо офаридани образи Пир, ки симои хаёлӣ буда, дар мушкилтарин ҳолатҳо рӯ мезанад (баъди вафоти падари Абдукарим - Қурбон ва ҳангоми зиндонӣ буданаш) ва барои наҷоти шоир ба ӯ дасти мадад дароз мекунад, Карим - Девона дар назари хонанда на чун образи заминии косиб, шахсияти одиву хоксор ва дар миёни заҳматкашон ба воя расида, балки чун образи фавқултабиӣ, назаркардаи Худо ва ба қавли мардуми одии Ғозималик авлиё намуддор мегардад.

Ҳабибулло Назаров низ дар асараш "Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона" ба авлиё будани шоир аз номи одамони одӣ ишора мекунад, вале он ба дигар маъност: "Камбағалони қишлоқ ӯро бисёр ҳурмат мекарданд ва ба ӯ ёрӣ мерасониданд. Мегуфтанд, ки Карим - шоир авлиё мебошад, ӯ дӯсти Худост, агар назаркарда набошад, ин шеърҳоро аз куҷо меёбад? Ҳарчи ки Карим - Девона дар ҳаққи боёну амалдорони амир мегӯяд, ҳамааш ҳақ аст" (Ҳабибулло Назаров, 1978, 167), яъне ин ҷо танҳо сухан аз лутфи сухани худоди шоир меравад.

Пир танҳо дар назди ду кас: Карим - Девона ва мулло Абдурасул рӯ мезанад. Нависанда бо такмили образҳои мулло Абдурасул ва Саҳбо хостааст, хонандаро ҳушдор диҳад, ки шоир дар муҳити аҳли илму адаб, дар халқаи ашхоси бофарҳангу бомаърифат, озодидӯсту ислоҳотхоҳ ба воя расидааст. Барои амалӣ гардидани ҳадафҳояш нависанда дар масҷиди деҳаи Шӯриён Абдукарими 10-соларо бо мулло Абдурасул рӯ ба рӯ месозад. Абдукарими бепарастор дар симои мулло Абдурасулу Саҳбо дар Қубодиён ҳомиёни худро меёбад. Онҳо ӯро гӯё соле чанд дар муҳити бекигарии Қубодиён тарбия менамоянд ва баъди аз ҷониби амири Бухоро назарбанд шуда, ба ҳайси маслиҳатчии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

беки Ҳисор ба ин водии зархез омадани мулло Абдурасул Карим - Девона ҳамроҳаш бармегардад. Дар повести Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона” шоир шахси бесавод ҳукм шудааст, вале аз рӯйи тасвири Муҳаммадии Салим шахсе, ки ҳамнишини Саҳбову мулло Абдурасул барин ашхоси босавод асту камоли ҳамнишинӣ бо ин фарҳехтагон ба ӯ асар кардааст ва дар истинод ба нақли Умари Хон - падари вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Хонов Карим-Девонаро қории “Қуръон” эълон менамояд (Муҳаммадии Салим, 2015, 101-103).

Агар Муҳаммадии Салим бо рӯ ба рӯ сохтани Карим-Девона ба мулло Абдурасулу Саҳбо образи типпии аҳли илму адаби Ҳисору Ғозималики оғози садаи 20 - ро тавре меофарид, ки бо таъсири чунин ашхос дар шуури онҳо бедории фикрӣ, ақидаи шикастани занҷири беҳуқуқию ғуломӣ ва ифтихори миллию истиқлолиятхоҳӣ бедор мешуд ва ҳамаи онҳоро дар симои Карим - Девона таҷассум менамуд, қимати асар чун повести Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона” як бар чанд меафзуд. Аммо тахаюлоти бадеии бофтаю сохтаи М. Салим гоҳо бар хилофи воқеият равона гардидааст.

Ба аҳли илму адаб маълум аст, ки Ҳабибулло Назаров дар повести мазкур аз мулло Абдурасул аҳёнан ёдовар шудааст. Махсусан пуштибонии ӯ аз шоир дар лаҳзаи аз дасти сарбозони беки Ҳисор озод намудани Карим-Девона зоҳир мегардад (Ҳабибулло Назаров,1978, 190).Хуб аст , ки М. Салим ин образро ҳамчун яке аз шахсиятҳои тақдирҷунбони Карим-Девона ба қалам дода, дар хусуси мавсуф ба таври густурда сухан рондааст. Ҳ. Назаров аз Саҳбо танҳо ба шарофати мулло Абдурасул ёдовар шудааст: “Аммо Абдурасулро хеле хурмат мекарданд. Ҳама медонистанд, ки вай дӯсти шоир Саҳбои Қубодиёнӣ мебошад...” (Ҳабибулло Назаров, 1978, 90). Вале Муҳаммадӣ Карим-Девонаро на танҳо бо Саҳбо рӯ ба рӯ месозад, ҳатто гӯё номбурда чанд соле дар Қубодиён монда, аз мавсуф сабақи зиндагӣ ва илму адаб меомӯзад.

Истифода аз сайри хаёл хуб аст, вале набояд тахайюлоти бадеии адиб хилофи воқеияти таърихӣ бошад. Аввалан, Саҳбо соли 1917 беки Қубодиён таъин гардида,қариб як сол адои вазифа намудааст ва соли 1918/1336 ҳ. қ. бо фармони амири мустабид Олимхон аз тарафи Давронбек ваҳшиёна ба қатл расонида



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

шудааст. Агар Абдукарими 10 - сола ҳамроҳи Абдурасул соли 1899 Ҷӯракро тарк намуда, Қубодиён рафта бошад, танҳо баъди 18 соли ин сафар Саҳбо ҳокими Қубодиён таъин мегардад ва соли қатли Саҳбо ба соли фавти Карим-Девона дар як вақт (1918) иттифоқ афтодааст, агарчи яке дар синни 70-солагӣ (соли таваллуд 1845 ё 1848, дигаре дар 40- солагӣ дунёро падруд гуфтаанд ва аз ҳама аҷибаш яке дар оғози подомани кӯҳи Ғозиён ва дигаре дар интиҳои он ба рӯ ниқоби хок кашидаанд.Дар ин хусус аз "Намунаи адабиёти тоҷик"-и устод С. Айнӣ (Душанбе: 2010, 269), "Гулшани адаб", (ҷилди 5, Душанбе: "Ирфон", 1980, 393-401), қиссаи "Саҳбо"-и Неъмат Муҳаммад Саид (Қӯрғонтеппа, 2014, 102 саҳ.), "Саҳбо. Танланган шеърлар" (Тошкент, 1991, мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҳалима Мухторова), Девони Саҳбо, ки таҳти № 1982 дар китобхонаи Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии шаҳри Тошканд маҳфуз аст ва нусхаи он дар китобхонаи шахсии инҷониб низ нигоҳдорӣ мешавад, маълумот гирифтан метавон.

Неъмат Муҳаммад Саид дар қиссаи "Саҳбо" соли таваллуди Саҳборо 1845 дар ноҳияи Вобканди вилояти Бухоро дар истинод ба маълумоти набераи Саҳбо Ҳалима Мухторова нишон додааст, вале бо дарназардошти маълумоти устод С. Айнӣ, ки ҳангоми қатл синни Саҳбо ба 70 дакка мезад, мегӯяд, соли таваллуди шоир 1848 мебарояд.

Бинобар маълумоти устод С. Айнӣ "Саҳбо соли 1917 ҳамроҳи ҳокими маъзули Яккабоғ - Ҳоҷидодхоҳ ба Қубодиён раҳсипор гардидаанд. Соли 1918 ба муносибати воқеаи Колесов бо фармудаи амир Олим тавассути Давронбек ном ҳокими золим ин ду пири равшанзамир ба як сурати ваҳшиёна шаҳид шудаанд. Синни Саҳбо ва рафиқаш ба 70 наздик буд" (Намунаи адабиёти тоҷик. - Душанбе : "Адиб", 2010, 269).

"Мирзо Ҳайити Тӯпчибошӣ (соли қатлаш 1336/1918) аз арбобони пешқадами давлатии маърифатдӯсти аввали асри XX буда, соли 1918 бо фармудаи амир Олимхон дар Қубодиён кушта шудааст"- таъкид гардидааст дар "Гулшани адаб" (ҷилди 5, Душанбе: "Ирфон", 1980, 395-401).

Агар М. Салим асари Ҳ. Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона"-ро дуруст мутолиа мекард, ба саҳлангорӣ роҳ намедод, зеро "Абдурасул дар вақти дар мадрасаи Говкушон таҳсил карданаш бо шоири машҳур Мирзо Саҳбо шиносоӣ пайдо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кардааст, - таъкид менамояд Ҳабибулло Назаров - Мирзо Саҳбо бошад, ба корҳои ӯ ёрӣ мерасонд. Дар давраи охирини ҳукмронии амири Бухоро Мирзо Саҳбо ҳокими Қубодиён буд ва ӯро амир одами ғайридин ҳисоб карда, дар соли ҳазору нӯҳсаду ҳаждаҳум ба қатл расонид" (Ҳабибулло Назаров, 1978, 181).

Муаллиф дар ҷо-ҷойи қисса аз номи Пир, Абдурасул, Карим-Девона ва Саҳбо рубоиёти Умари Хайёмро овардааст, ки ба фикри мо онҳо ноҷо истифода шудаанд. Хуб мебуд, ки ба ҷойи он ашъори пандомӯзи Карим-Девона ва Саҳборо корбаст менамуд.

Симои дигаре, ки ҳангоми офаридани образи он Муҳаммадии Салим маълумоти таърихӣ ва хотироти ҳамдеҳагони Карим-Девонаро сарфи назар намудааст, ин шахсияти Розия мебошад. Дуруст аст, ки ба ин ном дар асари Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона" дучор намеоем. Номи Розияро баъдтар момаи Зебо Тағоева - модари Ҳабиб Фақир баъди ба хотир овардани шеъри дар васфи Розия гуфтаи Карим - Девона ба ҳайси маъшуқаи шоир вирди забонҳо намуд. Нахустин бор хонандаи тоҷикро бо ин шеър мураттиби "Сатрҳои оташин" (1991) Ҳабибулло Нозирӣ ошно сохт:

*Ман ба дил иқрор кардам Розия дар хона буд,*
*Ҷойи хоби Розия дар Ғори кафтархона буд.*
*Наъли кавшаш як ваҷаб, поҷомааш ҷонона буд,*
*Дар ҳаққи он Розия Абдукарим девона буд.*

("Сатрҳои оташин", 1991, 9)

Ҳ. Назаров дар боби 9-уми повесташ, ки "Бозёфт" но дорад, аз номи Сайидалӣ Сатторов "Ду абруи хамида чун ҳилолат" ном ғазали ишқии Карим-Девонаро оварда, таъкид мекунад, ки Карим - Девона бо духтаре дил баста будааст. Ин духтар кист, Сайидалӣ Сатторов ба ин савол ҷавоб дода натавонист (Ҳабибулло Назаров, 1978, 133). Баъдан дар боби 10-ум, ки "Шубҳа" номгузорӣ шудааст, Ҳ. Назаров тафсилоти ишқи аввалини Карим-Девонаро, ки ғӯраи сармозадаро мемонд, аз номи писарамаки шоир Ашӯралӣ Юсуфов қисса намудааст. Ба қавли номбурда Карим - Девона ҳангоми дар Қаратоғ бофандагӣ карданаш бо бойдухтари ҳамсоя ошиқ мешавад. Барои ӯ зери дарахти тут нишаста шеърҳо низ гуфтааст, ки байти

*"Шӯри ишқат бар сарам савдои маҳшар гаштааст,*
*Ин Карим-Девона дар ишқат қаландар гаштааст"*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намунаи он аст. Мутаассифона ҳамсоядухтар аз дарди бедавое аз олам чашм мепӯшад ва Карим-Девона низ дигар кору зиндагӣ кардан дар Қаротоғро барои худ ҳаром медонад (ҳамон асар, 159-160). Муҳаммадии Салим бо истифода аз ана ҳамин қисса хатти сужети моҷарои муошиқати аввалини Карим - Девонаро сохтааст ва ба ҳамсоядухтар - Розия, ба духтари соҳибхона – Гулизор, ба бойи ҳамсоя, падари Розия- Камолиддин ном ниҳодааст. Вале дар офаридани образи Розия Муҳаммадии Салим аз воқеият дур рафтааст, зеро Розия аз Қартотоғ набуда, балки аз деҳаи Шаҳритӯс мебошад, ки баъдан сокинони он муҳоҷир шуда, ба деҳаи Ҳалқаҷари ноҳияи Хуросон кӯчидаанд.

Ба гуфтаи Бӯрихон Азиззода - сокини деҳаи номбурда, мудири шуъбаи ҳифзи иҷтимоии ноҳияи Хуросон деҳаи Шаҳритӯс дар ин тарафи кӯҳи Ариқтов ҷойгир шудааст.

Розия зани кулчарӯи сап-сафеди бо қадду баст ва хеле ҷаззоб будааст, ки дили ҳар ҷавонмардро ба худ чун оҳанрабо мекашидааст ва моили худ месохтааст. Карим - Девона низ дар қатори садҳо бачамардони ғозималикӣ шефтаи он рӯйи зебову дилоро, он чашмони шаҳло ва турраи сиёҳи қатронмонанд шуда, дар васфаш шеър гуфта будааст. Розия дар ҷавонӣ вафот накардааст. Ӯ рӯзгори дарози бобаракат дидааст ва аз ҳосили умраш ҷигарбандаш Саъдулло Мавлонов, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷавонмарди чорпаҳлуи сафедрӯ, сокини деҳаи Ҳалқаҷар буда, ин мӯйсафеди дидадаро ва ба дилу дидаи мардум ҷо то лаҳзаи вафоташ дар тӯю сури мардум ошпазӣ мекардааст ва дар қиёфа каллаву кандаи модараш будааст. Худобиомурз чор сол пеш олами фониро падруд гуфтааст.

Ҳасан Юсуфи Файзбахш, муаллифи рисолаи “Карим-Девона, ман ва ҳамдеҳагон” (Душанбе: “Ирфон”, 2014) муътақиди он аст, ки Карим-Девона ҳеҷ гоҳ ошиқи Розия набуд, балки ин шеър (мурод шеъри “Ман ба дил иқрор кардам Розия дар хона буд”...) фармоишӣ буда, шоир онро бо хоҳиши дӯстони амалдораш навиштааст, вале ин ақида асос надорад, чунки Карим- шоир бадоҳатан шеър месурудааст, вале ҳеҷ гоҳ бо супориши касе, махсусан амалдоре шеър нагуфтааст.

Муҳаммадии Салим дар асараш гоҳо “Ин воқеа қисман дар повести “Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона” нақл шудааст” (Муҳаммадии Салим, 2015, 132) гуфта, хонандаро ҳушдор медиҳад, вале ҷумлаҳои яклухтро аз асари номбурда айнан



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кӯчонидааст ё ки гоҳо бо табдили як-ду калима рӯйи коғаз овардааст.

Дар поён дар ду сутун – дар сутуни якум матнҳоро аз “Қиссаи Карим - Девона”- и Муҳаммадии Салим ва дар сутуни дуюм аз повести Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона” ба тариқи қиёс ҷой додаем. Худатон аз рӯи инсоф хонед ва муқоиса намуда, хулоса бароред, вале дар ин хусус охирсухани банда ин аст: нависандаи хуб он аст, ки таълифоташ нисбат ба навиштаҳои ҳамтояш эҷодкорона бошанд, то ки ба зеҳни хонандаи борикбини ҳозира афкори наву тоза зам намоянд.

| ***Аз Муҳаммадии Салим “Қиссаи Карим-Девона ” (Душанбе: Сифат, 2015, 166 с.)*** | ***Аз Ҳабибулло Назаров “Дар ҷустуҷӯи Карим-Девона ( Душанбе: Ирфон, 1978 , с. 7-205)*** |
|---|---|
| *1) С. 106 аз поён сархати 3:*<br>Ман ба боло гузашта дар рӯи кӯрпачаҳои мулоим нишастанро одат накардаам, дар рӯи курпача худро бисёр бад ҳис мекунам, гӯё ки дар баданам хорҳо халида, сабаби озори ман мегардида бошанд. Дар замини хушк нишастаю хобида, одат кардаам. Зарар надорад, ман дар ҳамин поён мешинам.<br>2) *С. 108 аз боло сархати 2*:<br>“Карим дар гашт чун оҳуи кӯҳ, дар хониш чун кабки дарӣ мебошад. Агар шабҳо ӯро хаёли хоб ояд, кӯрпааш аз пардаи шаб буда, болинаш санг аст. Ин ғамхориҳои шумо барои ман ҳеҷ лозим нест. Ин ҷавоби якуми Карим мебошад”. | *аз с. 116 сархати 2 аз боло:*<br>“Ман ба боло гузашта, дар рӯйи кӯрпачаҳои мулоим нишастанро одат накардаам, дар рӯйи кӯрпача худро бисёр бад ҳис мекунам,гӯё ки дар баданам хорҳо халида, сабаби озори ман мегардида бошанд. Ман дар замини хушк нишастаю хобида, одат кардаам. Зарар надорад, дар рӯи замин менишинам. ”<br>*аз с.116, сархати 3-юм:*<br>Карим-Девона дар гашт чун *гизолони кӯҳ*, дар хониш чун кабкони *дара* мебошад. Агар шабҳо ӯро хаёли хоб ояд, кӯрпааш аз пардаи шаб буда, болинаш *аз* санг *мешавад.* Ин *ғамгусориҳои* шумо барои ман ҳеҷ лозим нест. Ин ба шумо ҷавоби якуми Карим-*Девона* мебошад. *аз с. 116 сархати 4:* |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| *3) С. 108 аз боло давоми сархати 2:* *4)* "Ҷома ҳам ба ман лозим нест, ба хушхӯрию хушпӯшӣ шумо одат кардаед. Дили ман майли ин зинатҳо надорад. Замин ҳам аз шумо намехоҳам. Ман нияти шуморо фаҳмидам, мехоҳед , дар болои занҷири гардани ман боз як занҷир андозед. Мехоҳед худатонро чун одамони дилсӯзу некандеш нишон дода, маро ба дом андозед. | Ҷома ҳам ба ман лозим нест, ба хушпӯшию хушхӯрӣ шумо одат кардаед, дили ман майли ин зинатҳо надорад, замин ҳам аз шумо *талаб надорам*, нияти шумо ба ман маълум:мехоҳед, ки дар болои занҷир *дар* гардани ман боз занҷири *дигаре* андозед! Мехоҳед, *ки* худро чун шахси дилсӯзу некандеш нишон дода, маро ба дом андозед. |
| *5) С. 108 аз боло сархати сеюм:* "Офарин, Муминбой, росташро гӯям, аз ҳеҷ як ҷодугар монданӣ надорӣ, зоҳиран гӯё бо ман ҳамнишину наздик ҳастию маро Абдукарим гуфтаю ҳурмат мекунӣ, балки ҷома ҳам инъом карданӣ ҳастӣ, аммо ин лутфу хандаҳоят на субҳи оламафрӯз аст, балки барқи оламсӯз буданаш аз оина ҳам равшан аст". | *аз с. 116 идомаи сархати 4:* "Офарин, Муминбой! Росташро гӯям, аз ҳеҷ як ҷодугар камӣ *надоред*. Зоҳиран гӯё бо ман *ошною* ҳамнишин *мебошед,* маро Абдукарим гуфта, ҳурмат *мекунед*,балки ҷома ҳам инъом карданӣ *ҳастед.* Аммо ин лутфу хандаҳои *шумо* на субҳи оламафрӯз аст, балки барқи оламсӯз буданаш аз оина ҳам равшан аст". |
| *6) С. 108-109 аз поён сархати 1-ум:* "Ин хандаҳоятон ханда нест, балки ба қасди ҷони фақирон чун гургони дарранда дандон тез кардан аст. Гарави каззобу дурӯғгӯ будани забони шумо аз рӯзи азал ба мо маълум аст. Шумо дар фикри давлатмандии худ бошед, ин | *аз с. 116 сархати 2-юм аз поён:* -Ин хандаҳои Шумо ханда нест, балки ба қасди ҷони фақирон чун гургони дарранда дандон тез кардан аст. Гарави каззобию дурӯғгӯй будани забони шумо аз рӯзи *нахустин* ба мо маълум аст. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| чораҳо барои мо нав нестанд. Чун рӯбоҳ аз фанду фиреби худ шод гашта, фахр накунед, ки сабаби озори ҳазорон гаштаед. Фаромӯш накунед, ки рӯбоҳро пӯст аз сараш бармекашанд! Шумо чун магас аз паи шарбат мегардед. Магасон ҳам охир побанди ширинӣ гашта, ҳалок мешаванд ” | Шумо дар фикри давлатмандии худ бошед, ин чораҳо барои мо нав нестанд. Чун рӯбоҳ аз фанду фиреби худ шод гашта, фахр *мекунед*, намедонед, ки сабаби озори ҳазорон гаштед. Фаромӯш накунед, ки рӯбоҳро пӯст аз сараш бармекашанд! Шумо чун магасон аз паи шарбат мегардед. Магасон ҳам охир побанди ширинӣ гашта, ҳалок мешаванд. |
| надорад! Ӯро харидан ҳам мумкин нест!<br>*Ба Муминбой нигоҳ мекунад:*<br>-ҷомаатро худат пӯш, ба ту мезебад, ҷомапӯшӣ. Агар ин ҷомаро ман пӯшида, аз Қарасирт ба Ҷӯрак равам, халқи қишлоқ ҳама хандида, ба ман мегӯянд, хар ҳамону туқумаш дигар шуда | ин найрангу макру фиребҳо надорад!<br>Ӯро харидан ҳам мумкин нест...<br>Ҷоматонро худатон пӯшед, ба шумо мезебад. Агар ин ҷомаро ман пӯшида,аз Қарасирт ба Ҷӯрак равам, халқи қишлоқ ҳама ба ман хандида мегӯянд: “Хар ҳамон *хару* |
| 7*) С. 115 аз поён сархати 1-ум:*<br>-Гӯш кун, *Карим,* ту ба одамон чӣ мечаспӣ, шеърҳои носазо мегӯйӣ, гапҳои таҳқиркунанда мегӯйӣ, одамони баобрӯро шарманда мекунӣ.<br>*8) С. 116 аз боло сатри 5-ум*: Худо туро ғазаб кардаст, медонӣ, Худо! Ту ба ҷои он ки шукрона кунӣ, тоату ибодат кунию Худоро зорӣ кунӣ, ба ину | *аз с. 78 аз боло сархати 3-юм:*<br>-Ту ба одамон чӣ мечаспӣ, чаро *нутқҳои носазо эрод мекунӣ*, *шеърҳои худотаҳқиркунанда* мегӯӣ, одамони *обрӯмандро* шарманда мекунӣ?<br>*аз с. 78 аз поён сархатҳои 5-*6:<br>-Туро худо ғазаб кардааст, медонӣ, Худо!<br>Ту бояд шукрона кунӣ, тоату ибодат ба ҷо орӣ, одамони |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| он часпида мегардӣ, одамони баобрӯро меранҷонӣ, *ё ки аз* Худо ранҷидӣ, *ин* беҳуда *аст,* аз Худо ранҷиданат. Худо ба ту чашми бино, пойи равон, забони гӯё додаст, ки ҷунбида, рӯзгоратро пеш барӣ, боз чӣ мехоҳӣ? Ту чун чуғзи мискин орзуи боз шуданро дорӣ... | обрӯйнокро маранҷонӣ.<br>Карим-Девона чашмонашро ба замин дӯхта, хомӯш менишаст.<br>-Ту беҳуда аз Худо ранҷидаӣ,-гуфт мулло суханашро давом дода.-Чашми бино пои равон, забони гӯё дорӣ. Боз чӣ мехоҳӣ? Ту ҳамчун чуғзи мискин орзуи боз шудан дорӣ, *фаромӯш накун, ҳеҷ чугз боз намешавад!* |
| аст, балки ин ҷомаи навро пӯшида, ба хар савор шавам, ӯ ҳам ор карда , аз ман меранҷад.<br>6) *С. 109 аз боло сархати 1-ум ва 2-юм:*<br>-бо ин найрангҳо Каримро афтондан мушкил аст. Аз ин домҳо фақирон бисёр рамидаанд. Бо пойҳои зоғини худ рафтори товус мехоҳед? Чароғи фикри Карим тоби ин найрангу макру фиребҳоро | туқумаш дигар шудааст.” “Балки ин ҷомаи навро пӯшида, ба хар савор шавам, хар ҳам ор карда, аз ман меранҷад”.<br>*аз саҳ. 117 сархати якум аз боло:* Бо ин найрангҳо Карим-Девонаро ба дом афтондани шумо мушкил аст. Аз ин домҳо фақирон бисёр рамидаанд. Бо пойҳои зоғини худ рафтор*и товусӣ* мехоҳед? Чароғи фикри Карим тоби |
| *9) С. 116 аз поён сархати 4-ум:*<br>-Яъне гуфтаниед, ки Худо дар давлатмандӣ Шуморо дидаасту дар *фақирию* бадбахтӣ *моро*? Агар ин хел бошад, пас чаро ман аз нобаробарӣ шикоят накунам?-*мегӯяд.* | *аз с. 78 аз поён сархати 3-юм:*<br>-Яъне гуфтанӣ ҳастед, ин Худо дар арсаи давлатмандӣ шуморо дидасту дар арсаи камбағалию бадахтӣ моёнро? Агар *чунин* бошад, *чаро ман ба ӯ таъзим намоям в*а чаро аз ин нобаробарӣ шикоят накунам?<br>бечорагон ва хоказо. Аз пой то ба сар ғарқи айб бошед ҳам, назаратон фақат ба айби касон меафтад. Бо маломат шикастани дили касонро одат кардаед. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| *10) С. 116 аз поён сархати 3-юм :*<br>Риши дарози шоназадаи мулло ба ларза даромад, чашмонашро калон-калон кушода, ба сӯи Абдукарим нигоҳ карда, бо ғазаб "Хез, аз назарам гум шав, ин куфру кофиронагӯиятро нашунавам! -гуфта, аз ҷой мехезад. Абдукарим *нимхез* сари як зону истода, абрувонашро сар ба сар карда, ба мулло тамасхуромез мегӯяд:<br>-Шумо, тақсир, бе дутор нағмаю *шеърхонӣ* карда истодаед. Аммо пой мекӯбеду усул нест, ҷаноби домулло!<br>*Мулло Сафар оташин шуда:*<br>-*Чӣ хел* дутор?, *чӣ хел* усул?- намефаҳмам , боз чӣ афсона бофта истодаӣ, гӯён сарашро медорад. Абдукарим аз ҷой хеста, овозашро балантар карда:<br>-Ин афсона он аст, ки ҷаноби домулло, дар хонаи шумо ҳама *чизи дунё* муҳайё *аст,* ба ғайри ҳалол. Нонатон аз гандуми фақирон, гӯшт аз гӯсфандҳои даҳмардаҳо, мева аз боғи беваю бечора *ва қанду намаку дигар ба ивази тӯморҳоятон.* Аз по то сар | *Аз с. 78 аз поён сархати 2-юм:*<br>Риши дарози шоназадаи мулло ба ҷунбиш даромад, чашмонашро ба сӯи *Карим-Девона калон-калон кушода*: хез,аз назарам гум шав! Ин куфру кофиронагӯият барои "чӣ?!" –гуфт бо ғазаб мулло. Карим-Девона сарашро бардошта, *чашмонашро оромона ба сӯи мулло дӯхта*, абрӯвонашро сар ба сар карда:<br>-Шумо, тақсир, бе дутор нағмасозию таронапардозӣ карда истодаед, пой мекӯбеду аммо усул нест, ҷаноби домулло!<br>-Дутор? Усул? Намефаҳмам? Боз ин чӣ афсона аст?!-оташин шуда гуфт Мулло Сафар .<br>-Ин афсона он аст, ки дар хонаи Шумо ҳама аҷнос муҳайёст, ба ҷуз ҳалол. Нон аз гандум фақирон, гӯшт аз гӯсфанди саҳро, мева аз боғи беваю |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| пури айб бошед ҳам, чашматон фақат ба айби дигарон меафтад. Бо маломат шикастани дили *фақиронро* одат кардаед” | |
| *11) С. 117 аз боло сархати 3-юм:*<br>Мулло Сафар *оташи ғазабаш зиёд шуда*, обҳои даҳонашро пош дода, хашмгинона:<br>-Номусулмон, аз назарам гум шав!-гуфта, рафтанӣ мешавад.<br>Абдукарим қадаме ба тарафи чап гузошта, пеши роҳи муллоро мегираду бо заҳрханда: | *аз с. 79 аз боло сархати 4:*<br>Мулло Сафар ба ин суханони оташбор шоир тоқат накарда, оташи ғазабаш зиёдтар шуд,обҳои даҳонаш парида, лабҳои ғафсаш ба бозӣ даромад.<br>-Хез, номусулмон, аз назарам дур шав!- гуфта такрор кард.<br>Карим - Девона бо заҳрхандаи зери лаб |
| *12) С. 120 аз поён сархати 1-ум:*<br>...меҳмонон аз роҳҳои борики качу килеби қишлоқ, аз дараю теппаҳои баланд гузашта, савора ва пиёда,танҳо ва гурӯҳ-гурӯҳ ба Қаросирт меомаданд... Саворон, ки маълум ба тӯй шитоб доранд, қамчинҳои худро боло бардошта, албонҷ дода: “Аз роҳ дур шавед, аз роҳ дур шавед”, гуфта, ба аснон роҳ мекушоянд. Одамон аз тарси он ки таги пойи аспон намонанд, ба деворҳои похсагин чафс мешаванд. Се-чор меҳмонони бойнамо, болои аспон, пешопешашон гӯсфандҳои калондумба ва фарбеҳ оҳиста-оҳиста қадам | *аз с. 44 аз боло сархати 2-юм:*<br>Дере нагузашта меҳмонон аз роҳчаҳои борики санглохи кӯҳӣ, аз дараю теппаҳои баланд гузашта, савора ва пиёда танҳо ва гурӯҳ-гурӯҳ ба Қаросирт меомаданд.<br>*аз с. 44 аз поён сархати 1-ум:*<br>Кӯчаҳои тангу каҷукилеби Ҷӯрак ва Қаросиртро, ки аз одамон пур шуда буд, тамошобинон ба рӯйҳои бому сарҳои деворҳо баромада, нигоҳ мекарданд. “Аз роҳ дур шавед, аз роҳ дур шавед” гуфта ,саворон қамчини худро боло бардошта, ҷавлон медоданд. Одамон дар болои деворҳои похсагин чафс мешуданд. Пеш-пеши меҳмонони бой |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| зада, ба ҳавлӣ медароянд. | гӯсфандони фарбеҳ оҳиста-оҳиста қадам мемонданд. |
| -Нафасам аз дидори номубораки шумо ба танг омад, мурғи дилам аз суҳбати дилгиратон пару бол зада, раҳоӣ меҷӯяд, -гуфта, ба қафо гашту сӯйи дари баромад рафт.<br>*13) С. 121 аз поён сархати 2-юм*<br>Абдулғанӣ фаши саллаи худро дароз монда, бо қомати хамида таъзимкунон ба хушомадгӯӣ овора *аст.* | таҳдидомез ба сӯи мулло як назар андохту гуфт:<br>-Нафасам аз дидори "мубораки" шумо ба танг омад. Мурғи дилам аз суҳбати дилгири шумо пару бол зада раҳоӣ меҷӯяд."<br>*аз с. 44 аз поён сархати 2:*<br>Абдулғанӣ фаши саллаи худро дароз монда, *дар назди бойҳою амалдорон* бо қомати хамида таъзимкунон ба хушомадгӯӣ овора буд. *Ӯ камбағали бенангу номус буд.* |
| 1*4) С. 122 сархати 1-ум аз боло:*<br>Карнайчиҳо *фуки асбобҳояшонро* баланд бардошта, давр занонида , карнай менавозанду баъди фурсате пуфкуниро бас карда, нағора ва *меҳтар* ба даст мегиранд. | *аз с. 45 сархати 3-юм аз боло:*<br>Карнайчиҳо карнаи худро баланд бардошта, дар осмон давр занонида , аз садои он водиро ба ларза меоваранд...<br>*с. 45, сархати 6-ум аз боло:*<br>Карнайнавозон баъд аз фурсате нағмасароии худро бас карда, ба рӯи замин нишаста, зуд-зуд нафас мекашанд. Баъд садои нақораҳо баланд мешавад ва ба он сурнайҳо ҳамовоз мегарданд. |
| *15) Аз с. 123 аз боло сархати 1:*<br>"Абдумумин, паҳлавони ту зӯр аст. Вайро фақат тасодуфан мағлуб кардан мумкин аст" мегӯяд. | *аз с. 47 аз боло сархати 1:*<br>-Абдумумин, паҳлавони ту зӯр аст, -таъриф мекард ӯро Муҳаммадалӣ Ашқари хурсандгардида. -Вайро фақат тасодуфан мағлуб |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| *16) С. 123 аз боло сархати 1 дар идомааш:*<br>Яке аз тамошобинон вақте ки Аҳмад аз пешаш мегузарад, "Эй Аҳмад, магар *девона* шудӣ? Кабағалро аз болои шутур саг газидааст, гуфтагӣ барин зада устухонҳоятонро талқон накунанд" *гуфт.* | кардан мумкин аст.<br>*аз с. 47 аз боло сархати 4:*<br>-Магар *ҷинӣ* шудӣ?- мегуфтанд ба ӯ аз болои бомҳо. -"Камбағалро аз болои шутур саг газидааст" гуфтагӣ барин, зада устухонҳоятро талқон накунанд! |
| *17) С. 125 аз поён сархати 2:*<br>*Баногоҳ аспҳо* истода мемонанд. Аз бадани аспон буғ мебарояд. Саворaҳо баъзе қамчин дар даҳон,фукҳои аспҳоро аз мардум дур мекунанд. Даҳҳо асп дар як ҷо ҷамъ омада, якдигарро тела медиҳанд.<br>Саворaҳои дигар дуртар давраҳо ташкил карда, гӯё интизори чизе ҳастанд. Якбора тӯдаи аспҳо ба ҳаракат медароянд. | *аз с. 48 аз поён сархати 2:*<br>*Дар ҳамин асно савораҳо* истода монданд. Аз бадани аспон буғ мебаромад. Акнун рӯи савораҳоро ҳам дидан мумкин буд. Онҳо камчинро бо дандонҳои худ дошта, фукҳои аспони худро аз мардум дур мекарданд. Даҳҳо аспон ба як ҷо ҷамъ омада, якдигарро тела медоданд. Савораҳои дигар як қадар дуртар аз ин тӯдаи зич давраеро ташкил доданд. Якбора касе аз байни онҳо ба ҳаракат омада, қаторҳо боз ҳам зичтар шуданд. |
| *18) С. 126 сархати 3-юм аз боло*<br>*Арӯс* куртаи дарози васеъ пӯшида, рӯяш бо докаи сафед печонида шуда, ба сараш чун фаранҷӣ ҷомаи шоҳӣ партофта шудааст. Ба лаҷоми асп аз ду тараф порчаҳои *матои* сафед баста шудааст. | *аз с. 49 сархати 3-юм аз поён:*<br>*Вай* куртаи дарози васеъ пӯшида, рӯяшро бо докаи сафед маҳкам кардааст. Бар сараш ҷомаи нави шоҳӣ. Ба ду тарафи лаҷоми асп порчаҳои *сони* сафед баста шудааст. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| *19) С. 126-127 аз поён сархати 1:*<br>Дар охири базм аз байни издиҳом Абдукарим намоён мегардад. Меҳмонони бой ӯро дида, табъашон хира мегардад. Мардуми қишлоқ, баръакс бо дидани шоир | *аз с. 50 сархати аз боло сархати 3:*<br>Мана тамошо ҳам тамом шуд ва аз байни издиҳом Карим - Девона ҳам намоён гардид. Меҳмонони бой ӯро дида, табъашон хира мегардад, аммо мардуми |
| *20) С. 127 аз боло сархати 2:*<br>Абдулмуминбой ин ҳолро аввал наззора карда, ба хашм меояд ва ғазаболуд: "Дафъ шав аз ин ҷо, пойлуч!" гуфта фарёд мекунад.<br>Мулло Сафар ӯро бозмедорад:<br>-Ба вай нарас, вай одами девона аст. Бандаи Худо. Илоҳӣ ба ӯ ақл надодааст, аммо ба ӯ иродаи нек додааст.<br>Абдукарим таъзим карда, ба мулло минатдорӣ баён менамояд ва давр зада шеърхонияшро идома медиҳад: | *аз с. 50 сархати аз поён 1-ум:*<br>-Дафъ шав аз ин ҷо, пойлуч!- фарёд бардошт Абдумуминбой.<br>Мулло ӯро бозмедорад.<br>-Ба вай нарас, вай одами девона аст. Бандаи Худо. Илоҳӣ ба ӯ ақл надодааст, аммо ба ӯ иродаи нек додааст.<br>Карим - Девона таъзим карда, ба мулло миннатдорӣ баён менамояд ва давр зада, сухани худро давом медиҳад: |
| хурсандӣ мекунанд. Абдулмуминбой бо гӯшаи чашм як ба Абдукарим нигоҳ мекунаду: "Пойлучи лаънатӣ, девонаи Худозада", -гуфта пичиррос мезанад. Сипас чеҳраашро ба табассум моил карда, бо овози баланд: "Ба меҳмон нигоҳ кунед, биё , Абдукарим, ба меҳмон палав биёред", гуфта амр медиҳад.<br>Абдукарим:<br>-Раҳмат бой, ман | қишлоқ шод мешаванд.<br>Абдумуминбой бо гӯшаи чашм як ба Карим - Девона нигоҳ карду "пойлучи лаънатӣ!" гӯён пичиррос зада монд ва баъд амр дод, ки ба ӯ палав диҳанд.<br>-Ман барои ту тухфае овардам, -гуфт Карим - Девона.<br>Вай дастони худро ба осмон бардошта, дар байни одамоне, ки дар як ҷо тӯп |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

| | |
|---|---|
| намешинам, бароят тухфае овардам, гуфта, дастони худро ба сӯи осмон бардошта, давр зада, шеър мехонад: | шуда буданд, ҳамракат мекунад. |
| *21) С. 128 аз боло сархати 1-ум:*<br>Ҳама механданд. Каллаҷунбонӣ ва пичир-пичир авҷ мегирад. Раҳим-судхӯр ба назди Абдукарим омада, мулоимона:<br>-Духтари дӯстдоштаи ман ба шавҳар мебарояд. Абдукарими азиз, ман падари бечора аз духтари худ ҷудо мешавам. Дар ҳаққи ман суруде хон. Абдукарим якбора ба замин нишаста, табассумкунон ба сурудхонӣ сар мекунад. | *аз с. 51 аз боло сархати 3:*<br>Акнун ҳама механдиданд. Каллаҷунбонӣ ва пичир-пичир сар шуд. Раҳими судхӯр ба назди Карим - Девона омада гуфт:<br>-Духтари дӯстдоштаи ман ба шавҳар мебарояд. Абдукарими азиз,- вай қасдан ба номи Карим - Девона калимаи “Абду”-ро илова намуд,-ман падари бечора аз духтари худ ҷудо мешавам. Дар ҳаққи ман ҳам суруде бихон. Карим - Девона якбора ба замин нишаста табассумкунон ба сурудхонӣ сар кард. |
| *22) С. 128 аз поён сархати 2:*<br>*Судхӯр-акам тӯй сар кард,*<br>*Чор қишлоқа хабар кард...*<br>Раҳим-судхӯр ба ғазаб меояд, дандонҳояшро ғиҷирас занонида: “*Астагфуруллоҳ, астагфуруллоҳ*” гӯён ба ҷояш рафта мешинад. | *аз с. 51 аз поён сархати 2:*<br>*Судхӯр акам тӯй сар кард,*<br>*Чор қишлоқро хабар кард...*<br>Раҳим ба ғазаб меояд, дандонҳои *сафедашро* ғиҷиррос мезанонад, дар болои сари шоир мушт заданӣ мешавад, вале чӣ илоҷ, девонаро задан мумкин нест. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| *23) С. 134 аз боло сархати 1:* Дар вақти сухангӯии мулло Сафар домулло Ғайбулло носкадуро аз қисааш бароварда, ба каф нос рехта, ба зери забонаш партофта, вақти дурраро нишон додани мулло носро дар саҳни масҷид пуф кард. Абдукарим ин ҳолатро дода, дар ҷойи нишастааш: “Туф - туфи нос дар меҳров, рих мезанад хару гов ” гуфта луқма партофт. Инро шунида, ҳама хандидаанд. -Одами бедин, кофир, лаънатӣ!- фарёд кард қозӣ ва нимхез шуда: "Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки раисро таҳқир кунӣ?” гуфт. Карим – Девона: “Ҷавоби инро ба он барзагове гуфтам, ки оғилро ифлос мекунад. Аммо тухфаи худро аз қозӣ дареғ намедорам.” | *аз с. 186 аз боло сархати 2:* Дар вақти пурсиш раис мулло Ғайрулло ба зери забонаш нос партофта, баъд аз фурсате онро ба рӯи саҳни масҷид туф кард. Карим-Девона инро дида, чунин гуфт: *“Туф – туфи нос дар меҳров-* *Рих мезанад хару гов”.* -Одами бедин, кофири лаънатӣ!- фарёд кард қозӣ мулло Тош дар ғазаб шуда. -Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки раисро таҳқир кунӣ! Карим - Девона ҷавоб дод: -Инро ба он барзагове гуфтам, ки оғилро ифлос мекунад. Аммо туҳфаи худро аз қозӣ ҳам дареғ намедорам. |
| *24) С. 135 аз боло сархати 1-ум:* Қозӣ ва раис ғазабнок шуда , бонавбат “Кофир!, кофири лаънатӣ, беимон ба дор меовезам, сангсор мешавӣ!” гуфта, фарёд мезаданд. Абдукарим ба ин доду фарёди онҳо аҳамият надода, ба сӯяшон масхараомезона нигоҳ карда, ба ҷояш нишаст. | *аз с. 186 аз боло сархати 5:* Қозӣ ва раиси ғазабнокшуда фарёд мезаданд: “Кофир!”, “Кофири лаънатӣ!”, “ба дор овезед ӯро!”, “Сангсор кунед ӯро!” Карим ҳатто наларзид. Вай ором истода, ба муҳофизатчиёни қонунҳои мусулмонӣ масхара- омезона назар мекард. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

| | |
|---|---|
| *25) Аз с. 136 аз боло сархати 1 ум:*<br>Абдукарим оромона сухан оғоз мекунад:<br>-Гӯш кунед, ман мегӯям, якум-луқмаи нон доштан ва шиками сер, дуюм-шоҳи боадолат, сеюм-илму маърифат, чорум- хонаю ҷой доштан, панҷум –оила доштан, шашум – асп ё ҳеҷ набошад, хар доштан, то ки ба бозор ё осиё имкони рафтуомад бошад, ҳафтум - сулҳу амонӣ ва боқимонда ҳамон шартҳое, ки шумо онҳоро шунидан мехоҳед. Ҷамъ кунем, 12 шарт мешавад. | *аз с. 187 аз боло сархати 3:*<br>Аммо Карим - Девона “бинои мусулмонӣ дувоздаҳ навъ аст” гуфта , такрор мекард: “шарти якум-луқмаи нон доштан ва шиками сер, дуюм-шоҳи боадолат, сеюм илму маърифат, чорум- хонаю ҷой доштан, панҷум-оила доштан, шашум- асп ё ҳеҷ набошад, хар доштан, то ин ки ба бозор ё осиё имконияти рафтану омадан бошад, ҳафтум - сулҳу амонӣ. Шартҳои дигар ҳамон шартное ҳастанд, ки шумо дар бораи онҳо мепурсед, агар ҳамаашро ҷамъ кунем - дувоздаҳта мешавад”. |
| *26) С. 136 аз поён сархати 1 –ум:*<br>Шумо мехоҳед, ки ман гӯям, ки охирин чизу чораи хонаамро фурӯхта, андози шуморо медиҳам, не, охир чизе намондааст барои фурӯхтан, пас, ман чиро ба ҷойи андоз диҳам. Охир, Каъба дар Ҳисору дар Қаратоғ нест, ба мулки араб рафтан лозим меояд. | *аз с. 187 аз поён сархати 3:*<br>Шумо мегӯед, ки ман бояд ҳатмӣ андоз диҳам. Охир, чӣ диҳам? Ман ҳеҷ чиз надорам.<br>Шумо мегӯед, ки ба ҳаҷ рафтан даркор. Аммо Каъба дар Ҳисор нест, дар Қаротоғ нест, ба Арабистон рафтан лозим меояд. |
| *27) С. 140 аз боло сархати 1-ум:*<br>Савдогар наздик омада: “Нодаркору вайрон аст, мегӯӣ, ин тавр бошад, созу даркоришро гир,” гуфта, *хам шуда*, аз соқи мӯзааш кордро бароварду ба сари синаи *Абдулмаҷид* халонд. Ҷавон бе-овоз ба замин афтида, тапиду ҷон дод. | *аз с. 174-175 огоз аз сатри охир:*<br>“Нодаркору вайрон мегӯӣ!- фарёд кард савдогар. Ин тавр ки бошад, даркориашро гир!” – гӯён савдогар аз соқи мӯзааш корди дудамаро бароварда, ба сари синаи ҷавон халонд. Ҷавон ҳатто фарёд ҳам накарда, ба замин афтода, *чун мурги сарбурида* метапид. |



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба ҳамин тариқ, муқоисаи қисман анҷомдодаи мо нишон дод , ки Муҳаммадии Салим саҳифаҳои 106 (аз поён сархати 3), 108 (аз боло сархатҳои 2,3), 108-109 (аз поён сархати 1-ум, аз боло сархати 1-ум), 115 (аз поён сархати 1-ум), 116 (аз поён сархатҳои 3-юм ва 4-ум ), 117 (аз боло сархати 3-юм), 120 (аз поён сархати 1-ум), 121 (аз поён сархати 2-юм), 122 (аз боло сархати 1-ум), 123 (аз боло сархати 1-ум),125 (аз поён сархати 2-юм), 126-127 (аз поён сархати якум), 127 (аз боло сархати 2-юм), 128 (аз боло сархати 1-ум ва аз поён сархати 2-юм), 134 (аз боло сархати якум), 135(аз боло сархати якум), 136 (аз боло сархати якум ва аз поён сархати 1-ум) ва 140 (аз боло сархати якум)- и қиссаашро айнан ё бо табдили вожае аз повести Ҳабибулло Назаров "Дар ҷустуҷӯи Карим - Девона" саҳифаҳои 116 (аз боло сархатҳои 2,3,4), 117(аз боло сархати якум), 78 (аз боло сархати сеюм, аз поён сархатҳои 5-6- ум), 116 ( аз поён сархати 5-6-ум), 116 (аз поён сархати 3-4), 79 (аз боло сархати 4), 44 (аз боло сархати 2-юм ва аз поён сархати 2-юм), 45 (аз боло сархати 3-юм), 47 (аз боло сархати 1-ум ва 4-ум), 48 (аз поён сархати 2), 49 (аз боло сархати 3-юм), 50 (аз боло сархати 3, аз поён сархати 1-ум), 51 (аз боло сархати 3), аз поён сархати 2), 186 (аз боло сархатҳои 2 ва 5), 187 (аз боло сархати 3 ва аз поён сархати 3) ва 174-175 (оғоз аз сатри охир) рӯбардор кардааст. Ба фикри мо, пайравӣ ба бузургон хуб аст, агар эҷодкорона бошад.

Дар "қиссаи Карим-Девона" баъзе хатоҳои забонӣ ва услубӣ низ роҳ ёфтаанд. Нависанда ба ҷойи" хостгорӣ" вожаи "зангапзанӣ" (саҳ.90)-ро истифода кардааст. Ба ҷойи "ҳезум мебуридем" нависанда "..саргарми ҳезум мебуридем" навиштааст, ки вожаи "саргарм" зиёдатист .Дар саҳифаи 141 мисраи аввали мухаммаси "Ба ранги заъфарони ман расид чангу ғубор имрӯз"-ро дар шакли "Ба ранги заъфаронам мерасад чангу ғубор имрӯз..." навиштааст, ки мисраъ ифодакунандаи замони оянда аст, ҳол он ки дар ҳамаи нашрҳои "Сатрҳои оташин" нусхаи қаблан зикршуда истифода шудааст (ниг. Сатрҳои оташин, 1991,36).

Ҳамчунин дар саҳ. 145 шеъри "Шамси анвар"-ро ғазал номидааст, ҳол он ки он тарҷеъбанд аст. Муҳаммадии Салим дар зикри шеъри ба Розия бахшидаи Карим Девона ба ҷойи вожаи "поҷомааш" калимаи "ҷомааш"-ро корбаст намудааст,ки дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

натиҷаи ин мисраъ сактадор гардидааст (Муҳаммадии Салим, 2015, 77).

Ба ҳамин тариқ, мутолиаи "Қиссаи Карим - Девона" нишон дод, ки Муҳаммадии Салим барои суханеро бо сухане зам кардан хеле заҳмат кашидааст ва яқин қатрае аз хуни ҷигар кам кардааст, вале агар дар нашрҳои минбаъда камбудиҳои қиссаашро рафъ созад, дар болои он ҷиддӣ кор кунад, қимати он як бар сад хоҳад афзуд.

## 3.10 НОГУФТАҲО АЗ РӮЗГОРИ МАРДИ ЗЕБИ МАҲФИЛҲО ВА МАҲБУБИ ДИЛҲО

*(Бо ҳамқаламии магистр И.М. Мирзораҳимов)*

*Гӯянд чинорон, ки яке сатри равонем,*
*Чун дастниҳолон зи Ваѝизода нишонем.*
*Сайдалӣ Ваѝизода*

Шоир ва ҳофизи мардумӣ Сайдалӣ Ваѝизода [1900 – 1971] на танҳо шоиру овозхони тавоно, марди маҳфилорову шӯху базлагӯйи беҳамто буд ва бо ҳамин вижагиҳояш дар хотири мардум боқӣ монд, балки фарзандонаш – Хосияту Ҳабиб низ бо роҳи падар рафтаанд: пешаи мушкилу сангини шоириро ихтиёр кардаанд.

Шиносоӣ бо маҷмӯаҳои ашъори Хосият Ваѝизода «Пайғоми Кӯлоб» [Душанбе: МИП «Тоҷикистон», 1992, 40с.] ва «Такядори хуршед» [Душанбе: «Сурушан», 2002, 96с.] моро мутмаин сохт, ки Хосият бо пайроҳаи падар дилпурона ба пеш меравад.

Чашмандозе ба маҷмӯаи ашъори Ҳабиб Ваѝизода таҳти унвони «Қиссаи ногуфта» [Душанбе: «Адиб», 2000, 44с.], ки дар он достони ҳамноми маҷмӯа ва манзумаи «Ворисӣ Сомониён» ҷо дода шудааст, нишон дод, ки Ҳабиб чун қиблагоҳаш нуктафаҳму моили шеъру шоирӣ аст. Дар «Қиссаи ногуфта» Ҳабиб яке аз саҳифаҳои то ҳол дар ҷое сабт- нашудаи ҳаёти устод С.Ваѝизодаро ба назм даровардааст, ки ба қавли доктори илмҳои филологӣ, профессор Сабзаев Саидқул, нависандаи пешгуфтори маҷмӯаи мазкур «Ин саргузаштест пуралам, фоҷиаангез ва фалокатовар. Лек ҳақ ба ҳақдор мерасад. Шоир бо кӯшишу талошҳои зиёд бо сарфи ақлу заковату хиради хеш собит месозад, ки ӯ як рукни халқи худ буду ҳаст. Ҳаргиз алайҳи мардуми худ,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

алайҳи бахту саодату рӯзгори ӯ амале накардааст. Чӯли қазоқ лак – лак умеду орзуҳои шоирро ба коми худ фурӯ бурд, аз ҳама қиматбаҳотарин – фарзанди падари худро аз даст дод, вале рӯҳи қавӣ, иродаи устувор, ки дошт, шикаст нахӯрд, мубориза бурд, корнамоӣ, меҳнати ҳалол кард ва минбаъд муҳибу ҳамдами халқаш, гули сари сабади Ватанаш гардид» [4,3].

Хосият Ализода дар мақолаи «Ҳуҷҷатҳо арзи ҳол доранд…» [2, 58-61], ки дар вақташ дар ҳафтномаи «Адабиёт ва санъат» 24 августи соли 1989 интишор шуда буд, ба саҳифаҳои норӯшани рӯзгори Сайдалӣ Ализода рӯшанӣ андохтааст. Дар мақола сухан аз солҳои табъиди сталинӣ меравад, ки ҳазорон ҳазор нафар сазовори тӯҳмату ноҳақиҳо гаштаанд ва ҳазорон тан бе ягон пурсуҷӯ кушта шудаанд. Яке аз чунин ҷабрдидагони солҳои 30-юми садаи гузашта С.Ализода буд, ки бо тӯҳмат соли 1933 бо хешу ақрабояш ба Оқмалинскии Қазоқистон бадарға шуда буд. Аслан Ализодаро ба ҷойи Сайдалӣ ном бойи ховалингӣ бе пурсишу тафтиш тамғаи душмани халқ мечаспонанд. Тавре ки ин мазмунро Ҳабиб низ таъкид кардааст:

*Сайдалӣ ном бой буд андар диёр,*
*Айби ӯ бар гардани ман гашт бор. [4, 16]*

Яъне гунаҳкорро монда, бегуноҳро ба маҳбас мекашанд:

*Одаме, ки айб дорад, зинда аст,*
*Одами бе айб мисли мурда аст [4,15].*

Шоире, ки ҳанӯз соли 1922 Инқилоби Октябрро бо хушнудӣ истиқбол гирифта, дар бораи пешвои Инқилоб – В.И.Ленин шеъри машҳури «Ленин, бародар – раҳнамо»-ро суруда буд, акнун бо тӯҳмати бардурӯғ дар даштҳои ташналаби Қазоқистон азоби бадтар аз кандани ҷонро мекашид. Дар ғурбат соли 1933 духтарчаи шоир Мушкинисо вафот мекунад. Шоир дар фавти ҷигарбандаш марсияхонӣ менамояд:

*Хун бигирям аз бароят, эй балам,*
*Пур бувад қалби ман аз дарду алам.*
*Нимбараҳна, нимгурусна бо азоб,*
*Ҷон супурдӣ дар мусофирӣ, бачам [1,59].*

Ба шоир ҳатто рухсат намедиҳанд, ки бо дасти худ ҷигарбандашро гӯронад. Бо вуҷуди чунин нокомию азобу уқубат шоир дилмонда намешуд, бегоҳиҳо дутор навохта, суруд мехонд ва қалби озурдаи маҳбусонро шод месохт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Ба гуфтаи Ҳабиб пас аз бозсозии Хрушёв дар дили аксари гунаҳгорони бегуноҳ шуълаи умед фурӯзон гардид:

*Чун Хрушёв кард бар давлат сарӣ,*
*Ӯ таконе шуд ба кори роҳбарӣ.*
*Фош кард асрори мардони ҳабис,*
*Пур зи хоки гӯр шуд чашми ҳарис.*
*Кулли мардум бегунаҳ буд он замон,*
*Лек бар дӯшаш гуноҳи дигарон [4, 11].*

Ин буд, ки Сайдалӣ Ализода низ ягона илоҷи халосиро аз ин мотамсаро дар гурехтан мебинад. Ба гуфти Хосият Ализода соли 1935 шоирро 220 км дур аз Оқмалинск [Селиноград] барои ҷангалбурӣ ба ҷангали «Гуляй поля» мебаранд ва ногоҳ аз ин ҷангал ғайб мезанад, зеро шоир боварӣ доштааст, ки рӯзе аз ин макони балохез раҳо хоҳад шуд:

*Болинам қоқу ду чашми ман тар аст,*
*Хушиву хурсандиҳоям абтар аст,*
*Мисли ман ҳам ҳаст ин ҷо бегуноҳ,*
*Боварам ҳаст мераҳем аз ин бало.*
*Аз Ватан дуру ба гам олудаам,*
*Чун дуторам бо ман аст, осудаам.*
*Бо сурудам гусса аз дил мебарам,*
*Ҳам ҳақиқатро ба манзил мебарам [4,*61].

Бинобар гуфтаи Ҳоҷӣ Абдуллохон Сафоев С.Ализода баъди ду соли дур аз диёр моҳи ноябри соли 1935 худро ба Мастчоҳ мерасонад ва тӯли чор моҳ бо ин мардум зиста, дар ғаму шодиашон шарик мешавад. Бо мусоидати Абдуллохон ба Душанбе меояд ва назди раиси маҳкамаи пойтахт, бародарзодаи Ҳоҷӣ Абдуллохон, ки насабаш Маҳкамов буд, медарояд. Баъди тафтишу баррасии ҳуҷҷатҳо шоир сафед карда мешавад [4,60]. Ин мазмунро Ҳабиб Ализода ба таври зайл ба риштаи назм кашидааст:

*Дар баҳорон барфи баҳман об шуд,*
*Баҳри рафтан аз бароям боб шуд,*
*То Душанбе чун расид, исбот кард,*
*Дайн карду душманонро мот кард.*
*Дода шуд хати сафеди Сайдалӣ,*
*Соф шуд чун об фарзанди Алӣ [4, 17].*

Сайдалӣ Ализода соли 1937 баъди ба Қазоқистон барои овардани зану фарзандаш баргаштан хабари фавти додараш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аҳрорро мешунавад. Вақте ки ба зодбумаш – деҳаи Хонақои Ховалинг бармегардад, падар ӯро аз Аҳрор мепурсад. Шоир бо қалби садпора ба падар чунин посух медиҳад:

*Буд насибаш, эй падар, дар зиндагӣ,*
*Кард дар мулки Қазоқ ӯ бандагӣ [4, 19]*
*Дар гарибӣ ҷон бидод он шери нар,*
*Ман надидам рӯйи ӯ боре дигар [4, 18].*

Ҳини мусофирати Сайдалӣ волидаи меҳрубони ӯ бибии Зайнура низ бо Ҳақ пайваста буд. Ба ҳамин тариқ, шоир ба рӯзгори осоиштаи ҳамдиёронаш мепайвандад ва барои ободии мулк бо дасту дили пок заҳмат мекашад.

Дар идомаи достон Ҳабиб аз дӯстии шоир бо Абулқосим Лоҳутӣ ёдовар шуда, зиндагии важгуни ӯро бо ҳаёти пурошӯби Сайдалӣ Вализода қиёс мекунад:

*Лоҳутиро диду ӯ шуд комгор,*
*Суҳбаторо шуд ба шоир, дилфигор:*
*«Чун бигирам ман ба дасти худ қалам,*
*Лоҳутиро ё дорам бо алам,*
*Лоҳутӣ буд мисли ман ҳам ғамзада,*
*Аз диёраш дуру ҳам мотамзада.*
*Шуд фирорӣ ӯ зи дасти кинварон,*
*Бедатан шуд ӯ зи дасти меҳтарон.*
*Сӯхт ӯ аз баҳри ёру ҳам диёр,*
*Ӯ малул буду ҳамешуд беқарор.*
*Бар ҳама корҳои эҷодии ман,*
*Раҳнамо гашт Лоҳутии хушсухан» [4,22].*

Ҳабиб баъдан рӯзгори Сайдалӣ Вализодаро дар шаҳри Кӯлоб, фавти падараш Валӣ, ҳамсари Меҳрубонаш Маҳинбону ва писарашро ёдовар мешавад, аз соҳибобрӯю соҳибовоза гардидани шоир лаб мекушояд, дубора оила барпо кардан бо бонуи хуҷандӣ – Мукаррамаи Миразиз – Онаҷонро гӯшзад менамояд [4, 24-25]. Махсусан аз дӯстии С.Вализода бо Боқӣ Раҳимзодаву Мирзо Турсунзода, Ашур Сафар ва Хол Исломи Ховалингӣ бо як эҳтироми хоса сухан мегӯяд:

*Дӯсти ҷонии Боқӣ буд ӯ,*
*Базму шӯхиро чу соқӣ буд ӯ.*
*Буд бо Мирзо ҳамеша дар сухан,*
*Ёд мекарданд дунёи куҳан…*
*Хол Ислом буд доим дар бараш,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҳамдаме буду ҳамеша ёвараш [4, 25].*

Воқеан, С.Ализода бинобар гуфтаи бобои Шамсулло дар Оқмалинск бо шоири Қазоқ Ҷамбул Ҷабаев мулоқот карда будааст. Азбаски С.Ализода чанд бор ба Ҷамбул мактуб навишта, саргузашташро баён месозад, мӯйсафед аз Нур-ато 700 км роҳро тай намуда, ба ҳузури Ализода ба Оқмалинск меояд ва Сайдалиро, ки дар лагери №31, 75 км аз Оқмалинск дур буд, ба назди Ҷамбул мебаранд. Ҷ.Ҷабаев саргузашти шоирро шунида, ваъда медиҳад, ки ба ӯ кӯмак мерасонад (1, 61).

Ба гуфти Ҳабиб С.Ализода ба маънои томаш шоири халқ буд, ҳамеша дар миёни мардум буд ва ҳамдилу мададрасони халқ. Хонааш ҳамеша бозори гардонро мемонд: пуропури меҳмон ва ашхоси қадрдон буд:

*Хонааш пур буд аз меҳмон,*
*Аз Хуҷанду аз Ҳисори Шодмон.*
*Аз Бадахшон, аз Зарафшон омаданд,*
*Аз Бухоро, Ӯзбекистон омаданд [4, 27].*

Баъдан Ҳабиб аз он ёдовар мешавад, ки С.Ализода соли 1968 ба водии Рашт меравад:

*Аз қудумаш шод гардид аҳли Рашт,*
*Базми шеъраш буд дар кӯҳу дашт [4, 28].*

Орзу доштааст, ки ба Бадахшон сафар кунад, вале умр вафо намекунад ва фавташ ба соли 1971 иттифоқ афтодааст:

*Орзуи сайри Помир дошт ӯ,*
*Бар дилаш меҳри Бадахшон кошт ӯ,*
*Лек, афсӯс, орзу дар дил бимонд,*
*Кирдугор ӯро ба сӯйи худ бихонд [4, 28].*

Бинобар ақидаи Ҳабиб Сайдалӣ Ализода васият карда будааст, ки турбати ӯро дар боғи марказии шаҳри Кӯлоб гӯронанд. Ин матлабро ба яке аз роҳбарони вақти Кӯлобшаҳр Оиша Сарварова низ расонида будааст, вале азбаски шоир боре раиси шаҳри вақтро ҳаҷв карда будааст, васияти шоирро иҷро накарданд ва ӯро дар гӯристони баландии Тамошотеппа ҷой додаанд. Гӯё шоир аз баландии баландиҳо ба поён назар карда, ба пасовандон нидо сар медиҳад:

*Гузашт шавкати Маҳмуду дар замона намонд,*
*Ҷуз ин фасона, ки надонист қадри Фирдавсӣ.*

Ҳабиб дар охир аз ҷашни 100–солагии Сайдалӣ Ализода хонандаро огоҳ месозад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Қиблагоҳам ҷаин дорад, гӯш дор,*
*Мешавад садсола ин пири диёр [4, 33].*

Орзу мекунад, ки рӯзе ҷавони бедордиле пайкараи ин шоири шаҳирро хоҳад сохт ва шодию нишоти мо бо зарби рақси зебову мавзуни чаканпӯшони кӯлобӣ ҷӯр хоҳад шуд:

*Рақси мавзуни чаканпӯшони мо,*
*Мекунад тасхир дили ҷӯшони мо [4, 33].*

Ниҳоят, ба ақидаи шоир ба сари қудрат омадани инсони бедордилу худогоҳ ва ватандӯст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон орзуи чандинсолаи Сайдалӣ ва Валӣ барин ашхоси камбағал, вале ватандӯстро бароварда сохт:

*Ворисе пайдо бишуд бар тоҷикон,*
*Ваҳдате овард бар мо ин замон…*
*Зинда ҳоло гашт рӯҳи Сайдалӣ,*
*Шод бошад рӯҳи бобои Валӣ [4, 34].*

**Адабиёт:**


1. Ёде аз Вализода. Мураттиб Соат Чалишев. – Душанбе: «Ирфон», 2000, 128с.
2. Хосият Вализода. Пайғоми Кӯлоб. – Душанбе: МИП «Тоҷикистон», 1992, 40с.
3. Хосият Вализода. Такядори хуршед. – Душанбе: «Сурушан», 2002, 96с.
4. Ҳабиби Вализода. Қиссаи ногуфта. – Душанбе: «Адиб», 2000, 44с.




барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# 4.МАСЪАЛАҲОИ КИШВАРШИНОСӢ, ПУБЛИСИСТИКА ВА ЗАБОНШИНОСӢ

## 4.1.КИШВАРШИНОСӢ ВА МОҲИЯТИ ОН

*Эҳтироми ватандорӣ аз донистани таърих, забон ва фарҳанги Ватан сарчашма мегирад.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Кишваршиносӣ, ки онро меҳаншиносӣ низ гуфтаанд, яке аз воситаҳои муҳими тарбияи ғоявӣ,исиёсӣ ва маънавии хонандагон буда, онҳоро дар дарсҳо ва машғулиятҳои фориғ аз дарс ба табиати фусункор, таъриху тамаддун ва адабиёту санъати диёри файзборамон ошно месозад. Шиносоӣ бо расму русуми ниёгон, анъанаҳои мардумӣ, инқилобӣ, ҷангӣ, адабӣ ва меҳнатии одамон хонандагони кишваршиносро ҳушдор медиҳад, ки на танҳо худ дар рӯҳияи хизмат ба манфиати халқу Ватан, анъанаҳои аҷдодӣ, инсондӯстию меҳнатдӯстӣ тарбия ёбанд, балки ба ояндагон низ чунин сифатҳои ҳамидаро талқин намоянд.

Кишваршиносии тоҷик аз китоби муқаддаси «Авесто» ибтидо мегирад. Дар адабиёти гузаштаву муосири тоҷик кам асаре дучор меояд, ки дар онҳо унсурҳои кишваршиносӣ ба чашм нахӯрад

Кишваршиносӣ ба маънои васеи он-маҷмӯи фанҳо, усулҳои таҳқиқи мазмунан умумию хусусӣ ва пешбари шинохти илмӣ ва ҳаматарафаи диёр, омӯзиши васеи ин ё он ҳудуди муайяни бо асосҳои илмӣ пешниҳодшудаест, ки объекти таҳқиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, таърихӣ ва ташаккули фарҳанги минтақа, деҳа, шаҳр, ноҳия, вилоят, шароитҳои табиӣ ва монанди инҳоро фаро мегирад (Милонов Н.П., 1969,3-4). Дар миёни фанҳое, ки ба омӯзиши шинохти кишвар ихтисос дода шудаанд, кишваршиносии адабӣ ба ҳайси яке аз бахшҳои махсуси илм дар бораи адабиёт мавқеи махсусро ишғол менамояд. Соҳибназарон кишваршиносии адабиро ҳамон таърихи адабиёт, вале мутафовит бо интихоби хосаи мавод ва ҷанбаи махсуси нигариш арзёбӣ кардаанд (Травушкин Н.С., 1967, 162). Ҳамчунин баробари бо ҷанбаи диёршиносӣ омӯхтани таърихи адабиёт фанҳои ба назарияи адабиёт марбути хусусияти назариявӣ доштаро низ ба кишваршиносии адабӣ мансуб донистаанд (Милонов Н.А., 1985, 4).

Дар амалия дар баробари истилоҳи кишварши-носии адабӣ (литературное краеведение), ҳамчунин истилоҳоти адабиёт-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шиносии кишваршиносӣ (литературоведческое краеведение) (Краткая литературная энциклопедия.- М., 1967, т. 4), кишваршиносии адабиётшиносӣ (краеведческое литера-туров-едение) низ корбаст мегардад, вале аксари соҳибназарон истифодаи истилоҳи кишваршиносии (диёршиносии) адабиро мувофиқи мақсад медонанд, зеро он оъекти омӯзиш-адабиётро бо тамоюли кишваршиносӣ фаро мегирад. Донишмандон гоҳо вожаи адабиёти маҳалро низ корбурд кардаанд ва онро муодили истилоҳи кишваршиносии адабӣ донистаанд (Куприяновский П. В., 1984, 177), вале баъзе кишваршиносон истифодаи истилоҳоти адабиёт-шиносии кишвар (краевое литературо-ведение) ё адабиётшиносии маҳал (местное краеведение)-ро мувофиқи мақсад намедонанд (Милонов Н.А., 1985,4), зеро чунин шакли масъалагузорӣ омӯзиши адабиётро дар ҳудуди хеле кӯчак пешбинӣ менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки миёни асари бадеӣ ва макони мавриди тасвир қарор гирифтаи нависанда робитаи бисёр нозук ва мушкилзо ҷой дорад. Тавре ки академик Д.С.Лихачёв таъкид менамояд, мавзеи тасвир ва ҷойи таваллуди адибро надониста, асари адабӣ навиштан ба он монад, ки забонро надониста, шеър навиштан мехоҳӣ, шиноварнестию худро ба дарёи пуртуғён меандозӣ (Лихачёв Д.С., 1980, 12 март).

Сарчашмаҳои омӯзиши илми кишваршиносии адабии тоҷикро аз инҳо иборат донистаанд: (1) рӯзнома ва осори ёддоштӣ (2) васоити ахбори омма (махсусан матбуоти даврӣ), (3)ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, ёддоштҳо ва дигар анвои сарчашмаҳо-нашрияҳои маҳаллӣ, фонди китобхонаҳо ва пайкараҳои таърихию фарҳангӣ) (Милонов Н.А., 1985, 55).

Фаъолияти омӯзгори кишваршинос, ки ба ҳайси муҳаққиқ, сайёҳ ва нависанда, омӯзгор ва роҳбари маҳфили адабии кишваршиносӣ баромад мекунад, шавқовар ва хеле ҷолиб аст.Ӯ на танҳо худаш ин сифатҳоро дорост, балки ба шогирдонаш низ чунин хислатҳои некӯро талқину тарғиб менамояд, то ки ба табиати кишвар, одамон, адабиёту санъат муҳаббати бештаре ҳосил намоянд, чунки «Инсони ҳақиқӣ ва фарзанди Ватан як чиз аст. Шахсе, ки ҳангоми ба забон овардани калимаи Ватан дилаш аз шодӣ, меларзад, ба маънои ҳақиқиаш олиҷаноб мебошад» (А.Н. Радишев).

Ташкили машғулиятҳои кишваршиносӣ аз омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дониши амиқ, ҷаҳонбинии васеъ, донистани



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

таърих, иқтисодиёт, фарҳангу адабиёт ва санъати кишварро тақозо менамояд. Омӯзгор ҳамчунин аз адабиёти кишваршиносии умумӣ, таърихи кишвар, маҷмӯаҳои кишваршиносӣ ва ғайраҳо бархӯрдор бояд бошад.

Маҳфилҳои адабии кишваршиносӣ бо тамоюлоти фолклоршиносӣ ва таърихии адабӣ саёҳат ба осорхонаҳои адабии кишваршиносӣ, роҳпаймоию сафарҳо ба табиат, мавзеъҳои таърихии кишвар, зодгоҳи адибон ва ғайра дар шаклҳои гуногуни корҳои берун аз синф ва берун аз мактаб амалан татбиқ мегарданд. Созмон додани осорхонаи адабию кишвар-шиносӣ, дафтархонаи адабии кишвар-шиносӣ, ташкили ҳафтаи (даҳаи) адабии кишваршиносӣ, намоиш (виставка), сабқат (викторина), шабнишинӣ, ҳамоиши адабии кишваршиносӣ, навиштани корҳои мухталифи эҷодӣ (иншо, очерк, лавҳа, тақриз ва ғайраҳо) қимати корҳои кишваршиносиро дар мактаб дучанд мегардонад, хаёлоти эҷодии хонандагонро такмил медиҳад, нутқашонро бою рангин месозад.

Дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик яке аз вазифаҳои муҳим дар қалби кӯдакон парваридани хаёлоти воқеӣ мебошад, ки он тадриҷан ба тахайюли эҷодӣ табдил меёбад. Махсусан ҷалби хонандагон ба олами рангини шоирона тавассути шеър воситаи муҳимтарини инкишофи хаёлоти эҷодӣ аст. Иҷрои ин вазифаи муҳим бештар бо роҳи алоқаманд кардани дарсҳои забон ва адабиёт бо фаъолияти адабии кишваршиносӣ муяссар мегардад. Кишваршиносӣ робитаи забону адабиётро бо ҳаёти кишвар, бо таъриху тамаддун ва табиати диёр таъмин месозад.

Бинобар ин *ҷиҳатҳои фарққунандаи истифодаи асноди маҳал дар дарс* аз инҳо иборатанд:

1. Дар барномаҳои забону адабиёти тоҷик таълими баъзе мавзӯъҳое пешбинӣ шудааст, ки ҳангоми алоқамандона бо маводи маҳал омӯзонидани онҳо хонандагонро метавон ба гузаштаю имрӯзаи диёрашон шиносонид.

2. Дар аксар мавридҳо маводи маҳал, мазмуни ҳаёту фаъолияти ҷойи истиқомати хонандагон барои дарки ҳамаҷонибаи мавзӯъҳои таълимӣ ёрӣ мерасонад.

3. Истифодаи воситаҳои аёниву техникӣ дар дарс ба муаллим имконияти бештари ба хонандагон додани маводи адабии кишваршиносиро муҳайё месозад.

4. Аксар муаллимони эҷодкор маводи адабии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кишваршиносиро бештар дар оғози дарс, ҳангоми дарсҳои ҷамъбастӣ ва супориши вазифаи хонагӣ ба хонандагон пешкаш месозанд.

5. Истифодаи моноспектакл ва саҳначаҳо дар дарсҳои забон ва адабиёт воситаи муҳимтарини тарғиби маводи адабии кишваршиносӣ мебошад.

6. Дар вақти ташкили фаъолияти адабии кишваршиносӣ диққати шогирдонро ба меҳнати бунёдкоронаи ҳамдиёрон, қаҳрамонию диловарии онҳо дар муҳорибаҳои гуногун ва дар майдони меҳнат ҷалб бояд кард.

7. Қаҳрамонони бисёр асарҳо,ки прототипи худро доранд, шарҳи рӯзгори онҳо ҳамчун ҳамдиёрашон ба хонандагон бетаъсир намемонад.

8. Дарс-саёҳат (экскурсия) ҳамчун шакли ташкили таълим яке аз ҷолибтарин ва беҳтарин роҳи тарғиби маводи адабии кишваршиносӣ мебошад. Ҳангоми таълими тасвири табиат, лирикаи манзаравӣ дар осори адибон, ташкили саёҳат ба табиат ё худ сайри саҳро бо мақсади аз наздик дидани мавзеи тасвиркардаи адиб ё сарфаҳм рафтан ба мазмуну моҳияти кулли тасвироти адиб аз манфиат холӣ нест. Ташкили саёҳати ғоибона низ ба вусъати хаёлоти эҷодӣ ва инкишофи нутқи хонандагон мусоидат мекунад.

9. Ҳамчунин ташкили хониши берун аз синф тибқи маводи маҳал ба хонандагон имконият медиҳад, ки оид ба асарҳои ба ҳаёти маҳал бахшидашуда ва ҳамдиёр тасаввурот ҳосил намоянд.

10.Корҳои хаттӣ тибқи маводи кишвар-шиносӣ бо барномаи таълимии забон ва адабиёти тоҷик марбут гузаронида мешавад ва ба ин васила омӯзгор диққати шогирдонро ба дарки асрори атроф ҷалб месозад. Навиштани мазмуни асосии фикри нақлкунандаи воқеҳо, оид ба қаҳрамон саволҳо тартиб дода, ба онҳо мухтасар ҷавоб навиштан, иншои тақриз ба адабиёти тавсиякардаи муаллим, дар шакли хаттӣ тайёр намудани маъруза, реферат, ахбор оид ба қаҳрамонони ҷанг, меҳнат, навиштани диктант, иншо, лавҳа, очерк ва ғайраҳо дар мавзӯъҳои кишваршиносӣ барои рушди маҳорати эҷодии хонандагон, инкишофи малакаҳои амалии онҳо имкониятҳои васеъ фароҳам меоваранд.

Нутқ, ва хаёлоти эҷодии хонандагон дар ҳолате нисбатан рушду нумуъ меёбад, ки агар онҳо адабиёти марбут ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

кишваршиносиро мунтазам мутолиа намоянд, бо роҳҳои суҳбат, саволу ҷавоб маводи адабию кишваршиносӣ ҷамъоварӣ ва аз рӯйи онҳо дар шабнишиниҳо, ҷамъомадҳои кишваршиносон, маҳфилҳо, ҳафтаҳои забон ва адабиёт, ҳамоишҳои гуногун баромадҳою гузоришҳо намоянд. Онҳо инчунин гӯша, намоиш, албом, рӯзномаҳои сафарӣ таҳия сохта, оид ба кишвар, маҳали зист ва рӯзгори ҳамдиёрон намудҳои гуногуни супоришҳоро иҷро намоянд.Таҳқиқи чандинсола перомуни кишваршиносии адабӣ моро ба чунин ***хулосаҳо*** водор сохт:

1.Ташкили фаъолияти муттасил ва бомақсадонаи кишваршиносӣ дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик воситаи муҳими тарбияи ғоявию сиёсӣ ва маънавӣ буда, махсусан дар тарбияи ватандӯстӣ ва ҷаҳоншиносии хонандагон нақаши калон дорад. Шиносоӣ бо расму русуми ниёгон, анъанаҳои мардумӣ, инқилобӣ, ҷангӣ, адабӣ ва меҳнатии одамон хонандагони кишваршиносро ҳушдор менамояд, ки на танҳо худ дар рӯҳияи хизмат ба манфиати халқу Ватан, анъанаҳои аҷдодон, меҳнатдӯстию меҳнатқаринӣ тарбия ёбад, балки ба ояндагон низ чунин сифатҳои ҳамидаро талқин намоянд.

2. Истифодаи асноди маҳал дар дарс робитаи забону адабиёти тоҷикро бо ҳаёти кишвар, бо таъриху тамаддун ва табиати диёр таъмин месозад, ҳисси кунҷковӣ, таҳқиқотӣ ва эҷодкории шогирдонро бедор менамояд, хаёлоташонро рангин ва нутқашонро образнок мегардонад.

3. Кишваршиносии фориғ аз дарс рағбати хонандагонро нисбат ба осори адабии бадеии маҳаллӣ зиёд менамояд, фаъолияти мустақилона донишдӯзии хонандагонро дучанд мегардонад, ба онҳо шароити мусоиди ҳаматарафа аз худ намудани маводи таълимиро муҳайё месозад, ба **онҳо** имконият медиҳад, ки зеҳни худро бо донишҳои назариявию амалии наву тоза сайқал диҳанд. Дарс-саёҳат яке аз ҷолибтарин ва беҳтарин роҳи тарғиби маводи кишвар буда, истифодаи он ҳангоми таълими мавзӯъҳои алоҳидаи забон ва адабиёти тоҷик боиси вусъати хаёлоти эҷодӣ ва нутқи мураттаби хонандагон мегардад.

4. Корҳои хаттӣ дар мавзӯъҳои кишваршиносӣ диққати шогирдонро ба дарки асрори муҳити атроф ҷалб месозад, барои ташаккули маҳорати эҷодии хонандагон, инкишофи малакаҳои амалии онҳо имконоти васеъ фароҳам меоварад.

5. Тавассути маводи кишваршиносӣ омӯзгор баробари



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

тарғиби ватандӯстӣ, ҳифзи муҳим зист ва мероси ниёгон дар ҳалли яке аз масъалаҳои муҳим баланд бардоштани фарҳанги забондонии хонандагон саҳм мегирад.

Ба фикри мо **тадбирҳои** зерин боиси пешравии кори кишваршиносии мактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад:

1.Бо мақсади муттамарказонидани фаъолияти кишваршиносии мактабӣ ва риояи реҷаи ягонаи нутқи хаттию даҳонии хонандагон дар ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ *шӯрои кишваршиносӣ* таъсис дода шавад.

2.Омӯзгорони мактабҳои миёна, муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳуриро лозим аст, ки аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва шароиту имконияташон ҳамаи маводи таълимро ба ҳаёти маҳал вобаста намоянд.

3.Дар барномаҳои таълимии забон ва адабиёти тоҷик барои таълими маводи кишваршиносӣ дар ҳамаи синфҳо соатҳои махсус ҷудо карда шуда, тарзу усулҳои истифодаи ин соатҳо ба салоҳдиди худи омӯзгорон вогузошта шавад.

4.Барои ташкили самараноки фаъолияти маҳфилҳои адабию кишваршиносии мактабҳои ҷумҳурӣ барномаю дастурҳои махсус таҳия карда шуда, чорабиниҳои адабию кишваршиносии фориғ аз дарс ба низом даровардa шаванд.

5.Дар факултетҳои филологии муасиссаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ фанни таълимии *«Кишваршиносии адабии тоҷик»* ҷорӣ карда шавад.

Адабиёт:

1.Куприяновский П.В. Проблемы регионального изучения литературы. // Русская литература, 1984, №1, с.170.

2.Лихачёв Д.С. Необходим справочник «Литературные места России»// Лит.газ., 1980, 12 марта.

3. Милонов Н.А. Литературное краеведение.- М.: Просвещение, 1985, 192 с.

4.Милонов Н.П., Кононов Ю.Ф., Разгон А.Г., Черноморский М.Н., Завадье А.С. Историческое краеведение ( Основные источники изучения родного края) .-М. 1969, с. 3-4.

5. Травушкин Н.С. Литературное краеведение в системе литературоведческих наук.- В кн.:Научные доклады литературоведов Поволжья.- Астрахан, 1967,с.162.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 4.2.ИЛМИ КИШВАРШИНОСӢ ВА ТАРБИЯИ ИФТИХОРИ ВАТАНДОРӢ

*Гӯшаи танги Ватан ҳасни ҳасини хатар аст,*
*Шарар аз санг ҷаҳад, мурдани ӯ осон аст.*
*Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ*

Меҳри зодбум, табиати он, ҳатто ҳар як санги он дар қалби инсони ватандӯст ошён дорад. Таъриху адабиёти кишвар, меҳнату маишати ҳамдиёрон аз кӯдакӣ дар дили инсонҳо ҷой мегирад, ӯро ба дӯст доштани зодгоҳ водор месозад. Ҳисси муҳаббат нисбат ба зодбум тадриҷан ба ҳиссиёти баланди ватандӯстӣ табдил меёбад.

Мардуми кунҷков аз қадимулайём ба донистани табиати гирду атроф, ба фаҳмидани асрори дирӯзу имрӯзааш рағбати беандоза доштанд. Мантиқан мусаллам аст, ки ҳар фард пас аз донистани маҳалли зисти худ барои шиносоӣ бо ҳаёти берун аз зодгоҳаш кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ин гувоҳи он аст, ки кишваршиносӣ аз даврони атиқа ибтидо мегирад. Дар байни ҳамаи одамони дунё шахсоне  кам набуданд, ки маҳалли зисти худро медонистанд, аз табиати зебо, аз гузаштаву имрӯзааш огоҳии комил доштанд. Таассуроти дидаву шунидаашонро ба наслҳои баъдина тавассути нақл ё дар шакли хаттӣ ба мерос мегузоштанд, то ин ки мардумро дар рӯҳияи дӯст доштани Ватани худ, кишвари худ тарбия намоянд, чунки гувост он ҳаёте, ки бо халқат якҷоя мегузаронӣ.Фақат Ватан ва халқ ба ҳаёти кас маъно ва мақсади ҳақиқӣ медиҳад. Бидуни ин одам хушбахт шуда наметавонад.Беҳуда хирадмандон «Хока бо хокистар об куну дар Ватан хӯр» нагуфтаанд.

Меҳри зодгоҳ аз кӯдакӣ дар қалби ҳар як фарди бошуур ошён дорад. Зодгоҳ, ки як ҷузъи Ватан аст, бо ҳама каму кост барои инсон беҳтарин макон ва мукаррамтарин мавзеъ аст. Ин аст, ки халқ танҳо хушбахтии худро дар Ватанаш дидааст:

*Андар назарум Ватан шакар метова,*
*Хоки Ватанум қанду асал метова.*
*Наълат ба касе, ки ёди ғарибӣ бикуна,*
*Оби ғарибӣ лахти ҷигар метова.*

Махсусан барои инсон мавзее азиз аст, ки он ҷо чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. «*Шоҳзодае вақти саёҳат камбағалдухтареро дида, ба ӯ ошиқ мешавад. Ӯро рабуда, ба диёри*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*худ мебарад. Барояш зиндагии шоҳона муҳайё месозад, вале духтар пайваста ва бо таассуф суханони зеринро такрор мекардааст: «Ҳайфи хонаи падарум, Гулҳош мерехт дар сарум». Шоҳзода қавл медиҳад, ки вайро ба хонаи падараш барад ва зодгоҳи «биҳиштосои» завҷаашро бинад. Духтар пеш-пеш ва аз қафояш шоҳзода ба зодгоҳи ӯ меоянд. Ба хонае, ки волидонаш мезистанд, медароянд. Духтар ба танӯри миёнаҷои хона оташ дармегиронад. Вақте ки забонаи оташ баланд мешавад, гули оташ ба боло ҷаҳидаву ба сару рӯйи духтараки кунҷакнишин мерезад. Ӯ ҳаловат бурдаву табассуми ширине мекунад. Шоҳзода бо тааҷҷуб ба ӯ менигарад. Духтарак барои рафъи тааҷҷуби шавҳараш ҷавобан мегӯяд:*

*Ин хона агарчи зишт аст,*
*Дар он чу хӯ кардаам, биҳишт аст»*

(Аз маводи ҷамъовардаи аъзоёни маҳфили адабии кишваршиносии хонандагони мактаби миёнаи № 33-и ноҳияи Вахш, соли 1986).

Ягона илме, ки тамоми паҳлуҳои гузаштаву имрӯзаи диёрашонро дар назари мактаббачагон ҷилвагар месозад, ин кишваршиносист. *«Кишваршиносӣ дар мактаб,*-қайд шудааст дар «Луғати тафсирии истилоти педагогика»,- *аҳамияти таълимӣ ва тарбиявӣ дошта, хонандагонро дар рафти дарс ва машғулиятҳои берунасинфӣ ба шароити табиӣ, инкишофи саноат, хоҷагии қишлоқ, иқтисодиёт, таъриху маданияти маҳалли зисти худ (ҷумҳурӣ, вилоят, шаҳр, ноҳия, деҳа, ҷамоат ва микорайони мактаби худ шинос менамояд»* (Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика, 1980, 98). Беҳуда кишваршиносиро педагоги машҳури рус К. Д. Ушинский *меҳаншиносӣ* наномидааст (Ушинский К. Д., 1945, 4). Файласуфи номдори тоҷик Акбар Турсон ба ҷойи кишваршиносӣ истилоҳи *диёршиносиро* корбаст намудааст (Турсон Акбар, Ҷумҳурият, 24.10.2009).

Дар ҳақиқат, кишваршиносӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбияи ифтихори ватандорӣ ва ватандӯстии наврасону ҷавонон мебошад. Вай дар қалби ҷавонон муҳаббати амиқро нисбат ба зодгоҳу кишвари худ ҷой медиҳад. Махсусан тавассути он дар иҷроиши вазифаҳои тарбияи меҳандӯстӣ, маънавӣ ва меҳнатии ҷавонон саҳм гирифтан мувофиқ аст. Ошноӣ бо суннатҳои аҷдодӣ, анъанаҳои инқилобӣ, ҷангӣ, адабӣ ва меҳнатии одамон, омӯзиши расму одатҳои мардумӣ, корнамоию диловарии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ниёгонамон мактаббачагонро водор месозад, ки на танҳо худ дар рӯҳияи хизмат ба манфиати халқу Ватан, муҳофизати сарватҳои миллӣ, анъанаҳои авлодӣ, меҳнатдӯстию меҳнаткаринӣ тарбия ёбанд, балки ба оянда гон низ чунин сифатҳои ҳамидаи инсониро талқин намоянд. Хирадмандон омӯхтани асрори кишвари худро на танҳо барои шавқовар буданаш зарур шумурдаанд, балки барои он тавсия кардаанд, ки донистани кишвар барои шакли онро дигаргун сохтан низ ёрӣ мерасонад.

Яке аз намудҳои паҳншудатарини кишваршиносӣ ин меҳаншиносии адабист. Бартарии меҳаншиносии адабӣ дар он аст, ки на танҳо дониш, маънавиёт ва маърифати хонандагонро бой мегардонад, балки хаёлоти онҳоро рангин месозад, дар онҳо эҷодкориро тараққӣ медиҳад, шогирдонро ба фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ раҳнамун месозад.

Юнев И.С. дар асараш «Беседы о краеведении» кишваршиносиро ҳамчун омӯзиши ҳаматарафаю умумии ҳудуди аниқи на он қадар калони мамлакат муайян сохт (Юнев, 1969, 5). Строев К.Ф. илова бар ин қайд мекунад, ки «Кишваршиносӣ ин омӯзиши ҳамаҷонибаи қувваҳои маҳаллии ҳудуди муайяни кишвар дар асоси илмӣ бо тақозои амалияи ҷамъиятист» (Строев К.Ф., 1967, 5).

Агар ба таърихи таҳаввули кишваршиносии тоҷик назар андозем, огоҳ хоҳем шуд, ки дар рушду нумӯи он устод С.Айнӣ хизмати арзанда кардааст. Маълум аст, ки муҳимтарин вазифаи имрӯзаи ҳамватанони мо ин ҳимояи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки ба он танҳо тавассути меҳанпарастӣ ва ваҳдат метавон ноил гашт. Айнан чунин ваъият дар солҳои аввали Инқилоби Бухоро ҳукмрон буд ва он С.Айниро водор намуд, ки аҳли қаламро ба кишваршиносӣ даъват намояд, то ки онҳо мардумро ба таърихи гузашта, вазъияти ҳозира ва аҳволиояндаи кишвари худ, анъанаҳои миллӣ ва урфу одати маҳалҳои гуногуни худ аз наздик шинос намоянд. Махсусан дар соли 1925 дар Тошканд таъсис ёфтани ҷамъияти илмии «Тоҷикшиносӣ» ва таҳти унвони «Тоҷикистон» дарҷ шудани як асари мукаммал диққати зиёиёни тоҷикро ба масъалаи кишваршиносӣ бештар ҷалб кард. Устод С.Айнӣ, Баҳриддин Азизӣ, Ҳаким Карим, К.Бахлулзода бо мақсади аз ҳар ҷиҳат шинохтани кишвари худ, таъриху фарҳанги онро меомӯханд ва дар ин бахш як қатор мақолаҳо низ ба табъ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

расонидаанд. Мақолаҳои Садриддин Айнӣ «Кишваршиносӣ» (маҷаллаи «Дониш-биниш», баъдҳо «Роҳбари дониш», 1927, №1), «Тоҷикони кӯҳистон» («Овози тоҷик», 21 сентябр ва 5 октябри соли 1924), «Қутби чордаҳум» (маҷаллаи «Маориф ва ӯқитувчи», 1924, № 5-6, с. 31-32), «Осори қадима» (ҳамон маҷалла, 1924, №7-8, с. 28-29), «Оби равон ё рӯди Ҷилвон» (ҳамон маҷалла, 1927, № 1-2, с. 47-50) дар ин бобат маълумот медиҳанд. Порчаҳои адабии Баҳридин Азизӣ «Чил ҳуҷра» («Роҳбари дониш» 1929, № 10-11, с.37), А.Деҳотӣ «Аждаҳои чӯпонато» («Куллиёт» , ҷилди 3, Душанбе, 1965, с. 16), Ҳаким Карим «Адабиёти халқро ҷамъ кунем» («Овози тоҷик», 21 апрели соли 1930), Қ.Баҳлулзода «Осори атиқаи Хуҷанд» («Маориф ва ӯқтувчи», 1924, № 12, с.36-37) ва ғайра низ дар роҳи омӯхтани кишвар, фарҳанг ва эҷодиёти шифоҳии он қадамҳои аввалин буданд.

Устод *Садриддин Айнӣ* мақсад ва вазифаҳои кишваршиносиро дар мақолааш *«Кишваршиносӣ»* ин тавр нишон дода буд*: «Кишваршиносӣ илме, ки дунёи ҳозираи мо ба асоси он пеш меравад. Мақсади охирини кишваршиносӣ аз ҳар ваҷҳ шинохтани кишвар аст ва ҳар коре, ки мекунад, ҳамин мақсадро дар назар гирифта мекунад. Аҳволи гузаштаи кишварро тафтиш менамояд, маданияти кӯҳнаю осори атиқа, роҳҳои обӣ, ки дар замони гузашта аз онҳо истифода карда шудааст, шаҳрҳои кӯҳнае, ки дар як замон маркази тиҷорат, саноат ва сиёсат будаанд, корҳое, ки мардумони гузашта аз онҳо фоида бурдаанд, киштзорҳои қадимаи қабила ва мардумоне, ки пештар дар он ҷо зиндагонӣ кардаанд, урфу одати онҳо ва монанди инҳоро аз назар гузаронида, бо далелҳои таърихӣ собит мекунад.Хулоса,кишваршиносӣ ин фаъолиятест, ки барои омӯзиши қувваҳои маҳаллии кишвар равона гардидааст»* (С.Айнӣ, 1969, 390).

Воқеан, мафҳуми кишвар ин ҷо шартӣ мебошад. Масалан, барои мактаб кишвар ин ноҳияест, ки маълумоти онро чун маводи маҳаллӣ истифода менамояд. Дар дигар маврид, вақте ки хонандагон ба саёҳату роҳпаймоӣ мераванд, кишвар ҳудуди васеътарро фаро мегирад.

Ба ҳамин тариқ, кишваршиносӣ, ки онро меҳаншиносӣ низ гуфтаанд, яке аз воситаҳои муҳими тарбияи ифтихори ватандорӣ ва ватандӯстии шогирдон буда, насли наврас ва ҷавононро барои ҳимояи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина омода месозад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

***Адабиёт:***
1.Айнӣ С. Куллиёт.Ҷилди 9.- Душанбе, 1969, с.390.
2.Акбар Турсон. Миннат то чанду миннатбардорӣ то ба кай?// Ҷумҳурият, 24. 10. 2009.
3. Ушинский К. Д. Изб. пед. соч.- М., 1945, с. 4.
4.Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика.- Душанбе, 1980, с. 98.
5.Строев К. Ф. Краеведение.- М.: Просвещение, 1967, с. 5.
6.Юньев И. С. Беседы о краеведении.- М., 1969, с. 5.

## 4.3.ТАРҒИБИ ҚАРОРҲОИ ИҶЛОСИЯИ XVI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАТБУОТИ СОЛҲОИ 1992-1993

Барои касе пӯшида нест, ки ҳар як даргирии сиёсӣ, хоса ҷанги бародаркуш пеш аз ҳама бар решаи миллат теша мезанад ва ҷомеаро сӯйи ноумедию парешонӣ тела медиҳад. Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ мардумро, махсусан дар соли 1992 ба вартаи фалокатбори беҳокимиятӣ, бехирадӣ, бераҳмию хунсардӣ афканда буд. Ҳар кас дар ғами ҷони худ буд: бародар бо бародар, ҳамсоя бо ҳамсоя, намакхӯрда бо намакхӯрда чун гургу гӯсфанд мухолифи ҳамдигар шуда буданд, ҳар лаҳза тайёр буданд, ки хуни якдигарро резанд, аз якдигар пӯст кананд. Ҳама дар шахси ҳамдигар душманро медиданд ва бо ҳам бо шубҳа менигаристанд, мехостанд аз рехтани хуни бародар дил тар кунанд. Бо ин роҳ гӯё як «душман»-и худро кам карданӣ мешуданд. Аксарият шиори

*«Душмани камбағалон боз ба пеш омадааст,*
*Гург ин мартаба дар ҷомаи меш омадааст»*-ро

дастури амал қарор дода ва камбағалу бой машғули душманкобӣ буданд. Махсусан камбағалон пеш аз ҳама ҳадафи тири нохалафе, бепадаре, бебасаре қарор мегирифтанд. Мардум бе ҳомӣ, бе пуштибон ва бе мутакко монда буданд. Дар дилашон охирин шӯълаи умед аз давлат низ батадриҷ хомӯш мешуд:

*Шоҳи туркон гофил аст аз ҳоли мо ку Рустаме?*

Дар чунин вазъияти ҳассос, нозук ва тақдирсоз мардони саршиноси миллат зарурати сари мизи гуфтушунид нишастанро дарк карданд ва дар Хуҷанд даъват намудани иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳатмӣ шумориданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Масъалаи асосӣ ҷамъ шудани миқдори зарурии вакилони мардумӣ буд, то ин ки иҷлосия баргузор гардад.

Он рӯзҳо дар маркази даргириҳои сиёсӣ-шаҳри Қӯрғонтеппа дар бинои ҳозираи Раёсати гумруки вилояти Хатлон Фронти халқӣ мустақар шуда буд. Дар рӯ ба рӯйи он дар бинои собиқ рӯзномаи «Ҳақиқати Қӯрғонтеппа» маркази матбуоти Фронти Халқиро ҷой дода буданд ва кормандони он ба ҳайси вакили худ Барот Саидовро ба шаҳри Хуҷанд фиристоданд.

Аз рӯзи 16 ноябри соли 1992 сар карда чашму гӯшу ҳуши ҳама танҳо ба як нуқта: ба қасри Арбоб дӯхта шуда буд ва ҳар як қарори иҷлосия барои мо дунёи тоза буд. Махсусан ба сари қудрат омадани ҷавони бедордил, ғаюру тавоно Эмомалӣ Раҳмон, ки то ин вақт ӯро аз баромадҳои пурмӯҳтавояш дар иҷлосияҳо ба ҳайси вакил мешинохтанд, аксариятро хурсанд ва дар қалби ҳазорҳо тоҷик оташаки умедро барафрӯхт. Қабули Нишон ва Парчами миллӣ мардумро дилгарм сохт, ки давлатсозӣ дар Тоҷикистон акнун шурӯъ хоҳад шуд.

Барот Саидов баъди бозгашт аз Хуҷанд кори рӯзномаи «Хатлон»-ро равнақи тоза бахшид ва дар назди мо- кормандони ҳайати эҷодии рӯзнома –Амиршоҳи Хатлонӣ, Сайдалӣ Бобохонов, шодравон Тоҳир Асомуддинов, Абдувалӣ Абдулвоҳидов, Сайвалӣ Сайфуллоев ва дигарон вазифа гузошт, ки дар саҳифаҳои рӯзнома мардумро ба Ваҳдат, дӯстию рафоқат ва бародарӣ, бахшидани гуноҳи якдигар даъват намоянд. Камина зиёда аз 50 мақола бо имзои мустаори «Ғ. Мардон» таълиф намуда, бошандагони вилояти навтаъсиси Хатлон ва кулли сокинони ҷумҳуриро ба якдигарфаҳмӣ, муттаҳидӣ ва ваҳдат даъват намудаам. Рӯзномаҳоро ҳамроҳи Амиршоҳи Хатлонӣ аз Қӯрғонтеппа то ноҳияи Панҷ ва ноҳияҳои Кубодиёну Шаҳритӯс ва аз шаҳри Сарбанд то шаҳри Кӯлоб бо мошини шахсии ман, гоҳо дар таги борони тир бурда тақсим мекардем. Боре ҳангоми тақсими рӯзнома дар шаҳри Душанбе бехабар ба деҳаи Авул, ки ҷангҳои сахт он ҷо мерафт, даромадем. Агар ҳамсафарамон Нависандаи Халқии Тоҷикистон Абулҳамид Самадов, ки он ҷойҳоро хуб медонистааст, намебуд, мо аз он ҷо роҳи халосӣ надоштем.

Ҳеҷ гоҳ фаромӯш карда наметавонам он лаҳзаи хотирмонро. Охири моҳи декабри соли 1992 буд. Бачаҳо барои хӯрокхӯрӣ баромаданд ва маро навбатдор таъин намуданд, то ки ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шахсони аз боло зангзананда ҷавоб диҳам. Баъди ду дақиқа баромадани онҳо аз штаби Фронти Халқӣ мушовири Сангак Сафаров Сангмаҳмад Зуҳурзода занг зада, худро шинос намуд ва ба ман супориш дод, ки аз номи роҳбари Фронти Халқӣ ба муносибати соли нави 1993 табрикнома нависам ва ба ман ду соат - аз соати 12 то $14^{00}$ муҳлат дод. Ман аввал гаранг шудам, ки чӣ нависам. Оё навиштаҳои маро онҳо меписандида бошанд? Ниҳоят, ҳушамро як ҷо ҷамъ намуда, дар муҳлати муқарраршуда табрикоти муфассал навишта омода сохтам. Онро соати $14^{00}$ ба назди С. Зуҳурзода даровардам. Ӯ табрикотро бодиққат мутолиа намуда, қаноатмандона аз ман пурсид:

- Ту Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро бо ихтисоси забони арабӣ тамом кардаӣ?

- Не, - гуфтам ман, - Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлобро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардаам.

- Ташаккур! – гуфт ӯ ва хомӯш монд.

Ман хайрухуш намуда, ба берун баромадам. Ба моҳияти саволи додаи С. Зуҳурзода зуд сарфаҳм рафтам. Дар табрикот ман ҳадисе аз номи ҳазрати Муҳаммад (с) бо забони арабӣ оварда, мардумро ба сулҳу оштӣ ва ваҳдат даъват карда будам. Албатта он ба С. Зуҳурзода, ки марди суханшинос буд, хуш омадааст.

Рӯзи 1 январи соли 1993 табрикоти роҳбари Фронти .халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сангак Сафаров дар рӯзномаи «Хатлон» нашр шуд ва аз ин хурсандии маро ҳадду канор набуд, зеро навиштаҳои ман бетаҳрир чоп шуда буд ва ҳамчунин барои ман боиси ифтихор ва сарфарозӣ буд, ки заррае ҳам бошад, ин табрикот қалби хунрези гурӯҳҳои мухолифро гарм намуда, ба адолат, шафқат ва мурувват моил месозад.

Мегӯянд, ки «Барф ҳам мегузарад». Он рӯзҳои сиёҳи Тоҷикистон низ гузаштанд. Бо ҷонфидоии мардони сарсупурдаи миллат, махсусан Президенти феълии мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба Ваҳдати комил расидем, вале гоҳо аз он қаламкашоне ёд мекунам, ки бо шиками гурусна, тарсону ҳаросон, бе маош баъзан зери борони тир мардумро ба сулҳу оштӣ, Ваҳдат, бахшиши гуноҳҳо даъват мекарданд. Охир, ҳама гуна аъмоли неку бад аввал аз дили аҳли эҷод мегузарад. Онҳо гӯшаҳои торики зиндагиро синчакорона назар меандозанд, аз ҳар як кори нек меболанд, аз амали бад дилхун мегарданд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ҳар кӣ по кач мениҳад, хуни дил мо мехӯрем,*
*Шишаи номуси миллат дар бағал дорем мо.*

## 4.4.ХАТЛОН ДАР «ТАЪРИХИ ҲУМОЮН»

*Замин чун бар фалак н-яд мубоҳӣ,*
*Ки Хатлон халқ кард аз вай Илоҳӣ.*
*Чу Хатлон хиттае кам офарида,*
*Ки фирдавсе ба олам офарида.*

*[Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ,1962, с.25].*

«Таърихи Ҳумоюн» асари ҷуғрофиест, ки ба қалами Муҳаммад Содиқхоҷа Гулшанӣ мансуб буда, аз диди манофеи аморати Бухоро таълиф шудааст. Бештари маълумоти дар асари мазкур зикршуда дар асоси мушоҳидаву наззораи бевоситаи муаллифи асар рӯйи коғаз омадааст.

Содиқхоҷа Гулшанӣ бар хилофи онҳое, ки таърихи пурифтихори гузаштаи моро нодида мегиранд ва хати батлон мекашанд, дар мавриди вазъи маишии тоҷикони пеш аз инқилоби болшевикӣ– машғулият ва сатҳи илму дониши онҳоро хеле воқеъбинона, дар асоси дидаю шунидаҳояш ба риштаи тасвир кашидааст.

Устод Садриддин Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» аз Содиқхоҷа Гулшании Бухороӣ ба некӣ ёд мекунад. Баъди зикри ду ғазали Гулшанӣ аз тазкираи Садри Зиё [Айнӣ, 2010, с.311–312] бо дарназардошти «Таърихи ҳумоюн» таъкид менамояд, ки «Содиқхоҷа Гулшанӣ аз ҳисобу ҷуғрофиё хабардор буд. Мамлакати Бухороро сар то сар масоҳат карда, бо забони форсӣ ҷуғрофиёи муфассале навишта буд» [Айнӣ, 2010, с. 312], вале устод С.Айнӣ асари мазкурро иштибоҳан соли 1918 талафшуда меҳисобад [ҳамон ҷо, с.312].

Бояд гуфт, ки дар асари мазкур шароити табиӣ, иқлим, вазъи илму фарҳанг, ҳунару шуғли бошандагони ҳудуди ҳозираи Хатлон хеле воқеӣ тасвир шудааст. Гулшанӣ мақолаи ҳафтуми асарашро ба тасвири вилояти Хатлон ихтисос додааст. Вай муътақиди он аст, ки «Вилояти Хатлон ал-машҳур ба Кӯлоб аст» [«Садои Шарқ», 2018, №9, с. 119].

Гулшанӣ ба панҷ қисмат тақсим шудани ин вилоятро таъйид ва марказаш – **Кӯлоб**ро «шаҳрест азим, биноест қадим» [ҳамон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ҷо, с. 119] тавсиф мекунад. Ҳамчунин дар дили кӯҳистон ҷойгир шудани ин вилоятро низ гӯшзад менамояд.

Ба қавли Гулшанӣ ин мавзеъ аз қадим маншаи аспҳои тозӣ ва макони аспҳои мақбули хатлист [ҳамон ҷо, с.119]. Ғаллаи ин мавзеъро фаровон ва нархи онро арзон мешуморад. Аз мавҷудияти 45 адад мадрасаҳои азими ин шаҳр ва атрофи он, ки пуропури толиби илманд, ёд мекунад: «Баъд аз Бухорои Шариф ҳеҷ шаҳр мисли Кӯлоб ба касрати талаба нест, мутаҷовиз аз сӣ ҳазор талаба ба шаҳру финои он машғул ба таҳсиланд» [ҳамон ҷо,с. 119]. Номбурда аз вофир будани хатмкардагони мадрасаҳои Бухоро дар Кӯлоб низ ёдовар шудааст.

Муаллифи рисола аксари аҳолии ин вилоятро иборат аз тоҷикон медонад, вале аз қабилаҳои турк маскунияти халқияти лақайтаборро низ дар ин макон рад намесозад ва онҳоро дар санъати сохтани асбобу абзори асп беамсол арзёбӣ мекунад. Гулшанӣ маҳсули дасти мардуми Кӯлоб – матои алочаи кӯлобиро маъруфу машҳур мешуморад. Махсусан ба обҳои ҷории фаровони ин ҷо низ забони тавсиф мекушояд. Гулшанӣ макони шоирону адибон ва аҳли фазл будани Кӯлобро таъкид намуда, мегӯяд, ки «Аҳолии ин марзу бум хушмашраб, толиби созу тарабанд ва авоми он аксар иштиёқу шавқу завқ ба рубоб доранд ва ба мазоқи аҳли Бадахшон ва нағамоти онҳо маҳорат доранд» [ҳамон ҷо, с.120].

Дар асар теъдоди зиёди масҷиду мадрасаҳои Кӯлоб ҷо низ таъкид шудааст. Вобаста ба ин номбурда аз мавҷудияти мадраса дар назди мазори Халилато – бобои қозӣ мулло Мир Садриддин ва марқади Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ – соҳиби илми ҳолу қол ёдовар шудааст. Дар қатори ба косибӣ, зироаткорӣ машғул шудани мардуми шаҳрнишини Кӯлоб ва қарияҳои обод аҳолии дашт ба ғаллакорӣ шуғл меварзидаанд. Мардуми кӯҳистон ба шикорчигӣ, махсусан сайди вуҳуш – хирс бештар майл доштаанд. Машғулияти аҳолии дар соҳили Ёғсу маскунро аз тиллои рег шустан иборат медонад [ҳамон ҷо, с. 120]. «Ва аҳолии тоҷики вилояти мазкур ба ҳусну ҷамол машҳуранд»[ҳамон ҷо,с.120],- мегӯяд Гулшанӣ. Нуқтаи назари номбурда дар ин маврид ба тавсифномаи Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ ба ҳусну ҷамоли бонувони ин мавзеъ монанд аст:

*Ба иффат чун занони покдоман,*
*Зи хуни лола марҷон то ба доман.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Ба хубонаш макун нисбат, ки бинӣ,*
*Хиҷолат маҳвашони Руму чинӣ.*
*Паризодони аз ноз офарида,*
*Зи шӯхиҳои эҷоз офарида.*
*Ба тори зулфашон дандони шона,*
*Расад, дил мекушояд дона – дона.*
*Ба рӯйи сабза аз нозукравонӣ,*
*Бароянд дар либоси авргувонӣ.*
*Биборад аз замин то осмон ранг,*
*Кузаҳ аз шаш ҷиҳат созад аён ранг.*
*[Ҳоҷӣ, 1962, с. 250-261].*

Гулшанӣ аҳолии Хатлонро сернуфус мешуморад. Вилояти Хатлонро Гулшанӣ «Як ҳукумати мустақилаи худсар» [“Садои Шарқ”, 2018, № 9, с. 121] ба мисли Ҳисор медонад ва ёдовар мешавад, ки амири марҳум – Абдулаҳад баъди Ҳисори Шодмон ин вилоятро низ тасарруф намуда, аз дасти Сарахони лақай мегирад ва ба давлати Бухорои Шариф ҳамроҳ мекунад. Баъд аз убури дарёи Вахш ва гузаштан аз кӯпруки Норак оғоз ёфтани ҳудуди Хатлон – Балҷувону Кӯлобро гӯшзад намудааст, вале ҳудуди то ин ҷоро тобеияти Душанбеву Ҳисор мешуморад.

Гулшанӣ Ҳукумати дуюм аз иёлоти Хатлонро ҳукумати **Балҷувон** мешуморад. Мавқеи ҷойгиршавии онро самти шарқӣ – ҷанубии Кӯлоб ва шарқи вилояти Ҳисор медонад ва масофаи онро то Кӯлоб чор фарсах (24 км) ва то Ҳисор бисту чор фарсах (144 км) дониста, нуфуси Балҷувонро як лаку бист ҳазор (120 ҳазор) хонавор муқаррар намудааст. «Ин мамлакат тамом кӯҳистон аст» [ҳамон ҷо, с.121],- мегӯяд Гулшанӣ. Ҳамчунин меафзояд, ки «Раоёи ин мамлакат аксар галадоранд. Аспи ин вилоят забонзади хосу ом ва марғуби аном аст. Аспи ин вилоят бисёр ғаюр меояд. Ба кӯҳпаймоӣ беадил аст ва ба хушсуратӣ беназир. Ҳарсола мутаҷовиз аз даҳ ҳазор раъс (сар) асп аз ин вилоят ба Бухоро ва финои он мебаранд. Аксари аспҳои мавҷуди дар Бухоро будагӣ аз ин ҷост» [ҳамон ҷо, с.121]. Илова бар ин хабар медиҳад, ки тоҷикони Балҷувон рӯзгори фақирона ба сар мебаранд, зеро заминҳои ин мавзеъ аксаран лалмианд ва агар сол хушк ояд, мардум фақир хоҳанд шуд. Гулшанӣ дар Балҷувон теъдоди косибонро низ кам мешуморад. Гулшанӣ ба шумули чор адад хонақоҳи ҷумъа ва идайн, 45 адад масҷид ва 15 мадрасаи ҷӯбин, аз хонақоҳи сари мазори Хоҷаи Балҷувон [мурод Шоҳ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Неъматуллоҳи Зарробӣ – Ҳ.М., А.С.] низ ёд мекунад, вале теъдоди толибилмони Балҷувонро нисбат ба Кӯлоб кам меҳисобад. Аммо Гулшанӣ хушҳавоӣ ва фараҳфизоии талу теппаҳои Балҷувонро махсус таъкид месозад. Ба гуфтаи Ҳоҷӣ Ҳусайн:

*Биҳиште, лек одам гашта сокин,*
*Латофатманзиле рашки амокин,*
*Зи хокаш қолаби Одам кашида,*
*Ки аз ҷаннат ба ин ҷо орамида.*
[Ҳоҷӣ,1962, с. 261]

Гулшанӣ инро низ ёдрас кардааст, ки баъди фатҳи Балҷувон аз тарафи Бухорои Шариф то ҳол як даста аскарони аморат ин ҷо посбонӣ мекунанд, вале худи бекигарии Балҷувон низ зиёда аз се ҳазор навкар дорад. «Аҳолии тоҷики ин вилоят [Балҷувон-Ҳ.М..А.С.], хусусан тоҷики кӯҳистонӣ ва қурои он ба ҳусну ҷамол машҳуранд, - иброз доштааст Гулшанӣ. – Ва дӯшизагони онҳо бағоят ширинзабон ва соҳиби ҳусну ҷамол ва бадеҳагӯй ва ҳаззоланд. Аксар аз ағниёи Ҳисору Хатлон аз инҳо издивоҷ менамоянд» [ҳамон ҷо, с. 122]. Гулшанӣ аз шуғли регшӯии мардуми Балҷувон дар соҳилҳои рӯди Вахш ёдовар шуда, таъкид менамояд, ки «Агар тиллои Вахш набудӣ, аксари фуқарои Балҷувонро фоқа куштӣ» [ҳамон ҷо, с. 122].

Содиқхоҷа Гулшанӣ қисмати сеюми вилояти Хатлон **Ховалинг**ро мешуморад ва ин иёлотро сернуфус ва вофирзироат медонад, заминҳояшро, ки обию лалмианд, ҳосилхез азёбӣ менамояд. Гулшанӣ аҳолии ин мавзеъро нисбат ба Балҷувон бойтар мешуморад, «агарчи ин мавзеъ аз қадимулайём замимаи ҳукумати вилояти Балҷувон шудааст» [ҳамон ҷо, с. 122].

Ба қавли Гулшанӣ «Аҳолии ин қазо тамоман тоҷиканд ва дӯшизагони ин вилоят машҳуранд ба ҳусну ҷамол. Аспи ин вилоят низ ба сурату сират мавсуф аст. Ба ҷомеаи амсор марғуб ва ба тамоми билод маҳбуб аст. Ба ғайрат ва давандӣ мумтоз ва ба кӯҳнавардӣ беанбоз аст» [ҳамон ҷо, с. 122].

Яке аз шуғлҳои аҳолии ин мавзеъро шикори парандагон ва ҳайвоноти ваҳшӣ, махсусан шер ва хирс медонад. Аз тирандоз ва сайёд будани бошандагони ин кишвар ёдовар шуда, мегӯяд: «Аз камоли ҷасорат баъзеи онҳо хирсро бо ханҷар низ сайд менамудаанд» [ҳамон ҷо, с. 122]. Толибони илм ва шайххҳои ин мавзеъро низ бисёр васф кардааст ва аз мавҷудияти мадрасаҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

чӯбин дар қарияҳои азим хабар додааст, ки он ҷо шайхҳо ба толибилмон илми қолу ҳол меомӯзонидаанд.

Гулшанӣ аҳолии Ховалингро нисбат ба Балҷувон ҳалиму оромтабиат ва аз хушунат орӣ мешуморад. Масофаи Ховалинг то Кӯлобро ҳафт (42 км) ва то Балҷувон – маркази ҳукумат чор фарсах (24 км), то Ҳисор бист фарсах (120 км) ва то Бухоро 76 фарсах (456 км) ҳисобидааст. Мавқеи ҷойгиршавии Ховалингро шимоли Балҷувон ва ғарби Кӯлоб шумурда, шаҳри қадима будани Ховалингро ёдрас мекунад [ҳамон ҷо, с. 123].

Гулшанӣ ба шумули 18 амлокдории Балҷувон бахши чоруми иёлати Хатлон қасабаи **Кангурт**ро мешуморад, ки аҳолиаш фақиру муҳтоҷ ва касбашон тиллошӯӣ будааст. Сокинонашро иборат аз тоҷикон ва нуфусашро беш аз 10 ҳазор хонавор донистааст, вале зироати ин мавзеъро назар ба Ховалинг кам ва аҳолиашро «…аз илму саноат бебаҳра…» [ҳамон ҷо, с.123] дарёфтааст.

Гулшанӣ қисмати 5-уми вилояти Хатлон – ҳукумати **Қӯрғонтеппа**ро мавриди тасвир қарор дода, мавқеи ҷойгиршавии онро дар ҷанубу шарқии Ҳисор, ҷанубии Кӯлоб ва ғарби Дарвоз мешуморад. Оғози онро аз Кийик Даҳана [Даҳанакийик] ва анҷомашро то Сарои Камар (Панҷ) – канори рӯди Чайҳун [Панҷ] 12 фарсах (72 км) донистааст.

Гулшанӣ ин вилоятро бисёр сервусъат ва паҳновар арзёбӣ намудааст, вале ба ҷуз аз канори рӯди Ҷайҳун дигар қисматҳои онро камнуфус дармеёбад. Аз зироатҳо машғулияти аҳолиро шоликорӣ ва кунҷид, шикори мурғи даштӣ донистааст. Макони хукҳои ваҳшӣ будани ин ҷоро низ таъкид кардааст. Аҳолии ин ҷоро иборат аз лақай ва тос медонад. Қабилаи қатағанҳоро низ аз он тарафи рӯди Ҷайҳун – Қундуз ба ин ҷо ба ҳайси муҳоҷир омаданашонро ёдоварӣ менамояд. Мавқеи ҷойгиршавии Қӯрғонтеппаро канори шимолии рӯди Ҷайҳун шумурдааст. Қабилаҳои қатағанро мардуми галадор, вале қабилаҳои тос ва лақайро мардуми қалбдаст мешуморад, зеро “онҳо аз наҳри Ҷайҳун убур намуда, аз тобеоти афғонӣ сирқат намуда меоянд” [ҳамон ҷо, с.123], вале ба дуруштии табъ ва хушунат машҳур будани қабилаҳои тосро махсус қайд кардааст.

Гулшанӣ қасабаи **Саройкамар**ро мулки ободон меҳисобад, чунки ҷамъияти фаровону тиҷорати равнақдор дорад ва ҳар сол ғаллаву кунҷиди зиёде аз роҳи Омӯдарё ба навоҳии соҳилии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бухоро ва Хева содир мешавад. Ҳамчунин Гулшанӣ дар канори Лаби оби ин ҷо наздики даҳ ҳазор хонавор маскун шудани қабилаҳои туркман ва панҷ ҳазор қабилаҳои қазоқҳоро таъкид мекунад, ки онҳо ғаллакору шутурдоранд. «Ҳеҷ вилоят, - таъкид мекунад Гулшанӣ, - мисли Қӯрғонтеппа қобили ғунҷонидани раоёи фаровон ва қобили чаронидани галаи фаровон нест, чаро ки бағоят серхошок ва сероб аст» [ҳамон ҷо, с. 124]. Гулшанӣ аз дарёи Вахш ёдовар мешавад, ки маҷрои он аз Балҷувон оғоз ёфта, омада ба рӯди Ҷайҳун мерезад. Мавсуф шуғли сокинони соҳили ин рӯдро иборат аз тиллошӯӣ медонад, ки онҳо аз ин ҳисоб сарвати ҳангуфт ғундоштаанд.

Гулшанӣ аз кӯҳи канори рӯди Ҷайҳун бо номи Лағмон ва аз қӯрғони харобаи таҳти он, ки бинои қадим ва замоне шаҳри азим будааст ва аз абнияи Кайхусрав боқӣ монда будааст, ёд мекунад ва Кайхусрав маҳз дар қиболи он обод кардани Қубодиёнро низ таъкид менамояд. Гулшанӣ инро низ хотиррасон мекунад, ки шаҳри Лағмон дар замони салтанати Каёниён бағоят ободу маъмур ва нуфусаш дорои зиёда аз як лак (сад ҳазор) сакана будааст. Гулшанӣ номи дурусти ин шаҳрро “Лак-мон” меҳисобад, зеро ки гӯё Кайхусрав ба бонигари қалъа таъин намуда будааст, ки ба дохили ҳисори он як лак (сад ҳазор) хонавор аҳолиро ҷойгир созад. Гулшанӣ аҳолии Даҳанакийик ва соҳили рӯди Вахшро 35 ҳазор хонавор, вале сокинони Сарои Камар, Лаби об ва Ҷиликӯлро 75 ҳазор хонавор донистааст. Гулшанӣ масофаи Қӯрғонтеппа то Бухорои Шарифро, ки дар шарқи ҷануби он воқеъ аст, 76 фарсах (456 км) ва аҳолии мавзеи амлоки Даҳанакийик ва канори дарёи Вахшро иборат аз тоҷикон медонад. Ӯ нуфуси тамоми аҳолии Хатлонро [ба истисноӣ Қубодиён] чор лаку 5 ҳазор (405 ҳазор) шумурдааст.

Гулшанӣ **Қубодиён**ро ба ҳайси вилоят ба ҳайати Хатлон нею ба ҳукумати чоруми иёлати Ҳисор мансуб дониста, мавқеи ҷойгиршавии онро ба қисмати ғарбии ҳукумати Қӯрғонтеппа, ҷануби вилояти Ҳисор ва ба канори шимолии дарёи Кофарниҳон ҳаммарз донистааст. Ба гуфтаи номбурда дарёи Кофарниҳон аз Ҳисор оғоз ёфта, қисмати зиёди заминҳои Қубодиёнро буридаву шикофтаву обёрӣ намуда, бо паймудани ҳафт фарсах (42 км) роҳ дар қарияи Айвоҷ ба рӯди Ҷайҳун мерезад. Гулшанӣ ду канори наҳри мазкурро сераҳолӣ мешуморад ва имони комил дорад, ки Қубодиёнро Кайқубод бунёд намудааст ва дар замони ободии



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

уму-л- билоди (модари кишварҳо)- Балх бисёр обод будааст. Ба гуфти ӯ тахти Кайқубод то ҳозир дар болои кӯҳи маруф бо номи Тахти Қубод пойбарҷост [ҳамон ҷо, с. 116].

Гулшанӣ Қубодиёнро шаҳри хурди дарозрӯя медонад, ки се кӯҳ онро иҳота намуда, як сой дар ҳудудаш воқеъ аст ва ин кӯҳҳо- Хоҷа Ғозиён аз шимол то шарқу ғарб, кӯҳи Тахти Қубод аз шарқ, кӯҳи Тобакӯтал аз шимол ба ҷануб тӯл кашидаанд. Дар кӯҳи Тобакӯтал, ки қарияи Бешканд аст, хонандаро аз мавҷудияти равғани намак огоҳ месозад ва ёдовар мешавад, ки дар моҳи саратон аз ин ҷо равғани намак мегиранд. Ҳамчунин хабар медиҳад, ки дар туғайзорони соҳилҳои дарёи Кофарниҳон аз ҳайвоноти ваҳшӣ – шер хеле зиёд аст ва ҳар сол бар асари ҳамлаи онҳо одамони зиёде кушта мешаванд.

Гулшанӣ қисмати ҷанубии рӯдро амлоки **Бешканд**и Қубодиён меҳисобад ва масофаи Қубодиён то Бешкандро се фарсах (18 км) медонад. «Аз сари мазори фоизу-л-анвори қадамгоҳи ҳазрати Алӣ карама-л-лоҳу ваҷҳаҳу, ба қарияи Чиҳилчашма мебошанд, - мегӯяд Гулшанӣ. – Ба болои Тобакӯтал ва аз таҳти мазор миқдори чиҳил чашмаи маъдуд набаъон менамояд, аз миқдори як ҳавз ҷой ва тамоми онҳо ба ҳавзи мазкур ҷамъ шуда, як наҳр шуда, ҷорӣ мегарданд, ки аз оби чашма ва наҳри он тамоми як амлоки Бешканд зироат менамоянд. Бо вуҷуди оби чашмаи мазкура як наҳри азим будан, тамоми оби он сарф мешавад ва чизе аз он ба дарё намерезад» [ҳамон ҷо, с. 117].

Ба ақидаи Гулшанӣ дар Бешканд дар гузашта қабилаи худсари дӯрманҳо ҳукмронӣ мекардаанд. Ҳамчунин ӯ аз мавҷудияти ягона масҷиди мунаққашу чаҳорбоғи он бо номи Пашшахона низ хабар додааст. Зироату меваҷоти ин мавзеъро фаровон мегӯяд. Махсусан аз бисёрии анору бодоми он, ғӯзаи пиллаи ин мавзеъ ёдовар шудааст ва ҳатто таъкид кардааст, ки банди эзори бошандагонаш аз абрешим аст. Аксарияти бошандагони қарияи Чиҳилчашмаро аз хоҷагон иборат медонад.

Аз хотироти дар ин қисмат овардаи Гулшанӣ маълум мегардад, ки ӯ соли 1325 ҳиҷрии набавӣ бо мақсади дидани Қубодиён аз роҳи Шеробод ва Тирмиз ба боли кӯҳи Тобакӯтал роҳат мебарояд. Мепиндорад, ки гуфтаҳои ашхосе, ки ӯро аз мушкилоти ин кӯҳ метарсонданд, муҳобот аст. Аз он ҷо тамоми Қубодиёнро дар зери по мебинад ва байти зеринро бадоҳатан мегӯяд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Чун шунидам, ки роҳати ҷонӣ,*
*Чун бидидам, ҳазор чандонӣ.*

Вале ҳангоме ки масофаи нимфарсахии (секилометрии) росту сарнагуни кӯҳро бо тарсу ваҳм ва ҷон ба каф гирифта мефуроянд, ғазали зеринро ба ин муносибат месароянд, ки он илова бар ду ғазали аз тазкираи Садри Зиё овардаи устод С.Айнӣ ( (1) *Ба оташ афканад лаъли лабат лаъли Бадахшонро, Қади сарви ту биншонад, зи по сарви гулистонро... (2) Чун меҳр биё, чодари заррин ба сар андоз, Биншину сарандоз зи сар гиру сар андоз...*) аз ғазалҳои хеле зебою мукаммали шарҳиҳолии Гулшанӣ маҳсуб мееёбад:

*Тавба кардам, ман аз Тобакӯтал гар гузарам,*
*Ҳамчу маъдан бидиҳад хирмани зар, гар гузарам.*
*Сар кашида зи саро то ба сурайё аз бас,*
*Баста бар бозуи худ боли кабӯтар, гузарам.*
*Гар фаротар ниҳам аз Тобакӯтал қадаме,*
*Метавонам ба сари гунбази ахзар гузарам.*
*Зад раҳи Шокӯталу Тобакӯтал кай мумкин,*
*Бе мадад кардани сарпанҷаи Ҳайдар гузарам.*
*Гузарам гар ман аз ин агбаи сахти шомих,*
*Ҳамчу аъҷуҷ ман аз садди Сикандар гузарам.*
*Нигарад кас ба яке пайкар аз ин кӯҳи рафеъ,*
*Бурҷи ҷавзосифат илло ба дупайкар гузарам.*
*Нагзарам, Гулшанӣ, аз Тобакӯтал бе заҳмат,*
*Бе тааб гарчи ман аз пеши ғазанфар гузарам.*

(“Садои Шарқ”, 2018, №9, с.118).

Гулшанӣ баъди аз Тобакӯҳ фуромадан сарашро рӯйи санге ниҳода, нафас рост мекунад. Баъдан, вақте ки ба Чиҳилчашма ворид мегардад, гумон мекунад, ки аз дӯзах ба биҳишти ҷовидон омадааст.

Ба ҳамин тариқ, Содиқхоҷа Гулшанӣ дар «Таърихи ҳумоюн» ҳудуди ҳозираи Хатлонро бо тамоми ҷузъиёташ воқеъбинонаю табиӣ ба қалам додааст ва дар назари хонанда Гулшанӣ бо ин асараш худро ба ҳайси донандаи хуби ҷуғрофия, таърих ва адабиёту санъат ҷилвагар сохтааст.

**Пайнавишт:**

1.Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик.- Душанбе: “Адиб”, 2010.- С.311-312.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

2.Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ. Таърихи ҳумоюн.//”Садои Шарқ”, 2018, №9.- С. 105-132.

3.Муҳаммад Ҳусайни Ҳоҷӣ. Асарҳои мунтахаб.- Душанбе: нашр. давл. тоҷ., 1962.

4.Муродиён Ҳасан. Хатлон аз нигоҳи Ҳоҷӣ Ҳусайн.//Дар китоби Ҳасани Муродиён “Аз тамрин то тамкини сухан”.- Душанбе: “Ирфон”, 2015.- С.102-107.

## 4.5.ДУРАХШИ ЗИЁБАХШИ КӮЛОБ

*Об хӯрдем солҳо аз косаи гирдобҳо,*
*Тоб хӯрдем борҳо дар дасти оҳантобҳо.*
Лоиқ

Мусаллам аст, ки эътиқоду иродаи инсон ба маконе, ки таҳсил кардааст ва ба шаҳре, ки пурнишоттарин лаҳзаҳои ҷавониашро он ҷо оғоз бахшидааст, аз арзишмандтарин отифаҳои рӯҳии одамист. Гумон мекунам, барои банда тасаввури вуҷудам бидуни ин муҳаббат аз имкон берун бошад. Бо афзудани солҳо аз хатми донишгоҳ вуҷуди эътиқодоварам ба ин шаҳри ормонҳо ва ин сарзамини ишқу ихлос - Кӯлоб қавитар мегардад ва пайваста аз он лаҳзаҳои хуши айёми шубоб ҳушдорам медиҳад. Ҳамаи ин нуктаҳо дар ҷилварезӣ ва тафсири муҳаббатам ба макони таҳсилу нашъунамо чун зодбум бароям муқаддас ҷамъбаст мешавад.

Барои банда зодгоҳ ва донишгоҳ, ба вижа донишгоҳе, ки дар он таҳсил кардаам, як гӯшаи муқаддастарини Ватани азизам – Тоҷикистон аст ва ин меҳани кӯчакам - зодгоҳу донишгоҳамро баробари Ватани бузург – Тоҷикистон мепарастам, дӯст медорам:

*Донад Худо, ки баъди Худо мепарастамат,*
*Ҳон, эй Ватан, мапурс чаро мепарастамат.*
*Дар нимашаб, ки боз кунад осмон дараш,*
*Бо сад ҳазор дасти дуо мепарастамат.*
(Халилуллоҳ Халилӣ)

Танҳо пас аз ҷудоӣ аз макони илму ихлос инсон дар гирдоби ин эҳсоси гуворо ғарқ хоҳад шуд. Ин ҳолатро танҳо баъди аз шаҳри зебои Кӯлоб ба Вахш азимат кардан эҳсос намудам ва бо гузаштани фосилае дарёфтам, ки Кӯлоб барои ман ҳамон шаҳри ормониест, ки назирашро дар афсонаҳои модаркалон мешунидам.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ман метавонам Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакиро макони сароғози рушд ва мавтани ҷамъи дастовардҳои хеш бишносам. Дар ҳоле ки аввалин гомҳои ҷасуронаи худро дар ҳамин шаҳр ва дар ҳамин донишгоҳ дар ҷодаи илм гузоштам ва маълумоти олии касбиро маҳз дар ҳамин маъвои азизу муқаддас соҳиб шудам. Ҳаргиз овони таҳсил дар ин боргоҳи илму маърифат, ки чун нигини ангуштарин дурахши зиёбахше ба шаҳри Кӯлоб зебу фар мебахшад, хишти нахустини бинои саводи маро тавсеа бахшидааст ва таълиму тадриси устодони арҷманди ин маъбади маърифат аз хотирам фаромӯш намешавад. Гумон мекунам, ки ҳоло ҳам ман шогирди ин донишгоҳам, хаёлам ҳамагӣ чанд лаҳзаяке пеш буд, ки ба ин даргоҳи илму ихлос гом ниҳодам ва саводу маънавиятро аз устодони аксаран бе дараҷаю унвони илмии он, ки бартар аз садҳо докторҳову профессорон буданд, омӯхтам.

Одатан аз ноҳияи Вахш аксарияти ҳамдиёрони ман барои таҳсил ба шаҳри Душанбе мерафтанд, вале банда бо ҳидояти писарамакам Хуҷамурод Фазлиддинов, ки ҳамон сол (1975) хатмкунандаи факултаи филологияи Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб буд, ин донишкадаи музофотиро ихтиёр кардам. Бо баҳои сею чор имтиҳоноти дохилшавиро супурдам, вале азбаски дар як ҷой то шаш нафар ҳуҷҷат супурда буданд, комиссияи мандатӣ низ калон буд. Фазлиддинов ва дӯсташ Абдураҳмон Азимов (ҳоло генерал, вакили Маҷлиси намояндагони Шӯрои Олии ҶТ) маро тасалло медоданд, ки ту комёб мешавӣ, зеро барои Вахш барин ноҳияҳои камомӯзгор гузашт мекунанд. Вақте ки ба толори комиссияи мандатӣ даромадам, ректори донишкада Хушвахтов Иқбол Давлатович, марди зебои ботамкин маро ба ҳозирин шинос кард. Шахсе аз ҷояш хеста, дар бораи холҳои имтиҳонот, аттестат ва имтиёзҳои ман маълумот дод. Он лаҳза ба ёдам расид, ки ҳангоми имтиҳони забони тоҷикӣ ҳамин устод даромад ва яке аз имтиҳонгирандагон ба вай  Соат Чалишев гуфта муроҷиат намуд. Чалишев ба ман, ки дар назди тахта ҷавоб медодам, махсусан ба сари тоза тарошидаам ва гӯшҳои калонам зеҳн монда, «Ваҳ, сари ин бача мисли сари буққа аст – е!» - гуфта хандида баромада рафта буд. Пас аз маълумоти додаи Чалишев ректор «Бе стипендия мехонӣ?» - гуфта ба ман муроҷиат намуд. Ман бо аломати тасдиқ сар ҷунбонидам. Ӯ маро барои донишҷӯ шудан табрик кард. Вақте ки давида аз толор баромадам, котиби



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

комсомолии донишгоҳ Ҷумъахон маро дидан баробар «Рафтем, аз ошёнаи сеюм мизу курсӣ мефарорӣ» - гуфта ману се ҷавони дигарро ба бинои факултаи забони русӣ раҳнамоӣ кард. Ман аз хурсандӣ мизро пуштора карда, давида-давида ба поён мефуромадам. Дар як лаҳза чӣ хел ҳашт мизро ба поён худам танҳо фуровардам, ёд надорам.

Соли таҳсили 1975-1976 ман дарсро дар курси аввали факултаи забон ва адабиёти тоҷик оғоз кардам. Баъди 10-уми сентябр моро ба пахтачинӣ бурданд. Ман то 250 кг пахтаи тоза ва то 800-1000 кг тагрези пахтаи мошиначинро ҷамъоварӣ мекардам. Вале дар охири моҳи октябри ҳамон сол дар гулӯи ман як захм баромад ва ҷарроҳӣ шудам. Ду ҳафта дар беморхонаи ноҳияи Фархор хобидам. Вақте рухсатӣ шудам, ки ҳамкурсонам аз пахтачинӣ баргашта буданд. Ман ҳамон сол сессияи зимистонаро бо баҳои чору панҷ ҷамъбаст кардам ва ҳуқуқи идрорпулӣ гирифтанро соҳиб шудам. Аз ҷиҳати содагӣ дар охири курси 1 маро ба сабаби дар намоиши 1 май - Рӯзи якдилии байналхалқии меҳнаткашони дунё иштирок накардан дар бюрои комсомолии факулта муҳокима карданд.Сабаби иштирок накарданам аз он иборат буд, ки аз ноҳияи Вахш ба ман хабар расид, бобоям вафот кардааст ва рӯзи 1-уми май дафн карда мешавад, вале вақти муҳокима маро касе бовар намекард. Яке таклиф мекард, ки ман аз сафи донишҷӯён хориҷ карда шавам, дигаре мегуфт, ки маро аз гирифтани идрорпулӣ маҳрум созанд. Ниҳоят, декани факулта Соат Чалишев таклиф кард, ки ба ман танбеҳ дода шавад. Аз ин иддаои декан ман нафаси озод кашидам ва як дараҷа хурсанд ҳам шудам.

Ҳангоми дар курси якум хондан гурӯҳи мо (А) азбаски муаллимаи забони русӣ Ҷобирова 10 дақиқа дер кард, ҳама дастҷамъона ба тамошои кино ба кинотеатри «Гулистон » рафтанд. Ман ҳамроҳи Бобихол Ҳалимӣ дидем, ки ҳама рафт, дар берун нишаста саргарми суҳбат шудем. Муаллима ба декан дар ин хусус хабар додааст. Баробари оғози ҷуфти дуюм, ки лексияи якҷояи забони адабии ҳозираи тоҷик аз устод Сангов Қ. буд ва мавсуф дар як вақт куратори мо низ ҳисоб мешуд, декан Соат Чалишев ҳамон шарфи сурхи пашмиаш дар гарданаш печонидагӣ ва палтояш дар сари китфаш хурӯсвор қадам монда, ба дарсхонаи мо зада даромад. Ман, ки дар мизи аз самти даромад дуюм менишастам, сумкаамро гирифта, дар сари Одина



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Тағоев зад. Маро аз гиребонам дошта, тарафи тахта тела дод ва камина дав-давон то ба назди тахтаи синф расидам.

— Санги вазнин, (ин лақаби айёми донишҷӯии ман буд, ки декан такрори онро дӯст медошт, вале ҳамдарсон «коммунист» лақабам дода буданд), шарм намедорӣ, ки ту ҳам гурехтӣ?

Декан ҳамаи ҳамдарсони маро бонавбат ба муҷозот кашид ва боз бо ҳамон қадаммонии калон-калони хурӯсонааш ва ғурури ғолибонааш толорро тарк кард. Ҳама хомӯш будем. Устод Сангов Қ. хомӯшона моҷарои муҷозоти моро пушти минбар рост истода, наззора мекард ва якбора нидо кард:

— Ана, сазовори таҳқир шудед!

Мо ҳама якбора, бо як овоз хандидем, гӯё чизе нашуда бошад, дарс идома ёфт.

Дар нимсолаи дуюми курси 1 ман тамоми имтиҳонотро бо баҳои аъло супурда, ба қатори аълохонҳо даромадам. Дар мавсими пахтачинӣ низ аз ҳама пахтаи зиёд мечидам ва доимо мукофотҳои пулию молӣ ва ифтихорномаҳо мегирифтам.

Воқеан, барои пахтаи зиёд чидан борҳо мавриди муҷозоти ҳамкурсон қарор гирифтаам. Ҳатто чанд бор ба ман дорӯи хобовар низ хӯронидаанд. Онҳо мегуфтанд, ки ту одати коммунистиатро парто, камтар пахта чин, то ки мо низ аз декан гап нашунавем. Боре декан Чалишев Панҷшанбеву Лолоро барои кам чидан сарзаниш кард.Баъд аз ман, ки дар паҳлуи онҳо будам, пурсид: — Чанд кило чидӣ? Гуфтам: 105 кило. Гуфт: — Мемурдӣ, 120 кило мечидӣ, ки ҳисоби миёнаамон кам намешуд. Аз ин муомила ба ҳоли ман ҳама хандиданд.

Ман то ҳозир матни лексияҳои тамоми устодонро, агарчи аз хатми донишкада 36 сол гузаштааст, маҳфуз доштаам. Ягон лексия, машғулиятҳои амалӣ, сабти мухтасари асарҳои илмии хондашударо напартофтаам. Ҳатто лексияҳои фанни «Физиологияи синнусолӣ»-и устод Салим Мирзоевро низ то ҳол дар китобхонаам, ки ҳомили 10 ҳазор китоб аст, нигоҳ доштаам. Даҳҳо устодони соҳаҳои педагогика, психология, усули таълими забони тоҷикӣ ва усули таълими адабиёти тоҷик аз матни лексияҳои ман, ки устодон Расулов Д., шодравон Паҳлавонов А., шодравон Амиршоев, дотсент Сангов Қ., шодравон Шарифов А. ба мо дарс мегуфтанд, истифода бурдаанд.

Лексияҳои аз фанҳои муқаддимаи забоншиносӣ, грамматикаи таърихӣ, таърихи забон додаи устодон Иззатулло Тамлихоев,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Рустам Ҷӯраев ва Саидқул Сабзаев, дарсҳои аз фанни забони адабии тоҷик гузаштаи Кароматулло Қаландаров, Раҳим Саидов, Қодир Рустамов ва дотсент Қаюм Санговро фаромӯш нахоҳам кард. Вақте ки дотсент Чалишев С. аз фанни фолклори тоҷик дарс медод, ё Худобиомурз Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров таърихи адабиёти классикӣ мегузашт, ҳар як сухани воло ва байти обдори онҳо ба мо нашъаю нишот мебахшид, диламон аз фараҳ лабрез мегардид, лабонамон аз ханда гул мекард. Ман сиёҳнависи маводҳои ҳангоми таҷрибаи фолклорӣ (соли 1976) дар ноҳияи Ховалинг ҷамъовардаамро маҳфуз дошта, соли 1996 ҳангоми таҳияи рисолаи номзадӣ оид ба масоили кишваршиносии адабӣ корбаст намудам. Дарсҳои устоди зиндаёд Барот Нозимов бе абёти ширин ва баёни латифаҳои намакину дилнишин намегузашт. Агар дарси фалсафаи устод Файзӣ Борон мешуд, мо худро дар дунёи дигар тасаввур мекардем. Дарсро тарзе мегузашт, ки мо ҳатто садои зангро намешунидем. Воқеан, усули дарсгузарии устод Файзи Борон қобили омӯзиш ва пайравӣ буд.

Мо омӯзиши амиқ, таҳлили мӯшикофонаи забонро аз дарсҳои устодон Сангов Қ., Мирзоев Ғ., Сабзаев С. ва Асоев Р. омӯхтем.

Аввалин кори курсиро аз фанни адабиёти тоҷик аз  устод Искандар Икромов дар мавзӯи «Тарғиби ватандӯстии советӣ дар повести «Ятим» -и С. Айнӣ» навиштам. Мусаввадаи он бо қайдҳои устод Икромов то ҳол дар китобхонаам маҳфуз аст. Ҳангоми дар курси сеюм хондан аз фанни забони тоҷикӣ таҳти роҳбарии устод Аҳмад Алиев дар мавзӯи «Вазифаҳои грамматикии пешоянди «ба» дар романи «Замини падарон»- и Юсуф Акобиров» кори курсӣ навиштам. Аввал тамоми ҷумлаҳои пешоянди «ба»-дори романро дар варақчаҳо рӯбардор кардам, ки зиёда аз 860 ҷумларо ташкил медод. Баъд ҳар як ҷумларо вобаста ба вазифаҳои грамматикии пешоянди «ба» тақсим кардам, вале дар зиёда аз 100 варақча пешоянди «ба» ба ҷойи алоқаманд кардани калимаҳо дар ҷумла вазифаи калимасозиро адо менамуд. Ин варақчаҳоро ба устод Алиев нишон додам. Устод мутолиа намуда, иброз доштанд, ки дар баъзе мавридҳо пешоянди «ба» (дам ба дам, рӯз ба рӯз, худ ба худ, соат ба соат, чашм ба чашм  ва м. инҳо) калима ва ҳатто таркиб низ месозад. Устод ба ман фармуданд, ки доир ба вазифаи калимасозии пешояндҳо як маърӯза тайёр намуда, дар ҷамъияти илмии донишҷӯён гузориш  диҳам. Ин супоришро ман бо хушнудӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пазируфтам. Бояд бигӯям, ки дасти маро дар ҷодаи мушкили илм маҳз устод Аҳмад Алиев рост кард. Сипосгузорам аз устоде, ки маро моҳии тайёр хӯрданро не, балки моҳӣ гирифта хӯрданро ёд дод.

Ҳангоми дар курси дуюм хонданам тавассути радио моҳе як бор соати 15 $^{00}$ барномаи «Забон ва ҳусни баён» доир мегардид, ки онро профессори шодравон Шарофиддин Рустамов мегузаронид. Ман низ боре ба як саволи устод ҷавоб навишта, аз эшон таҳсин шунидам ва ин маро ба илмомӯзӣ шавқманд намуд.

Соли дуюми таҳсил дар назди рӯзномаи вилоятии «Роҳи ленинӣ» ба курси дусолаи ҷамъиятии журналист шомил шудам ва ба ин васила бо шарофати маслиҳатҳои судманди устодон Шералӣ Яҳёев ва шодравон Бобоҷон Абдулвоҳидов аз нозукиҳои касби журналистӣ огоҳ гардидам ва аввалин навиштаҳоямон низ дар ҳамин нашрия ба чоп расид.

Соли 1978 вақте ки дар курси сеюм мехондам, бори аввал олимпиадаи донишҷӯён таҳти унвони «Донишҷӯ ва прогресси илму техника» барпо гардид. Дар даври ҷумҳуриявии он ман низ иштирок намудам. Роҳбарамон устод Ш. Саидҷаъфаров мо- 10 нафар иштирокчиёнро ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бурд. Олимпиада таҳти роҳбарии донишманди номӣ Соҳиб Табаров мегузашт. Дар ин сабқат донишгоҳ дар ҳисоби гурӯҳӣ соҳиби ҷойи 2-юм ва дар ҳисоби алоҳида ман сазовори ҷойи сеюм шудам. Дар ин хусус ҳамон вақт дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» низ хабари хурде чоп шуда буд.

Маҳз пажуҳишҳои илмии пайваста, мутолиаи асарҳои илмӣ ва бадеии зиёде буд, ки ман боре дар дарси устод Ғоиб Мирзоев ҳамаро ба ҳайрат гузоштам. Устод акнун аз аспирантураи шаҳри Ленинград баргашта буд ва дониши фарогире дошт. Мо инро аз фанни «Таҳлили лингвистии матн», ки устод дарс медод, ба хубӣ пай бурда будем. Боре устод ғазали яклухтеро аз ҳазрати Ҳофиз дар тахта навиштанд ва онро таҳлили забонӣ карданд. Дар як ҷойи ғазал пешоянд вазифаи алоқамандкунии калимаҳоро иҷро мекард, вале ҷойи дигар пешоянди содаи «аз» буд ё «ба», ки вазифаи калимасозӣ дошт, аммо инро низ устод чун пештара вазифаашро танҳо аз алоқамандӣ маънидод намуд, вале ман бо талқини Зувайдов Саидмурод (ҷояш ҷаннат бод) ба ин фикри устод муқобил баромадам. Устод, ки табиатан шахси дидадаро буд, иқрор шуд, ки то ҳол ба вазифаи калимасозии пешояндҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

таваҷҷуҳ накардааст, вале густохии ман устодро сахт ҳайрон кард, чунки устод медонист, ки ман ҳеҷ гоҳ аз пеши худ чизе намегуфтам ва ба болои устодон намедавидам.

Соли 1978 дар ҳаёти ман воқеаи фаромӯшнашаванда рух дод. Бо Указзи Президиуми Советии Олии СССР аз 20 феврали соли 1978 ман барои хониши аъло ва меҳнати зарбдор бо медали «Барои меҳнати шоён» бо имзои Георгадзе М.П., раиси Президиуми Совети Олии СССР мукофотонида шудам. Мукофотро дар ҷамъомади тантанавии вилоятӣ ба ман котиби якуми ҳизби коммунисти вилояти Кӯлоб Ҳисомуддинов супурд. Рӯзи дигар ҳангоми дарси адабиёти бачагона устод Ёралӣ Содиқов нимшӯхию нимҷиддӣ ба ман шунавонида гуфт: «Ина, ба як донишҷӯ медал доданд, вале ба мо ақаллан як танбеҳ ҳам намедиҳанд!».

Маротибаи дуюм ман аз дасти Ҳисомуддинов дипломи аълои донишгоҳро дар вазъияти тантанавӣ дар боғи фароғатӣ – фарҳангии шаҳри Кӯлоб дар қатори 7 нафар ҳамкурсонам соли 1979 гирифтам.

Маҳз ҳамин мукофоти давлатӣ маро барои дарёфти нав ба нави мукофотҳои соҳавию (нишонҳои Аълочии маориф, фарҳанг ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвони муаллим—методист, ҷоизаи умумииттифоқии ба номи Н.К. Крупская) давлатӣ (унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон) раҳнамоӣ намуд.

Ҳамон рӯзе, ки дар боғи фароғатӣ - фарҳангии шаҳр ба мо дар вазъияти тантанавӣ дипломи аълочӣ медоданд, Шариф Бегиев ҳамкурси меҳтар аз мо аз ҷамъу гирд будани мо истифода бурда, ба ҳозирин муроҷиат намуд:

— Бародарон, донишгоҳро 53 нафар хатм кардем. Кӣ дар давоми чор соли таҳсил ягон рӯз прогул (дермонӣ) накардааст? Ҳама хомӯш буданд. Ман бо ифтихор гуфтам: «Ман ягон рӯз дарсшиканӣ накардаам».

— Кӣ аз ягон санҷиш қафо нагаштааст? – идома дод ӯ. Камина ҷавоб додам: «Ман!».

— Чӣ хел? Аз санҷиши Мирзо Салим низ нагаштаӣ?

—Не, нагаштаам! – гуфтам дар ҷавоб.

—Рост мегӯяд,- гуфт сардори гурӯҳ Шарофат Муминова,— аз ҳамаи курс танҳо як нафар аз Мирзо Салим санҷиш гирифт, ки Ҳасан буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Хонандаи азиз гумон накунад, ки солҳои донишҷӯии мо дар Кӯлоб зиндагӣ роҳат буд. Не, мо низ гоҳ серу гоҳ гурусна мегаштем. Баъзан бо 20 тин як чою як нону се қанди сафед гирифта, бо ном хӯроки нимрӯзӣ мехӯрдем. Ҳуҷрае, ки ман дар кӯчаи Чармгари поён, хонаи 224 иҷора менишастам, ягон шароит надошт, фаршаш хокӣ буд. Зимистони қаҳратун дар ҷойхоби ман бухорӣ набуд. Ҷома мепӯшидам, ба гарданам шарф мепечонидам, миёнамро бо фӯта мебастам, дар сарам телпак, дар поям кетӣ, дар дастҳоям дастпӯшак мепӯшидам ва таги кӯрпа даромада, то рӯз китоб мехондам, танҳо 2-3 соат хоб мекардам. Монанди ташнае, ки аз обнӯшӣ хумор шикаста наметавонад, пайваста ташнаи хондан, муштоқи илму дониш омӯхтан будам, чунки ман танҳо бо идрорпулӣ зиндагӣ мекардам. Дигар аз касе умеди мадад надоштам. Зеро «Кас нахорад пушти ту ҷуз нохуни ангушти ту» гуфтаанд.

Бо вуҷуди каму костиҳояш шаҳри Кӯлобро ба ҷон дӯст медорам. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб барои ман Каъбаи дил ва маъбади ихлос аст. Бинобар ин даст ба дуо бардошта таманно мекунам:

*Илоҳо, то ки меҳру моҳ бошад,*
*Дили Кӯлоб донишгоҳ бошад!*

## 4.6.ПАРЧАМ, МУРОДИФОТ ВА ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ ОН

Парчам гувоҳи барҷастаи истиқлолияти давлатӣ, таҷассумгари ғурури миллӣ ва ифтихори ватандории мост. Парчам таърихи 3-3,5 ҳазорсола дорад. Қабилаҳои гуногун дар қадим ҳини набард вобаста ба тасаввуроти тотемӣ–ҳайвонот ва набототпарастиашон ба нӯги чӯбҳо тасвири ҳайвон ё растаниеро, ки ҳомии ҳуд мешумурданд, мебардоштанд ва тавассути он худиҳоро аз бегонагон фарқ мекарданд. Чӯби барҷаставу мунаққаши бар болои сафҳои лашкариён бардошташуда аз бошишгоҳи сипаҳсолор хабар медод. Ин рамзҳо ба ҷанговарон самти пешрафт, ҷойи ҷамъшавӣ, сафороиро нишон медод, ба дилҳои қабилаҳои ҷанговарон боварӣ ба қувваи худ ва эътимод мебахшид. Нахустин парчам дар Эрони қадим, Чин ва Миср пайдо шудааст. Дар «Авасто»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

парчамҳои Бохтари қадим ва дирафшҳои душманони он тасвир шудааст. Парчамдориву парчамбардорӣ ба ҳалқи мо аз аҷдодон ба мерос мондааст. Таърихи тоҷикон парчамдориро аз дирафши пешдодии Ковиён ёд дорад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, дар достони «Коваи оҳангар» ҳикоят карда мешавад, ки Кова пешдомани чармини сурхи худро дирафш кард ва мардумро алайҳи истибдоди Заҳҳоки морон ба мубориза даъват намуд. Мардум зери ин парчам,ки бо номи « Дирафши Коваён» машҳур аст, ҷамъ омаданд ва пирӯз шуданд. Сипас, шоҳ Фаридун ба тахт омада, ин парчамро «Дирафши Коваёнӣ» хонду бо зару зевар ороиш дод ва аз он замон парчам чун рамзи давлату давлатдорӣ, озодӣ байни аҷдодони мо қабул ва муқаддас дониста шуд. « Дирафши Коваён» то ҳуҷуми арабҳо (асрҳои VI-VII) вуҷуд дошт, вале арабҳо онро аз байн бурданд. Ба Аврупо низ парчамро арабҳо бурданд ва парчамдориро ёд доданд. Аввалин парчамҳои ба парчамҳои имрӯза монанд, яъне дар шакли матои дар чӯбдаста басташуда дар Чин пайдо шудааст,ки онҳоро соли 100 -уми то мелод истифода мекарданд. Аксари парчамҳои гузашта сегӯша буданд ва рангҳои сурх (зиёдтар), сафед, зард, бунафш доштаанд. Баъдтар азбаски парчамҳои чоргӯша барои дар киштӣ овехтан мувофиқ буданд, тадриҷан аввал дар Аврупо ва пас дар ҷаҳон парчамҳои чоргӯша (ба ғайр аз парчами Непал, ки сегӯша аст) пайдо шудаанд. Парчами аморати Бухоро низ чоргӯша буд ва акси моҳу ситора ва панҷаҳои дастро дошт. Аз асри XVIII сар карда, истифодаи парчам чун рамзи миллатҳо оғоз ёфт. Танҳо парчами лӯлиён-чарху ароба, ифодакунандаи (рамзи) халқ буд. Куҳантарин парчами бетағйирмонда парчами давлати Дания мебошад, ки аз соли 1219 вуҷуд дорад. Дар баъзе давлатҳо парчамҳо ном доранд. Масалан, аз Англия «Юнион Джек», Дания « Даниен брог», ИМА «Парчами ситораю рах», Индонезия- «Парчами муқаддаси сурху сафед», Ҷопон «Хиномару» (чархи офтоб) номида шудаанд.

Рӯзи парчамро на танҳо Тоҷикистон, балки дар Мексика, Канада, ИМА, Шветсария, Полша, Япония, Либерия низ ботантана ҷашн мегиранд. Манораҳои бузурги парчам то 162м дар Озорбойҷон, 160м дар Кореяи Шимолӣ, 133м дар Урдун ва 126 метр дар Уммон мавҷуд аст . Соли 2011 баландтарин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

манораи Парчам дар Тоҷикистон дар баландии 165 метр барафрохта шуд.

Дар давраи шӯравӣ аз соли 1924 то 1991 парчами давлатӣ чанд бор иваз карда шуд. Аввалин парчами Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон парчами умумии СССР буд. Аз соли 1922 то соли 1953 парчами ҶШС Тоҷикистон якрангаи сурх буда, дар он пай дар пай нишони ҷумҳурӣ, навиштаҷоти «GSSTojikiston», аломатҳои досу болға ва номи ҷумҳурӣ бо забони русӣ ҷойгир шуда буд. Бо қарори Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон аз 20 марти соли 1953 муқаррар шуд, ки парчами давлатии РСС Тоҷикистон аз матои росткунҷа ва аз чор рахи рангаи бо таври уфуқӣ ҷойгирифта бунёд ёбад, ки рахи ранги боло сурх (нисфи бари парчам), рахи сафед (1/5 ҳисса), рахи сабз (аз 1/10 ҳисса ) ва рахи поёнии сурх (аз 1/5 ҳисса ) бари парчамро ташкил медод. Дар рахи болои сурх назди дастаи парчам досу болғаи заррин ва болои онҳо ситораи сурхи бо зар ҳошия кашидашуда ҷойгир карда мешавад (рассом М.П. Шликов).

Дар арафа ва баъди пошхӯрии ИҶШС ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон (1991) аз 24 август соли 1990 аз ҷониби Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон « Эъломия дар бораи соҳибхтиёрии РСС Тоҷикистон» қабул ва масъалаи таҷдиди нишонҳои давлатӣ гузошта шуд. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 июни соли 1991 дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намуд ва барои ин комиссияи махсус барои таҳияи намунаҳои нави рамзҳои давлатӣ тасдиқ ва озмун эълон шуд. Иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳури Тоҷикистон 16-24 ноябри соли 1992 рамзҳои давлатиро низ тасдиқ намуд ва сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон парчамро бӯсида, қасами сулҳоварии худро эълон кард. 12.05.2007 баъди баррасӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент Эмомалӣ Раҳмон ба зери Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо гузошт, ки боби 2-юми он «Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дорад ва аз 2 модда (1 .Тартиби афрохтани парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2. Ҷойгиркунии тасвири парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) иборат аст. Аввалин бор бо ибтикори



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Президент 24 ноябри соли 2009 рӯзи Парчами миллӣ таҷлил гардид.

Дар забони тоҷикӣ шаш муродифи парчам мустаъмал аст:

**Дирафш -** қадимтарин вожаи ориёии ифодакунандаи парчам, ливо, байрақ аз ҳама вожаи серисеъмол дар забони адабиёти классикӣ мебошад. Дирафш ҳамчун рамзи пирӯзӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маънидод шудааст. Ин аст , ки ибораҳои дирафши Коваёнӣ, дирафши сурх, феълҳои дирафшидан, ки маънои дурахшидан, алвонҷ хӯрдани матоъ аз бод, барқ заданро дорад , ҳамчунин вожаҳои дирафшон-дурахшон хеле маъмуланд.

**Алам -** калимаи арабӣ буда, маънои байрақ, ливо, парчамро дорад ( Фарҳанги забони тоҷикӣ , Душанбе ,1969, ҷ.1,с. 54).

**Аламбардор** - сипоҳии далеру нерӯманди баргузида, ки пешопеши лашкар мерафт ва вазифаи ифтихорӣ ҳисоб мешуд. Чунончи, Лоиқ мефамояд:

*Аламбардори номи ман ту бошӣ,*
*Давоми ман , паёми ман ту бошӣ*
*Бимирам дар ҳақат, эй тифли фардо,*
*Агар қоиммақоми ман ту бошӣ.*

Дар забон тақрибан шаш вожаномаи алам дучор меояд, ки инҳоянд :

- *алам бардоштан- пайдо шудан;*
- *алам баркашидан – парчам бардоштан;*
- *алам баровардан - пайдо шудан;*
- *алам берун задан- пайдо шудан;*
- *алам гардидан - машҳур шудан;*
- *алам шудан - машҳур шудан.*

Чунончи , Ҳилолӣ мефармояд:

*Чу шамшери шуҷоатро алам кард,*
*Ба як тег устухонашро қалам кард.*

**Ливо** – калимаи арабӣ буда , маънои байрақ , алам , парчамро дорад ( Фарҳанги забони тоҷикӣ .- Душанбе ,1969 ,ҷ. 2,с. 753).Ибораҳои ливои дӯстӣ , ливои зафар, ливои истиқлол ва монанди инҳо маъмуланд. Масалан , Мирсаид Миршакар бо номи «Ливои зафар» достоне дорад.

**Роят** – вожаи арабӣ мебошад, ки маънои парчам, ливо, аламро ифода мекунад. А. Лоҳутӣ дар манзумаи «Зинда аст Ленин» мегӯяд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Шаҳри таърихии Маскав шуда мотамкадае,*
*Ҳама ҷо сурху сиёҳ,*
*Ҳама дар кисвати мотам, ҳама дар ҳоли азо*
*Рояту хайлу сипоҳ.*

**Байрақ**-лафзи туркист. Матои ранги муайян, ки ба чӯби борики дарозе насб мекунанд ва дар он аксаран сурати нишонаи давлат, ҷамъият, ташкилот ҳамчун рамзи мавҷудият кашида мешавад ва муродифи парчам, ливо, алам мебошад . Ибораҳои *байрақи давлатӣ, байрақи сурх, байрақи ҳарбӣ* ва ғайраҳо маъмуланд. (Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.- Душанде, 2008, ҷ. 2,с. 127). Баъди Инқилоби Октябр калимаи байрақ афзалият дошт. Ибораҳои *байрақи Октябр, байрақи сурхи меҳнат, байрақи Ленин* ва монанди инҳо машҳур буданд. Ин аст, ки Мирзо Турсунзода маҷмӯаи аввалинашро *«Байроқи зафар»* (1932) номид, А. Лоҳутӣ бо номи *«Тоҷ ва байрақ»* достоне эҷод намуд.

**Парчам** калимаи тоҷикии китобӣ мебошад. Дар адабиёти классикӣ маънии дирафш, алам, ливо ва байрақро намедиҳад. Дар луғатҳо дар ин хусус омадааст :

*«Ғиёс-ул – луғот»*: чизест, ки аз абрешими сиёҳ сохта шуда, дар сари алам банданд;

*«Бурҳони қотеъ»*: парчам чизе бошад сиёҳ, мудаввар, ки бар гардани найза ва алам банданд;

*Садриддин Айнӣ* (ҷ.11) : парчам шилшилаест, ки бар гардани байрақ ва найза банданд;

*Фарҳанги забони тоҷикӣ* ( М., 1969, ҷ. 2): пӯпаки абрешимӣ, мӯй ё думи гови кӯҳӣ, ки бар нӯги байрақ ё найза мебастанд.

- *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ* (Д., 2008, ҷ. 2) : 1) байрақ; 2) пӯпаки абрешимин, ки бар байрақ баста мешавад,яъне дар ин ҷо маънии асосӣ ба ҷойи дуюм кӯчидааст ва маънои байти Абдурраҳмони Ҷомӣ то андозае сарфи назар шудааст :

*Ҷаъди ломаш чу зулфи хубон хам,*
*Бар ливои зафар бувад парчам.*

Ниҳоят, ҳаминро таъкид менамоем, ки бигузор Парчами Тоҷикистон боиси ғурури миллӣ, ифтихори давлатдорӣ, истиқлолият ва ватандории мову шумо бошад. Тавре ки дар суруди миллии мо зикр шудааст, ба зери парчам саф кашида бошем ва дар сояи он мо, мардуми шарафманди Тоҷикистон барои ояндаи неку ҷовидонаи Ватани азизамон ҳамеша саъю талош намоем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# 4.7.БАҲСИ МАҚОМИ ЗАБОН - БОНГИ БЕДОРИИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

Забон на танҳо ҳамчун василаи фикру андеша ва муоширати байниҳамдигарии одамон маҳсуб мегардад, балки дар ташаккули ҳувияти миллӣ ва бедории фикрии соҳибзабонон низ нақши бориз дорад.

Дар иртибот ба ин забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи фарҳанги ақвоми эронитабор ба ҳайси лисони илму тамаддун эътироф шуда, махсусан дар бедории фикрӣ ва ташаккули ҳувияти миллии инсонҳо нақши муассир доштааст. Бе тардид забони тоҷикӣ дар тӯли давру замонҳо забони илму хирад ва сиёсат буд. Бедории фикрии мардуми тоҷик аз сифатҳои волое чун кушодазабонӣ, андешамандӣ ва нуктапардозӣ маншаъ мегирифт, ки ҳамаи онҳо барои пиёдасозии як ҳадаф - огоҳ сохтан ва бедор намудани ҷомеа равона гардида буданд. Кулли сифатҳои нуктапардозӣ ва андешамандии мардуми фарҳангии тоҷик алайҳи кӯтоҳназарӣ, таассубофарӣ, хурофотпарастӣ ва заъфандешии аҷнабиён ва душманони миллат нигаронида шуда буд ва имрӯз низ ин рисолати наҷибро ба ҷо меорад.

Забон яке аз нишонаҳои асосии миллат ҳисоб меёбад ва фарҳехтагони илму фарҳанги аҳди Сомониён тибқи далели шаръӣ ба исбот расонидаанд, ки «…забони биҳиштиён форсӣ аст… ва забонест, ки барои нахустин бор бо он забон бо Парвардигор сухан гуфта шудааст» [2, 2]. Маҳз ин ҷасорати беҳамто боиси бедории фикрии мардуми тоҷик гардида, сабабгори он шуд, ки дар тӯли даҳ аср на танҳо ин забон аз байн нарафт ва ба соҳибзабононаш воситаи аввалияти такаллум гардид, балки ба шарофати ин фатвои ҷасурона намояндагони дигар забонҳо ҳам бо умеди бо Парвардигор муошират кардан забони тоҷикиро ҳамчун забони аҳли биҳишт баробари забони модарии худ пазируфтанд, бо ин забон ният карда, намоз гузориданд.

Махсусан дар нимаи дуюми солҳои 80-уми садаи XX баҳси мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ дар ташаккули ҳувияти миллӣ, бедории фикрии тоҷикон саҳми муассир гузошт ва он як навъ бонги бедорие буд, ки соҳибзабононро ба худшиносии миллӣ даъват менамуд. Дар иртибот ба ин вақтҳои охир гоҳо аз забони баъзе шахсон мешунавем, ки онҳо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

муборизаҳои афроди бедордилро дар роҳи ҳифзи забони давлатӣ ва қабули Қонуни забон аз омӯзгори одӣ сар карда, то аҳли илму эҷод нодида мегиранд ва онро як раванди таърихӣ медонанд [3, 5]. Ба касе пӯшида нест, ки маҳз раванди бедории фикрӣ дар мабнои забони миллӣ тавассути намояндагони илму адаб– Муъмин Қаноат, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Бозор Собир, Лоиқ, Гулрухсор, Акбар Турсон, Тоҳири Абдуҷаббор ва садҳо нафар фарзандони фарзонаи миллат таҳкиму тақвият ёфт.

Устоди зиндаёд Муҳаммадҷон Шакурӣ дар хотироти шифоҳии «Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт» [3, 24-25] ба ҳамин нодида гирифтанҳо ишора намуда, таъкид менамояд, ки баҳси Қонуни забон, ки таърихи ҳамин рӯз аст, навишта нашудааст. Мавсуф барҳақ ишора менамояд, ки «…дар ин мубориза гурӯҳи калони одамони одӣ, муаллимони қишлоқ иштирок карданд. Он иштироккардаҳо бешуморанд. Ёдашон ба хайр!».

Он солҳо камина омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби миёнаи №33 дар ноҳияи Вахш будам ва аз соли 1986 сар карда, дар атрофи такмили барномаи таълимии забон ва адабиёти тоҷик, тозагии забон, бедории фикрӣ ва забони миллӣ, таълими мавзӯъҳои марбут ба забондонӣ ва ҳувияти миллӣ як қатор мақолаҳои илмию методӣ тавассути маҷаллаи «Мактаби советӣ» [баъдтар «Маърифат», ҳоло «Маорифи Тоҷикистон») ба нашр расонидам. (Ниг. 1) Мулоҳизаҳо оид ба лоиҳаи барномаи нави забон ва адабиёти тоҷик // «Мактаби советӣ», 1986, №11; 2) Ҳафтаи адабиёт дар мактаб //«Мактаби советӣ», 1986, №12; 3) Таълими ҳикояи «Забон» (аз асари Р.Ғамзатов «Доғистони ман») дар синфи 6 // «Мактаби советӣ», 1987, №8; 4) Таълими мавзӯи «Забон муҳимтарин воситаи алоқа» дар синфи 5 // «Мактаби советӣ», 1987, №12; 5) Вазифаҳои кабинети забон ва адабиёт дар мактаб //«Мактаби советӣ», 1988, № 4]. Ногуфта намонад, ки соли 1992 ман кулли мақолаҳои илмию методии ба тарғиби забони тоҷикӣ ва усули таълими он бахшидаамро бо номи «Забони хуни мо бояд шавад бедор» интишор намуд. Ба сифати унвони китоб як мисраи шоир Муҳаммадалии Аҷамиро пазируфтам, ки шеър мардумро ба бедорӣ ва бузургдошти забони модарӣ даъват менамуд:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ДОРАНДАИ ОРДЕНИ ДӮСТИИ ХАЛҚҲО

**АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН**

ОРДЕНА ДРУЖБЫ НАРОДОВ

**АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКСКОЙ ССР**

734042, г. Душанбе, проспект Ленина, 33, тел. 22 65 51

06.10.88 № [illegible]-159

На № ___

РАФИҚИ МӮҲТАРАМ

Муродов Ҳасан

Мактубе, ки ҳамроҳи як гӯруҳ рафиқон навиштаед, ба дасти ман расид. Як қисм пешниҳодҳои Шумоён дар қарори махсус акс хоҳад ёфт. Худи мактубро ба Вазорати маорифи республика фиристондем.

Бо эҳтиром

М.Осимӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**ВАЗОРАТИ МАОРИФИ**
**РСС ТОҶИКИСТОН**

**МИНИСТЕРСТВО ПРОСВЕЩЕНИЯ**
**ТАДЖИКСКОЙ ССР**

734024, г. Душанбе-42, ГСП,
[illegible] 7, тел. 22-29-84

734024, г. Душанбе-42, ГСП
проспект [illegible], 7, тел. 22-29-84

30.05.88 № 2/281
На № ...

Ба муаллими мактаби миёнаи № 35
райони Вахш Муродов Ҷ.

Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон ба дархосту пешниҳодоти Шумоён, ки ба унвони АИ РСС Тоҷикистон фиристонида будед, шинос шуда чунин хабар медиҳад.

Қариб ҳамаи он масъалаҳое, ки роҷеъ ба такмили таълими забони тоҷикӣ пешниҳод намудаед, дар қарори Комитети Марказии Партияи Коммунистии РСС Тоҷикистон ва Совети Вазирони РСС Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои такмили таҳсил ва таълими забони тоҷикӣ дар республика" мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Вазорати маорифи РСС Тоҷикистон барои амалӣ гардидани қарори мазкур программаи комплексие тайёр намудааст, ки дар он чораҳои беҳтар шудани таълими забонҳои тоҷикӣ ва русӣ конкретона муайян гардидааст.

Ҷонишини вазир [signature] К.В.Никульшин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Агар хоҳем бо хуршед пайвастан,*
*Забони хуни мо бояд шавад бедор,*
*Забони хуни мо бояд шавад хуршед,*
*Ки хуни мурда миллатро наояд кор.*
*(4, 3].*

Моҳи марти соли 1988 як гурӯҳ омӯзгорони мактаби миёнаи рақами 33, ки дар байни онҳо алҳол номзадҳои илмҳои филологӣ Хайрулло Табарзода ва Тоҳириён Зиёратшоҳ Шарифзода низ буданд ва сокинони деҳаҳои Мискинободу Навкорами ноҳияи Вахш (ҷамъ 22 нафар) ба президенти вақти Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон, шодравон М.С.Осимӣ мактуб навиштем, ки ба ҳайси мусаннифи матлаб дар саргаҳи он насаб ва номи банда меистод. Дар мурочиати мазкур пеш аз ҳама масъалаи танҳо ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ва ҳамчунин зиёд намудани соатҳои фанни забон ва адабиёти тоҷик, ба зергурӯҳҳо тақсим намудани дарсҳои забони тоҷикӣ, таҳияи китобҳои дарсии адабиёт ва забони тоҷикии ҷавобгӯйи ормонҳои миллии тоҷикон зикр шуда буд.  Аз ин рӯ, ба мактуби мо дар масъалаи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ аз номи шодравон М.С.Осимӣ 6-уми майи соли 1988 ҷавоб омад (ниг. ба нусхаи аслии мактуб) ва дар он қайд гардида буд, ки Ҳукумати Тоҷикистон сари ин масъала кор карда истодааст. Оид ба таклифҳои дигар муовини вазири маорифи вақт Никулшин  рӯзи 30-юми майи  ҳамон сол ба мо посух фиристод (ниг. ба нусхаи аслии мактуб) ва дар он таъкид шуда буд, ки оид ба такмили таълими забони тоҷикӣ  ба қарибӣ қарори КМ  ПК Тоҷикистон ба тасвиб мерасад. Ҳақиқатан  он қарор баъди чанде аз тариқи матбуот интишор шуд, вале танҳо ба такмили омӯзиши забони тоҷикӣ ихтисос дода  нашуда, ба такмили таълими забонҳои тоҷикӣ ва русӣ бахшида шуда буд, яъне дар ин ҷо низ «бародарони» русзабонро хафа кардан нахостанд.

Насли миёна ва калонсол ёд доранд, ки баҳси ба забонҳои миллии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ додани мақоми давлатӣ бо шарофати  бозсозӣ ва ошкорбаёнии Горбачёв оғоз ёфт, вале пештар аз ин таълифоти рӯҳи бедории миллӣ доштаи адибони ғайрирус, ба монанди нависандаи қирғиз Чингиз Айтматов ва адиби авартабори Доғистон Расул Ҳамзатов аҳли эҷод ва ашхоси бедордилро ангезаи амиқи бедории миллӣ бахшида буд. Махсусан «Доғистони ман»-и  Р.Ҳамзатовро на



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

танҳо аксари зиёиёни тоҷик, балки кулли наврасону ҷавонон монанди таълифоти адибони бедордили тоҷик чун асари худии рӯҳи миллӣ ва ғайрирусӣ дошта истиқбол намуданд, зеро дар шароите, ки тамоми сардамдорони Кремл забони русиро чун забони муоширати байни миллатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми давлатӣ доданӣ мешуданд, Расул Ғамзатов нотарсона алайҳи онҳое, ки забонҳои миллиро маҳв карданӣ буданд, овоз баланд менамояд: «Забони халқҳо барои ман чун ситораҳои осмонанд,- мегӯяд мавсуф.- Намехостам, ки ҳамаи ситораҳо як шуда, ба ситораи бузурге табдил ёбанд. Ба ситораи бузург ҳоҷат нест, зеро як офтоб бас аст. Аммо бигузор ситораҳо ҳам нур пошанд. Бигузор ҳар кас худ ситорае дошта бошад». Албатта Расул Ҳамзатов ба бузургии забонҳои хурди миллӣ боварӣ дошт, ки дар ҷойи дигар таъкид менамояд: «Ман ба сухани геологҳое, ки мегӯянд дар кӯҳи хурд низ тиллои бисёр ҳаст, бовар мекунам».

Тавре ки академики шодравон М.Шакурӣ ёдовар шудааст, масъалаи вазъи забонҳои миллии халқҳои шӯравӣ нахуст дар ҷаласаҳои иттифоқи нависандагони шӯравӣ, Институти адабиёти ҷаҳон, Институти шарқшиносии Иттиҳоди Шӯравӣ, дар идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳои пойтахти Иттиҳоди Шӯравӣ- Маскав бардошта шуд. «Сухан аз он оғоз карданд, ки дар ҷумҳуриҳо вазъи забонҳои миллӣ хеле бад аст. Забони миллӣ аз инкишоф, аз тараққӣ бозмондааст, хеле хароб шудааст, оҷизу нотавон шудааст. Дар зери фишори пурзӯри забони русӣ қарор ёфтааст. Дар ҳама ҷо забони русӣ ҳукмрон аст. Аммо забони миллии ҳар ҷумҳурӣ аз иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ маҳрум мондааст. Вазифаи иҷтимоии худро иҷро карда наметавонад. Аз ҳуқуқҳо маҳрум аст, амал намекунад. Вазифаи худро иҷро намекунад. Ба таъбири дигар, пасмонда, бознишаста, харобу афгор аст», - мегӯяд М.Шакурӣ [3, 2].

М. Шакурӣ таъкид менамояд, ки оид ба баргардонидани ҳуқуқҳои қонунии забонҳои миллӣ дар Маскав академик Лихачёв, нависанда Ч. Айтматов (зеро дар шаҳри Фрунзе-Бишкеки ҳозира ҳамагӣ як мактаби қирғизӣ боқӣ монда буд), дар ҷумҳуриҳои Молдова ва Эстония аввалин шуда овоз баланд намуда буданд. Тӯфони даъвои зидди беҳуқуқии забонҳои миллӣ ва мубориза барои дифои забон ба Тоҷикистон ҳам ба зудӣ асар намуд, зеро он солҳо забони тоҷикӣ низ чун дигар забонҳои миллии халқҳои шӯравӣ дар чор девори хона ҳабс шуда буд. Ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

забон бо ном амал мекард ва онро хафви нестшавӣ таҳдид менамуд. Бинобар ин зиёиёни эҷодкори тоҷик тадриҷан ба мубориза барои баргардонидани ҳуқуқҳои қонунии забони тоҷикӣ ворид гардиданд. Аксари ҳаводорони забони тоҷикӣ он солҳо мақолаҳои академик М.Шакуриро бо номҳои «Ҳар кас ба забони хештан дармонад», «Ҳукумати асрҳо» ва «Дузабонӣ ё безабонӣ» (соли1988) дар «Литературная газета» ва мақолаи номзади илмҳои фалсафа Мирбобо Мирраҳимро таҳти унвони «То ба кай об аз таги ях меравад?» дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» [соли 1988] ёд доштагистанд.

Тавре ки ёдовар шудем, Тоҷикистон ба мубориза дар роҳи дифои забони давлатӣ дар Осиёи Миёна аввалин шуда, боҷуръатона дохил шуд. Ҳаводорони забон ёд доранд, ки оғози муборизаҳо аз моҳи ноябри соли 1988 бо шарофати дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо шудани ҳамоиши илмӣ оид ба вазъи имрӯзаи забони тоҷикӣ шурӯъ шуд. Ба конференсия муаллимони пешқадами ҳамаи шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ даъват шуда буданд. Аҳли эҷод, олимон ва омӯзгорони эҷодкор, ки муштоқи чунин ҳамоиш буданд, баробари гирифтани даъватнома ба пойтахт шитофтанд. Камина азбаски оиди ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ҳамроҳ бо 22 нафар мактуби дастҷамъӣ ба АФ ҶТ ирсол намуда будам ва дар сархати он мактуб насаби ман меистод, аз вилояти собиқи Қӯрғонтеппа ҳамроҳи шодравон Наҷмиддин Тоҷиддинов-нозири маорифи вилоят, Ҷӯрахон Бобохонов-дастурдеҳи шуъбаи маорифи ноҳияи Вахш ва Шералӣ Саидов-собиқ муаллими мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5 ноҳияи Коммунистӣ, алҳол Кӯшониён, ҳоло корманди раёсати телевизион ва радиои вилояти Хатлон) ба ин конференсия даъватномаи иштирок карданро шарафёб гардидам. Дар толор дар шафати мо донишманди физик Саидҷаъфар Қодирӣ ва устодони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ Аҳмад Алиев ва Шоҳвалӣ Саидҷаъфаров менишастанд. Рафти конфронсро директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ ҶТ, шодравон Абдуқодир Маниёзов мебурд. Баъди сухани ифтитоҳии мавсуф профессори шодравон Шарофиддин Рустамов маърӯза намуд.

Тавре ки академик М. Шакурӣ низ иқрор мешавад [3, 37-38], аз маърӯзаи Ш. Рустамов мо нафаҳмидем, ки ӯ тарафдори мақоми



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

давлатӣ гирифтани танҳо забони тоҷикӣ аст ё забонҳои тоҷикию русӣ. Баъд аз нимрӯзӣ бо шарофати гузориши шоира Гулрухсор, ки пешниҳод кард: ё забони давлатии тоҷикӣ ё дузабонӣ, бояд дар назди Ҳукумати ҷумҳурӣ гузошта шавад, аҳли толор хеле рӯҳбаланд ва далер шуданд. На танҳо зиёиёни пешқадами пойтахт, балки омӯзгорони эҷодкори гӯшаҳои дурдасти Тоҷикистон - Рашту Айниву Мастчоҳу Исфара низ бонавбат ба сухан баромада, изҳор мекарданд, ки танҳо ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шавад. Лекин гоҳо садо баланд мекарданд ашхосе, ки тарафдори дузабонӣ (русӣ-тоҷикӣ) ва ҳатто сезабонӣ (русӣ –тоҷикӣ-ӯзбекӣ) буданашонро пинҳон намедоштанд. Рӯзи дуюми ҳамоиш бо ташаббуси А. Маниёзов ва М.Шакурӣ қарори конфронс ироа гардид. Қарорро устод М. Шакурӣ қироат намуда, таклиф кард, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ баробар мақоми давлатӣ дода шавад. Дигар охири сухани М. Шакурӣ шунида намешуд, чунки аҳли толор якбора бо ҳаёҳӯй ва доду фарёд аз ҷой бармехезанд ва дузабониро рад мекунанд. Дар он лаҳзаҳо ман баромади бо шӯру ҳаяҷон ва хашини адабиётшинос Қамчин Чиллаевро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, чунки номбурда бе ризоияти раисикунанда ба минбар баромада, тамоми қаҳру ғазаб ва хашми худро ба сари устодони шодравон Абдуқодир Маниёзов ва Муҳаммадҷон Шакурӣ рехт. Ба ростӣ, ман он вақтҳо чунин шахси бе рӯю риё гап мезадагиро бори аввал медидам.

Устод А. Маниёзов таҳти фишори толор ночор он бандро ба овоз гузошт. Аз тарафи аҳли толор танҳо ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ сад дар сад овоз гирифт. Толор низ нафаси озод кашид, чунки ниҳоят ақли солим ғалаба кард. Вале ҳукуматдорони вақти Тоҷикистон дар таҳияи Қонун дар бораи забони соли 1989 роҳи дигари бурунрафт аз бунбастро ёфтанд. Агарчи Шӯрои Олии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дод, вале дар идомаи он таъкид намуд, ки забони русӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон чун забони муоширати байни миллатҳо амал менамояд. Фақат ин камбудиро, ки як навъ тарғиби дузабонӣ буд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки баъди 20 сол бо қабули Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» (№ 553 аз 5.10.2009) хеле боҷуръатона ислоҳ намояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мумкин баъзеҳо даъво намоянд, ки вақти қабули Қонуни забон дар соли 1989 империяи шӯравӣ ҳукм меронд ва чунин ҷуръат аз тарафи сардамдорони давр ба марг баробар буд. Аммо дар шароити соли 2009 низ сарфи назар кардан аз забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо ва қабули Қонун дар бораи забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатиро танҳо диловарии бемисл номидан лозим аст, зеро баъди қабули қонун садҳо васоити ахбори русӣ дар навиштаҳоюю барномаҳои иғвоангези худ ба сари Ҳукумати Тоҷикистон ва Президенти он санги маломат меафкананд.

Ин иқдоми ҷасуронаи Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба он нигаронида шуда буд, ки забони тоҷикӣ чун дигар забонҳо омили муҳими муоширати одамон ва пайвандгари риштаҳои дӯстӣ ва бародарии тамоми халқҳои маскуни Тоҷикистон аст, чунки дар моддаи дувуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст». Аз ин хотир мо чун шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як фарди ватандор вазифадорем, ки ин нуктаҳои Конститутсияро дар бораи амали забони давлатӣ иҷро намоем. Воқеан, хуб мебуд, моддаи забони муоширати байни миллатҳо будани забони тоҷикӣ ҳангоми воридшавии ахирии тағйироту иловаҳо аз Конститутсияи ҷумҳурӣ ҳазф мешуд.

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳояшон таъкид намудаанд, ки «Ифтихори ватандорӣ аз донистани забон, таърих ва фарҳанги Ватан ибтидо мегирад» ё дар ҷойи дигар иброз намудааст, ки «Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст». Чунин суханони доҳиёнаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон имрӯз сароғози ҳамаи маҳфилу нишастҳо ва зеби лавҳаю минбар ҳаст, зеро ба қавли мавсуф «Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллист». Агар нишонаи асосии миллати тоҷик забони тоҷикӣ бошад, дар навбати худ маҳз забони тоҷикӣ аст, ки муҷиби пойдории миллати тоҷик гардидааст. Бинобар ин Президенти мамлакат дар аксари баромадҳояш таъкид менамояд, ки омӯзиши забони хориҷӣ – англисӣ ва русӣ маҳз дар заминаи забони давлатӣ бояд роҳандозӣ гардад. Онҳое, ки ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатиро раво диданд, боварӣ доштанд, ки забони тоҷикӣ аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

забонҳои муқтадир ва соҳибхати дунёст, ки ҳанӯз дар қарни даҳ дар аҳди Сомониён бидуни қабули қонуни забон ё дигар чорабиниҳои сиёсӣ аз рӯйи иродаи устувор ва сатҳи баланди хештаншиносии амирони сомонӣ ба мақоми давлатӣ расида буд. Ҳазорҳо таълифоти илмӣ ва осори манзуму мансур бо ин забон эҷод шудааст, ки эътибори онро баробари бисёр забонҳои машҳури асрҳои миёна баланд бардоштаанд. Ба касе пӯшида нест, ки аз канораҳои баҳри Миёназамин то баландиҳои Ҳиндукуш, аз кӯҳсори Қафқоз то халиҷи Форс дар тӯли асрҳои аср забони тоҷикӣ барои бисёр халқҳои қораи Осиё забони давлатдорӣ ва дипломатӣ ҳисоб мешуд.

Пас аз Инқилоби Октябр, баъди тақсимоти маъмурию ҳудудӣ маҳз бо шарофати забони тоҷикӣ, ки яке аз нишонаҳои давлат маҳсуб мегардад, соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ва соли 1929 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис ёфт. То солҳои 30-юми садаи XX мавқеи забони тоҷикӣ бад набуд, вале баъдтар забони тоҷикӣ аз даҳани сарварони воломақоми ҷумҳурӣ афтод, дар чор девори хона маҳдуд шуда монд, ҷойи онро забони русӣ ишғол намуд. Маҳз қабули Қонун дар бораи забон ба ин раванди номатлуб хотима гузошт, агарчи Қонуни забон ба бархурдҳои сахт мувоҷеҳ шуд ва ҳоло низ ин раванд идома дорад, зеро ҳанӯз ҳам носуфтагиҳои зиёди забонӣ ҳар рӯз ба чашми мо бармехӯранд, ҳанӯз ҳам қисме аз зиёиёни мо аз фикр кардан ва сухан намудан ба забони давлатӣ душворӣ мекашанд, таркиби луғавиашон камбағал аст, аз омӯхтани забон ор мекунанд, ҳанӯз ҳам қоидаҳои имлои овозҳои «ӯ» ва «у» хурду калонро ба вартаи раҳгумӣ афкандааст. Вале мо аз он шукргузорем, ки бо дамидани субҳи Истиқлол ва махсусан баъди ба сари ҳукумат омадани Президенти кунунии мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ пуштибони қавии худро ёфт: ба даҳони даъвогарони дохилию хориҷӣ муҳри хомӯшӣ зада шуд. Пешвои миллат дар баромадҳояш ва махсусан дар асари мондагораш «Забони миллат-ҳастии миллат» гаштаю баргашта ҳар як шаҳрванди Тоҷикистонро ҳушдор медиҳад: «Бузургтарин вазифаи ҳар як фарде, ки даъвои фарҳангу забон мекунад, нигаҳбонию пос доштани ин мероси муқаддас ва ба наслҳои оянда расонидани забони ширину шево ва забони шеъру адаби оламшумули тоҷикӣ мебошад». Охир, «Забони модарӣ симо ва пайкари миллат аст. Ин симо бояд зебо ва ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пайкар тавоно бошад» (Эмомалӣ Раҳмон). Пас, биёед, ҳамагон кӯшиш ба харҷ диҳем, ки забони давлатиамон ба ҳайси симои миллат доиман зебо ва ба сифати пайкараи миллат абадан тавоно бимонад.

**Адабиёт:**

1.Эмомалӣ Раҳмон Забони миллат - ҳастии миллат. Китоби 1. Ба сӯйи поядагӣ. - Душанбе: Эр-граф, 2016, 516 с.

2.Нозим Нуров. Забон ва андешаи миллӣ// Ҷумҳурият, 23.10.2014, №206 (22511).- С.2.

3.Муҳаммадҷон Шакурии Бухорой. Ҳикоятҳои оканда аз ҳаёт.- Душанбе: Паёми ошно, 2014.

4.Ҳасани Муродиён. Забони хуни мо бояд шавад бедор.- Қӯрғонтеппа, 1992, 53 с.

## 4.8.МАҚОМИ ИМОМИ АЪЗАМ ДАР ГУСТАРИШИ ЗАБОНУ ФАРҲАНГИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Азбаски Абуҳанифа аслан тоҷики кобулист ва дар оилаашон низ муоширát бо забони форсии тоҷикӣ буд, бесабаб нест, ки мавсуф «ба забони қавмҳои ғайриарабӣ, махсусан забони форсии тоҷикӣ таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намуда, аҳамияти онро барои решадор сохтани фарҳанги қуръонӣ дар дилҳои мардум бисёр зарур мешуморид» (Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо.// Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 13.01.2009).

Воқеан Паёмбари ислом ба мардуми форсизабон таваҷҷуҳ дошт. Ин аст, ки гуфтааст: «Беҳтарини Аҷам форс аст». Ҳамчунин Ҳазрати Муҳаммад (с) гуфтааст: «Биҳиштиён бо забони арабӣ ва форсӣ такаллум мекунанд».

Рӯзе Ҳазрати Муҳаммад (с) оятеро бо ин маънӣ мехонд: «Агар, эй араб, Шумо аз ин дин рӯй бигардонед, қавме пайдо хоҳад шуд, ки кори ин динро пеш хоҳад бурд». Саҳобагон аз ӯ пурсиданд, ки он кадом қавм аст? Дар ин асно Салмони Форс-дар паҳлӯи вай нишаста буд. Паёмбар гуфт: «Қавми Салмони Форс кори ин динро ба шоистагӣ пеш хоҳанд бурд».

Бузургии Абуҳанифа дар он аст, ки ӯ дар замони арабигарой ва даврони тезутунди густариши дини ислом тавонист, ки забони форсии тоҷикиро пойбарҷо қарор бидиҳад ва мақоми онро ба пояи забони арабӣ бардорад ва ба ин васила ин забонро аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

фаношавӣ эмин дорад. Нахуст Абуҳанифа забони форсии тоҷикиро забони дуюми дин баъд аз забони арабӣ эълон дошт. Сониян, тафсири «Қуръон» ва хондани намозро бо забони форсии тоҷикӣ иҷозат дод. Бинобар ин аввалин тафсирҳои «Қуръон» ба мисли «Тафсири Табарӣ» низ аз он замон арзи вуҷуд намудаанд.

«Имом Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит Қайс ибни Марзбон нахустин фақеҳе ҳаст, ки таъкид менамояд, - муаррихи муосири Эрон Муҳаммад Хаводи Машкур, - адои намоз, ё сиғаҳои шаръӣ ва ҳатто тарҷумаи «Қуръон»-ро бо забони порсии дарӣ раво донист».

Чунон ки мебинем, нахустин осори забони форсии дарӣ, тарҷумаҳо ва тафсирҳо аз «Қуръон» бо ин забон аст. Агар форсии дарӣ забони мусулмонони Эрон намешуд ва фуқаҳои бузурге чун Абуҳанифа ба ҷонишин сохтани он забон дар адои намоз ва сиғаҳои шаръӣ фатво намедоданд ва Абунасри Машкон муншӣ ва дабири дарбори Ғазнавӣ онро забони китоби девони давлатии Эрон намесохт, ҳаргиз он забон наметавонист дар Эрон пойдор бимонад, балки монанди дигар мамолики фатҳшуда чун Шом ва шимоли Африқо батадриҷ забони миллӣ аз байн рафта, забони арабӣ ҷои онро мегирифт.

Маҳз мазҳаби Абуҳанифа ба мардуми Хуросону Мовароуннаҳр имконият дод, ки на танҳо бо фаноёбии забонҳои, суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ, парфиянӣ ва ғайра ҳама атрофи забони ягонаи форсии тоҷикӣ муттаҳид шуда, такаллум намоянд, балки дигар халқҳои ғайритоҷикро низ водор намоянд, ки бо ин забон чун забони аҳли биҳишт сухан гӯянд. Маҳз зиёда аз даҳ қарн коргузории сулолаҳои қарахониён, ғазнавиён, муғулҳо, темуриён, шайбониён, аштархониён ва манғитиён бо забони форсии тоҷикӣ сурат гирифтан аз шарофати мазҳаби Имоми Аъзам ва чун забони дуюми аҳли биҳишт пазируфтани он аз ҷониби ахли ислом буд.

Махсусан дар замони салтанати Сомониён забони форсии тоҷикӣ дар баробари забони арабӣ ба забони илму адаб, нигориш ва давлатдорӣ табдил ёфта буд, ки ин раванд дар қарнҳои минбаъда идома ёфт. Воқеан арабикунонӣ ҳанӯз аз замони тавсеа ёфтани ислом дар мамолики хориҷ аз Маккаю Мадина оғоз ёфта буд ва барои ба забони арабӣ муқобил



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гузоштани забони дигар ба Имоми Аъзам барин ашхоси сарсупурдаи миллат эҳтиёҷ буд.

На танҳо Абуҳанифа, балки бобои ӯ - Нуъмон низ дар густариши фарҳанги форсии тоҷикӣ хизмати босазое кардааст.

Ривоят аст, ки Нуъмон - бобои Абуҳанифа дар рӯзи ҷашни Меҳргон ба амиралмуъминин Ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб ширинӣ (шаҳд) ҳадя кард ва он ҳазрат дар ҳаққи ӯ ва фарзандон ва маволаш дуои баракат намуд ва гуфт: «Меҳраҷонан кулла явмин», яъне «Ҳар рӯз Меҳргон бод». Ба ривояти дигаре ин ҳодиса дар рӯзи ҷашни Наврӯз рух додааст. Аз ин ҷо ба тахмини сухани машҳури «ҳар рӯзатон Меҳргон бод» ё «Ҳар рӯзатон Наврӯз бод» маншаъ мегирад. Ин дар шароите, ки баъзе гароишҳои ифротии динии он замон дар мавриди бо қароҳият қабул намудани арзишҳои тоҷикӣ - форсӣ, махсусан нисбат ба ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон, мушоҳида мегардиданд. Чунонки мебинем, бобои Абуҳанифа ҳанӯз дар ибтидои ислом, сарфи назар аз муносибати манфии баъзе гурӯҳҳои ифротӣ барои ҳифзи ҳувияти фарҳанги тоҷикӣ мекӯшид ва он аз ҷониби Ҳазрати Алӣ (р) хуш истиқбол шуд.

Аз Ибни Сирин – фақеҳ ва муҳаддиси мансуб ба тобеъини Басра низ чунин ривоят шудааст, ки Ҳазрати Алӣ аз рӯи эҳтиром ба фарҳанги тоҷикӣ нисбат ба рӯзи ҷашни Наврӯз хушнудӣ карда, дуо намуда будаанд, ки Худо ҳар рӯзро Наврӯз бигардонад. Аз ин ҷиҳат, ҳақ бар ҷониби Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки таъкид менамояд: «... таваҷҷуҳ ба масъалаи забон дар фаъолияти масҷидҳо, аҳамияти он барои ташаккул ва инкишофи худшиносии миллӣ ва ҳифзи асолати миллии забон дар мавъизаҳои ходимони дин бояд ҳамеша дар мадди назар бошад. Ба забони модарии худ бо Парвардигор розу ниёз гуфтан, зикру дуо карданро шариат аз корҳои писандида донистааст».

Ниҳоят, дар иртибот ба ин бузургии Имоми Аъзам низ дар он зоҳир мегардад, ки дар он даврони ниҳоят вазнин тавонист, қарзи миллияти хешро дар назди форсизабонон адо намояд ва бақои забони форсии тоҷикиро побарҷо нигоҳ дорад. Ҳамчунин бо шарофати Имоми Аъзам дини ислом аз дини хонаводагӣ (мисли дини яҳудиҳо) то ба дини байналмилалӣ тавсеа ёфт, зеро баробари забони арабӣ бо забони тоҷикӣ низ ибодат роиҷ гардид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Сарчашмаҳо:**

1.Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо.// Рӯзномаи «Ҷумҳурият», 13.01.2009.

2. Муҳаммадшарифи Ҳимматзода. Зиндагӣ ва осори Абуҳанифа.- Хуҷанд, 2004, 326с.

3. Таърихи Имоми Аъзам (Алкаломулафҳам фи маноқиби Имоми Аъзам).- Душанбе, 2001, 47с.

4. Бегиҷон Рустамзода. Имоми Аъзам (АбуҲанифа) кист?- Душанбе, 1999, 39 с.

## 4.9. МУҲАББАТИ УСТОДУ ШОГИРД ДАР МИСОЛИ ИМОМИ АЪЗАМ

*Аз илм маноз, к-андарин хок,*
*Шогирд ҳамон шудаст устод.*
*(Шамси Табрезӣ)*

Таърихи пуршарафи ислом чор тан аз имомони аҳли суннатро ҳамчун муассисони улуми дин эътироф кардаанд:

1. Нуъмон ибни Собит - Абуҳанифа мулаққаб ба Имоми Аъзам (р- ҳ);
2. Молик ибни Анас (р-ҳ);
3. Муҳаммад ибни Идриси Шофеъӣ (р-ҳ);
4. Эмом Аҳмад ибни Ҳанбал (р-ҳ).

Дар байни эмомони чаҳоргона Нуъмон ибни Собит аз лақабаш низ - Эмоми Аъзам маълум аст, ки аз бузургтарин эмомҳост.

Мегӯянд, ки бузургонро бузургон мешиносанд. Эмоми Аъзамро низ маҳз Эмом Шаъбӣ кашф намуда, ба ҷодаи илм раҳнамоӣ менамояд. Ин аст, ки Эмоми Аъзам Ҳаммод (р-ҳ)-ро ба ҳайси устод мепазирад ва ба ин хотир дар тӯли ҳаждаҳ сол содиқонаву холисона ва устувор ба илмомӯзӣ машғул мешавад.

Ҳакимон муътакиди онанд, ки барои аз устод илм омӯхтан пеш аз ҳама ӯро дӯст доштан лозим аст, дар қалбат меҳри устодро ҷойгузин бояд намуд. Эмоми Аъзам низ он қадар нисбат ба устодон меҳр дошт, ки тамоми рӯз дар ҳузурашон менишаст ва чун шаб чодари сиёҳи худро мегустурд, ҳазрат майли аз назди устодашон бархестан намекарданд. Танҳо хурӯси бевақт фарёдкунандаи устод боиси таваққуфи дарси ӯ мешуд ва ҳазрат ба хурӯси бевақт фарёдкунанда дуои бад мекард, ки дарси ӯро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

поён мебахшид ва ӯро аз устодон муваққатан ҷудо мекард. Ҳаммод низ ҳазрати Имоми Аъзамро дӯст медошт. Боре Ҳаммод мусофират мекунад ва баъди бозгашт фарзандонаш аз ӯ мепурсанд, ки аз ҳама бештар киро пазмон шудааст? Дар ҷавоб Ҳаммод мегӯяд, ки Нуъмон ибни Собитро.

Дар ҳақиқат муҳаббати устодию шогирдӣ, ки пайвандгари он илму дониш аст, маҳкамтар аз риштаи фарзандӣ аст. Охир, фарзанд агар мероси моддии падарро ворисӣ кунад, шогирд мероси илмияшро соҳибӣ мекунад. Хушбахтона Эмоми Аъзам низ аламбардори номи устодаш Ҳаммод гардид ва ин аст, ки номи Ҳаммод маҳз бо шарофати исми шогирдаш Эмоми Аъзам дар саҳифаи таърих абадуддаҳр сабт гардид.

Бинед, ки азбаски Эмоми Аъзам устодашонро гиромӣ медоштанд, шогирдонашон низ баъд аз вафот аз ӯ бо дуои хайр ёд мекарданд.

Масалан, Ҳазрати Эмом Абуюсуф аз шогирдони бовафои Эмоми Аъзам ва аз тарғибкунандагони мазҳабаш буд, дар бораи устодаш Эмоми Аъзам ёдовар шуда, иқрор мегардад, ки «Эшон ман ва оилаамро тӯли бист сари сол аз нафақа таъмин намудааст ва ман баъд аз ҳар намоз пеш аз волидонам дар ҳаққаш дуо мекунам».

Ин аст, ки Эмом Абуюсуф баъди қозиюлқузот шуданаш ва соҳиби сарвати ҳангуфт (ду милён динор) гардиданаш боре аз ӯ мепурсанд, ки чӣ орзу дорӣ? Дар ҷавоб мегӯяд, ки дар баробари нисфи дороиям як бори дигар маҷлиси Абуҳанифа насибам мегардид.

Эмом Абуюсуф барҳақ мефармоянд, ки «Эмом Абуҳанифа барои ман ҳам дин ва ҳам дунёро хӯронд», ки ин аз эътирофи содиқонаи шогирд барои устоди бузургаш мебошад.

Дар иртибот ба ин суханони Имоми Аъзам «Ба шогирдонат чунон мушфиқона рафтор кун, ки гӯё ҳар як аз ононро фарзанди худат медонӣ, зеро ин амр рағбат ва алоқаи онҳоро ба ин илм бештар хоҳад кард» гувоҳи ин гуфтаҳост.

Ҳамин тариқ, тарғиби муносибати устоду шогирд дар мисоли Эмоми Аъзам меҳру муҳаббати шогирдонро нисбат ба устодонашон афзунтар мегардонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 4.10.ФАРҲАНГИ ЛИБОСПӮШӢ АЗ ДИДИ ИМОМИ АЪЗАМ

*Одаму либос, хонаву палос(мақоли халқӣ)*

Пешвои мазҳабии мо - Абуҳанифа дар замони худ ба тарзи либоспӯшӣ диққати зиёд медоданд, ки он ҳам аз фармудаҳои паёмбари барҳақи ислом Муҳаммади Мустафо дар ин бора об мехӯрд. Чунончи, дар «Қуръон»-и карим таъкид шудааст: «Эй фарзандони одам, либос барои Шумо фиристодем, ки андоми Шумо ва аврати Шуморо мепӯшонад ва мояи зиннат ва зебогии Шумост» (Сураи Аъроф, ояти 26), яъне Худо зебост ва зебоёнро дӯст медорад.

Ҳаммод - фарзанди арҷманди Абуҳанифа бо тафохури бепоён ривоят кардааст, ки «Падарам ҳамеша либосҳои тамиз ва озода мепӯшиданд ва атрро дӯст медоштанд. Бӯйи хуши атри ӯро ҳатто аз масофаи дур низ шамидан имкон дошт».

Мутеи Балхӣ яке аз шогирдони маъруфи Имоми Аъзам нақл мекунад, ки арзиши либосҳои мепӯшидаи Имоми Аъзам 400 дирҳами замонро (баробар ба шаш ҳазор доллари ИМА) дошт. Дар ривояти дигар омадааст, ки Абуҳанифа барои адои намози масҷид либоси алоҳида мепӯшиду барои гаштугузор дар манзил либоси махсус дошт. Агар ба дарбор ё маҷлисе даъватӣ мешуд, ҳатман тағйири либос менамуд.

Бинобар гуфтаи Ҳаммод - фарзанди Имоми Аъзам ҳамеша риши худро шона мезаданд ва ба ашхоси жӯлидамӯй нафрин мехонданд. «Медидам, ки мудом падарам риши худро шона мезаданд, - ба ёд меорад Ҳаммод - ва афроди жӯлидамӯро хеле сарзаниш мекарданд ва аз ашхоси тавоно даъват мекарданд, ки либосҳои хуб ба бар кунанд ва худро хубсурот намоянд».

Вақте ки Наср ибни Муҳаммад ба мулоқоти Имоми Аъзам меравад, мебинад, ки эшон тараддуди аз шаҳр берун рафтанро дорад. Имоми Аъзам аз Наср хоҳиш намуд, ки чодари худро ба ӯ ба орият диҳад. Имоми Аъзам баъди бозгашт аз сафар вақти баргардонидани чодари амонат гирифташуда ба Наср ибни Муҳаммад гуфт: «Чодари ту боиси шармандагии ман шуд, зеро он хеле камарзиш будааст». Наср гуфт, ки ман ин чодар ба панҷ динор (тангаҳои тилло) харидам ва аз он тафохур доштам ва аз ин муомилаи Имоми Аъзам тааҷҷуб кард. Вале чанде баъд вақте



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

ки рӯзе Имомро дид, ки дар сараш чодари гароннарх дорад, ки қимматаш 30 динор болост, он гоҳ таҳайюраш барҳам хӯрд.

Бинобар ривояти китоби «Ҳайрату-л-ҳисон» арзиши ҷомаи болои Имоми Аъзам 30 динор буд. Абуюсуф - шогирди Имоми Аъзам гувоҳӣ медиҳад, ки Имомро ҳеч гоҳ дар сурати ғайримураттаб ва мӯйи ноҳамвор надидааст.

Ривоят аст, ки Абуҳанифа на танҳо худ аз ҷиҳати ҳусни либосу зебоии зоҳирӣ намунаи ибрати дигарон буд, балки ба сурати берунии ҳамнишинонаш низ таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Ривоят мекунанд, ки ӯ мардеро аз аҳли маҷлиси худ дар либоси номақбул дид ва ӯро фармуд то охири маҷлис ва ба берун рафтани мардум мунтазир шавад. Вақте ки ҳама биноро тарк карданд, ӯро дар танҳоӣ гуфт: - Ҷойнамозатро боло кун, ҳарчи зери он аст, бигир. Он мард вақте ки ҷойнамозро бардошт, зери он ҳазор дирам дид. Имоми Аъзам ба ӯ гуфт: - Ин дирамҳоро бигир ва тағйири либос кун. Мард бошад, дар ҷавоб гуфт: - Ман фақир нестам, марди сарватмандам. Абуҳанифа дар ҷавоби ӯ гуфт: - Магар ҳадиси паёмбарро (с) нахондаӣ, ки фармуда: «Худованд дӯст медорад, ки нишонаи неъматашро дар бандаи худ бубинад».

Овардаанд, ки Мансури Аббосӣ барои руҳониёни дарбори худ кулоҳҳои қимматбаҳои махсус таҳия кард. Шоири дарбор Абӯдалона мегӯяд, ки мо пиндоштем ба ин кулоҳҳо ҳазрати Имом мутаваҷҷеҳ мешаванд, аммо замоне, ки Абуҳанифа вориди дарбор шуд, дидем, ки арзиши кулоҳи ӯ аз қимммати ҳамаи кулоҳҳои мо дар маҷмуъ баланд буд.

Ба ҳамин тариқ, пӯшидани либоси шинаму зебо ва дилкаш ба ҳусни зоҳирии инсон ҳусни тоза ба тоза зам месозад. Беҳуда нест, ки Сарвари Давлат Эмомалӣ Раҳмон дар конфронси «Мероси Имоми Аъзам ва фарҳанги исломӣ» (моҳи марти с. 2009) пешвоёни динро ба доштани маданияти баланди либоспӯшӣ даъват намуда, ба ин васила тамоми мардум, махсусан зиёиён ва ҷавонону мактабиёнро ба риояи маданияти пӯшидани либос хушдор доданд. Ин эроди Ҷаноби Олӣ аз ҷониби руҳониён низ ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо намуд (Ниг. Ҳоҷӣ Мирзо Давлатзода. Ман эроди Сарвари Давлатро ҷонибдор ҳастам//Рӯзномаи «Садои мардум» аз 1.04.2009).

Охир, «Бар бадани худ бахилӣ кардан куфрони неъмат аст» таъкид шудааст дар ҳадиси набавӣ. Ҳамчунин «Хоҷа Хизр – бо либос» гуфтаанд мардум.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## 4.11. ҚОДИРСУХАН

*Агар хуби-т як-як баршуморам,*
*Сарояд дар шумурдан рӯзгорам.*
*(Низомии Арӯзии Самарқандӣ)*

Дар таърихи тамаддун ва фарҳанги умумибашарӣ дар ҳама давру замон номи ашхосе дар хотири мардум мемонад, ки ба шарофати андешаҳои илмии қобили қабул, ҷавонмардӣ ва гуфтори малеҳу зебо, хислати писандида, маърифати комил ва ширкат дар аъмоли савоб гули сари сабади ҷомеа гардад. Яке аз чунин абармардони соҳибхирад, қодирсухан ва фарҳехтаи миллат, ки ҳамагон ба эшон садоқату рафоқат ва муҳаббати бепоён доранд, устоди устодон, шахсияти хоксору фурӯтан ва соҳибдилу фарзона доктори илмҳои филологӣ, профессор Худоӣ Шарифзода мебошанд.

Барои камина мояи ифтихор ва сарфарозист, ки ҳанӯз дар айёми донишҷӯӣ соли 1978 овоне, ки дар курси сеюми факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб мехондам, ҳамчун иштирокчии нахустин олимпиадаи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баъди мутолиаи асару мақолаҳои мондагораш бо худи устод на танҳо шарафи мулоқотро дарёфт намудам, балки дар ин олимпиада устод маро барои дарёфти мақоми дуюм сазовор донист ва табрик намуд. Он солҳо устод қаду қомати зебо, чашмони ҷаззобу мӯйи сиёҳи марғуладор дошт ва дар пешорӯйи мо соҳиреро мемонд, ки ҳамагӣ гӯшу ҳуш ва мадҳуну мафтуни каломи гӯшнавозу ширину дилнишини ӯ шуда будем. Баъдан дар тӯли солҳо ҳар боре, ки номи устодро дар ҷаридае мехондам ё бо ӯ рӯ ба рӯ мешудам, чун шахси ташнаҷон худро муҳтоҷи маслиҳату машварат ва лафзи шаккарини ӯ медидам.

Маротибаи дуюм соли 2007 вақте ки дар вазифаи сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон кор мекардам, собиқ вазири маориф, устоди арҷманд Абдуҷаббор Раҳмонзода хабар дод, ки пагоҳӣ худро ба ноҳияи Шӯрообод (ҳоло Шамсиддини Шоҳин) расонам. Дар вақти муайяншуда меҳмононро истиқбол гирифтем ва хушбахтона дар байни онҳо устод Худоӣ Шарифзода низ ҳузур доштанд, ки озими Дарвоз буданд. Дар соҳили дарёи Панҷ баъд аз деҳаи Хирманҷо дар ҷойи хушбоду ҳаво моро истиқбол гирифтанд ва ҳангоми тановул мову устод паҳлуи ҳам ҷой



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

гирифтем. Ҳангоми суҳбат устод огоҳ гардид, ки ман соҳиби дараҷаи илмӣ ҳастам, вале камина иқрор шудам, ки банда рисолаи илмиамро таҳти роҳбарии академик Муҳаммадулло Лутфуллозода аз фанни усули таълими забони тоҷикӣ навиштаам, вале ҳоло бештар мақолаҳои адабиётшиносӣ таълиф менамоям. Устод таъкид карданд, ки таҳқиқро дар самти таърихи адабиёт идома диҳам. Як сол баъд пас аз муҳокимаи кори яке аз шогирдонаш бо устод мулоқот оростам. Ба мавсуф хабар додам, ки нусхаи хомакии рисолаи доктoриам омода аст. Агарчи устод мутаассифона мушовири илмии ман набуданд, вале ваъда доданд, ки рисолаи манро хонанд. Устод корро хонданд, таҳрир намуданд ва ҳатто унвонии рисоларо низ то андозае тағйир доданд. Баъдан тавсия доданд, ки корро  ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳимоя пешниҳод намоям.

Ҳангоми барои дифоъ иҷозат додани кор баъзе аъзои шӯрои ҳимоя эрод гирифтанд, ки оё ин мавзӯъ мавод барои як рисолаи докторӣ дорад? Номи мавзӯъ гӯё суфтаву хушоянд нест, вале устод Худоӣ Шарифзода аз ҷой бархеста, иброз дошт, ки мавсуф ба ин кор шинос аст ва ба номи рисола низ ӯ  дигаргунӣ ворид кардааст. Маҳз ба шарофати кӯмаки бедареғ ва пуштибонии беғаразонаи устод рисолаи илмии ман на танҳо иҷозаи дифоъ гирифт, балки онро бомуваффақият ҳимоя намуда, сад фоиз овоз гирифтам ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия низ ба корам баҳои хуб дода, маро ба дарёфти дараҷаи доктори илми филология аз рӯи ихтисоси адабиёти тоҷик сазовор донист. Бинобар ин бе муҳобот дар вуҷуди устод Худоӣ Шарифзода шуълаи ишқу меҳр, садоқату самимият ва садҳо фазилатҳои воло дар каломy рафтораш фароҳам омада, накҳати фарҳангу фарзонагиро ба машомҳо мерасонад. Ба гумони ғолиб эшон бозмондае аз хизонаи ниёгони бузургамонанд, ки барои интиқоли сарвати маънавии гузаштагон ба ҳамзамонону пасояндон рисолате бар дӯш доранд.

*Ҳама умр барнадорам сар аз ин хумори мастӣ,*
*Ки ҳанӯз ман набудам, ки ту бар дилам нишастӣ.*
*(Саъдӣ)*

Аз азал устоди гиромӣ Худоӣ Шарифзодаро лутфи илоҳии сухангустарӣ ва ҷавҳаре аз садоқату ҳиммати аҷдодонамон ёр аст, зеро банда дар ҳар ҳамоишу нишастҳои илмӣ ва сафарҳои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хидматӣ рафтору гуфтор ва тарзи муомилаву муносибати устодро мушоҳида намуда, пайхас мекунам, ки мавсуф дар ҳар маврид шеваи муносибату амалашро ба таври шоиставу дилназир ва ҳатто хеле беназир ба маъраз мегузорад.

Устод Худоӣ Шарифзода ифтихори баланди ватандорӣ ва меҳанпарастӣ дошта, Тоҷикистон як пораи қалби ӯ, пешрафту барори Ватан мояи ифтихору сарбаландии эшон аст. Ҳамчунин устод шахсияти некахтар ва саодатмандест, ки Офаридгор арзишҳои футувват, ҳиммат, саховат, ҷавонмардӣ, ҳамидахисолӣ, табъу завқи воло, лутфи сухани диловезу дилороро барояш арзонӣ доштааст.

Ниҳоят, устод Худоӣ Шарифзода азизу гиромиқадрро ба шарафи ба синни муборакиҳаштод бардамонаву дилпурона қадам ниҳоданашон шодбош гуфта, хоҳони онем, ки Илоҳо,дасти пурмеҳру шафқаташон аз сари мо – шогирдонаш дур нагардад ва ҳамеша чун имрӯз солиму хушрӯву хушрӯз бимонанд.

## 4.12. ИНСОН ВА СОЛОРИ ЧАҲОРПОЁН

Аз бозе, ки дунё биност ва ҷомеаи инсонӣ пойбарҷост, асп ҳамдаму ҳамроз ва хидматгузори бани одамҳост. Аз ин лиҳоз, инсон фақат дар хусуси чизе табиӣ ва воқеъбинона мулоҳизаронӣ карда метавонад, ки ӯро аз наздик донад, ҳамдаму ҳамсафар ва ҳамтақдири вай бошад. Асп, ки дар дарозои таърих ба одам василаи сафари ҳамқисмату бовафост, табиист, ки роҷеъ ба ин ҷонвари дилқарини башар мулоҳиза рондан барои ашхоси бошуур шавқовару гуворост. Магар ҳаст одаме, ки аз наззораи сурати зебову қаду болои асп қалбаш ба хурӯш наояд? Қадаммониашро намегӯед!

*Ба ҳар гом, к-ин нозанин мезанад,*
*Чу мастон қадаҳ бар замин мезанад.*

(Бедил)

Барои чашмандози шоирона ба сурати асп кифоя аст, ки маснавии «Фараснома»-и Мирзо Абдулқодири Бедилро варақгардон намоем ва ба тавсифи сар, гардан, ёл, фарбеҳӣ, пешонӣ, даҳон, дандон, чашм, гӯш, дам, мӯй, дум, сум ва овози асп таваҷҷуҳ намоем:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Думу сум**:

*Думи ӯ муҳарриф занад бодро,*
*Суми ӯ кунад сурма фӯлодро.*

**Қадаммонии асп:**

*Ба ҳамвории табъҳои дурушт,*
*Зи ҳар по задан путку сандон ба мушт.*

**Наъли асп:**

*Шароре, ки гардад зи наълаш аён,*
*Хӯрад панбазори димоги сарон.*

**Дандони асп:**

*Ба дандон канад қуллаи кӯҳи Қоф,*
*Зи сум афканад дар дили санг ноф.*

**Даҳони асп:**

*Даҳону суми ӯ ба майдони ҷанг,*
*Кунад коми аждар зи хамёза танг.*

**Гӯши асп:**

*Ба чашму сару синаю гарданон,*
*Халад гӯши ӯ пештар аз синон.*

**Думи асп:**

*Думаш доманафшон гар бигзарад,*
*Магасвор аз даври сарҳо парад.*

**Ҳамбастагии**

*Савораш чаро дар дами корзор,*

***шаҳсавору асп:***

*Зи саъй аз такутоз гирад иёр.*
*Ки то азми ханҷаргузорӣ кунад,*
*Ба сарҳо сумаш гурзкорӣ кунад.*

**Шиҳаи асп:**

*Ба майдон даме, к-аз қиёматгарӣ*
*Шавад шиҳааш моили тундарӣ.*

Бузургони адабиёт ва фарҳанги тоҷик симои аспро чунон васф кардаанд, ки ҳатто як вожаи ноҷо алайҳи ин «солори чаҳор поён» (ибораи Умари Хайём) боиси вайронии офоқ хоҳад шуд:

*Ба васфаш нафас, беадаб, кам занӣ,*
*Ки метарсам офоқ барҳам занӣ.*

*(Бедил)*

Асп таҷассуми далерӣ, шуҷоат, нотарсӣ, наҳаросидан аз ҳар гуна таҳдидҳо мебошад. Номуси ватандории аспҳои размовар аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

орияти меҳанпарастии таковаронашон камӣ надошт. Лаҳзае, ки душман ба марзи Ватан ҳамлавар мешуд, размоварону ҷаҳонпаҳлавонон савори аспҳои ҷангӣ роҳи майдони набардро пеш мегирифтанд, истиқлолияту озодӣ ва ҳар ваҷаб хоки Ватанро ҳифз мекарданд. Агар ҳамчун воситаи саворӣ асп вазифаи имрӯзаи «Ренҷ Ровер»-у «Ферари»-ю«Волва»-ю «Лексус»-у «Мерседес»-у дигар анвои мошинҳои сабукравро иҷро намояд, аспҳои размӣ вазифаи танку тӯпу БТР-ро иҷро мекарданд. Садои шиҳаи ҷоншикори аспон бо овози бархӯрдани шамшеру гурз ва амуду найзаи паҳлавонон ба само дакка мехӯрд. Ин аст, ки дар оятҳои 1,2,3-юми сураи Одиёти Қуръони азимушшаън таъкид шудааст, ки Худованд бо аспони тезтаки размӣ қасам хӯрдааст: «Вал одиёти забҳан, фалмуриёти қадҳан, фалмуғироти субҳан, фаасар набиҳи нақъан, фавасат набиҳи ҷамъан», яъне савганд ба аспҳое, ки дар тохтан нафасашон ба шуморе меафтад ва савганд ба аспҳое, ки ба ҳангоми шитоб аз бархӯрди сумҳояшон ба сангҳо оташ бармеафрӯзанд, субҳгоҳон (душманони Ҳақ)-ро ба ғорат мегиранд ва гарду ғубор барангехта, атрофи сипоҳи душман ҳалқа мезананд ва онҳоро муҳосира мекунанд.

Асп таҷассумгари вафодорӣ, садоқат ва меҳру муҳаббат ба инсон буда, яке аз нахустҷонваронест, ки ҳанӯз 6 ҳазор сол пеш ба одам ром ва дастомӯзу дастёру дамсоз гардидааст. Одамизод қодир аст, ки дар натиҷаи тарбият ҳайвонро низ хулқу хӯйи инсонӣ диҳад. Ин аст, ки Имом Ғаззолӣ фармуда:

«Нашунидаед, ки дар натиҷаи тарбият асп хӯйи одамӣ гирад». Маҳз таҳти таъсири тарбият дар асп хулқу хӯйи далерӣ, шуҷоат, нотарсӣ нумӯъ мекунад ва рушд меёбад. Аз ин лиҳоз дар пеши назари Ҳакими Тӯсӣ дар «Шохнома» асп чун як ҷононаи ҷон ё қудрату имон истодааст ва ӯ наметавонад риштаи суханро аз тасвири асп ба дигар сӯ кашад. Тасвирро бинед:

*Замин гарди Рахши туро чокар аст,*
*Замон бар ту чун меҳрубон модар аст.*

Меҳру муҳаббати аспро бар инсон аз Пири тӯсӣ дида, касе хубтар тасвир накардааст. Баъди марги Суҳроб аспаш низ чун мардони азодор сархаму бо дидаҳои ашкбор то ба гӯристон аз қафои тобути шаҳсавораш раҳ мепаймояд. Чун расмияти азодории тоҷикон ёлу думи аспи Суҳробро мебуранд. Ҳамчунин ёдгориҳои дафнии ориёиёни Осиё ва Аврупои садсолаҳои 2-1-и то мелод гувоҳи онанд, ки дар Суғду Хоразм бо асп гӯронидани



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

марҳум роиҷ буд. Тавре ки бо фармони Рустам дар кӯҳ барои ҷигаргӯшааш Суҳроб ба мисли суми сутур дахма мекананд ва ӯро бо аспаш ба манзили охират мефиристанд.

Хусусан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аспҳо ба ҷойи воситаи саворӣ ва савлату шукӯҳи ҷавонмардон ба рамзи устувории давлат ва осудагии кишвар табдил ёфтанд, зеро онҳо дар сафи ҷанговарон барои ҳифзи кишвар бархестанд. Аз ҷое, ки мошину танк намегузашт, асп убур мекард. Лавозимоти ҳарбӣ, хӯрокворӣ ва ярадоронро ба манзил мерасонид. Бо асп ба разведка ва ба ҷустуҷӯи қисми гумшуда мерафтанд. Асп чун ҷанговар ҳамроҳи саворааш дар муҳорибаҳо, задухӯрди тан ба тан, дар таъқиби душман иштирок мекард, соҳиби ярадор ё ҳалокгашта-ашро аз майдони ҷанг мебаровард, чун ҷанговар ярадор ва қаҳрамонона ҳалок мегардид. Танҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ 7 миллион сар асп дар майдонҳои набард шаҳид шудааст.

Майдони аспдавонӣ, ҷилваи асп, хиромидани асп – манзараи ҳаловатбахш ва бахшандаи кайфияти олии рӯҳӣ ба инсон мебошад. Дар назди Паёмбари ислом(с) пас аз занон ҳеҷ чиз маҳбубтар аз асп набуд. Махсусан эшон ба аспдавонӣ арҷ мегузоштанд ва худашон сабқати аспдавонӣ созмон медоданд.

Тамоми бузургон ба асп дилбастагӣ доштанд ва аз наззораи майдони аспдавонӣ, ҷилваи асп – хиромидан, чинда – чинда қадам партофтан ва даву части асп ба ҳаяҷон меомаданд, ин манзараҳои нотакрор ба онҳо ҳаловат ва кайфият мебахшид. Ин аст, ки бузургон ин ҷонвари дилқарину шаҳпари худро васф кардаанд:

**Ҳазрати Муҳаммад (с):**

*(1) – Ба ростӣ, (асп) дарёст.*

*(2) Некӯӣ дар паҳлуи пешонии асп баста шудааст то рӯзи қиёмат (Ал-хайри маъқудун фӣ нувоси ил-хайли).*

**Ҳазрати Сулаймон:**

*Шукр Худои таъолоро, ки ду бодро фармонбардори ман кард: яке бо ҷон ва яке беҷон, то ба яке замин меситарам ва ба яке ҳаво*

**Маъмун Халифа:**

*Нек чизест асп: осмони гардон ва тахти равон.*

**Ҳазрати Алӣ (р.а.):**

*Эзиди таъоло аспро офарид аз баҳри он ки инсонро ба вай азиз гардонад ва девро хор кунад.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

**Абдулло ибни Тоҳир:**

*Ба асп нишастан дӯст дорам, ки бар гардани фалак.*

**Нуъмони Манзар:**

*Аспон ҳисорҳои мардони шабанд ва агар асп набудӣ, номи шуҷоат кай андархӯри номи мардони ҷангӣ будӣ.*

**Наср ибни Сайёр:**

*Асп тахти ҷанг аст ва силоҳ гулҳои вай, шеҳаву фарёду зарб – суруди ҷангу хун – майи он.*

Баъди соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз аспи тоҷикӣ зеби майдонҳои аспдавонӣ ва сабқатҳои ҷаҳонӣ гардид. Ашхоси фарҳехтаи миллат, онҳое, ки барояшон даву часпи яздонӣ ва ҷилваву хироми асп ҳини аспдавонӣ дар майдони аспрез азиз аст, беҳтарин аспҳои тоҷикиро гулчину сарчин намуда, ба майдонҳои сабқат дароварданд.

Табиати зебои Тоҷикистон бо аспҳои лолои тоҷикӣ хеле мувофиқ афтодаанд, зеро аспҳои тоҷикӣ аз ҷиҳати уреби бадан, сандуқи сина ва васеъгии сум, ки боиси афзоиши ҷусса, зебоӣ ва суръати дави он гардидааст, аз дигар намудҳои аспҳо фарқ мекунад. Аспҳои тоҷикӣ бо намуди зоҳирии ҷолибу зебояшон кӯҳҳои сарбафалаккашида ва даштҳои гулпӯши кишварро ба ёд меоранд ва ба табиати водию кӯҳистони тоҷик ҳусн зам мекунанд. Ин аспҳо бо қадубасти қоқина ва боқувват, бо қиёфаи ҷолиби шарқиёна, бо миҷози ғаюрона ва хушфеълӣ, бо сари миёнаи қоқина, бо чашмони калони муассир, пушти сари дароз ва фарқи сари паҳн, гардани дарози аксаран нимлаклакӣ, ёли дарозу хамида, мушакҳои барҷаста, бо шонаи дарози каҷмонда бо тахтапушт, камар ва қавораи кӯтоҳ ё фуровардашуда, бо сандуқи синаи фарох ва қабурғаҳои дарозу даврашакл, пойҳои боқуввати хуб ташаккулёфта, буҷулаки пойи дароз, суми шаклан дуруст, миёна ва сахт, бо мушакҳои хуб инкишофёфта ва бо рагу пайванди мустаҳкам таковарони ғаюру далери худро ба ёд меоранд, зеро табиат аспи тоҷикиро гӯё маҳз барои таковарони қавидил ва ҷаҳонпаҳлавонони тоҷик офарида.

Ба ҳамин тариқ, мардуми тоҷик аз қадим лаб бар сифоти сурату сирати зебои ин «қаноти мард ва сутуни пойдори давлат» (Эмомалӣ Раҳмон) кушода, бо сабку услуби ба худ хос аз аҳди қадим то ба имрӯз асп барин чорпои дастомӯз ва савории инсонро тараннум мекунанд. Бинобар ин аспи тоҷикӣ, ки аз аслу



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зурриёти таковари хатлист, минбаъд низ зини мурассаи шоҳаншоҳӣ бар пушт саманди ҷаҳонгири Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон барин мардони Худо хоҳад буд, зеро барои сифоти ин саманд сухан дигар маҷоли гуфтор надорад, чунки

*Битозад агар аз камини сухан,*
*Намонад замин дар замини сухан.*
*(Бедил)*

## 4.13. ҲАР КАС, КИ САРАШ ДАРД КУНАД, ҲАҚ ДОРАД

Чопи мақолаи муаллими забон ва адабиёти мактаби миёнаи рақами сеюми ноҳияи Восеъ Рустам Муродов бо номи «Мардумони бохирад…» (“Ҳақиқати Хатлон”, 6.04.1990), ки дар ҷавоби мақолаи нозири умури маорифи вилояти Қӯрғонтеппа Нуриддин Тоҷиддинов «Хат ғалат, имло ғалат, иншо ғалат» иншо шудааст, маро бетараф нагузошт, чунки камина низ шоҳиди бевоситаи олимпиадаи вилоятӣ будам. Р.Муродов дар мақолаашон «баъзе камбудию ихтилофҳо»-и мақолаи Н.Тоҷиддиновро «рушноӣ андохтанӣ» шудааст.

Муаллиф муътақиди он аст, ки азбаски доварон муаллимони унвондори Донишкадаи омӯзгории Кӯлоб будаанд, Н.Тоҷиддинов барои иштирок дар олимпиада ва ҷамъбасти он салоҳият надорад. Р.Муродов фикри Н.Тоҷиддиновро нафаҳмидааст. Ӯ метавонад, бори дигар ба мақола зеҳн монад. Муаллиф гуфтанист, ки имсол дар қатори муаллимони одӣ олимон низ ба ҳайати доварон дохил буданд. Охир, ман низ ба ҳамин ҳайат мутааллиқ будам. Н.Тоҷиддинов бошад, раиси ҳайат, шахси масъул барои гузаронидани олимпиада ҳисоб мешуд. Тамоми камукости озмун бори дӯши он кас буд. Ҳамаи раисони комиссияҳои синфҳои 9,10,11 низ бо номи ӯ ҳисобот навишта, камбудию муваффақиятҳои олимпиадаро нишон дода буданд. Пас, чаро чунин шахс ҳуқуқи ҷамъбасти олимпиадаро надошта бошад?

Сониян, Рустам ба унвони мақола хӯрдагирӣ кардаанд, ки гӯё «Хат ғалат, имло ғалат, иншо ғалат» номидани мақола аз рӯи мантиқ нест. Гӯё ки иншои аксарияти иштирокчиёни олимпиада



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дуруст (?) бошад! Р.Муродов-ку ба ҳайати доварон дохил набуд, аз куҷо донист, ки иншои аксари иштирокчиёни олимпиада босаводона навишта шуда буд? Ман ҳамчун аъзои ҳайати доварон мегӯям, ки дар байни иштирокчиёни олимпиада хонандагоне, ки аз саводнокӣ баҳои аъло гирифта бошанд, ангуштшумор буданд. Сарлавҳаи гузоштаи Н.Тоҷиддинов бошад, хеле бамавқеъ афтодааст, чунки агар хату имло ғалат бошад, ба иншо (мазмун) низ беасар намемонад. Бузургон ҳамавақт шахси хатонависро танқиду мазаммат кардаанд. Амир Хусрави Деҳлавӣ фармудааст:

*Зеборӯе, ки ҳаст бадхӯй,*
*Чун хушхати хатонавис аст.*

Р.Муродов суханони Р.Ғамзатовро дастак карда, ақидаи нодурусти худро ба бузургон нисбат медиҳад. Охир, чунин Фирдавсию Рустамҳоро модари даҳр кам меофарад! Агар мо ба саводнокӣ аҳамият надиҳем, пас, таълими забон ба кӣ лозим аст? Магар забонро бе грамматика тасавур карда мешавад? Р.Ғамзатов фақат муътақиди он аст, ки «на забон ба грамматика, балки грамматика ба забон тобеъ бошад» Ӯ мегӯяд: “...грамматикаро ба мусофири пиёда, адабиётро ба мусофири хачирсавор ташбеҳ медиҳам. Мусофири пиёда илтимос менамояд, ки ӯро ба хачир савор кунад, мусофири хачирдор он пиёдаро ба қафои худ савор мекунад. Оҳиста – оҳиста мусофири пиёда шердил шуда, соҳиби хачирро танг мекунад, ҳатто фуроварда, пеш карданӣ шуда, мегӯяд: «Хачир ҳам аз они ман, бораш ҳам!» («Доғистони ман», 1984, с. 75).

Агар муаллиф ақидаи ба талабагон на грамматикаи хушку холӣ, балки забонро ёд доданро пеш меронд, ман аз дилу ҷон тарафдори ӯ будам.

Р.Муродов мегӯяд, ки «як дастури хуби ба тартибовардаи (?) имлои калима, ибора ва аломатҳои китобати ҳанӯз вуҷуд надорад». Аз афташ, ӯ муаллими забон ва адабиёт шуда, китобҳои Я.Калонтаров «Луғати имлои забони адабии тоҷик (Душанбе, 1974), Х.Ҳусейнов «Пунктуацияи забони адабии ҳозираи тоҷик» (Душанбе, 1977) ва даҳҳо дастуру мақолаҳои методии марбут ба имлоро надидааст. То қабули қоидаҳои имлои нав онҳо қурби худро гум нахоҳанд кард (Ин сухани ман нест) Р.Муродов дар атрофи шеъри устод Рӯдакӣ

*«То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз».*

баҳс карда истода, нуқтаи назари муаллими мактаби миёнаи №26-и ноҳияи Коммунистӣ Р.Ёқубовро (ҳоло ноҳияи Кӯшониён) ҷонибдорӣ кардаанд. Гӯё «роҳ» нею «роз» бошад. Ин фикри бедалели Р.Муродов ягон асоси илмӣ надорад. Ӯ бо ин ақидааш муаллифони китоби дарсӣ ва мураттибони маҷмӯаи ашъори устод Рӯдакиро дурӯғгӯ карданист. Наход ки мураттибони маҷмӯаи «Рӯдакӣ» («Ирфон», 1974), адабиётшиносони шинохта Усмон Каримов ва Садрӣ Саъдиев баробари Р.Муродову Р.Ёқубов дониш надошта бошанд? Охир, онҳо ин шеърро аз ҳаво нанавиштаанд, балки дар асоси чопи охирини асари Саид Нафисӣ «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ» (Теҳрон, 1341) маҷмӯаи «Осори Рӯдакӣ» (Сталинобод, 1958) маҷмӯаи «Рӯдакӣ» (Теҳрон, 1344), китобчаи С. Айнӣ «Устод Рӯдакӣ (Сталинобод, 1940), ду нашри «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ муқоиса карда, чоп намудаанд. Мувофиқи ахбори сарчашмаҳои болоӣ шеъри мазкур порчае аз манзумаи «Калила ва Димна» буда, дар маҷмӯаи «Рӯдакӣ» (1974) дар шакли зайл омадааст:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон… (с.125).

Р.Муродов мегӯяд, ки «агар котибе сахлангорӣ карда, нодуруст китобат карда бошад, айби муаллиму Рӯдакӣ чӣ?» Агар котиб саҳв мекард, дар як ҷо хато менавишт, вале дар ду ҷо калимаи роҳ омадааст ва онҳо бомавқеъ истифода шудаанд: аз рӯзе, ки дунё биност, касе аз роҳи андӯхтани дониш бениёз нест.

Дар ин ҷо ман ягон косташавии мантиқро намебинам. Танҳо ин хӯрдагирӣ ва аз таги нохун чиркҷӯйиҳои Р.Муродовро тавҳин ва рад намудани заҳмати олимони матншинос медонаму бас.

Р.Муродов дар охири мақолааш гуфтааст, ки «фиристодаи мо чандон нодон набуд». Равшан аст, ки ҳеҷ кас дӯғи худро турш нагуфтааст. Ман низ чун ӯ дар олимпиадаи вилоятӣ хонанда доштам (Ш.Абдулҳаев), вале вақте ки шеърхонии дигарҳоро шунидам, виҷдонам набардошт, ки ба хонандаи худам холи мусбат гузорам. Охир, истеъдодҳо ҳамеша чун Р.Ғамзатов намоён мешаванд. Ба ҷойи он, агар Р.Муродов изҳори ақида мекард, ки аз барномаи олимпиада шеърхонӣ бароварда шавад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зеро ин истеъдоди махсусро тақозо мекунад, луғатҳо дар дохили матн дода шаванд, ман бо ӯ аз дилу ҷон тарафдор будам.

Ҳайати доваронро, ки ба ин гурӯҳ олимони муҳтарам Иззатулло Тамлихоев, Саидкул Сабзаев, Раҳим Саидов, Ғоибназар Мирзоев дохил буданд, беасос «расмиятчӣ» номидан аз рӯйи одоб нест, чунки ба қавли ҳазрати Ҳофизи малакутӣ

*Дар маҳфиле, ки хуршед андар шумор зарраст,*
*Худро бузург дидан шарти адаб набошад.*

Ба Р.Муродов тавсия мекунам, ки мавзуи «Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ»-ро чуқуртар омӯзад, чунки дар мақолааш мебоист пас аз калимаҳою ибораҳои «аввалан», «нахуст», «сипас», «баъдан», «ниҳоят», «аз ҷумла», «ба фикри ман» аломати вергул мегузошт.

Ман устод Н.Тоҷиддиновро, ки сарашонро на дар осиёби бобои Сафар, балки дар кори маориф сафед кардаанд, бо мисраъҳои муаллими муаллимон Саъдии ҳамадон тасаллӣ медиҳам:

*Санги бадгавҳар агар косаи заррин шиканад,*
*Қимати санг наяфзояду зар кам нашавад.*

Р.Ғамзатов, оне, ки муаллифи мақола ба фармудаҳои эшон ишора кардаанд, маҳз ба ӯ барин шахсон нигаронида гуфтааст: «Баъзеҳо на барои он лаб ба сухан мекушоянд, ки майнаашон пур аз фикрҳои бикр аст, балки забонашон мехорад» (ҳамон ҷо с.59).

(Рӯзномаи «Хатлон», 6.04.1990).

## 4.14. РӮЗНОМАИ НОҲИЯВИИ «ВАХШ» - БУЗУРГТАРИН МАКТАБИ ЭҶОДИИ МАН

Дар солҳои 1982 – 1992 рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» минбари ҳазорҳо нафар мухбирони коргару деҳқон маҳсуб мегардид. Дар рӯзнома бо сарварии журналисти ҳалиму хоксор ва хеле сахтгиру серталаб Аъзамҷон Мӯсоев як ҳайати рӯзноманигорони хушқаламу кордон ҷамъ омада буданд. Хонандагон ҳар як шумораи рӯзномаро бесаброна мунтазир мешуданд. Махсусан таълифоти Боймурод Сайдалиев (муовини сармуҳаррир), Усмоналӣ Тӯйчиев, Ҳафиз Раҳмонов, Бегмурод Раҳимов (котиби масъул), Ҷумъабек Эҳсонов, Мирзомуддин Икромов (сармуҳаррири феълии рӯзнома), Ашӯралӣ Ҷорӯбов ва дигарон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

хеле ҷолиб буданд. Дар баробари ин мухбирони ҷамоатии рӯзнома низ дар саҳифаҳои он бо лавҳа, хабару мухбирнома ва мусоҳибаҳои шавқовари худ мунтазам баромад мекарданд. Камина ягон маротиба мушоҳида накарда будам, ки дар рӯзнома дар сарлавҳаҳо, рубрикаҳо ё матни мақолаҳо хатоҳои имлоӣ, китобатӣ ё услубие рух дода бошад.

Ҳайати эҷодии рӯзнома мунтазам дар мавзӯъҳои гуногун озмунҳо эълон намуда, онро дар арафаи рӯзи матбуот ҷамъбаст мекарданд. Ёд дорам, ки банда дар озмун таҳти унвони «Дар деҳа хонадоне ҳаст…» бо мақолаи «Фидокор», ки дар бораи тракторчии хоҷагии «Туркманистон», участкаи Андреев Роҳиб Идиев нақл мекард, иштирок намуда, соҳиби ҷойи 2-юм, Ифтихорномаи рӯзнома ва соати дастӣ гардидам. Мақола дар шумораи №46 (5746) аз 11 апрели соли 1985 чоп шуда буд.

Махсусан таҷлили рӯзи матбуот барои алоқамандони рӯзнома идгохро мемонд. Тамоми мактабу боғчаҳо ва ташкилоту муассисаҳои ноҳия рӯзномаҳои девории худро ба озмун пешниҳод мекарданд. Мо шабҳо нахобида, то рӯз рӯзномаҳои девории дарозиаш то 10 – 12 метр, ки дорои 50 – 80 мақолаҳои хурд буданд, мебаровардем. Беҳтарин мақолаҳои рӯзномаҳои деворӣ дар нашрияи «Вахш» ба чоп мерасиданд. Бахусус саҳифаи адабии рӯзнома, ки дар он ашъори Усмон Билолӣ, Гулҷаҳон Ҳалимова, Ғафур Мулло, Пиримқул Сатторӣ, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Бегиҷон Умарзода, Исроил Иброҳим, Мустафо Набӣ ва дигарон мунтазам чоп мешуданд, ҳамеша хонандагону мухлисони худро дошт, ки ҳафтае як маротиба интизори интишори он мешуданд. Ҳамон айём мақолаҳои камина «Қабри аскари гумном» («Вахш», №58 (5914) аз 13.05.1956), «Сарбози ду майдон» («Вахш», №54,1.05.1985), «Дар водии хомӯшон» (Вахш», №54, 5.05.1987), «Маърифатафрӯз» («Вахш», 16.05.1985), «Иқболи баланд» («Вахш», 16.02.1988), «Хандаи бахт» («Вахш», 10.10.1987, №122), «Ҷашни қаҳрамони халқӣ» («Вахш»,; 130,2910.1988), «Ҳамрози пирон» (Вахш», №155,25.12.1985), «Мукофоти амал» («Вахш», №101, 26.08. 1986), «Хазинаи дарбаста» («Вахш», 9.09.1986), «Истифодаи саҳначаҳо дар дарсҳои адабиёт» («Вахш», 18 майи соли 1991) ва дигарҳо на танҳо аз ҷониби хонандагон баҳои баланд гирифтанд, балки аз тарафи рӯзномаҳои вилоятии «Хатлон» ва соҳавии (ҷумҳуриявии) «Газетаи муаллимон» бознашр низ шуда буданд. Умуман дар давоми ҳамкориам бо



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯзномаи «Вахш» зиёда аз 150 мақолаи ман дар ин нашрия интишор шуда буд.

Дар тӯли 10 соли бо рӯзномаи «Вахш» ҳамкорӣ доштанам, аз як тараф, дасти ман дар навиштани маводҳои публитсистӣ рост шуд ва аз тарафи дигар, рӯзномаи «Вахш» даричае буд, ки ман тавассути он ба рӯзномаҳои вилоятии «Хатлон», «Маориф ва маданият» (баъдан «Омӯзгор» ва «Адабиёт ва санъат»), маҷаллаи «Мактаби советӣ» (алъон «Маорифи Тоҷикистон») роҳ ёфтам ва ба шоҳроҳи илм дилпурона равона гардидам. Ба шарофати он ба ҳайси узви Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Аълочии матбуот ва Аълочии фарҳанги Тоҷикистон пазируфта шудам. Дар мушкилтарин рӯзҳои сиёҳи миллат (солҳои 1992-1993) ходими адабии рӯзномаи вилоятии «Хатлон» будам ва дар қатори Барот Саидов, Амиршоҳи Хатлонӣ,Сайдалӣ Бобохонов, Тоҳири Асомуддин,Сайвалӣ Сайфуллоев ва дигарон мардумро ба ваҳдату муттаҳидӣ ва бахшиши ҷурмҳои якдигар даъват менамудем, ҳамчунин дар вазифаи сардабири маҷаллаи «Мактаб»-нашрияи Раёсати маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон (солҳои 2004-2006) низ кор кардам.

Маҳз интишори мақолаҳои дар тӯли ҳамкориам бо рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» ба ман имконият дод, ки дар мавзӯи «Истифодаи маводи кишваршиносӣ ҳамчун воситаи инкишофи нутқи хонандагони мактабҳои тоҷикӣ» рисолаи номзадӣ таълиф намоям ва соли 1996 аз рӯйи ихтисоси усули таълими забони тоҷикӣ дифоъ намуда, ба дарёфти дараҷаи номзади илм мушарраф гардам.

Камина дар тӯли умри худ бо чандин рӯзномаҳои ҷумҳурӣ, нашрияҳои Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Исломии Эрон (маҷаллаҳои «Мерос» ва «Сурайё») ва дигар давлатҳои хориҷи дуру наздик ҳамкорӣ намудам, мақолаҳои илмию методӣ ва адабиётшиносии худро дар саҳифаҳои онҳо ба нашр расонидам, вале дар қалби ман рӯзномаи «Вахш» ба гунаи махсус маъво дорад ва меҳри ин рӯзнома аз лавҳи хотири ман то дунё биност ва тапиши дилам пойбарҷост, зудуда нахоҳад шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# 5.НАСРИ БАДЕӢ

## ФАЛСАФАИ ОЛИМ

*Яктост Худову кош дин ҳам мешуд,*
*Тафриқаи байни одамон кам мешуд.*
*Дар даҳр ба ҷойи ин ҳама динбозӣ,*
*Як мазҳаби ростини одам мешуд.*
*(Алимуҳаммад Муродӣ)*

Мошин дар масири Бохтар – Дӯстӣ башаст медавид. Баробари ворид шудан ба ҳудуди маркази ноҳияи Дӯстӣ – шаҳраки Ҷиликул аз самти рост аввалин мавзеи диққатрабо гӯристони ӯ аст, ки лаҳзае диққати касро ба худ мекашад. Ман низ чун одати ҳамеша суръатбардори мошинро раҳо намуда, хостам дар канори роҳ истам ва гӯри пири ошно – Олим Рауфро, ки дар канори девори роҳ аст, зиёрат кунам, вале ҳамсафарам Хоналӣ Қурбонзода бе он ки чизе гӯяд, бо қирраи чашм ишора намуд, ки роҳамонро идома диҳем. Баъди қарор гирифтан дар назди мағозаи хӯрокворӣ ӯ аз он ҷо хомӯшона як шиша май харидорӣ намуда, дар канори гулзор нишаста, хомӯшона майро дар ду пиёла рехт, онҳоро бо ҳам ҷанг андохт, якеро нӯшид ва дигареро ба бехи буттагули зебое рехт ва баъдан «Худо, раҳматат кунад, бобои Олим Рауф»,- гӯён ҷониби камина нигариста,– дар ёд надорӣ, ки бобои Олим Рауф мегуфт, баъди мурданам сари гӯри ман рафтаву бал – бал карда, оят нахонед, балки дар ду пиёла арақ гирифта, ба ҳам онҳоро чақонед ва якеро нӯшида, дигареро (ҳаққи маро) ба бехи гуле резед, хок худаш бӯйи онро ба машоми ман мерасонад». Ба ёд овардам он рӯзҳоро, зиёда аз даҳ сол боз он бузургвор ба рӯ ниқоб хок кашидаанд. Бори аввал вақте ки ӯро дидам, фалсафаи ӯро шунидам, дар ҳайрат мондам. Хотираам саҳв нахоҳад кард, баробари дар назди дарвоза қарор гирифтани мошин чашмам ба ҳавлии деворҳояш баланд, ҳавозаҳои ангураш барҳаво ва дару девори хеле зебо афтод ва бовар ҳосил кардам, ки замоне ин ҳавлӣ аз беҳтарин иморатҳои мавзеъ будааст. Соҳиби хона марди ришу рӯяш пок – покиза тарошидагӣ болои кат нишаста, Қуръон қироат мекард. Бовар ҳосил кардам, ки Олим Рауф ҳамин кас аст. Азбаски саги соҳибхона ҷониби мо овоз рӯшан намуда, ба ҳуҷум гузашт,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мӯйсафед аз чояш баланд шуда сагро бо нӯги асояш таҳдид намуд:

- А, саг, аз ҳамин хона ҳашт камаз чизу чораро бор карда бурданд, як бор наҷакидӣ, зинапояамонро ҳамсоя аз они худ кардааст, ҳар дафъа ман рафта ,«ҳамсоя, ҳамон зинапояатонро намедиҳӣ, ки ангур хомток кунам» гуфта, моли худамро аз ӯ талбида меорам, вале ту як бор ҷониби ӯ намеҷакӣ, аммо ҳамин ки ду муаллими бечораро дидӣ, сӯяшон «ҳаф» гуфта, метозӣ ва садоқататро ба намоиш мегузорӣ.

Баъде ки моро ба ҳавлӣ раҳнамоӣ намуд, мушоҳида намудам, ки ҳақиқатан ҳам ин хона мавриди ғорати ҷиддӣ қарор гирифтааст, вале соҳибхона ҳамоно ба ҷойи шикоят шукр мекард.

- Муаллими ҷон, - ба ман, ки хонаҳои бедарро кунҷковона нигариста, як навъ онҳоро ҳисоб мекардам, рӯ овард мӯйсафед, - 12 дари хона кушода аст, лекин ҳаминаш хуб будаст, ина, ҳамин адиёл ҳам ба ҷойи дар истифода мешавад, аз лабаш гирифта, як тараф мекунию медароӣ ва сар, ки додӣ, боз ҷояшро мегирад. Писарам,аслан он солҳо дарахти дини мо донаҳои куфр ба бор овард. Мо ношукр шудем. То соли 1992 ҳамроҳи ман Франс ном немис кор мекард. Вай дар як зарфи 5- литра бензин ва дар яктои дигараш ҳамин қадар керосин гирифта, барои истифода ба хонааш мебурд ва маро таъкид мекард, ки ҳаминаш кифоя аст, тамом, ки шуд, боз мебарам, вале ман баръакси ӯ амал мекардам. Дар ҳавлиам ду бушкаи ҳар кадомаш панҷтоннагиро гузошта, якеро бо бензин ва дигареро бо керосин пур карда будам. Дар ҳавлӣ ҳавз доштам (ба сӯи ҳавзи хушкида ишорат намуда), насос обро аз ҳавз кашида, бо қади пояҳои ангур башаст ба боло мебаровард ва аз болои ангур дар чиллаи тобистон борон мерехт. Як УАЗ – 469-и наппа нав доштам, вале боз барои эҳтиёт дар таҳхона як мотори равғанпечи дигарро нигоҳ медоштам. Ҳамаашро бурданд. Гоҳо як лақай ҳамон УАЗ-ики маро газ дода, аз шафати хона мегузарад, мегӯямаш, ки «ҳазор раҳмат! Ҳай карда даврон карда гард, моли кунуск – фоидаи бебок, даврони мо гузашт!» Аслан ин муллоҳо мардумро гӯл заданд, фиреб карданд,ки яке аз онҳо манам.

- Бобо, худат низ мулло ҳастӣ–ку? Ту худро накӯҳиш мекунӣ?- гуфтам ман.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

- Не, ман мулло нестам. Падарам мулло буд. Дар Рашт мисли падари ман–мулло Рауф  шахси бахосияту табаррук кам буд. Ман Қуръон мехонам, вале ҳеҷ гоҳ ба ин муллоҳо ихлос надоштаму надорам, чунки ин тоифа барои манфиати худ аз номи дину диёнат чӣ корҳое, ки намекунанд. Баъдан тоқиашро аз сараш гирифта, ба замин гузошт ва суханашро идома дод.

Он солҳо маро раиси Олим Раупов мегуфтанд, зеро раиси колхоз будам ва яке аз уфҳои номии ноҳияи Колхозобод (ҳоло Ҷалолиддини Балхӣ) ҳисоб мешудам. Бо номи Шергир саги зебое доштам, ки дар ақлу фаросат аз одам камӣ надошт, зеби як водӣ буд, мисли ин Тузик (ба сагчаи дар наздаш думликконда истода ишорат намуда) кавдан набуд. Тифоқо ин саг бемор шуд, давои байтору доруи духтури одамон ба вай нафъе набахшид ва саги вафодори ман ҷон ба ҳақ таслим кард. Кас фиристода, мулло Тӯробро даъват карда, гуфтам, ки сагро шуста, такфин  ва баъдан ҷаноза кунед.

- Рауфов, валлоҳ, ки ту девона шудаӣ, - гуфт дар ҷавоб домулло. Вале ман низ паст нафуромадам. Дар кисаи домулло як пачкаи сесӯмаро тиққондам. Дарҳол оҳанги гуфтораш мулоим шуд.

- Майлаш, 6 – 7 ҷанозахонро ҷамъ мекунам, вале дасташонро сафед кун, - гуфт домулло. Ман бо аломати тасдиқ сар ҷунбонидам. Ҷанозахонҳо баъди гирифтани 10 сӯм саф ороста, сагро ҷаноза карданд ва як аспакиро як камон дода, гуфтам, ки 40 рӯз гӯри сагро посбонӣ мекунӣ. Рӯзе се маротиба хӯроку арақ бароят мебурданд ва ӯ дар лаби дарё  гӯри саги вафодори маро посбонӣ мекард. Бо гузашти чандин солҳо посбон рӯзе  иқрор шуд, ки ӯ аз рӯзи аввал сагро ба дарё афканда, хоктӯдаи холиро ба хотири хӯроку арақ нигаҳбонӣ мекардааст.

Вақте ки аз мӯйсафед синну солашро пурсон шудем, ӯ гуфт, ки 86-сола шудааст. Гаштаю баргашта шукр мекард, ки ба 86 расидааст ва дилпур буд, ки синни садро убур хоҳад кард.

- Дар номи Худованд мирам, тоҷик нест, ки бахил бошад, 86-ро дод, наход ки 14-и дигарро надиҳад! –  такрор ба такрор иддао менамуд бобои Олим.

Ҳар гоҳ ки ба аёдати бобои Олим меомадем, дӯстдоштатарин туҳфа – як шиша арақро барояш дастовез меовардем. Баробари дидани мо осемасар омин карда, аз сари ҷойнамоз мехест, ё мутолиаи Қуръонро мавқуф гузошта, каломуллоҳро  се бор ба



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

пешонааш молида, мебӯсид ва дар матое печонид.дар ҷойи баланд мегузошт.

Ҳангоми ба пиёлаҳо май рехтан таъкид мекард, ки барои ӯ то хатти кашидаи пиёла май резем, зеро сағера асту навозиши волидонро надидааст. Мӯйсафед бо ифтихор таъкид мекард, ки ӯ омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Раштро хатм кардааст ва гоҳо саҳифаҳои шавқовари хотироти айёми шубобашро варақгардон низ мекард.

- Дар маркази Рашт бо се нафар ҳамкурсон дар хонае иҷоранишин будем. Боре як ҳамкурсам сахт бемор шуд. Ба тибибон муроҷиат кардем. Гуфт, ки аз гурусна гаштан ҷисмаш заиф шудааст. Ӯро оби мурғ диҳед, вале мо пул надоштем, ки мурғ харем. Ҳамсоязан 20 сар мурғ дошт. Аз вай илтимос кардем, ки як мурғашро ба мо қарз диҳад, вале вай розӣ нашуд. Бинобар ин ман рафта, аз як хешамон як мурғ қарз гирифтам. Онро оварда, ба пушташ ранги бунафш молидам. Ба ҳамсоязан гуфтам, ки хола, то каме фарбеҳ шудан мурғи мо дар мурғхонаи ту меистад. Ҳамон шаб як мурғи он занро гирифта, бурда қарзи хешамонро баргардонидам. Як шаб пас як мурғашро гирифта, кушта ба бемор хӯронидам. Ҳамсоязан ҳар саҳар мурғҳояшро шуморида, аз оне, ки рӯбаҳ шабона мурғҳояшро мерабояд, изҳори ташвиш мекард, вале дар ҳайрат буд, ки чаро ба тухми мурғҳои ӯ қирон омадаасту мурғи дар пушташ ранг молидагии мо ҳар саҳар бо табъи болида аз мурғхона (ҳелча) баромада, қаротан мезанад?

Мӯйсафед аз овоне, ки нозири маорифи Ғарм буд, ҳикояти ҷолибе кард. Боре, гуфт ӯ, бегоҳ дар ҳавои нимторики зимистон аз болои кӯҳ гузашта, аспакӣ ҷониби хона меомадам. Занеро дидам, ки бузеро кашлакунон дар торикии шаб роҳ мепаймояд.

- Эй хоҳар, дар ин тирашаб, аз гург ё аз ягон шахси бадният наметарсӣ, ки тани танҳо мегардӣ?

- Ака,агар гург умад, ина буз, агар ягон марди баднният умад, ин мун! Ба ту чӣ ? Ба роҳат рафтан гир! – гуфт дар ҷавоб.

Боре ба аёдати мӯйсафед рафтам, - ба ёд меорад Хоналӣ Қурбонзода. – Чун ҳамешагӣ барои ӯ як шиша арақ бурдам. Дар болои кати ҳавлиаш нишастем. Ман пиёлаҳоро лабрези арақ кардам. Ҳамин вақт касе дарвозаро сахт – сахт кӯфт. Ман дарҳол пиёлаҳои пури арақро оҳиста ба таги кат гузоштам. Мӯйсафед дар пушти дарвоза рост шуда, «Кист?» гуфта, овоз рӯшан кард.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

«Ман – Ҷамшед»- овоз баромад аз берун. «Кадом Ҷамшед?» такпурсӣ кард мӯйсафед. «Ҷамшеди бачаи Хуршед. Ҷанозахабар умаҳам». Мӯйсафед дарҳол дарвозаро кушод. Ҷамшедро ба оғӯш кашид. «Дар бӯят мурам» гуфт, - бӯйи Хуршед мекунӣ. Ӯро оварда ба болои кат шинонид. Баъди омин аз рӯйи одати ҳамешагиаш нонро пора намуда, як ҳиссашро ҷониби Ҷамшед дароз кард ва баъдан рост ба чашмони Ҷамшед нигариста, ҷавоби ӯро шунидан хост. Ҷамшед низ аз ин муомила рамуз гирифта гуфт:

- Бобо, ман ҷанозахабаркунӣ умадум. Монӣ фавт кард.

- Кадом Монӣ? – пурсид мӯйсафед.

- Монии бачаи Сонӣ, - ҷавоб дод Ҷамшед.

- Ваҳ, хонаи олам сӯхт! – нидо кард мӯйсафед ва ду дасташро башаст ба сари пок – покиза тарошидааш кӯфт: Хонаи олам сӯхт! Хонаи олам сӯхт! «Духтари амак,- нидо кард ҷониби завҷааш – кампири Моҳрӯвӣ, Монӣ мурдааст!»

– Кадом Монӣ? пурсид кампир.

- Монии бачаи Сонӣ, - ҷавоб гардонид мӯйсафед. Хола Моҳрӯвӣ низ даст ба рӯ бурда, навҳа бардошт, доду вовайло кард. Ману Ҷамшед низ тоқат накарда, талху зор бо ашки шашқатор барои Монӣ гиристем.

Баъд Ҷамшед аз мӯйсафед хоҳиш кард, ки дуо кунад, ӯ мехезад. Мӯйсафед дуо карда, ӯро дилпур сохт, ки маҳсиҳояшро пӯшида, аз қафои ӯ ҳатман расида меояд.

Мӯйсафед Ҷамшедро гусел кард, занҷири дарвозаро аз дарун гузаронид ва ба назди ман баргашт. Дид, ки бо рӯмолча оби дидаҳоямро фиқ – фиққунон тоза мекунам. Гӯё коре нашуда бошад, бедардона пурсид:

- Пиёлаҳои арақ канӣ?

- Дар таги кат, - ҷавоб додам ман. Шумо баъди чунин мусибат низ менӯшед? Ҷаноза чӣ мешавад?

- Гӯр дар рӯйи Монӣ низу Сонӣ низ. Ҳамин Мониро ман ҳамагӣ дар ҷавонияш ду – се бор дида будам. Чеҳраашро ҳатто ёд надорам. Баъдан дар ӯ телатумбаки ҷаноза аз куҷо медонанд, ки ман ҳастам ё не? Аракро бардор!

- Мӯйсафеди Олим муллоҳои авомфиребро хуш надошт. Муқобили исрофи беҳуда буд, - ба ёд меорад Хоналӣ Қурбонзода, - «Ҳоло ин мулло Муҳриддин гумон мекунад, ки ман мемираму ӯ сағали калони гӯшта дар пешаш монда мехояд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вале сад номаҳкул кардааст» - мегуфт бобои Олим. Ҳақиқатан ин дафъа дар рӯзи 21-уми рамазон фишораш якбора баланд шудааст. Наберааш Парвина давида омада, маро хабар дод. Ман аз ҳамон «нӯшдору» гирифта, давида рафтам, то ки фишорашро фурорам,вале ин дафъа дер шуда буд. Мулло Муҳриддин дар болои сараш Қуръон мехонд. Ман дар болои сараш хам шудам. Ӯ ишорат кард, ки мулло дигар бал–бал накунад ва бо ҳамин оҳиста чашмонашро пӯшид. Ёдаш ба хайр. Олим Рауф дар зиндагӣ фалсафаи олимонаи худро дошт.  Аз чӣ бошад, ки ҳатто ба духтаронаш на номҳои арабӣ, балки номи парандагонро гузошта буд: Майна,Тутӣ, Қумрӣ.

(25.06.2017,ш.Бохтар)

## «ТАҚСИРАМ,  ДАР ШОХИ ГУЛ БУЛБУЛ НИШАСТ!»

Ҳама дар боби хушсуханӣ ва адабгуфторӣ хушгӯйиҳо карданд. Инак, навбат ба Исломи Қара низ расид. Вай бо ваҷоҳати хеле мутафаккирона риштаи суханро ба даст гирифт.

- Ба кӯҳистон шайхи донишманди бухороие бо муридаш «сайр ҳам сайру саргардонӣ ҳам сайр»- гуфта, ташриф овардааст, - гуфт мавсуф.-Аз рӯи таомул  эшонро ба масҷиди деҳа раҳнамоӣ кардаанд. Пеш аз ҳама меҳмонро дар саҳни масҷид мулло Раҳимулло ва муридаш Сайидбурҳон хайрамақдам гуфта, аз бари боло гузаронида,  чой додаанд. Тибқи одати кӯҳистониён дар деҳа, ки меҳмоне қадам ранҷа мекард, ӯ шинос бошад ё ношинос бошандагонаш баъди хондани намози бомдод чизе, ки дар хонадон пухта бошанд, ба масҷид оварда, меҳмонро ҳатман ҳаққи намак мекарданд.Он субҳгоҳӣ ҳангоми тановули таъоми субҳона ба назди меҳмон ширбиринҷи болорӯған гузоштанд. Меҳмон  бо як назокату одоби бухороӣ баъди дастшӯӣ ва бисмиллоҳу  алҳамдулиллоҳ гуфтан даст ба хӯрок мебарад. Тифоқо яке аз донаҳои биринҷ аз дасташ раҳо шуда, ба торҳои ришаш дармемонад. Дар ҳамин асно муридаш бо як услуби зебои ба худ хос ба шайх рӯ оварда мегӯяд:

- Тақсирам, дар шохи гул булбул нишаст!

Шайхи рамузфаҳм ба таҳти суханони муридаш дарҳол расида, даст ба ришаш бурда, ба шакли хеле ноаён донаи биринҷро аз ришаш мебардорад, вале наззораи ин манзара аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дурбини мулло Раҳимулло ва муриди вафодораш Сайидбурҳон пинҳон намемонад.

Нимрӯзӣ ҳангоми таҳорати намози пешин дар назди мабраз мулло Раҳимулло ба Сайидбурҳон мегӯяд, ки «Сайидбурҳони ҷун, дидӣ, муриди шайх чӣ хел адабгуфтору ҳушёру айёр аст. Бо ҳамон амали пагоҳӣ иҷрокардааш обрӯи худ ва шайхро дар байни мардум дуболо кард. Ту низ мемурӣ, ки мисли муриди эшон бо адабгуфториву зиракию ҳушёриат дар байни мардум обрӯи маро бардорӣ?! Охир, доимо ман беҳтарин хӯрокҳоро нӯламро занам – назанам, ҷониби ту тела медиҳам!» Сайидбурҳон дар ҷавоб мегӯяд, ки «Пирам, ту низ пагоҳӣ амали ҳамон шайхро такрор кун, ман мисли муриди шайх ҳатман ҷавоб гардонида, мардумро мутаҳайир месозам».

Рӯзи дигар боз ширбиринҷи болорӯған оварда, ба назди меҳмони олиқадр – шайхи бухорӣ ва муриди донишмандаш мегузоранд ва эшонро ба хӯрок муроот мекунанд. Дар сари табақи дигар мулло Раҳимулло бо муриди вафодораш Сайидбурҳон ҷой мегиранд. Мулло Раҳимулло фурсатро аз даст надода, даст ба ширбиринҷ бурдан баробар нисфи наволаашро ба даҳон ва боқимондаашро ба ришаш мемолад. Ин амал аз назари Сайидбурҳон, ки мунтазири ҳамин фурсат буд, пинҳон намемонад. Акнун Сайидбурҳон ба ҷон мехост, ки ҳамон ваъдаи ҳини таҳораткунӣ дар назди мабраз додаашро иҷро кунаду дар миёни омма обрӯи худу пирашро баланд бардорад ва ба меҳмонон ҳам фаҳмонад, ки онҳо низ «бачаи ҷайра» нестанд. Бинобар ин дарҳол ба пираш рӯ оварда, «Пирам!» - гӯён хитоб мекунад, вале гуфтаҳои муриди шайхи бухорӣ ҳеҷ ба ёдаш намеояд, аммо дигар ҷойи истиҳола набуд:

- Тақсирам, ҳамун гапҳои пеши уборникнда[9] гуфтагитун! – ноилоҷ хитоб мекунад Сайидбурҳон.

Ҳама механданд. Меҳмонон низ пай бурда, ба онҳо ҳамроҳ мешаванд. Пиру мурид хандахариши аҳли деҳа мегарданд.

Исломи Қара бо фуроварди нақлаш ба ҳозирин бо аломати ғолибият нигоҳ кард.

- О, Ислом, ту намуди мутафаккирона гирифта, аҷаб нақле кардӣ!– гуфт Ҳамид Раҳмон.

---

[9] Уборник – мабраз, бадрафт, ҳоҷатхона.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Ин кас намуди мутафаккирона гирифта, муттафосиқии муллоҳои мутакабирро фош кард! – изҳор намуд Ғуломалии Кенҷа ва ба баҳс нуқтаи таммат гузошт.

## ОЗОР

Мӯйсафеди Насрулло дар сакароти ҷон буд. Занаш холаи Моҳрӯ дар болои сараш нишаста пайваста Худо мегуфт, ки сутуни хонадонаш боз як боракак чашмашро кушояд.Се рӯз боз танҳо худ ба худ гап мезад. Шунаванда гумон мекард, ки бемор ба касе аз амали баду неки анҷомдодааш ҳисобот медиҳад.

Ба хона Исломиддин оҳиста ворид гардид. Модараш ишорат кард, ки баланд гап назанад .Ҳамин вақт барқ низ хомӯш шуд ва хонаро торикистон сохт. Шамъро кампир бетаъхир даргиронд, вале он бо милт-милткунии хирааш ҷойи барқро гирифта натавонист. Хира – хира сӯхтани шамъ ба дидагони хирабини бобои Насрулло шабоҳат дошт. Мӯйсафед ҳамоно банди додани «ҳисобот»: « …не, не, ман ин тавр шуданашро намехостам, лекин шайтон васвасаам намуд ва баъдан худи гӯрсӯхтаи Озор ҳам ба оташи шавқи ман равған рехт» мегуфт.

Исломуддин дарҳол пай бурд, ки гап дар бораи чӣ меравад. Ҳисси кунҷковиаш боло гирифту овозашро тағйир дода, ба падараш муроҷиат намуд:

- Бобои Насрулло, чаро шуморо мардум аз «Озор» қимоб кардаанд? Ҳамаашро агар аз як сар нақл кунӣ, гуноҳат мерезад.

- Оббо, намондед, ки ҷонам баҳузур барояд. Гуфтам-ку ин кори иблис буд, иблис,  - оҳиста – оҳиста ба гап саркард бемор. Ман он вақтҳо шофири мошини ширкашонӣ будам, вале ба ҷойи шир мудири боғчаҳои бачагонаи хоҷагӣ Озорро мекашонидам. Якҷоя харид менамудем, барои боғчаҳои мавсимӣ хӯрокворӣ тақсим мекардем. Албатта, «аз нӯги хамир-фатир» ба ман ҳам як чиз - ним чиз аз баракати Озор мерасид, зеро вай зани олиҳиммат буд, аммо ин хайрхоҳии ӯро ман ба таври худ фаҳмида будам. Гумон мекардам, ки ин зани сафедрӯи сиёҳчашми соҳиби шавҳару хонаву дар ва бачаю кача ба мани хунукрӯйи сиёҳчарда дил додааст. Бинобар ин боре дилу гурдаамро як карда, ба вай арзи ҳол намудам. Ӯ низ гумон кардам, ки доғ аст, зеро ба ман гуфт, ки «биё, хонаи мо меравем, он ҷо ҳеҷ кас нест, якҷоя айшу ишрат мекунем». Мани сода низ бовар кардам ва ҷилави



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мошинро ҷониби ҳавлии онҳо тоб додам. Дар назди иморати барҳавое ишора намуд, ки истам. Дар замини наздиҳавлигӣ марде каланд мезад.

- Мардак, ҳо мардак! – ҷониби он мард овоз баланд кард Озор ва суханашро афзуд, - ҳамин Насрулло маро мегӯяд, ки биё, бо ман гард, Шумо чӣ мегӯед?!

- Майлаш, занашро оварда, ин ҷо монаду туро гирифта барад, зеро дохилат маро куштасту берунат ӯро! – бе ягон истилоҳа, ҳатто сарашро набардошта ҷавоб дод мард. Озор қоҳ – қоҳ хандид. Ман даст ба калид бурдам, ки мошинро рӯшан карда, ҷонамро гирифта гурезам, вале ҳайҳот Озори шаттоҳ кайҳо калидро кашида гирифта буд. Саросема аз мошин поин шуда, қафоямро нигоҳ накарда, ҷониби маркази ноҳия пойи пиёда таноби роҳ кашидам. Бо ҳамин тарки ронандагӣ кардам ва пешаи деҳқониро ихтиёр намудам, вале пеши дарёро баста мешаваду даҳони мардумро не. Ин моҷаро ба зудӣ ба гӯши хосу ому хурду бузург расид ва номамро мардум фаромӯш карда, дигар маро бо лақабам «Озор» мегуфтанд ва ман низ ба ин одат кардам. Исломиддин дигар тоқат накарда, қоҳ – қоҳ хандид. Мӯйсафеди дар сакароти ҷон аз оҳанги ханда ҳис кард, ки пурсанда Мункару Накир нею писари худаш Исломиддин аст.

- Э, Исломиддин, асло аз ҳамин корҳоят намондӣ-да,-гуфту чашмонашро абадӣ пӯшид.

## КИНО

Аз рӯзе, ки соҳибақл шудам, акаам барои дар хирмани пахтаи хоҷагӣ кинотамошокунии ман як курсичаи тахтагин монанд ба ҳарфи П сохта дода буд. Хонаи бобои модариам дар рӯ ба рӯйи он хирман қарор дошт. Баъди як моҳи интизорӣ бо шунидани садои «Кино, кино!» ман низ қатори ҳамсолонам курсичаро гирифта, ҷониби хирман давидам. Ҳамин вақт бобоям аз пешам баромад. Хурсандона ӯро ба тамошои кино даъват кардам, вале он кас ғайриинтизор хеле дағалона таклифамро рад кард. Ин муомилаи бобоямро бародарам Бобоҷон ба мушоҳида гирифта будааст, ки сӯям хандида, чашмак зад ва гуфт, ки «Намедонӣ, бобоям аз кино қимоб аст». Ман китфонамро дарҳам кашидам ва бо ишора сабабашро пурсидан хостам, вале ӯ даст афшонда рафт.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо гузашти муддати мадиде ман аз асрори киноқимобии бобоям воқиф гардидам.

Соли 1946 котиби аввали Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон аллома Бобоҷон Ғафуров ба маркази собиқ вилояти Кӯлоб – шаҳри Кӯлоб омада, ҷаласаи фаъолони хоҷагии халқи вилоятро доир менамояд. Аз собиқ ноҳияи Сарихосор, агар дар номи хоҷагиҳо хотираам саҳв накунад, роҳбарони хоҷагиҳои ба номи Карл Маркс – раиси Авзал ва ба номи Фридрих Энгелс – раиси Маҳмадрасул (мулаққаб ба Маҳмадрасули пӯстак) низ шарафи иштирокро дармеёбанд ва дар қатори пеш ҷой мегиранд.

Бобоҷон Ғафуров пас аз гузориши пурмуҳтаво ва шунидани музокироти ҳозирин дар фуроварди маҷлис эълон мекунад, ки «Ман барои шумо як тухфа овардам ва онро кино мегӯянд». Баъдан тирезаҳои толор бо пардаи сиёҳ пӯшонида мешеванд ва кино оғоз меёбад.

- Яке ҳама ҷо торик шуд, - ба ёд меорад бобоям, раиси Маҳмадрасул, - сони сафеди дар саҳна овезон низ нопадид гардид. Ногоҳ аз саҳна як мототсиклсавор дар сараш дегча, дар дасташ филмут пайдо шуд ва бо силоҳаш рост пешонии маро ба нишон гирифт. Ман худамро дарҳол ба шикам партофтам ва худ ба худ гуфтам, ки «Паҳ, ман раис шудам, ки ҷонам аз ҷанг халос шавад, вале ин бачаҳалоки Гирмон ба Кӯлоб зада даромад – ку?» Баъдан сарамро оҳиста боло бардошта, нигоҳамро ҷониби саҳна равона сохтам. Бинам, ҳамин асно як ҷонвари балои Худо ғурраскунон пайдо шуда, мили қубурашро, ки даҳони аждаҳои ҳафтсарро мемонд, ҷониби ман гардонид ва гумбурскунон гулула парронид. Ман «Воҳ!» гуфта, аз ҳуш рафтам. Як вақт ба гӯшам овози раиси Авзал расид, ки аз гиребони ман гирифта метаконид, ба ду бари рӯям чалап – чалап мезад ва мегуфт: - Маҳмадрасул, Маҳмадрасул, хез, охир, шармандаамон кардӣ, ин ҷанги Гирмон нест, ин кино аст!

Ман чашмонамро кушода, даст ба рӯям бурдам, сиҳат – саломат будам, дастамро поёнтар ба хиштаки эзорам расонидам, ки он тар буд. Аввал гумон кардам, ки ба рӯям оби хунук пошидаанд ва об поёнтар низ шоридааст, вале охир рӯям хушк буд. Бинохир фаҳмидам, ки ҳамааш аз ваҳшати кино сар задааст.

Вақте ки ба Сарихосор, ба деҳа баргаштам, ҳадягирҳо ба пешвозам давиданд ва шодиёна талабида гуфтанд:

- Раис, хушхабар, Шумо наберадор шудед!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Азбаски духтарам умедвор буд, пай бурдам, ки чашми ӯ равшан шудааст ва дарҳол пурсидам:

- Юғӣ ё дӯғӣ?

Дарҳол гуфтанд:

- Юғӣ, юғӣ, бача аст.

Ман дар ҷавоб гуфтам, ки ҳамин роҳбари Тоҷикистон аҷаб одами гапдон ва донишманд будааст. Аз ин рӯ, ман набераамро ба хотири он кас ва ҳам барои он ки меҳмони нав дар хонаи ман таваллуд шудааст, Бобоҷон ном мемонам, лекин ҳамин эзори маро гирифта шӯед, ки бенамоз шудааст.

## АЗ ЗАРОФАТҲОИ ШОДМОН

### Савдои бебарор

Шодмон айёми донишҷӯӣ вориди автобуси рақами 18 гашта, зебосанамеро дида, илҳомаш ҷӯш мезанад. Ба ӯ наздик шуда, оҳиста дар гӯшаш мегӯяд:

*Ба тори кокули ту рӯйи ин дунё намеарзад…*

Азбаски духтар ситоиши ӯро напазируфта, носазо мегӯяд, ӯ осемасар мисраи дуюми мадҳияро гуфта, онро ҷамъбаст мекунад:

*Агар арзад, ба ҷуз аз хоки пойи мо намеарзад.*

## ҲАРЗАҲАЛОВАТ

Шодмон ба мусофирбари рақами 15 ворид шудан баробар чашмаш ба духтари зебое афтода, бадоҳатан ба ӯ мегӯяд:

*Аз тамошои ту ман, эй гул, ҳаловат мебарам,*
*Дида чашму рӯйи ту бепул ҳаловат мебарам.*
*Донаи ишқат агар афтад ба марзи синаам,*
*Ман ба мисли хоки Мирзочӯл ҳаловат мебарам.*

Духтарак бо табассуми малеҳ ба ӯ наздик шуда, нимшунаво мегӯяд:

- Аз наздам дуртар ист, ки дар назди бозори «Саховат» ҳаловатбари асосӣ маро интизор аст!

## ИШҚИ РОҲЗАН

Дар айёми донишҷӯӣ Шодмон бо ду тӯрхалтаи моломоли маводи ғизоӣ таги обу арақ дар пиёдароҳ бо духтари зебое, ки машғули хатхонӣ буд, сар ба сар мезанад. Духтар мебинад, ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шодмон ҷониби ӯ ба қиёфаи норозиёна менигарад, бинобар ин бо табъи болида варақеро ба вай нишон дода, табассумкунон мегӯяд: «Медонӣ чӣ, дар васфи ман шеър навиштаанд!» Шодмон варақро аз дасташ чанг зада мегирад ва чашм меандозад, ки он ҷо якчанд ҷумлаи беқофияву радиф навишта шудааст. Аз ӯ мепурсад, ки «Чӣ ном дорӣ?» Духтарак худро «Дилором» муаррифӣ мекунад. Вай бадоҳатан мегӯяд:

*Чӣ бераҳмӣ, чӣ бераҳмӣ, Дилором,*
*Диламро кардаӣ захмӣ, Дилором.*
*Агар фардо ба назди ман наоӣ,*
*Ту шеърамро намефаҳмӣ, Дилором.*

Баъдан аз духтараки бавиҷдомада касбу корашро пурсон мешавад. Вақте ки ӯ шуғли худро дӯзанда-порагар мегӯяд, Шодмон фавран ҷавобаш мегардонад:

*Ситам якбора кардӣ, эй Дилором,*
*Маро бечора кардӣ, эй Дилором.*
*Чу касбат порагар будаст дар ишқ,*
*Диламро пора кардӣ, эй Дилором.*

Бо шунидани ин чаҳорпора духтар варақи дар дасташ бударо ғиҷим карда мепартояд ва барои фардо Шодмонро ба кинотеатри қасри иттифоқҳои касаба барои тамошои филм даъват менамояд.

## ХОҲИШИ НОҶО

Шодмон дар назди китобхонаи Фирдавсӣ бо духтараке рӯ ба рӯ меояд, ки оразаш гули шабнамзадаро мемонд. Ӯро дидан баробар ҳаяҷони ботиниашро дошта натавониста, бадоҳатан мегӯяд:

*Ду чашмонат гули дар зери тарма,*
*Ду рухсорат бимонад себи Ғарма.*
*Ягона илтиҷои ман ҳамин аст,*
*Ба ҳар ҷое равӣ, бо худ бубарма.*

Духтар хандида, ба ӯ мегӯяд:

- Бародар, ман ба беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ барои аёдати як хешам меравам, равӣ, пеш даро.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ТААССУФ

Дар донишгоҳ Шодмон саргарми мутолиаи «Куллиёт»-и Лоиқ буд. Акнун ба хондани байти аввали ғазали зерин сар карда буд, ки

*«Ишқ дар дил шуълаи субҳи саодат будааст,*
*Ошиқӣ эҳсоси бахшишҳои қисмат будааст…»*

ногаҳон касе хабари аз вазифа барканор шудани ёвари ректор Хайрулло ва котиби ҷаласаҳои ректорат Муҳаббатро расонид. Ӯ бо таассуф охири ғазали устод Лоиқро каме тағйир дода, хитобан ба ҳамкорон расонид:

*Беҳтарин ганҷе, ки ректор дошт будак Хайрулло,*
*Беҳтарин ганҷе, ки гум кард ӯ Муҳаббат будааст.*

## НИЗОМИ БЕНИЗОМ

Шодмон боре дафтари ашъорашро ба назди садри навқаламони ҷумҳурӣ шоир Низом Қосим мебарад, вале устодро дар ҷойи кораш дарёфт карда наметавонад. Дафъатан ду маротибаи дигар низ ба суроғаш меравад, вале дараки устодро намеёбад. Дафъаи сеюм аз котибааш варақеро талаб намуда, дар он бо ҳуруфи барҷаста менависад:

*Ҷӯяндаи Низомаму аммо Низом нест,*
*Номаш агар Низом, чаро интизом нест?*

## ШИКОЯТ

Баъди аз вазифа барканор шудани Икром Қурбонов ва ректор таъин шудани Саидқул Сабзаев интизоми меҳнат дар ДДҚ ба номи Носири Хусрав бисёр сахт шуд, ки махсусан поккорӣ ва кабудизоркунии ҳаррӯза ба табъи Шодмон созгор набуд. Боре баъди танаффус Шодмон ба назди ман варақеро гузошт, ки ғазали зерин сабт шуда буд:

*Ишқи он гул мекушад охир маро,*
*Ҷайби бепул мекушад охир маро,*
*Шоҳинам, ҷоям фарози қулла аст,*
*Каргаси чӯл мекушад охир маро.*
*Маълиму овораи шанбегиҳо,*
*Белу зогнӯл мекушад охир маро.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Бо ҳама дарёдилиҳоям рақиб*
*Дар лаби кӯл мекушад охир маро.*
*Сад шабехунҳои Икром ҳам гузашт,*
*Ин Саидқул мекушад охир маро.*

Камина варақро дар ҷайбам андохта, ба дарс даромадам ва дар танаффуси дигар ба ӯ гуфтам:

- Шодмон, шеъри ту ҷамъбаст надорад. Онро ман бо байте ҷамъбаст кардам:

*Эй, ки бар ман марг мехоҳӣ мудом,*
*Довари кулл мекушад охир маро.*

## МОДАРИ ЗОЛИ ЗАР

Саидбек Раҳимов, устоди коллеҷиомӯзгории донишгоҳ бо Шодмон ҳамсояанду рӯзе чанд бор бо ҳам бармехӯранд ва баҳсу мунозира меороянд, вале Саидбек ӯро шабҳо низ ором нагузошта, саволборон мекунад.

- Устод, модари Золи Зар кӣ буд?- соати яки шаб занг зада мепурсад Саидбек аз Шодмони шалпару хоболуд.

- Баҳрӣ (номи модари Саидбек),- фавран ҷавоб мегардонад Шодмон ва таъҷилан телефони дастиашро хомӯш мекунад, то ки осуда бихобад.

## ТАМАЛЛУҚБАЙТ

Ба гуфти Шодмон ягона дафтаре, ки бе интизорию тақ-тақ медаромадааст, кошонаи кории банда будааст. Бинобар ин боре беибо ба назди ман ворид шуда, варақеро он ҷо гузошту бадар рафт. Фавран ба он зеҳн мондам:

*Ҷуз даргаҳи Ҳасан набувад даргаҳи мурод,*
*Зеро ки интизорию навбат надоштаст.*
*(Шодмони Замон)*

## *КОҲБАЙТ*

Аз ноҳияи Восеъ хоҳиш карданд, ки барои пояи ҳайкали Қаҳрамони Меҳнат, раиси фақид Миралӣ Маҳмадалиев як байт нависем, то ифодагари рӯзгори ибратомӯзи ӯ бошад. Ин матлабро ба Шодмон расонидам. Ӯ дар ҷавоб гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

- Ту мастӣ, дар ин зимистони қаҳратун аз бекоҳӣ гову гӯсфандони ман ҳар рӯзи Худо мурда истодаанду ту “шеър навис” мегӯӣ!

- Ба ҳар як мисраат як ҷувол коҳ медиҳам!- гуфтам ман.

- Ин тавр бошад, он бузургвор ботанутуш буданд ва пайкарааш низ зеби чор мисраъ шеърро дорад!- гуфту то нимрӯзӣ шеъри ваъдагиро овард:

*Мире, ки мири арсаву майдони кор буд,*
*Заҳмат варо ягона қарору шиор буд,*
*Аз ӯ чизе шунидани мо ёдгор монд,*
*Бо ӯ даме нишастани мо ифтихор буд.*

Вақте ки ба ивази шеъри мазкур чор ҷувол коҳро бо зону сум зада, пур намуду ба мошин бор кард, баъди изҳори миннатдорӣ боз афзуд:

-Устод, ҳадяе, ки ба ивази чор мисраъ ба ман бахшидӣ, Султон Маҳмуд ба Ҳаким Фирдавсии Тӯсӣ набахшида буд, зеро бо ин эҳсонат ҳайвоноти маро аз марг раҳонидӣ ва кӯдаконамро аз як коса шири субҳона маҳрум накардӣ!

## ***ФУРТАКИПОСУХ***

Дар маъракаи калоне рӯҳоние ба Шодмон рӯ оварда гуфт:

- Муаллим, аз ҳамон суханҳои дӯстони Худо ягон нақл кун, ки гӯш андозем!

- Суханҳои дӯстони Худоро ба душманони Худо намегӯянд!- бадоҳатан посух гуфт Шодмон ва ҳама аз ин ҷавоб базавқ хандиданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУНДАРИҶА

***Икромӣ И**. Маънисавори тавсани андеша................................ 3*
**<u>1.Масоили адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ</u> ........................ 9**
1.1.Мӯлиён оё фақат ҷӯй аст?.................................................. 9
1.2.Тарғиби зодбум дар осори Фирдавсӣ............................... 11
1.3. Чашмандозе ба зиндагинома ва осори Муҳаммад Закариёи Розӣ..................................................................... 16
1.4.Шинохти кишварҳо дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав……………………………………….. 22
1.5. Носири Хусрав аз нигоҳи Лутфулло Б узургзода …………………………………………………27
1.6. Ибни Сино дар оинаи сатбуоти соли 1980……..…….. 29
1.7.Андешаҳои инсонгароии Саъдӣ дар «Гулистон»……….. 33
*1.8.*Уфуқҳои ҷуғрофии осори Камоли Хуҷандӣ…………….. 38
1.9.Тарғиби диёр дар осори Камоли Хуҷандӣ……………... 46
1.10. Саёҳати адабӣ-кишваршиносӣ ба мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ…………………………….. 51
1.11. Тахайюли бадеӣ дар «Фараснома»-и Бедил…………...57
1.12.Шамсиддини Шоҳин ва зодбуми аҷдодии ӯ……………61
1.13. Мундариҷаи «Мадҳияи узрхоҳӣ ба ташбиби тавсифи асп»-и Шамсиддини Шоҳин.................................................... 66
1.14.Зикри диёр дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайн................................ 69
1.15. Шинохти кишварҳо дар «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким. ............................................................ **78**
1.16. Пири қурбонии роҳи таҷаддуд, инқилоб ва ҳақгӯӣ......85
1.17.Қиссаи қатли Саҳбо дар Қубодиён................................ 100
1.18. Вижагиҳои шеъри Орифи Чоҳобӣ................................. 121
1.19.Мундариҷаи ғоявии маснавии Орифи Чоҳобӣ “Аспи Шоҳҷон” ........................................................................... 139
**2.Маъалаҳои адабиёти муосири тоҷик....................................144**
2.1.Устод Айнӣ ва илми кишваршиносии тоҷик.................... 144
2.2. Судьба лошади в стихах Мирзо Турсун-заде................... 150
2.3. Сравнительный анализ поэма «Хасана-арбакеша» Мирзо Турсун-заде и повести Чингиза Айтматова «Прощай, Гульсари»……………………………………...........166
2.4. Тавсифи об дар шеъри М.Турсунзода.............................. 172
2.5.Тасвири бадеии фоҷиаҳои таърихии миллат (солҳои 1920-1992) дар «Гардиши девбод»...........................................180
2.6. Корбасти фолклор дар романи Абдулҳамид Самад



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

“Гардиши девбод”........................................................................189
2.7.Арҷномаи ситоиши асп ва шаҳсавори он.......................... 198
2.8.Ватансаро...................................................................................211
2.9. Ду абруи сафеди ту - ду байти сабки хатлонӣ….................. 217
2.10. Эй соли асп, соли саманди даванди ман……...................... 240
2.11.Тасвири cояҳои марг аз диди Зариф Ибод…..….................. 245
2.12. Шабаҳи думболагир……………………............................. 252
2.13. Қадами устувор **.......................................................... 255**
2.14. Фарҷоми ишқи хомпази пухтапиндор...............................257
2.15. Вассофи Пешвои миллат .................................................. 264
2.16. Ворисиi шеъри Рӯдакӣ……................................................268
2.17. “Чанори сабз”-и Азим Саидӣ............................................269
2.18. Ҳарфи нуҳуфтаи Шодмон ................................................ 273
**3.Фолклор ва шоирони халқӣ................................................... 278**
3.1. Афсона- навиди фарҳанги техникӣ.................................... 278
3.2.Маросими бачагонаи гулгардонӣ:бойчечак ва сияҳгӯш... 280
3.3.«Гӯрғулӣ» - ҳамосаи мардумии тоҷикӣ. «Гӯрғулӣ» моли кист?...........................................................................................286
3.4. Асп дар «Гӯрғулӣ»…… ……………………………………..288
3.5.Образи Ҳасан дар «Гӯрғулӣ»……………………………… 292
3.6. Инъикоси фоҷиаи Саҳбою мулло Абдурасул дар қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона».........296
3.7.Тасвири рӯзгори ҳунармандон ва роҳандозии театрҳои халқӣ ҳамчун воситаи мубориза алайҳи нобаробарии иҷтимоӣ дар қисмати дуюми қиссаи «Дар ҷустуҷӯи Карим Девона» ................. ...............................................................303
3.8.Карим Девона боз дар саҳна................................................315
3.9.Хаёлбофии хилофи воқеияти таърихӣ................................ 322
3.10.Ногуфтаҳо аз рӯзгори марди зеби маҳфилҳо ва маҳбуби дилҳо...............................................................................................345
**4.Масъалаҳои кишваршиносӣ, публисистика ва забоншиносӣ** .........................................................................351
4.1.Кишваршиносӣ ва моҳияти он……………………...........351
4.2.Илми кишваршиносӣ ва тарбияи ифтихори ватандорӣ………………………………………………… *357*
4.3.Тарғиби қарорҳои Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матбуоти солҳои 1992-1993………………………………………………………... 361
4.4.Хатлон дар таърихи ҳумоюн............................................... 364



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

4.5.Дурахши зиёбахши Кӯлоб....................................................372
4.6.Парчам, муродифот ва тобишҳои маъноии он...................379
4.7.Баҳси мақоми забон-бонги бедории миллии тоҷикон.......384
4.8.Мақоми Имоми Аъзам дар густариши забону фарҳанги форсии тоҷикӣ........................................................................394
4.9.Муҳаббати устоду шогирд дар мисоли Имоми Аъзам…………………………………………………………397
4.10.Фарҳанги либоспӯшӣ аз диди Имоми Аъзам……............ 399
4.11.Қодирсухан…………………………………………………..401
4.12.Инсон ва солори чаҳорпоён.............................................403
4.13. Ҳар кас, ки сараш дард кунад, ҳақ дорад........................ 408
4.14.Рӯзномаи ноҳиявии «Вахш» - бузургтарин мактаби эҷодии ман........................................................................ 411
**5.Насри бадеӣ........................................................................414**
Фалсафаи олим.......................................................................... 414
«Тақсирам,дар шохи гул булбул нишаст!” ............................. 419
Озор.......................................................................................... 421
Кино.......................................................................................... 422
Аз зарофатҳои Шодмон.......................................................... 424



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## МУРОДИЁН ҲАСАНИ ҒУЛОМЗОДА



20.09.1958 дар ноҳияи Вахш зода шудааст. Хатмкардаи мактаби миёнаи рақами 11, ноҳияи Вахш, фориғут-таҳсили Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ (1979) мебошад.

Дар вазифаҳои муаллими забон ва адабиёти тоҷик (1979, 1981- 1989), ҷонишини директор (1979-1981) ва директори мактаби миёнаи ра қами 33, ноҳияи Вахш (1989-1992), саромӯзгор (1992-2006), дотсент (2006), мудири кафедраи адабиёти тоҷик (1994-1998), ноиби ректор оид ба илм (1998-2001), декани факултаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии Бохтар (2001-2006) ва сардори Раёсати маорифи вилояти Хатлон (2006-2008) кор кардааст. Аз соли 2008 то ҳозир мушовири ректори ДДБ ба номи Носири Хусрав аст.

Доктори илмҳои филологӣ (2010), профессор, номзади илмҳои педагогӣ (1996), узви иттиҳоди журналистони Тоҷикистон (2001) буда, муаллифи беш аз 35 рисолаҳои илмию методӣ, китобҳои дарсӣ ва омӯзномаҳо, аз ҷумла рисолаҳои «Забони хуни мо бояд шавад бедор» (Қӯрғонтеппа, 1992), «Маҳфили адабӣ – кишваршиносӣ» (Қӯрғонтеппа, 1996), «Таҳаввули нутқи хонандагон зимни маводи кишваршиносӣ» (Душанбе, 1997), «Кишвар-шиносии адабии фориғ аз дарс» (Душанбе, 1997), «Кишваршиносии адабии тоҷик ва таълими ҳамгироӣ» (Душанбе, 1998), «Боргоҳи маърифат дар Вахшонзамин» (Душанбе, 1998), «Фурӯғи ирфони Вахшонзамин» (Душанбе, 2003), «Шаҳпари инсон» (Душанбе, 2003), «Фархундапай» (Душанбе, 2006), «Ифтихори ватандорӣ» (Душанбе, 2007), «Тоҷикистон Шиноснома» (Душанбе, 2007), «Мазмун ва мундариҷаи маснавии Мирзо Абдулқодири Бедил «Фараснома» (Душанбе, 2008), «30

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

соли дирӯз ва имрӯзи ДДҚ» (Душанбе, 2008), «Тасвири ҳамбастагии инсон ва олами ҳайвонот (дар мисоли асп) дар адабиёти форсу тоҷик» (Душанбе, 2009), «Чиҳил соли азми синоӣ» (Душанбе, 2010), «Конь в пространстве персидско–таджикской литературы» (Душанбе, 2013), «Худомӯзи Қуръони маҷид» (Қӯрғонтеппа, 2013), «Расмулхати бобоӣ» (Душанбе, 2015), «Аз тамрин то тамкини сухан» (Душанбе, 2015), «Фолклори бачагонаи тоҷик» (Душанбе, 2015), «Саволномаҳои тестӣ аз фанни фолклори тоҷик (Қӯрғонтеппа, 2015), «Шуълаест, к-аз дуд фориғ» (Душанбе, 2016), «Шоистаи таҳсин» (Душанбе, 2016), «Кишваршиносии адабии тоҷик» (Душанбе, 2016), «ДДҚ ба номи Носири Хусрав - зодаи Истиқлолият» (Душанбе, 2016), «Ғафур Мулло. Соҳили дарёи дил» (Душанбе, 2016), «Ифтихори ватандорӣ. Китоби дарсӣ барои дарсҳои тарбиявии синфи 5» (Душанбе, 2016), «Саҳбо. Соғари Саҳбо» (Душанбе, 2018), «Кишваршиносӣ ва сайёҳӣ» (Душанбе, 2018), «Ғафур Мулло. Булбул, бисаро» (Душанбе, 2018), «Шодмон Шерзод. Шамими субҳ» (Душанбе,2018) ва зиёда аз 200 мақолаҳои илмию методӣ мебошад.

Бо мукофотҳои давлатии медали «Барои меҳнати шоён» (1978, айёми донишҷӯӣ), унвони ифтихории Корманди шоистаи Тоҷикистон (2014) ва соҳавии ҷоизаи ба номи Н.К. Крупская (1988), унвони муаллим – методист (1987), нишонҳои Аълочии маориф, фарҳанг ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадршиносӣ шудааст.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳасан Муродиён.
# Шаст мақола

**Муҳаррир**: Раҷабалӣ Худоёрзода

БИ № 7027

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 17.
e-mail: irfon company@mail.ru

Ба чоп: 04.03.2019 имзо шуд. Андозааш 60х84 1/16.
коғази офсет. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопи шартӣ 27.1
Теъдоди нашр 200 нусха.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед